ISSN 2616-5260

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ
АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

КУЛЯБСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
ИМЕНИ АБУАБДУЛЛОХ РУДАКИ

ПАЁМИ

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ
АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ
Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология
2 (39) 2025

ВЕСТНИК

КУЛЯБСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА ИМЕНИ
АБУАБДУЛЛОХ РУДАКИ
Серия исторические и археологические, педагогические
и филологические науки
2 (39) 2025

BULLETIN

OF KULOB STATE UNIVERSITY NAMED AFTER
ABUABDULLOH RUDAKI
Series of historical and archaeological, pedagogical
and philological sciences
2 (39) 2025

КӮЛОБ – 2025

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ
АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ
Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Маҷалла соли 2009 таъсис дода шудааст. Дар як сол 4 шумора нашр мегардад.

Сармуҳаррир:

Сафарзода Мунир Ватан *Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Муовини сармуҳаррир:

Рафиев Сафархон Аюбович *Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Котиби масъул:

Сафарзода Манучеҳри Наҷот *Доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси рӯзноманигорӣ, дотсент, муовини сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Ҳайати таҳририя:

07.00.00 – Илмҳои таърих ва бостоншиносӣ

Абдуллоев Маҳмуд Холович *Доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи умумӣ ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Искандаров Қосимшо *Доктори илмҳои таърих, профессор, саркотиби илмии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

Суфиев Садриддин Насриддинович *Номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Азамов Хурсанд Саидович *Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Сафаров Холмад Хоркашович *Номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

13.00.00 – Илмҳои педагогӣ

Мирализода Абдусалом Мустафо *Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мирзоев Салим Сайдалиевич *Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи биологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Ғуломов Ислом *Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи математика ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Иззатова Муҳаббат Инноятовна *Доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Иброҳимов Грез *Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Файзуллоева Фирӯза Мадохировна *Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии забони русии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

10.00.00 – Илмҳои филологӣ

Ҷумъахон Алимӣ *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Хоҷаев Давлатбек *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*

Мухторов Зайниддин Мухторович *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе.*

Худойдодова Шарофат Зардовна *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, ноиби ректор оид ба робитаҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Холиқова Зайналбӣ *Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Муродов Баҳриддин Раҳмонович *Номзади илмҳои филологӣ, декани факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.*

Маҷалла дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои нашр таҳия мегардад. Нишонӣ: 735360, ҶТ, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. Сомонаи расмии маҷалла: vestnik.kgu.tj, ***E-mail:*** *payom@kgu.tj* ***Тел.****: 8(3322) 2-41-06*

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.06.2022, №174/м ворид гардидааст (азнавбақайдгирӣ аз 6.09.2024 №299/м).
Қабули мақолаҳо вобаста ба соҳаҳои илм: 07.00.00 – Илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, 13.00.00 – Илмҳои педагогӣ, 10.00.00 – Илмҳои филологӣ.
Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст. Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад.

ВЕСТНИК
КУЛЯБСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА ИМЕНИ
АБУАБДУЛЛОХ РУДАКИ
Раздел исторические и археологические, педагогические и филологические науки
Учредитель журнала:
Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки
Журнал основан в 2009 году. Выходит 4 раза в год.

Главный редактор:

Сафарзода Мунир Ватан	*Кандидат педагогических наук, доцент, ректор Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Заместитель главного редактора:

Рафиев Сафархон Аюбович	*Кандидат педагогических наук, доцент, проректор по науке и инновации Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Ответственный секретарь:

Сафарзода Манучехри Наджот	*Доктор философии (PhD), доктор по специальности журналистики, доцент, заместитель начальника управления науки и инноваций Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Члены редколлегии:

07.00.00 – Исторические и археологические науки

Абдуллоев Махмуд Холович	*Доктор исторических наук, профессор кафедры общей истории и методики преподавания истории Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*
Искандаров Косимшо	*Доктор исторических наук, профессор, главный ученый секретарь Академии наук Республики Таджикистан.*
Суфиев Садриддин Насриддинович	*Кандидат исторических наук, заведующий кафедрой истории таджикского народа Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*
Азамов Хурсанд Саидович	*Кандидат исторических наук, доцент кафедры политологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*
Сафаров Холмад Хоркашович	*Кандидат исторических наук, старший преподаватель кафедры истории и методики преподавания истории Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

13.00.00 – Педагогические науки

Мирализода Абдусалом Мустафо	*Доктор педагогических наук, профессор общеуниверситетской кафедры педагогики Таджикского национального университета.*
Мирзоев Салим Сайдалиевич	*Доктор педагогических наук, профессор кафедры биологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*
Гуломов Ислом	*Доктор педагогических наук, профессор кафедры математики и методики её преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*
Иззатова Мухаббат Инноятовна	*Доктор педагогических наук, доцент кафедры дошкольного обучения и социального дела Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*
Иброхимов Грез	*Кандидат педагогических наук, доцент кафедры педагогики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*
Файзуллоева Фируза Мадохировна	*Кандидат педагогических наук, доцент, заведующая общеуниверситетской кафедрой русского языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

10.00.00 – Филологические науки

Джумъахон Алими	*Доктор филологических наук, профессор кафедры языкознания и истории языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*
Ходжаев Давлатбек	*Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета.*
Мухторов Зайниддин Мухторович	*Доктор филологических наук, профессор, ректор филиала Сингапурского института развития менеджмента в городе Душанбе.*
Худойдодова Шарофат Зардовна	*Кандидат филологических наук, доцент, проректор по международным отношениям Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*
Холикова Зайналби	*Кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской литературы Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*
Муродов Бахриддин Рахмонович	*Кандидат филологических наук, декан факультета иностранной филологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.*

Журнал готовится к печати в Кулябском государственном университете имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, РТ г. Куляб, улица С. Сафарова 16, официальный сайт журнала: vestnik.kgu.tj
E-mail: payom@kgu.tj, *Тел.: 8(3322)2-41-06*

Журнал включен в Реестр рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан с 1.06.2022, №174/м (перерегистрирован от 6.09.2024 № 299/м).
Прием статей по разделам наук: 07.00.00 – Исторические и археологические науки, 13.00.00 – Педагогические науки, 10.00.00 – Филологические науки.
Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ). Журнал печатается на таджикском и русском языках.

BULLETIN

OF KULOB STATE UNIVERSITY NAMED AFTER
ABUABDULLOH RUDAKI

Series of historical and archaeological, pedagogical and philological sciences

The founder of the magazine:
Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki
The magazine was founded in 2009. Issued 4 times a year.

Chief editor:

Safarzoda Munir Vatan — *Candidate of pedagogical sciences, associate professor, Rector of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki.*

Deputy chief editor:

Rafiev Safarkhon Ayubovich — *Candidate of pedagogical sciences, associate professor, vice-rector for science and innovation, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki.*

Executive secretary:

Safarzoda Manuchehri Najot — *Doctor of philosophy (PhD), doctor in journalism, associate professor, deputy head of the department of science and innovation at Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki.*

Members of editorial board:

07.00.00 - Historical and archaeological sciences

Abdulloev Mahmud Kholovich — *Doctor of historical sciences, professor of the chair of general history and methods of history teaching of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki.*

Iskandarov Kosimsho — *Doctor of historical sciences, professor, chief scientific secretary of the academy of sciences of the Republic of Tajikistan.*

Sufiev Sadriddin Nasriddinovich — *Candidate of historical sciences, head of the department of history of the tajik people, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki*

Azamov Khursand Saidovich — *Candidate of political sciences, associate professor of the chair of history, law and political science of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki.*

Safarov Kholmad Khorkashovich — *Candidate of historical sciences, senior lecturer at the department of history and methods of teaching history, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki*

13.00.00 - Pedagogical Sciences

Miralizoda Abdusalom Mustafo — *Doctor of pedagogical sciences, professor of the department of pedagogy, Tajik National University*

Mirzoev Salim Saidalievich — *Doctor of pedagogical sciences, professor of the chair of biology of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki.*

Gulomov Islom Nazarovich — *Doctor of pedagogical sciences, professor of the chair mathematics and its teaching methods of in Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki.*

Izzatova Muhabbat Innoyatovna — *Doctor of pedagogical sciences, associate professor at the chair of preschool education and social affairs of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki.*

Ibrohimov Grez — *Candidate of pedagogical sciences, associate professor of the chair of pedagogy of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki.*

Faizulloeva Firuza Madokhirovna — *Candidate of pedagogical sciences, associate professor, head of the interfaculty department of the russian language of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki.*

10.00.00 - Philological Sciences

Jumakhon Alimi — *Doctor of philological sciences, professor of the department of linguistics and history of language, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki.*

Khojaev Davlatbek — *Doctor of philological sciences, professor at the chair of history of language and typology of the Tajik National University.*

Mukhtorov Zainiddin Mukhtorovich — *Doctor of philology, professor, rector of the Singapore Institute of Management Development in Dushanbe city.*

Khudoidodova Sharofat Zardovna — *Candidate of philological sciences, associate professor, vice-rector international relations, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki.*

Kholiqova Zaynalbi — *Candidate of philological sciences, associate professor of the department of tajik literature, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki.*

Murodov Bahriddin Rahmonovich — *Candidate of philological sciences, the dean of foreign philology faculty, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki.*

The journal is being prepared for publication in Kulob State University named after Abuabdullo Rudaki. Address: 735360, RT Kulob city, S. Safarov street 16, the official website of the magazine: vestnik.kgu.tj, E-mail: payom@kgu.tj *Тел.: 8(3322) 2-41-06*

The journal is included in the Register of peer-reviewed scientific publications of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan from 1.06.2022, №174/м (re-registered on 6.09.2024 No. 299/m)
Reception of articles on sections of science: 07.00.00 - Historical and archaeological sciences, 13.00.00 - Pedagogical sciences, 10.00.00 - Philological sciences. The journal is included in the database of the Russian Science Citation Index (RSCI). The magazine is printed in Tajik and Russian.

ТАЪРИХ ВА БОСТОНШИНОСӢ

ТДУ: 930 (2-тоҷ)
ТКБ: 63 (2 тоҷ)
А-14

АЗ ТАЪРИХИ МУТТАҲИДШАВИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ А.РӮДАКӢ ВА ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ С.АЙНӢ (С.1960-1962)

Абдуллоев М.Х., д.и.т., профессор
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Фаъолияти пурсамари муассисаи таълимӣ ҳама вақт ба кадрҳои баландихтисос вобаста аст. Дар фаъолият ва ташкили раванди таълим, ин омил бештар нақш мебозад. Барои ҳамин ҳам пас аз анҷоми ҷанг ва саршавии барқароркунии хоҷагии халқ тибқи қарори Вазорати маданияти Иттиҳоди Шуравӣ аз 15 августи соли 1945 таҳти №1373 дар заминаи омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб, ки дар гузашта номҳои «Курси педагогӣ» (1931-1934), «Техникуми педагогӣ» (1934-1935), «Комбинати педагогӣ» (1935-1938) ном доштааст, Институти дусолаи муаллимии шаҳри Кӯлоб таъсис ёфт.

Институти дусолаи муаллимии Кӯлоб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чаҳорумин ва дар Ҷанубӣ Тоҷикистон нахустин боргоҳи илму маърифат ба шумор рафта, соли 2015-ум таҷлили 70 солагии он баргузор гардид.

Донишкада дар ибтидо дар ҳуҷҷатҳои расмӣ бо номи «Донишкадаи муаллимии Кӯлоби Комиссарияти Халқии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон» низ омадааст [3, с. 14].

Дар ибтидои кор дар донишкада се факулта: таърих ва филология, физика ва математика, табиатшиносӣ ва ҷуғрофия амал мекард. Соли хониши 1945-1946 аз тамоми гӯшаю канори вилояти Кӯлоб 48 нафар ҷавонписарон ва ҷавондухтарон ба донишкада қабул шуданд [4, с. 20]. Ин ҳам дар натиҷаи чорабиниҳои зиёди раёсати донишкада, шуъбаҳои маорифи ноҳияҳо, вилоят, ташкилотҳои ҳизбӣ ва комсомолӣ ба даст омада буд.

Дар ибтидои солҳои 50-ум донишкадаи муаллимии Кӯлоб яке аз махзанҳои муҳимми тайёр кардани кадрҳои баландихтисос барои хоҷагии халқ ба ҳисоб мерафт.

Нимаи дуюми солҳои 50-уми асри гузашта, давраи рушди бемайлони донишкадаи Кӯлоб буд. «Шумораи донишҷӯёни донишкада дар ин давра ба 750-нафар расида, донишҷӯён дар се факулта: физикаю математика, таъриху филологияи тоҷик (дар 30-гурӯҳи таълимӣ) таҳсил мекарданд. Солҳои 1958-1959 Донишкадаи давлатии омӯзгории Кӯлоб дар таълиму тарбия ва корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар байни мактабҳои олии ҷумҳурӣ яке аз пешсафҳо буд» [6, с. 46].

Дар ин солҳо дар донишкада Ф. Усмонов, А. Сиддиқов, И.И. Палгиков, М. Назаршоев, А. Муъминов, А.В. Килкинов, М.Г. Ярошевский, Э.А. Загумёнова, Л.Г. Камолова, И. Тамлихоев, Ф. Қудратова, М. Қурбонов, Р. Юсупова, Х. Мухтаров, Б. Муродов, А. Суфиев, А.И. Аминов, П.А. Вайнгурт, М.Н. Чиликина, И.П. Конкова, М. Исмоилов, Р.Т. Токарёва, С. Азизов, Х. Қодиров, Ш. Раҳмонов, А. Акбаров, К.П. Марсаков, Б.Ғ. Боғиров, М.Л. Латипов, М.В. Читкова, С. Файзуллоев, В.Д. Пчелников, М.И. Махаревич, В.С. Митснер, А. Асроров, В.А. Сивочуб, Е.Б. Амитин, Р.Ф. Иланова, Ш. Юсуфов, М.Г. Ризоев, С. Холмадов, О. Қурбонов, Ч. Мардонов ва дигарон кору фаъолият мекарданд. Дар байни онҳо 5-нафар номзадҳои илм ва 3-нафар дотсентҳо буданд.

Вале, соли 1960 дар натиҷаи кӯтоҳандешии баъзе роҳбарони Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон Институти давлатии педагогии Кӯлоб барҳам ва ба филиали Институти давлатии педагогии Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории

Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ) табдил дода шуда, филиали мазкур аз соли 1960 то соли 1962 пурра фаъолият кард.

Дар натиҷаи ин дигаргунсозиҳо шумораи олимон, мутахассисон, омӯзгорон ва кормандони донишкада ба маротиб кам шуд. Масалан, бо фармони ректори донишкада таҳти №81 аз 17-августи соли 1960-ум «Вобаста ба муттаҳидшавии Донишкадаи педагогии Кӯлоб бо Донишкадаи педагогии Сталинобод ба номи Т.Г. Шевченко ва баҳри иҷрои фармони Вазорати маорифи ҶСС Тоҷикистон аз 23 июни соли 1960, №134 оид ба ихтисори воҳидҳои кории кормандони Донишкадаи Кӯлоб» [5, с. 216-217] 31 нафар кормандони Донишкадаи педагогии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ аз кор озод карда шуда, ба онҳо кумаки дуҳафтаина дода шуд.

Донишкадае, ки дар давоми солҳои 1945 -1960 аз нарасидани омӯзгорони варзида танқисӣ мекашид ва нав қомат рост карда буд, дар натиҷаи аз кор озод кардани омӯзгорону кормандон зарари ҷиддии маънавӣ дид. «Агар дар солҳои хониши 1959-1960 Донишкадаи давлатии омӯзгории Кӯлоб беш аз 750-800 донишҷӯ дошта бошад, дар соли хониши 1960 - 1961 аз онҳо танҳо 320 нафарашон, аз ҷумла 140 донишомӯзони курсҳои чаҳорум ва 180 нафар донишомӯзони курсҳои панҷум боқӣ монданд. Барҳам додани Донишкадаи омӯзгорӣ ба халқи ҳавзаи Кӯлоб зарари ҷиддии маънавӣ ва иқтисодӣ овард» [6, с. 49].

Дар барҳам додани Донишкада албатта, беандешагӣ ва саросемагии кормандони Вазорати маорифи ҷумҳурӣ, Шурои Вазирони Тоҷикистон ва Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон ҳис карда мешуд.

Аксари омӯзгорони пуртаҷриба, ки аз гӯшаю канори мамлакат ҷамъ омада буданд, ба дигар мактабҳои олӣ ва мактабҳои миёнаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ тақсим шуданд. Дар байни онҳо доктори илми равоншиносӣ, профессор М.Г. Ярошевский, номзади илми таърих, дотсент К.П. Марсаков, номзади илми фалсафа, дотсент Қ.Собиров, номзади илми таърих, дотсент Н. Латифов, муаллимони калон М.Н. Назаршоев, Н. Сафаров, А.Л. Спектор, Д.Г. Резник, А. Аминов, А. Асроров, А.Сатторӣ, Н. Кириленко ва дигарон буданд, ки донишкадаи давлатии педагогии Кӯлобро ноилоҷ тарк намуда, ба дигар шаҳрҳои собиқ ИҶШС рафтанд.

Муттаҳидшавии Донишкадаи педагогии Кӯлоб бо Донишкадаи педагогии Сталинобод ба номи Т.Г. Шевченко дар вазъи таърихие ба вуҷуд омад, ки дар Тоҷикистон ҷараёни торафт болоравии нуфузу эътибори мактабҳои олӣ сурат мегирифт, шумораи дохилшавандагон ба ин боргоҳи илму маърифат торафт зиёд мешуд. Масалан, солҳои 1959-1960 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 омӯзишгоҳ амал мекард: омӯзишгоҳи томактабии Сталинобод, омӯзишгоҳи Ғарм, омӯзишгоҳи Панҷакент, омӯзишгоҳи педагогии Кӯлоб ва шумораи бисёри ҷавондухтарон ва ҷавонписарон ба ин омӯзишгоҳҳо дохил шуда, таҳсил мекарданд. Аз тарафи дигар шумораи ба мактабҳои олӣ дохилшудагон низ рӯ ба афзоиш оварда буд. Масалан, соли таҳсили 1960-1961 фақат ба донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (феълан Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) 905 нафар қабул шуда буданд, ки аз ин ҷумла 365 нафарашон ба шуъбаи ғоибона, 150 нафар ба шуъбаи шабона ва 390 нафарашон ба шуъбаи ғоибона тааллуқ доштанд [2, с. 30]. Қабули донишҷӯён ба курсҳои 1-уми донишкадаҳои педагогӣ бошад, дар ҳамин соли таҳсил 895 нафарро ташкил мекард, ки аз ин ҷумла, 420 нафарашон ба шуъбаи рӯзона, 400 нафарашон ба шуъбаи ғоибона ва 75 нафар ба шуъбаи шабона рост меомад [2, с. 31].

Дар шароити болоравии ҷараёни умумии системаи маориф, ки талаботи замон буд, барҳам додани Донишкадаи педагогии Кӯлоб ба мақсад мувофиқ набуд.

Донишкада баъд аз 2 сол, бо қарори Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон ва Шурои Вазирони ҷумҳурӣ аз 27 июли соли 1962 ба Донишкадаи соҳибихтиёри мустақил тадбил дода шуд, аммо зарурати объективии аз сари нав барқарор намудани Донишкадаи давлатии омӯзгории Кӯлоб вобаста ба талаботи рӯзафзун ба кадрҳои омӯзгорӣ, равнақу ривоҷи Маорифи Халқи вилояти Кӯлоб ва Ҷумҳурии Точикистон пештар пайдо шуда буд. Ин зарурият дар мактуби расмии ректори Донишкадаи давлатии педагогии Сталинобод Х. Солеҳбоев ба унвони Раиси кумитаи давлатии таҳсилоти олӣ, миёнаи махсус

ва касбӣ- техникии Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон Шокиров А.М., аз 10 майи соли 1961 пурра инъикос ёфта буд.

Мо лозим донистем, ки матни пурраи мактуби расмиро биёрем. «Вобаста ба муттаҳид кардани Институти педагогии Кӯлоб бо Институти педагогии Сталинобод ва барҳамдиҳии дар пешистодаи филиали ҳоло амалкунандаи Кӯлоб аз соли таҳсили 1961-1962 дар кори тайёр кардани мутахассисони омӯзгорӣ бо таҳсилоти олӣ барои мактабҳои ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб метавонад вазъияти душвор ба амал ояд. Натиҷаи ин метавонад ба ҳолате орад, ки дар муддати тулонӣ мактабҳои ноҳияҳои минтақа бо муаллимони баландихтисос таҳсилоти олидор таъмин нагарданд. Аз рӯи андешаҳои зерин дар шаҳри Кӯлоб нигоҳдошти филиали ҳолоамалкунандаи Институти педагогии Сталинободро мувофиқи мақсад медонем.

1. Аз рӯи маълумотҳои омории шуъбаи маорифи гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб барои ин минтақа аз ихтисосҳои гуногун, аз 2774 муаллим, аз ҷумла аз фанҳои асосии мактабӣ танҳо барои мактабҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ аз физикаву математика-374, забон ва адабиёти тоҷик-172, забон ва адабиёти рус -299 муаллим намерасад. Гузашта аз ин, дар ин гурӯҳи ноҳияҳо шумораи муаллимоне, ки аз рӯйи тайёрии касбии худ ба фанни таълиммедодагии худ мувофиқ нестанд ва бояд ба мутахассисони таҳсилоти олидор иваз карда шаванд.

2. Масалан, ба воситаи филиал ба Институт ҷалб намудани духтарони миллатҳои маҳаллӣ хеле осонтару самараноктар татбиқ шуда метавонад, зеро аксари онҳо имконият надоранд, ки баъди хатми мактаби миёна дар шаҳри Сталинобод, дур аз оилаи худ таҳсил намоянд. Аз ҳисоби донишҷӯёни курси 4-и филиал 14 духтари миллати маҳаллӣ, аз рӯи вазъи оилавӣ ва дигар шароитҳо имкон надоранд дар соли таҳсили нав ба шаҳри Сталинобод ба таҳсил оянд. Агар филиал барҳам дода шавад, онҳо маҷбур мешаванд таҳсилро аз курси охирин тарк намоянд. Чунин ҳолат аллакай солҳои таҳсили 1960-1961 бо сабаби аз Кӯлоб ба Сталинобод гузаронидани қисми асосии донишҷӯён ҷой дошт.

3. Дар гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб 300 нафар донишҷӯи ғоибхон зиндагӣ ва кор мекунанд, ки барои онҳо мувофиқи мақсад ва беҳтар аст, ки сессия, гузаронидани машварат, супоридани санҷишу имтиҳонот ва пешбурди дигар чорабиниҳои зарурӣ дар шаҳри Кӯлоб, дар филиал, чун пештар гузаронида шаванд.

4. Базаи таълимӣ- моддӣ, воситаҳои асосӣ ва кадрҳои омӯзгорӣ, ки филиал дорад, пурра имкон медиҳад, ки онро дар оянда нигоҳ дошта ва васеъ намоем. Дар он бинои таълимии махсус сохташуда барои 500 ҷой бо лабораторияҳо, инчунин бино барои хобгоҳи дорои 320 ҷой мавҷуд аст. Ғайр аз ин филиал китобхонаи калонро соҳиб аст, ки чи донишҷӯёни шуъбаи рӯзона ва чи шуъбаи ғоибонаро бо адабиёти таълимӣ ва бадеӣ пурра таъмин карда метавонад. Дар филиал ҳамчунин толори хониш барои 80 ҷойи нишаст, толори варзишии махсус ва бинои нави замонавӣ барои ошхона мавҷуд аст ва ҳайати омӯзгорони филиал бо манзил пурра таъминанд. Нигоҳдошти филиал дар маҷмуъ бо зиёдшавии маблағи сметашавӣ барои таъмини Институт намеорад.

5. Мавчудияти филиали Институт ва омӯзишгоҳи педагогӣ дар як бино на танҳо ба тамоми корҳои таълимӣ-тарбиявии ин муассисаҳо таъсири манфӣ надорад, балки базаи беҳтар шудани раванди корҳои таълимӣ-тарбиявӣ, бахусус, ду омӯзишгоҳи педагогӣ, ки барои филиал чи аз ҷиҳати базаи таълимию моддӣ ва чи аз ҷиҳати мутахассисон дар ба роҳ мондани корҳои таълимию тарбиявӣ ва методӣ ҳамаҷониба ёрӣ мерасонад.

6. Барҳам додани филиал ва аз шаҳри Кӯлоб ба Сталинобод гузаронидани 130 донишҷӯи курси 5, инчунин қабули довталабон дар соли хониши 1961-1962 бо теъдоди 600 нафар контингенти донишҷӯён бо назардошти хатм (435 нафар), 300 нафар зиёд мегардад, ки ин Институти педагогии Сталинободро дар бобати таъмини донишҷӯён бо хобгоҳ, дар ҳолати хеле ногувор мегузорад ва дар ташкили раванди таълим бо сабаби нарасидани синфхонаҳо, кабинетҳо ва лабораторияҳои таълимӣ душвориҳои зиёда ба миён меорад.

Бо дарназардошти мавҷудият ва ҳолати базаи таълимию моддӣ, мутахассисони омӯзгории филиал ба талабот ба мутахассисони омӯзгорӣ дар замони ҳозира ва дар 5-10 соли

наздик дар сурати ҳалли мусбат ва нигоҳдории филиали Кӯлоб, мо мондани факултетҳои зеринро мувофиқи мақсад медонем:

1.Филологӣ (бо ду ихтисос: забон ва адабиёти тоҷик, забон ва адабиёти рус).

2. Физика- математика бо ихтисоси математика ва физика. Қабули ҳарсола дар филиал 75-100 нафар, то ки баъди 3-4 сол контингенти муътадил ба теъдоди 400-500 нафар баробар шавад.

Институти педагогии Сталинобод ба номи Т.Г. Шевченко аз Шумо хоҳиш менамояд, ки барои ҳалли масъалаи зикршуда бо пешниҳод ба КМПК Тоҷикистон ва Ҳукумат дароед».

Ҳамин тариқ, бо хоҳишу дархостҳои пайвастаи устодону омӯзгорон ва меҳнаткашони шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб, дастгирӣ ва саъю талошҳои шахсони алоҳидаи бономуси миллат- собиқ ректори Донишкадаи давлатии педагогии Сталинобод ба номи Т.Г. Шевченко Ҳотам Солеҳбоев, мудири шуъбаи илм ва мактабҳои олии ҷумҳурӣ Рустамбек Юсуфбеков ва директори филиал Ниёз Сафаров нафақат филиали донишкада нигоҳ дошта шуд, балки ба қарори КМ ҲКТ ва Шурои вазирони ҶШС Донишкадаи давлатии педагогии Кӯлоб боз ба донишкадаи соҳибихтиёр ва мустақил табдил ёфт.

Новобаста аз душвориҳои ба миёномада Донишкадаи давлатии педагогии Кӯлоб дар давоми солҳои 1945-1960 фаъолияти худро пайваста идома дод, барои соҳаи маорифи ҷумҳурӣ кадрҳои зарурии педагогиро тайёр намуд. Дастпарвароне, ки дар солҳои вазнини баъдиҷангӣ донишкадаро хатм намуда буданд, на танҳо дар соҳаи маорифу фарҳанги ҷумҳурӣ, инчунин, дар дигар соҳаҳои хоҷагии халқ низ бо масъулияти баланд кору фаъолият намуда, дар пешрафти ҷумҳурӣ нақши босазо гузоштанд.

Донишкадаи дусолаи муаллимии Кӯлоб (ҳоло Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ) аз ҷумлаи аввалин муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат дар минтақаи Кӯлоб маҳсуб мешавад ва дар омода намудани кадрҳои баландихтисоси хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муассире дорад. Дар солҳои 1945-1960-ум вазифаи директор ва баъдтар ректории Донишкадаи давлатии педагогии Кӯлобро шахсони маъруфи зерин ба уҳда доштанд: Раҳмон Каримов (августи соли 1945- феврали соли 1948), Бозор Шарифзода (феврали соли 1948- сентябри соли 1948), Муҳамадалӣ Исматуллоев (сентябри соли 1948- ноябри соли 1950), Худойназар Маҳмадназаров (январи соли 1951- августи соли 1953), Ашраф Сиддиқов (августи соли 1953- декабри соли 1953), Ҳамид Хоҷаев (декабри соли 1953- августи соли 1957), Назаршо Латипов (августи соли 1957- августи соли 1960), Ниёз Сафаров (августи соли 1960-июли соли 1962). Онҳо дар замони кору фаъолияти худ барои рушду камоли ин боргоҳи илму маърифат ҳиссаи босазое гузоштанд.

Хулоса, нуқтаҳои аз фаъолияти устодону дастпарварони Донишкадаи давлатии Кӯлоб, ки дар боло, зикрашон рафт, инъикоси пурраи дастовардҳои ин боргоҳои илму маърифат буда наметавонанд. Он маводу масоили аз назари муаллифи ин мақола берун мондаро табиист, ки таҳқиқгарони ояндаи таърихи донишгоҳ вобаста ба рушди зинаҳои мактабу маориф пурра хоҳанд кард.

Адабиёт:

1. Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Келоб Ф.21., П.92, Р.1., В.166.
2. Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Келоб. Ф. 21.,П.13., Р.1.,В.30,31.
3. Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Келоб .Ф.21., П.23., Р.1., В.14.
4. Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Келоб .Ф.21., П.25., Р.1., В-20
5. Бойгонии ҷории Донишгоҳи давлатии Келоб ба номи А. Рӯдакӣ. Р.2.,П. 9.,ВВ.216,217
6. Шарифов Д. Таърихи Университети давлатии Кӯлоб. -Душанбе,2006.- С.46.

АЗ ТАЪРИХИ МУТТАҲИДШАВИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ А.РӮДАКӢ ВА ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ С.АЙНӢ (с. 1960-1962)

Дар мақола муаллиф масъалаи муттаҳидшавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айниро дар солҳои 1960-1962 таҳқиқ намудааст.

Муаллиф зикр менамояд, ки фаъолияти пурсамари муассисаи таълимӣ ҳама вақт ба кадрҳои баландихтисос вобаста аст. Дар фаъолият ва ташкили раванди таълим, ин омил бештар нақш мебозад.

Вале, соли 1960 дар натиҷаи кӯтоҳандешии баъзе роҳбарони Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон Институти давлатии педагогии Кӯлоб барҳам дода шуда ва ба филиали Институти давлатии педагогии Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ) табдил дода шуд. Аммо филиали мазкур аз соли 1960 то соли 1962 пурра фаъолият кард.

Калидвожаҳо: таърих, муттаҳидшавӣ, филилал, донишкада, Кӯлоб, Тоҷикистон, омӯзгорӣ, таълим, тарбия, илм, мутахассис, фаъолият, таҳқиқ.

ИЗ ИСТОРИИ ОБЪЕДИНЕНИЯ КУЛЯБСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА ИМЕНИ А.РУДАКИ И ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА ТАДЖИКИСТАНА ИМЕНИ С.АЙНИ (1960-1962 гг.)

В статье автор исследовал вопрос объединения Кулябского государственного университета имени А. Рудаки и Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни в 1960-1962 годах.

Автор отмечает, что эффективная деятельность образовательного учреждения всегда зависит от высококвалифицированных кадров. Этот фактор играет большую роль в деятельности и организации учебного процесса.

Однако в 1960 году в результате недальновидности некоторых руководителей Коммунистической партии Таджикистана Кулябский государственный педагогический институт был упразднен и превращен в филиал Душанбинского государственного педагогического института имени Т.Г. Шевченко. (ныне Таджикский государственный педагогический университет имени С.Айни). Однако этот филиал работал в полную силу с 1960 по 1962 год.

Ключевые слова: история, объединение, филиал, институт, Куляб, Таджикистан, преподавание, обучение, образование, наука, специалист, деятельность, исследование.

FROM THE HISTORY OF THE UNIFICATION OF KULYAB STATE UNIVERSITY NAMED AFTER A.RUDAKI AND STATE UNIVERSITY OF TAJIKISTAN NAMED AFTER S.AYNI (1960-1962)

In the article, the author examined the issue of the unification of Kulyab State University named after A. Rudaki and Tajik State Pedagogical University named after S.Ayni in 1960-1962.

The author notes that the effective activity of an educational institution always depends on highly qualified personnel. This factor plays a major role in the activity and organization of the educational process.

However, in 1960, due to the short-sightedness of some leaders of the Communist Party of Tajikistan, the Kulyab State Pedagogical Institute was abolished and turned into a branch of the Dushanbe State Pedagogical Institute named after T.G. Shevchenko (now the Tajik State Pedagogical University named after S.Ayni). However, this branch operated at full capacity from 1960 to 1962.

Key words: History, association, branch, institute, Kulob, Tajikistan, teaching, training, education, science, specialist, activity, research.

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдуллоев Маҳмуд Холович – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров-16. E-mail: abdulloev.48@mail.ru Телефон: +992918685205.

Сведения об авторе: Абдуллоев Махмуд Холович - доктор исторических наук, профессор кафедры истории таджикского народа Кулябского государственного университета имени А. Рудаки, Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова-16. Электронная почта: abdulloev.48@mail.ru Телефон: +992918685205.

Information about the author: Abdulloev Mahmud Kholovich - doctor of historical sciences, professor of the department of history of the tajik people of the Kulob State University named after A. Rudaki, Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street-16. E-mail: abdulloev.48@mail.ru Phone: +992918685205.

УДК: 001. 32. (092):37(575.3)

ВКЛАД АКАДЕМИКА БОБОДЖАНА ГАФУРОВА В РАЗВИТИЕ ИСКУССТВА СОВЕТСКОГО ТАДЖИКИСТАНА

Абдубасиров А.А., к.и.н., доцент
Российско-Таджикский (Славянский) университет

Важнейшим участком культурного строительства в Советском Таджикистане являлось народное искусство. Музыка, песни, танцевальное и изобразительное искусство таджиков были широко известны на Востоке еще много веков тому назад. По словам видного искусствоведа академика Г.А. Пугаченковой, «с каждым годом открываются новые стороны культурной жизни предков таджикского народа, своеобразие и самобытность их искусства и их вклад в сокровищницу мировой культуры» [7, с. 102-104].

Согласно мнению профессора А.Р. Раджабова, музыка является одной из основных частей таджикской цивилизации, «изучение и научное рассмотрение этого важного сектора таджикско-персидской цивилизации, сохранившегося до достоверных исторических, литературных и музыкальных источников, в начале 40-х годов XX века, больше всего привлекло внимание ученого и известного политика Бободжана Гафурова («Краткая история таджикского народа», «Постановление правительства Таджикистана по изучению таджикской живописи» и т.д., это было направлено на устранение искажений, которые имели место в отношении таджиков») [8, с. 122].

В результате больших политических, экономических и культурных преобразований, проводимых ЦК КП (б) республики, в Таджикистане появились профессиональное театральное, музыкальное, изобразительное искусство и кино. В этом неоценимый вклад внес Бободжан Гафуров, который работая в партийной организации республики, особое значение придавал искусству таджикского народа. Он сам любил искусство, когда занимал различные государственные и партийные должности, всесторонне способствовал расширению сети театров, кинотеатров. Особенно он любил и ценил таджикскую народную и классическую музыку. По словам очевидцев, в минуты отдыха он обычно «негромко напевал ту или иную мелодию, отбивая ритм руками.

Б. Гафуров часто выступал с докладами и выступлениями на различных мероприятиях, посвященных отраслям таджикского искусства. В том числе, в своем выступлении на открытии первой Декады таджикской литературы и искусства в Москве в 1941 году Бободжон Гафуров подчеркивал: «Таджикский народ является одним из древнейших народов на территории Советского Союза». Специально выделив то обстоятельство, что таджики являются древним народом не на территории Средней Азии, а Советского Союза, он хотел сказать, что таджики имеют древнейшую историю в отличие от

других народов среднеазиатского региона, а также Советского Союза [1, с. 23-24]. Из этих и других его выступлений видна принципиальная и смелая для того времени позиция и в дальнейшем - отстаивание цивилизационной роли таджиков в Средней и Центральной Азии.

Б. Гафуров, будучи руководителем республики, уделял огромное внимание культурной жизни республики и росту материального благосостояния народа. Он прекрасно осознавал, что без профессиональной городской культуры Таджикистану вряд ли удастся занять достойное место среди других республик в составе СССР. Именно поэтому основой всей своей деятельности Б. Гафуров сделал неразрывную связь политического, экономического и культурного развития.

В годы Великой Отечественной войны деятельность театров республики была направлена на военное время. Все театральные коллективы республики вошли в непосредственный контакт со зрителем, репертуар свой подчинили требованиям военного времени, выступали с концертами непосредственно на предприятиях, бригадных станах, МТС, в воинских частях, на призывных пунктах, в госпиталях перед ранеными фронтовиками и т.д.

В мае 1943 года по постановлению СНК и ЦК КП(б) Таджикистана был организован фронтовой театр Таджикской ССР, куда вошли актриса театра им. Лахути Ш. Сиддикова, солисты театра оперы и балета М. Зияев, И. Баракаева, Д. Кандов, Н. Ниязова, музыканты филармонии А. Саркисов, Ф. Солиев, танцовщица Л. Арипова, актеры русского драматического театра им. Маяковского Г.П. Менглет (он же художественный руководитель), М.Г. Воглина, А.А. Бендер, Г.Д. Степанова, И.С. Гришин, С.А. Косогляд, В.Г. Королева и др. 19 августа 1943 года группа выехала на Центральный фронт.

В послевоенные годы во всех таджикских театрах проводилась серьезная работа по идейно-политическому воспитанию актеров, которая способствовала достижению и политической зрелости, расширению кругозора, совершенствованию мастерства. С каждым годом повышался интеллектуальный уровень артистов. Искусство их становилось более целеустремленным, масштабным, пытливым и настойчивым в поисках нового. Лучшие актеры театра стремились включать в свои сценические образы типические, обобщающие черты характера, намечать, что должно быть главным определяющим [5, с. 128].

В послевоенный период развитию театрального искусства в республике способствовали совещания по вопросам театра, проводившиеся ЦК КП Таджикистана под руководством Б. Гафурова. Эти совещания вскрыли недостатки таджикских театров и наметили пути их подъема. Так, в репертуаре драматических театров республики не было пьес о людях Советского Таджикистана, о братской помощи русского и других народов таджикскому народу в установлении советской власти, строительстве социалистической экономики и культуры. На республиканском совещании по пропаганде (6 октября 1946 года) отмечалось, что в таких пьесах, как «Тохмос Ходжентский», «Принцесса Согдиана», «Рустам и Сухроб» и др. была нарушена историческая правда. В постановлении ЦК Компартии республики от 6 октября 1946 года указывалось, что в ряде пьес, идущих в театрах республики, идеализировалась жизнь царей, ханов, вельмож, что не имело в то время никакого исторического и воспитательного значения.

Только за период с 1947 по 1953 год на сцене таджикского драмтеатра в городе Сталинабаде было поставлено 9 пьес таджикских драматургов из жизни республики. Борьбе трудящихся масс Таджикистана за упрочение Советской власти посвятили свои пьесы А. Дехоти «Нур дар Кухистон» (Свет в горах), М. Касымов и Дж. Икроми «Роҳи бахт» (Дорога счастья). М. Миршакар посвятил свою пьесу «Мой город» важным вопросам строительства социалистического города. Новаторству в сельском хозяйстве и борьбе с пережитками прошлого в сознании людей посвящена пьеса М. Рабиева и С. Саидмурадова «Саодат» (Счастье). К 25-летнему юбилею Таджикской ССР таджикский драматург Дж. Икроми создал новую пьесу на основе романа С. Айни «Дохунда», которая была тепло встречена зрителями. Необходимо отметить, что эта пьеса стала наиболее удачной для постановки в театре. Она показывает на

примере Ёдгора тяжелое прошлое угнетенного таджикского народа и пробуждение самосознания таджиков [9, с. 181].

Б. Гафуров особое внимание обращал на драматургию театра. Он всегда отмечал, что без сильной драматургии театр не может быть театром. При этом он призывал воспитывать и поддерживать местных драматургов, одновременно осваивая шедевры мировой драматургии.

В 1949 году известный писатель Джалол Икроми написал комедийную драму под названием «Ситора» (Звезда). Б. Гафуров, узнав об этой пьесе, написанной на тему жизни колхозников, заинтересовался ею, и пригласил к себе автора, а также режиссера Ш. Киямова и композитора Ф. Солиева. На встрече Икроми зачитал текст пьесы Б. Гафуров внимательно выслушав ее, поручил Ф. Солиеву сочинить и сыграть в актовом зале ЦК на фортепиано фрагмент из музыки этой пьесы. Вскоре, после незначительных замечаний пьеса была принята. «Нужно отметить, - отмечает исследователь, - Б. Гафуров сам часто ходил в театр и призывал других руководителей республики следовать его примеру [4, с. 50-51].

Б. Гафуров всячески заботился о деятельности театров и постоянно контролировал вопросы подготовки кадров, улучшения финансирования и строительства новых зданий для театров Таджикистана. В архивных документах имеется письмо Председателя Комитета по делам искусств при Совете Министров СССР П. Лебедева на имя Секретаря ЦК КП(б) Таджикистана Б. Гафурова: «Уважаемый Бободжон Гафурович! Комитет по делам искусств при Совете Министров СССР считает необходимым обратить Ваше внимание на неудовлетворительное состояние национальной драматургии, отрицательно отражавшееся на развитии таджикского национального театра. В представленных Комитету по делам искусств репертуарных планах театров Таджикской ССР на 1948 год отсутствуют новые значительные пьесы таджикских драматургов, которые поднимали бы большие общественные проблемы послевоенного времени, связанные с культурой и хозяйственной жизнью республики. Ведущий театр республики им. Лохути не имеет в своём репертуарном плане пьес национальных драматургов. В середине 1947 года Управление по делам искусств при Совете Министров Таджикской ССР сообщило Комитету о новых пьесах, заканчиваемых драматургами: «Свет в горах» - Дехоти, «Искатели клада» - Улуг-заде, «Кто виноват» - Гани Абдулло, и о заявке Турсун-заде на пьесу об освоении Вахшской долини. Первая из этих пьес была действительно написана и подготовлена для постановки в качестве юбилейного спектакля театра имени Лохути к 30-летию Великой Октябрьской социалистической революции, остальные же до сих пор не закончены. Учитывая особую важность проблемы создания полноценных пьес на советские темы, Комитет ставит перед Управлением по делам искусств при Совете Министров Таджикской ССР в качестве первоочередной задачи коренное улучшение работы с драматургами. Со своей стороны, стремясь оказать Управлению практическую помощь, Комитет наметил вызов в творческую командировку в Москву таджикских драматургов, имеющих интересные замыслы или незаконченные работы. Во время пребывания в Москве эти товарищи смогут получить квалифицированную консультацию ведущих драматургов столицы Союза, а также ознакомиться с лучшими спектаклями. Комитет считает также необходимым выезд в г. Сталинабад одного из московских драматургов для оказания творческой помощи на месте начинающим авторам, уже работающим над новыми пьесами. Не исключена возможность заключения договора с этим драматургом на создание пьесы на материале республики. Мероприятием, которое, безусловно, будет способствовать дальнейшему развитию таджикской драматургии, должен явиться смотр советской пьесы, организуемый Комитетом по делам искусств осенью 1948 года. Комитет по делам искусств при Совете Министров СССР рассчитывает на Ваше личное вмешательство в это важное для развития таджикской (ошибочно написано казахской – А.А.) национальной культуры дело. Председатель Комитета по делам искусств при Совете Министров СССР П. Лебедев. Подпись. 24 июня 1948г.» [12, л. 36-37].

Изучив данный документ, Б. Гафуров в срочном порядке обратился в Комитет по делам искусств при Совете Министров СССР с просьбой направить в Таджикскую ССР одного из московских драматургов для оказания творческой помощи. Так, в ответном письме из Комитета

по делам искусств при Совете Министров СССР имя Секретаря ЦП КП (б) Таджикистана от 6 сентября 1948 поступило письмо за подписью заместителя редактора Комитета Н. Беспалова с положительным ответом о прибытии в г. Сталинабад драматурга Малюгина Л.А. [12, л. 43].

Согласно данным, в 1948 году в Таджикской ССР функционировали 14 театров, однако к 1952 году их стало 9 в связи с объединением таджикского академического театра и русского театра драмы, а также ликвидацией периферийных театров: исфаринского, пенджикентского и ура-тюбинского. «Принятые меры, - отмечает исследователь, - способствовали улучшению репертуара театров и их деятельности. Хотя театральная сеть намного сократилась по сравнению с 1948 годом, количество спектаклей увеличилось» [9, с. 184].

Несмотря на некоторые положительные сдвиги в области театрального искусства республики, тем не менее, в деятельности его работников имели место серьезные промахи и ошибки, что приводило к значительному отставанию музыкального и театрального искусства в Таджикистане. Примеру, среди некоторых творческих работников была распространены ошибочные и вредные взгляды. Они утверждали, что преобладающей формой таджикского искусства должна быть лишь музыкальная комедия с одноголосным пением. При этом совершенно недооценивалась роль таких сложных жанров, как опера, балет, симфония. ЦК КП(б) Таджикистана, остро отреагировав, дал решительный отпор этим националистическим тенденциям. Время доказало, что национальная опера, балет и симфония прочно вошли в таджикское искусство.

ЦК КП (б)Таджикистана, оценивая обстановку в театральной отрасли, обратил серьёзное внимание на деятельность отдельных театров. Для подробного ознакомления с положением дел в театрах республики была организована проверка их деятельности Статистическим управлением Таджикской ССР.

18 мая 1949 года на имя Секретаря ЦК КП(б) Таджикистана Б. Гафурова поступил подробный отчёт начальника статистического управления Таджикской ССР Н. Суюнова «Об итогах производственной и финансовой деятельности театров Таджикской ССР за 1949 год» [11, л. 10-14]. В этом отчёте отмечалось, что «производственный и финансовый план 1949 года остался невыполненным не только областными и районными театрами, но также ведущими театрами республики – Государственным Ордена Ленина театром Оперы и балета и государственным театром ордена Трудового красного Знамени объединённым академическом театром драмы им. Лохути и им. Маяковского. Кроме того, творческий состав театров, особенно областных и районных, недостаточно квалифицирован, большинство артистов не имеют специального образования. Однако управление по делам искусств при Совете министров Таджикской ССР не принимает мер к повышению квалификации артистов. В финансовых планах не предусмотрены ассигнования на курсовые мероприятия. Указывая на неудовлетворительность производственной и финансовый деятельности театров республики в 1949 году, в отчёте отмечается, что в целях улучшения производственной и финансовой деятельности театров республики в 1950 году Статистическое Управление Таджикской ССР просит ЦК КП(б) Таджикистана и Совет Министров Таджикской ССР обязать Управление по делам искусств при Совет Министров Таджикской ССР провести следующие мероприятия: 1. Улучшить общее руководство театрами Республики совместно с Союзом Советских писателей Таджикистана и Союзом композиторов, пополнить репертуар республиканских и областных театров новыми постановками, отображающими расцвет Советского Таджикистана и патриотические дела передовых людей республики. 2. Организовать при государственном театре оперы и балета и объединённом драматическом театре постоянно действующие курсы повышения квалификации актёрского состава с тем, чтобы на этих курсах вести переподготовку актёрского состава и других коллективов театров республики» [11, л. 13-14].

Благодаря помощи руководства со стороны партии творческим работникам недостатки в области литературы и искусства в значительной степени были преодолены. Уже в 1949-1950 годах на сценах театров республики появились новые спектакли о жизни советского народа [6, с. 289]. Таджикскими писателями был создан ряд значительных

произведений, получивших высокую оценку не только в республике, но и в других странах Советского Союза и за рубежом: «Воспоминания» С. Айни, циклы стихов Мирзо Турсун-заде «Я с Востока свободного» и «Индийская баллада», роман Рахима Джалила «Пулат и Гульру» и др. Мирзо Турсун-заде был широко известен не только как писатель, но и как видный общественный и государственный деятель Советского Союза. Его знали во многих странах мира, как активного участника международного движения в защиту мира и популярного поэта, создавшего целое направление в современной прогрессивной поэзии стран Азии и Африки. Большой школой для писателей республики стала декада таджикской литературы в Москве в сентябре 1949 г. [6, с. 290].

Состоявшийся в июле 1951 года пленум Ленинабадского обкома партии обсудил вопросы идеологической работы и отметил наличие существенных недостатков в работе театров, кино и других учреждений культуры в области и потребовал резкого улучшения работы учреждений искусства.

Только за один театральный сезон 1950/51 гг. Таджикский драматический театр им. Лохути из 14 пьес поставил 9 на современные темы, в их числе – «Шоди ёна» М. Закирова, «Мой город» Миршакара и др. В театре им. Маяковского из 15 постановок 10 были посвящены современным темам.

Создавая национальные спектакли, таджикские театры в то же время ставили лучшие пьесы братских республик и в особенности русских драматургов: «Женихи» Токаева, «Бессмертие» Пайкова (1952), «Незабываемый 1919 год» Вишневского, «Шелковое сюзане» А. Кахари, «Номус» Ширвонзаде (1953), «Сердечные тайны» Рахманова, «Легенда о любви» Назима Хикмета, «Любовь Яровая» Тренева и др. Работа над современным репертуаром помогла таджикским артистам расширить свой кругозор, глубже изучить жизнь и улучшить свое мастерство. Результатом этого явилось создание мастерами таджикского театра таких ярких впечатляющих образов, как Каримов («Шодиёна») в исполнении народного артиста СССР М. Касымова, Саодат («Саодат»), Халима («Шодиёна»), Холнисо («Шелковое сюзане») в исполнении народной артистки Таджикской ССР С. Туйбаевой и ряд других образов, созданных артистами А. Бурхановым, Т. Фазыловой, Г. Бакаевой, Х. Рахматуллаевым, З. Дусматовым и др. [9, с. 185].

И в дальнейшем Бюро ЦК КП(б) Таджикистана в Постановлении от 23 января 1952 года о выполнении постановления бюро ЦК КП(б) Таджикистана от 31 мая 1951 г. «О дальнейшем развитии театрального и музыкального искусства в Таджикистане» подчеркнуло, что партийными организациями и учреждениями искусства республики была проделана некоторая работа по выполнению данного постановления. Театры были укреплены квалифицированными режиссерами. В августе 1951 году был проведен смотр художественной самодеятельности сельской молодежи, улучшен репертуар театров. Вместе с тем, бюро ЦК КП Таджикистана указало на то, что не было поставлено ни одной советской оперы, вообще не было балета, не выполнялся план постановки спектаклей. Неудовлетворительно проводилась работа по подготовке кадров для учреждений искусств. Бюро ЦК КП Таджикистана наметило создание в ближайшее время национальной оперы и балета на актуальные темы. Русскому драмтеатру было предложено создать спектакль из жизни Таджикистана, было предложено улучшить работу государственной филармонии, областных и районных театров. В целях дальнейшего укрупнения в 1952 году был ликвидирован театр в г. Курган-Тюбе [9, с. 186].

В те годы значительная работа велась по подготовке кадров, особенно местной национальности, по различным жанрам сценического искусства. Талантливая таджикская молодежь направлялась на учебу в Москву, Ленинград, Ташкент. Так в 1952/53 учебном году на таджикском отделении Московского театрального училища им. Щепкина обучались 16 человек, и было направлено для поступления в это училище в 1953 г. еще 8 человек [2, с. 210]. Б. Гафуров всячески поддерживал обучавшуюся молодежь в дальних вузах страны.

Нужно отметить, что в период работы Б. Гафурова на должности первого секретаря ЦК Компартии Таджикистана из театра оперы и балета талантливая молодежь была

отправлена на учебу за пределы республики, многие из которых прошли стажировку в лучших театрах России, прежде всего, в прославленном Большом театре г. Москвы. В дальнейшем именно они составили основное ядро театральных трупп республики. Были открыты таджикский драматический театр им. А. Лохути и русский драматический театр им. В. Маяковского. Вначале они располагались вместе в одном старом, ветхом помещении. Благодаря стараниям Б. Гафурова для них были построены отдельные здания, и каждый театр обрел свою собственную судьбу. В то время культурную политику в республике осуществлял Комитет по делам искусств, чей небольшой штат не в силах был справиться со всем объемом работ. По указу Б. Гафурова он был преобразован в Министерство культуры, благодаря чему развитие в республике обрело широту и устойчивость [11, с. 488-489].

Крупнейшим событием в развитии театрального искусства Таджикистана явилась вторая Декада таджикской литературы и искусства в Москве, проходившая с 9 по 18 апреля 1957 года. Инициатором проведения декады стала партийная организация республики во главе с Б. Гафуровым, высказавшая на X съезде КП Таджикистана мысль о необходимости для дальнейшего развития национального искусства всенародного отчета в Москве. Организационным штабом по подготовке к декаде стал ЦК КП Таджикистана, который провел по этому вопросу несколько совещаний. С целью подготовки и мобилизации всех имевшихся творческих ресурсов к этому большому событию в культурной жизни республики ЦК КП Таджикистана и Совет министров республики 11 июня 1956 года приняли специальное постановление «О подготовке к декаде таджикской литературы и искусства в Москве» [5, с. 129].

Ярким примером культурного роста Советского Таджикистана в годы пятой пятилетки (1951-1955 гг.) стал театр оперы и балета в столице республики – Сталинабаде. На сцене театра были поставлены такие мировые произведения русских классиков, как «Русалка» Даргомыжского, «Демон» Рубинштейна, «Мазепа», «Лебединое озеро» Чайковского и др. Благодаря этим постановкам таджикские зрители непосредственно знакомились с высочайшей культурой русского народа.

Вопросы театрального искусства всегда находились в поле зрения партийной организации республики, особенно первого секретаря ЦК КП(б) Таджикистана Б. Гафурова. По воспоминаниям академика Х. Отахоновой, Б. Гафуров любил посещать театр. Если же это была премьера, он призывал ответственных партийных работников, государственных служащих и министров идти в театр [3, с. 80-81].

Выполняя решения XIX съезда КПСС, созванного в 1952 году, и постановления бюро ЦК КП Таджикистана по вопросам литературы, драматургии, театрального и музыкального искусства, театральные коллективы добились значительного улучшения постановки спектаклей в последние годы пятой пятилетки. В репертуаре театров заметное место заняли пьесы советских драматургов «Саодат» М. Рабиева, «Дохунда» С. Айни - инсценировка Д. Икроми, «Сердечные тайны» Рахманова, «Любовь Яровая» Тренева, «Не называя фамилии» Минко, «Оптимистическая трагедия» В. Вишневского, «Персональное дело» Штейна, «В добрый час» Розова и др. Спектакли стали проходить более планомерно. Например, опера «Травиата» шла 31 раз, «Демон» - 33, «Аида»-23, «Жюстина Фавар» -22, «Тахир и Зухра»-4, «Бахтиер и Нисо»-11, балеты «Дон Кихот» -23, «Лебединое озеро»-7, «Лейли и Меджнун»-2 [6, с. 287].

В 40-70-е годы XX века таджикский театр характеризуется развитием разно жанровой национальной драматургии, яркими актерскими индивидуальностями. Лучшие спектакли, по мнению Н. Нурджанова, показали искания театра в сфере сочетания эпических и поэтических национальных традиций, развития сатирических и комедийных направлений традиционного театра с новыми театральными формами, с современной исполнительской манерой, они отличаются стремлением к образному обобщению, философскому осмыслению современных тем [5, с. 368].

Таким образом, Б. Гафуров, уделяя особое внимание на развитие театрального искусства в Таджикистане, поддерживал драматургов. В период руководства партийной

организацией республики - в Москву, Ленинград, Ташкент, по его личной инициативе была отправлена на учебу за пределы республики талантливая молодежь, что, безусловно, сказалось на подготовке кадров, на различных жанрах сценического искусства. В целом, в рассматриваемый период таджикский театр характеризуется развитием разножанровой национальной драматургии, яркими актерскими индивидуальностями благодаря всесторонней поддержке главы республики Бободжана Гафурова.

Литература:

1. Гафуров Б.Г. Выдающийся исследователь истории Центральной Азии. (Сборник докладов международной конференции, 24 декабря 2008 года, г. Душанбе). Под ред. Р. Масова Душанбе, 2009. – С. 23-24.
2. История культурного строительства в Таджикистане (1917-1977гг.). - Душанбе: Дониш, 1983. - С. 210.
3. Мухторов А. Бобоҷон Гафуров: Хотираҳо. - Душанбе: Дониш, 1992. - С. 80-81.
4. Набиев В. Раҳнамои санъати миллӣ / В. Набиев, А. Усмонов, З. Кобилов // Сиёсатмадори барҷаста ва тавоно. Маҷмуаи мақолаҳо. - Хуҷанд: С.И. Файзибоев, М.М. «Меъроҷ», 2018. – С. 50-51.
5. Нурджанов Н.Х. История таджикского Советского театра (1941-1957гг.). - Душанбе: Дониш, 1990. - С. 128.
6. Очерки истории коммунистической партии Таджикистана. - Душанбе: Ирфон, 1964. – С. 289.
7. Пугаченкова Г.А. Очерки искусства Средней Азии / Г. А. Пугаченкова, Л. И. Ремпель. – М.: Искусство, 1982. – С.102-104.
8. Раджабов А. Диди таърихии ҳунар аз нигоҳи Б. Ғафуров. / А. Раҷабов / Тақдим ба 90-мин солгарди зодрузӣ фарзанди бузург ва фарзонаи тоҷик Қаҳрамони Тоҷикистон академик Бобоҷон Ғафуров// Академик Бобоҷон Ғафуров муҳаққиқи таърих ва тамаддуни мардумони Осиёи Марказӣ. - Душанбе: Ирфон, 1999. – С. 122.
9. Умаров Т. Из опыта Коммунистической партии Таджикистана по руководству развития науки и культуры в годы пятой пятилетки // Очерки по истории Таджикистана. - Душанбе, 1959. -Т.2. - С. 181.
10. Умаров Т. Из опыта Коммунистической партии Таджикистана по руководству развития науки и культуры в годы пятой пятилетки. -Т.2. - С. 184.
11. Холджураев Х.Х. Человек-легенда. – Худжанд: Нури Маърифат, 2003. – С. 488-489.
12. ЦГА РТ (ГАНИТ). Ф. 3. Оп. 99. Ед. хр. 49. Л. 10-14.
13. ЦГА РТ (ГАНИТ). Ф. 3. Оп. 99. Ед. хр. 33. Л. 36-37.

САҲМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ ДАР РУШДИ САНЪАТИ ТОҶИКИСТОНИ СОВЕТӢ

Дар мақолаи мазкур саҳм ва иштироки шахсии Бобоҷон Ғафуров дар рушди фарҳанг, маданият ва санъат дар Тоҷикистони советӣ, ки эҷодиёти халқ буд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. В статье рассматривается вклад и личное участие Бободжона Гафурова в развитие культуры, цивилизации и искусства Советского Таджикистана, которые были творением народа.Мусиқӣ, суруд, рақс ва санъати тасвирии тоҷикон дар Шарқ чандин аср пеш маълум буд. Ба фикри санъатшиноси намоён академик Г. Пугаченкова, — ҳар сол ҷиҳатҳои нави ҳаёти мадании ниёгони халқи тоҷик, ва саҳми онҳо ба ганҷинаи маданияти ҷаҳони кашф карда мешаванд, барои хоҷагии халқи ҷумҳурии ҷавони Точикистон кадрҳои баландихтисос тайёр мекунанд. Барои инкишофи санъати халқи ҷумҳурӣ диққати махсус дода мешавад.

Бояд гуфт, ки сарфи назар аз шароити душвори ҷанг ва замони баъд аз ҷанг, аз рӯзҳои аввали роҳбарии Б. Ғафуров дар вазифаи котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон дар як қатор пленумҳо ва маҷлисҳои бюрои КМ Партияи Коммунистии Тоҷикистон мавзуи васеъ

ин муҳокима карда шудани масъалаҳои эҷодиёти халқ буд. Дар маҷмуъ, Б. Ғафуров ҳамчун яке аз маъруфтарин пешвоёни сиёсии Тоҷикистон ва ватандӯсти ҳақиқии Ватан барои рушди иқтисодиёт, илм ва фарҳангу санъати ҷумҳурӣ хидматҳои зиёде кардааст.

Мусиқӣ яке аз бахшҳои асосии тамаддуни тоҷикон буда, «таҳқиқ ва баррасии илмии ин бахши муҳимми тамаддуни тоҷику форс, ки дар сарчашмаҳои муътамади таърихӣ, адабӣ ва мусиқӣ ҳифз шудаанд, дар ибтидои солҳои 40-уми асри XX бештар ҷалби таваҷҷуҳи олим ва сиёсатмадори маъруф Бобоҷон Ғафуров («Таърихи мухтасари халқи тоҷик», «Қарори Ҳукумати Тоҷикистон дар бораи омӯзиши рассомии тоҷик» ва ғайра, маҳз ба шарофати саъю кӯшиши ӯ буд, ки он ба рафъи тасвири ҳунармандӣ равона карда шудааст»).

Калидвожаҳо: санъат, фарҳанг, маориф, академик Бобоҷон Ғафуров, рушд, рассомӣ.

ВКЛАД АКАДЕМИКА БОБОДЖОНА ГАФУРОВА В РАЗВИТИЕ ИСКУССТВА СОВЕТСКОГО ТАДЖИКИСТАНА

В статье рассматривается личный вклад и участие Бободжона Гафурова в развитие культуры и искусства Советского Таджикистана, которым являлось народное творчество. Музыка, песни, танцевальное и изобразительное искусство таджиков были широко известны на Востоке еще много веков тому назад. По словам видного искусствоведа академика Г.А. Пугаченковой, «с каждым годом открываются новые стороны культурной жизни предков таджикского народа, своеобразие и самобытность их искусства и их вклад в сокровищницу мировой культуры», подготовке высококвалифицированных кадров для народного хозяйства молодой таджикской республики. Особое внимание уделено вопросам развитие народного искусства республики.

Следует отметить, что, несмотря на трудных условиях военного и послевоенного времени, с первых дней руководства Б. Гафурова в качестве Первого секретаря ЦК КП(б) Таджикистана предметом широкого обсуждения в ряде пленумов и заседаний Бюро ЦК Компартии Таджикистана стали вопросы народного искусства.

В целом, Б. Гафуров как один из самых известных политических лидеров Таджикистана и истинный патриот своей родины очень много сделал для развития экономики, науки и культуры республики. Музыка является одной из основных частей таджикской цивилизации, «изучение и научное рассмотрение этого важного сектора таджикско-персидской цивилизации, сохранившегося до достоверных исторических, литературных и музыкальных источников, в начале 40-х годов XX века, больше всего привлекло внимание ученого и известного политика Бободжона Гафурова («Краткая история таджикского народа», «Постановление правительства Таджикистана по изучению таджикской живописи» и т.д., Именно благодаря его усилиям было направлено на устранение искажений, которые имели место в отношении таджиков»).

Ключевые слова: Искусство, культура, образование, академик Бободжон Гафуров, развитие, живопись.

THE CONTRIBUTION OF ACADEMICIAN BOBOJON GHAFUROV TO THE DEVELOPMENT OF ART IN SOVIET TAJIKISTAN

The article examines the personal contribution and participation of Bobojon Gafurov in cultural construction in Soviet Tajikistan, which was folk art. The music, songs, dance and visual arts of Tajiks were widely known in the East many centuries ago.

According to the prominent art critic Academician G.A. Pugachenkova, “every year, new aspects of the cultural life of the ancestors of the Tajik people, the originality and originality of their art and their contribution to the treasury of world culture are discovered,” training highly qualified personnel for the national economy of the young Tajik republic. Particular attention is paid to the development of folk art of the republic.

It should be noted that, despite the difficult conditions of war and post-war time, from the first days of the leadership of B.G. Gafurov as the First Secretary of the Central Committee of the Communist Party of Tajikistan, the subject of wide discussion at a number of plenums and meetings

of the Bureau of the Central Committee of the Communist Party of Tajikistan was the issue of folk art.

In general, B. Gafurov, as one of the most famous political leaders of Tajikistan and a true patriot of his homeland, has done a lot for the development of the economy, science and culture of the republic.

Music is one of the main parts of Tajik civilization, "the study and scientific consideration of this important sector of the Tajik-Persian civilization, preserved to reliable historical, literary and musical sources, in the early 40s of the XX century, most attracted the attention of the scientist and famous politician Bobojon Gafurov ("A Brief History of the Tajik People", "Resolution of the Government of Tajikistan on the Study of Tajik Painting", etc., It was thanks to his efforts that it was aimed at eliminating the distortions that took place in relation to the Tajiks").

Key words: arts, culture, education, academic Bobojon Ghafurov, development, painting.

Сведения об авторе: Абдубасиров Аброр Абдухамитович, кандидат исторических наук, доцент зав. кафедрой зарубежное регионоведение и внешней политики, Российско-Таджикского (Славянского) университета. Тел.: (+992) 555-55-57-63 (м.) abdubasirov89@mail.ru

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдубасиров Аброр Абдухамитович, номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи минтақашиносии хориҷӣ ва сиёсати хориҷии Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон. Тел.: (+992) 555-55-57-63 (м.) abdubasirov89@mail.ru

Information about the author: Abdubasirov Abror Abduhamitovich, candidate of historical sciences, associate, Head of the Department of Foreign Regional Studies and Foreign Policy, Russian-Tajik (Slavonic) University. Tel: (+992) 555-55-57-63 (m.) abdubasirov89@mail.ru

ТДУ –32 (2 тоҷ)
ТКБ – 66 (2 тоҷ)
К – 65

ТАШАККУЛИ ДИПЛОМАТИЯИ ДУҶОНИБА ВА БИСЁРҶОНИБА ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРЁБИИ МУНОСИБАТҲОИ МУОСИРИ БАЙНАЛМИЛХАЛҚИИ МИНТАҚА ВА ҶАҲОН

Комилзода Н.И., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Муносибатҳои байналхалқӣ системаи мукаммали алоқаҳо ва ба ҳам таъсиррасонии иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, дипломатӣ, ҳуқуқӣ, ҳарбӣ ва фарҳангие мебошад, ки дар байни субъектҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба амал меояд. На ҳамаи алоқаю робитаҳо ва муносибатҳои байниҳамдигарии субъектҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ хосияти сиёсӣ доранд. Яъне вобаста ба мазмун ва хусусиятҳо муносибатҳои байналхалқӣ самтҳо ва тамоюлоти гуногуни инкишофи оламро ифода менамоянд. [10, с. 24]

Муносибатҳои сиёсии байналхалқӣ бошад, яке аз зерсистемаҳои муносибатҳои байналхалқӣ буда, алоқаҳо ва муносибатҳои байни халқҳо, давлатҳо, иттиҳоди давлатҳо, байни ниҳодҳои гуногуни давлатӣ ва институтҳои дигари сиёсии ҷомеаро, ки дар арсаи ҷаҳонӣ фаъолият менамоянд, фаро мегирад. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки муносибатҳои байнахалқӣ, ки он низоми мураккаби муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи субъектҳои ҷаҳонӣ мебошад, асосан аз рӯи мазмун ва моҳияти худ дар чаҳор шакли алоҳида зоҳир мегардад: навъи классикӣ, сиёсати хориҷӣ аз мавқеи қувваҳо (ҷанги сард), ҳамзистии осоишта ва сиёсати ҳамроҳнашавӣ. [3, с. 451]

Навъи классикӣ. Навъи мазкур ба принсипи «тавозуни қувваҳо» такя менамояд. Он дар зарфи се садсолаи охири таърихи Аврупо бартарӣ дошт. Шумораи зиёди давлатҳои мустақили ба ҳам алоқаманд мавҷуд буданд. Аммо мақомоти олии байналхалқӣ амал намекард. Давлатҳо барои ҳимояи манфиатҳо ва амалӣ гардонидани мақсадҳо, асосан ба қувва ва истифодаи зӯрӣ такя менамуданд. Дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ баробарии қувваҳои давлатҳои мустақил бартарӣ дошт.

Навъи сиёсат аз «мавқеи қувваҳо» ё ҷанги сард. Ин навъи муносибатҳои байналхалқӣ дорои хосиятҳои зерин мебошанд: муносибатҳои дорои хосияти умумӣ, ки сохтори ҷамъиятии ду гурӯҳи мамлакатҳоро фаро мегирад; муттаҳид гаштани қувваҳои ҳарбӣ дар атрофи ду давлати бузург; ҷараёни муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳо ба воситаи муносибатҳо бо ИҶШС бо ИМА (айни замон Руссия ва ИМА); назорат аз рӯйи муносибатҳои байни давлатҳо аз тарафи давлатҳои бузург; паст ва ночиз гаштани нақши давлатҳои бетараф ва миёна дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ.

Навъи фаъоли «ҳамзистии осоишта». Он дорои як қатор хосиятҳо мебошад. Аз ҷумла, давлатҳои сохти иҷтимоиашон гуногун аз ҷанг ҳамчун воситаи сиёсати хориҷӣ даст мекашанд; ҳамаи давлатҳо баробаранд ва чунин ҳолатро эътироф ва риоя мекунанд; давлатҳо ба корҳои дохилии якдигар дахолат намекунанд; истиқлолият ва дахлнопазирии ҳудудии якдигарро эҳтиром менамоянд ва байни онҳо ҳамкориҳои иқтисодию сиёсӣ инкишоф меёбад.

Навъи «сиёсати ҳамроҳнашавӣ», ки дорои хосиятҳои зерин мебошад: ҳангоми рӯвориҳои сиёсӣ ба ягон мақсадҳои идеологӣ тобеъ нагаштан; вобаста ба манфиатҳои хеш озодии интихоби ҳаракат ва фаъолияти давлатиро муайян намудан; мубориза баҳри инкишофи озодии иқтисодӣ ва демократӣ намудан.

Бояд ёдовар шуд, ки дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ сиёсати байналхалқӣ мақоми махсусро касб намудааст. Сиёсати байналхалқӣ, пеш аз ҳама, дар шакли ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи давлатҳои алоҳида баромад менамояд. Ҳамчунин, ҳамкориҳои гуногуни давлат бо субъектҳои мухталифи арсаи ҷаҳонӣ моҳияти сиёсати байналхалқиро ифода менамояд. Гузашта аз ин, сиёсати байналхалқӣ ҷавҳари асосии муносибатҳои байналхалқист. Сиёсати байналхалқӣ фаъолияти сиёсии субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ, аз қабили давлат, ташкилотҳои байниҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ, иттифоқҳои гуногуни байналхалқӣ, созмонҳои гуногуни умумиҷаҳонию минтақавӣ ва ғ. мебошад, ки ба масъалаҳои мураккабтарини инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ пайваста аст. Низоми мураккаби ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи давлат ҷузъи таркибии сиёсати байналхалқӣ мебошад. Зеро дар сиёсати байналхалқӣ ҳалли низоъҳои сиёсӣ, масъалаҳои ҷангу сулҳ, ҳифзи муҳити атроф, бартараф намудани қашшоқӣ, ақибмондагӣ, гуруснагӣ ва раҳоӣ аз ҳар гуна бемориҳои гузаранда аҳамияти муҳим пайдо менамояд. Яъне, сиёсати байналхалқӣ барои ҳалли чунин масъалаҳо, ба монанди ҳифзи сулҳу субот, таъмини пешрафти ҷомеаи ҷаҳонӣ, мутобиқатнамоии манфиатҳо ва талаботи субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ, бунёди низоми нави ҷаҳонӣ бояд заминаи муосид фароҳам оварад.

Сиёсати байналхалқӣ қисми таркибии сиёсати хориҷии давлатҳои алоҳида мебошад. Он дар зери таъсири омилҳои объективӣ ва субъективӣ ташаккул меёбад. Ба омилҳои объективӣ сохти ҷамъиятию сиёсӣ, сатҳи инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда, омилҳои демографӣ, таърихӣ, илм ва техника, иқтидори ҳарбии давлат, шароитҳои географии, миллӣ ва ғ. дохиланд. Ба омилҳои субъективӣ фаъолияти бошууронаи неруҳои сиёсӣ ва давлатҳои алоҳида дохил мегарданд.

Бояд гуфт, ки яке аз хосиятҳои асосии фаъолияти берунии давлатро эътироф ва риояи принсипи бартарияти арзишҳои умумибашарӣ нисбат ба арзишҳои махсус ташкил менамояд. Таҷрибаи рушду инкишофи таърих нишон медиҳад, ки пеш гирифтани воқеигардонии мақсадҳои шовинистӣ ва миллатгароии канора дар сиёсати берунии давлат манфиатҳои умумибашариро хароб намуда, зиддиятҳои минтақавӣ ва умумиҷаҳониро тезутанд менамояд, низоми муносибатҳо ва ҳамкориҳоро ба ҳолати буҳронӣ рӯ ба рӯ менамояд, ки дар маҷмӯъ онҳо проблемаҳои умумиҷаҳонии муосирро ташкил медиҳанд. Муносибатҳои байналхалқии ҷаҳони муосир ба ҳамаи давлатҳо ва акторҳои дигари сиёсати байналхалқӣ имконият медиҳанд, ки

масъалаҳои умумиҷаҳониро мавриди муҳокима қарор диҳанд ва дар ҳалли онҳо саҳми бештар дошта бошанд. [8, с. 112]

Дар амал татбиқ намудани чунин амал ба воситаи сиёсати хориҷии давлат таъмин карда мешавад. Сиёсати хориҷии давлат мақсади муайян дошта, вазифаҳои аниқро иҷро менамояд. Давлат дар фаъолияти хориҷии худ аз воситаҳои гуногун истифода менамояд. Сиёсати хориҷии давлат шароити муосиди байналхалқиро барои инкишофи давлат муҳайё менамояд. Манфиатҳои давлатро дар арсаи байналхалқӣ ҳифз менамояд ва барои афзудани мақом ва нақши он кӯшиш ба харҷ дода мешавад. Сиёсати хориҷии давлат дар ду шакл зоҳир мегардад: дар шакли ҳамкорӣ ва дар шакли рақобат ва душманӣ. Аммо ҳамкорӣ ҳамчун шакли махсуси сиёсати берунии давлат дар шароити муосир афзалияти бештар дорад ва бо ин роҳ мавқеи байналхалқиии давлат хубтару беҳтар мустаҳкам карда мешавад. Давлатҳои алоҳида метавонанд, танҳо бо як давлат ва ё бо шарикони стратегии худ ҳамкориҳои дуҷониба ба роҳ монанд. Инчунин, ҳамкориҳои бисёрҷониба низ дар доираи фаъолияти давлатҳои гуногун дида мешавад. Дар шароити муосир ҳар як давлат дар сиёсати хориҷии худ ҳар ду шакли ҳамкориҳои байнидавлатиро ҳамаҷониба ташаккул медиҳад.

Аммо фаромӯш набояд кард, ки сиёсати хориҷии давлат ҷузъи таркибии сиёсати байналхалқӣ ба шумор меравад ва онҳо механизмҳои хосаи худро доро мебошанд. Яке аз рукнҳои асосии сиёсати байналхалқиро ривоҷ додани муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо ҳамаи мамлакатҳои пешқадам, умумиятҳои калони иҷтимоӣ ва воҳидҳои иҷтимоию маъмурӣ ташкил медиҳанд. Дар баробари уҳдадориҳои байналмиллалӣ бояд салоҳиятҳои дохилии давлат дар пайвастагӣ бо вазифаҳои хориҷии он таҳким ёбанд. Аз ин лиҳоз, вазифаҳои муҳимтарини давлатро таъмини амнияти миллӣ ташкил медиҳад. Давлат бояд иқтидори мудофиавии заруриро дошта бошад, то ки ҷомеаро аз ҳар гуна таҷовузҳои беруна ҳимоя намояд.

Сиёсати байналхалқӣ бо воситаҳои гуногун, аз қабили: воситаҳои сиёсӣ, идеологӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ ва ғ. ба амал бароварда мешавад. Сиёсати байналхалқӣ, ки ба сифати зерсистемаи муносибатҳои байналхалқӣ амал менамояд, табиист, ки тамоми ҳодисаҳо, равандҳои байни давлатҳо ва байни умумиятҳои иҷтимоӣ, миллию этникиро фаро гирифта наметавонад. Аз ин рӯ, дар самти ҳифзи сулҳ ва таъмини амнияти байналхалқӣ дар баробари давлатҳои алоҳида, инчунин мақом ва нақши Шурои Амнияти СММ, созмонҳои дигари ҷаҳонӣ ва минтақавӣ хеле барҷаста мебошанд. [7, с. 134]

Сиёсати байналхалқии давлатҳои мустақил воситаи муҳимми пешгирии ҷанг, таҷовуз ва ҳар гуна низоъҳои сиёсӣ мебошад. Он муносибатҳои давлатҳоро дар асоси принсипҳо, методҳо ва низоми муайян танзим менамояд. Яке аз омилҳои санҷидашуда ва боэътимод дар сиёсати байналхалқӣ дипломатия мебошад. Дипломатия дар муносибати байни давлатҳо ва миллатҳо яке аз падидаҳои қадимтарини таърихи инсоният ба шумор меравад. Миссияҳои дипломатӣ ҳанӯз аз охири асри XV оғоз ёфта буд. Дар сиёсати байналхалқӣ дар давраи баъди Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ масъалаи ҳимояи ҳуқуқи инсон аҳаммияти муҳим пайдо намудааст. Бинобар ин, аз ҳамин давра сар карда ҳуқуқҳои мухталифи одамон дар ҳуҷҷатҳои гуногуни байналхалқӣ мустаҳкам гардида, риояи онҳо дар сиёсати берунии давлатҳо ба таври қатъӣ талаб карда мешавад.

Сиёсати хориҷӣ бошад, нисбат ба сиёсати байналхалқӣ каме маҳдудтар мебошад. Муносибати як давлат бо давлати дигар ва ё бо давлатҳои дигар, амалу рафтори он нисбати дигар давлатҳо бо сиёсати хориҷӣ ифода меёбад. Махсус бояд таъкид намуд, ки фаъолияти сиёсии давлат ҳам дар системаи муносибатҳои дохилии ҷомеа ва ҳам берун аз сарҳадоти он - дар системаи муносибатҳои байналхалқӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, сиёсати дохилӣ ва сиёсати хориҷии давлатро аз ҳам фарқ менамоянд. Аммо фаромӯш набояд сохт, ки сиёсати хориҷии давлат идомаи мантиқии сиёсати дохилии он мебошад. Онҳо то андозае ба ҳам монанданд, лекин аз рӯйи моҳияти худ аз якдигар фарқ мекунанд. Сиёсати беруна нисбат ба сиёсати дохилӣ дуюмдараҷа буда, баъдтар ташаккул меёбад ва дар шароити дигари ҷамъиятӣ амалӣ мегардад. Лекин ҳам сиёсати дохилӣ ва ҳам сиёсати хориҷӣ ба ҳалли як вазифаи асосӣ - нигоҳдорӣ ва танзимнамоии системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ равона карда мешаванд. Сиёсати беруна

муносибати давлатро бо кишварҳои дигар ба танзим медарорад, ҳимояи талабот ва манфиатҳои давлатро дар арсаи байналхалқӣ таъмин менамояд [5, с. 32]

Маҳз аз рӯи сиёсати хориҷӣ давлат дар арсаи байналхалқӣ барои худ нақш ва мавқеи хосаро касб менамояд. Тули солҳои охир самти сиёсати хориҷии давлатҳои абарқудрат асосан ба паҳннамоиву ташаккули арзишҳои онҳо равона карда шудааст. Нисбат ба чунин падида қайд кардан зарур аст, ки ташаккули сиёсати хориҷии давлат, пеш аз ҳама, аз сатҳи инкишофи сиёсати дохилӣ вобаста аст. Ҳар чи қадаре, ки давлат сиёсати дохилии худро дар сатҳи баланд ба роҳ монад, вазифаҳои дохилии худро низ дар сатҳи баланд иҷро намояд, ҳамон қадар самаранокию маҳсулнокии сиёсати хориҷии он боло бурда мешавад. Инчунин, таҳкиму устувории сиёсати дохилии давлат то андозае аз сиёсати хориҷии он низ вобаста мебошад. Масалан, ҳамкориву имзои созишномаҳои ҳаётан муҳим барои инкишофи сиёсати дохилӣ хеле муҳим ба шумор меравад.

Сиёсати хориҷӣ ин самти умумии фаъолияти давлат дар корҳои байналхалқӣ ба ҳисоб меравад. Он муносибати давлатро бо дигар давлатҳо ва миллатҳо мувофиқи принсип ва мақсадҳои давлат танзим менамояд. Сиёсати хориҷии ҳар як давлат ва хусусиятҳои муҳимми он аз сиёсати дохилии он, сохтори давлатию ҷамъиятӣ вобаста мебошад. Масалан, баъзан як гурӯҳ давлатҳо танҳо бо давлатҳое ҳамкорӣ менамоянд, ки агар сохтори сиёсии онҳо демократӣ бошад. Асосан давлатҳои демократии Аврупоӣ Ғарбӣ чунин мавқеъро ишғол намуда, танҳо бо давлатҳои демократӣ ва ё дар ҳоли рушди демократӣ қарордошта амалӣ менамоянд. Дар чунин ҳолат сиёсати хориҷӣ манфиат ва арзишҳои миллиро бо манфиат ва арзишҳои умумибашарӣ, махсусан дар масъалаҳои бехатарӣ, ҳамкорӣ ва бунёди сулҳ, дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ, ки дар раванди пешрафти иҷтимоӣ пайдо мешаванд, алоқаманд менамоянд.

Бояд тазаккур дод, ки дар ҳама ҳолат ҳамкорӣ шакли махсуси муносибатҳои байнидавлатӣ ва байналхалқӣ доимо дар раванди ташаккули системаи муносибатҳои байналхалқӣ афзалияти муҳим дорад. Дар илмҳои сиёсӣ ҳамкориҳои байнидавлатӣ ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор дода шуда, мақсад ва вазифаҳои он муайян карда шудааст. Мақсади асосии давлатҳои алоҳида пеш аз ҳама ҳимояи манфиатҳои миллӣ ба ҳисоб меравад. Бо назардошти ин мақсадҳои асосии ҳамкориҳои байнидавлатиро ба тариқи зайл муайян намудан мумкин аст:

– таъмини бехатарии давлат;

– кӯшиши мустаҳкамнамоии қобилиятҳои моддӣ, сиёсӣ, интеллектуалӣ ва ҳарбии кишвар;

– баланд бардоштани обрӯю эътибори давлат дар арсаи байналхалқӣ. [2, с. 5-8]

Яъне, дар шароити муосир ҳар як давлат барои таъмини рушду инкишофи худ ва амалӣ намудани мақсадҳои дар боло овардашуда бо давлатҳои гуногун ва созмонҳои мухталиф ҳамкориҳои дуҷонибаю бисёрҷониба амалӣ менамояд. Аммо дар амал татбиқ намудани мақсадҳои мазкур ба воситаи иҷроиши як қатор вазифаҳои муҳим таъмин карда мешавад. Бинобар ин, давлатҳои алоҳида дар асоси ташаккули ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба як қатор вазифаҳои хориҷиро иҷро менамоянд. Пеш аз ҳама, давлат чи дар дохили мамлакат ва чи дар берун аз он вазифаи муҳофизатиро иҷро менамояд. Бинобар ин, бо мақсади таъмини амният ва сулҳу субот давлатҳо дастаҷамъона бар зидди таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ мубориза бурда, дар самти таъмини амнияти минтақавӣ ва ё байналхалқӣ саҳмгузорӣ менамоянд.

Вазифаи дигари хориҷии давлат мустаҳкамнамоии иқтидори иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошад. Рушди иқтисодии кишвар ва устувории сиёсии мамлакат аз сиёсати хориҷии он ва сатҳу сифати ҳамкориҳои вай вобаста мебошад. Давлат ба воситаи ташаккули системаи ҳамкориҳои байнидавлатӣ фаъолияти самараноки иқтисодиёт ва болоравии вазъияти иҷтимоии ҷомеаро бояд таъмин намояд. Аз ин рӯ, давлатҳо дар раванди тақсимоти меҳнати байналхалқӣ, пайдонамоии сарчашмаҳои арзон ва босифат, таъмини шароити мусоид барои фурӯши маҳсулот, нигоҳдории сарчашмаҳои стратегии мамлакат иштирок намуда, бо роҳи амалӣ намудани ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба мақсадҳои худро дар амал татбиқ месозанд [12, с. 3-4]

Вазифахои иттилоотиву намояндагии сиёсати хориҷии давлат инъикоси худро дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ пайдо менамояд ва ба воситаи онҳо имиҷи муайяни

давлат дар арсаи байналхалқӣ таъмин карда мешавад. Мақомотҳои махсуси давлатӣ ҳукуматҳои худро оид ба нияту мақсадҳои мамлакатҳои дигар огоҳ месозанд. Вазифаи намояндагӣ тариқи таъсиррасонӣ ба афкори умум ва доираҳои сиёсии ин ё он мамлакат амалӣ карда мешавад. Вазифаҳои иттилоотию намояндагӣ дар чаҳорчӯбаи фаъолиятҳои фарҳангӣ ва илмӣ, гузаронидани гуфтушунидҳо ва имзои созишномаҳои мухталиф ба иҷро мерасанд. Давлатҳо бо иҷроиши ин вазифаҳо доираҳои мухталифи одамонро бо фарҳанг, таърих ва арзишҳои маънавии худ шинос менамоянд. Аз тарафи дигар, вазифаҳои мазкур барои имзои созишномаҳои байналхалқӣ, байниҳукуматӣ ва байнидавлатӣ шароити мусоид фароҳам меоваранд. [6, с. 45]

Инчунин, давлатҳо ба воситаи амалӣ намудани ҳамкориҳои байнидавлатӣ системаи алоқаҳои сиёсии худро ба танзим медароранд. Дар чунин шароит ҳамкориҳои байнидавлатӣ вазифаҳои танзимнамоиро иҷро менамояд. Иҷроиши ин вазифа имкон медиҳад, ки фаъолияти хориҷии давлат дар арсаи байналхалқӣ ба танзим дароварда шавад. Бинобар ин, батанзимдарорӣ ва таҳлилу ташхиси самтҳои муайяни инкишофи сиёсати хориҷии давлат аз ин вазифа вобаста мебошад. Нақши муҳимро дар амалисозии ин вазифа мақомотҳои марказии сиёсати хориҷӣ - Вазорати корҳои хориҷӣ, сафоратхонаҳо ва намояндагиҳои давлатӣ иҷро менамоянд.

Ҳамин тариқ, мақсад ва вазифаҳои хориҷии давлат бо дарназардошти воситаҳои асосии он амалӣ карда мешаванд. Бояд қайд намуд, ки ҳар як давлат воситаҳои амалинамоии сиёсати хориҷии худро дар асоси имкониятҳои мавҷуда интихоб менамояд. Аз ин рӯ, фаъолияти хориҷии давлат асосан тавассути чунин воситаҳо, аз қабили воситаҳои сиёсӣ, идеологӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ ва ғ. амалӣ мегарданд. [4, с. 435]

Махсус бояд таъкид намуд, ки таҳдиду хатарҳои замони муосир иқтидореро соҳибанд, ки давлатҳои алоҳида дар танҳоӣ аз уҳдаи бартараф намудани онҳо намебароянд. Бинобар ин, ҳамкориҳои байнидавлатӣ баҳри таъмини амнияти дастаҷамъӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллии давлатҳо ташаккул дода мешаванд. Яке аз чунин равандҳо глобализатсия мебошад. Глобализатсия то андозае истиқлолияти давлатӣ ва мустақилияти давлатро зери шубҳа қарор медиҳад ва аз ин рӯ, онро як навъ таҳдид ба истиқлолияти сиёсию давлатӣ низ унвон намудан лозим аст. Ин аст, ки давлатҳо дар сиёсати хориҷии худ то андозае дар муқобили ин раванд истодагарӣ намуда, бо он мубориза мебаранд. Масалан, глобализатсияи сиёсӣ дар шакли институтсионализатсияи сохтори муносибатҳои байналхалқӣ зоҳир мегардад. [1, с. 8-9]

Ҳамин тариқ, дар раванди ташаккулёбии глобализатсияи сиёсӣ системаи аврупоӣ ҳамчун системаи мукаммали байнидавлатӣ ва арзишҳои он ҳамаҷониба паҳн карда мешавад. Дар аксар маврид қабули баъзе аз арзишҳои аврупоӣ бо ҷомеаҳои ғайриаврупоӣ носозгор мебошанд, ки дар натиҷа ҳолати ногувореро ба миён меоваранд. Ҷомеаро харачу марач фаро мегирад ва одамон мустақилона нақш ва мавқеи худро муайян карда наметавонанд.

Умуман дар давраи глобализатсиякунонӣ рӯ овардан ба сиёсати хориҷӣ тавассути ташкили хадамот ва намояндагиҳои дипломатӣ рушди тоза касб менамояд. Дипломатияи дуҷонибаи байни кишварҳо ва дипломатияи бисёрҷониба дар сатҳи созмонҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ хусусиятҳои навро ба худ касб намуд. Айни замон бошад, давлатҳо дар заминаи ташаккули капитализми пешрафта барои ба даст овардани фоидаи бештар ба методҳои нави муносибатҳои ҷаҳонӣ рӯ оварда истодаанд ва бо роҳу воситаҳои мувофиқ ба замона ҳадафҳои стратегии худро амалӣ намуда истодаанд. Яке аз чунин шаклҳои муборизаҳои стратегӣ ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мебошад. Давлатҳо хеле зиёд кӯшиш менамоянд, ки ба воситаи амалӣ намудани ҳамкориҳои байнидавлатӣ соҳаи савдо ва сарчашмаҳои иқтисодии давлатҳои дигарро дар зери назорати худ қарор диҳанд. Дар чунин шароит глобализатсияи бозори ҷаҳонӣ ташаккул меёбад. Глобализатсияи бозори ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама, васеъшавии миқдори субъектҳои иқтисодиро ифода менамояд, ки ба талаботҳои он ҳам давлатҳои миллӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ бояд ҷавобгӯ бошанд.

Адабиёт:

1. Алмонд Г., Верба С. Гражданская культура и стабильность // Г.Алмонд, С.Верба
2. Андрей Б. Внешняя политика и экономические процессы // Мировая политика и международные отношения//Андрей Б. Москва, 2014. –С.5-8.
3. Зокиров Г.Н. Давлат. Қисми 1// Г.Н. Зокиров Душанбе, 2012. – С.451.

4. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ //Г.Н. Зокиров Душанбе, 2007. – С.425.
5. Лебедева М.М. История внешней политики// Лебедева М.М. Москва, 1991. – С.32.
6. Лебедова М.М. История внешней политики// Лебедова М.М. Москва, 1991. – С.45.
7. Саидов З.Ш. Внешняя политика Таджикистана в период ее становления как суверенного независимого государства// Саидов З.Ш. Душанбе, 2010. –С.134.
8. Парсонс Т. Система современных обществ//Т.Парсонс Москва, 1997. –С.112.
9. Сатторзода, А. Некоторые теоретические аспекты многовекторности во внешней политике государств Центральной Азии [Электронный ресурс] / А. Сатторзода. – Режим доступа: easttime.ru/analitic/1/206.html (дата обращения: 25.04.2024).
10. Ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://mfa.tj/tj/tashabbushoi-baynalmilalii-tojikiston/tashabbushoi-baynalmilalii-tojikiston.html (санаи мурочиат: 15.12.2023).
11. Усмонзода, Х.У. Укрепление внешней политики Таджикистана в эпоху меняющегося миропорядка [Электронный ресурс] / Х.У. Усмонзода. – Режим доступа: https://mts.tj/ru/3785/news/ (дата обращения: 22.08.2022).
12. Фергюсон И. Глобальное общество в конце двадцатого столетия // Международные отношения: социологические подходы//Фергюсон И. Под ред. проф. П.А.Цыганкова. – Москва, 1998. – С.8-9.
13. Цыганков П.А. Международные отношения// П.А. Цыганков. Москва, 1996. – С.24.

ТАШАККУЛИ ДИПЛОМАТИЯИ ДУҶОНИБА ВА БИСЁРҶОНИБА ДАР ШАРОИТИ ТАҒЙИРЁБИИ МУНОСИБАТҲОИ МУОСИРИ БАЙНАЛМИЛХАЛҚИИ МИНТАҚА ВАҶАҲОН

Мақолаи мазкур ба яке аз мавзуъҳои бисёр муҳим ташаккули дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷониба дар шароити тағйирёбии муносибатҳои муосири байналхалқии минтақа ва ҷаҳон бахшида шудааст. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки муносибатҳои байнахалқӣ, ки он низоми мураккаби муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи субъектҳои ҷаҳонӣ мебошад, асосан аз рӯйи мазмун ва моҳияти худ дар чаҳор шакли алоҳида зоҳир мегардад: навъи классикӣ, сиёсати хориҷӣ аз мавқеи қувваҳо (ҷанги сард), ҳамзистии осоишта ва сиёсати ҳамроҳнашавӣ.

Ҳадафи асосии навъҳои дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷониба баҳогузорӣ гардида, мушаххас гардидааст, ки ҳар ду навъи дипломатия дар ташаккули сиёсати хориҷии кишварҳо ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва хориҷӣ мусоидат менамояд.

Натиҷаи амалишавии муносибатҳои дипломатӣ ба манфиатки кишварҳои минтақа ва ҷаҳон ҳисобида шуда, рушди доимии он замина барои боз ҳам инкишофи робитаҳои дипломатӣ мегардад. Барои ташаккули дипломатияи дуҷониба ташкили сафоратхона ва консулгарӣ ва барои дипломатияи бисёрҷониба намояндагӣ дар назди созмонҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ лозим мебошад, ки воситаи асосии рушди навъҳои дипломатия мебошад.

Калидвожаҳо: сиёсати байналхалқӣ, дипломатия, дипломатияи дуҷониба, дипломатияи бисёрҷониба давлат, ҷомеаи ҷаҳонӣ, сиёсати хориҷӣ, демократӣ, ҳамкорӣ, низом, глобализатсия.

ФОРМИРОВАНИЕ ДВУСТОРОННЕЙ И МНОГОСТОРОННЕЙ ДИПЛОМАТИИ В МЕНЯЮЩИХСЯ УСЛОВИЯХ СОВРЕМЕННЫХ РЕГИОНАЛЬНЫХ И МИРОВЫХ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ

Данная статья посвящена проблеме формирования двусторонней и многосторонней дипломатии в меняющихся условиях современных региональных и мировых международных отношений. Анализ научной литературы показывает, что международные отношения, представляющие собой сложную систему двусторонних и многосторонних отношений между мировыми субъектами, главным образом по своему содержанию и сущности, предстают в четырех отдельных формах: классический тип, внешняя политика с позиций державы (холодная война), политика мирного сосуществования и неприсоединения.

Оценена и уточнена основная цель двустороннего и многостороннего видов дипломатии, что оба вида дипломатии способствуют формированию внешней политики стран и защите национальных и внешних интересов.

Результат реализации дипломатических отношений считается отвечающим интересам стран региона и мира, а его постоянное развитие становится основой дальнейшего развития дипломатических отношений. Для развития двусторонней дипломатии необходимо учреждение посольств и консульств, а для многосторонней дипломатии необходимо представительство перед региональными и мировыми организациями, что является основным инструментом развития видов дипломатии.

Ключевые слова: международная политика, дипломатия, двусторонняя дипломатия, многосторонняя дипломатия, государство, мировое сообщество, внешняя политика, демократия, сотрудничество, система, глобализация.

ORGANIZATION OF BILATERAL AND MULTILATERAL DIPLOMACY IN THE CHANGING CONDITIONS OF MODERN REGIONAL AND WORLD INTERNATIONAL RELATIONS

This article is devoted to one of the most important topics the development of bilateral and multilateral diplomacy in the context of changes in modern international relations of the region and the world. An analysis of scientific literature shows that international relations, which are a complex system of bilateral and multilateral relations between world actors, mainly in their content and essence, appear in four separate forms: the classical type, foreign policy from the position of a power (Cold War), the policy of peaceful coexistence and non-alignment.

The main goal of bilateral and multilateral types of diplomacy is assessed and clarified, that both types of diplomacy contribute to the formation of foreign policies of countries and the protection of national and external interests.

The result of the implementation of diplomatic relations is considered to meet the interests of the countries of the region and the world, and its constant development becomes the basis for the further development of diplomatic relations.For the development of bilateral diplomacy, the establishment of embassies and consulates is necessary, and for multilateral diplomacy, representation before regional and world organizations is necessary, which is the main tool for the development of types of diplomacy.

Key words: international politics, diplomacy, bilateral diplomacy, multilateral diplomacy, state, world community, foreign policy, democracy, cooperation, system, globalization

Маълумот дар бораи муаллиф: Комилзода Насим Иброҳим, муаллими калони кафедраи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. Тел: (992)985-41-51-93. **E-mail**: nasim.komilov.93@mail.ru;

Сведения об авторе: Комилзода Насим Иброхим, старший преподаватель кафедры международных отношений Кулябского государственного университета имени А. Рудаки. Тел: (992)985-41-51-93. **E-mail**: nasim.komilov.93@mail.ru;

Information about the author: Komilzoda Nasim Ibrohim, senior lecturer, department of international relations, Kulob State University named by A.Rudaki. Tel: (992) 985-41-51-93, **E-mail**: nasim.komilov.93@mail.ru;

ТДУ: 930 (2-тадж)
Т-65

ТАҲҚИҚОТИ ТАЪРИХӢ – ЭТНОГРАФИИ ТОҶИКИСТОНИ ҶАНУБӢ ДАР ОСОРИ ИЛМИИ Б.Х. ҚАРМИШЕВА

Шамсияи Т., унвонҷӯ
Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Таҳқиқоти ҷараёнҳои этникӣ, ки дар тули садсолаҳо мардумон ва халқиятҳо ташаккул ёфтаанд, имрӯз барои илми этнографияи Тоҷикистон як шохаи алоҳидаи таърих ба ҳисоб меравад. Қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ аз ҷиҳати этникиаш хеле рангоранг буда, то нимаи дуюми асри XX аз тарафи мардумшиносон ба тариқи амиқ зери риштаи таҳқиқ қарор нагирифта буд. Дар ҳақиқат ҳудудҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ то ба ҳол ба пуррагӣ аз тарафи мардумшиносон омӯхта нашудааст. Бостоншиноси рус Н.М. Виноградова аз соли 1979 ба таҳқиқоти бостоншиносии қисмати ҷануби Тоҷикистон даст задааст.

Солҳои 50-уми асри XX бо ҷаҳду талоши этнографи машҳури рус Билқис Халиловна Қармишева (1916-2000) омӯзиши этнографияи мардумони қисмати ҷанубӣ на танҳо Тоҷикистон, балки Ӯзбекистон саъю талоши зиёд кард. Маводҳои саҳроие, ки дар асоси маълумоти бостоншиносон, мардумшиносон, забоншиносоне, ки таи чандин солҳо Б.Х. Қармишева ҷамъ овардааст, аз он шаҳодат медиҳанд, ки мардуми ҳудудҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ таи якчанд садсолаҳои охир, дар натиҷаи муҳоҷирати қабилаҳои кӯчӣ ва нимкӯчӣ дар ҳудудҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ бо мардумони муқимии ин музофотҳо омехта шуда, ташаккул ёфтааст.

Ба Б.Х. Қармишева аз солҳои 1945 то 1971 муяссар гардид, ки бо ташаббуси шахсии худаш зиёда аз 15 маротиба ба ҳудудҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ дар ҳайати экспедитсияҳои мардумшиносӣ ва бостоншиносӣ сафар кунад. Ин мардумшиноси маъруфи рус хусусиятҳои хоси ин мардумонро, хусусан тарзи зисту зиндагӣ, урфу одатҳои қадима, забони муошират ва дигар маъхазҳо, мадракҳо ва маводҳои саҳроии ҷамъовардаашро хулосагирӣ карда ба нашр расонад [6, с. 15].

Б.Х. Кармишева асосан ду гурӯҳи этникии бузурги ҳудудҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ – эронизабонҳо ва туркзабонҳоро зери таҳқиқот қарор дода, дар натиҷаи муқоисаи урфу одат, тарзи зисту зиндагӣ ва забони муошират онҳо хулосаҳои муҳимми илмӣ бароварда, хазинаи илми мардумшиносии тоҷиконро ғанӣ гардонидааст.

Ҳамин тариқ, меҳвари таҳқиқоти мардумшиноси барҷастаи рус Б.Х. Қармишеваро омӯзиши ду гурӯҳи этникие, ки дар ҳудудҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ - эронизабонҳо ва туркзабонҳо ташкил кардаанд, ки онҳо дар тули таърих алоқаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва этникиашонро то ба ҳол гум накардаанд. Б.Х. Қармишева ба ғайр аз маводҳои саҳроии ҷамъовардааш аз маводҳои таърихнигорони асримиёнагии форсу тоҷик ба мисли Муҳаммад Яқуб «Гулшан-ул-Мулук», [11, с. 15], «Бобур-нома» [2, с. 21], Абу-л-Фазл Байҳақӣ «Таърихи Масъудӣ» [1, с. 34].

Солҳои 30 - 50-уми асри XX бо ташаббуси Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АФ РСС Тоҷикистон як қатор экспедитсияҳо ба ҳудудҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ таъсис дода шуданд. Соли 1945 ба Тоҷикистони Ҷанубӣ оиди омӯзиши аҳолӣ ва гурӯҳҳои этникии туркзабон, аз ҷумла – лақайҳо ва баъдан ба омӯзиши қавмҳои семиз ва кесамир камар баста, таҳқиқоти этнографиашро солҳои 1947-1949 ва 1952-1953 идома додааст. Бо ташаббуси ин муаррих ва этнографи барҷастаи рус А.К. Писарчик экспедитсияи таҳқиқоти-этнографӣ ба ҳудудҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ, аз ҷумла ба вилояти Кӯлоб солҳои 1948-1949) таъсис дода шуд. Яке аз дастовардҳои илмии калоне, ки Б.Х. Қармишева ба даст овардааст, ин таъсис додани харитаи мардумшиносии ҳудудҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ мебошад. Дар ин харита оиди ҳудудҳои бекигариҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ дар нимаи дуюми асри XIX ва нимаи аввали асри XX маълумоти таърихӣ-этнографӣ ҷамъ карда шуда,

ҳамчунин оиди мардумону қабилаҳое, ки дар ин ҳудудҳо зиндагӣ мекарданд, маълумоти этнографӣ ба таври муфассал пешниҳод карда шудаанд. [8, с. 116]

Б.Х. Қармишева оиди ҷойгиршавии аҳолии қисмати ҷануби Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX ва нимаи аввали асри XX овардааст, ки теъдоди тоҷикон ва ӯзбекони дар ин ҳудудҳо зиндагӣ мекардагӣ, қариб бо ҳам баробар буда, аз тарафи хони Бухоро зери назорат қарор дода шуда буд. Сохтори қабилавии қабилаҳои ӯзбекзабон ба қабила ва авлодҳо ҷудо шуда, қавму оилаҳо аз тарафи сардори қабилаҳо кӯчманчӣ ва нимкӯчӣ назорат бурда мешуд.

Ба қавли Б.Х. Қармишева қабилаҳои ӯзбекҳои кӯчманчии чорводор ба ин ҳудудҳо муҳоҷират карда, дар ин музофотҳо сукунат ихтиёр карда, урфу одат, тарзи зисту зиндагӣ, забони муошират тоҷиконро аз худ карданд ва ин ҷараён ба ташаккули этногенези тоҷикон бе таъсир намонд. Қабилаҳои ӯзбекҳо дар давоми асрҳо урфу одати тоҷиконро ба зудӣ қабул карда ба ҳаёти муқимӣ гузаштанд. Қабилаҳои кӯчманчиҳои Дашти – Қипчоқ нисбат ба қабилаҳои ӯзбеки пештар муқимишудаи Тоҷикистони Ҷанубӣ урфу одатҳои қадимаи худро дертар дигар карданд, яъне барои сукунати ин қабилаҳои ӯзбек вақти зиёд лозим омад. [7, с. 43]

Яке аз бузургтарин дастовардҳои Б.Х. Қармишева дар он мебошад, ки ӯ тавонист дар осори илмии худ на танҳо оиди як халқият, мардумон ва ё гурӯҳҳои этникӣ, балки оиди фарҳангу тамаддун, урфу одати қадима, тарзи зисту зиндагӣ, ҳудудҳои зисти онҳо дар ҳудудҳои ҷануби Тоҷикистон, Ӯзбекитон ва ҳатто тамоми Осиёи Миёна маълумоти пурра додааст. Дигар дастоварди ин муҳаққиқ дар он мебошад, ки ӯ на танҳо таърихи ҷараёни ташаккулёбии халқи тоҷикро, балки дар муқоиса бо таърихи этникии мардумон қабилаҳои туркзабонро низ зери таҳқиқ қарор дода, дар осори илмии худ хулосаҳои назарраси илмиро пешниҳод кардааст.

Яке аз асари машҳури Б.Х. Қармишева «Очеркҳои таърихи этникии мардумони қисмати ҷануби Тоҷикистон ва Ӯзбекистон» мебошад, ки дар он натиҷаҳои таҳқиқоти саҳроии зиёда аз 15 солаашро дар бар мегирад. Дар ин асари гаронбаҳо оиди урфу одат, тарзи зисту зиндагӣ, ҳудудҳои сукунати на танҳо гурӯҳҳои этникии форсизабон, балки қабилаҳои туркзабони ӯзбек маълумоти дақиқи илмӣ пешниҳод карда шудааст. [6, с. 23]

Б.Х. Кармишева дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидааш дар ҳудудҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ дар баъзе аз масъалаҳои то ба ҳол баҳсталаби этнологӣ равшанӣ андохтааст. Масалан, оиди «ба кӯҳдоман маҷбуран ронда шудани тоҷикон аз тарафи қабилаҳои муғул ва туркзабонҳои чорводор» Б.Х. Қармишева хулосаҳои худро пешниҳод кардааст. Ба қавли муаррих тоҷикон аз даврaҳои пеш аз ҳуҷуми муғулҳо (асрҳои XIII-XIV) ба Осиёи Миёна дар кӯҳистон зиндагӣ ва умр ба сар мебурданд ва дар натиҷаи шароити иқлими ниҳоят вазнин аз кӯҳистон ба ҳамвориҳо фаромада дар ҳамсоягӣ бо мардумони қӯчманчӣ ва нимкӯчии чорводорон иқомат кардаанд. Дар натиҷа, ин мардумон оҳиста-оҳиста бо ҳам омехтагии этникӣ пайдо карданд, ки ин ба этногенез ва ташаккули мардумони тоҷику ӯзбек бетаъсир намондааст. [6, с. 119]

Масъалаи дигаре, ки муаррих зери таҳқиқоти худ қарор додааст, ин дар ҳудудҳои Тоҷикистони ҷанубӣ пайдо шудани қавму қабилаҳои «чаға-тай» буд. Яке аз аввалинҳо шуда, оиди пайдоиши ин қабилаҳо А.Ю. Якубовский маълумот додааст, ки тибқи таҳқиқоти ин муаррихи рус ин қавму қабилаҳо то асри XV дар асоси 4 қабилаҳои муғулинажод – барлос ҷалаир, каучин ва орлат ташаккул ёфтаанд. Ин қабаилаҳо асоси лашкари Чағатой-хонро таъсис дода буданд. То солҳои 60-70-уми асри XIV ин қабилаҳо ба забони муғулӣ муошират мекарданд. Баъдан, пас аз суст шудан ва параокандагии империяи Темур ин қабилаҳо бо қабилаҳои туркзабони дар ҳудудҳои Мовароуннаҳр зиндагӣ мекардагӣ байни ҳамдигар ба забони туркӣ муошират мекарданд. [12, с. 10]

Б.Х. Қармишева қайд кардааст, ки дар сарчашмаҳои таърихии асри XVIII – XIX, аз ҷумла «Тухфату-л-хонӣ»-и А. Сомӣ, омадааст, ки қавму қабилаҳои туркзабони «ҷалаир» дар Минанқол, «кененгис» дар Шаҳрисабз, «манғит» дар Қаршӣ, «дурмен» дар Қабодиён, «юз» ва «утарчӣ» дар Ҳисору Уротеппа, «қунғурот» дар Бойсун сукунат карда, тарзи зисту зиндагии кӯчии худро иваз карданд. Дар натиҷаи сукунат дар ин ҳудудҳо ва иваз кардани

арзи зисту зиндагӣ, ҳамчунин омехтагӣ бо мардумони маҳаллӣ онҳо ба тарзи зисту зиндагии нимкӯчӣ ва муқимӣ гузаштанд. Ин мардумшиноси маъруф таърихи ҷараёни муқимишавии қабилаҳои кӯчманчии чорводори туркзабонро бо мардумони кишоварзи маҳаллӣ инъикос кардааст. [7, с. 98]

Қабилаҳои туркзабоне, ки дар ҳайати лашкари Темур дар асрҳои XIV- XVI меҷангиданд, пас аз парокандашавии ин империяи бузург дар ҳудудҳои Қаршӣ, Шаҳрисабз, Сурхандарё, Сирдарё ва Тоҷикистони ҷанубӣ сукунат карда монданд. Б.Х. Қармишева пайдоиши мардумони «чаға-тай» -ро дар натиҷаи омехтагии ин қабилаҳои ӯзбектабор бо мардумони муқимӣ, аз ҷумла тоҷикони ин музофотҳо медонад. Пайдоиши ифодаи «чаға-тай» ба давраи империяи Темур мутааллиқ мебошад. Пайдоиши қабилаҳои «чаға-тай»-ҳо аз муғултаборҳо иборат буда, онҳо то асрҳои XIX-XX дар ҳудудҳои Ӯзбекистон ва ҷануби Тоҷикистон (Қабодиён, Қӯргонтеппа, Кӯлоб) зиндагӣ ва умр ба сар бурдаанд. Ин мардумони муқимишуда барои он худро «чаға-тай» меномиданд, ки онҳо худро аз қабилаҳои туркзабони Дашти-Қипчоқ, ки ба ин музофотҳо ворид шуда буданд, фарқ карда истанд [6, с. 224].

Ҳамин тариқ маълумот ва таҳқиқоти саҳроии Б.Х. Қармишева барои муайян кардани этногенез ва таърихи этникии на танҳо халқи тоҷик балки қавму қабилаҳои туркзабони дар ҳудудҳои Тоҷикистон зиндагӣ мекардагӣ, аҳаммияти илмии калонеро дорост.

Адабиёт:

1. Абу-л-Фазл Байхаки. История Масуда, 1030-1041. Перевод А.К. Арендеа, - Ташкент. 1962.-452с.
2. Бабур-наме. Записки Бабура. Пер. М. Салье.-Ташкент. 1958.-343с.
3. Виноградова Н.М. Работы отряда по изучению памятников эпохи бронзы ЮТАЭ весной 1979 г. Душанбе. –С.77-85.
4. Кармышева Б.Х. Кочевая степь Мавераннахра и её население в конце XIX — начале XX века (по этнографическим данным). М. 1976;
5. Кармышева Б.Х. О торговле в восточных бекствах Бухарского ханства в начале XX в. (по этнографическим данным). - М., 1979. -216с.
6. Кармышева Б.Х. Очерки этнической истории южных районов Таджикистана и Узбекистана (по этнографическим данным). М., 1976, -323с., 16 рис.
7. Кармышева Б.Х. К истории формирования населения южных районов Узбекистана и Таджикистана. СЭ. 1961. №6. –С.95-102 Узбеки локайцы Южного Таджикистана. ТИИАЭ АН Тадж. ССР.т.38.1954.
8. Кармышева Б.Х. Сведения об узбекских родах семиз и кесамир. ТИИАЭ. АН Тадж.ССР. Т.27.1953.-С.123-211.
9. Кармышева Б.Х. Очерки этнической истории южных районов Таджикистана и Узбекистана (по этнографическим данным). М., 1976, - С.32-33.
10. Мухаммед-Якуб. Гулшану ул-Мулук. Фонды Института востоковедения АН Уз. ССР д.. №1507., ф.. 121-6 . лл.13--54 .
11. «Тарих-и гузида»-и Нусрат-наме / Исследование, критический текст, аннотированное оглавление и таблица свободных оглавлений А.М. Акрамова. Ташкент, 1967. - 325с.
12. Якубовский А.Ю. К вопросу об этногенезе узбекского народа, Ташкент.1941, - 310с.

ТАҲҚИҚОТИ ТАЪРИХӢ – ЭТНОГРАФИИ ТОҶИКИСТОНИ ҶАНУБӢ ДАР ОСОРИ ИЛМИИ Б.Х. ҚАРМИШЕВА

Дар илми этнографӣ омӯзиши таърихи пайдоиши қавмҳо ва таркиби этникии аҳолии минтақа ҳамеша яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи илми этнография буд. Ҳанӯз дар соли 1948 экспедитсияи комплексии этнографӣ ташкил карда шуда буд, ки мақсади асосии он таҳқиқи ҳаматарафаи этнографии ҷануби Тоҷикистон, махсусан вилояти Кӯлоб бо мақсади муқаррар намудани мансубияти аҳолии ҳар як ноҳия ва деҳот буд.

Дар мақола муаллиф саҳми илмии Б.Х. Қармишеваро дар омӯзиши таърихи этникии на танҳо тоҷикон, балки дигар миллатҳои ҷануби Тоҷикистон ва Ӯзбекистон бориз арзёбӣ мекунад. Дар мақола маълумоти оморӣ оид ба омӯзиши этнографии ҷануби Тоҷикистон оварда шудааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки вазифаи экспедитсия муайян кардани ҳайати ҳар як гурӯҳи синфии қабила, оилавӣ ва территориявии мушаххас буд. Махсусан бо ташаббуси Б.Х. Кармышева рӯйхат ҷамъ оварда, тартиб дод шудааст, ки дар он ҳамаи колхозу маҳаллаҳои аҳолинишини вилояти Кӯлоб бо мансубияти қабилаю миллатҳои онҳо нишон дода шудаанд. Ин маводҳо имконият доданд, ки харитаи схематикии таркиби этникии аҳолии вилояти Кӯлоб бо нишон додани гурӯҳҳои асосии нажодӣ тартиб дода шавад.

Калидвожаҳо: этнография, таърих, гурӯҳҳои этникӣ, аҳолӣ, таҳқиқот, омӯзиш, таркиб, мансубият

ИСТОРИКО-ЭТНОГРАФИЧЕСКИЕ ИССЛЕДОВАНИЯ ЮГА ТАДЖИКИСТАНА В НАУЧНОМ НАСЛЕДИИ Б.Х. КАРМЫШЕВОЙ

В этнографической науке изучение истории появления этнических групп, этнического состава населения региона всегда являлась одним из приоритетных задач этнографической науки. Еще в 1948 году была формирована комплексная этнографическая экспедиция, основной целью, которой являлась сплошное этнографическое исследование южного Таджикистана, в частности Кулябской области с целью установления этнической принадлежности жителей каждого района и селения.

В статье автор отмечает о научном вкладе Б.Х. Кармышевой в изучение этнической истории не только таджиков, но и других этнических групп южного Таджикистана и Узбекистана. В статье приведены статистические данные об этнографическом исследовании юга Таджикистана.

Автор отмечает, что в задачу экспедиции было необходимо выяснить принадлежность к каждой определенной родо-племенной, семейно-родственной и территориальной сословной группы. Именно по инициативе Б.Х. Кармышевой был собран и составлен список, где были перечислены все колхозы и населенные пункты Кулябской области, с указанием родо-племенных и национальной принадлежности. Эти материалы позволили составить схематическую карту этнического состава населения Кулябской области с указанием основных этнических групп.

Ключевые слова: этнография, история, этнические группы, население, исследование, изучение, состав, принадлежность

HISTORICAL AND ETHNOGRAPHIC RESEARCH OF THE SOUTH OF TAJIKISTAN IN THE SCIENTIFIC HERITAGE OF B.KH. KARMYSHEVA

In ethnographic science, the study of the history of the emergence of ethnic groups, the ethnic composition of the region's population has always been one of the priority tasks of ethnographic science. Back in 1948, a comprehensive ethnographic expedition was formed, the main goal of which was a complete ethnographic study of southern Tajikistan, in particular the Kulyab region, with the goal of establishing the ethnicity of the inhabitants of each region and village.

In the article, the author notes the scientific contribution of B.Kh. Karmysheva to the study of the ethnic history of not only Tajiks, but also other ethnic groups of southern Tajikistan and Uzbekistan. The article provides statistical data on the ethnographic study of southern Tajikistan.

The author notes that the expedition's task was to determine the affiliation to each specific tribal, family-related and territorial class group. It was on the initiative of B.Kh. Karmysheva that a list was collected and compiled, which listed all the collective farms and settlements of the Kulyab region, indicating tribal and national affiliation. These materials made it possible to compile a schematic map of the ethnic composition of the population of the Kulyab region, indicating the main ethnic groups.

Key words: ethnography, history, ethnic groups, population, research, study, composition, affiliation

Маълумот дар бораи муаллиф: Шамсияи Тоирхон муаллими калони кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ. Суроға 735360 ҶТ. ш.Кӯлоб кӯчаи С. Сафаров 16. тел: 988858540.

Сведения об авторе: Шамсияи Тоирхон старший преподаватель кафедры истории таджикского народа Кулябского государственного университета имени А. Рудаки. Адрес 735360 РТ. г. Куляб ул. С. Сафарова 16, тел.: 988858540

Information about the author: Shamsia Toirkhon senior teacher of the department of history of the tajik people, Kulob State University named after A. Rudaki. Address 735360 RT. Kulob st. S. Safarov 16, tel.: 988858540

ТДУ:625.71.8+930(075.8)
К-33

СОХТМОН ВА НАВСОЗИИ РОҲҲОИ НАҚЛИЁТИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР ДАҲСОЛАИ АВВАЛИ ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИКИСТОН

Каримзода И.С., унвонҷӯй
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Истиқлоли Тоҷикистон ба мардуми шарифи тоҷик имконияти мустақилона муайян намудани самтҳои асосии рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангиро фароҳам овард. Аммо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни татбиқи дигаргуниҳои сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ ба як қатор мушкилиҳои иқтисодию сиёсӣ дучор гардид. Вазъи ногуворро сар задани ҷанги шаҳрвандӣ боз ҳам вазнинтар намуда, бар асари ин ҳаводиси нангин соҳаи нақлиёт дар ҷумҳурӣ, бахусус дар вилояти Хатлон фалаҷ гардид. Новобаста ба ин мушкилиҳои мавҷуда Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи нақлиётро яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти худ шуморида, барои беҳтар намудани вазъи роҳҳои нақлиётии ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон чораандешӣ намуд.

Албатта, соҳаи нақлиёт яке аз заминаҳои асосӣ ва муайянкунандаи рушди иқтисодӣ буда, пешрафти он дар навбати худ воситаи мусоидат ба савдои дохилӣ ва хориҷӣ, омили асосии рушди муносибатҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва транзитии байналмилалии кишвар ба ҳисоб меравад.

Аз ин лиҳоз, роҳбари давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ аз марҳилаи аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ масъалаи ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистонро яке аз самтҳои афзалиятноки рушд дониста, стратегияи аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намуд, ки он ду самти асосии фаъолияти соҳаи нақлиётро дар бар мегирифт:

якум, ташаккули шабакаи ягонаи роҳҳои автомобилгарди дохили кишвар ва пайваст намудани он ба шоҳроҳҳои байналмилалӣ;

дуюм, ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсия ва созишномаҳои байналмилалӣ оид ба равобити нақлиётӣ [1].

Даҳсолаи аввали соҳибистиқлолӣ барои сокинони вилояти Хатлон солҳои ниҳоят вазнин буданд ва барқарорсозии иншооту муассисаҳои ҳаётан муҳимми иқтисодиву иҷтимоӣ заҳмату машаққатҳои шабонарӯзиро тақозо мекард. Зеро, сар задани ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибатҳои он хоҷагии халқи кишварро пурра ба нестӣ оварда буд. Дар давраи нооромиҳои солҳои 1992-1995 иқтисодиёти вилояти Хатлон нисбат ба дигар минтақаҳои кишвар бештар зарар дида буд. Мувофиқи ҳисобҳо хисороте, ки дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ ба Тоҷикистон расидааст, беш аз 10 миллиард доллари амрикоӣ буда, беш аз 60 фоизи он ба вилояти Хатлон рост меояд [14].

Новобаста аз душвориҳои иқтисодӣ ва идомаи ҷанги шаҳрвандӣ бо пешниҳоди Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз дар соли 1993 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба татбиқи як қатор лоиҳаҳое шуруъ карда буд, ки дар замони мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ татбиқи онҳо мушкил ва хеле гаронарзиш ҳисобида мешуд. Лоиҳаҳои сохтмони роҳи оҳани Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар) – Кӯлоб, шоҳроҳи Кӯлоб – Қалъаи Хумб ва нақби Анзоб аз ҷумлаи чунин иншоотҳо буданд [2, с. 36].

Воқеан ҳам аз иншоотҳои муҳимми нақлиётии мамлакат, ки барои аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо намудани вилояти Хатлон зарур буданд, инҳо сохтмони роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб ва шоҳроҳи Кӯлоб – Қалъаи Хумб ба ҳисоб мерафтанд.

Қайд кардан лозим аст, ки тараққиёти ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ бевосита ба инкишофи роҳсозӣ, хусусан сохтмони роҳҳои оҳан вобаста аст. Бесабаб нест, ки роҳҳои оҳанро «рагҳои хунгард»-и мамлакатҳо меноманд.

Омили муҳимми пешрафти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон аз бисёр ҷиҳат ба ҳолати роҳҳо вобастагӣ дорад. Зеро, робитаҳои иқтисодии байни ноҳияҳо маҳз ба воситаи роҳҳои мошингард ва роҳи оҳан амалӣ мегардад.

Дар тули солҳои Истиқлоли давлатӣ ҳукумати мамлакат ба масъалаи пешрафти соҳаи роҳи оҳан, ки қисми зиёди боркашониву мусофирбариро иҷро мекунад, диққати махсус медиҳад ва барномаву нақшаҳои гуногунмуҳлати рушди ин соҳаро амалӣ мегардонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи оҳан ҷузъи муҳимми системаи нақлиёти кишвар мебошад. Роҳи оҳани Тоҷикистон, аз ҷумлаи соҳаҳои муҳимтарини иқтисоди миллӣ буда, саҳми он дар таҳкими имкониятҳои иқтисодии давлат бо гузашти замон инкишоф ёфта истодааст. Пешравии тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ба тараққиёти соҳаи роҳсозӣ, махсусан роҳи оҳан, вобастагии зич дорад. Дар шароити имрӯза рушди ҳамаҷонибаи ягон кишварро бе рушди инфрасохтори коммуникатсионӣ, дар навбати аввал, роҳҳои оҳан ва мошингард, таъмин намудан имконнопазир аст [13].

Бинобар ин, дар марҳалаи аввали соҳибистиқлолӣ зарурати сохтмони роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб ва шоҳроҳи Кӯлоб – Қалъаи Хумб ба миён омад.

Лоиҳаи сохтмони роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб соли 1990 аз тарафи лоиҳакашони Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Ташгипротранс» ва «Ташжилпроект» омода шуда буд. Сохтмони роҳ ба зиммаи собиқ Вазорати роҳи оҳани ИҶШС гузошта шуда, оғози он соли 1990 ва анҷоми он охири соли 1995 пешбинӣ гашта буд. Дар тули солҳои 1990 – 1994 ҳамагӣ 2 км роҳ сохта шуд [6, с. 409].

31-январи соли 1993 Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ ба вилояти Хатлон рафт. Эмомалӣ Раҳмон сафари кориашро аз шаҳри Кӯлоб оғоз намуда, ба масъалаҳои таъмини кори мунтазами роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб ва майдони ҳавоии Кӯлоб низ дахл кард [12, с. 54].

Сарфи назар аз буҳрони амиқи иқтисодӣ ва сиёсӣ, соли 1993 Ҳукумати ҷумҳурӣ дар бораи идомаи сохтмони роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб қарор қабул кард, ки ташаббускори асосии он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон буд ва дар солҳои минбаъда ба сохтмони роҳи оҳан диққати махсус зоҳир намуд [5].

Эмомалӣ Раҳмон 16-октябри соли 1997 бо сафари корӣ ба вилояти Хатлон рафта, бо мақсади аз наздик шинос шудан ба рафти корҳои сохтмонии роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб аз бунёди пул дар қитъаи 63-юми роҳ дидан кард. Дарозии ин пули роҳи оҳан 270 метрро ташкил медиҳад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин ба ҷараёни корҳо дар қитъаи сохташавандаи истгоҳи ояндаи «Саргазон», бахусус корҳои релсхобонӣ мароқ зоҳир кард. Сарвари давлат бо мушкилиҳои сохтмончиён шинос шуда, дастур доданд, ки сохтмон сари вақт бо маблағ таъмин гардад ва шароити зиндагии коргарон беҳтар карда шавад [11, с. 168].

7-уми сентябри соли 1998 марҳалаи аввали роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб, ки то деҳаи Саргазони ноҳияи Данғара мерасид, бо дарозии 54 километр ба истифода дода шуд. Дар маросими ифтитоҳи он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, раиси Маҷлиси Олӣ Сафаралӣ Раҷабов, сарвазир Яҳё Азимов, коргарони роҳи оҳан ва намояндагони ҷомеаи кишвар иштирок намуданд. Баъд аз ин дар моҳи октябри соли 1998 Ҳукумати Ҷумҳурӣ дар

бораи тадбирҳои вусъат бахшидан ба анҷоми сохтмони хатти роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб қарор қабул кард. Президенти кишвар супориши қатъӣ дод, ки то рӯзи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1999 анҷоми бечунучарои сохтмони марҳалаи дуюми ин объект (Саргазон – Кӯлоб) таъмин карда шавад. Аз ҳама муҳимаш ба Вазорати молия, Бонки миллӣ ва Раёсати роҳи оҳани Тоҷикистон супориш дода шуд, ки маблағгузории сохтмонро мутобиқи нақшаи иҷрои корҳои сохтмонию насбкунӣ таъмин намуда, сохтмонро тибқи нақшаи аз ҷониби Президенти Тоҷикистон тасдиқшуда амалӣ гардонанд.

Ин қарор нуқтаи таҳаввуле шуд дар сохтмони мазкур. Ҳангоме, ки Президенти кишвар 13-уми марти соли 1999 бо корҳои сохтмонӣ дар қитъаи роҳи Саргазон – Кӯлоб шинос шуд, дар сохтмони роҳ 46 ташкилотҳои сохтмонии вилоятию ҷумҳуриявӣ дар ду баст кор мекарданд. Бо мақсади тезонидани рафти кори сохтмон, Эмомалӣ Раҳмон бори дигар аз сохтмони роҳи оҳан дар қитъаҳои гуногуни он 15 июни 1999 дидан кард. Ӯ дар ҳамин сафараш ба истгоҳи роҳи оҳани шаҳри Кӯлоб, ки сохтмонаш моҳи сентябри соли 1998 оғоз гардида буд, ташриф овард. Аз 1 миллиону 350 ҳазор доллари барои сохтмони он ҷудо шуда аллакай 75 фоизаш истифода гардида буд. Президент вазифа гузоштанд, ки сохтмони истгоҳи роҳи оҳани шаҳри Кӯлобро то 10-уми августи соли 1999 ба анҷом расонанд [4, с. 781]. Сохтмони истгоҳи роҳи оҳани шаҳри Кӯлобро корхонаи сохтмонии Эрон ба уҳда дошт.

Бо ҳамин кӯшишҳои пайгиронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон сохтмони роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб ва истгоҳи роҳи оҳан дар шаҳри Кӯлоб дар муҳлати муайянгардида, то рӯзи ҷашни Истиқлоли давлатӣ ба анҷом расонида шуд.

Дар роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб 2 пули калон, 28 пули миёна ва беш аз 200 адад иншооти обёрӣ бунёд карда шуд. Пули аз ҳама калон дар болои дарёи Вахш дар наздикии Сарбанд сохта шуд. Масолеҳи сохтмони роҳро аз шаҳри Воронежи Федератсияи Россия меоварданд. Роҳ аз шаҳраки Сарбанд оғоз гардида, тавассути ноҳияи Бохтар, шаҳракҳои Сангтуда, Саргазон, Данғара, ноҳияи Фархору Восеъ то шаҳри Кӯлоб тул мекашад. Дар сохтмони роҳ 20 ҳазор тонна релс, 300 ҳазор адад шпал истифода шудааст [6, с. 410].

Рӯзи 7-уми сентябри соли 1999 марҳалаи дуюми ба истифодадиҳии роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб кушода шуд ва мусофирҳои поезди аввалини ин роҳ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, раиси Маҷлиси Олӣ Сафаралӣ Раҷабов, сарвазир Яҳё Азимов ва сафирони давлатҳои бо Тоҷикистон дӯст буданд. Онҳо ба истгоҳи роҳи оҳани шаҳри Кӯлоб расида дар маросими ифтитоҳии он ширкат варзиданд.

Президенти кишвар дар суханронии худ ба кори роҳсозон баҳои баланд дода, қайд намуданд, ки «бинокорони мо дар зарфи 45 рӯз аз болои дарёи Вахш дар ноҳияи Сарбанд кӯпрук сохта, ба истифода доданд. Агар ин сохтмон дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ анҷом меёфт, сохтмони ин иншоот бо назардошти имкониятҳои бойи техникии он вақтҳо тақрибан чордаҳ сол давом мекард» [7, с. 164].

Инчунин оид ба аҳаммияти калони иҷтимоию иқтисодӣ ва стратегии ин роҳ суханронӣ намуда, Сарвари давлат изҳор доштанд, ки «ба кор андохта шудани ин хатти роҳи оҳан ба мо имконият медихад, ки дар оянда кони намаки Хоҷамуъминро бо иқтидори пурраш истифода бурда, даҳҳо объектҳои саноатӣ созем. Хотиррасон кардан мехоҳам, ки захираи кони намаки хушсифати дар боло зикршуда 31 миллиард тоннаро ташкил медиҳад, ки вай дар давоми сад сол аҳолии тамоми сайёраро бо ин маҳсулот таъмин мекунад» [7, с. 169].

Воқеан ҳам ҳар як қаторае, ки аз ин хатти роҳи оҳан мегузарад, ба ҳар ду самт ҳазорҳо мусофир ва садҳо тонна бор кашонда, харочоти наклиётро якчанд маротиба кам мекунад. Табиист, ки маблағҳои аз сарфаю саришташуда ва даромади бо ин роҳ ба даст овардаи роҳи оҳан ба дигар корҳо равона карда мешавад.

Пас аз ҳафтод сол дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин роҳи оҳан 7-уми сентябри соли 1998 марҳалаи якуми роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб аз истгоҳи Қӯрғонтеппа то Саргазон ва 7-уми сентябри соли 1999 марҳалаи дуюми он то шаҳри Кӯлоб ба истифода супорида шуд, яъне кишвари мо дар шароити вазнинтарин соҳиби 132 километр роҳи оҳани замонавӣ гардид.

Ҳамзамон, рӯзи 25 августи соли 1999 вилояти Хатлон ба воситаи маршрути поезди Қӯрғонтеппа – Конибодом бо шимоли ҷумҳурӣ пайваст гардид [4, с. 783].

Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, танҳо давлате, ки роҳи иртибот бо кишварҳои дигар дорад, метавонад дар рушд ба комёбиҳо ноил шавад. Шабакаи роҳҳое, ки ҳукумати ҷумҳурӣ аллакай сохтааст ва сохта истодааст, навсозии Роҳи Бузурги Абрешим хоҳад шуд.

Дигар иншооти ҳаётан муҳимми соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даҳсолаи аввали соҳибихтиёрӣ ин шоҳроҳи Кӯлоб – Қалъаи Хумб буд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки новобаста аз корҳои бузурги замони шуравӣ, ки дар соҳаи роҳсозии Тоҷикистон анҷом ёфта буд, Тоҷикистон дар шаш моҳи фасли сардмоҳ се тақсим мешуд. Роҳҳои заминии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилояти Суғд аз ағбаҳои баландкӯҳ мегузашт. Сокинони ин минтақаҳо дар тули 6-7 моҳи сол бо марказ ва дигар минтақаҳои кишвар робитаи нақлиётӣ надоштанд. Аз ин хотир, тавассути кандани нақбҳои мошингард, бунёди роҳҳои нав ва навсозии роҳҳои мавҷуда бояд ин мушкил бартараф мегардид.

Лоиҳаҳои калонҳаҷм ва муҳимтарин дар ин самти сиёсати роҳсозии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таҳти назорати бевоситаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон татбиқ мегардад, бунёду навсозии роҳи мошингарди Душанбе – Кӯлоб – Қалъаи Хумб – Хоруғ – Қулма – сарҳади Чин ва роҳи Душанбе – Хуҷанд – Бустон – Чаноқ аст [10, с. 24].

Роҳи мошингарди Кӯлоб – Қалъаи Хумб як қисми шоҳроҳи Душанбе – Кӯлоб – Қалъаи Хумб – Хоруғ – Қулма – сарҳади Чин мебошад, ки вилояти Хатлонро бо Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мепайвандад. Ин роҳ барои мардуми тоҷик ва бахусус барои сокинони минтақаи Бадахшон, хеле муҳим аст, зеро роҳи қаблии миёни пойтахти кишвар – шаҳри Душанбе ва Бадахшон аз ағбаи сарбафалаки Хобуробод (дар баландии 3250 метр аз сатҳи баҳр) мегузашт, ки бо сабаби боришоти барфи зиёд ва фаромадани тарма ҳар сол давоми 6 моҳ – аз миёнаи тирамоҳ то миёнаи баҳор ҳаракати нақлиёт дар ин гузаргоҳ баста мешуд.

Ин буд, ки омодагӣ ба оғози сохтмони қитъаҳои нави ин шоҳроҳ аз ҷумла Мурғоб – Кулма, Шкев – Зиғар ва Шоҳон – Зиғар ҳанӯз аз солҳои 90-уми асри гузашта оғоз ёфта, зери назорати ҳамешагии Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон қарор дошт.

Лоиҳаҳои ибтидоии роҳи мошингарди Кӯлоб – Қалъаи Хумб – Хоруғ ҳанӯз дар соли 1929 таҳия гардида буд. Вале лоиҳаҳои мукаммалтари ин роҳи мошингард танҳо дар соли 1984 омода шуданд. Дарозии умумии роҳ аз Кӯлоб то Қалъаи Хумб 168 километр ва то Хоруғ 400 километрро ташкил медиҳад. Лоиҳаи 106 километраи роҳи мазкурро Институти лоиҳакашию ҷустуҷӯии «Тоҷикгипротрансстрой» таҳия намуда, лоиҳаи 62 километраи онро то Қалъаи Хумб Институти лоиҳакашии шаҳри Тифлиси Ҷумҳурии Гурҷистон омода сохта буданд. Қисми роҳ аз Кӯлоб то Шуробод дар миёнаҳои солҳои 1980-ум сохта шуда, дарозии он 26,7 километрро ташкил медод. Роҳи аз Шуробод то Анҷироби поён, ки дарозии 27,7 километр дошт, низ бунёд гардида буд [9, с. 149]. Бо вуҷуди ин, бо мурури замон ин роҳҳо қисман фарсуда гардида, ба тармим, таҷдид ва тавсеа ниёз доштанд. Ҳамчунин, барои 64 км роҳи аз Қалъаи Хумб то Зиғар низ тарҳҳо мавҷуд буданд, аммо он ба талаботи муосири роҳҳои мошингард ҷавобгӯ набуд.

Пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ, корҳои асосӣ дар сохтмони роҳи мошингарди Кӯлоб – Қалъаи Хумб бинобар ноустувории сиёсӣ ва вазъи вазнини иқтисодӣ қатъ гардиданд. Аммо соли 1993, бо ташаббуси Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи сохтмони қитъаи роҳи Шоҳон – Зиғарро баррасӣ намуда, бо ин мақсад 52 ҳазор сомонӣ ҷудо кард [3]. Албатта, ин маблағ ночиз буд, вале умед мебахшид, ки роҳ сохта мешавад. Дар солҳои 1996 – 1998 ба сохтмони шоҳроҳи Кӯлоб – Қалъаи Хумб суръат бахшида шуд.

Аввалин корҳои сохтмону навсозии роҳи мошингарди Кӯлоб – Қалъаи Хумб дар қитъаи 5,5 километраи байни деҳаи Шоҳони ноҳияи Шурообод (ҳоло Шамсиддин Шоҳин) ва Зиғари ноҳияи Дарвоз оғоз шуд, яъне аз байни қитъаи Шоҳон – Зиғар. Интихоби мавзеъ низ тасодуфӣ набуд, зеро маълум шуд, дар ин ҷо мавзеи даҳшатангези Девдара қарор доштааст, ки дар гузашта даҳҳо нафар мусофирони пайроҳаи миёни Дарвозу Кӯлобро қурбон намудааст.

Ҳангоми сафар аз ҷониби Кӯлоб ба Дарвоз, аз самти чап поракӯҳи баланди тахминан 350-метра ҷойгир буда, аз ҷониби дасти рост дарёи пуртуғёни Панҷ мегузарад. Пайраҳаи миёни

Кӯлобу Дарвоз ин ҷо аз як дараи тангу чуқури пурвоҳима мегузашт, ки мардум аз ҳайбати беандоза ва фоҷиабораш Девдара номаш мебурданд. То ба ин дараи чуқур фурӯд омадану ба боло баромадан ҳар як мусофир домани худ ба дасти марг эҳсос намуда, тарсону ларзон роҳ мерафт.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон 5-июли соли 1998 зимни сафари корӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва боздиди навбатӣ аз қитъаҳои сохтмони ин роҳ чунин изҳор дошт: «Девдараро мо ба Гулдара табдил хоҳем дод, то ки он дигар ҷойи тарсу ҳарос набошад, балки тамошоҷойи дилнишини сайёҳону дӯстдорони табиат гардад» [10, с. 25].

Дар натиҷа, корҳои тарҳрезӣ ва сохтмонии шоҳроҳ то охири моҳи январи соли 1999 ба анҷом расид. 30-январи соли 1999 дар деҳаи Яхчипун бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон маросими ифтитоҳи шоҳроҳи мошингарди Кӯлоб – Қалъаи Хумб баргузор гардид.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон мардуми вилоятҳои Хатлону Бадахшонро бо ин рӯйдоди фараҳбахш табрик гуфта, иброз дошт: «ин рӯз дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол бо ҳарфҳои заррин сабт хоҳад шуд, зеро имрӯз умеду орзуи деринаи мардуми кишвар, алалхусус сокинони сарбаланди Хатлону Бадахшон ҷомаи амал мепӯшад» [7, с. 20]. Таъкид гардид, ки ин роҳ аҳаммияти иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ дошта, Тоҷикистонро бевосита бо хориҷи кишвар – мамлакатҳои Осиё мепайвандад. Аз ин шоҳроҳи дорои аҳаммияти байналмилалӣ натанҳо Тоҷикистон, балки дигар давлатҳо ҳам манфиати зиёд хоҳанд гирифт.

Дар он санаи муҳим Девдара ба Гулдара табдил ёфт, зеро дар ҷойи он акнун роҳи паҳнбари мошингард бунёд гардид. Вале ин ҳанӯз роҳи мумфарши сатҳи байналмилалӣ набуд.

Лоиҳаи бунёди ин қитъаи шоҳроҳи мошингарди Кӯлоб – Қалъаи Хумб аз се қисм иборат буд. Дар марҳилаи якуми роҳ сохтмони мавзеи 5,5 километраи Девдара анҷом дода шуд, ки барои сохтмони ин қитъаи роҳ ба маблағи 11,4 миллион доллари ИМА (аз ҳисоби қарзҳои имтиёзии Бонки исломии рушд 9,1 миллион доллари ИМА ва аз ҳисоби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2,3 миллион доллари ИМА) ҷудо гардида буд [3]. Мувофиқи лоиҳа дарозии қитъаи Шоҳон – Зиғари роҳ наздики 34 километр ва маблағи умумии лоиҳа 49,2 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад [10, с. 26].

Дар марҳалаи дуюми сохтмони роҳи мошингарди Шоҳон – Зиғар сохтмони пули дарозии 32 метр ва зиёда аз 20 адад иншооти обёрӣ бунёд карда шуд. Маблағи умумӣ барои ба анҷом расонидани марҳалаи дуюм 15,9 миллион доллари ИМА-ро ташкил медод, ки аз он 13,5 миллион долларро Бонки исломии рушд ва 2,4 миллион долларро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда буд. Дар тули бештар аз ду сол 11,8 миллион доллар масраф шуд, ки ин 72%-и маблағи умумии пешбинишударо ташкил медод. Дар сохтмони марҳалаи дуюм 200 нафар коргарон машғули кор буданд, ки аз ин миқдор 60 нафар коргарони хориҷӣ ва 130 нафар мутахассисони тоҷик буданд [8]. Қитъаи роҳи Шоҳон – Зиғар бо қитъаи Зиғар – Шкев дар солҳои 2002 – 2005 пайваст карда шуд.

Пудратчии асосии сохтмони шоҳроҳи Кӯлоб – Қалъаи Хумб ширкати туркии «Ояк Иншоот» ва Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Вале дар иҷрои корҳои алоҳида ва махсуси ин сохтмони роҳ ширкатҳои дигар, аз қабили ҶСШК «Мостоспетсстрой», «Помирнақлиёт», ва «Тоҷиквзривпром» низ фаъолона ширкат варзидаанд [4, с. 785].

Роҳи мошингарди Кӯлоб – Қалъаи Хумб барои раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, натанҳо барои вилояти Хатлон, балки барои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва дар умум барои рушди устувори ҷумҳурӣ аҳаммияти калон дорад. Инчунин, ин шоҳроҳ барои таъмини робитаи доимии маркази ҷумҳурӣ бо Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва барои кушодани роҳи мустақими байналмилалӣ бо Ҷумҳурии мардумии Чин ва аз тариқи ин давлат пайвастан ба роҳҳои дигар кишварҳои қитъаи Осиё ва ҳам бо роҳҳои баҳрӣ мусоидат менамояд.

Бо кӯшишҳои пайгиронаи сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон роҳи Кӯлоб – Қалъаи Хумб дар даҳсолаи аввали соҳибистиқлолӣ ба истифода дода шуд. Ин роҳ ду минтақаи кишвар – вилояти Хатлон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро пайваст намуда, робитаи доимӣ ва устуворро байни онҳо таъмин менамояд. Бо ифтитоҳи ин шоҳроҳ суръати рушди иҷтимоӣ-

иқтисодии ҷумҳурӣ ба таври назаррас афзоиш ёфта, ба истифодаи самарабахши сарватҳои табиии Тоҷикистон, бахусус сарватҳои Бадахшони кӯҳӣ мусоидат хоҳад кард.

Хулоса, бо шарофати меҳнати фидокоронаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даҳсолаи аввали Истиқлоли давлатӣ ду иншооти азими нақлиётӣ – роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб ва шоҳроҳи Кӯлоб – Қалъаи Хумб сохта ва ба истифода дода шуданд. Роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб аввалин роҳи оҳани сохташуда дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон мебошад, ки сохтмони пурраи он 7-уми сентябри соли 1999 ба анҷом расид. Шоҳроҳи Кӯлоб – Қалъаи Хумб аҳаммияти таърихӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад. Ин шоҳроҳ робитаи нақлиётиро бо Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар тамоми фаслҳои сол таъмин намуда, шароит барои рушди иқтисодӣ фароҳам меорад, ки дар ниҳоят ба пешрафти кишвар замина мегузорад.

Адабиёт:

1. Айнулозода Н. А. Нақши долонҳои байналмилалии нақлиётӣ дар Тоҷикистон: ҳолат, дурнамо ва рушд. / Н. А. Айнулозода // Паёми ДМТ, 2024. № 1 – С. 49-57.
2. Гафурова Г. А. Развитие дорожного строительства и транспорта в Таджикистане в годы независимости (1991 – 2016 гг.): диссертатция кандидата исторических наук / 07.00.02 // Г. А. Гафурова. – Худжанд, 2018. – 188 с.
3. Гафурова Г. А. Строительство автодороги Куляб – Калъаи Хумб и её значение. / Г. А. Гафурова // Паёми ДМТ, 2017. № 3/4 – С. 108-114.
4. Ғолиб Ғоибов. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз (Таърихи сиёсӣ ва ҷуғрофиёи таърихӣ) / Ғоибов Ғ. – Душанбе – 2006. – 906 с.
5. Каримзода И. С. Сохтмони роҳҳои оҳани вилояти Хатлон дар давраи истиқлолият. / И. С. Каримзода // Паёми ДДОТ, 2024. № 1 (108) – С. 239-246.
6. Кӯлоб, Энсиклопедия. – Душанбе 2006 – 640 с.
7. Рахмонов, Э. Независимость Таджикистана и возрождение нации. [Текст] Состоит из 6 томов. / Э. Рахмонов – Душанбе: 2006-2010. Том третий – 454 с.
8. Файзалиева Р. Роҳи Кӯлоб – Қалъаи Хумб: қадам ба сӯи ваҳдат. / Р. Файзалиева //Минбари халқ. – 2005, 4 июн.
9. Шарипов Н. А. История развития дорожного хозяйства Кулябской области Таджикской ССР (20 – 80-е XX в.): диссертатция кандидата исторических наук / 07.00.02 // Н. А. Шарипов. – Душанбе, 2016. – 167 с.
10. Шарифзода Абдуфаттоҳ. Пайвандгар (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. – Душанбе – 2013, 336 с.
11. Шарифзода Абдуфаттоҳ. Эмомалӣ Раҳмон поягузори Сулҳ ва Ваҳдати миллӣ (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1996 – 1999). – Китоби 2. Нашри дуюм. / А. Шарифзода, С. Фаттоев. – Душанбе: "Ирфон". – 2011. – 372 с.
12. Шарифзода Абдуфаттоҳ. Эмомалӣ Раҳмон наҷотбахши миллат (Сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1992 – 1995). – Китоби 1. Нашри дуюм. / А. Шарифзода , С. Фаттоев. – Душанбе: "Ирфон". – 2011. – 372 с.
13. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар маросими оғози корҳои сохтмони нақб дар масири роҳи оҳани Ваҳдат-Ёвон 15.05.2015, ноҳияи Ёвон. [Манбаи электронӣ] // URL: http://president.tj/node/8929 (санаи мурочиат. 24.04.2020).
14. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот бо роҳбарон ва сокинони вилояти Хатлон 25.08.2016, ноҳияи Кӯшониён. [Манбаи электронӣ] // URL: http://www.prezident.tj/node/12803 (санаи мурочиат. 09.02.2021).

СОХТМОН ВА НАВСОЗИИ РОҲҲОИ НАҚЛИЁТИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР ДАҲСОЛАИ АВВАЛИ ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола муаллиф заминаҳои бунёди роҳҳои нақлиётии вилояти Хатлонро дар даҳсолаи аввали Истиқлоли Тоҷикистон таҳлил намуда, таърихи пайдоиш ва масири онҳоро таҳқиқ намудааст. Муаллиф чунин нуктаи назарро асоснок мекунад, ки новобаста аз

душвориҳои иқтисодӣ ва идомаи ҷанги шаҳрвандӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб ва шоҳроҳи Кӯлоб – Қалъаи Хумб, ки барои аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо намудани вилояти Хатлон аз ҷумла минтақаи Кӯлоб зарур буд, идома медод. Илова бар ин, муаллиф қайд мекунад, ки шоҳроҳи Кӯлоб – Қалъаи Хумб аҳаммияти таърихӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад. Ин шоҳроҳ барои таъмини робитаи доимии вилояти Хатлон бо Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва барои кушодани роҳи мустақими байналмилалӣ бо Ҷумҳурии мардумии Чин ва аз тариқи ин давлат пайвастан ба роҳҳои дигар кишварҳои қитъаи Осиё мусоидат менамояд. Муаллиф хулоса мекунад, ки пешрафти инфрасохтори нақлиётӣ, бахусус роҳҳои оҳан ва мошингард, омили муҳим дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон мебошад.

Калидвожаҳо: истиқлоли давлатӣ, нақлиёт, роҳи оҳан, боркашонӣ, роҳи мошингард, шоҳроҳ, Қӯрғонтеппа – Кӯлоб, Кӯлоб – Қалъаи Хумб, вилояти Хатлон.

СТРОИТЕЛЬСТВО И МОДЕРНИЗАЦИЯ ТРАНСПОРТНЫХ ДОРОГ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ В ПЕРВОЕ ДЕСЯТИЛЕТИЕ НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

В статье автор проанализировал основы строительства транспортных дорог в Хатлонской области в первое десятилетие независимости Таджикистана, изучил историю их возникновения и маршрут следования. Автор обосновывает точку зрения, что, несмотря на экономические трудности и продолжение гражданской войны, Правительство Республики Таджикистан продолжило строительство железной дороги Кургантюбе – Куляб и автодороги Куляб – Калъаи Хумб, что было необходимо для освобождения Хатлонской области, включая Кулябскую область, от коммуникационной блокады. Кроме того, автор отмечает, что автодорога Куляб – Калъаи Хумб имеет историческое, политическое, экономическое и социальное значение. Данная автомагистраль позволяет обеспечить постоянную связь Хатлонской области с Горно-Бадахшанской автономной областью, открыть прямую международную дорогу с Китайской Народной Республикой и через эту страну соединиться с дорогами других стран Азиатского континента. Автор пришёл к выводу, что развитие транспортной инфраструктуры, особенно железных и автомобильных дорог, является важным фактором обеспечения устойчивого экономического и социального развития Таджикистана.

Ключевые слова: государственная независимость, транспорт, железная дорога, грузоперевозки, дорога, автомагистраль, Кургантюбе – Куляб, Куляб – Калъаи Хумб, Хатлонская область.

CONSTRUCTION AND MODERNIZATION OF TRANSPORT ROADS IN KHATLON REGION IN THE FIRST DECADE OF INDEPENDENCE OF TAJIKISTAN

In the article, the author analyzed the foundations of the construction of transport roads in the Khatlon region in the first decade of Tajikistan's independence, studied the history of their origin and route. The author substantiates the point of view that, despite economic difficulties and the continuation of the civil war, the Government of the Republic of Tajikistan continued the construction of the Kurgan-Tyube - Kulob railway and the Kulob - Qal’ai Khumb highway, which was necessary to liberate the Khatlon region, including the Kulob region, from the communication blockade. In addition, the author notes that the Kulob - Qal’ai Khumb highway has historical, political, economic and social significance. This highway allows for a permanent connection between the Khatlon region and the Badakhshan Mountainous Autonomous Region, to open a direct international road with the People's Republic of China and through this country to connect with the roads of other countries of the Asian continent. The author concludes that the development of transport infrastructure, especially railways and highways, is an important factor in ensuring sustainable economic and social development of Tajikistan.

Key words: state independence, transport, railway, freight transportation, road, highway, Kurgan-Tyube – Kulob, Kulob – Qal’ai Khumb, Khatlon region.

Маълумот дар бораи муаллиф: Каримзода Исроил Сафарали – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷик. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16. Телефон: **(+992) 918-31-17-11**. E-mail: **isroil_karimzoda@mail.ru**

Сведения об авторе: Каримзода Исроил Сафарали – Кулябский государственный университет имени А. Рудаки, соискатель кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. Телефон: **(+992) 918-31-17-11**. E-mail: **isroil_karimzoda@mail.ru**

Information about the author: Karimzoda Isroil Safarali – Kulob State University named after A. Rudaki, applicant for the department of history of the tajik people. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, S. Safarov Street 16. Phone: **(+992) 918-31-17-11.** E-mail: **isroil_karimzoda@mail.ru**

ПЕДАГОГИКА

ТДУ 372.851, 378.147

АСОСҲОИ МЕТОДИИ ТАЪЛИМИ ҲАЛЛИ ТАҚРИБИИ МУОДИЛАҲОИ АЛГЕБРАВӢ ВА ТРАНСЕНДЕНТӢ ДАР КУРСИ МЕТОДҲОИ АДАДӢ

Назаров А.П., д.и.п., дотсент
Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Методҳои ададӣ ҳамчун як фанни алоҳида дар аксар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъзе аз миёнаҳои касбӣ таълим дода мешаванд. Масалан, дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар факултетҳои математика ва информатика, физика, дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар факултетҳои механика ва математика, физика таълим медиҳанд. Асосҳои методии таълими фанни методҳои ададӣ ба он равона гардидааст, ки донишҷӯён масъала ва ё машқи математикиро ҳал намуда, ҷавобашро тақрибӣ бо шакли ададӣ меёбанд. Яъне ҳисобкуниҳоро тақрибӣ бо ягон саҳеҳӣ иҷро мекунанд ва ҷавоби ададиро ҳосил мекунанд. Аксар вақт ҳам дар илмҳои математикӣ ва физикӣ ва ҳам татбиқи онҳо дар соҳаҳои гуногун зарурати ҳалли он масъалаҳо ва ҳосил намудани ҷавоби онҳо дар шакли ададӣ ба миён меояд. Пас ба донишҷӯён дар раванди таълими фанни методҳои ададӣ мақсад ва вазифаҳои таълими фанро омӯзонидан зарур аст [1], [2].

Таълим ва омӯзиши ҳалли муодилаҳо аз курси муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оғоз мегардад. Дар раванди таълим бо намудҳои гуногуни муодилаҳо ва методҳои гуногуни ҳалли онҳо шинос мешаванд, аз ҷумла муодилаи квадратӣ. Хонандагон методи аниқи ҳалли муодилаи квадратиро меомӯзанд ва аз худ мекунанд, ки зинаҳои ибтидоии ташаккули донишҳо оид ба муодилаи квадратӣ ва методҳои ҳалли он мебошад. Он дар методикаи таълим тарзи аналитикии ҳалли муодила номида мешавад. Тавре медонем, дар аксар мавридҳо решаҳои муодилаи квадратӣ, агар дар доираи ададҳои ҳақиқӣ мавҷуд бошанд, бо зери аломати решаи квадратӣ бароварда мешаванд. Ин решаҳо, решаҳои аниқ (қимати аниқ) мебошанд. Агар решаи квадратиро (аз дискриминант) тақрибан ҳисоб кунем ва дар асоси он решаҳои муодилаи квадратиро ёбем, пас он ҳалли тақрибӣ (қимати тақрибӣ) ҳисобида мешавад. Ин ҳолатҳоро аз ҷиҳати методӣ ба хонандагон меомӯзонанд. Кам ҳолатҳое мешаванд, ки решаи квадартӣ аз дискриминанти муодилаи квадратӣ аниқ бароварда шавад. Бо тарзи графикӣ ҳал намудани муодилаи квадратӣ ё дигар муодилаҳо на ҳамавақт ҷавоби аниқро медиҳад, он бо ягон саҳеҳӣ маълум карда мешавад. Умуман, барои ба таври графикӣ пешниҳод кардани ҳалли муодила ё дигар масъала, инчунин пешакӣ ҳисоб кардани қиматҳои функсия вобаста ба аргументи он талаб карда мешавад. Албатта, дар ин ҳолат, мо барои бисёр масъалаҳо ва муодилаҳои ба таври графикӣ ҳалшуда танҳо мавҷудияти ҳалли онро дида метавонем, хоҳ аниқ, хоҳ тақрибӣ. Аммо формулаи ниҳоӣ на ҳамавақт вуҷуд дорад, ки ҳалли масъала ё решаи муодиларо ифода кунад.

Гузориши масъала. Коркарди методикаи ба донишҷӯён омӯзонидани ҳалли тақрибии муодилаҳои алгебравӣ ва трансендентӣ дар курси методҳои ададӣ бо истифода аз дастовард ва имконоти муосири илми информатика.

Бигузор ёфтани решаи тақрибии муодилаи алгебравӣ ё трансендентӣ, ки дар намуди умумии $f(x) = 0$ дода шудааст, ба донишҷӯён таълим додан зарур бошад. Ба донишҷӯён омӯзонида мешавад, ки дар ин мавриди ҳалли тақрибии муодилаи додашуда аз ду қадам иборат мегардад: қадами якум – ёфтани порчае, ки дар он решаи муодила мехобад; дар ин мавриди беҳтар аст, ки порча бояд воҳиди аз он хурд бошад; қадами дуюм – ёфтани ҳалли тақрибии муодила бо ягон саҳеҳии додашудаи ε ва бо истифода аз ягон методи ададӣ. Барои иҷрои қадами якум, яъне ёфтани прчаи воҳидие, ки дар он решаи муодила мавҷуд буда метавонад, ҷадвали қиматҳои функсияро тартиб медиҳанд. Дар технологияи қаблӣ ҷадвали

қиматҳои функсия тариқи дастӣ сохта мешуд [5]. Дар замони муосир бошад, вобаста ба дастовардҳои илми информатика, қадами якумро бо истифода аз ҷадвалҳои электронӣ, аз ҷумла ҷадвалҳои электронии MS Excel, иҷро мекунанд. Бинобар ин, омӯзгор ба донишҷӯён тарзи сохтани ҷадвали қиматҳои функсияро дар ҷадвалҳои электронии MS Excel меомӯзонад (ҳарчанд бояд донишҷӯён инро донанд). Ин амалро табулиронии функсия ном мебаранд [2, с. 239], [3].

Бо мақсади коркарди методии ба донишҷӯён таълим додани тарзи сохтани ҷадвали қиматҳои функсия дар ҶЭ Excel, ҳалли тақрибии муодилаи зеринро дида мебароем:

$$sinx + lg(x + 1.2) = x^{1.3} \quad (1)$$

Муодилаи (1) –ро ба намуди

$$sinx + lg(x + 1.2) - x^{1.3} = 0 \quad (2)$$

табдил медиҳем. Онро ҳамчун функсияи

$$f(x) = \sin x + \lg(x + 1.2) - x^{1.3}$$

менависем. ҶЭ Excel –ро ба кор омода намуда, дар яке аз вараққои нави он, масалан, аз катаки якумаш (A1) сар карда, дар худи катаки A1 ҳарфи *x* ва дар катакҳои дигари ҳамон сатр қиматҳои аргументро дохил мекунем. Қиматҳои аргументро дар порчаи [-3;8] ин тавр мегузорем: дар катаки B1 адади -3 ва дар катаки C1 адади -2 –ро дохил мекунем. Баъдан бо усули худпуркунӣ катакҳои ҷадвалро аз D1 то L1 пур мекунем (Расми 1):

	A	B	C	D	E	F	G	H	I	J	K	L	M	N
1	***x***	**-3**	**-2**	**-1**	**0**	**1**	**2**	**3**	**4**	**5**	**6**	**7**	**8**	

Расми 1.

Дар сатри дуюм, ба катаки A2 матни $f(x)$ – ро дохил менамоем. Дар катаки B2 бошад, барои ёфтани қимати функсияи $f(x)$ дар нуқтаи *x=-3* (*қимати катаки B1*), формулаи *=SIN(B1)+LOG10(B1+1,2)-B1^1,3* –ро дохил мекунем. Бо истифода аз усули худпуркунӣ ё нусхабардорӣ-гузоштан катакҳои ҷадвалро аз C2 то M2 пур мекунем. Ҷадвали қиматҳои функсия сохта шуд ва намунааш дар Расми 2 оварда шудааст. Дар баъзе аз катакҳои он паёмаки "**#ЧИСЛО!**" инъикос шудааст. Ин маънои онро дорад, ки қимати аргументи интихобшуда ба соҳаи муайянии функсияи $f(x)$ дохил нест. Ин ҳолат хатогӣ ҳисоб намешавад. Ба донишҷӯён расонида мешавад, ки решаи муодила дар порчае мавҷуд буда метавонад, ки агар дар ин порча аломати қимати функсия тағйир ёбад, аз манфӣ ба мусбат, ё баръакс. Ин тасдиқотро ба инобат гирифта, аз Расми 2 маълум мекунем, ки решаи муодила дар [1;2] мехобад. Яъне дар [-3;8] муодилаи (2) як реша дорад. Қадами якум ба охир расид.

	A	B	C	D	E	F	G	H	I	J	K	L	M	N
1	***x***	**-3**	**-2**	**-1**	**0**	**1**	**2**	**3**	**4**	**5**	**6**	**7**	**8**	
2	***f(x)***	**#ЧИСЛО!**	**#ЧИСЛО!**	**#ЧИСЛО!**	**0,079**	**0,184**	**-1,048**	**-3,407**	**-6,104**	**-8,27**	**-9,693**	**-10,98**	**-12,98**	

Расми 2.

Қадами дуюм – ёфтани ҳалли тақрибии муодиларо бо ягон саҳеҳии додашудаи ε бо истифода аз барномасозӣ амалӣ менамоем. Бо ин мақсад ба донишҷӯён барномасозии ҳалли тақрибии муодиларо меомӯзонанд. Дастовардҳои илми информатика дар ин самт хеле зиёд буда, номгӯйи зиёди забонҳои муосири барномасозӣ коркард шудаанд. Мо дар ин кор аз забони муосири барномасозии PascalABC.Net истифода мебарем [4]. Ба донишҷӯён барномасозии масъалаи мазкурро бо пайдарҳамӣ ва системанокии аз ҷиҳати методӣ асоснок кардашуда таълим медиҳанд. Донишҷӯён донишҳои ташаккулдодаи худро оид ба барномасозӣ боз ҳам мустаҳкамтар менамоянд.

Забони барномасозии PascalABC.Net ба барномасозон имконоти беҳад бисёр ва хуберо пешниҳод менамояд. Аз ҷумла, функсияи $f(x)$ – ро ҳамчун зербарнома-функсия бо як сатр тасвир кардан имкон аст (дар варианти кӯҳна ё дигар забонҳои барномасозӣ камаш се сатр). Масалан, барои муодилаи (2) зербарнома-функсияашро ба намуди зерин дар барнома менависем:

Function muod(c:real):=sin(c)+log10(c+1.2)-c**1.3;

Тавре мебинем, дар ин ҳолат танҳо як оператор истифода карда шудааст [4, с. 511, 514].

Нӯгҳои маълум кардашудаи порча ва саҳеҳии ҳалли муодиларо тавассути клавиатура дохил менамоянд. Агар нӯгҳои порчаро бо a ва b ишорат кунем, пас оператори дохилкунӣ барои ин барномаи компютерӣ шакли зеринро мегирад:

Var (a,b,eps) := ReadReal3('a,b,eps=');

Тавре мебинем, забони барномасозии PascalABC.Net дорои имконоти бузург буда, тавсифкунии тағйирёбандаҳо, инъикоси матни ёрирасон ва дохилкунии қимати аргументҳо тавассути клавиатура бо як оператор амалӣ карда шуд. Ин оператори дохилкунии кортежӣ мебошад [4, с. 87], [2, с. 313].

Дурустии қиматҳои дохилкардашудаи нӯгҳои порчаро санҷидан зарур аст, ки оё дар ҳақиқат дар ин порчаи воҳидӣ ягон решаи муодила мехобад. Амали санҷиш бо ёрии оператори шартӣ амалӣ карда мешавад. Омӯзгор ба донишҷӯён мефаҳмонад, ки дар ин ҳолат иҷроиши амали мантиқии $f(a) * f(b) > 0$ –ро бояд санҷид. Агар ин шарт иҷро шавад (қимати амали мантиқӣ *True* гардад), пас порча нодуруст интихоб карда шудааст ва дар ин порча муодила ҳал надорад. Барномаи компютерӣ ин ҳолатро эълон карда, корашро қатъ мекунад. Ин оператор дар матни барнома шакли зеринро дорад:

If f(a)*f(b)>0 Then Begin WriteLn('Порча нодуруст аст'); exit end;

Агар амали мантиқии $f(a) * f(b) > 0$ иҷро нагардад, пас муодила дар ин порча ҳал дорад, яъне шарти $f(a) * f(b) \leq 0$ иҷро мегардад. Ба донишҷӯён бояд расонд, ки решаи муодила метавонад дар яке ё дар ҳар ду нуги порча хобад, ё дар дохили порча хобад. Ин ҳолатҳоро барномасозӣ кардан зарур аст, то барномаи компютерӣ мукаммалтар гардад. Санҷиши шарти $f(a) * f(b) = 0$ нишон медиҳад, ки решаи муодила дар яке аз нӯгҳои порча мехобад. Шояд ду реша дошта бошад ва дар ҳар ду нӯги порча бошанд. Пас аз хориҷкунии реша ё решаҳои муодила, кори барномаи компютерӣ қатъ мегардад (ба охир мерасад). Ин қисми матни барнома шакли зеринро мегирад:

If f(a)*f(b)=0 Then Begin
If f(a)=0 Then PrintLn('Решаи муодила a=',a,f(a));
If f(b)=0 Then PrintLn('Решаи муодила b=',b,f(b)); exit end;

Агар шарти $f(a) * f(b) = 0$ иҷро нагардад, пас кори барномаи компютерӣ идома ёфта, решаи муодила дар дохили порчаи воҳидии додашуда ҷустуҷӯ мегардад ва бо саҳеҳии додашуда муайян карда мешавад. Доир ба ёфтани решаи муодила дар дохили порчаи воҳидӣ методҳои ададии зиёде офарида шудаанд, аз ҷумла методи ба ду ҳисса тақсим кардани порча [1], [5], [6], методи итератсияи сода [1], [5], [7], методи хордаҳо [5], [6], [8]. Барои таълими методҳои ададии номбаршуда ва дигар методҳои ададӣ соатҳои алоҳидаи дарсӣ дар нақшаи таълимӣ ҷудо карда шудаанд. Кори мазкур бошад, ба ибтидои омӯзиши ҳалли тақрибии муодилаҳо бахшида шуда, берун аз ин методҳо аст. Ин ҷо дигар методи ададии тақрибии ҳалли муодиларо бо усули қадамҷамъкунӣ эҷод менамоем ва ба донишҷӯён омӯзонида мешавад. Қадам саҳеҳии додашудаи ε мебошад. Натиҷаҳои бо ин усул ба дастовардаашонро донишҷӯён дар оянда пас аз омӯхтани методҳои номбаршуда аз нав санҷида баромада, натиҷаҳоро бо ҳам муқоиса намуда, хулосабарорӣ карда метавонанд.

Ҳисобкуниҳоро аз нӯги чапи порчаи маълум кардашуда оғоз карда, то нӯги росташ давом медиҳем. Шояд ҳангоми тавассути клавиатура дохил намудани қиматҳои a ва b ҷои онҳо иваз гарданд. Пас аз байни онҳо хурдашро интихоб карда, то калонаш ҳисобкуниро давом медиҳем. Бо ёрии оператори шартӣ ададихурдашро, аниқтараш a, чунин маълум мекунем:

If a>b Then Swap(a,b);

Дар ин метод ба сифати қадам қимати саҳеҳии додашудаи ε-ро қабул мекунем. Яке аз шартҳои дигар, ки ҳангоми иҷорашавии он решаи муодила бо ин саҳеҳӣ ҳисобида мешавад, шарти $|f(a)| \leq \varepsilon$ аст. Яъне наздикшавии ҳалли муодила ва маълум намудани решаи он то иҷрошавии шарти $|f(a)| > \varepsilon$ ҳисобида мешавад. Ҳама ин тасдиқотро ба инобат гирифта, сатрҳои охири матни барномаи компютериро менависем:

```
While Abs(f(a))>10*Eps Do Begin a+=Eps; PrintLn(a,f(a)) end;
PrintLn('Решаи муодила =', a, f(a));
```

Матни пурраи барномаи компютерӣ намуди зеринро мегирад:

```
##
Function f(c:real):=sin(c)+log10(c+1.2)-c**1.3;
Var (a,b,eps) := ReadReal3('a,b,eps=');
If f(a)*f(b)>0 Then Begin PrintLn('Порча нодуруст аст'); exit end;
If (f(a)=0) Or (f(b)=0) Then Begin
If f(a)=0 Then PrintLn('Решаи муодила a=',a,f(a));
If f(b)=0 Then PrintLn('Решаи муодила a=',b,f(b)); exit end;
If a>b Then Swap(a,b);
While Abs(f(a))>Eps Do Begin a+=Eps; PrintLn(a,f(a)) end;
PrintLn('Решаи муодила =', a, f(a));
```

Барномаро ба кор омода намуда, қимати аргументҳои пурсидашавандаро дохил мекунем, яъне нугҳои порча ва ε, ки барои муодилаи (2) мувофиқан 1; 2 ва 0,001 аст (Расми 3). Натиҷаи кори барномаи компютерӣ (натиҷаҳои мобайнӣ оварда нашудаанд, зеро аз сатрҳои зиёде иборатанд):

Решаи муодила = 1.251 0.00071



Расми 3.

Ё худ, агар қимати ε –ро 0,01 гирем, пас чунин натиҷа ҳосил мекунем:

Решаи муодила = 1.25 0.00161

Хулоса. Дар кори мазкур методикаи таълими ҳалли тақрибии муодилаҳои алгебравӣ ва трансендентӣ коркард карда шуд. Дар заминаи методикаи коркардшуда барномаи компютерӣ сохта шуд. Методика ва барномаи компютерии сохташуда раванди таълими фанни методҳои ададиро босифаттар мегардонанд. Донишҷӯён завқманди омӯзиши барномасозӣ ва методҳои ададӣ мегарданд.

Тавсияҳои методӣ. Омӯзгор дар раванди таълими мавзуи мазкур метавонад, рафтори алгоритмӣ намуда, мафҳумҳои нави дар он бударо ба донишҷӯён расонида, донишҳояшонро оид ба мавзуъ ташаккул диҳад. Бо мақсади фардигардонии раванди кори амалӣ оид ба мавзуъ, ба ҳар як донишҷӯй супориши фардиро аз адабиёти мавҷуда, масалан [5], [9], супорад. Ҳамчун вазифаи хонагӣ метавонад чунин супоришҳоро диҳад: 1) Дар барномаи сохташуда бар ивази оператори даврии пешшарти *While*, аз оператори даврии пасшарти *Repeat ... until* истифода баранд; 2) Барномаро бо дигар забони барномасозӣ, масалан Python, созанд.

Адабиёт:

1. Алиев Б.А., Ашӯров М.А. Методҳои ададӣ. Китоби дарсӣ: МТОК [Матн] / Б.А. Алиев, М. Ашӯров // Матбааи ДМТ. Душанбе: – 2010. - 155 с.

2. Назаров А.П. Методикаи таълими информатика. Китоби дарсӣ: МТОК [Матн] / А.П. Назаров // ҶДММ Меҳроҷ-Граф. Душанбе: – 2019. - 462 с. (А4).

3. Назаров А.П. Асосҳои технологияи компютерӣ. Дастури таълимӣ. [Матн] / А.П. Назаров // Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ. Душанбе: – 2010. - 170 с. (А4).

4. Назаров А.П. Барномасозӣ ва дизайни барномавӣ дар забони PascalAbc.Net (Китоби дарсӣ барои МТО ва МК) [Матн] // А.П. Назаров / - Душанбе, ҶДММ Меҳроҷ-Граф, -2021, - 756 с.

5. Ҷӯраев Х.Ш. Методҳои ададӣ. Қисми 1. Дастури таълимӣ / Х.Ш. Ҷӯраев // ДМТ, Душанбе – 2022. – 205 саҳ.

6. Ҳасанов Ю.Ҳ., Одиназода С.О., Неъматов Ғ.Н. Методҳои ҳисобкунӣ. Дастури таълимӣ. [Матн] / Ю.Ҳ. Ҳасанов, С.О. Одиназода, Ғ.Н. Неъматов // Душанбе – 2022. 227 саҳ.

7. Слабнов В.Д.. Численные методы и программирование : учебное пособие для СПО [Текст] / В.Д. Слабнов // Санкт- Петербург : Лань, 2021. - 460 с.

8. Бахвалов Н.С. Численные методы [Текст] / Н.С. Бахвалов, Н.П. Жидков, Г.М. Кобельков // – М. : Наука, 1987. – 386 с.

9. Абдукаримов М.Ф. Корҳои лабораторӣ аз методҳои ададӣ. Дастури таълимӣ [Матн] / М.Ф. Абдукаримов // Душанбе – 2014, - 137 с.

АСОСҲОИ МЕТОДИИ ТАЪЛИМИ ҲАЛЛИ ТАҚРИБИИ МУОДИЛАҲОИ АЛГЕБРАВӢ ВА ТРАНСЕНДЕНТӢ ДАР КУРСИ МЕТОДҲОИ АДАДӢ

Методҳои ададӣ фанни математикӣ буда, маҷмуи методҳоро барои тақрибан ҳал намудани масъалаҳои математикӣ ва физикӣ тариқи дастӣ ва дар компютер меомӯзад. Дар ин самт олимони зиёди ватанӣ кор кардаанд, аз ҷумла Алиев Б.А., Абдукаримов М.Ф., Ҷӯраев Х.Ш., Баҳромова З.Н., Ҳасанов Ю.Ҳ. Дар хориҷа низ олимони зиёде дар ин самт кор кардаанд, аз ҷумла Бахвалов Н.С., Березин И.С., Жидков Н.П. Корҳои илмии онҳо асосан ба худи илми методҳои ададӣ равона карда шудаанд. Оид ба методикаи таълими методҳои ададӣ кам корҳо ба назар мерасанд. Дар кори мазкур як методикаи таълими ҳалли тақрибии муодилаҳои алгебравӣ ва трансендентӣ дар курси методҳои ададӣ кор карда мешавад. Пайдарҳамӣ ва системанокӣ коркард карда мешавад. Татбиқи ҷадвалҳои электронӣ ва барномасозӣ дар раванди таълими мавзуи мазкур нишон дода мешаванд. Барномаи компютерӣ бо дигар метод эҷодшуда дар забони муосири барномасозии PascalABC.Net сохта мешавад. Натиҷаи кори барнома оварда шудааст.

Калидвожаҳо: метод, методика, методҳои ададӣ, муодила, ҳалли тақрибии муодила, решаи муодила, мавҷудияти реша, ҷадвалҳои электронӣ, барномасозӣ, порчаи воҳидӣ.

МЕТОДИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ОБУЧЕНИЯ ПРИБЛИЖЕННОМУ РЕШЕНИЮ АЛГЕБРАИЧЕСКИХ И ТРАНСЦЕНДЕНТНЫХ УРАВНЕНИЙ В КУРСЕ ЧИСЛЕННЫХ МЕТОДОВ

Численные методы — математическая дисциплина, изучающая совокупность методов приближенного решения математических и физических задач вручную и на компьютере. В этом направлении работают многие отечественные ученые, в том числе Алиев Б.А., Абдукаримов М.Ф., Джураев Х.Ш., Бахромова З.Н., Хасанов Ю.Х. Многие ученые работали в этой области за рубежом, в том числе Бахвалов Н.С., Березин И.С., Жидков Н.П. Их научные работы в основном сосредоточены на науке численных методов. Работ по методике обучения численным методам немного. В данной работе представлен метод обучения приближенному решению алгебраических и трансцендентных уравнений в курсе численных методов. Прорабатывается последовательность и систематичность. Показано применение электронных таблиц и программирования в процессе преподавания этого предмета. Компьютерная программа создается другим методом на современном языке программирования PascalABC.Net. Представлен результат работы программы.

Ключевые слова: метод, методика, численные методы, уравнение, приближенное решение уравнения, корень уравнения, существование корня, электронные таблицы, программирование, единичные отрезки.

METHODOLOGICAL FUNDAMENTALS OF TEACHING APPROXIMATE SOLUTION OF ALGEBRAIC AND TRANSCENDENTAL EQUATIONS IN THE COURSE OF NUMERICAL METHODS

Numerical methods are a mathematical discipline that studies a set of methods for approximate solving mathematical and physical problems manually and on a computer. Many domestic scientists are working in this direction, including Aliev B.A., Abdukarimov M.F., Juraev Ch. Sh., Bakhromova Z.N., Khasanov Yu.Kh. Many scientists worked in this area abroad, including

N.S. Bakhvalov, I.S. Berezin, N.P. Zhidkov. Their scientific works mainly focus on the science of numerical methods. This paper presents a method for teaching the approximate solution of algebraic and transcendental equations in a course on numerical methods. Consistency and systematicity are being worked out. The use of spreadsheets and programming in the teaching of this subject is shown. A computer program is created using a different method in the modern programming language PascalABC.Net. The result of the program is presented.

Key words: method, technique, numerical methods, equation, approximate solution of the equation, root of the equation, existence of the root, spreadsheets, programming, unit segments.

Маълумот дар бораи муаллиф: Назаров Аҳтам Пулотович – мудири кафедраи технологияи информатсионӣ ва коммуникатсионии ДДОТ ба номи С. Айнӣ, доктори илмҳои педагогӣ, дотсент. 908-08-2384, ahtam_69@mail.ru.

Сведения об авторе: Назаров Ахтам Пулатович – заведующий кафедрой информационных и коммуникационных технологий Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, доктор педагогических наук, доцент. 908-08-2384, ahtam_69@mail.ru.

Information about the author: Nazarov Ahtam Pulotovich– head of the department of information and communication technologies of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, doctor of pedagogical sciences, associate professor. 908-08-2384, ahtam_69@mail.ru.

ТДУ:37.00 (2-тоҷ)
ТКБ:71.0 (2-тоҷ)
С-28

АМСИЛАИ ТАШКИЛӢ - ФАЪОЛИЯТИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ КАЛОНСОЛОН

Сафарзода М.В., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Калонсолон эътимод доранд, ки дар масиру қолаби андрагогӣ ба татбиқи дониш ва малакаҳои хеш муваффақ шаванд, яъне бо ин роҳ дар зиндагӣ мақоми хешро аз даст надода, ҳамгоми дигарон бошанд. Дар асл ин ният ва кӯшиши доимо пеш рафтан ба ҷустуҷӯ ва ковишҳои омӯзишии инсон роҳи васеъ мекушояд. Дар ин росто дарки ин масъала, ки ман барои ҷомеа ашхоси баэътибор мешавам, инсонро ба шоҳроҳи калон ва равшану фарохи зиндагӣ мегузорад. Дар маҷмуъ, фарогирии ашхоси калонсол ба ин марокизи омӯзишӣ ба хотири касби салоҳияти нав аз сӯйи эшон ва сомон додани зиндагии хеш дар ин мақтаи замонӣ – синни калонсолӣ мусбӣ арзёбӣ мегардад.

Муҳим он аст, ки шахси калонсолро ба таълиму омӯзиш, таҳқиқу пажуҳиш омода карда бошем. Равоншиносон ин мароҳилро бо номҳои гуногун ёд мекунанд ва як нуктаи он, яъне як бахши он бо номи буҳрон ёд мешавад. Дар ҳақиқат, ҳар мақтаи замонии зиндагии инсон аз маҷмуи буҳрон иборат аст, ки бартараф кардани он роҳро барои зиндагии минбаъдаи инсон тахту ҳамвор мекунад.

Фаъолияти хонанда баҳри ба даст овардани дониш, малака ва сифатҳои мушаххасе равона мегардад, ки барои ҳалли мушкилоти зиндагиаш заруранд. Фаъолияти педагог аз он иборат аст, ки ба хонанда дар интихоби дониш, малака ва сифатҳои барои ӯ зарур кумак кунад.

Вазифаи асосии мураббӣ – андрагог дар ҳолати мазкур аз ташкили ҳавасмандкунии сунъӣ, амалҳо барои муайян кардани ҳадафҳои ҳавасмандкунандаи омӯзиш иборат аст.

Амсилаи андрагогӣ таълимгирандагонро барои он ба омӯзиш ҷалб мекунад, ки тавассути он хонандагон салоҳиятҳоеро ҷиҳати ҳаллу фасли масоили хеш дар зиндагии

рӯзмарра касб кунанд. Аз ин рӯ, таълимгиранда, хонанда дар роҳандозии раванди омӯзиш шахси фаъол ва муташаббис мебошад.

Андешаҳои донишмандон оид ба хусусиятҳои хоси таълими калонсолон собит месозад, ки он дар замони муосир ба фарогирии кулли ниёзмандони таҳсилу омӯзиши муттасил мусоидат менамояд. Аз ҷумла, А.П. Владиславлев чунин изҳори ақида дорад: «Зери мафҳуми таҳсили муттасил фаъолияти мақсаднок барои дарёфт ва такмил додани донишу малакаҳо дар ҳама намудҳои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва махсус, инчунин, худомӯзӣ фаҳмида мешавад» [2, с. 33].

Усулҳои таълими андрагогӣ дар фаъолияти амалии омӯзандагон ва устодон амалӣ карда мешаванд, ки таркиби онҳоро технологияи ТК муайян менамояд. Технологияи ТК ба ғояи раванди таълим ҳамчун як фаъолияти мураккаби омӯзанда дар таълим додан ва таҳсил дар омӯзиш асос ёфтааст.

Тренинг – як раванди мураккаби иҷтимоию психологие мебошад, ки онро шахс анҷом медиҳад. Тренинг ба хотири зич намудани неруҳои бадан ва дар бастари ҳамгирову якҷоя ҳидоят намудани онҳо роҳандозӣ карда мешавад, вақте шахс вориди тренинг мешавад, ӯ қабл аз ҳама дар иҷтимоъ қарор мегирад. Бо ҳамандешагони хеш вориди баҳсу ҷадал қарор гирифта, масоили мухталифи марбут ба хеш ва ҷомеаро мавриди баҳс қарор медиҳад. Мо хуб медонем, ки улуми мухталиф перомуни ҳаёт ва зиндагии инсонҳо омӯзиш анҷом медиҳанд ва паҳлуҳои мухталифи онро ба риштаи таҳқиқ мекашанд. Омӯзиш ва таълим марбут ба илми педагогика мебошанд, ки ин илм тамоми раванди омӯзишу парвариш дар шакли пурра фаро мегирад. Агар дар ҳамин ҷо таваққуфи иҷмолӣ намуда, ба таърихчаи илми педагогики тоҷик дар аҳди шуравӣ ва солҳои истиқлол назар андозем, мебинем, ки дар ин ришта мо дастовардҳои хеле назаррас ва ҷолибе доштаем, ки онҳо мартаба ва мақоми ин илмро дар ватани мо ба мақоми арзандае бардоштаанд. Дар аввоили аҳди шуравӣ маъракаи маҳви бесаводӣ, роҳандозии таълими ҳамагонӣ, чопи китобу дастурҳои таълимӣ, бунёди мактабу синфхонаҳо ва боз корҳои хеле назаррасе аз шоҳкориҳои ин масир будаанд.

Омӯзиш (таълим) чӣ маъно дорад? Дар аҳди шуравӣ омӯзишро ҷараёни аз худ кардани ҷамъе аз дониш, малака ва маҳоратҳо мепиндоштанд, ки дар маҷмуъ шахсро барои пешбурди ҳаёт ва иҷрои супоришҳо ва вазифаҳои муайяне омода мекард. Агар мо имрӯзҳо ба ин масъала аз ин зовия нигоҳ кунем, ба андешаи мо он басанда нест, чунки вазъ ба кулли тағйир кардааст ва имрӯзҳо дар канори он масоили дар боло зикршуда боз масъалаҳое илова шудаанд, ки аз бар кардан ва ҳаллу фасли онҳо донишҳо ва малакаҳои иловагӣ талаб мекунанд ва ин аст, ки мо калонсолонро ба ин кор омода мекунем ва дар ин масир онҳоро меомӯзонем ва ё худи онҳо тавассути васила ва сакуҳои омӯзишӣ ин ё он салоҳиятҳоро фаро мегиранд.

Ҳангоми ихтисори мазмуни таҳсилот бо коркарду азхуднамои муайянсозии паҳлуҳои аҳаммиятдори он дар раванди таълиму ҳар як шарти бароҳмонии он аз доираи муайян мебарояд, донишмандони дигар таҳсилотро васеъ баррасӣ менамоянд ва ин истилоҳро барои ифодаи ҷараёнҳои маҷмуии ташаккули фард истифода мебаранд.

Таҳсилот хоҳ расмӣ ва хоҳ ғайрирасмӣ бошад, он бояд низомеро ташкил намояд, ки ҳадафҳои дарпешгузоштаи барномаҳои таълимиро иҷро намуда, барои муҳассилин маҷмуъ ва системаи донишҳои муқарраршударо таъмин намоянд. Барои таҳсил ва иҷрои чорабиниҳое, ки тавассути онҳо омӯзишҳо баргузор мегарданд, рӯз то рӯз шароитҳо фароҳам оварда шуда истодааст. Ин аст, ки «таҳсилот раванди мақсаднок (пешакӣ муайяншуда), муташаккил, пайгирона ва тулонӣ (дастгирӣ)» ташкилшуда аст.

Таърифҳои мазкур шомили равандҳои бисёрҷанба буда, ҷараёни онро созмон дода таъмин мекунанд, ҳамчунин иштирокдоронро ба инобат мегиранд. Ин таърифҳо як чизро барои мо ба таври қатъӣ баён медоранд, ки таълим ва омӯзиш ғайрирасмӣ буда, дар маҷро омӯзгор ва муассисаи таълимӣ нақши пешбаранда дошта наметавонанд.

Донишмандони риштаи улуми педагогӣ дар аҳди шуравӣ омӯзишро василаи тарбия ва аз бар кардани дониш, маҳорат, малака ва усулҳои фаъолияти маърифатӣ барои амалисозии таълими муттасили инсон меҳисобиданд. Раванди таълим ду тарафи

боҳамалоқамандро дар бар гирифта, дар он омӯзгор функсияи маълумотдиҳанда ва муҳассил функсияи маълумотгирандаро адо менамояд.

Таълиму омӯзиш ҷараён ва ба таври дигар карда гӯем раванде мебошад, ки шомил ҳамаи атрибутҳои омӯзиш мебошад.

Илмомӯзӣ ва аз бар кардани салоҳиятҳои нав ба тариқу равишҳои мухталиф ва ҳадафҳои гуногун метавонад сурат гирад. Шахси таълимгиранда худ тасмим мегирад, ки кай ва дар чи шароите таҳсили иловагӣ оғоз кунад ва кадом корро барои худ ёд бигирад. Чунки ӯ шахси мустақил аст ва таҷриба ва малакаи шахсиаш ба ӯ кумак мекунад, ки кадом тасмимро дар мақтаи ҳаётии хеш ба хотири чӣ қабул кунад. Ин ҷо таҷрибаи ҳаётӣ ва донишҳое, ки шахс қаблан омӯхтааст ва малакаю маҳорате, ки дар ҷараёни зиндагиаш касб намудааст, ба ӯ кумак мерасонанд, ин ҷо ҳеҷ баҳси иловагие буда наметавонад.

Хуллас, зери мафҳуми омӯхтан, пеш аз ҳамма корҳои азхудкунии таълимгиранда дарк мегардад, ки он дорои раванди мухталиф мебошаду ба интиқолёбӣ ба воситаи ТҒ ва ТР равонааст. Муҳаққиқони хориҷӣ ҷараёни омӯзишро то ҷараёни таълим коҳиш медиҳанд. Муҳаққиқони тоҷик дар пажуҳишҳои хеш таълимро дар навбати аввал ба ҷараёни омӯхтан равонагардида дида мебароянд. Аммо дар адабиёти илмии хориҷӣ онро кори таълимгирандагон медонанд.

Шаш ҷанбаи ТК-ро муайян кардан мумкин аст:

1.Омӯзиш дар тули ҳаёти Шумо сурат мегирад;

2.Таълим раванди табиӣ мебошад;

3.Таълим омӯзандаро тағйир медиҳад;

4.Таҳсилот мустақиман дар иртибот ба тараққии фард алоқаманд аст;

5.Таълим ба таҷрибаи фард кори мибаъдаи ӯ муртабит мебошад;

Ин шакли таҳсил имкон дорад беихтиёрона сурат гирифта, шомили мавридҳое бошад бо дороӣ ба вижагиҳои фарқкунандаи омӯзандагӣ, дарку тафаҳҳум, коркард, татбиқ сохтани амалҳои матлуби дастурдиҳанда, ки ин маълумотро дар ин ё он шакл мунтақил мекунад.

Вақте мо перомуни таълими ғайрирасмӣ суҳбат мекунем, пеши назари мо ҳатман ҳамон таълимӣ анъанавӣ ва маъмулие, ки ҳамаи мо аз васати он рад шуда, сипас ба самти барои хеш лозим раҳсипор гардидаем меояд. Таълими ғайрирасмӣ ҳузури ҳатмии муаллимро тақозо намекунад. Дар дунёи феълӣ, ки аносири таълимдиҳанда ба маротиб зиёд шудааст ва теъдоди он ба садҳо ҳазор расидааст метавонад воҳидҳои гуногун бошад. Ҳоло мо ин ҷо якчандтои онро ном мебарем: филм, видеофилм, китоб, нома, паёмак ва билохира сомонаҳои интернетӣ, ки имрӯзҳо теъдоди онҳо бешуморанд ҳамаи ин воҳидҳо ва воситаҳо моро меомӯзанд ва имрӯзҳо метавон гуфт, ки дар омӯзиши муттасили бидуни таътил қарор дорем. Магар телефонҳои мобилии пайваст бо шабакаи умумиҷаҳонии интернет ин васили омӯзиши муттасил нест, бале ҳаст ва ҳатто мо дар ин омӯзиши хеш як дақиқа ҳам дар канор нестем ва доимио дар тамоси бевосита қарор дорем. Онҳо дониш, малака, сифат ва арзишҳои ахлоқиро дар бар мегиранд.

Чунонки дида мешавад, аз як сӯ омӯзгор қарор дорад ва ӯ тасмим бар он дорад, ки дониш ва малакаю маҳорати хешро, ки дар ин самт аз бар намудааст барои таълимгирандагон мунтақил намояд, аз сӯйи дигар таълимгиранда қарор дорад, ки ӯ мехоҳад донишу малка ва маҳорати доштаи худро такмил диҳад ва ё он салоҳияту масъулият дар фаъолият яке аз омилҳои муайянкунандаи меъёри корӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, таҳсилоти калонсолон бояд ба мафкура ва қобилиятҳои онҳо таҳаввулоти ҷиддиро ба амал оранд, то онҳо дар анҷоми корҳои ба зимаашон вогузошта ба хубӣ бароянд.

Дар маҷмуъ, дар дунё феълан тамоми давлатмандон ва сиёсатмадорону ҳукмронон болоравии синни аҳолии мамлакати хешро дастоварда мепиндоранд ва онро дар ин ё он гузориш баён медоранд. Боло бурдани синну соли аҳолии мамлакат мунҷар ба он мешавад, ки саршумори аҳолӣ боло рафта, теъдоди онҳое, ки ниёз ба кору фаъолият пайдо мекунанд зиёд мешаванд.

Хулоса ин ҷараёни таълим шомили панҷ унсур мебошад: таълимгиранда, омӯзгор, муҳтавои таълим, сарчашмаҳои таълим, шаклу равишҳои омӯзиш. Барои ба роҳ мондани ҷараёни таълим мо васила ва унсурҳои гуногунро мавриди истифода қарор медиҳем, албатта бо такя ба он ки ин аносире дар иртибот ба якдигар мунҷар ба кадом вақҳ мешаванд. Дар робита ба ин масъала метавонем амсилаи фаъолияти ташкилиро ба таври схема пешниҳод намоем.



Расми 1. Амсилаи ташкилию фаъолияти ҷараёни таълим

Дар робита ба ин шакли робита амсила инъикоскунандаи мазмуну мундариҷа, манбаи таълим, шакл ва роҳу усули тадрис маҳсуб меёбад. Агар ҳамаи ин муносибатҳо ба таълим (тирҳои зичи хаттӣ) муайян карда шуда бошад, ин амсилаи педагогӣ аст. Агар дар баробари педагог хонанда онҳоро муайян кунад, ин амсилаи андрагогии таълим аст (тирҳо нуқта гузошта шудаанд).

Мақсади таълим маълумотрасонӣ, инкишофдиҳии сатҳи ҷаҳонбинӣ, рушди қобилияту истеъдод ва малакаю маҳоратҳои амалӣ мебошад. Муҳассил бояд дар ҷараёни таълим аз ин омилҳо ба пуррагӣ бархурдор бошад, ки он барои иҷрои корҳои махсусе омода мегардад. Инсон машқ мекунад ва бадани худро обутоб медиҳад. Машқу тамрин кардан низ кору фаъолиятест, ки оғоз дораду анҷом не. Инсонҳо ба навъҳои гуногун машқу тамринро анҷом медиҳанд. Ин амалҳо гоҳо бо тарзу шеваҳои муназзаму мураттаб ва гоҳан бе назму тартиб анҷом мепазирад.

Одамон ба воситаи омӯзишу таҳсилот ин ё он дониши навро ҳосилу онро такмил медиҳанд, дар умум ба ҳаёти мустақил тайёрӣ мебинанд. Албатта, дар ҷараёни таҳсил тамоми малакаҳои ҳаёту зиндагӣ аз бар карда намешавад, аммо таҳсил шахсро дар масир ва бастари дуруст қарор дода, ба корҳои бузургу ҳангуфт ва неку инсонгароёна ҳидоят мекунад. Инсон дар тули зиндагии минбаъдаи хеш то нафаси вопасин меомӯзад ва худро барои зиндагӣ ва рафъи мушкилот омода мекунад.

Таҳсилот – ин ҷараёни печидаи фароҳам овардани шароит ва амалӣ сохтани раванди таълим мебошад. Дар ин ҷараён ашхоси зиёде ширкат варзида, ба андозаи донишу тавоноии худ дар он саҳми худро мегузоранд.

Дар таҳқиқоти мазкур мо тасмим гирифтем, ки таҳсили калонсолонро дар доираи ду самт аниқ ва равшан намоем:

- тариқи мураттаб гардонидани ҳадафҳои босамари интиқоли дониш дар самти ташаккули маҳорату малакаи омӯзандагони калонсол, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва арзишҳои маърифатӣ-зеҳнӣ;

- ба даст овардани натиҷаҳои интизорӣ ва ниҳоии таҳсил ва омӯзиш.

Раванди таълимӣ аз фаъолиятҳои азхудкунии донишҳо ва малакаҳо ва интиқолдиҳии донишу малакаҳои азхудшуда таркиб меёбад. Бинобар ин, муносибатҳои фаъолу ташкилиро доир ба дида баромадани технологияву ҷараёни таълимӣ мепазирем.

Имрӯзҳо бо таваҷҷуҳ ба дигаргун шудани вазъи сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ дар тамоми давлатҳои дунё ва дар тамоми низомҳо ва аз он ҷумла дар низоми омӯзишу парвариш низ таҳаввулоти ҳангуфте ба амал омаданд. Ба ҷараёни таълим технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба таври хеле васеъ ворид шудааст. Ва ин технология дар ҷараёни таълим ва тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ва куллан дар низоми маориф бо ибора ва истилоҳҳои мухталиф ёдовар мешавад, аз қабили «технологияи иттилоотӣ», «технологияи таълимӣ», «технологияи аудиовизуалӣ», «технологияи инноватсионӣ» ва амсоли инҳо.

Донишмандони соҳа тибқи маъмул вақте перомуни технология сухан меронданд, онҳо усулу равиши кори таълимро дар назар доштанд ва онҳое, ки дар ҷараёни маъмулӣ ва шеваҳои қабулшудаи таълим дигаргунӣ ворид мекарданд, онҳоро навовар ва ё технологияи нав мегуфтанд. Албатта, инро дар ин шакл низ фаҳмидан дуруст аст, дар шакли дигар низ бипазирем шояд дуруст бошад. Вале тағйирёбии фардиро дар аксари мавридҳо дар яке аз ашколу методи бароҳмонии машғулиятҳо чун ҷорисозии технологияҳои навтарини таълимӣ дида мебароянд.

Низоми омӯзишу парвариш, яъне маориф доираи васеи корҳоро фаро мегирад ва дар қиёс бо солҳои аввали ташкили ин низом имрӯзҳо шеваи бархӯрди низом ба шахс, муҳассил ва донишҷӯ хеле тағйир кардааст, имрӯзҳо низоми маориф мошинаи маҷбуркунӣ нест, балки вай ҳидоятгари инсон, роҳнамои ӯ дар ҷода, бештар ба низоми хидматгузор ба инсонҳо, одамон мубаддал гаштааст.

Дар маҷмуъ, агар мо масири рушду тараққии маорифро муайян намоем, метавон гуфт, ки он дар масири пештар ва бештар озод кардани шахсияти таълимгиранда тараққӣ ёфта, онро аз қонунҳо ва сохторҳои таълими расмӣ озод карда, ба мавзуи воқеии раванди таълим табдил медиҳад. Ҳадди ақал баробар ба субъекти дигар, яъне ба муаллим. Масири ҳаракат бар асари таъсири ҳамаҷонибаи шаклҳои имконпазири таълими ашхоси калонсол ба як воҳиди инкишофёфтаи риштаи хизматрасонӣ табдил ёфтааст.

Ҳамин тавр, рушди ҷараёни омӯзишӣ сабаби он мегардад, ки мавқеи хонанда дар ин ҷараён зиёд мешавад. Ҳамаи ин ба вазъи таълимии хонанда таъсир мерасонад. Аммо падидаи мазкур аз тарафи илми педагогика ба таври бояду шояд омӯхтаву мавриди пажуҳиш қарор нагирифтааст. Дар педагогикаи анъанавӣ таълимгиранда шахсест, ки ба ӯ донишҳо пешниҳод мегарданд ва ӯ онҳоро мепазирад. Донишмандон мафҳуми «технологияи омӯзиш»-ро ироа кардаанд, ки он тамоми паҳлуҳои ҷараёни таълимро фаро мегирад. Тамоми паҳлуҳои таълим дар иртиботи қавӣ мебошанд, ки дар якҷоягӣ технология номида мешавад [6, с. 89].

Акнун метавон натиҷагирӣ кард, ки технологияи таълим ин худ раванди таълим буда, низоми муайяни амалҳоро дар бар мегирад, яъне унсурҳои фаъоли ҷараёни таълимро дар бар мегирад.



Расми 2. Амсилаи таъкиди мавриди ду нуқта

Тарзу усулҳои ба роҳ мондани низоми таҳсил ба омӯзиш таъсири бевосита мерасонад. Агар низоми таҳсил ва воситаҳои таҳсилотӣ муассир бошанд, муҳассил метавонад ба он муътақид гардад ва барои пешбурди фаъолияти ояндаи хеш аз онҳо бархурдор бошад, мусоидат мекунад. Азбаски, технологияҳои таълимӣ ба мушаххасгардонии алоқаи мутақобилаи аносири муҳимтарини фаъолнокии ҷараёни омӯзишӣ равона аст, мундариҷаву муносибати он тибқи вижагиҳову навъҳои иштирокчиёни мазкури раванди омӯзишӣ муқаррар мегардад. Фарқи асосӣ дар вижагиҳои муносибатҳои мазкур дар амсилаи андрагогию силсилаи педагогии таълим вуҷуд доранд. Дар қиёс бо ТК корбурди мафҳуми технологияи омӯзишӣ бештар мувофиқат мекунад, чунки танҳо ашхоси калонсол дар раванди таълими худ объект шуда метавонанд.

Муайянкунии технологияи омӯзиши калонсолон аз ташхиси психологӣ ва педагогии омӯзандагон оғоз мегардад. Дар ин маврид амалиёти ҳамгиро доир ба муайянсозии авомили муҳимми ҳаёту сифати инфиродии омӯзгорон ки дар доираи корҳои таълимӣ сурат мегирад, ба роҳ монда мешавад. Вазоифи даври мазкур муайянсозии давраи мазкур, муайянсозии муносибати инфиродии шахси мушаххасу рушди мотиватсияи илмомӯзӣ ҳисоб меёбад.

Натоиҷи ниҳоӣ ин амалиёт амсилаи пешгӯии салоҳият хоҳад буд, то ин ки шахс тавонад вазъи мушкили худро тағйир диҳад. Зимни муқоиса намудани дараҷаи вуҷуддоштаи салоҳиятнокӣ бо талаботи амсилаҳои пешгӯйисозанда коркарду вориднамоии донишу малакаҳо ва сифати мавҷуднабуда, мақбул мебошад.

Марҳилаи навбатии ташхис муайян кардани ҳаҷм ва хусусияти таҷрибаи ҳаётии омӯзанда дар самти рӯзмарра, касбӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Ҳамзамон, кулли муносибатҳои фаъолияти касбӣ ва иҷтимоии шахси калонсол, ки дар он омӯзиш ҷараён мегирад, ба самаранокии таҳсил таъсири мусбӣ мерасонад. Дар ин росто пешқадам бояст, то вижагиҳои физиологӣ ва равонии таълимгиранда омили ёрирасон гардида, рушди маърифатӣ – зеҳнӣ ва донишандӯзии калонсолон рӯйи амал ояд.

Тарҳрезии ҷараёни омӯзиш марҳилаи муҳимтарин дар ташкили ТК маҳсуб меёбад. Тафовути асосии он аз амсилаи педагогӣ дар он аст, ки таълимгиранда дар тамоми ҷараёни омӯзиш фаъолона иштирок мекунад. Тарҳрезии воқеӣ ба таълимгиранда имкон медиҳад, ки ҷараёни омӯзишро омӯхта, онро дар кулл дар мароҳили фардӣ муаррифӣ мекунад. Ҳамаи ин боиси ҳавасмандии бештар барои таҳсилоти калонсолон мегардад. Инчунин, амалӣ намудани тарҳрезии воқеӣ ба омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки ба вижагиҳои ҳар як таълимгиранда ба таври ҳамаҷониба шинос шуда, ҷараёни таълимро ба таври бояду шояд ба нақша дарорад.

Вазифаҳои дарс бояд мувофиқи мақсад интихоб карда шаванд. Амсилаи андрагогӣ имкони фароҳам овардани муҳтавои ғайримуқаррарии омӯзиши фардиро бо дар назардошти сатҳи донишҳои қаблии омӯзандагон дар назар дорад.

Муҳтавои интихобшуда бояд дастабандӣ карда шавад (дар бахшҳои мушкилот, роҳнамо (модул)-ҳои салоҳият, воҳиди кредитӣ ва ғайра), то ин ки дастовардҳои тадриҷӣ ва визуалӣ, малака ва сифатҳои муайяни омӯзандаро осон гардонад.

Ба ҷузъ аз ин, ба нақша бояд гирифт, ки кадоме аз маълумот ва иттилооти таълимӣ дар робита бо адабиёти тахассусӣ ва илмӣ, роҳу усули таълим, дастуру воситаҳо барои ноил шудан ба мақсаду ҳадафҳои омӯзишӣ бо дарназардошти хусусиятҳои инфиродӣ, руҳӣ, ҷисмонӣ, маърифатӣ ва таърихӣ роҳандозӣ шуда бошад.

Ба ғайр аз ин, муайян кардани меъёрҳо, шаклҳо, равишҳо ва тартиби арзёбии дастовардҳои таълимгирандагон баҳри азхудкунии маводи таълимӣ зарур аст. Ин ҷо якчанд нуктаро таъкид кардан муҳим аст. Ҳангоми таълим ҳама захираҳои зеҳнӣ: донишҳои захирашуда, маҳорати касбӣ, шавқу ҳавас ба иҷрои кори муайян, дорои аҳаммияти аввалиндараҷа мебошанд. Баррасии натиҷаҳои аз таҳсили калонсолон бадастомадаро метавон бо усулҳои гуногун анҷом дод. Агар таълим дуруст ташкил карда шуда бошад, натиҷа ҳатман мусбат хоҳад буд.

Ғайр аз ин ашхоси калонсол низоми анъанавии маъмулиро ба сабаби мустақилият ва таҷрибае, ки дорад зиёд қабул надорад. Ба ин хотир, амсилаҳои омӯзишӣ дар андрагогика баҳодиҳӣ ба дастовардҳои омӯзандагон буда, аз азхудкуни маводҳои таълим, дархост, эҳтиёҷоти минбаъдаи омӯзишӣ ва аз муқарраркунии мақсадҳои баъд аз омӯзиш таркиб меёбанд. Дар заминаи интихоби фавқулзикр баҳодиҳӣ ба мундариҷаву ҳадафҳои назоратӣ бояд мувофиқ бошад, донишу малакаҳои гирифтаи омӯзандагонро арзёбӣ намоянд.

Меъёрҳои дуруст муайяншуда барои мушаххас кардани шаклҳо, усулҳо ва тартиботи баҳодиҳии дастовардҳои омӯзандагон кумак мерасонанд. Ба расмият даровардани таълим кори асосӣ мебошад. Он бояд тибқи қонун ва санадҳои муайян ба роҳ монда шуда, дар асоси шартномаи тарафайн амалӣ гардад. Дар як шунаванда бояд ба ҳуҷҷати тасдиққардашудаи курси омӯзишӣ таъмин гардад ва муҳимтар он ки баъди анҷоми он тавоноии хешро бештар дар иҷрои фаъолияти амалиаш эҳсос намояд.

Андешаи ҷолиби муҳаққиқи соҳа ва ин самти таълиму омӯзиш Е.В. Титов чунин баён доштааст: «Дар гумон аст, ки кӯшиши дар он ҷудо кардани қисматҳое монанди педагогика умумӣ, дидактикаи калонсолон, андрагогикаи мактаб, саноат, кишоварзӣ, туризм ва дигарҳо мувофиқи мақсад бошад» [9, с. 37].

Вазифа ва уҳдадориҳои педагог бошад, расонидани кумак ба хонанда дар иҷрои талаботи ин ҳуҷҷат аст. Ба функсияҳои дар боло зикргардидаи таълим ва таҳсил дар ин марҳила боз як вазифа илова мешавад, ки эшон шомили барномаи фардии ҳамгиро мебошанд. Ҷиҳати дар ин марҳила муҳайё кардани шароит доир ба татбиқи ҷараёни омӯзиш, он тахминан ба таври комил аз дастурдиҳанда амалӣ мегардад. Вай вазифадор аст, тамоми шароити лозимаро ҷиҳати омӯзиши пурсамари таълимгирандагон муҳайё созад, зеро макони кору фаъолияти таълимгирандагон дорои аҳаммияти бузург мебошад.

Дастурдиҳанда бобати ҷараёни дурусти корҳо масъул мебошад. Дар ниҳояти кор омӯзгор ҷиҳати таҳияи шароити мусоиди равонии фазои омӯзиш масъул мебошад. Равишҳои андрагогии омӯзиш шомили мавридҳои зерин мебошад: нисбат ба якдигар хайрхоҳ будан; ҳисси таҳаммулпазириро доро будан; ҳусни баён ва муошират хубро риоя кардан, ба фикру андешаҳои шахси ҳамсуҳбат гӯш андохтан ва дар ҳолатҳои мувофиқ қабул кардан ва розӣ шудан, мавқеи худро дифоъ карда тавонистан ва ҳоказо. Ин нуктаҳо дар маҷмуъ, барои ҳар як фард дар ҳаёт хеле муҳиманд, яъне шахс эҳсос мекунад, ки ӯ дар ҷомеа раъйи худро дорад ва баёни раъйи ӯ боиси малоли хотири дигарон нашуда, ҳамчун садои як фард ва индивид пазируфта пешавад.

Амалӣ шудани ҷараёни омӯзиш дар амсилаи андрагогӣ шомили вижагиҳои хеш мебошад. Амалӣ шудани ҷараёни омӯзиш, ки якҷо бо барномаи таълимӣ мураттаб гардидааст, асоси кори омӯзанда мебошад. Дастурдиҳанда дар ин марҳила ҳамкории ҳамаи

иштирокчиёни раванди таълимро ташкил мекунад ва ташхиси фаврии психофизиологӣ, иҷтимоӣ-психологӣ ва функсионалии хонандагонро мегузаронад, то ин ки тайёрии эшонро ба вуҷуд ба ҷараёни омӯзиш вобаста ба натоиҷи он мушаххас менамояд. Дастурдиҳанда тафтиши ташхисӣ мегузаронад ва дар ин замина кору умури марбут ба ҷараёни омӯзишро бо дарназардошти вижагиҳои таълимгирандагон ба иҷро мерасонад.

Баҳодиҳии ҷараёнҳо ва натоиҷи омӯзиш дар муқобили амсилаи педагогӣ дар технологияи таълими калонсолон, иштироки фаъоли таълимгирандагон дар ҷараёни баҳодиҳии натиҷаҳо ва худи ҷараёни омӯзиш онро дар назар дорад.

Бо кумаки меъёрҳо, шаклҳо, роҳу равиш ва тартиби баҳодиҳии тарроҳишуда таълимгирандагон дар якҷоягӣ бо шахси масъул сатҳи воқеии донишҳои азбарнамудаи худро муайян мекунанд, ки ниёзҳои таълимии онҳоро қонеъ мекунад ва аҳдофи гузошташудаи таълим ба даст меояд. Сониян, ниёзҳои минбаъдаи таълимгиранда муайян карда мешаванд.

Дар ин марҳила ташкили мониторинг ва ташхиси сатҳу дараҷаи донишандӯзӣ, таҳаввул дар рафтору кирдори калонсол, ҳавасмандӣ ва дастурҳои арзишии ин субъекти таҳсилро ба маротиб рӯйнамо мегардонад. Дар раванди мониторинг кулли дастовардҳо, камбудиҳо ва норасоиҳои калонсолол дар бобати расидан ба ҳадафҳои таҳсил муқаррар мегардад.

Ворид намудани тағйирот ба раванди таълими калонсолон амри зарур маҳсуб меёбад, зеро вобаста ба шароит ва талаботи ҷараёни таҳсил ислоҳу унсурҳои нав ба натиҷаҳои дилхоҳ оварда мерасонад. Аслан агар гӯем, тағйирот корҳоро сифатан тағйир дода, ба марҳалаи нав раҳнамун месозанд.

Коромӯзон дар ин масир тавсияҳоро роҷеъ ба ислоҳот ба ҷараёни таълим мураттаб месозанд, то андозае ки имкон дорад, дар ҷараёни ислоҳдорӣ бо барномаҳои таълимӣ иштирок мекунанд ва ба сифати иштирокчиёни фаъоли фаъолияти муштараки омӯзишӣ баромад мекунанд.

Кулли тағйирот ва иловаҳои зарур ба манфиати рушди маърифатии калонсолон нигаронида шуда, ногузирии он ба ҳалли ҳадафҳои таълим ва омӯзандагон мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, мавриди истифода қарор додани амсилаи андрагогии таълим аз ҳар назар шароити мусоиди таълимро роҳандозӣ мекунад: хонанда ғоибона ё бегоҳ, дар рӯзҳои истироҳат курсҳои кӯтоҳмуддати интенсивии мустақилонаро берун аз вақту шароити таҳсил ё дур аз сарчашмаҳои таълимӣ дар шароити хона, ҷойи кор метавонад аз худ кунад.

Инҳо омилҳои асосие мебошанд, ки зарурати истифодаи амсилаи андрагогии таълим ва принсипҳои андрагогии таълимро муайян мекунанд. Ин омилҳо ба ташкили раванди таълим барои калонсолон ва ба одамоне, ки ба ин гурӯҳи хонандагон пурра дохил карда намешаванд, ба таври баробар таъсир мерасонанд.

Адабиёт:

1. Алими, Дж. Андрагогика (инновация) [Текст] / Дж. Алими – Душанбе: «Деваштич», 2013. – 326 с.

2. Владиславлев, А. Непрерывное образование [Текст] / А. Владиславлев // Проблемы и перспективы. – Москва, 1978. – С. 33.

3. Змеев, С.И. Технология обучения взрослых: концепция, основные, сферы и условия использования [Текст] / С.И. Змеев // Материалы Международной конференции «Педагогическое образование для XXI века». – Москва, 1994. – С. 113-116.

4. Лутфуллоев, М. Инсон ва тарбия: [Матн] / М. Лутфуллоев – Душанбе: «Собириён», 2013. – 464 с.

5. Осокина, О.М. Неформальное образование как способ повышения квалификации педагогических кадров [Текст] / О.М. Осокина, А.Н. Ростовцев, Д.Ю. Чупин // Актуальные проблемы неформального повышения квалификации педагогов и руководителей образовательных учреждений. – Новокузнецк, 2012. – С. 180-182

6. Сафаров, М.В. Амсилаҳои андрагогии таълим [Текст] / М.В. Сафаров // Паёми Донишгоҳи педагогии Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. – Душанбе, 2018. – №2 (74). – С. 88-91. – ISSN 2219-5408.

7. Сафаров, М.В. Андрагогический подход к адаптационным системам образования взрослых [Текст] / М.В. Сафаров // Вестник педагогического университета имени С. Айни. – Душанбе, 2017. – №5 (72). – С. 29-33. – ISSN 2219-5408.

8. Степанова, Е.Л. Умственное развитие и обучаемость взрослых [Текст] / Е.Л. Степанова. – Ленинград, 1981. – 137 с.

9. Титова, Е.В. Методика воспитания как феномен педагогической науки и практики: автореф. дис. ... док. пед. наук: 13.00.01. [Текст] / Е.В. Титова – СПб., 1998. – 37 с.

10. Ушинский, К.Д. Педагогические сочинения [Текст] / К.Д. Ушинский. – Москва: «Линка», 1988. – 233 с.

АМСИЛАИ ТАШКИЛӢ - ФАЪОЛИЯТИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ КАЛОНСОЛОН

Мавриди истифода қарор додани амсилаи андрагогии таълим аз ҳар назар шароити мусоиди таълимро роҳандозӣ мекунад: хонанда ғоибона ё бегоҳ, дар рӯзҳои истироҳат курсҳои кӯтоҳмуддати интенсивии мустақилонаро берун аз вақту шароити таҳсил ё дур аз сарчашмаҳои таълимӣ дар шароити хона, ҷойи кор метавонад аз худ кунад.

Имрӯзҳо бо таваҷҷуҳ ба дигаргун шудани вазъи сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ дар тамоми давлатҳои дунё ва дар тамоми низомҳо ва аз он ҷумла дар низоми омӯзишу парвариш низ таҳаввулоти ҳангуфте ба амал омаданд. Ба ҷараёни таълим технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба таври хеле васеъ ворид шудааст.

Низоми омӯзишу парвариш, яъне маориф доираи васеи корҳоро фаро мегирад ва дар қиёс бо солҳои аввали ташкили ин низом имрӯзҳо шеваи бархӯрди низом ба шахс хеле тағйир кардааст. Низоми маориф мошинаи маҷбуркунӣ нест, балки вай ҳидоятгари инсон, роҳнамои ӯ дар ҷода, бештар ба низоми хидматгузор ба инсонҳо, одамон мубаддал гаштааст.

Ба ақидаи муаллиф натоиҷи ниҳоии ин амалиёт амсилаи пешгӯии салоҳият хоҳад буд, то ин ки шахс тавонад вазъи мушкили худро тағйир диҳад. Зимни муқоиса намудани дараҷаи вуҷуддоштаи салоҳиятнокӣ бо талаботи амсилаҳои пешгӯисозанда коркарду вориднамоии донишу малакаҳо ва сифати мавҷуднабуда мақбул мебошад.

Муаллиф мутмаин аст, ки ҳангоми таълим ҳама захираҳои зеҳнӣ: донишҳои захирашуда, маҳорати касбӣ, шавқу ҳавас ба иҷрои кори муайян, дорои аҳаммияти аввалиндараҷа мебошанд. Баррасии натиҷаҳои аз таҳсили калонсолон бадастомадаро метавон бо усулҳои гуногун анҷом дод. Агар таълим дуруст ташкил карда шуда бошад, натиҷа ҳатман мусбат хоҳад буд.

Ворид намудани тағйирот ба раванди таълими калонсолон амри зарур маҳсуб меёбад, зеро вобаста ба шароит ва талаботи ҷараёни таҳсил ислоҳу унсурҳои нав ба натиҷаҳои дилхоҳ оварда мерасонад.

Калидвожаҳо: амсила, асос, фаъолият, таълим, технология, калонсолон, раванд, истифода, андрагогика, педагогика, мустақилона, психология, шароит.

ОРГАНИЗАЦИОННАЯ МОДЕЛЬ - ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ ПРОЦЕССА ОБУЧЕНИЯ ВЗРОСЛЫХ

Использование андрагогической методики обучения создает благоприятные условия для обучения со всех точек зрения: учащийся может посещать короткие интенсивные самостоятельные курсы заочно или по вечерам, в выходные дни, вне учебного времени или вдали от учебных источников в домашних условиях, на рабочем месте.

Сегодня, с акцентом на изменение политической и социально-экономической ситуации во всех государствах мира и во всех системах, в том числе и в системе обучения и воспитания, произошли огромные изменения. В процессе обучения информационные и коммуникационные технологии получили широкое распространение.

Система обучения и воспитания, то есть образование, охватывает широкий спектр работ, и по сравнению с первыми годами создания этой системы сегодня отношение системы к личности значительно изменилось. Система образования не является машиной принуждения, но она является проводником человека, его проводником в процессе, все больше превращаясь в систему, служащую людям.

По мнению автора, конечным результатом будет средство прогнозирования компетентности, позволяющее человеку изменить свою проблемную ситуацию. При сравнении существующего уровня компетентности с требованиями прогностических методов допустима обработка и внедрение недостающих знаний, навыков и качества.

Автор уверен, что при обучении все интеллектуальные ресурсы: накопленные знания, профессионализм, страсть к выполнению определенной работы, имеют первостепенное значение. Рассмотрение результатов, полученных в результате обучения взрослых, может проводиться различными методами. Если обучение организовано правильно, результат обязательно будет положительным.

Внесение изменений в процесс обучения взрослых считается необходимым, поскольку в зависимости от условий и требований учебного процесса корректировки и новые элементы приводят к желаемым результатам.

Ключевые слова: модель, основа, деятельность, обучение, технология, взрослый, процесс, использование, андрагогика, педагогика, самостоятельность, психология, условия.

ORGANIZATIONAL MODEL - ACTIVITIES OF THE EDUCATIONAL PROCESS

The use of andragogical teaching methods creates favorable conditions for learning from all points of view: students can attend short intensive independent courses in absentia or in the evenings, on weekends, outside of school hours or away from educational sources at home or in the workplace.

Today, with an emphasis on changing the political and socio-economic situation in all countries of the world and in all systems, including the system of education and upbringing, huge changes have taken place. Information and communication technologies have become widespread in the learning process.

The system of education and upbringing, that is, education, covers a wide range of jobs, and compared with the first years of the creation of this system, today the system's attitude towards the individual has changed significantly. The education system is not a machine of coercion, but it is a guide for a person, his guide in the process, increasingly becoming a system that serves people.

According to the author, the end result will be a means of predicting competence, allowing a person to change their problematic situation. When comparing the existing level of competence with the requirements of predictive methods, it is acceptable to process and implement the missing knowledge, skills and quality.

The author is sure that when learning, all intellectual resources: accumulated knowledge, professionalism, passion for doing a certain job are of paramount importance. Consideration of the results obtained as a result of adult education can be carried out using various methods. If the training is organized correctly, the result will definitely be positive.

Making changes to the adult learning process is considered necessary because, depending on the conditions and requirements of the learning process, adjustments and new elements lead to the desired results.

Keywords: module, basis, activity, learning, technology, adult, process, use, andragogy, pedagogy, independence, psychology, conditions.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сафарзода Мунир Ватан – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ. Суроға: 735360, ҶТ, ш.Кӯлоб, к. С.Сафаров-16. Тел.: 918665441.E-mail: munir11@list.ru

Сведения об авторе: Сафарзода Мунир Ватан – кандидат педагогических наук, доцент Кулябского государственного университета им.А.Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г.Куляб, ул.С.Сафарова-16. Тел.: Тел.: 918665441.E-mail: munir11@list.ru

Information about the author: Safarzoda Munir Vatan – candidate of pedagogical sciences, associate professor at Kulob State University named after A.Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, S.Safarov st.-16. Tel.: Tel.: 918665441.E-mail: munir11@list.ru

ТДУ: 37.0.+004.9+351.1

ТАТБИҚИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ВА ТАҚВИЯТИ МАЛАКАҲОИ ИННОВАТСИОНИЮ РАҚАМИИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТӢ

Сафарзода Д.Ҷ., н.и.п., дотсент
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯ овардан ба низоми муосири коргузорӣ, яъне гузариш ба ҳукумати электронӣ дар низоми ҳокимияти давлатӣ яке аз шартҳои асосии рушди давлати муосир мебошад. Ҳукумати электронӣ низоми электронишудаи хизматрасониҳои давлатӣ мебошад, ки бо мақсади таъмини шаффофияти раванди идоракунии давлатӣ, сарфаи буҷаи давлатӣ ва мустаҳкам намудани робитаи байни шаҳрвандон ва давлат ба роҳ монда шуда, монеаҳои молиявӣ, физикӣ, вақтию маконии ҳам сохторҳои давлатӣ ва ҳам шахсони воқеиро нисбатан кам мекунад.

Ҳукумати электронӣ барномаи кӯтоҳ ва маҳдуд набуда, балки раванди дарозмуддати такомули тағйири идоракунии давлатӣ, ҷиҳати расонидани хизматрасонии мақомоти давлатӣ ба шаҳрвандон мебошад. Он дар маънии пурраш хизматрасонии зуд, беҳтар, арзон ва дастрас ба ниёзмандон аст [16, с. 305-313]. Раванди татбиқи ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омили ҳам субъективӣ ва ҳам объективӣ рабти қавӣ дорад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайравии хешро ба тамоюлҳои ҷаҳонӣ нишон дод ва соли 2011 Консепсияи ташаккули ҳукумати электрониро қабул намуд, ки айни замон амалӣ гардида истодааст [12].

Дар назар аст, ки натиҷаи амалисозии Консепсияи мазкур – беҳтар гардонидани сифат ва кам намудани муҳлати пешниҳоди хизматрасониҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо, таъмини дастрасӣ ба пойгоҳҳои иттилоотӣ, фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва дар оянда, бо дарназардошти мукаммалсозии низоми маъмурӣ аз нигоҳи таркиб инкишоф додани самаранокӣ ва муносибии дастгоҳи давлатӣ хоҳад буд.

Мақсадҳои асосии татбиқи ҳукумати электронӣ инҳо мебошанд:

– баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ аз ҳисоби татбиқи васеи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ;

– беҳтар гардонидани сифат ва дастрасии хизматрасониҳои ҷамъиятӣ ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо;

– соддагардонии тартиб ва ихтисор намудани муҳлати хизматрасониҳои ҷамъиятӣ, инчунин камсозии хароҷоти маъмурие, ки бо чунин хизматрасониҳо алоқаманд мебошанд;

– баланд бардоштани сатҳи дастрасии иттилоот оид ба фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

– ташкили низоми ягонаи мубодилаи иттилоот бо истифода аз захираҳои иттилоотии электронӣ ва робитаи доимӣ бо низом ва шабакаи маҳдуди баҳисобгирии тамоми истифодабарандагон;

– ҳавасмандсозии иқтисодии истифодаи Интернет ва технологияҳои иттилоотии муосир.

Ҳамзамон, иҷрои вазифаҳои ҳукумати электронӣ ба ҳалли масъалаҳои асосии зерин мусоидат менамояд:

– таҳия ва татбиқи низомҳои иттилоотӣ-таҳлилии функционалӣ (минбаъд – НИТ), ки барои раванди қабули қарорҳои идоракунӣ дар доираи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии алоҳида мувофиқ аст;

– автоматикунонии ҳамкории дуҷонибаи байни мақомоти давлатӣ дар раванди қабули қарорҳои идоракунӣ;

– автоматикунонии тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ;

– беҳтар гардонидани сатҳи шаффофияти иттилоот оид ба фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, тавсеаи имконоти дастрасӣ ва иштироки бевоситаи шаҳрвандон, ташкилотҳо ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди таҳия ва ташхиси қарорҳое, ки дар тамоми сатҳҳои низоми идоракунии давлатӣ қабул карда мешаванд;

– такмили сифати равандҳои маъмурӣ-идоракунӣ;

– таъмини фаврият ва назорати натиҷаҳои фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

– таъмини сатҳи зарурии амнияти иттилоотии ҳукумати электронӣ ҳангоми амалкунии он;

– инкишоф ва татбиқи васеи васоити таъмини дастрасии фосилавии шаҳрвандон ва ташкилотҳо ба иттилоот оид ба фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ҳамчун ҷузъи мақомоти идоракунии давлатӣ;

– бартарафсозии *«нобаробарии рақамӣ»* (нобаробарӣ миёни шаҳрвандон дар истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, ки бо фарқиятҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷойгиршавии ҷуғрофӣ алоқаманд аст), ки яке аз вазифаҳои асосии таъмини самаранокии ҳукумати электронӣ маҳсуб ёфта, тавассути инкишофи зерсохтори ТИК (инкишофи ҳудудии шабакаи алоқа, беҳтарсозии сифати алоқа ва хизматрасонии компютерӣ ба аҳолӣ, инкишофи шабакаҳои Интернет дар ҳудуди мамлакат) амалӣ карда мешавад [17, с. 142].

Ташккули ҳукумати электронӣ бояд тамоми сатҳҳои идоракунии давлатӣ аз ҳамкории дуҷонибаи байнимуассисавӣ то ҳамкории мутақобилаи мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандон такмил ва инкишоф диҳад.

Ҳадафи таъсис додани ҳукумати электронӣ низ ба таври бештар таъсир расонидани хизматрасонии давлатӣ ба шаҳрвандон мебошад. Ҳар қадар хизматрасонӣ дар Интернет дастрас бошад ва ҳар қадар истифодаи он васеътар бошад, таъсири ҳукумати электронӣ ҳамон қадар бештар хоҳад шуд. Ҳамин тавр, ҳукумати электронӣ барои ба даст овардани таъсири устувор, берун аз доираи муассири дохилӣ ва шаффофияти идоракунии давлат, анбуҳи зиёди *«шаҳрвандони электронӣ»* (e-citizens) ва *«муассисаҳои электронӣ»*-ро (e-business) талаб мекунад.

Архитектураи ҳукумати электронӣ. Аз рӯи қоида, истифодаи интернет-технологияҳо аз ҷониби давлатҳо панҷ марҳилаи асосии зерини пайдарпайро дар бар мегирад:

Марҳилаи якум. *Ташаккул*;

Марҳилаи дуюм. *Тавсеаи фаъолият*;

Марҳилаи сеюм. *Ҳамкории дуҷонибаи интерактивӣ*;

Марҳилаи чорум. *Гузаронидани транзаксияҳо*;

Марҳилаи панҷум. *Ҳамкории дуҷонибаи яклухт*.

Ҳар як марҳилаи минбаъда оид ба қадами сифатан нави инкишофи зерсохтори телекоммуникатсионии давлатӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ба қонеъсозии талабот ва дархостҳои сиёсӣ-коммуникатсионии иштирокчиёни коммуникатсияи сиёсӣ мусоидат менамояд.

Дар навбати хеш коммуникатсия дар чорчӯбаи консепсияи ҳукумати электронӣ якчанд самтҳои муҳимми зеринро фаро мегирад:

1. **G2G** *«government-to-government»* – мубодилаи иттилоот миёни мақомоти мухталифи давлатӣ, сохторҳои алоҳида ва муассисаҳои давлатӣ;

2. **G2B** *«govemment-to-business»* – робитаи мақомоти давлатӣ бо сохторҳои тиҷоратӣ ва ҷамъият;

3. **G2C** *«govemment-to-citizen»* – ҳамкории дуҷонибаи бонки давлатӣ ва шаҳрвандон.

Мавриди зикр аст, ки ҳукумати электронӣ дар заминаи ҳамкории дуҷонибаи шаффоф ва дастраси унсурҳои асосӣ (шохаҳо)-и он бояд ба баландбардории самаранокии идоракунии давлатӣ мусоидат намояд: давлат (G), шаҳрвандон (C) ва бизнес (B).



Расми 1. – Амсилаи ҳамкории мутақобилаи унсурҳои идоракунии давлатӣ

Дар заминаи консепсияи умумии ҳукумати электронӣ се принсипи асосии зерин вуҷуд дорад:

–равонасозии захираҳо ва хизматрасониҳо на ба хизматчиёни давлатӣ, балки ба шаҳрвандони қаторӣ;

–сатҳи баланди манфиати лоиҳаҳо аз рӯи натиҷаҳои татбиқ;

–низоми бозории татбиқи технологияҳо ва сармоягузории лоиҳаҳо.

Зерсохторҳои ҳукумати электронӣ ба худ низомҳои иттилоотӣ-технологии ба ҳам мувофиқ, анбуҳҳои бонизоми маълумотҳо ва қоидаҳои муайянро дар бар мегирад, ки тамоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва муассисаҳои давлатии мамлакат ҳангоми иҷрои функсияҳои хеш, махсусан дар ҳоле, ки функсияҳо аз ҷониби якчанд мақомот якбора иҷро карда мешаванд, истифода менамоянд [6, с. 76-95].

Ҳамкории дуҷониба дар дохил ва миёни унсурҳои ҳукумати электронӣ якчанд вариантҳои имконпазирро дар бар мегирад, ки дар ҷадвали 1 инъикос карда мешавад.

Ҷадвали 1. – Ҳамкориҳои дуҷонибаи ҳукумати электронӣ

	Унсурҳо	Давлат (G)	Бизнес (B)	Шаҳрвандон (C)
.	Давлат (G)	Низомҳои автоматикунонидашудаи ҳамкорӣ дар мақомот, аз ҷумла таъминоти ҳуқуқӣ.	Сомонаҳои иттилоотии мақомотҳои худидоракунии ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот, низоми хариди давлатӣ.	Серверҳои иттилоотӣ барои хизматрасониҳои оммавӣ.
		Хизматрасониҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ.	Майдонҳои электронии махсусгардонидашуда доир ба пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ	Серверҳои иттилоотии муассисаҳои давлатии таълимӣ
				Серверҳои иттилоотии низомҳои давлатии хизматрасонии

				иҷтимоӣ
.	**Бизнес (B)**	Низомҳои хариди электронӣ	Франчайзинг	Фурӯши мустақим
		Иҷроиши фармоишҳои давлатӣ	Хизматрасониҳои рекламавӣ	Интернет-мағозаҳо
		Пешниҳоди ҳисоботи андоз, омор ва гумрук	Ҳамкорӣ доир ба дастраскунии яклухти молҳо	Фурӯши молу пешниҳоди хизматрасониҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ
.	**Шаҳрвандон (C)**	Супоридани андозҳо, пардохтҳо ва ҷаримаҳо	Хизматрасониҳои хусусӣ	Интернет-биржаҳо
		Иштирок дар пурсиши андешаи ҷаъмият	Иштирок дар пурсишҳо ва дигар аксияҳои рекламавӣ	Интернет-музоядаҳо ва ғайраҳо
		Пешниҳоди дархостҳо, арзу шикоятҳо ва дигар муроҷиатҳои аҳолӣ	Иштирок дар барномаҳои шарикӣ ва сарпарастӣ	

Ҳамзамон, унсурҳои асосии зерсохтори ҳукумати электронӣ инҳо мебошанд:

– *архитектураи ягонаи давлатӣ;*
– *гардиши воситаҳои имзои электронӣ-рақамӣ;*
– *гардиши электронии ҳуҷҷатҳо;*
– *тиҷорати электронӣ;*
– *низоми электронии пардохтҳо;*
– *смарт-кортҳои истифодабарандагони хизматрасонӣ;*
– *смарт-картҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ;*
– *телефони мобилӣ;*
– *ҳуҷҷатҳои интерактивӣ.*

Амалкунии зерсохтори ҳукумати электронӣ дар заминаи ташкили архитектураи унсурҳои асосии он сарчашма мегирад, ки ба онҳо дохил мешаванд: портал ва дарвозаи ҳукумати электронӣ, *«шлюзи пардохтӣ»*, низоми миллӣ ва идентификатсионӣ, муҳити нақлиётии ягонаи мақомоти давлатӣ [2, с. 320-327].

Фаъолияти самараноки ҳукумати электронӣ ба ҳамгироии низомҳои иттилоотии мақомоти давлатӣ тавассути ҳамкории мутақобила бо портал ва шлюзи ҳукумати электронӣ такя менамояд. Дар баробари ин, унсури асосии ҳамгироӣ формати коммуникатсионии универсалии паёмакҳо ҳангоми мубодилаи маълумот мебошад.

Портал дар чорчӯбаи ҳамкории дуҷонибаи мазкур ҳамчун звенои асосии зеҳнии пайвандкунандаи мубодилаи иттилоотӣ миёни дастраскунандагон ва истифодакунандагони хизматрасониҳои электронӣ баромад мекунад. Қисмати интерфейсии портал, аз рӯи қоида тибқи принсипи *«равзанаи ягона»* фаъолият менамояд, ки интерфейси ягонаи хизматрасониҳои электронӣ, самтмуайянкунии муносиб ва механизмҳои ҷустуҷӯйро доир ба тамоми захираҳои иттилоотии дастрас таъмин менамояд.

Бо мақсади таъмини ягонагии паёмакҳое, ки дар низоми ҳукумати электронӣ давр мегарданд, қоидаҳои ягонаи барасмиятдарорӣ ва коркарди хабарҳо таҳия мегарданд.

Комилият ва нигоҳдории хабарҳои мазкур аз ҳисоби ба таври марказӣ бойгонӣ намудани онҳо, инчунин истифодаи таҷҳизоти захиравӣ таъмин мегардад. Низомҳои иттилоотии мақомоти давлатӣ бояд дорои интерфейси ҳамгироӣ бошанд ва бо истифода аз механизмҳои стандартии мубодилаи хабарҳо дар формати коммуникатсионӣ таҳия гардида бошанд. Амалисозии низомҳои иттилоотӣ-технологӣ *«Дарвозаи ҳукуматӣ»* ҳамгироӣ ва ҳамкории дуҷонибаи низомҳои иттилоотии мақомоти давлатиро таъмин менамояд [9, с. 87-89].

Мушаххассозӣ ва саҳеҳсозии истифодабарандагони хизматрасониҳои электронӣ яке аз самтҳои асосии ташаккули зерсохтори ҳукумати электронӣ мебошад. Дар баробари ин, пойгоҳи маълумоти давлатии *«Шахсони воқеӣ»* ва *«Шахсони ҳуқуқӣ»* таъсис дода мешавад, ки функсияҳои асосии онҳо генератсия ва пешниҳоди рақамҳои мушаххас ба шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ, инчунин соҳибкорони инфиродӣ мебошад. Ягонасозии майдончаи суроға ва таъмини имконоти коркарди мошинии суроғаҳоро *«Регистри суроғавӣ»* бо пешниҳоди рақами мушаххас ба ҳар як суроға амалӣ месозад, ки дар расми 2 нишон дода мешавад.



Расми 2. – Амсилаи зерсохтори ҳукумати электронӣ

Ташкили механизми аутентификатсияи истифодабарандагони хизматрасониҳои электронӣ бо роҳи татбиқи зерсохтори калидҳои кушода таъмин мегардад, ки ҳангоми мубодилаи иттилоотӣ имконияти тавассути занҷираи муносибатҳои боварибахш истифода намудани механизми имзои рақамии электрониро фароҳам месозад.

Зерсохтори калидҳои кушода дар заминаи татбиқи шаҳодатномаҳои бақайдгирӣ, ки калидҳои пӯшидаи инфиродии истифодабарандагонро бо калидҳои кушодаи онҳо алоқаманд месозанд, сарчашма мегирад. Татбиқи зерсохтори калидҳои кушода тавассути таъсиси маркази махсуси шаҳодатномадиҳии имзои рақамии электронии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии мамлакат амалӣ карда мешавад. Таъмини эътимоднокии раванди генератсия, нигоҳдорӣ ва татбиқи маълумотҳои мушаххас ва калидҳои имзоҳои рақамии электронӣ бо роҳи истифодаи смарт-технологияҳо амалӣ карда мешавад [14, с. 19-29].

Бо дарназардошти он ки имзои рақамии электронӣ дар натиҷаи тағйирдиҳии криптографии иттилоот сохта мешавад, бинобар ин, мақомоти ваколатдор дар соҳаи сертификатсияи воситаҳои криптографии ҳифзи иттилоот ва пешбурди соҳаи мазкур муқаррар карда мешаванд.

Ҳамин тавр, низоми мушаххассозӣ имкон фароҳам месозад, ки дастрасӣ бо иҷозат ба низомҳои иттилоотӣ ва захираҳои мақомоти давлатӣ таъмин карда шавад.

Адабиёт:

1. Азимбоев, А. Рақамикунонӣ дар соҳаи маориф: ҷиҳатҳои мусбат ва манфии он [Матн] / А. Азимбоев, С.М. Тулиев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди тиҷорати электронӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ» бахшида ба эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф». – Душанбе. – 2023. – С. 49-54.

2. Байханов, И.Б. Трансформация профессиональных компетенций специалистов государственного управления [Текст] / И.Б. Байханов // Миссия конфессий. – 2021. – Том 10. – №3. – С. 320-327.

3. Баранов, А.В. Цифровая компетентность государственных служащих как ресурс политической власти [Текст] / А.В. Баранов, О.В. Котлярова // Государственное и муниципальное управление. Ученые записки. – 2021. – №2. – С. 11-17.

4. Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, №468 тасдиқ шудааст.

5. Беляцкая, Т.Н. Цифровой разрыв в современном информационном обществе [Текст] / Т.Н. Беляцкая, В.С. Князькова // Экономическая наука сегодня. – 2019. – №10. – С. 209-217.

6. Васильева, Е.В. Человеко-ориентированный подход в формировании ключевых компетенций государственных гражданских служащих в условиях цифровой трансформации [Текст] / Е.В. Васильева, В.Н. Пуляева, В.А. Юдина // Управленческие науки. – 2019. – №9 (1). – С. 76-95.

7. Добролюбова, Е.И. Цифровое будущее государственного управления по результатам [Текст] / Е.И. Добролюбова, В.Н. Южаков, А.А. Ефремов, Е.Н. Клочкова, Э.В. Талапина, Я.Ю. Старцев – М.: Издательский дом «Дело» РАНХИГС, 2019. – 114 с.

8. Ёров, М.Р. Амсиласозии компютерии системаи иттилоотию хизматрасонии Комиссияи олии аттестатсионӣ: дисс... номз. илмҳои техникӣ [Матн] / М.Р. Ёров. – Душанбе, 2020. – 135 с. – EDN: TJYYRS.

9. Комилов, Ф.С. Электронная система управления ВУЗ-ом [Текст] / Ф.С. Комилов, У.М. Джумаев, Р.Дж. Давлатов // Материалы международной конференции «Компьютерный анализ проблем науки и технологии». – Душанбе, ТНУ, 2011. – С. 87-89.

10. Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2022, №439 тасдиқ шудааст.

11. Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалисозии Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2003, №1174 тасдиқ шудааст.

12. Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалисозии Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2003, №1174 тасдиқ шудааст.

13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи хизмати давлатӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.11.2023, №2011 тасдиқ шудааст.

14. Лолаева, А.С. Место электронного правительства в системе государственного управления [Текст] / А.С. Лолаева // Право и политика. – 2022. – №2. – С. 19-29. – DOI: 10.7256/2454-0706.2022.2.37511.

15. Сафарзода, Д.Ҷ. Вижагиҳои рушди касбии хизматчиёни давлатӣ дар шароити рақамикунонӣ [Матн] / Д.Ҷ. Сафарзода, Б.Ф. Файзализода // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – №3(68). – С. 323-332. – ISSN: 2664-0651 / ISSN: 2709-8567.

16. Сафарзода, Д.Ҷ. Методҳои салоҳиятҳои рақамӣ ва ҳукумати электронӣ дар сохтори идоракунии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д.Ҷ. Сафарзода, Б.Ф. Файзализода // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – №2(67). – С. 305-313. – ISSN: 2664-0651 / ISSN: 2709-8567.

17. Файзализода, Б.Ф. Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ташаккул ва рушд [Текст] / Б.Ф. Файзализода, Д.Ҷ. Сафарзода. – Душанбе: «АИДНПҶТ», 2024. – 142 с.

ТАТБИҚИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ВА ТАҚВИЯТИ МАЛАКАҲОИ ИННОВАТСИОНИЮ РАҚАМИИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТӢ

Муаллиф дар мақолаи худ татбиқи ҳукумати электрониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ намуда, тазаккур додаанд, ки барои шунавандагони курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ тибқи барномаи Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии хизматчиёни давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хизматчиёни давлатии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоркунии шаҳрак ва деҳот тибқи барномаи таълимӣ вобаста аст, ки заминаҳои ҳуқуқии хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хизматрасонии электронӣ дар иқтисоди рақамӣ, фаъолияти шабакавии хизматчиёни давлатӣ дар шароити татбиқи ҳукумати электронӣ, фарҳанги истифодаи интернет, сиёсати давлатӣ оид ба иттилоот ва таъмини амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи ҳукумати электронӣ дар мақомоти давлатӣ, таҳлилу баррасӣ шудааст.

Калимаҳои калидӣ: ҳукумати электронӣ, хизмати давлатӣ, салоҳиятҳои рақамӣ, амсиласозии салоҳиятҳо, амсиласозии компютерӣ, технологӣ, идоракунии давлатӣ, технологияи иттилоотӣ, рақамикунонии таҳсилот.

ВНЕДРЕНИЕ ЭЛЕКТРОННОГО ПРАВИТЕЛЬСТВА И РАЗВИТИЕ ИННОВАЦИОННЫХ И ЦИФРОВЫХ НАВЫКОВ ГОСУДАРСТВЕННЫХ СЛУЖАЩИХ

В своей статье автор проанализировали и рассмотрели внедрение электронного правительства в Республике Таджикистан и подчеркнули, что для слушателей курсов и переподготовки повышения квалификации переподготовки государственных служащих по программе Института повышения квалификации и переподготовки гражданских служащих Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан для государственных служащих местных исполнительных органов государственной власти и органов самоуправления городов и сел по образовательной программе, связанной, правовые основы государственной службы в Республике Таджикистан, электронные услуги в цифровой экономике, проанализирована и рассмотрена сетевая деятельность государственных служащих в контексте внедрения электронного правительства, культуры использования Интернета, государственной политики в области информации и обеспечения ИТ-безопасности в Республике Таджикистан, внедрения электронного правительства в государственных органах.

Ключевые слова: электронное правительство, государственная служба, цифровые компетенции, моделирование компетенций, компьютерное моделирование, технологическое, государственное управление, информационные технологии, цифровизация образования.

IMPLEMENTATION OF E-GOVERNMENT AND DEVELOPMENT OF INNOVATIVE AND DIGITAL SKILLS OF CIVIL SERVANTS

In their article, the author analyzed and reviewed the implementation of e-government in the Republic of Tajikistan and emphasized that for students of the advanced training and retraining course for civil servants under the program of the Institute for Advanced Training and Retraining of Civil Servants Employees of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan for civil servants of local executive bodies and self-government bodies of cities and villages under an educational program related to the, legal foundations of the civil service in the Republic of Tajikistan, electronic services in the digital economy, the network activities of civil servants are analyzed and considered in the context of the introduction of e-government, the culture of using the Internet, state policy in the field of information and ensuring IT security in the Republic of Tajikistan, the introduction of e-government in government organs

Key words: e-government, public service, digital competencies, competency modeling, computer modeling, technological, public administration, information technology, digitalization of education.

Маълумот дар бораи муаллифон: Сафарзода Даврон Ҷурахон – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Суроға: 734003. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Тел.: (+992) 918-90-90-89;

Сведения об авторах: Сафарзода Даврон Джурахон – кандидат педагогических наук, доцент кафедры психологии и социологии управления Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Адрес: 734003, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Саида Носира, 33. Тел.: (+992) 918-90-90-89.

Information about the authors: Safarzoda Davron Jurakhan – candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of psychology and sociology of management of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan. Address: 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Said Nosir street, 33. Tel.: (+992) 918-90-90-89.

ТДУ:8136+811.111(575.3)
Қ-54

ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ФАЪОЛИЯТИ ХОНАНДАГОН ДАР ДАРСИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ ВА ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ ШАРОИТ БАРОИ АМАЛӢ ГАРДИДАНИ ОН

Қурбонов Т.З., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар марҳалаи ҳозираи рушди маълумот дар мактаб проблемаи фаъолияти маърифатии талабагон бинобар суръати баланди инкишоф ва такмили илму техника, эҳтиёҷоти ҷомеа ба одамони бомаърифат аҳаммияти махсус пайдо мекунад, чунки ҷомеа ба шахсони маърифатнок, маълумотнок ва бофарҳанг, ки метавонанд дар ҳолатҳои лозима ба вазъият мутобиқ шаванд. ниёз дорад. [3, с. 127]

Ҳозир мактаб бо фаъолиятҳои пасти хонандагон ба монанди завқу рағбати пасти хондан, мустақилона азхуд карда натавонистани дониш ва ба пассивии зеҳнии талабагон дучор омадааст. Ин масъаларо аз ҷиҳати методи бо дуруст ба роҳ мондани фаъолияти таълимӣ ҳал кардан мумкин аст, дар он сурат фаъолияти таълимӣ ва маърифатии хонанда ташаккул меёбад. Ичрои фаъолияти педагогиро, ки боиси инкишофи фаъолияти хонанда мегардад, чӣ тавр бояд ба роҳ монд? Оё фаъолияти педагогиро на танҳо «аз берун», балки дар мактаб «аз дарун», дар ҳамкорӣ бо худи хонанда инкишоф додан мумкин аст?

Дар методикаи таълими забони хориҷӣ ба масъалаҳои баланд бардоштани ҳавасмандӣ, нигоҳ доштан ва инкишоф додани шавқу рағбати хонандагон диққати зиёд дода мешавад. [7, с. 27]

Пӯшида нест, ки имрӯз дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ кишвар ҳавасмандгардонии таълимии забони хориҷӣ ба талаботи ҷомеа ҷавобгӯй нест, чунки онҳо бо сатҳи дониши забонии паст аз мактаби миёна ба мактабҳои олӣ дохил мешаванд.

Ҳамаи ин аз муаллимони мактабҳои миёна тақозо менамояд, ки онҳо дучанд заҳмат бикашанд ва ҳавасмандии онҳоро ба омӯзиши забони хориҷӣ бедор бисозанд, инчунин онҳоро ба забономузӣ тарғиб намояд. Проблемаи баланд бардоштани ҳавасмандии забономӯзӣ аз муаллим талаб мекунад, ки ба ҳалли он муносибати нав, аз ҷумла, шаклҳои мукаммалтари ташкилӣ ва усулҳои таълимро инкишоф диҳад.

Дар хотир бояд дошт, ки дар раванди таълим на танҳо дониш муҳим аст, балки таассуроте, ки хонанда баъд аз хотимаи дарс ба даст меорад, муҳим аст. Хонандагон ба дарсҳои шавқангез ва ғайристандартии забон бо ҳавасмандии зиёд, иштирок мекунанд.

Дар натиҷаи ин гуна дарсҳо онҳо ҳамаи душвориҳоро паси сар мекунанд. Хонандагони зинаҳои аввали таҳсилот ниёз ба таассурот ва кунҷковӣ доранд. Ин омилҳоеро,

ки соҳаи эмотсионалӣ ва ҳавасмандиро муайян мекунанд, бояд омӯзгор ҳангоми ташкили дарс, интихоби мазмуни таълим ва интихоби маҷмуи таълимӣ-методӣ ба инобат гирад. Маҳз таассурот ва кунҷковӣ бояд асоси ташаккули ҳавасмандии устувори таълимӣ дар байни хонандагон дар раванди таълими забони хориҷӣ гардад.

Ҳавасмандӣ муҳимтарин омил дар раванди азхудкунии забони хориҷӣ мебошад. Ташаккули ҳавасмандӣ, пеш аз ҳама, фароҳам овардани шароит барои ба вуҷуд омадани ангезаҳои дохилӣ барои омӯзиш, огоҳии онҳо аз ҷониби худи хонандагон ва рушди минбаъдаи соҳаи ҳавасмандкунӣ мебошад [6, с. 182].

Соли аввали омӯзиши забони хориҷӣ дар мактаби миёна барои ташаккул ва нигоҳ доштани ҳавасмандии мусбӣ барои омӯзиши забони хориҷӣ дар оянда мусоидтар аст.

Ташаккули ҳавасмандии мусбӣ барои омӯзиши забони хориҷӣ метавонад тавассути ҳалли вазифаҳои зерин амалӣ карда шавад:

1. Таъсиси системаи махсуси машқҳо, ки дар иҷрои онҳо хонандагон натиҷаи фаъолияти худро эҳсос мекунанд;

2.Системаи таъсири педагогии омӯзгор, аз ҷумла, мавҷудияти ҳавасмандкунӣ ва мукофотҳое, ки ба ташаккули ҳавасмандии мусбат таъсир мерасонанд;

3. Истифодаи самараноки воситаҳои таълимии аудиовизуалӣ. Технологияи компютерӣ ва захираҳои интернетӣ дар дарс;

4. Ҷалби соҳаи эмотсионалӣ дар раванди таълим;

5. Истифодаи фардикунонии ба шахсият нигаронидашуда;

6. Ташаккул додани системаи корҳои беруназсинфӣ, ки ҷанбаи ҳавасмандии омӯзиши забонро баланд мебардорад;

7. Дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ ҳамкорӣ намудан бо волидайни хонандагон;

Барои ташаккули ҳавасмандии фаъолияти хонандагон ба омӯзиши забони хориҷӣ усулҳои гуногунро истифода бурдан мумкин аст, аз ҷумла;

1.Усулҳои бозӣ барои пешниҳоди маводи омӯхташуда роҳи асосӣ ва самараноктарини ташаккули ҳавасмандии мусбӣ дар хонандагон мебошанд.

Бозӣ ҳам яке аз падидаи фарҳангӣ ва иҷтимоии ҳар як халқу миллат дар зинаҳои муайяни тараққиёти иҷтимою иқтисодӣ ва фарҳангию маънавии ӯ ба ҳисоб меравад. Санъатшиноси маъруфи тоҷик профессор Н.Х. Нурҷонов бозиҳои кӯдаконро ҳамчун арзиши фарҳангии халқи тоҷик ҳисоб карда, таъкид менамояд, ки санъати театрӣ аз бозиҳои халқӣ сарчашма гирифтааст. Маҳз маҳорат, қобилият, истеъдоди нақшофарӣ бо номи иҷро намудани нақш, бозӣ карда тавонистан дар саҳнаи ҳунар, офаридани симою гуфтору амали қаҳрамон эътироф шудани маъною муҳтавои асари саҳнавӣ, инчунин ҳунармандро ифода менамояд. Дигар муҳаққиқони тоҷик бозиро ҳамчун воситаи тарбияи сифатҳои ҷисмонӣ ва ахлоқӣ иродавӣ аз тарафи Н.Н. Турсунов, Б. Маҷидова, Ш.А. Сафаров, Г.А. Қурбонова, Б.Асозода ва дигарон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд. [10, с. 8]

Пӯшида нест, ки хонандагони соли аввал танҳо он чизеро, ки дастрас, ҷолиб ва шавқоваранд мефаҳманд, иҷро мекунанд. Усулҳои бозиҳои шавқовар дар соли аввали таҳсил дар дарсҳои забони хориҷӣ роҳи асосии ташаккули ҳавасмандкунӣ мебошанд.

Дар баробари ин дар хотир бояд дошт, ки бозӣ дар дарс ба хотири бозӣ сурат намегирад, он бояд ҳамеша ҳадафи мушаххас дошта бошад ва натиҷа дода тавонад. яъне дар хонандагон малакаҳои нутқи мушаххасро ташаккул диҳад. (фонетикӣ, лексикӣ, грамматикӣ, дарки нутқ ба воситаи гӯш кардан, диалог ва монолог).

Дар зери таъсири шавқу ҳаваси маърифатӣ, ки дар муносибати фаъолона мавриди иҷрои бозии дидактикӣ зоҳир мегардад, салоҳияти кӯдакон ташаккул ёфта, дар ин замина пеш аз ҳама сифати дониш тағйир меёбад - он мукаммалтар, равшантар, хаёлноктар мегардад. Инчунин, раванди маърифат бисёр зуҳуроти равониро аз ҷумлаи дарк, таваҷҷуҳ, хотира. диққат ва тасаввуротро фаъол мекунад. Дар мавҷудияти шавқ кӯдак маводи таълимиро осонтар ва устувортар аз худ мекунад, онро зуд ва образнок такрор мекунад. [4, с. 204]

Бозӣ воситаи муҳимми тарбияи ақлию зеҳнии хонандагон буда, дар ташаккулёбии шахсияти онҳо нақши муҳимро бозӣ мекунад. Бозӣ чунин шакли фаъолиятест, ки аллакай аз ҷониби хонандагони хурдсол пазируфтаю азхуд карда шудааст. [11, с. 121]

2.Сурудҳо барои рушди малакаҳои муошират истифода мешаванд. Сурудҳо фаъолияти хонандагонро ба гузориши чизе водор месозад, шавқу ҳавас пайдо мешавад, яъне омили муошират бояд ҷои аввалро ишғол намояд.

Ҳангоми омӯхтани суруд хонандагон маълумоти нав мегиранд, ки дар онҳо фаъолияти маърифатиро ба вуҷуд меорад. Масалан, ҳангоми омӯхтани суруд хонандагон мефаҳманд, ки узвҳои бадан ва узвҳои босира бо забони хориҷӣ чӣ гуна номида мешаванд. Дар бораи ангезаи эстетикӣ чунин сухан рондан мумкин аст, ки маҳз ангезаи эстетикӣ ба ташаккули эҳсосоти мусбӣ таъсир мерасонад, тасаввуротро инкишоф медиҳад. Ҳамаи ин вақте имконпазир мегардад, ки хонанда бо завқ суруди дӯстдоштаи худро ба забони хориҷӣ месарояд. [6, с. 17]

Истифодаи сурудҳо ба:

• такмил додани малакаҳои талаффуз кумак мерасонад;

• ба шумо имкон медиҳад, ки дар артикулясия, ритм ва интонатсия ба муваффақият ноил гардед;

• дониши забони фаронсвии шуморо мустаҳкам мекунад;

• захираи луғавиро бой мегардонад;

• маҳорат ва малакаи хондан ва шуниданро инкишоф медиҳад;

• ба гуфтори монологӣ ва диалогӣ шуморо ҳавасманд мекунад;

• ҳам нутқи тайёр ва ҳам стихиявии шуморо инкишоф медиҳад;

• ба фазои эҳсосии хонандагон таъсири назаррас мерасонад.

Муайян карда шудааст, ки машғулиятҳои забони хориҷӣ дар заминаи мусиқӣ на танҳо барои аз ёд кардани мавод мусоидат мекунад, балки хастагиро дар раванди таълим рафъ мекунад.

Истифодаи шеъру рубоиҳо ба хонандагон имкон медиҳад, ки намунаҳои асосии грамматикиро устуворона дар хотир нигоҳ дошта, дар амалияи ҳаррӯза истифода баранд. Илова бар ин, раванди таълим ба бозии шавқовар табдил меёбад, ки таваҷҷуҳро ба ин фан нигоҳ медорад.

3.Озмуну олимпиадаҳо, ҳафтаи забони хориҷӣ аз рӯи фан, ба забони хориҷӣ.

Ин чорабиниҳо бо забони хориҷӣ манбаи иловагии ҳавасмандкунӣ ва бедории шавқ ба омӯзиши забони хориҷӣ мебошад. Гузаронидани ҳафтаи забони хориҷӣ, идҳо, шабҳои тематикӣ барои муайян кардани қобилияти хонандагон ёрӣ мерасонад, имконият медиҳад, ки дониш ва маҳорати ҷамъшуда санҷида шавад.

4. Шаклҳои ғайристандартии гузаронидани дарсҳо.

Дарси ғайристандартӣ дарси ғайриоддӣ мебошад, ки сохтори ғайрианъанавӣ (муайяннашуда) дорад. Шаклҳои гуногуни гузарондани машғулиятҳои ғайристандартӣ мавҷуданд.

Намудҳои маъмултарини дарсҳои ғайристандартии хонандагони соли аввал дарсҳои озмунӣ, дарси театрӣ, дарс бо шаклҳои гурӯҳии кор, дарси эҷодкорӣ, дарси нақшбозӣ, дарси озмунӣ, викторинаҳо мебошанд. Албатта, дарсҳои ғайристандартӣ, ки аз ҷиҳати тартиб, ташкил, усули гузарондани онҳо ғайримуқаррарӣ мебошанд, назар ба машғулиятҳои ҳаррӯзаи сохти қатъӣ ва графики кори муқарраршуда ба хонандагон бештар маъқул мебошанд.

Шаклҳои ғайристандартии гузаронидани дарс шавқу ҳаваси хонандагонро ба фаъолияти хониш зиёд мекунанд.

5. Истифодаи шаклҳои коллективии кори тарбиявӣ.

Ташаккули ҳавасмандии мусбӣ барои омӯзиши забони хориҷӣ тавассути ҳавасмандгардонии фаъолияти муштараки омӯзишӣ мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, ҳавасмандии фаъолияти муштараки омӯзишӣ ба ташаккули ҳавасмандии беруна барои омӯзиши забони хориҷӣ таъсир мерасонад.

6. Истифодаи технологияҳои компютерӣ.

Дар соли аввали таҳсил дар мактаби миёна диққати ғайриихтиёрӣ инкишоф меёбад, ки он махсусан мутамарказ ва устувор мегардад, агар маводи таълимӣ аён ва равшан бошад ва дар хонандагон муносибати эмотсионалӣ ба вуҷуд оварда тавонад. Дар нақши чунин аёният шумо метавонед презентатсияҳои мултимедиявиро истифода баред.

Қувваи методологии мултимедия маҳз дар он аст, ки ба хонанда ҳангоми дарк кардани ҷараёни ҳамоҳангшудаи тасвирҳои садо ва визуалӣ таваҷҷуҳ кардан ва таълим додан осонтар мешавад ва ба ӯ на танҳо аз ҷиҳати иттилоотӣ, балки аз ҷиҳати эҳсосотӣ низ таъсир мерасонад. [1, с. 12] Илова бар ин, презентатсия ба муаллим имкон медиҳад, ки маводи таълимиро дар асоси хусусиятҳои синф, мавзуъ, фанни мушаххас мустақилона тартиб диҳад. Ин ба шумо имкон медиҳад, ки дарсро тавре созед, ки муваффақияти ҳадди ақал ба даст оред.

7.Ташкили муносибати дифференсиалӣ ва инфиродӣ.

Ба хонанда чунин вазифаҳое пешниҳод карда мешаванд, ки дар ин марҳила ӯ мустақилона ҳал карда наметавонад, вале дар ҳамкорӣ бо муаллим, дар ҷустуҷӯи якҷоя имкониятҳои захиравии ӯ ошкор гардида, боварӣ ба қувваи худаш меафзояд.

8. Эҷоди вазъиятҳои мушкилот.

Ин усул вазифаҳои проблемавӣ ва ҳавасмандкуниро иҷро мекунад, ба шумо имкон медиҳад, ки саволҳои қаблан омӯхташударо такрор кунед, барои азхудкунии маводи нав омода шавед ва масъалаеро тартиб диҳед, ки ҳалли он бо «кашф»-и донишҳои нав алоқаманд аст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки зиддиятҳо, вазъиятҳои проблемавие, ки барои раванди таълим муфиданд, ба монанди ёфтан ва сохтан, хонандаро ба муҳокима ва ҳалли масъала ҷалб кардан лозим аст.

9. Эҷоди вазъияти муваффақият.

Таъриф кардани хонанда ҳавасмандии хонандаро паст намекунад, зеро ӯ майл дорад, ки муаллим ба қобилиятҳои ӯ баҳо диҳад. Яке аз роҳҳои муассири ташаккул ва нигоҳ доштани ҳавасмандии мусбӣ дар байни хонандагон эҷод кардани ҳолатҳои муваффақият мебошад.

Барои он, ки ҳар як хонанда ба муваффақият ноил шавад, ҳатто хурдтарин муваффақиятро ҳавасманд гардондан лозим аст.

10. Китоби дарсӣ ва вазифаҳои ҳавасмандгардонии он.

Ҷузъҳои гуногуни маҷмуаҳои таълимию методӣ дар якҷоягӣ ба фароҳам овардани фазои таълимӣ онҳоро ба омӯзиши забони хориҷӣ ҳавасманд мекунад.

Барои эҷоди ҳавасмандкунӣ усулҳо ва воситаҳои гуногун истифода мешаванд: шифоҳӣ, визуалӣ, амалӣ, аммо ҷустуҷӯ, таҳқиқот ва бозӣ имрӯз нақши асосиро мебозанд.

Истифодаи ин усулҳо дар сурате самаранок аст, ки шавқу ҳаваси хонандагон ба омӯзиши забони хориҷӣ коҳиш наёфта бошад, шавқи маърифатии онҳоро, аз ҷиҳати руҳӣ бедор кардан лозим аст. Ҳама хонандагон ба руҳияи дониш, руҳияи муошират ва коллективизм наздиканд ва онҳо бояд худро дар эҷодкорӣ, фантазия, бозӣ, рақобат зоҳир кунанд.

Ҳамин тариқ, ба таври мақсаднок ва мунтазам татбиқи усулҳои номбаршуда дар дарси забони хориҷӣ ба ташаккули мотивҳои васеи маърифатӣ дар соли аввали таҳсил дар мактаб мусоидат намуда, ҳавасмандии мусбати омӯзиши забони хориҷиро ташаккул медиҳад.

Иҷрои ин гуна вазифаҳо танҳо дар шароити омӯзиши фаъолона, ки фаъолияти равонии хонандагонро ангезонда метавонад, имконпазир мегардад. Омӯзиши фаъол, ки бо истифода аз усулҳои фаъол сурат мегирад, ба ташаккули шавқи маърифатӣ ба азхудкунии дониш ва фаъолияти таълимӣ мусоидат мекунад.

Шавқу рағбати маърифатӣ як ангезаи амиқи ботинӣ аст, ки ба ниёзҳои модарзодии маърифатии инсон асос ёфтааст.

Инкишофи шаклҳо ва усулҳои нави таълим, истифодаи комплексии ВТО метавонад, муҳаббат ба дониш, кунҷковӣ ва ҳавасмандиро дар руҳияи хонандагон бедор намояд.

Адабиёт:

1. Алиев С.Н. Общая методика обучения иностранным языкам (на тадж.яз.). Учебное пособие для студентов факультетов иностранных языков педагогических университетов. -Душанбе: ТГПУ, 2013. -336 с.
2. Анастази, А., Урбина, С. Психологическое тестирование [Текст] /А. Анастази, С. Урбина. - СПб.: Питер, 2005. - 688 с.
3. Бадмаева, Н.Ц. Влияние мотивационного фактора на развитие личности [Текст] / Н.Ц. Бадмаева. Улан-Удэ Издательство ВСГТУ, 2014. –280 с.
4. Божович, Л.И. Проблемы формирования личности [Текст]: Избранные психологические труды 3-е изд / Л.И. Божович. — М.: Московский психолого-социальный институт, Воронеж: НПО «МОДЭК» 2011. — 352 с.
5. Боев Ш.Р. Шароитҳои педагогӣ барои ташаккули салоҳиятҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимниташкили бозиҳои дидактикӣ дар ҷараёни таълими дарсҳои суруд ва мусиқӣ Вестник педагогического Университета № 3 (13) 2022 – 378с
6. Вайсбурд, М.Л., Пустосмехова Л.Н. Телепередача как опора для организации речевой игры на уроке иностранного языка // Иностранные языки в школе – 2002. - № 6. – С. 3-7.
7. Верисокин, Ю.И. Видеофильм как средство мотивации школьников при обучении иностранному языку // Иностранные языки в школе / Ю.И. Верисокин. – 2003. - № 5. – С. 31-34.
8. Маркова, А.К. Формирование мотивации учения в школьном возрасте [Текст] / А. К. Маркова. - М., 2012. – 450 с.
9. Мятова, М.И. Использование видеофильма в обучении иностранному языку в средней общеобразовательной школе / М.И. Мятова // Иностранные языки в школе, 2006, №6. – С. 31 – 39.
10. Пассов, Е.И. Урок иностранного языка в школе / Е.И. Пассов. – М.: Просвещение, 1988. – 223 с.
11. Рамазонов Д.С. Нақши бозӣ дар рушд ва ташаккулёбии қобилияти эҷодии кӯдакон Вестник педагогического Университета №2 (12) Душанбе – 2022 - 256 сс
12. Расулзода Ш.Ҷ. Нақши бозиҳои дидактикӣ дар бедор намудани шавқу ҳаваси донишомӯзии хонандагон дар дарсҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ Вестник педагогического университета №3 (17) Душанбе – 2023 - 258 с

ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ФАЪОЛИЯТИ ХОНАНДАГОН ДАР ДАРСИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ ВА ФАРОҲАМ ОВАРДАНИ ШАРОИТ БАРОИ АМАЛӢ ГАРДИДАНИ ОН

Дар ин мақола доир ба масъалаи ҳавасмандгардонии фаъолияти хонандагон дар дарси забони хориҷӣ ва фароҳам овардани шароит барои амалӣ гардидани он сухан меравад. Дар марҳалаи ҳозираи рушди маълумот дар мактаб проблемаи фаъолияти маърифатии фаъоли талабагон бинобар суръати баланди инкишоф ва такмили илму техника, эҳтиёҷоти ҷомеа ба одамони бомаърифат, ки қодиранд, ки ба зудӣ дар рафти таълим азхуд карда шаванд, аҳаммияти махсус пайдо мекунад, чунки ҷомеа ба шахсони маърифатнок, маълумотнок ва бофарҳанг, ки метавонанд дар ҳолатҳои лозима ба вазъият мутобиқ шаванд ниёз дорад.

Ҳозир мактаб бо фаъолиятҳои пасти хонандагон ба монандӣ; завқу рағбати пасти хондан, мустақилона аз худ карда натавонистани дониш ва ба пассивии зеҳнии талабагон дучор меояд. Ин масъаларо аз ҷиҳати методӣ дуруст ба роҳ мондани фаъолияти таълимӣ ҳал кардан мумкин аст, дар он сурат фаъолияти таълимӣ ва маърифатии хонанда ташаккул меёбад.

Калидвожаҳо; фаъолият, ҳавасмандӣ, ангеза, рушди илму–техника, суханронӣ, маҳорати нутқӣ, методи омӯзиш, фаъолияти суханронӣ, дониши зеҳнӣ, фаъолияти эҷодӣ.

ПООЩРЕНИЕ АКТИВНОСТИ УЧАЩИХСЯ НА УРОКАХ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА И СОЗДАНИЕ УСЛОВИЙ ДЛЯ ЕЕ РЕАЛИЗАЦИИ

В данной статье рассматривается проблема поощрения активности учащихся на уроках иностранного языка и создание условий для ее реализации.

На современном этапе развития образования в школе проблема активной познавательной деятельности учащихся в связи с высокими темпами развития и совершенствования науки и техники, потребность общества в образованных людях, способных быстро освоиться в процессе обучения, приобретает особое значение, так как обществу нужны образованные и культурные люди, способные при необходимости адаптироваться к ситуации. В настоящее время школа сталкивается с низкой активностью учащихся, низким интересом к чтению, неспособностью к самостоятельному обучению, интеллектуальной пассивностью учащихся. Этот вопрос может быть решен с точки зрения правильной методики ведения учебной деятельности, в этом случае будет формироваться учебно-познавательная деятельность учащегося.

Ключевые слова: деятельность, мотивация, развитие науки и техники, речь, речевые навыки, методы обучения, речевая деятельность, творческая деятельность.

ENCOURAGING STUDENT ACTIVITY IN FOREIGN LANGUAGE LESSONS AND CREATING CONDITIONS FOR ITS IMPLEMENTATION

This article discusses the issue of encouraging student activity in foreign language lessons and creating conditions for its implementation. At the present stage of development of education in school, the problem of active cognitive activity of students, due to the high pace of development and improvement of science and technology, the need of society for educated people who are able to quickly master the course of education, is of particular importance, since society needs educated people, educated and cultured, able to adapt to the environment in necessary situations, needs. Currently, the school is faced with low student activity, low interest in reading, inability for independent learning, and intellectual passivity of students. This issue can be resolved from the point of view of the correct methodology for conducting educational activities; in this case, the student's educational and cognitive activity will be formed.

Keyword: activity, motivation, development of science and technology, speech, speech skills, teaching method, speech activity, creative activity.

Маълумот дар бораи муаллиф: Қурбонов Тағой Зуҳурович, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии (забонҳои романӣ - германӣ фаронсавӣ) Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121, Тел.: (+992) 004 44 59 73

Сведение об авторе: Курбанов Тагай Зухурович, кандидат педагогических наук, доцент кафедры методики преподавания иностранных языков (немецкий-французский) Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121, Тел.: (+992) 004 44 59 73

Information about the author: Kurbonov Tagay Zukhurovich, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of methods of teaching foreign languages (german-french) Tajik State Pedagogical University named after S. Aini 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121, Tel.: (+992) 004 44 59 73

ТДУ:370+811.111(075,8)
Ҳ -35

ВИЖАГИҲОИ ИСТИФОДАИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Ҳасанов Ф.З., н.и.п., и.в. дотсент
Донишгоҳи давлатии Данғара

Дар мактаб ҳамон шаклҳои таълим бартарӣ доранд, ки иштироки фаъоли ҳар як хонандаро дар дарс таъмин намуда, афзалияти донишро боло бардошта, маълумоти инфиродии хонандагонро барои натиҷаи заҳмати таълим амалӣ месозанд.

Чуноне ки фаъолият, кор, шуғл дар ҳаёти калонсолон муҳим аст, бозӣ ҳам ҳамчун фаъолияти таълимию дилхушкунанда дар ҳаёти хонандагони хурдсол нақши боризро мебозад. Бозӣ зоҳиран осон ва сабук намояд ҳам, дар асл он аз бозингарон тақозо дорад, ки тамоми энерҷӣ, зеҳн, сабурӣ ва мустақилияти худро дар рафти бозӣ сарф намоянд.

Бозӣ машғулияти муташаккил буда шиддатнокии эмотсионалӣ ва нерӯи зеҳниро талаб менамояд [12, с. 14].

Моҳияти бозиҳои дидактикӣ дар он зуҳур меёбад, ки хонандагон супоришҳои зеҳнии дар шакли бозӣ ба онҳо пешниҳод гардидаро иҷро менамоянд. Худи онҳо ҳалро ҷустуҷӯ карда меёбанд ва монеаҳоро бартараф менамоянд. Хонандагони хурдсол супориши зеҳниро ҳамчун супориши амалӣ дар шакли бозӣ қабул менамоянд ва ин фаъолияти зеҳниро афзун менамоянд.

Инкишофи ҳиссиёти хонандагон дар бозиҳои дидактикӣ дар алоқамандӣ бо инкишофи тафаккури мантиқӣ сурат гирифта, маҳорати баён кардани фикр бо сухан амалӣ мегардад. Барои он ки супориши бозиро иҷро намоянд, хонандагонро лозим меояд, ки аломатҳои ашёҳоро қиёс намоянд, шабоҳат ва фарқияҳоро муайян созанд, хулоса бароварда, ҷамъбаст намоянд. Ҳамин тариқ, қобилияти муҳокиронӣ, фикркунӣ, маҳорати истифодаи дониш ва малакаи худро дар шароити гуногун инкишоф меёбад. Ин танҳо дар ҳолате амалӣ мегардад, ки агар хонандагон бо дониши мушаххас оид ба ашё, зуҳуроти дар бозӣ буда мусаллаҳ бошанд [16, с. 21].

Муваффақияти омодасозии хурдсолон ба мактаб ба он вобаста аст, ки чӣ гуна педагог махсусияти фаъолияти хонандагонро дарк мекунад ва дар фаъолияти худ бозиро ҳамчун фаъолияти таълимӣ моҳирона истифода мебаранд. Тавассути бозӣ ва дар рафти бозӣ тадриҷан шуури хонандагони хурдсол ба дигаргуншавии шароити воқеии ҳаётӣ, муносибат бо ҳамсолон ва калонсолон мутобиқ шуда, сифатҳои шахсии оянда барои мактаббача зарурӣ ташаккул меёбад. Дар бозӣ чунин сифатҳо ба монанди мустақилият, ташаббускорӣ, муташаккилӣ, инкишоф ёфта,қобилияти эҷодӣ, маҳорати дар коллектив кор кардан рушд мекунад.

Педагоги маъруфи олмонӣ Ф.Р. Лейнзенгир нақши назарраси коммуникативии бозиҳоро қайд карда, зикр менамояд, ки дар инкишофҷи нутқи шифоҳӣ бозиҳо хеле муҳиманд [22, с. 14].

Махсусан нақши бозиҳои нақшофарӣ аз рӯйи ақидаи муҳаққиқ воқеан ба таври мушаххас фазои муоширатро фароҳам меорад. Иштироккунандагони ин бозиҳо дар вақти бозӣ реаксияи гуногуни муошират, аз ҷумла эмотсионалиро фаро мегиранд, ки ба инкишофи нутқи шифоҳӣ мусоидат менамояд. Дар вақти бозӣ хонандагонро лозим меояд бо забони бегона хурсандӣ, нокомӣ, ҳаяҷонро ифода намоянд. Онҳоро лозим меояд, ки барои ифодаи баёни ин ҳолатҳои эмотсионалӣ суханҳои заруриро ёбанд.

Бозиҳое, ки дар синф гузаронида мешаванд, шавқмандии хонандагонро нисбати забони хориҷӣ мефаҳмонанд, барои фикрронии онҳо мусоидат намуда, фаъолияти нутқии онҳоро инкишоф медиҳанд.

Яке аз масъалаи марбути бозӣ ин макон ва вақти гузаронидани онҳо маҳсуб меёбад. Ин аз бисёр омилҳо вобаста аст, яъне маводи таълимӣ мақсади мушаххас шароити дарс ва ғайра. Барои мисол, агар бозӣ барои машқи мустаҳкам кардани маводи таълим дар назар дониста шавад, ҳамагӣ 15-20 дақиқа кор бурда, ба мақсад расидан мебошад. Минбаъд бозиро ба муддати 3-5 дақиқа барои такроркунӣ гузаронидан мумкин аст.

Дар вақти истифодаи маводи бозӣ омӯзгорро лозим меояд, ки фаъолияти маърифатии хонандагонро ташкил кунад ва дар ин раванд барои инкишофи қобилияти хонандагон, алалхусус қобилияти эҷодии онҳо кӯшиш намояд. Ҳар як бозиро омӯзгор метавонад дар марҳилаҳои гуногуни дарс мавриди истифода қарор диҳад. Аммо мувофиқати бозиҳо аз қобилияти эҷодии омӯзгор вобаста аст. Зеро он чизро ба инобат гирифтан лозим аст, ки новобаста ба мафтункунандагии бозӣ бояд андоза муҳим дониста шавад. Чунки бозӣ метавонад хонандагонро хаста намуда, таъсири эмотсионалии худро гум карда, мақсадҳои дидактикиро дастнорас гардонад.

Муваффақияти истифодаи бозӣ аз фазои муошират нутқие, ки омӯзгор дар синф фароҳам меорад, вобаста аст. Муҳим он аст, ки хонандагон ба чунин муошират мутобиқ шаванд, машғул шуда, бо омӯзгор ширкаткунандагони раванд гарданд. Эътимоднокӣ дар сурати маҷбур накардани омӯзгор амалӣ мегардад. Ин ба он меорад, ки хонандагон дар фазои озод ба суҳбати ҷиддӣ, муҳокимаи лаҳзаҳои воқеӣ машғул мешаванд ,зеро омӯзиши забони хориҷӣ ин танҳо бозӣ набуда, ранҷи зиёдро тақозо менамояд. Таҷриба нишон медиҳад, ки истифодаи методи бозӣ ба фаъолияти маърифатии хонандагон дар вақти омӯзиши забони хориҷӣ мусоидат менамояд.

Бозӣ дар худ оғози ахлоқиро дорост, зеро заҳмат, яъне омӯзиши забони хориҷӣ амалӣ мегардад ва он хурсандӣ, эҷодкорӣ, фаъолият дар коллективро таъмин менамояд. Зеро мақсади асосӣ ин инкишофи маҳорат ва малакаи нутқӣ мебошад. Имконияти ташаккул додани мустақилият дар иҷрои супоришҳои нутқию фикрӣ, равонкунии малакаҳои нутқӣ барои муошират ба бозӣ хосанд. Ба бозиҳо якчанд талабот хос аст, ки иҷрои онҳо барои натиҷабахш сурат гирифтани онҳо муосидат менамояд:

1.Ҳар як бозӣ бояд супоришҳоеро доро бошад, ки барои инкишофи зеҳнӣ ва тарбияи хонандагон мусоидат намояд.

2.Дар бозӣ бояд супоришҳое ҷолиб бошанд, ки ҳалли онҳо кӯшиши зеҳнӣ, бартараф кардани душвориҳоро тақозо дошта бошад.

3.Бозӣ дар худ бояд машғулияти хушҳолона ва ҷузъияти ҳазлро доро бошад. Ба бозӣ машғул шудан фаъолияти зеҳнӣ ба он равона мегардад, ки вазифаҳои таълимӣ сабук ҳал гарданд.

Бояд онро ба инобат гирифт, ки ҳар як бозӣ дар раванди таълим ҳамчун методи фаъол буда, барои фаъолона ва самарабахш аз худ кардани забони хориҷӣ равона карда мешавад. Ҷорӣ кардани ин усул дар раванди таълим ба ноилгардии мақсадҳои таълим муосидат менамояд.

Талаботи асосие, ки ба бозӣ мутаалиқанд, инҳоянд:

-бозӣ бояд воқеан ҳавсмандии хонандагонро бедор намояд, хоҳиш ва шавқи иҷрои хуби супоришро дар хонандагон пайдо созад. Онро бояд дар асоси лаҳзаи воқеан дурусти муошират гузронидан лозим аст;

- бозӣ бояд аз тарафи тамоми гурӯҳ қабул карда шавад ва ҳамаи хонандагон дар он ширкат варзанд. Ин албатта бояд дар фазои аҳлона, дӯстона ва эҷодкорона сурат гирад.

Дар бозӣ хонандагон эҳсоси қаноатмандӣ ва хушҳолиро ҳис мекунанад. Ҳар чӣ қадаре, ки онҳо худро озод ҳис кунанд, дар муошират ташаббускор мешаванд. Тадриҷан дар онҳо эътимод ба неруи худ пайдо мегардад.

Бозӣ бояд чунон ташкил карда шавад, ки хонандагон тавонанд дар муоширати фаъоли нутқӣ ба таври максималии маводи забониро истифода баранд.

Омӯзгор хуб бояд ба бозӣ ва самарабахшии он бовар дошта бошад. танҳо дар сурати иҷрои чунин шарт бозӣ метавонад натиҷабахш гашта, вазифаи таълимиро иҷро мегардонад.

Дар бозӣ хонандагон чунин ҷузъияёти муоширатро, ба монанди маҳорати сӯҳбатро оғоз кардан, суҳбатро идома додан, дар лаҳзаи зарурӣ ҳамсуҳбатро аз сухангӯйӣ нигоҳ доштан, ба ақидаи ҳамсуҳбат ризо ё норизо шудан маҳорати мақсаднок кардани ҳамсуҳбат, суол доданро аз худ мекунанд.

Барои чунин усулро мавриди истифода қарор додан, бояд як давраи омодагии пешакӣ вуҷуд дошта бошад. Бояд онро ба инобат гирифт, ки хонандаи хурдсол на танҳо муошират забони бегонаро, балки забони модарии худро низ надоранд. Аз ин хотир, вақте ки муоширатро дар рафти бозӣ амалӣ мекунем, бояд ин малакаҳоро дар шароити воқеии раванди таълим ташаккул диҳем. Барои ин чунин машқҳои такрории дидактикиро истифода намудан лозим аст, ки хонандагон дар якҷоягӣ фаъолият карда тавонанд:

-машқ барои такрори хонандагон, барои маҳорати қабул карда тавонистани гуфтори пешниҳодшуда. Барои мисол бояд чунин калимаҳоро дар бар гирад:"Ҳа" "Не", "Оё", "Чӣ хел шавқовар" ва ғайра;

-баҳо додан ба аҳамиятнокии оғози муколамавии анъанавӣ. Муколама хуб оғоз карда шуда гузориши тарафҳо як муколама ба муколамаи дигар боварии хонандагонро ба худашон афзояд. Гузориш ба нутқи равон ва эмотсионалӣ амалӣ мегардад;

-машқҳо барои тамрини хонандагон дар тартиб додани муколамаи худ дар гурӯҳ дар рафти вазъияти пешниҳодгашта.

Яке аз қолабҳои муҳим дар гузаронидани бозиҳо ин истифодаи аёният мебошад. Ҳамчунон омӯзгор бояд ба хотир гирад, ки бозӣ бояд ба синну соли хонандагон ва мавзуъ ба дараҷаи дониши онҳо мутобиқат намояд. Чизи дигар ин ширкати тамоми хонандагонро дар бозӣ омӯзгор бояд назорат ва таъмин намояд.

Бозии дидактикӣ ин танҳо ҷузиёти ҷудонашавандаи таълими фаъол буда, мазмун ва мақсади он васеътар мебошад. Вобаста ба имконияти таълимии худ бозӣ аз дараҷаи таълими фаъол берун баромада, дар маҷмуъ тарафи зарурии фаъолияти педагогӣ ба шумор меравад [11, с. 22].

Бозиҳои дидактикӣ хусусияти тарбиявӣ низ доранд. Онҳо мустақилият, ирода, ҳамкорӣ, коллективизм, муошират, сифатҳои ахлоқӣ, зебоипарастиро дар хонандагон ташаккул медиҳанд.

Маҳорати бозиҳои дидактикӣ дар он зуҳур меёбад, ки хонанндагон супоришҳои фикриро, ки дар шакли бозӣ пешниҳод гаштаанд, меомӯзанд. Худашон ҳалро ҷустуҷӯ карда, қабул менамоянд ва дар як вақт монеаҳои мавҷударо бо муваффақият бартараф мекунанд.

Мо аҳамияти бозиҳои дидактикиро махсус қайд намуда, талаботҳои нисбати гузаронидани онҳо ҷой доштаро муҳим меҳисобем:

-ҳар як бозии дидактикӣ бояд супоришҳоеро доро бошад, ки барои тарбия ва инкишофи зеҳнии хонандагон мусоидат намоянд;

-дар бозиҳо мавҷуд будани супоришҳои хушҳолкунанда ҳатмист, зеро он иҷрои супоришҳои зеҳниро осон менамояд.

Дидактизм дар бозӣ бояд бо машғулияти хушҳолкунанда, ҳазлу шӯхӣ, ҳаҷв бошад. Аҳамияти тарбиявӣ ва рушдиҳандаи бозӣ ба мазмун ва мундариҷаи ҳалли супоришҳо алоқаманд буда, вазифаҳои гузоштаи педагогиро ҳал менамояд. Пас аз машқи душвори шифоҳии хастакунанда бозии хушҳолкунанда роҳи аз хастагӣ раҳо намудани хонандагон ба шумор меравад.

Бозӣ барои аз шармгинӣ берун овардани хонандагон низ таъсир мерасонад. Ин дар ҳолате амалӣ мегардад, ки он ҷузъиёти мусобиқаро надошта бошад. Хонандагони сустхон ва шармгин ба худ бовар ҳосил намуда, дар бозӣ фаъолона иштирок намоянд.

Баъзе муҳаққиқон дар он ақидаанд, ки ҷузъиёти мусобиқа ба бозӣ рӯҳбаландиро офарида, фаъолиятро афзоиш медиҳад. Маҳз хусусияти мусобиқа ба хонандагон фишори психологӣ дода, онҳоро руҳбаланд менамояд. Онҳо аз иҷро накардани супориш наҳаросида, саъю кӯшиш менамоянд ва аз паси худ сустхонҳо ва шармгинҳоро низ мебаранд.

Новобаста аз он ки омӯзгор моҳир аст, лаҳзаҳоое машаванд, ки дар рафти бозӣ хонандагон ҳавасмандиро гум мекунанд. Бинобар он дар рафти бозӣ фавран ҳамеша диққати

хонандагонро ба худ ҷалб намудан, онҳоро фаъол намуда, дарккуниро осон намудан вазифаи омӯзгор мебошад.

Бозӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки хеле осон ва дуруст ба хонандагон баҳо диҳад, қобилияти зеҳнӣ, дараҷаи фикрронӣ, фаъолияти эҷодии онҳоро муайян намояд. Хонандагон ҳамаи он чизеро, ки барои онҳо қобили қабул ва форам аст, зуд ба хотир мегиранд ва дуру дароз дар хотираи худ ҳифз менамоянд. Бинобари ин бозӣ дар хотираи хонандагон ҳифз гашта, вазифаи таълимро хуб ҳал менамояд.

Бозӣ ба раванди мушкил ва хастакунандаи таълим хушҳолӣ мебахшад ва ин албатта ҳавасмандӣ, ҳисси шавқмандӣ, руҳияи болидаи хонандагонро зиёд менамояд.

Аҳамияти тарбиявии бозиҳои дидактикӣ дар он зуҳур меёбад, ки он ба коллекиви хонандагони дар бозӣ машғулбуда таъсир мерасонад. Педагог тавассути колектив ба таври инфиродӣ ба ҳар як хонанда таъсир мерасонад. Хонанда ба бозӣ ҷалб гардида, ба омӯзгор имкон медиҳад, ки на танҳо муносибати бозӣ, балки назорати рафтори хонандагонро дар вазъияи гуногун иҷро намояд. Бинобар идора ва назорати дурусти омӯзгор бозҳои дидактикии ба мактаби тарбиявӣ табдил меёбанд.

Имрӯз дар илми педагогика бозиҳои гуногун ва методҳои гуногуни бозӣ мавҷуданд. Баъзан таснифи онҳо хеле душворӣ пеш меорад. Аз нуктаи назари мо таҳияи маводи шифоҳии бозиҳои дидактикӣ ҳамчун машқи нутқӣ маҳсуб меёбад. Бозӣ барои такрори чандинкаратаи намунаи нутқиӣ дар шароити ба вазъияти воқеӣ наздик мусоидат менамояд. Ин, албатта, як вазифаи таълимии омӯзиши забони хориҷӣ, яъне нутқи эмотсионалӣ, мақсаднок ва равонро иҷро менамояд.

Адабиёт:

1. Берн Э. Игры, в которые играют люди. Люди, которые играют в игры: пер. с англ. Берн Э.Л., Лениздат – 1992
2. Бим И.Л. Цели обучения иностранному языку в рамках базового курса. Иностранные языки в школе. – 1996 № 1 с. 48-52
3. Богуславская З.М., Смирнова Е.О. Развивающие игры для детей – М. Просвещение, 1991
4. Былеева Л.В. Русские народные игры: ч.11 – М., Сов.Россия – 1988
5. Верещагина И.Н., Притыкина Т.А. Тетрадь по английскому языку для самостоятельной работы – М., Просвещение – 1992
6. Возрастная и педагогическая психология. Под ред. Петровского А.В. – М., Просвещение – 1973
7. Воронова В.Я. Творческие игры старших дошкольников – М., Просвещение – 1981
8. Гейперт С Переворот в сознании: Дети, компьютеры и плодотворны идеи – М., Педагогика – 1989
9. Гомза С.Х. Веселый английский (1-2). Рабочая тетрадь для детей дошкольного возраста. – Мн., Вышейшая школа – 1997
10. Жуковская Р.И. Игра и ее педагогическое значение – М., педагогика – 1975
11. Ильчинова О. Английский для маленьких мальчиков и девочек – Казань – 1993
12. Иностранный язык для дошкольников – МКО, МИПКРО. Центр инноваций в педагогике. М. – 1997
13. Красильщикова В.С., Грошева З.Н. Детские игры в Великобритании – М., 1992
14. Максаков А.Н., Тумакова Г.А. Учите, играя: Игры и упражнения со звучащим словом – М., Просвещение – 1979
15. Менджерицкая Д.В. Воспитателю о детской игре – М., Просвещение – 1982
16. Михайленко Н.Я., Короткова Н.А. Как играть с ребенком – М., Педагогика – 1990
17. Могучая Н.В. Веселый алфавит – М., Книга и бизнес – 1992
18. Наш «взрослый» детский сад. Под.ред. Галаховой П.В.М., Просвещение – 1991
19. Преподавание иностранного языка в Великобритании: методические и политические дебаты. Иностранные языки в школе – 1996, № с. 61-65

20. Программа «Истоки». Центр «Дошкольное детство» им. Запорожца. МДО. Центр инноваций в педагогике – М., 1995, с 29-31

21. Программа по иностранным языкам с углубленным изучением иностранного языка и гимназией Третья и четвертая модели, М., 1996

22. Ростовцева О.М. Английский для детей дошкольного возраста – Тула, Ясность – 1992

23. Соркина А.И. Дидактические игры в детском саду (старшие группы) – М., Просвещение – 1982

24. Швайко Г.С. Игра и игровые упражнения для развития речи – М., Посвещение – 1988.

ВИЖАГИҲОИ ИСТИФОДАИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Дар мақола муаллиф ба масъалаи муҳим, яъне махсусиятҳои истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ дахл намудааст. Муаллиф як қатор махсусиятҳои истифодаи бозиҳои дидактикиро дар омӯзиши забони англисӣ махсус қайл намуда, имкониятҳои зиёди бозиро ҳамчун методи фаъол хотиррасон менамояд.

Муаллиф иброз медорад, ки истифодаи методҳои анъанавӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ камтар натиҷабахш мебошад. Имрӯз бо болоравии мақоми омӯзиши забони англисӣ истифодаи методҳои фаъол дар мисоли бозиҳои дидактикӣ хеле бамаварид аст. Истифодаи бозиҳои дидактикӣ вобаста ба имкониятҳои худ раванди таълимро осон намуда, ҳалли вазифаҳои таълимиро имконпазир мегардонад. Муаллиф қайд менамояд, ки маҳз бозиҳои дидактикӣ ҳамчун методи фаъол дар якҷоягӣ бо методҳои анъанавӣ натиҷаи раванди мақсад ва вазифаҳои таълимиро имконпазир мегардонанд.

Калидвожаҳо: бозиҳои дидактикӣ, забони англисӣ, раванди таълим, методҳои анъанавӣ, методҳои фаъол, мақсади дидактикӣ, вазифаҳои дидактикӣ, истифода, имконият.

ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ДИДАКТИЧЕСКИХ ИГР ПРИ ИЗУЧЕНИИ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА

В статье автор затронул важный вопрос, а именно особенности использования дидактических игр в изучении английского языка. Автор подчеркивает ряд особенностей использования дидактических игр в изучении английского языка и напоминает о многочисленных возможностях игры как активного метода.

Автор констатирует, что использование традиционных методов изучения иностранного языка менее эффективно. Сегодня, с повышением статуса изучения английского языка, очень популярно использование активных методов на примере дидактических игр. Использование дидактических игр в зависимости от возможностей облегчает учебный процесс и дает возможность решать учебные задачи. Автор отмечает, что именно дидактические игры как активный метод в сочетании с традиционными методами делают возможным результат процесса достижения образовательных целей и задач.

Ключевые слова: дидактические игры, английский язык, учебный процесс, традиционные методы, активные методы, дидактическая цель, дидактические задачи, использование, возможность.

FEATURES OF USING DIDACTICAL GAMES WHEN STUDYING ENGLISH

In the article, the author raised an important issue, namely the features of using didactic games in learning English. The author emphasizes a number of features of the use of didactic games in learning English and recalls the numerous possibilities of games as an active method. The author states that the use of traditional methods of learning a foreign language is less effective. Today, with the increasing status of learning English, the use of active methods using the example of didactic games is very popular. The use of didactic games, depending on the possibilities, facilitates the learning process and

makes it possible to solve educational problems. The author notes that it is didactic games as an active method in combination with traditional methods that make possible the result of the process of achieving educational goals and objectives.

Key words: didactic games, English language, educational process, traditional methods, active methods, didactic goal, didactic tasks, use, opportunity.

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳасанов Фарҳод Зикируллоевич – номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Данғара, Тел.:988125156, E.mail.: farxod-xasanov@inbox.ru.

Сведение об авторе: Хасанов Фарход Зикируллоевич – кандидат педагогических наук, и.о. доцента кафедры иностранных языков, Дангаринского государственного университета, Тел.:988125156, E.mail.: farxod-xasanov@inbox.ru.

Information about the author: Hasanov Farhod Zikirulloevich – candidate pedagogical sciences, executor associate professor of the department of foreign languages, Dangara state University, Тел.:988125156, E.mail.: farxod-xasanov@inbox.ru.

ТДУ-37.0+541(075.8)
Д-58

САҲМИ МУТАФАККИРОНИ ФОРСУ ТОҶИК ДАР РУШДИ ИЛМИ ХИМИЯ

Давлатмуродзода М.Д., н.и.п., муаллими калон, Бобозода Б.Ҷ., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Холназаров С., д.и.п., профессор
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Агар ба таърихи фанҳои табиатшиносӣ назар афканем, мебинем, ки ҳар як илм, кашфиёт, ихтироот, соҳаи дилхоҳи истеҳсолот, хоҷагии қишлоқ ва ғайра таърихи ба вуҷуд омадан ва инкишофро дорад. Бинобар ин, алҳол хроматографияи таърихи илмҳои табиатшиносӣ ҳамчун илми алоҳида шинохта шудааст.

Дар байни илмҳои табиатшиносӣ аз ҳама пештар астрономия инкишоф ёфтааст. Ин ба он вобаста мебошад, ки одамон дар аввал ба офтоб, моҳу ситораҳо мароқ зоҳир менамуданд. Сипас, баробари астрономия, математикаи элементарӣ инкишоф ёфт. Баробари рушди илмҳои зикршуда, физика, кимиё, биология, геология, минералогия, физиология, растанишиносию ҳайвоншиносӣ рӯ ба тараққӣ ниҳоданд.

Эълон гардидани солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маъориф» ба мутахассисони илмҳои дақиқ, махсусан, ба олимони илмҳои табиатшиносӣ руҳу илҳоми тоза бахшид.

Дар ҳамин замина аз ҷумла таъкид карда шуд, ки масъалаи рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, омӯзиши технологияҳои муосир ва таҷҳизонидани озмоишгоҳҳои таълимию илмӣ дар муассисаҳои таълимӣ зери назари махсус қарор гирифта шавад, зеро пешрафти босуръати илму техника ва раванди рӯзафзуни ҷаҳонишавӣ дар ҷомеаи муосир дигаргуниҳои назаррас ба вуҷуд оварда, аз муассисаҳои таълимӣ тақозо менамояд, ки ҷиҳати омӯзиши он талоши бештар намоянд. Аз ҳамин ҳисоб рӯй овардан ба илмомӯзӣ, хусусан ба илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ худ қадами боэътимод барои рушди устувори иқтисоди кишвар ва таъмини рақобатпазирии кишвар дар арсаи ҷаҳон мебошад.

Аз ин лиҳоз, Пешвои миллат таъкид доштанд, ки ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад. Воқеан ҳам пешрафти ҷаҳони имрӯзаро бидуни инкишофи илмҳои табиатшиносӣ ва техникӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар замони муосир илм ба омили муҳимми рушд ва нишондиҳандаи асосии иқтидори кишварҳо

табдил ёфта, мутахассисони баландихтисос ва аз илми замонавӣ огоҳ қувваи асосии истеҳсолкунанда ба ҳисоб мераванд.

Ҳар давлате, ки имрӯзҳо ба ягон мақому мартаба ва пешравие ноил гардида истодааст, албатта дар он давлат рушди илм, аз ҷумла илмҳои табиатшиносӣ ва техникӣ хеле хуб ба роҳ монда шудааст. Дар ҳақиқат ҳам омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва техникӣ дар шароити кунунӣ талаботи замони муосир буда, масъули соҳаро водор менамояд, ки фарҳанги техникии мардумро боло баранд.

Ба ақидаи Эмомалӣ Раҳмон чунин дастгириву ғамхориҳо ва ҳавасмандсозиҳо хонандагону донишҷӯён, донишмандон ва муҳаққиқонро водор месозад, ки баҳри пешрафту шукуфоии соҳаи маорифу илми миллӣ нақши босазо дошта бошанд [2, с. 1].

Қабул ва амалӣ намудани барномаҳои махсус дар самти рушд ва пешрафти илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ барои дастгирӣ ва рушди таҳқиқот дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ ва риёзию техникӣ, таҳкими заминаи моддию техникӣ барои гузаронидани таҳқиқоти озмоишӣ, муҳайё кардани шароити мусоид барои тарбияи кадрҳои илмӣ, фароҳам овардани шароит барои зиёд намудани дониши неруи ақлонии инсонӣ ва вусъат бахшидан ба ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ мусоидат менамояд.

Бо мақсади ҷалби ҷавонон ва аҳли зиёву табақаҳои гуногуни ҷомеа ба илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ба монанди химия, биология, физика, математика, информатика, география аз ҷониби ҳукумати мамлакат чораҳои зарурӣ андешида шуда истодааст.

Дар таърихи ривоҷу равнақи афкори илмҳои табиатшиносӣ саҳми олимони асримиёнагии форсу тоҷик (олимони Машриқ) бағоят бузург аст. Таҳқиқот собит мекунанд, ки решаи асосии илми аврупоӣ дар ҳақиқат аз илму фарҳанги форсиён об хӯрдааст. Бояд гуфт, ки аксарияти олимони Осиёи Марказӣ олимони форсу тоҷик буданд, ки бо забони арабӣ низ ҳарф мезаданд ва эҷод мекарданд.

Донишмандон тадқиқотчиёни асри XVI то XVII-ро ҳамчун қисми таркибии илми тиб барои тайёр кардани доруворихо меҳисобиданд. Дар навбати худ олимони форсу тоҷик ба тиб низ шуғл меварзиданд ва ҳамзамон, саҳмгузори илми химия маҳсуб мешуданд. Дар рушду инкишофи илми химияи ҷаҳонӣ олимони асримиёнагии форсу тоҷик Ҷобир ибни Ҳайён (722-815), Абӯбакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ (825-925), Абӯалӣ ибни Сино (980-1037) ва амсоли инҳо, ки аввалин кашшофи баъзе масоили муҳимми илмҳои табиию дақиқ ва риёзӣ, то зуҳури илм дар ғарб буданд саҳми бузург гузоштаанд.

Дмитриев И.С. чунин қайд мекунад, ки вақте аз тарафи як шахси калонтар ба манфиат будани омӯзиши фанҳои гуногун барои азхудкунӣ ва дар оянда соҳиби касб гардидан хуб фаҳмонида шавад, он вақт хонандагон аз овони кӯдакӣ аҳаммиятнокии фанҳоро хуб дарк менамоянд [6, с. 213—216].

Ҷобир ибни Ҳайён нахустин химиядони машҳури Шарқу Ғарб мебошад, ки дар Ғарб бо номи лотинишудаи «Гебер» маъруф аст. Ӯ дар рафти таҷрибаҳои худ аввалин шуда, кислотаҳои сулфат ва нитратро ҳосил карда, оид ба хосиятҳои нитрати нукра ва хлориди симоб маълумот додааст. Ҷобир ибни Ҳайён асосгузори «Химияи таҷрибавӣ» мебошад ва таъкид менамояд, ки дониши ҳақиқиро дар доираи химия бо роҳи таҷриба аз худ кардан мумкин аст. Аксари олимони минбаъда (то асри XVI ва XVII)-и Шарқу Ғарб Ҷобир ибни Ҳайёнро устоди худ меҳисобиданд.

Ба ақидаи Ҷобир ибни Ҳайён дар ҷараёни омӯзиши илми химия иҷрои корҳои озмоишӣ-амалӣ хеле муфид мебошад ва ҳангоми ба эътибор нагирифтани он тадқиқотчӣ ба ягон муваффақият ноил намегардад, яъне ба ибораи ӯ олимон ташаккули шавқу завқи худро на дар мавҷудияти таҷҳизот, балки дар заминаи истифодаи роҳу усулҳои таҷрибавӣ зоҳир менамоянд. Дар рафти таҷрибаҳои худ Ҷобир ибни Ҳайён аввалин шуда, кислотаҳои ғайриорганикиро ҳосил кардааст ва назарияи падид овардани металлҳои нав, аз ҷумла тиллоро ба миён гузошта, рангҳои гуногунро барои матоъ ва пӯст ихтироъ кард.

Дар асарҳои ба химия бахшидаи Ҷобир ибни Ҳайён оиди моддаҳо ва усулҳои кор карда баромадани онҳо, аз ҷумла усулҳои коркарди моддаҳо, ба мисли ҳалкунӣ, таҳшинкунӣ, софкорӣ, буғронӣ, тақтир ва амсоли онҳо баён карда шудаанд.

Олими дигари асримиёнагии форсу тоҷик Абӯбакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ мебошад, ки ӯ на танҳо дар соҳаи химия, инчунин дар соҳаи тиб низ нақши бузург бозидааст. Вай дар Ғарб бо номи лотинишудаи «Разес» маъруф аст. Закариёи Розӣ аввалин шуда, дар шаҳри Рай (Эрон) лабораторияи химиявӣ ва дармонгоҳ (беморхона) таъсис дода буд. Лабораторияи ӯ бо асбобҳо, зарфҳо ва моддаҳои гуногуни химиявӣ муҷаҳҳаз гардонида шуда буд. Дар соли1948 олими инглис Ч. Зингер дар бораи асбобҳои аз тарафи Закариёи Розӣ истифода кардашуда чунин навишта буд: «Лабораторияи инглисии баъд аз ҳазор сол ба вуҷуд омада аз лабораторияи Розӣ он қадар ҳам фарқ намекард».

Ҳангоми таснифи моддаҳои химиявӣ Закариёи Розӣ ҳамаи онҳоро аз рӯи пайдоиш ба се гурӯҳи калонтарин: растанигӣ, ҳайвонӣ ва минералӣ тақсим кардааст.

Яке аз ақидаҳои муҳимми Закариёи Розӣ он аст, ки мегӯяд: «Ҳаюло» (модда) аз замону макон қадим аст ва аз ҳеҷ чизе падид намеояд. Ҳаюло аз як ҳолат ба ҳолати дигар мегузарад, шакл ва хосияти худро тағйир медиҳад. Агар ақидаҳои Закариёи Розиро ба таври содда ва фасеҳи замонавӣ тавсиф кунем, пас метавон хулоса кард, ки ӯ яке аз қонунҳои асосии химия Қонуни бақои массаи моддаҳоро зиёда аз 900 сол пеш аз М.В. Ломоносов бо забони соддаи дарӣ баён кардааст.

Ба ақидаи О.С. Зайсев таҷрибаи химия мавқеи басо муҳим дорад. Дар вақти иҷро намудани корҳои лабораторӣ хонандагон ва донишҷӯён дониш ва қонунҳои назариявиро хубтар аз худ намуда, ҳал намудани масъалаҳоро меомӯзанд, муодилаҳои реаксияҳои химиявиро дар асоси таҷриба тартиб дода, хулосаҳои даркориро бароварда метавонанд [3, с. 181-183].

Мазмун ва мундариҷаи гузаронидани таҷрибаҳо ба хонандагону донишҷӯён додани маълумоти нав дар заминаи донишҳои андухтаи онҳо ба роҳ монда мешавад. Ташкил ва гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ боиси ташаккули тафаккури мантиқию эҷодии хонандагону донишҷӯён мегардад. Аз ин лиҳоз, таҷрибаҳо бояд мазмуну мундариҷаи ҷустуҷӯйи, эҷодӣ ва таҳқиқотӣ дошта бошанд.

Дар ин замина мақом ва ҷойгоҳи ҳар як кишвар дар арсаи байналмилалӣ маҳз аз иқтидори неруи зеҳнӣ, дараҷаи рушди иноватсионӣ ва дастовардҳои назаррас дар самти илм ва технологияи муосир вобастагии амиқ дорад. Албатта, ҳаётро бе илм ва дастовардҳои он тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ободиву осоиши ин сарзамин ба худи мо иртибот дорад. Агар мо соҳибмаърифат, худогоҳу худшинос, донишманду ихтироъкор, олиму эҷодкор бошем, касе наметавонад, осоишу суботи кишвари моро халалдор созад, теша ба решаи мо занад. Яке аз омилҳои ваҳдатсоз ин соҳибилму соҳибмаърифат будан ва донистани таърихи миллат хеш аст.

Дигар олими бузурги асримиёнагии форсу тоҷик, ки дар доираи илми химия ва тиб саҳми ниҳоят калон гузоштааст, Абӯалӣ ибни Сино буд. Ӯ дар соҳаи тиб бо номи лотинишудаи «Авитсенна» маъруф аст. Ин нобиғаи илми ҷаҳонӣ дар соҳаи химия низ ҳамчун «Падари химияи тоҷик» шинохта шудааст. Фикру андешаҳои илмии Абӯалӣ ибни Сино оид ба моддаҳои химиявӣ ва табдилоти онҳо дар асари ӯ «Рисолаи кимиё» гирд оварда шудаанд. Олим дар рисолаи мазкур нисбат ба моҳияти ҳаракат дахл намуда, онро ба се навъ: аразӣ, касрӣ ва табиӣ ҷудо кардааст.

Абӯалӣ ибни Сино дар ҳамин рисола ҳамаи моддаҳои минералиро ба чаҳор гурӯҳ: чангҳо, карбитҳо, металлҳо ва намакҳо ҷудо мекунад ва оид ба яке аз қонунҳои асосии фалсафаӣ «қонуни гузаштани тағйироти миқдорӣ ба сифатӣ» изҳори ақида карда, қайд менамояд, ки дар вақти аз як ҳолат ба ҳолати дигар гузаштани моддаҳо тағйироти куллӣ (реаксияи химиявӣ) ба амал меояд, ки ин се хел мешавад: тағйироти сифатӣ, тағйироти миқдорӣ ва тағйироти маконӣ.

Таҷрибаи химиявии намоишӣ ба мо имкон медиҳад, ки ба намуди зоҳирии объекти химиявӣ ва моҳияти он шинос шавем. Агар хонандагону донишҷӯён хосиятҳои алоҳидаи таҷрибаи лабораторӣ ва таҷҳизоти химиявиро саҳеҳ дарк кунанд, он гоҳ самтҳои гуногуни чунин машғулиятҳоро бо пуррагӣ меомӯзанд. Агар таҷрибаҳои химиявӣ аз ҷониби худи муаллим гузаронида шавад, дар ин маврид хонандагону донишҷӯён мазмуни онҳоро хуб дарк менамояд. Аз ин рӯ, аз тарафи хонандагону донишҷӯён ба таври мустақил гузаронидани таҷрибаҳои химиявӣ натиҷаи босамар медиҳанд. Дар мавриди баёни мавзуи нав ба омӯзгор зарур аст, ки барои аз ҷониби хонандагону донишҷӯён ба таври мустақилона гузаронидани таҷрибаҳо, хулосаҳои ҷамъбастӣ бароварда тавонанд.

Абурайҳони Берунӣ (973-1048), аввалин олимест, ки дар асрҳои миёна ба омӯзиши вазни хос асос гузоштааст. Берунӣ дар рисолаи «Дар бораи муносибати миёни фулузоту гавҳарҳо (сангҳои қимматбаҳо) дар ҳаҷм» дар заминаи омӯзиши осори пешгузаштагони худ усулҳои муайян кардани вазни ашёро таъйин намуд ва онро «Усули Абумансур (-и Найрези)» номид. Берунӣ ба хулосае омад, ки муайян кардани вазни хос нишонаи боэътимодтари фарқгузори миёни фулузоту маъданҳо ва асоси таснифи онҳост. Бинобар ин, ӯ «Муайян кардани муносибати байни онҳоро байни ҳаҷму вазн» масъалаи асосӣ донист. Пеш аз ҳама, ӯро лозим буд, ки усули дақиқи вазнсанҷиро таҳия кунад. Берунӣ бо ин мақсад асбобе ихтироъ кард ва тавассути он якчанд таҷриба гузаронид. Ин ихтирооти ӯ хеле оқилона, дақиқ ва ҳайратангез буд. Бо ин асбоби ихтироъкардаи худ Берунӣ ба чен кардани вазни хоси фулузоту гавҳарҳо пардохт ва ба натиҷаҳои бузурги илмӣ ноил шуд. Берунӣ нахустин маротиба дар таърих амалияи тарзи озмоиши таҷрибаҳои илмиро ба миён гузошт.

Омӯзиши таърихи кимиё барои мутахассисони ҷавони кимиёгар, ки бо таърихи таҳқиқот шуғл варзиданд ва ҳамчунон барои барқарор намудани робитаи ногусастании дирӯзу имрӯз аҳаммияти басо пешравандаю тараққиёбандаи муфид доранд. Ҳанӯз то пайдоиши назариёти хиимия, амалияи он ҳамчун як илми таҷрибавӣ дар байни ҷомеаи башарӣ мавриди истифода қарор гирифта буд. Имрӯз пешрафти илм на танҳо ба дастоварди муосир зарурат дорад, балки донистани таърихи он дар пайваст намудани назария ва амалия нақши муфид дорад. Ин нуқта дар илми химия, ки амалияи он то ба имрӯз зарурати худро гум накардааст, шояд аҳаммияти махсус дошта бошад. Омӯзиши таърихи химияи асрҳои миёна, яке аз шохаҳои муҳим ва асосии таърихи илм ба шумор меравад. Зеро, ки баландтарин қуллаи инкишофи илми химия ба ин давра, ба хусус ба асрҳои XIII-XI рост меояд ва бузургтарин донишмандон ва поягузорони илми химия дар ин асрҳо кору зиндагӣ ва эҷод карданд.

Ба ақидаи олими рус В.Н. Верховский омӯзиши химия, таҷрибаи химиявӣ-қисми таркибии раванди таълим буда, барои дар хотир мондан нақши калон мебозад [3, с. 84-86].

Ҳамин тариқ, илми химия вобаста ба корҳои як қатор олимони дигар, аз ҷумла Ҷобир ибни Хайён, Абӯбакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Холид ибни Язид, Абӯмансури Муваффақ ва монанди инҳо) инкишоф дода шуд. Ҳамаи ин минбаъд (дар оянда) барои инкишофи химия дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати ҷаҳор аср заминаи бунёдӣ гардид.

Пайдоиш ва инкишофи илми химия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи январи соли 1946 ибтидо мегирад, ки он вақт дар назди филиали Тоҷикистонии Академияи фанҳои собиқ ИҶШС Пажуҳишгоҳи химия таъсис дода шуда буд. Дуруст аст, ки солҳои пеш аз ҶБВ дар шаҳри Ленинобод (ҳозира Хуҷанд) ва Сталинобод (ҳозира Душанбе) лабораторияҳои химияи таҳлилӣ вуҷуд доштанд. Лабораторияи химияи таҳлилии шаҳри Ленинобод барои гузаронидани таҷриба (экспедитсияи Помир) ва лабораторияи химияи таҳлилии шаҳри Сталинобод барои олимони геологҳо, ботаникҳо, хокшиносон дар системаи филиали Тоҷикистонии Академияи фанҳои ИҶШС хизмат мекарданд.

Имрӯз дар Тоҷикистон илми химия хеле тараққӣ кардааст. Чунончӣ дар Пажуҳишгоҳи химияи Академияи фанҳои ҷумҳурӣ таҳқиқоти амиқи химиявӣ бурда мешаванд. Ба ғайр аз ин дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров ва дигар донишгоҳҳою донишкадаҳои ҷумҳурӣ таҳқиқоти химиявӣ бурда мешаванд.

Дар мавриди баланд бардоштани сатҳу сифати дониши наврасону ҷавонон Президенти кишвар дар Паёмҳои худ борҳо таъкид намуда, иброз доштанд, ки «Дар шароити кунунӣ баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот вазифаи аввалин дараҷаи кормандони соҳаи илму маориф мебошад». Ҳамзамон, таъкид гардида буд, ки «Вобаста ба ин, аз устодону омӯзгорон ва падару модарон талаб карда мешавад, ки диққати наврасон ва хонандагону донишҷӯёнро барои аз бар намудани донишҳои муосир ҷалб намоянд, ба сатҳи азхудкунии фанҳои дақиқ бештар таваҷҷуҳ зоҳир кунанд…».

Дар таҳқиқоти Ю.В. Ходаков., Д.Н. Эйпштейн чунин омадааст, ки мо бояд донем, гузаштагони мо қистанд, ба мо чиро мерос гузоштаанд ва мо меросбарони онҳо кистему ба

ояндагон чиро мегузорем. Ва дар ин самт бояд иқрор кард, ки ҳеҷ замоне мисли имрӯз шароити мусоид пешниҳод насохта буд ва қадри инро ҳатман бояд донист [4, с. 163].

Имрӯз дар муассисаҳои таълимии кишвар барои аз худ кардану омӯхтани илмҳои гуногун, бахусус илмҳои дақиқ дар байни наврасону ҷавонон мушкилоти зиёде ба чашм мерасад. Пеш аз ҳама мушкилоти асосӣ нарасидани омӯзгорони соҳибтахассус мебошад, ки онро имрӯз дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот мушоҳида кардан мумкин аст. Бахусус дар мактабҳое, ки таҳсилашон бо забони русӣ ба роҳ монда шудааст, омӯзгорони фанҳои дақиқ намерасанд то, ки ба хонандагон нозукиҳои касби худро омӯзонанд.

Чӣ хеле дар боло зикр намудем, омӯзиш ва ба илмҳои дақиқ рӯ овардани хонандагон аз муассисаҳои таҳсилоти умумӣ оғоз мегардад, ки дар он омӯзгори баландихтисосу бо таҷриба нақши аввалиндараҷа дорад. Омӯзгороне, ки ботаҷриба ҳастанду мутахассиси соҳаи худ мебошанд, метавонанд завқи хонандагонро бедор созанд ва фаҳмонанд, ки илмҳои дақиқ чӣ андоза барои ояндаи онҳо ва ҳам барои рушди кишвар муҳиманд.

Барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта масъулин бояд чораҳои зарурӣ андешида, мутахассисони баландихтисосу ботаҷрибаро дар самти тайёр намудани илмҳои дақиқ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷалб намоянд. Пешравии иқтисодии ҳар як давлатро бе мутахассиси баландпоя махсусан дар самти фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Адабиёт:

1. Абӯалӣ Ибни Сино. Осори мунтахаб. Душанбе. “Ирфон”, 1981-478с
2. А.Л. Новокшанова Органическая, биологическая и физколлоидная химия. Практикум, 2017
3. В.Н. Верховский Техника и методика химического эксперимента в школе 1949, с.84-86
4. Донишномаи химия барои наврасон ва ҷавонон.- Душанбе -2006,
5. О.С. Зайсев Химия. Лабораторный практикум и сборник задач. Учебное пособие. 2016, с.181-183
6. И.С. Дмитриев Химическая лаборатория //Ломоносов. Краткий энциклопедический словарь/Ред.-сост. Э. П. Карпеев. СПб.: Наука, 1999. С. 213—216.
7. Каримов У.И. Неизвестное сочинение ар-Рази “Книга тайны тайн” Ташкент: изд. АН УЗ СССР, 1957-264с
8. Қурбонов Б.Р. Аз таърихи инкишофи илми кимиё дар мактабҳои Шарқи наздик ва Осиёи Миёна (дар асрҳои 1Х-Х1) Душанбе-2012 саҳ 188-199.
9. Ҳасаналии Шайбонӣ. Абубакри Муҳаммад Закариёи Розӣ “Китоб – ул-асрор ё розҳои санъати кимиё”. Теҳрон. “интишороти донишгоҳ”-1349-630с
10. Хусайнов К.Б., Кимсанов Б.Х., Раҳмонкулов Д.Л. Фармакогнозия Абурайхана Беруни// История науки и техники. Душанбе, 2004 №1 с.75-77.
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2020 таҳти №1445-1
12. Ходаков Ю.В., Эйпштейн Д.Н., и др. Преподование нерганической химии в средней школе. – М.: Просвещение, 1975.

САҲМИ МУТАФАККИРОНИ ФОРСУ ТОҶИК ДАР РУШДИ ИЛМИ ХИМИЯ

Таърих гувоҳ аст, ки барои ривоҷу равнақ ёфтани илми химия мутафаккирони Машриқзамин саҳми арзандаи худро гузоштаанд. Таҳқиқот собит мекунанд, ки решаи асосии илми аврупоӣ дар ҳақиқат аз илму фарҳанги форсиён об хӯрдааст. Дар таърихи ривоҷу равнақи афкори илмҳои табиатшиносӣ саҳми олимони асримиёнагии форсу тоҷик (олимони Машриқ) бағоят бузург аст. Бояд гуфт, ки аксарияти олимони Осиёи Марказӣ яъне олимони форсу тоҷик буданд ва бо забони арабӣ низ ҳарф мезаданд ва эҷод мекарданд.

Вобаста ба ин муаллифони мақола кӯшиш намудаанд роҳҳои гуногуни фаҳмондадиҳӣ, муаррифӣ, ошкор сохтани эҷодиёти мутафаккирони форсу тоҷикро ба хонандагону донишҷӯён дар раванди таълими фанни химия бо таҳлили андешаҳои бузургони машҳури замони муосир баррасӣ намоянд.

Дар натиҷаи омӯзиш ва ҷалби ҷавонон ва аҳли зиёву табақаҳои гуногуни ҷомеа ба илмҳои табиатшиносӣ дақиқ ва риёзиро ба назар гирифта муаллифон қайд менамоянд, ки дар ҳама намуди фаъолият омӯзгор мебояд маҳорат, малака, сатҳи дониш ва қобилияти иҷрои амалии хонандагон ва донишҷӯёнро ба назар гирифта, се марҳилаи раванди асосиро: нишондиҳанда, иҷроиш ва назоратро ба роҳ монанд. Ба ин васила метавон нигоҳи аҳли ҷомеаро ба ин самт, самти илму маърифат равона кард, ки дар натиҷа сатҳу сифат ва касбияти мутахассисон баланд шуда, илму маорифи кишвар устуворона рушд намуда, заминаи мустаҳкам бо донишҳои қавӣ поянда мегардад. Дар раванди ҷаҳонишавӣ бо амиқ гардидани донишҳо дар шохаҳои гуногуни илм ҳисси худшиносиву худогоҳӣ ташаккул меёбад.

Калидвожа: рисолат, ободӣ, табиатшиносӣ, мутафаккир, муносибат, андеша, омӯзиш, хосият, машҳур, муҳасилин, таҷриба.

ВКЛАД ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ В РАЗВИТИИ ХИМИИ

История свидетельствует о том, что мыслители Востока внесли значительный вклад в развитие химической науки. Исследования доказывают, что основные корни европейской науки фактически восходят к науке и культуре персов. В истории развития идей естествознания очень велик вклад средневековых персидско-таджикских ученых (востоковедов). Следует сказать, что большинство учёных Центральной Азии были персидско-таджикскими учёными, а также говорили и творили на арабском языке.

Исходя из этого, авторы статьи попытались рассмотреть различные способы объяснения, представления, раскрытия творчества персидско-таджикских мыслителей студентам и учащимся в процессе преподавания химии путем анализа идей известных людей современности.

В результате изучения и привлечения молодежи и интеллигенции разных слоев общества с учетом естественных наук и математики авторы отмечают, что во всех видах деятельности учителю следует учитывать умения, знания, уровень знаний и практической деятельности студентов и учающихся, и подчеркивают три основных этапа: индикатор, внедрение и контроль. Таким образом, можно направить внимание общественности на это направление науки и образования, в результате чего повысится уровень, качество и профессионализм специалистов, будет развиваться наука и образование страны. Устойчиво, и прочный фундамент будет создан благодаря сильным знаниям. В процессе глобализации, с углублением знаний в различных отраслях науки, формируется чувство самопознания и самосознания.

Ключевые слова: миссия, благосостояние, естествознание, мыслитель, отношение, мнение, учеба, характеристика, знаменитость, ученики, опыт.

THE CONTRIBUTION OF PERSIAN AND TAJIK THINKERS TO THE DEVELOPMENT OF CHEMISTRY

History shows that Eastern thinkers made significant contributions to the development of chemical science. Research proves that the main roots of European science actually go back to the science and culture of the Persians. In the history of the development of ideas in natural science, the contribution of medieval Persian-Tajik scientists (orientalists) is very great. It should be said that the majority of Central Asian scientists were Persian-Tajik scientists, and also spoke and wrote in Arabic.

Based on this, the authors of the article tried to consider various ways of explaining, presenting, revealing the creativity of Persian-Tajik thinkers to students in the process of teaching chemistry by analyzing the ideas of famous people of our time.

As a result of studying and involving youth and intelligentsia from different strata of society, taking into account natural sciences and mathematics, the authors note that in all types of activities the teacher should take into account the skills, knowledge, level of knowledge and practical activities of students and students, and three trigger the main stage of the process: indicator, implementation and control. Thus, it is possible to direct public attention to this direction, the direction of science and education, as a result of which the level, quality and professionalism of specialists will increase, and the country's science and education will develop. sustainable, and a strong foundation will be created through strong knowledge. In the process of globalization, with the deepening of knowledge in various branches of science, a sense of self-knowledge and self-awareness is formed.

Key words: mission, welfare, science, thinker, attitude, opinion, study, characteristics, celebrity, students, experience.

Маълумот дар бораи муалифон: Давлатмуродзода Мирзомурод Давлатмурод, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи химия ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16. Тел:(+992) 987909008.

Бобозода Бахтиёр Ҷангӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи химия ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16. Тел:(+992) 985078468

Холназаров Санг, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел(+992)917060208

Сведения об авторах: Давлатмуродзода Мирзомурод Давлатмурод, кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры химии и методики ее преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллохи Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С. Сафарова, 16. Тел: (+992) 987909008.

Бобозода Бахтиёр Джанги, кандидат педагогических наук, доцент кафедры химии и методики ее преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллохи Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С.Сафарова, 16. Тел: (+992) 985078468

Холназаров Санг, доктор педагогических наук, профессор кафедры методики преподавания естественных наук Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел. (+992) 917060208

Information about the authors: Davlatmurodzoda Mirzomurod Davlatmurod, candidate of pedagogical sciences, senior lecturer of the department of chemistry and teaching methods of Kulob State University named after Abuabdullokhi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, S. Safarov street, 16. Tel: (+992) 987909008.

Bobozoda Bakhtiyor Jangi, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of chemistry and teaching methods of Kulob State University named after Abuabdullokhi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, S. Safarov street, 16. Tel: (+992) 985078468

Kholnazarov Sang, doctor of pedagogical sciences, professor of the department of methods of teaching natural sciences, Nosiri Khusrav Bokhtar State University. Tel. (+992) 917060208

ТДУ: 372,672 (08)

ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ КӮДАКОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД

Шарипов Б.Ф., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Мафҳум ва истилоҳи «маъюб» (инвалид) аз решаи калимаи лотинии «volid» - «пурра», «комил», «қобил», «неруманд» бармеояд ва ба маънои таҳтуллафзӣ «ноқобил», «корношоям»-ро ифода мекунад. Имрӯз маъюбон гурӯҳи ҳифзнашавандаи иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд. Даромади онҳо маъмулан аз ҳисоби миёнаи даромади аҳолӣ камтар буда, талабот ба хизматрасонии иҷтимоӣ ва тиббӣ бештар аст. Кӯдакони имконияташон маҳдуд ба таҳсилот дастрасии камтар доранд, аксаран имконияти бо фаъолияти меҳнатӣ машғул шудан надоранд. Аксарияти онҳо оиладор нестанд ва хоҳиши дар ҳаёти ҷамъиятӣ иштирок кардан надоранд. Ҳамаи ин нишонгари он аст, ки ин гурӯҳи кӯдакон дар ҷомеа аққалияти таҳти табъиз қарордоштаро ташкил мекунанд. Мантиқан зарурати даст кашидан аз фаҳмиши классикӣ (анъанавӣ)-и масъалаи маҳдудият ҳамчун масъалаи «шахсони нокомил» ва пешниҳоди он ҳамчун масъалаи умумии иҷтимоӣ ба миён меояд. Ба ибораи дигар, маҳдудият масъалаи шахси танҳову алоҳида ё як қисми ҷомеа ба ҳисоб нарафта, масъалаи тамоми ҷамъияти инсонӣ дар маҷмуъ мебошад.

Моҳияти ин масъала аз он иборат аст, ки ҷомеа ба барқарор намудани муносибатҳои муносиби иртиботӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, истеҳсолӣ, психологӣ бо кӯдакони имконияташон маҳдуд ва муҳити атрофи онҳо ниёз дорад.

Дар маҷмуъ, кӯдаки имконияташ маҳдуд шахсест, ки дорои норасоии саломатӣ бо вайроншавии устувору давомдори функсияҳои организм буда, ӯро муҳтоҷи ҳифзи иҷтимоӣ мегардонад. Сабаби ин норасоиҳо метавонад бемории вазнин, натиҷаи захм бардоштан, хусусиятҳои ирсӣ ва ғайра бошад, ки фаъолияти ҷамъиятии шахсро маҳдуд месозад. Ношунавоён, гунгон, нобиноён, шахсони дорои норасоиҳои узвҳои ҳаракат, фалаҷи пурра ё нопурра ва ғайра аз рӯйи инҳирофи ошкор аз ҳолати маъмулии инсон ба сифати маҳдуд пазируфта мешаванд. Ба сифати маҳдуд шахсоне низ пазируфта мешаванд, ки зоҳиран аз шахсони маъмулӣ (солим) ҳеҷ тафовуте надоранд, вале гирифтори бемориҳое мебошанд, ки барои иштироку кор дар соҳаҳои гуногуни фаъолият имкон намедиҳанд.

Масалан, маҳдуде, ки гирифтори бемории дил мебошад, наметавонад корҳои вазнини ҷисмониро иҷро кунад, вале аз уҳдаи кори фикрӣ ба хубӣ мебарояд.

Дар маҷмуъ, кӯдакони имконияташон маҳдуд аз рӯйи хусусиятҳо ба якчанд гурӯҳ ҷудо мешаванд: 1) аз рӯйи синнусол: кӯдакони маъюб, шахсони калонсоли маъюб; 2) аз рӯйи сабаби пайдоиш: маъюбони ҷанг, маъюбони меҳнат, маъюбони бемориҳои умумӣ, маъюбон аз кӯдакӣ; 3) аз рӯйи сатҳи коршоямӣ: маъюбони коршоям, маъюбони корношоям, маъюбони дараҷаи III (коршоям дар ҳамаи ҳолатҳо), маъюбони дараҷаи II (муваққатан корношоям ва ё коршоям дар соҳаҳои маҳдуд), маъюбони дараҷаи I (корношоям); 4) аз рӯйи хусусияти беморӣ: маъюбони ҳаракатнакунанда (побарҷо), кам ҳаракаткунанда ва ҳаракаткунанда.

Маҳдудиятҳои иҷтимоӣ, ки ба сабаби норасоиҳои саломатӣ ба вуҷуд меоянд, характери маҷмуӣ доранд ва дар аксар мавридҳо ислоҳи онҳо хеле мушкил аст. Монеаи мушкилтарин ва муҳимтарин барои шахсони дорои маъюбият монеаи фазоӣ-муҳитӣ ба ҳисоб меравад.

Барои ҳамаи гурӯҳҳои маъюбон монеаи асосиро монеаи иттилоотӣ ташкил медиҳад, ки хусусияти дуҷониба дорад. Кӯдакони имконияташон маҳдуд ҳам дар дастрасии иттилооте, ки барояшон бевосита муҳим аст (иттилоот дар бораи норасоиҳои функсионалии худ, чораҳои давлатии дастгирии маъюбон, захираҳои иҷтимоии дастгирии онҳо), мушкилӣ доранд, ҳам барои гирифтани иттилооти умумӣ. Аз тарафи дигар, дар дастрасии иттилооте низ монеа вуҷуд дорад, ки сабабгори ҷудокунии ҷомеа аз маъюбон мегардад: барои маъюбон муаррифӣ намудани мавқеъ ва андешаҳо, барои ба аҳли ҷомеа расонидани манфиату

талаботи худ мушкилии зиёд вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, роҷеъ ба талаботи маъюбон ва хусусиятҳои инфиродии онҳо мумкин аст, ки тасаввуроти нодуруст пайдо шавад. Дар заминаи чунин тасаввуроти нодуруст рафтори номувофиқ ва андешаҳои номукаммал пайдо мешаванд, ки робитаи байни ҷомеа ва маъюбонро мушкил месозанд.

Ҳамин тариқ, маъюбият дар назди инсон чунин монеаҳоро ба вуҷуд овардааст: фазоӣ-муҳитӣ, бо кор таъминкунӣ, ҷисмонӣ, молиявӣ, иртиботӣ, эҳсосотӣ ва иттилоотӣ.

Пеш аз он ки хусусиятҳои педагогӣ-психологии кӯдакони имконияташон маҳдудро тавсиф намоем, анҷом додани таҳлили ин масъаларо дар адабиёти илмии психология ва шарҳи сохтори шахсияти наврасро дар рушди маъмулии ӯ ба мақсад мувофиқ медонем.

Дар консепсияҳои фалсафӣ ва психологии шахсият ҳамчун маҷмуи хислатҳои равонӣ ба қалам дода мешавад, ки ба инсон имконияти аз худ кардани арзишҳо ва шаклҳои фаъолиятро фароҳам меорад. Малакаҳое, ки дар ҷараёни фаъолият ташаккул меёбанд, ба шахс аз худ кардани намудҳои гуногуни фаъолият ва шакли рафторро имконпазир месозанд.

Б.М. Теплов се хислатеро қайд кардааст, ки метавонад асоси мафҳуми «қобилият»-ро ифода кунад:

1. Зери мафҳуми «қобилиятҳо» хусусиятҳои инфиродӣ-психологие фаҳмида мешаванд, ки як шахсро аз шахси дигар фарқ мекунонанд;

2. На ҳар як хусусияти умумии инфиродӣ қобилият аст, балки ҳамон хусусиятҳо қобилият мебошанд, ки ба муваффақнок шудани иҷрои ин ё он фаъолият ва ё гурӯҳи фаъолиятҳо робитаи бевосита доранд;

3. Қобилиятҳо ба донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳое, ки инсон аллакай доро мебошад, тааллуқ надоранд. Масалан, донишу малакаҳои якхелаи математикӣ метавонад дар хонандагони синну соли гуногун ба тарзҳои гуногун зоҳир гардад: як қисми онҳо метавонанд дорои дониши қавии математикӣ бошанд, вале фаъолияти онҳо дар ин самт номуваффақ бошад. Гурӯҳи дигар бо истифода аз ин гуна донишҳо метавонанд ба комёбиҳои назаррас ноил гарданд. Дарки ин масъала аз ҷониби омӯзгор хеле муҳим аст. [11, с. 124].

Дар айни замон Б.М. Теплов қобилиятҳоро ба қобилиятҳои ақлӣ, эҳсосӣ ва иродавӣ ҷудо мекунад: хусусиятҳои равонии дарккунанда, коркардкунанда ва иҷрокунанда [11, с. 126]. Бояд зикр намуд, ки оид ба масъалаи қобилиятҳо аз ҷониби А.Г. Ковалев қобилиятро ба тарзи зерин тасниф кардааст:

− асосӣ, роҳнамо (қобилиятҳо дар соҳаи санъат);

− такягоҳӣ (ҳисси тези визуалӣ, дастони моҳир);

− эҳсосотӣ (қобилиятҳое, ки бунёди муҳити мусоидро барои фаъолияти истеҳсолӣ ҳавасманд месозанд).

Қобилиятҳо умумӣ ва махсус мешаванд. Қобилиятҳои умумӣ бо фаъолиятҳои асосии инсон алоқаманданд, қобилиятҳои махсус − бо фаъолиятҳои алоҳида. Ба қобилиятҳои умумӣ ақлу зеҳни умумӣ ва созандагӣ (қобилияти умумии эҷодкорӣ) дохил мешаванд. Дар рушди қобилиятҳои махсуси кӯдакон (дар соҳаи кори илмӣ, санъату ҳунар ва ғайра) омили асосӣ ҳамкорӣ бо педагоги касбӣ ба ҳисоб меравад, ки мавқеи ӯ ба рушди шавқу ҳавас, ташаккули маҳорату малакаҳо дар ҷараёни фаъолияти эҷодӣ робитаи қавӣ дорад. Ананев, Б.Г., Б.С. Алякринский таваҷҷуҳро ба шароитҳои «дохилӣ»-и татбиқи қобилиятҳои шахсият равона мекунад: хусусиятҳои равонӣ; тайёрии касбӣ, одатҳо, маҳорати кор кардан бо тартибу назми маъмулӣ дар сурати мавҷуд будани монеаҳои гуногун – овозӣ, биноӣ ва ғайра [1, с. 62].

Тибқи ақидаи Леонтева, А.А, сатҳи инкишофи қобилиятҳо ба сифати донишу маҳоратҳои бадастовардаи шахс, нишонаҳои истеъдоди табиии ӯ, хусусияти механизмҳои асабии ирсӣ, сатҳи таҷрибанокии сохторҳои мағзи сар вобаста аст [7, с. 11]. Аз таҳлили таҳқиқоти психологӣ метавон хулоса кард, ки ташаккули қобилиятҳо ба рушди шахсият таъсири бевосита дорад.

Асоси рушди қобилиятҳоро, тибқи андешаи С.Л. Рубинштейн, нишонаҳои истеъдод ташкил медиҳанд. Бар хилофи қобилиятҳо, нишонаҳои истеъдод хислатҳои ирсии шахс маҳсуб мешаванд [10, с. 58].

Нишонаҳои истеъдод, ба ақидаи Маслоу А, заминаҳои такомули шахсият буда, таҳти таъсири мутақобилаи онҳо бо муҳити иҷтимоӣ дар ҷараёни фаъолият метавонанд ба ташаккули қобилиятҳо мусоидат намоянд [11, с. 72]. Б.М. Теплов қайд мекунад, ки таҳти тамоюлоти мусоид ва шароити хуби зиндагӣ қобилиятҳои кӯдак (масалан, қобилиятҳои мусиқӣ, адабӣ, рассомӣ, бадеӣ, графикӣ, математикӣ ва ғ.) хеле барвақт ташаккул ва рушд меёбанд, то ҳадде, ки баъзан фарзияи истеъдоди ирсии ӯро ба вуҷуд меоранд. Аммо чунин нест. Ин ё он хусусиятро ба даст оварда, инсон бори дигар собит мекунад, ки қобилият бар хилофи ғариза (инстинкт) падидаи муайяну мушаххас аст. Мавҷуд набудани комёбиҳои барвақтӣ маънои мавҷуд набудани қобилиятро надорад, балки ба он далолат мекунад, ки барои падид омадани он ҳанӯз шароити мусоид барои татбиқи нишонаҳои истеъдод вуҷуд надорад [11, с. 234].

Инсон дар ҷараёни рушди худ зарурати инсон шудани худро нишон медиҳад, то ки неруи худро амалӣ созад. Тибқи андешаи А.В. Петровский, қобилият чунин ҳолати шахсият аст, ки вобастагии ӯро ба шароити мушаххаси мавҷудияти худ ифода мекунад [9, с. 121]. А. Маслоу дар чунин ақида аст, ки талабот соҳаи ҳавасмандсозии шахсиятро ташаккул медиҳад, ки дар он талабот ба нишон додани муҳиммияти худ мавқеи асосиро ишғол мекунад [8, с. 101]. Ворид сохтани мафҳуми «муҳиммияти худ» дар осори илмӣ ба интиқоли соҳаҳои марказии таҳлил ба омӯзиши психологияи шахсе, ки тамоми қобилияти худро истифода мебарад, ба шахсияти эҷодкор ва ҳамчунин омӯзиши заминаҳои характери фаъол ва самараноки рушди ӯ оварда расонд. Назарияи шахсияти А. Маслоу ҳамчун яке аз сарчашмаҳои тарбияи башарӯстона (гуманистӣ) пазируфта шудааст. Тибқи андешаи Маслоу ҳадафи асосии педагогика «расонидани кумак ба инсон барои дар худ пайдо кардани он чизест, ки аллакай ниҳода шудааст». Ин муқаррарот ҳамчун асос пазируфта шуда, аз ҷониби намояндагони соҳаи педагогика ва психологияи иҷтимоии муосир, ки маҳз дар доираи ғояҳои А. Маслоу масъалаҳои амалии ташаккули шахсиятро ҳал мекунанд, густариш пайдо карда истодааст. [8, с. 101]. Талаботи идрокии зинаи ибтидоӣ талабот ба таассурот аст. Дар ин зина шахс, пеш аз ҳама, ба навгониҳои шавқу ҳавас ба фаъолият аксуламал нишон медиҳад. Зарурати таассурот асоси талаботи идрокиро ташкил медиҳад.

Зинаи дуюми талаботи идрокӣ кунҷковӣ, талабот ба донишандӯзӣ аст: шавқу ҳавас ба мавзуи муайян (субъекти муайян), майл ба омӯзиши онҳо, шавқу ҳавас ба китобхонӣ ва ғайра. Талаботи идрокӣ дар зинаи кунҷковӣ эҳсосӣ ва номутаҳаккил буда, аксаран маҳсули он арзиши иҷтимоӣ надорад.

Дар зинаи аз ҳама баланди талаботи идрокӣ таваҷҷуҳ бештар ба таҳияи чорабиниҳои мақсаднок, ки ба натиҷаҳои ҳақиқии арзишманд оварда мерасонанд, равона мегардад.

Шакли зоҳиршавии талаботи идрокӣ дар зинаи аввал – азхудкунии донишҳо, дар зинаи дуюм – майл ба ҷамъоварии донишҳо ва ҳамгироии онҳо, дар зинаи сеюм (олӣ) – мураттабсозии донишҳо, омӯзиши воқеият ба хотири ба даст овардани донишҳои нав бо роҳи таҳлили таҷрибаҳо, шавқу ҳавас ба вазъиятҳои проблемавӣ, ки ба фаъолияти ҳадафманд равона шудааст.

Сатҳи талаботи идрокӣ ба вусъат ва умқи донишҳои предметӣ, шиддатнокӣ, сатҳи фаъолнокии идрокӣ вобаста аст. Дар ҷараёни ҳамкорӣ бо кӯдак омӯзгорро зарур аст, ки рушди талаботи идрокии ӯро ҳавасманд созад: кӯдакони синну соли хурди мактабиро – ба кунҷковии онҳо, синну соли наврасиро – ба талабот барои фаъолияти эҷодӣ.

Ҳамин тариқ, талабот асоси шавқу ҳаваси шахсиятро ташкил медиҳад. В.Т. Ананев ва баъзе дигар муҳаққиқон шавқу ҳавасро ҳамчун самтгирии шахсият барои комёб шудан ба он чизе, ки онҳоро ба худ ҷалб кардааст, ба қалам додаанд. [1, с. 64]

Шавқу ҳавас барангезиши равониест, ки ҳисси кунҷковиро ба вуҷуд меорад. Шахсе, ки майлу хоҳишро эҳсос мекунад, ба омӯзиши ҳодисаҳое, ки таваҷҷуҳи ӯро ба худ ҷалб кардааст, мепардозад ва бо роҳи гирифтани иттилооти нав таҷрибаи омӯзишии худро васеъ месозад.

Сабабҳои шавқу ҳавас дар сатҳи шуурнокӣ метавонад нав будани объекти омӯзиш ё тағйир ёфтани объекти шинос бошад, ки майлу хоҳишро ба вуҷуд меорад. Аммо шавқу ҳавас

метавонад тавассути тахайюлот – эҷоди образи объекти мавриди таваҷҷуҳ барои таҳия, коркард ва тағйир додани ҳадафҳо бошад, ки сабаби дарки амиқтари объект мегардад.

Боз як таснифоти дигари шавқу ҳаваси хонандагон вуҷуд дорад:

1. Марҳилаи мушоҳидавӣ ё лаҳзаӣ. Хусусияти ин марҳила он аст, ки шавқу ҳавас лаҳзаӣ буда, дар таваҷҷуҳи шубҳаангез ба ҷанбаҳои равшани шавқу ҳавас ва падидаҳо зоҳир мегардад ва ҳамзамон бо нопадид гардидани объекти мавриди таваҷҷуҳ ба итмом мерасад.

2. Фаъолият ва ё марҳилаи амалӣ. Ба ин марҳила саъю кӯшиш ба фаъолияти амалӣ, хоҳиши санҷидани худ дар фаъолияти техникӣ, бадеӣ, тасвирӣ ва ғайра хос аст. Неруи ин гуна майлу хоҳиш ба сатҳи дониш, малака ва таҷрибаи хонандагон вобаста аст.

3. Марҳилаи когнитивӣ - назариявӣ. Хусусияти ин марҳила зарурати ғанӣ гардонидани донишҳо ва бештар донистани объекти мавриди таваҷҷуҳ аст.

4. Марҳилаи эҷодӣ, сатҳи олии рушд. Хусусияти ин марҳила зарурати эҷоди чизи нав аст, ки ба тақлидкорӣ рабте надорад ва эҷоди асарҳои шахсии худро тақозо мекунад (шеър, моделҳои техникӣ, рақс, бозичаҳо ва ғ.)

Дар ҳамаи асарҳои ба тавсифи марҳилаҳои рушд бахшидашуда таҳаввулоти одии ҳолат (кунҷковӣ, саргармӣ, вазъият) дар сатҳи олитарин таъкид мегардад, вақте ки шавқу ҳавас омили асосии ҳавасмандӣ барои фаъолияти эҷодии шахс ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, шавқу ҳавас баҳонаест барои санҷиш. Ба хотири он ки шавқу ҳавас бедор гардад, на ин ки аввал ҳадафро ҷустуҷӯ кунему баъд зарурати ҳавасмандиро барои комёб шудан ба он асоснок намоем.

Баръакс, зарур аст, ки ҳавасмандии мусбати фаъолиятро фароҳам сохта, баъд имкониятҳои пайдо кардани ҳадафро ошкор намоем.

Барои ташаккули шавқу ҳавас ба сифати зинаи ибтидоӣ зуҳуроти майлу рағбати лаҳзаӣ ва рушди минбаъдаи он аҳаммияти қобили назар дорад. Шавқу ҳаваси аввалия, аз як тараф, хусусиятҳои объекти мавриди таваҷҷуҳ, возеҳии он, робитаи мутақобиларо, ки боиси ҳавасмандгардонии таваҷҷуҳ мешавад, инъикос мекунад, аз тарафи дигар, хусусиятҳои инфиродӣ, аз ҷумла, ҳассосият, мутаҳаррикии ҷараёнҳои асабӣ, ки фаъолнокии инъикосро муайян мекунанд, равшан зоҳир мегарданд. Бо мурури вақт шавқу ҳавас бо мавҷудияти заминаҳои муайяни рушди он дар шахс – малакаҳо, ҳавасмандсозии рушди ин малакаҳо ва мусоидат ба инкишоф собит мегардад.

Сатҳи олии шавқу ҳавасро фақат бо роҳи такрори бисёркаратаи намудҳои муайяни фаъолият, вазъияти мушаххас, ҷамъоварӣ ва танзими шавқу ҳавасҳо ба даст овардан мумкин аст, вале ин ҳама бояд ҳамзамон бо такрори мустаҳкамкунии таъсирбахши омилҳои берунӣ ба роҳ монда шавад. Омилҳои дохилӣ дар ин маврид аз дарки комёбиҳо тавассути қонеъ сохтани анвои муайяни талабот ташаккул меёбанд. Агар шавқу ҳавас дар зарурати донишҳои мушаххас зоҳир шавад, ҷанбаи дигари самтгирии шахсият – майлу хоҳиш (тамоюл) бо саъю кӯшиши машғул будан бо фаъолияти муайян асос меёбад. Майлу рағбат бо қобилият сахт алоқаманд аст, гоҳе онҳо бо ҳам тавъам мешаванд.

Майлу рағбат як навъи саъю кӯшиш аст. Қобилиятҳо имкониятҳо мебошанд. Онҳо ҳамеша таҳти таъсири якдигар қарор доранд, ҳамдигарро пурра месозанд. Бо зиёд шудани майлу рағбат ба фаъолият шахс ҳамеша ба фикри он фурӯ меравад, ӯ ҳамеша саъй мекунад, ки фаъолияти худро беҳтар созад. Беҳтар шудани фаъолият дар навбати худ ба рушди имконияту неруи инсон таъсири мусбат мерасонад. Дар айни замон, фаъолияте, ки шахс ба иҷрои он бештар қобилият дораду натиҷаи хуб медиҳад, ба афзоиши майлу рағбат мусоидат мекунад, зеро майлу рағбат ва қобилият ҳамеша ҳамдигарро дастгирӣ намуда, қавитар мегарданд.

Бешубҳа, дар байни ҳамаи хислатҳои рушдёфтаи инсон мустақилият мақоми асосиро ишғол мекунад. Муҳаққиқон - файласуфон ва психологҳои даврони пеш зимни тавсифи мафҳуми “мустақилият” ба таҳқиқи ҷаҳони ботинии шахсият, таҳлили омилҳои гуногуне, ки ба рушди ӯ таъсир мерасонанд ва роҳҳои ҳавасмандгардонии ташаккули мустақилият, таҳқиқи хусусиятҳои шахсияте, ки ҳамеша устувор буда, ба тағйироти амиқи ҷомеа мувофиқ

бошад, ҳамеша ба сӯйи озодии ботиниву мустақилияти фаъолият майл дошта бошад, машғул шуданд.

Таҳияи мазмун, қисматҳои сохторӣ ва функсионалии фаъолият ва ташаккули худмуайянкунӣ дар таҳқиқоти педагогҳо ва психологҳои муосир бо такя ба методҳои Л.Н. Толстой, М. Монтессори, В.А. Сухомлинский, Н.А. Макаренко ва дигарон таҳқиқу таҳлил ёфтаанд.

Таҳлили адабиёти психологӣ - педагогӣ ва мушоҳидаҳои шахсии мо имкон медиҳад ба чунин хулосае биёем, ки ин қисматҳо чунинанд:

• зеҳнӣ, ки рушди тахайюлот, тасаввурот, суръат ва дақиқии аксуламал, вусъати донишҳоро бо истифода аз неруи эҷодӣ дар бар мегирад;

• ҳавасмандӣ, ки шавқу ҳавасро ба эҷодкорӣ ва саъю кӯшишро ба мустақилият баланд мебардорад;

• иродавӣ, ки татбиқи ин майлу хоҳишро таъмин мекунад.

Самаранокии сохтори унсурҳои мазкури шахсияти кӯдакони имконияташон маҳдуд, ташкили ҳаёти онҳоро дар асоси муносибати ба шахсият нигаронидашуда дар назар дорад ва ба комёб шудан ба натиҷаҳои қобили назари иҷтимоӣ равона шудааст. Аз ин ҷо саволе ба миён меояд, ки дар чунин шахсияти мураккаб, дар ташаккули он дар синни наврасӣ чӣ хусусиятҳое мушоҳида мешаванд?. Дар синни наврасӣ самти мушаххас барои дарки худӣ хос аст. Дарки худии худ ҳамчун шахсият дар наврас, пеш аз ҳама, дар ҷараёни муошират муносибат бо ҳамсолон ба вуҷуд меояд. Вобаста ба ин И.С. Кон муоширатро дар наврасон аз муҳимтарин намудҳои фаъолият ҳисоб мекунад. [4, с. 78]. Кӯдак, қобилияту муваффақиятҳо, ҷаззобияти зоҳирӣ, норасоиҳо ва таҷрибаи худро арзёбӣ намуда, ба худсобиткунӣ дар ҷомеа саъю кӯшиш мекунад.

Дар асоси робитаи байниҳамии сатҳи даъвоҳо (майлу хоҳишҳо) ва муваффақиятҳои ҳақиқӣ мутаносибан худбаҳодиҳии баланд ё пастро ташаккул медиҳад. Ин ба арзёбии наврасон аз ҷониби атрофиён на он қадар вобастагӣ дорад. Ба андешаи мо, дар бачагон, одатан, сатҳи баланди худбаҳодиҳӣ ва даъвогарӣ (майлу хоҳиш) хос аст, ки дар сурати нобарорӣ (нокомӣ) дар ин ё он намуди фаъолият ба аксуламалҳои манфӣ (бехудӣ, бадрафторӣ) оварда мерасонад. Агар чунин нобарориҳо такрор шудан гиранд, сабабгори ҳисси нобоварӣ ба имкониятҳои худ ва ҳатто ташаккули хислатҳои устувори манфии шахсият мегардад. Дар ин маврид худбаҳодиҳии аз ҳад зиёд низ метавонад таъсири манфӣ дошта бошад, зеро он ба ташаккули қаноатмандии баланд аз худ, ҳисси ғуруру ҳавобаландӣ мусоидат мекунад. Ташаккули «Ман»-и субъективӣ бо худдарккунӣ (ки дар хотира нақш мебандад) зич алоқаманд аст ва ҳамин тариқ, метавонад ба ташаккули шахсияти нодуруст мусоидат кунад.

Сатҳи айёният (мутобиқати комил)-и наврасон ҳудудҳои гуногун дорад ва ба омилҳои зиёде вобаста аст:

– муҳити хурди иҷтимоӣ;

– хусусиятҳои психологӣ;

– синну сол;

– сатҳи рушди зеҳнӣ.

Сатҳи худшиносӣ дар наврасон, одатан, шакли олии худро намегирад. Ҷалби пурраи наврасон ба ҷомеа ба мушоҳида намерасад.

Ташаккули муносибатҳои субъективӣ-шахсӣ дар синни наврасӣ ба тағйироти гуногун рӯ ба рӯ мешавад. Пеш аз ҳама, навъи муносибатҳои аввалия тағйир меёбад. Дарки худии худ ҳамчун шахсият ва афзоиши талабот дар ин синну сол дар ҷараёни рушди фаъолнокӣ, мустақилият дар фаъолиятҳои худ, афзоиши ҳудудҳои робита ва фаъолият ҳамеша тағйирпазир буда, ҳамзамон бо мавҷуд набудани қобилияти арзёбии амиқи воқеият ва имкониятҳои худи наврас дар нишон додани аксуламалҳои мувофиқ сабаби тағйир ёфтани муносибатҳо мегардад.

Мураккабшавии муносибатҳо бо калонсолон дар синни наврасӣ бештар дар заминаи боварҳо ва муқаррароти калонсолон, ки дар тули қарнҳо ташаккул ёфта, ба қоидаҳои

нонавишта табдил ёфтаанд, ба вуҷуд меояд. Саъю кӯшиши наврас ба пайдо кардани мақоми нав дар муносибатҳо бо калонсолон, ҳуқуқҳои нави калонсолон ба нақши психологию иҷтимоӣ, вобастагии комили молиявӣ аз падару модарон сабабгори муносибатҳои бисёр мураккаби байниҳамӣ мегардад.

Новобаста ба он ки муносибати наврас бо калонсолон чӣ гуна хуб аст, ӯ ҳамеша саъй мекунад, ки бо ҳамсолони худ муносибат дошта бошад.

Танҳо дар дохили гурӯҳ наврас метавонад сифатҳои худро бо сифатҳои дигарон муқоиса кунад. Аз нуқтаи назари А.А. Леонтев, аҳаммияти чунин муносибатҳо барои наврас аз он иборат аст, ки маҳз ҳамин муносибатҳо заминаи дохилии муносибатҳои мутақобилаи ӯро ташкил медиҳанд. [7, с. 62]. Робитаву муошират бо ҳамсолон барои наврас муҳаррики асосии фаъолият ба ҳисоб меравад. Бинобар ин муносибату муоширати ӯ бо калонсолон ва ҳатто таҳсил барояш дуюмдараҷа мегардад.

Дар гурӯҳи ҳамсолон худро бо дигарон муқоиса кардан, барору нобарориҳои худро арзёбӣ кардан, ҳолату вазъиятҳоро ба ҳамон шакле ҳастанд, қабул кардан, бо фаъолияти худ шоистаи эътирофу эътибори дигарон гаштан, ҳисси мусбати иҷтимоӣ пайдо кардан, дар чашми дигарон худро хуб нишон додан ва ғайра имконпазир мегардад.

Аз ин рӯ, наврас барои дар худ ташаккул додани хислатҳое кӯшиш мекунад, ки дар байни ҳамсолонаш дар ҳамин давраи рушд арзиш доранд: неруи ҷисмонӣ, худназораткунӣ, ҷуръат, дониш, зеҳн, аз байн бурдани хислатҳои бад, мисли хасисию худпарастӣ ва ғайра. Л.М. Фридман ва К.Н. Волков қайд мекунанд, ки гурӯҳи наврасон бо самтҳои гуногуни иҷтимоӣ ва тасаввуроти иҷтимоӣ ташаккул меёбанд. Маълум аст, ки наврасони нисбатан хурдсол бештар майл доранд, ки хислатҳои зоҳирӣ ва ботинии дигаронро ошкор ва аз ҳад зиёд нишон диҳанд, онҳоро гаштаю баргашта муҳокима кунанд. Наврасони нисбатан калонсол низ хислатҳои худро аз ҳад зиёд нишон додан мехоҳанд, вале хислатҳои дигаронро нисбатан аниқ муайян мекунанд.

Адабиёт:

1. Ананев, Б.Г. Человек как предмет познания / Б.Г. Ананев [Текст]. – Л.: Изд-во ЛГУ, 1968. – 340 с.
2. Байзоев, А. Таҳсилоти фарогир: раҳёфти маҷмӯӣ ба ҳалли мушкилот дар заминаи таҷрибаи пешқадам / А. Байзоев [Матн]. – Душанбе: Донишварон, 2017. – 150 с.
3. Буйдоқов, Х. Асосҳои дидактика / Х. Буйдоқов [Матн]. – Душанбе, 1996. – 310 с.
4. Кон, И.С. Психология старшеклассника / И.С. Кон [Текст]. - М.: Педагогика, 1982. – 272 с.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” [Матн]. - Душанбе, 2013.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (Дар таҳрири қонунҳои ҶТ аз 04.11.1995, №121, 28.02.2004, №8, 01.03.2005, №92, 05.01.2008, №358). – [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.maorif.tj / storage/Dokument's/Miyona umumi/….pdf.
7. Леонтева, А.А. Педагогическое общение /А.А. Леонтева [Текст]. – М.: Прогресс, 1979. – 234 с.
8. Маслоу, А. Самоактуализация / А. Маслоу // Психология личности: Тесты // Под ред. Ю.Б. Гиппенрейтера, А. А. Пузырея [Текст]. – М.: Изд-во Моск. ун-та, 1982. – С. 201 - 288.
9. Петровский, А.В. Психология неадаптированной активности. / А.В. Петровский [Текст]. - М.: ТОО «Горбунок», 1992. - 224 с.
10. Рубинштейн, С.Л. Проблемы психологии / С.Л. Рубинштейн [Текст]. - М.: МГУ, 1976. - 184 с.
11. Теплов, Б.М. Проблемы индивидуальных различий: Избр. труды / Б.М. Теплов [Текст]. - М.: Изд-во АПН РСФСР, 1961. - 536 с.

ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ КӮДАКОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД

Дар мақола масъалаҳои вобаста ба моҳияту муҳтавои хусусиятҳои рушди кӯдакони имконияташон маҳдуд баррасӣ гаштаанд.

Ба ақидаи муаллиф, мафҳум ва истилоҳи «маъюб» (инвалид) аз решаи калимаи лотинии «volid» - «пурра», «комил», «қобил», «неруманд» бармеояд ва ба маънои таҳтуллафзӣ «ноқобил», «корношоям»-ро ифода мекунад. Имрӯз маъюбон гурӯҳи ҳифзнашавандаи иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд.

Чуноне муаллиф меафзояд, моҳияти ин масъала аз он иборат аст, ки ҷомеа ба барқарор намудани муносибатҳои муносиби иртиботӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, истеҳсолӣ, психологӣ бо кӯдакони имконияташон маҳдуд ва муҳити атрофи онҳо ниёз дорад.

Фикрҳояшро хулоса карда, муаллиф таъкид мекунад, ки дар маҷмуъ, кӯдаки имконияташ маҳдуд шахсест, ки дорои норасоии саломатӣ бо вайроншавии устувору давомдори функсияҳои организм буда, ӯро муҳтоҷи ҳифзи иҷтимоӣ мегардонад.

Калидвожаҳо: рушд, масъала, кӯдакон, имконият, моҳият, мафҳум, шахсият, масъала, падар, модар, муҳит, таъсир, хизматрасонӣ, муносибат, фаъолият, ҳаракат, норасоӣ.

ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ ДЕТЕЙ С ОГРАНИЧЕННЫМИ ВОЗМОЖНОСТЯМИ

В статье обсуждаются вопросы, связанные с сущностью и содержанием особенностей развития детей с ограниченными возможностями.

По мнению автора, понятие и термин «инвалид» происходит от корня латинского слова «volid» - «полный», «совершенный», «способный», «сильный» и буквально означает «негодный», «непригодный». Сегодня инвалиды считаются незащищенной социальной группой.

Как добавляет автор, суть данного вопроса заключается в том, что обществу необходимо восстановить соответствующие коммуникативные, экономические, правовые, производственные, психологические отношения с детьми с ограниченными возможностями и их окружением.

Обобщая свои мысли, автор подчеркивает, что в целом ребенок с ограниченными возможностями – это человек, имеющий недостаток здоровья со стойким и постоянным нарушением функций организма, что делает его нуждающимся в социальной защите.

Ключевые слова: развитие, проблема, дети, возможность, сущность, понятие, личность, проблема, отец, мать, среда, влияние, служение, отношение, деятельность, движение, дефицит.

PECULIARITIES OF DEVELOPMENT OF CHILDREN WITH DISABILITIES

The article discusses issues related to the nature and content of developmental characteristics of children with disabilities.

According to the author, the concept and term "disabled" comes from the root of the Latin word "volid" - "complete", "perfect", "capable", "strong" and literally means "worthless", "unsuitable". represents Today, disabled people are considered an unprotected social group.

As the author adds, the essence of this issue is that society needs to restore appropriate communicative, economic, legal, industrial, and psychological relations with children with disabilities and their environment.

Summarizing his thoughts, the author emphasizes that, in general, a child with disabilities is a person who has a health problem with a persistent and permanent impairment of body functions, which makes him in need of social protection.

Key words: development, problem, children, opportunity, essence, concept, personality, issue, father, mother, environment, influence, service, attitude, activity, movement, deficit.

Маълумот дар борам муаллиф: Шарипов Бахтовар Файзович – номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: ҶТ. 734065, ш Кӯлоб маҳаллаи С. Сафаров 16. тел: (992) 988-28-43-53

Сведения об авторе: Шарипов Бахтовар Файзович - кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры дошкольного образования и социальной работы Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: РТ 734065, г. Куляб, ул. С. Сафарова 16. тел: (992) 988-28-43-53

Information about the author: Sharipov Bakhtovar Fayzovich - candidate of pedagogical sciences, senior lecturer of the department of preschool education and social work of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: RT. 734065, Kulob, S. Safarov street 16. Tel.: (992) 988-28-43-53

ТДУ:8136+811.111(575.3)
Қ-54

ТАШКИЛИ ОМӮЗИШ ДАР ТАШАККУЛИ МАЛАКАҲОИ ЛУҒАВӢ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ ФАРОНСАВӢ

Қурбонов Т.З., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Дар бораи таълими лексикаи забони хориҷи сухан ронда, мо бояд пеш аз ҳама масъалахои фаҳмонда додани луғат ва азхудкунии онро ба салоҳияти худи хонандагон гузорем. Дар сатҳҳои гуногун ин саволҳо хусусиятҳои ба худ хос доранд, бинобар ин, усули кор бо калима вобаста ба сатҳи таълим бояд гуногун бошад. [14, с. 170]

Мақсади асосии омӯзиш дар ташаккули малакаҳои луғавӣ ин мустаҳкам намудани робитаҳои аллакай барқароршудаи воҳидҳои луғавии нав ва тавсеаи онҳо мебошад. [2, с. 124]

Дар ҷараёни кушодани маънои калима робитаҳои алоқавӣ, вазъӣ ё маъноӣ ба назар гирифта мешавад ва баъзан новобаста аз иродаи муаллим, алоқаҳои аломатии луғавии ҷорӣ кардашуда ба миён меоянд. Мисол: калимаи **une araignée** пешниҳод карда мешавад. Семантизатсия (кушодани маънои калима) пеш аз ҳама, бо ёрии нақшӣ ё бо ёрии контекст дар ибора: **Nous sommes montes au grenier de la vieille maison** ошкор карда мешавад.

C' était plein de toiles d' aragnée ва сеюм, бо тавсифи маъно. Метавон гуфт, ки дар робитаҳои маъноӣ то андозае замина барқарор шудаанд. Ғайр аз ин, робитаҳои рамзӣ ба таври стихиявӣ ба вуҷуд омадааст.

Кор оид ба калимаи нав дар раванди омӯзиш бояд ҳамаи чаҳор намуди муошират ва дар ҳолати зарурӣ муоширати вазъиятиро тақвият дода, ба ташаккули маҷмуи автоматизм мусоидат кунад, ки аксуламали ғайриихтиёрии хонандаро ба яке аз ангезандаҳо дар шакли талаффуз ё шинохтани воҳиди луғавии додашуда пешбинӣ кунад. [6, с. 24]

Ҳамин тариқ, барои ташкили таълим омилҳое, ки барои фаъолияти малакаи луғавӣ хизмат мекунанд, аҳаммияти махсус доранд. Ин ҳавасмандкуниҳо иборатанд аз:

а) ҳангоми истифодаи пайвастҳои аломатӣ:

- калима, ибора ё қолаби нав;
- муодили тоҷикии калима, ибора ё қолаби нав;
- калимаи бегона, ки аз ҷиҳати мураккабии овозаш ба воҳиди луғавии омӯхташуда наздик аст;

б) ҳангоми истифодаи пайвастҳои маъноӣ:

- объект ё амали таъйиншуда;
- тасвири ашё ё амали таъйиншуда;
- аломати маъноӣ;

в) ҳангоми истифодаи пайвастагиҳои вазъӣ:

-ҳолати табиӣ (аз ҷониби муаллим ташкил карда шудааст ё тасодуфан ба вуҷуд омадааст);

-ҳолати тасаввуршуда;

г) ҳангоми истифодаи истинодҳои маъноӣ:

- калимаи бегона, ки ҳамчун муродиф ё антоними калима, ибора ё қолаби нав хизмат мекунад;

- аломати майдони маъноӣ;

- асоси маъноӣ;

д) ҳангоми истифодаи истинодҳои замина:

- аломати заминавии маъноӣ;

-тезиси мубоҳиса.

Омӯзиш одатан аз машқҳои қабулкунанда оғоз меёбад, зеро барои мустаҳкам намудани робитаҳои маъноӣ ва вазъӣ зарур аст.

Машқҳо дар шинохти калимаҳои нав дар контекст бо дарки визуалӣ. Ба хонандагон ибораҳо ё матни пурра, аз ҷумла калимаҳои нав, ки маънои онҳоро бояд муайян кунанд, пешниҳод карда мешаванд.

Назорат бо истифодаи тарҷума ё саволҳо ба матн амалӣ карда мешавад. Ангезандаи фаъолияти малакаи луғавӣ худи калимаи нави забони фаронсавӣ мебошад.

Ба хонандагон матни хаттӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар он калимаҳои нав бояд омӯхта шавад ва хонандагон бояд маънои онро тахмин кунанд. Назорат бо истифодаи тарҷума ё саволҳо ба матн амалӣ карда мешавад. Ангезанда барои кори маҳорати луғавӣ калимаи фаронсавӣ мебошад, ки бо ифодаи графикии худ ба калимаи омӯхташуда наздик аст.

Машқи шинохтани калимаҳои нав дар матни шунавоӣ.

Хонандагон як матни хориҷиро, ки калимаҳои навро дар бар мегирад, гӯш мекунанд ва ба саволҳо дар бораи матне, ки фаҳмиши ин калимаҳоро назорат мекунанд, ҷавоб медиҳанд. Ангезанда барои фаъолияти малакаи луғавии дилхоҳ маҷмааи овозии калимаи нав мебошад.

Машқ барои аз худ намудани маъноҳои гуногуни калима.

Ин машқ дар марҳилаи баъдии омӯзиши калимаи нав, вақте имконпазир мегардад, ки маънои иловагии онро бояд нишон дод. Ба хонандагон якчанд ибораҳои фаронсавӣ пешниҳод карда мешавад, ки калимаи нав омӯхташударо ба маънои гуногун истифода мебаранд. Онҳо бояд барои ҳар як маънои калима муодилҳои тоҷикиро ёбанд.

Дар машқ пайвандҳои аломатии тасодуфии калимаи тоҷикӣ бо забони фаронсавӣ ислоҳ карда мешаванд. Ангезандаи малакаи луғавӣ ин тасвири графикии калимаи фаронсавӣ мебошад.

Машқ бо синонимҳо.

Ин як машқи баъдтар дар кори луғат аст. Он шарҳи хусусиятҳои фарқкунандаи синонимҳо, намунаҳои истифодаи онҳо дар сухан бо истифодаи синонимҳоро дар бар мегирад, масалан:

Супориш: Шарҳҳо ва мисолҳои истифодаи муродифҳои **crainte, peur, effroi, inquetude, horreur**- ро хонед ва онҳоро бо тартиби кам шудани шиддати эҳсоси онҳо баҳо диҳед.

Crainte - тарси таҳдид, интизории хатар, бадбахтӣ: crainte de la guerre;

нотарс - ҳисси мушаххас ва доимии тарс: mourir de la peur, la peur de traverse la rue;

effroi - эҳсоси тарси амиқ, ваҳшат: les yeux pleins d 'effroi;

пурсиш - изтироб, аз даст додани ҳолати мутавозин, изтироб: eprouver une inquietude;

horreur - даҳшат, ҳисси хатари марговар, нафратовар:

les heurreurs de la guerre.

Дар ин машқ алоқаҳои маъноӣ фаъолона инкишоф ёфта, аломати дохилӣ ва робитаҳои семантикӣ муқаррар карда мешаванд. Ангезандаи малакаи луғавӣ ҳам худи калимаи нав ва ҳам синонимҳои он мебошад.

Барои ташаккул ва фаъол сохтани малакаҳои луғавӣ, машқҳои репродуктивӣ бо мақсади ба вуҷуд овардани системаи мукаммали пайвастагиҳо барои воҳиди нави луғавӣ нақши махсус доранд. [11, с. 12]

Дар машқҳои репродуктивӣ тамоми роҳҳои ҳавасмандгардонӣ истифода мешаванд, ки малакаи луғавӣ ба вуҷуд ояд.

Биёед якчанд вариантҳои ташаккули малакаҳои луғавиро дар асоси машқҳои репродуктивӣ дида бароем.

а) силсилаи машқҳо, ки дар барномаи омӯзиши забони фаронсавӣ барои мактаби миёна қабул шудаанд

Ташаккули малакаҳои луғавӣ дар раванди таълими нутқи шифоҳӣ ба амал омада, машқҳои зеринро дар бар мегирад:

- муаллим якчанд маротиба ибораи намунавиро, ки бо вазъи таълим алоқаманд аст, аз ҷумла воҳиди нави луғавӣ, ки маънои онро хонандагон бояд дарк кунанд, ба таври возеҳ талаффуз мекунад;

- ҳамон ибораи намунавиро муаллим дубора талаффуз мекунад, пас аз он хонандагон онро якҷоя бо муаллим якчанд маротиба такрор мекунанд;

- ҳар як хонанда дар навбати худ ин ибораро якчанд маротиба талаффуз мекунад;

- ҳама хонандагон ба таври умумӣ бидуни омӯзгор бо назардошти вазъи таълим як ибораро талаффуз мекунанд.

Дар оянда малакаи луғавӣ дар раванди иҷрои машқҳои саволу ҷавоб амалӣ карда мешавад. Мушоҳида кардан душвор нест, ки омилҳои асосии малакаи луғавӣ дар ин системаи машқҳо калимаи забони фаронсавӣ дар нутқи муаллим ва вазъи таълим мебошанд, яъне, асосан робитаҳои аломатӣ ва вазъӣ инкишоф меёбанд.

Барқарор шудани робитаҳои маъноӣ бо истифодаи воҳиди нави луғавӣ дар заминаи он мусоидат мекунад. Ин усули ташаккули малакаҳои луғавӣ як қатор нуқсонҳо дорад: шумораи ҳавасмандкунӣ маҳдуд аст, тамоми машқҳо танҳо аз машқҳои тақлидӣ иборат аст; робитаҳои маъноӣ инкишоф наёфтаанд, ки ин захираи иттилоотии хонандагонро, ки бо воҳиди нави луғавӣ алоқаманданд, маҳдуд мекунад.

б).тамошои филмҳои таълимӣ .

Ташаккули малакаҳои луғавӣ аз тамошои филми 3-4 дақиқаӣ оғоз меёбад, ки ба пайдоиши эҳсосот ва андешаҳое, ки нутқро бармеангезанд, мусоидат мекунад. [3, с. 24] Хонандагон як силсила саволҳоро барои муҳокима ва марбут ба филм мегиранд, масалан: тасвир кардани персонажҳои филм, дар ҳаёти онҳо муҳимтарин чизҳо, оё онҳоро рафиқони воқеӣ ҳисобидан мумкин аст ва ғайра.

Барои ташкили чунин мубоҳиса ба хонандагон ҷадвалҳои функсионалӣ-семантикӣ пешниҳод карда мешаванд, ки дар онҳо мувофиқи саволи мавриди муҳокима, аввалан, модели грамматикии сохтани ибора мавҷуд аст,

Масалан:

(il, elle ...) est paresseux танбал

Laborieux меҳнатдӯст

honnête ростқавл

Дар асоси чунин ҷадвал хонанда метавонад бидуни омӯхтани калимаҳои нав ба муҳокимаи масъалаҳои ба миёнгузоштаи филм оғоз намояд.

Кор бо ҷадвал аз машқе оғоз меёбад, ки ба тариқи зерин ташкил шудааст. Нутқ бо фосилаи 3 сония садо медиҳад, пас аз тамошои филм, хонандагон дар ҷадвал калимаҳои навро ёфта, ки ин калимаҳо барои эҷоди муошират ба онҳо зарур аст. Он гоҳ хонандагон бояд дар бораи мушкилоте, ки муаллим додааст, фикри худро баён кунанд.

Ҳангоми омодагӣ ба изҳори фикр, онҳо ҷадвалҳои функсионалӣ ва маъноиро истифода мебаранд. Ҳангоми тавлиди изҳорот ба ҷадвалҳо нигоҳ кардан манъ аст. Пас аз

баррасии филм боз ҳамон мушкилот баррасӣ мешавад, аммо ин дафъа дар робита бо ҳаёт ва шахсиятҳои худи хонандагон. Дар дарси оянда муҳокимаи ҳамон мушкилот идома дорад, аммо мушкилоти иловагӣ пешниҳод карда карда мешавад.

Дар техникаи тавсифшуда робитаҳои мустаҳками маъноӣ ва аломатӣ барқарор карда мешаванд. Пайвастшавӣ бо аломатҳо на танҳо дар шунавоӣ, балки ба таври визуалӣ ба роҳ монда мешавад. [10, с. 35]

Ғайр аз тақлид, машқҳои ҷустуҷӯӣ низ истифода мешаванд ва изҳорот хусусияти коммуникативӣ пайдо мекунад.

Худи калимаи нав ва заминаи маъноии изҳорот ҳамчун такягоҳ барои малакаи луғавӣ хидмат мекунад. Дар мавриди робитаҳои маъноӣ бошад, онҳо ба қадри кофӣ рушд накардаанд.

в) ҳангоми истифодаи пайвастагиҳои вазъӣ:

-ҳолати табиӣ (аз ҷониби муаллим ташкил карда шудааст ё тасодуфан ба вуҷуд омадааст);

-ҳолати тасаввуршуда;

г) ҳангоми истифодаи калимаҳои вазъӣ:

-ҳолати табиӣ (аз ҷониби муаллим ташкил карда шудаст ё тасодуфан ба вуҷуд омадааст);

-ҳолати тасаввур;

- калимаи бегона, ки ҳамчун муродиф ё антоними калима, ибора ё қолаби нав хизмат мекунад.

Баъдан иҷрои силсилаи машқҳои репродуктивӣ мебошад, ки шумораи онҳоро муаллим вобаста ба дараҷаи азхудкунии луғати нав аз тарафи хонандагон танзим мекунад:

-Кӯчаҳоеро, ки майдони марказии шаҳри шуморо иҳота кардаанд, номбар кунед.

- Дӯстатонро бигӯед, ки сумкаи худро дар ҷои худ гузорад,.

- Навбатдори гурӯҳро иваз кунед ва дар театр ду ҷой фармоиш диҳед.

- Бо изҳороти ман розӣ шавед ё рад кунед: Les place debouts sont plus commodes que les assises.

- Майдонҳои асосии онро дар нақшаи Париж ёбед, нишон диҳед ва номгузорӣ кунед.

-Рӯйхати ҷойҳои намоёни кӯчаи Сомонӣ-ро номбар кунед.

- Бо ибораҳои фаврӣ аз забони тоҷикӣ ба фаронсавӣ тарҷума кунед, ки калимаи ҷойро дар бар мегирад: нишастан, дар ҷои худ мондан, чӣ гуна ба майдони Конкорд расидан, роҳ додан.

Анҷом додани ташаккули тамоми системаи пайвандҳои калимаи нав барои машқҳои қабулкунанда: машқ дар рушди робитаҳои маъноии калима ва машқ бо муродифҳо. Аммо, ин баъдтар, пас аз якчанд дарс пас аз ворид кардани калима, вақте ки хонанда дар бораи соҳаи маъноии он васеътар фаҳмиш пайдо мекунад, ба амал меояд.

Такмили малакаи луғавӣ дар раванди амалия ба анҷом мерасад, ки барои намудҳои гуногуни фаъолияти нутқ пешбинӣ шудааст.

Машқҳои репродуктивии номбаршуда метавонанд мундариҷаи худро вобаста ба воҳидҳои луғавии фаъолшуда тағйир диҳанд. Онҳоро бо асбобҳои аёнӣ, маводҳои гуногуни иловагӣ пурра кардан мумкин аст, аммо моҳияти онҳо бетағйир боқӣ мемонад.

Ҳангоми муносибати мураккаби дифференсиалӣ, ташаккули тамоми системаи пайвастагиҳои воҳиди нави луғавӣ ба амал меояд, ки тавассути истифодаи ҳавасмандкуниҳои гуногун ба амал омада, ба сифати омилҳои малакаҳои луғавӣ хидмат мекунанд. [7, с. 42]

Дар амалия азхуд намудани воҳидҳои луғавӣ дар ҳама марҳилаҳои таълим дар шаклҳои гуногун бо назардошти хусусиятҳои синну соли мактаббачагон, сатҳи омодагии онҳо амалӣ гардонида мешавад. Азхудкунӣ ҳангоми иҷрои машқи фонетикӣ ба даст оварда мешавад: Тартиби пешниҳоди калимаҳо аз ҷониби осонии истифодаи онҳо барои муошират муқаррар карда мешавад, бинобар ин шумо метавонед корро бо луғат аз феълҳои соддае, ки ҳаракатро мефаҳмонанд шуруъ кунед. Ин ба кӯдакон имкон медиҳад, ки аз дарсҳои аввал бо

забони нав муошират кунанд. Кор бо калима аз шиносоӣ оғоз мешавад. Маънои калимаи нав ҳангоми нишон додани расм, ашё ё иҷрои амал зоҳир мешавад.

Дар раванди кушодани маънои калима истифодаи асбобҳои аёнӣ хеле муфид аст. Дар байни онҳо ҷои аввал ба тасвирҳо дода мешаад. Равшан, рангоранг, онҳо таваҷҷуҳ ва диққати хонандагонро бедор мекунанд ва тавассути таъсир расонидан ба хотираи эҳсосии онҳо ба азхудкунии доимии луғат мусоидат мекунанд. Муаллим мавзуъро нишон медиҳад, ном мегузорад (шояд хато бошад) ва хонандагон бо забони фаронсавӣ ҳарф мезананд: "Oui" ё "Non";

- суханонро гӯш кунед ва калимаҳои шиносро бо овози баланд такрор кунед;

- чанд калимаи фаронсавиро гӯш кунед, кӯшиш кунед, ки тартиби онҳоро ба ёд ored ва такрор кунед:

Пас аз ба итмом расонидани чунин машқҳо, шумо метавонед бо истифодаи калимаҳо ба суханронӣ гузаред. Дар ин марҳила, шакли қобили қабултарини кор ин ба саҳна гузоштани афсонаҳои гуногун аст, зеро маҳз ҳикояҳои ҷодугарӣ ангезаҳои бачагонро ба шунидан ва нақл кардан водор мекунанд.

Адабиёт:

1. Алиев С.Н. Общая методика обучения иностранным языкам (на тадж. яз.). Учебное пособие для студентов факультетов иностранных языков педагогических университетов. -Душанбе: ТГПУ, 2013. -336 с.
2. Аракин, В.Д. Речевая единица – основа обучения устной речи/ В.Д. Аракин. – М:, 1965. - 286 с.
3. Андреевская-Левенстерн, Л.С. Методика преподавания французского языка в начальной и средней школе [Текст]: для фак. иностр. яз. пед. ин-тов / Л. С. Андреевская-Левенстерн. - М.: Высш. шк., 1995. 246 с
4. Баишева, Л.И. Творческие поиски для проведения уроков французского языка [Текст] / Л.И Баишева //Иностранные языки в школе. - 1987. - №6.- С. 24
5. Биболетова М.З., Трубанева Н.Н. Рабочая программа курса английского языка к УМК «Английский с удовольствием» / «Enjoy English» для 2-4 классов общеобраз. учрежд. – Обнинск: Титул, 2013. – 40 с.
6. Выготский, Л.С. Воображение и творчество в детском возрасте [Текст] / Л.С. Выгодский. - СПб.: СОЮЗ, 1997. - 252 с.
7. Гез, Н.И. Система упражнений и последовательность развития речевых умений и навыков / Н.И. Гез. и. я. ш в школе № 5.М., 1963. - 140 с.
8. Зимняя, И.А. Психология обучения иностранным языкам в школе [Текст] / И.А. Зимняя - М., 1999. 250 с.
9. Иванченко, А.И. Французский язык: Лексика в картинках: 2-3 классы [Текст] / А.И. Иванченко. – М., 2005. 154 с.
10. Игра как средство активизации речевого общения на уроках французского языка. //Иностранные языки в школе. - 1987. - №5.С-12-16.
11. Касаткина, Н.М. Использование средств наглядности на уроках французского языка [Текст] / Н.М. Касаткина - М., 2005.- 150 с.
12. Козлов, И.Ф. Задачи и упражнения по методике преподавания иностранных языков [Текст] / И.Ф. Козлов – М., 1993. - 134 с.
13. Сулаймонов М.А., Баланд бардоштани маҳорату малакаи хонандагон бо истифода аз воситаҳои техникӣ- Д., 2019 с,
14. Усмонзода Ш., Холов С. С. Современные методические указания при изучения лексики иностранного языка. Вестник педагогического университета № 1 (15) 2023 – 236с

ТАШКИЛИ ОМӮЗИШ ДАР РАВАНДИ ТАШАККУЛИ МАЛАКАҲОИ ЛУҒАВӢ ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ ФАРОНСАВӢ

Дар ин мақола сухан дар бораи ташаккули малакаҳои луғавӣ дар дарсҳои забони фаронсавӣ меравад Дар ҷараёни кушодани маънои калима робитаҳои алоқавӣ, вазъӣ ё маъноӣ ба назар гирифта мешавад ва баъзан, новобаста аз иродаи муаллим, алоқаҳои аломатии луғавии ҷорӣ кардашуда ба миён меоянд. Мисол: калимаи une araignée пешниҳод карда мешавад. Семантизатсия (кушодани маънои калима) пеш аз ҳама, бо ёрии наққошӣ ё бо ёрии контекст дар ибора: Nous sommes montes au grenier de la vieille maison ошкор карда мешавад.

C' était plein de toiles d' aragnée; ва сеюм, бо тавсифи маъно. Метавон гуфт, ки дар робитаҳои маъноӣ то андозае замина барқарор шудаанд. Ғайр аз ин, робитаҳои рамзӣ ба таври стихиявӣ ба вуҷуд омадаанд.

Кор оид ба калимаи нав дар раванди омӯзиш бояд ҳамаи чаҳор намуди муошират ва дар ҳолати зарурӣ муоширати вазъиятиро тақвият дода, ба ташаккули маҷмуи автоматизм мусоидат кунад ва хотираи ғайриихтиёрии хонандаро ба яке аз ангезандаҳо дар шакли талаффуз ё шинохтани воҳиди луғавии додашуда тайёр намояд.

Дар амалия азхуд намудани воҳидҳои луғавӣ дар ҳама марҳилаҳои таълим дар шаклҳои гуногун бо назардошти хусусиятҳои синну соли мактаббачагон, сатҳи омодагии онҳо амалӣ гардонида мешавад. Азхудкунӣ ҳангоми иҷрои машқи фонетикӣ ба даст оварда мешавад. Тартиби пешниҳоди калимаҳо аз ҷониби осонии истифодаи онҳо барои муошират муқаррар карда мешавад, бинобар ин шумо метавонед корро бо луғат аз феълҳои соддае, ки ҳаракатро мефаҳмонанд шуруъ кунед. Ин ба кӯдакон имкон медиҳад, ки аз дарсҳои аввал ба забони фаронсавӣ муошират кунанд. Кор бо калима аз шиносоӣ оғоз мешавад. Маънои калимаи нав ҳангоми нишон додани расм, ашё ё иҷрои амал зоҳир мешавад.

Дар раванди кушодани маънои калима истифодаи айёниятҳои дидактикӣ хеле муфид аст. Дар байни онҳо ҷои аввал ба тасвирҳо дода мешаад. Равшан, рангоранг, онҳо таваҷҷуҳ ва диққати хонандагонро бедор мекунанд ва тавассути таъсир расонидан ба хотираи эҳсосии онҳо ба азхудкунии доимии луғат мусоидат мекунанд.

Калидвожа: ташкили омӯзиш, малакаҳои луғавӣ, воҳидҳои луғавӣ, робитаҳои алоқавӣ, алоқаҳои маъноӣ, иродаи муаллим, робитаҳои вазъӣ муоширати вазъиятӣ. воҳиди луғавӣ, хотираи ғайриихтиёрии хонанда, машқи фонетикӣ, хотираи эҳсосӣ, тартиби пешниҳоди калимаҳо, семантизатсия, шиносоӣ.

ОРГАНИЗАЦИЯ ОБУЧЕНИЯ В ПРОЦЕССЕ РАЗВИТИЯ СЛОВАРНЫХ НАВЫКОВ НА УРОКАХ ФРАНЦУЗСКОГО ЯЗЫКА

В данной статье рассматривается проблема развитии словарного запаса на занятиях по французскому языку. В процессе раскрытия значения слова учитываются реляционные, ситуационные или смысловые связи, а иногда, независимо от воли учителя, появляются введенные лексические знаковые связи. Пример: предлагается слово une araignée. Семантизация (раскрытие значения слова) раскрывается прежде всего с помощью картины или с помощью контекста во фразе: Nous sommes montes agrenier de la vieille maison.

C'était plein de toiles d'Aragnée; и в-третьих, с описанием смысла. Можно сказать, что в смысловых связях в некоторой степени значения восстановлена. Кроме того, символические связи формируются спонтанно.

Работа над новым словом в процессе обучения должна усиливать все четыре вида общения и, при необходимости, ситуативное общение, способствовать формированию установки автоматизма и готовить непроизвольную память ученика к одному из стимулов в виде произношения или узнавание данной лексической единицы.

На практике усвоение словарных единиц осуществляется на всех этапах обучения в различных формах с учетом возрастных особенностей школьников, уровня их подготовки. Усвоение достигается в ходе фонетического упражнения: порядок изложения слов

определяется удобством использования их для общения, поэтому можно начинать работу со словарем простых глаголов, объясняющих движение.

Это позволяет детям общаться на французском языке с первых уроков. Работа со словом начинается с ознакомления. Значение нового слова раскрывается при показе картинки, предмета или действия. В процессе раскрытия значения слова очень полезно использование дидактических выражений. Среди них первое место отведено изображениям. Яркие, красочные, они вызывают интерес и внимание учащихся, воздействуя на их эмоциональную память, способствуют постоянному пополнению словарного запаса.

Ключевые слова: организация обучения, словарные навыки, словарные единицы, прочные связи, смысловые связи, воля учителя, ситуационные связи, ситуативное общение. словарный блок, непроизвольная память читателя, фонетическое упражнение, эмоциональная память, порядок слов, семантизация, идентификация.

ORGANIZING TRAINING IN THE PROCESS OF DEVELOPING VOCABULARY SKILLS IN FRENCH LANGUAGE LESSONS

This article discusses the development of vocabulary in French classes. In the process of revealing the meaning of a word, relational, situational or semantic connections are taken into account. and sometimes, regardless of the teacher's will, introduced lexical sign connections appear. Example: the word une araignée is proposed. Semantization (revealing the meaning of the word) is revealed first of all by means of the picture or by means of the context in the phrase: We are so young that we can sleep in the garden.

C'était plein de toilettes d'Aragnée; and thirdly, with the description of the meaning. It can be said that in semantic connectionst he meaning is restored to some extent. In addition, symbolic connections are formed spontaneously.

Work on a new word during the learning process should strengthen all four types of communication and, if necessary, situational communication, promote the formation of an automatic attitude and prepare the student’s involuntary memory for one of the stimuli in the form of pronunciation or recognition of a given lexical unit.

In practice, the acquisition of vocabulary units is carried out at all stages of training in various forms, taking into account the age characteristics of schoolchildren and their level of training. Acquisition is achieved during a phonetic exercise: the order of presentation of words is determined by the convenience of using them for communication, so you can start working with a dictionary of simple verbs that explain movement. This allows children to communicate in French from the first lessons. Work with the word begins with familiarization.

The meaning of a new word is revealed when showing a picture, object or action. n the process of revealing the meaning of a word, it is very useful to use didactic expressions. Among them, the first place is given to images. Bright, colorful, they arouse the interest and attention of students, affecting their emotional memory, and contribute to the constant replenishment of vocabulary.

Key words: organization of learning, vocabulary skills, vocabulary units, strong connections, semantic connections, teacher's will, situational connections, situational communication. vocabulary block, involuntary memory of the reader, phonetic exercise, emotional memory, word order, semantization, identification.

Маълумот дар бораи муаллиф: Қурбонов Тағой Зуҳурович, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии (забонҳои романӣ - германӣ фаронсавӣ)Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121, Тел.: (+992) 004 44 59 73

Сведения об авторе: Курбанов Тагай Зухурович, кандидат педагогических наук, доцент кафедры методики преподавания иностранных языков (немецкий-французский) Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121, Тел.: (+992) 004 44 59 73

Information about the author: Kurbonov Tagay Zukhurovich, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of methods of teaching foreign languages (german-french) Tajik State Pedagogical University named after S. Aini 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121, Tel.: (+992) 004 44 59 73

ТДУ:378+811.111
ТКБ:74.261.7
О-59

ТАҲИЯИ КЕЙСҲО (БАСТАҲО)-И ЛИНГВИСТӢ БАРОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТМАНДИИ НУТҚИИ ДОНИШҶӮЁН

Орифзода О.О., н.и.п., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Айни замон, усули кейсҳо (кейс-стади) дар амалияи таълимии донишгоҳҳо ҳамчун усуле, ки ба рушди тафаккури интиқодии донишҷӯён, баланд бардоштани сатҳи муошират байнифарҳангӣ ва салоҳияти забонии онҳо нигаронида шудааст, фаъолона истифода мешавад. Усули кейс дар амалияи педагогӣ ҳамчун технологияи педагогии ба амалия нигаронидашудае, ки беҳтарин усули алтернативӣ ба усулҳои маъмулии баёни мавзуъ ё иттилоот бо истифода аз шаклҳои инноватсионии таълим ба ҳисоб меравад, барои ташкил намудани мубоҳисаҳо ҳангоми пешбурди кори таълимӣ дар мавзуи омӯхташаванда ҳам дар гурӯҳҳои таълимӣ ва ҳам таълими инфиродӣ тавсия дода мешавад.

Вожаи кейс – калимаи бисёрмаъно буда, аз забони англисӣ ҳамчун ҳолат, ҳодиса, парванда, сандуқ, ҷомадон, ҳолатҳои воқеӣ, таърихи беморӣ, ҳодисаи гузашта ва ғайра тарҷума мешавад. Ҳамаи маъноҳои дар боло номбаргардида, дар робита ба кори соҳаи таълим дар ҳолатҳои гуногун алоқа дошта, барои омӯзонидани ҳолатҳои алоҳида метавонанд истифода бурда шаванд.

Кейс – ин ҳодисаи беназире аз саргузашти шахсе аст, ки дар ҳақиқат рух дода, метавонад ҳамчун намунаи усули бомуваффақият ҳал кардани мушкилоти дар самти муайяни фаъолият пайдогардида, истифода бурда шавад. Дар раванди таълим барои ҳал кардани масъалаҳои таълим, ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯён тавассути баланд бардоштани ангезаи омӯзишии онҳо бо истифода бурдан аз таҷрибаи амалии ашхоси маъруф дар шакли кейс мувофиқи мақсад мебошад.

Кейси нотамом - ин як парвандаи мураккаби соҳаи мушаххасе мебошад, ки дар асоси он бо мақсади такмили шахсият ва касбӣ, омодагӣ ба қабули қарорҳои асоснок дар ҳолатҳои проблемавӣ атрофи мавзуи пешниҳодгардида, мубоҳиса ташкил карда мешавад. Кейси педагогӣ ин пешниҳоди ҳодисаи мушаххас дар амалияи омӯзгор мебошад, ки раванди ба вуҷуд омадан ва инкишоф ёфтани масъала, ҳодиса, мушкилот ё баҳси муайянро тавсиф мекунад. Дар кейс метавонад ҳолатҳои воқеӣ, тафсилоти ҳодисаҳои рухдода, характери қаҳрамонони ҳодиса ва моҳияти мушкилоти ҷойдошта нишон дода шуда, роҳу усули самараноки ҳалли онҳо баррасӣ гардида, арзёбӣ карда шаванд. Ба кейсҳо ҳуҷҷатҳо, маълумоти оморӣ ва дигар маводҳо ба проблемаи пешниҳодгардида алоқаманд, замима карда мешаванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки усули кейс ба усули таълими ба проблема нигаронидашуда бисёр шабоҳат дорад. Фарқ дар ҳамин аст, ки дар ин усул роҳи проблема дар шакли пай дар пай гузошта шуда, роҳи ҳалли он бо истифода аз таҷрибаи шахси маълум ба донишҷӯён пешниҳод карда мешавад.

Усули кейс бори аввал соли 1870 аз ҷониби декани Мактаби Ҳуқуқи Ҳарвард, профессори ҳуқуқ Кристофер Колумб Лангделл истифода шудааст. Вай дар назди худ вазифа гузоштааст, ки тайёрии таълимии донишҷӯён ба соҳаи фаъолияти касбии ояндаи онҳо наздиктар шавад ва лексияҳои анъанавиро бо муҳокимаи кейсҳои воқеии таҷрибаи ҳуқуқӣ иваз намуд. Профессор тавсия дод, ки донишҷӯён парвандаҳои калонҳаҷмро бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ омӯхта,

пешакӣ ба дарс омода шаванд. Ин таҷриба аз ҷониби омӯзгорони факултет ҳамчун як усули самарабахш қабул гардида, аз ҷониби баъзе омӯзгорони дигар истифода гардид. То соли 1915 дар баъзе мактабҳои олии самти ҳуқуқшиносии ИМА кейсҳо дар раванди таълим истифода мешуданд. То соли 1920, як қатор пайравони Лангделл усули кейсро дар таълими на танҳо ҳуқуқ, балки тиб ва идоракунии тиҷорат низ истифода мебурданд. Бо вуҷуди ин, усули кейс барои доираи васеи мутахассисон то ҳануз номаълум боқӣ мемонад. Дар солҳои 20-уми асри XX усули парванда дар Мактаби тиҷорати Ҳарвард ҷорӣ карда шуд. Дар ин давра аввалин маҷмуаҳои кейсҳо дар соҳаи менеҷмент дар Ҳарвард нашр шуданд. Аз ин рӯ, дар бисёр таҳқиқот оид ба таърихи офариниши усули парванда маҳз ҳамин даврaро ба оғози истифодаи усули кейсҳо рабт медиҳанд.То нимаи асри XX, усули кейсҳо ҳамчун афзалияти Мактаби тиҷоратии Ҳарвард нисбат ба усули таълим дар дигар мактабҳои олӣ боқӣ монд. Бо вуҷуди ин, таҷрибаи бомуваффақияти истифодаи кейсҳо тадриҷан дар доираҳои васеи илмии Иёлоти Муттаҳида ва Аврупои Ғарбӣ маъмул гардида, паҳн мешавад. Дар солҳои 70-80 он дар таълими тиҷорат фаъолона истифода гардида, дар баъзе донишгоҳҳои Амрикои Шимолӣ ва Аврупо паҳн мешавад. Дар солҳои 80-90 асри XX усули кейс дар амалияи тайёр кардани муаллимон дар соҳаҳои идоракунӣ, ҳуқуқшиносӣ, тиб, иқтисодиёт, сиёсатшиносӣ ва ғ. ҷорӣ карда мешавад.

Дар як қатор донишгоҳҳо барои омӯзонидани муаллимони ин фанҳо барои дар дарсҳо истифода бурдани усули кейс курсҳо ташкил карда шуда, оид ба таҳия ва истифодаи кейсҳо дар таълим иттиҳодияҳои байналмилалӣ таъсис дода шуда, маҷмуаҳои кейсҳо таҳия ва чоп карда мешаванд. Дар ибтидои асри XXI дар системаи америкоии таълими омӯзгорон истифодаи васеи кейсҳо дар омодасозии касбии омӯзгорон ҳамчун вазифаи асосӣ гузошта мешавад. Дар Иттиҳоди шуравӣ маълумот дар бораи «методи америкоии кейсҳо» бори аввал соли 1926 дар конференсияи муаллимони фанҳои иқтисодии мактабҳои партиявии советӣ шунида шуда буд. Дар ин конфронс истифодаи усулҳои амалии омӯзиши хориҷӣ баррасӣ гардида буд. Аммо, то охири солҳои 70-уми асри гузашта, ин усул дар системаи маорифи шуравӣ татбиқ наёфт. Дар солҳои 80-ум, вақте ки иқтисодиёт ва менеҷмент ба таври интенсивӣ инкишоф ёфт ва адабиёти тарҷумаи ғарбӣ пайдо шуд, таваҷҷуҳ ба усули кейс мунтазам рӯ ба афзоиш ниҳод. Дар солҳои 90-ум усули кейс дар Федератсияи Россия таълими соҳибкорӣ ба таври васеъ паҳн гардида, дар солҳои 2000-ум дар раванди омодасозии муаллимони самтҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ҷорӣ намудани он оғоз ёфта, барои дар коллеҷҳо ва мактабҳо ҷорӣ намудани он кӯшишҳо ба харҷ дода шуданд.

Дар айни замон, барои дарку фаҳмиши истифодаи кейсҳо дар равияҳои гуногуни таълимӣ татқиқоти илмӣ гузаронида шуда истодааст. Тибқи яке аз онҳо, кейсҳо маҷмуи сарчашмаҳои ҳуҷҷатӣ мебошад, ки маълумотро оид ба саргузашти мушаххас аз таҷрибаи ҳаётӣ дар бар мегирад. Вобаста ба ин, истифодаи кейс ҳамчун пешниҳоди мушкилот дар соҳаи муайяни фаъолият бештар маъмул аст. Дар ин сурат кейсро ҳамчун пешниҳоди мушкилот бо замимаи як қатор ҳуҷҷатҳое, ки дар онҳо маълумоти воқеӣ, оморӣ, диаграммаҳо, ҷадвалҳо, графикҳо ва ғайра пешниҳод карда мешаванд, фаҳмидан мумкин аст. Истифодаи усули кейс дар таълим амали мутақобилаи пуршиддати байни омӯзгор ва донишҷӯ, инчунин донишҷӯёни гурӯҳро дар бар мегирад, ки дар натиҷаи он моделсозии раванди қабули қарор дар фаъолияти касбӣ ба роҳ монда мешавад.

Кейс (Case study) – ин усули омӯзиш бо таҳлили ҳодисаи қаблан ба вуқуъомада мебошад. Моҳияти ин усул аз он иборат аст, ки ба донишҷӯён на танҳо вазъияти воқеии ҳаётиро дарк ва таҳлил кардан пешниҳод мегардад, балки маҷмуи муайяни донишҳое, ки ҳангоми ҳалли ин масъала бояд азхуд карда шаванд, омӯзонида шуда, мубрамияти онҳо фаҳмонида мешавад. Мушкилоти пешниҳодгардида ҳатман ҳалли якхела надошта, усулҳои ҳалли онҳо бояд гуногун бошанд, то ин ки донишҷӯён тавонанд барои ҳалли онҳо роҳи барои худ мувофиқро интихоб карда тавонанд. Ба ақидаи муаллимони пешқадаме, ки дар самти татбиқи усули кейс дар раванди таълим корҳои илмию методӣ кардаанд, кейсҳо бояд дар шакли муайян таҳия гардида, вақт, сюжет ва сохтори муайянро доро бошад, ки дар давоми дарс қадам ба қадам ҳал кардани он имконпазир бошад.

1. Сохтори муваққатии кейс. Дилхоҳ ҳолати дар доираи кейс ба нақша гирифташуда бояд дар доираи вақти муайяни ҳамоҳангшаванда ба амал биёяд. Аз ин рӯ, донишҷӯёне, ки бо маводи таълимии дар доираи кейс овардашуда кор мекунанд, бояд пайдарпайии вақт ва амалҳои дар ҳар як давраи вақтӣ ба амал меомадаро ба таври амиқ дарк намоянд. Маводҳои таълимии доираи кейс одатан, бо риояи қатъии сохтори вақт таҳия карда мешаванд. Аммо, вақтҳои охир кейсҳое, ки дар онҳо пайдарпайии вақти пешинҳоди маводи таълимӣ ба якчанд қисм тақсим шудааст, истифода бурда мешаванд. Ин шакли тақсими вақт ва маводи таълимӣ дар кейсҳо имкон медиҳад, ки эрод, фикру мулоҳизаҳо, иқтибосҳо ва пешниҳодҳои зарурӣ ба муҳтавои маводи таълимӣ ворид карда шаванд. Ин тарзи истифодаи кейсҳо барои ташаккул ва рушди ҳавасмандии донишҷӯён бо истифода аз усули «Ақидаи донишҷӯ дар доираи мавзуъ муҳим аст» муфид аст. Аммо, ин набояд ба пайдарпайи рӯйдодҳову ҳолатҳо дар маводи таълимӣ таъсир расонад ва сохтори вақт бояд ба таври қатъӣ риоя гардида, барои донишҷӯён куллан равшан ва фаҳмо бошад.

2. Сохтори сюжети кейс. Барои ҷолибу самаранок будани маводи таълимии дар доираи кейс пешниҳодшаванда, сюжети он бояд ба таври возеҳ пайдарҳам таҳия гардида бошад. Дар доираи 10-15 саҳифа бояд рӯйдод ё драммае таҳия карда шавад, ки диққати донишҷӯёнро ба худ ҷалб карда тавонад. Муаллиф ба сохтори сюжет бояд диққати махсус диҳад. Проблема дар маводи кейс чӣ қадаре, ки равшану возеҳ баён гардида бошад, ҳамон қадар диққатҷалбкунанда гардида, таваҷҷуҳи донишҷӯёнро ба худ ҷалб мекунад. Ба ҳамдигар бархурд кардани ғояҳо, ақидаҳо ва ё одамон муваффақияти кейсро таъмин менамояд.

3. Сохтори муҳтавои кейс. Рӯйдоде, ки дар кейс оварда шудааст, бояд то хурдтарин ҷузъиёт барои хонанда равшан бошад. Дар хотир бояд дошт, ки маводи дар кейс овардашуда аз тарафи муаллифи он ва хонанда ба таври гуногун ва дар сатҳи гуногун дарк карда мешавад. Аз ин рӯ, хеле муфид аст, ки ба эҷодиёти худ давра ба давра бо чашми хонандаи оянда назар афканем ва дар натиҷаи ин раванд, шояд он нуктаҳоеро, ки аз нигоҳи муаллиф шарҳи иловагиро талаб намекунанд, муфассалтар таъкид кунем. Тасодуфӣ нест, ки дар аксари парвандаҳои бомуваффақият анҷомшуда маълумоти муфассалеро оид ба ҳолатҳое, ки дар назари аввал ба масъалаи дар мавод овардашуда он қадар алоқаи зич надоранд, дар бар мегиранд. Аммо, бояд ба назар гирифт, ки ин ҳолатҳо барои кори мустаъқилонаи донишҷӯён оид ба маводи дар кейс овардашуда хеле муфид арзёбӣ гардида, мусоидат менамоянд.

Пешниҳод карда мешавад, ки истифодаи кейсҳо дар раванди таълими забонҳои хориҷӣ ҳамчун воситаи муҳимми ташаккул ва рушди салоҳияти забонии донишҷӯён баррасӣ карда шавад. Истифодаи кейсҳо метавонад ба баланд бардоштани қобилияти нутқи шифоҳӣ, хаттӣ, донишҳои сарфу наҳвӣ ва фарҳанги нутқӣ ва қобилиятҳои муоширатии донишҷӯён мусоида намояд.

Ба андешаи мо салоҳияти забонии донишҷӯёни донишгоҳҳо ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад:

- малакаҳои баланди нутқи хаттӣ;
- малакаҳои нутқи шифоҳии байниҳамдигарӣ;
- дониши сохтори грамматикии нутқ;
- доштани малакаҳои муошират байнифарҳангӣ;
- қобилияти ворид шудан ба фазои бисёрфарҳангӣ;
- доштани меъёрҳои маданияти нутқ;
- қобилияти ҳамкории эҷодии шифоҳӣ дар муҳити академии мактаби олӣ.

Дар дарсҳои забони хориҷӣ дар мактаби олӣ кейсро метавонем дар шакли матн ба донишҷӯён пешниҳод намоем. Матнҳои забони хориҷӣ барои таълим дар шакли якчанд категория вуҷуд доранд [4, с. 28]:

- матни аслӣ – «матни аслие, ки коркарди мутлақи методӣ карда нашудааст» ё ин ки «андаке дидактизатсия карда шудааст, вале эътимоднокӣ ва аслияти матн вайрон нагардида, заминаи иҷтимоию фарҳангии он гум нашудааст»; «матни аслии аз ҷониби соҳибони забони хориҷӣ барои хориҷиён» навишта шудааст;

- матни дидактизатсияшуда - матне, ки аз чониби «соҳибони забони хориҷӣ махсус бо мақсади методӣ» омода карда шудааст;

-матни нимааслӣ - матни аслие, ки «бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои таълимӣ» мутобиқ карда шудааст;

- матни надик ба асл - матне, ки дар он «баъзе ихтисорот аз ҳисоби исмҳои хос, шарҳҳои таърихӣ, яъне матне, ки аз он ҳолатҳои махсусан душвор бардошта шудаанд, ҷой дорад». Дар доираи ин таснифот, кейси забони хориҷӣ бо матни дидактизатсияшудаи наздик ба аслӣ пешниҳоди донишҷӯён карда мешавад. Дар барномаҳои муосири таълимии забонҳои хориҷӣ мундариҷаи курс ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад [1, с. 56]: соҳаҳо, мавзуъҳо ва ҳолатҳои муошират дар доираи барномаҳои мавҷуда; донишҳои забонӣ (филологӣ) ва минтақавӣ; малакаи забон ва малакаи нутқ; номгӯйи шаклҳои муоширатии нутқ, ки мақсадҳои гуногуни коммуникативиро ифода мекунанд; матнҳо барои фаъолияти шифоҳӣ ва хаттии забони хориҷӣ; малакаҳои омӯзишӣ ва ангезаи бартарафсозии камбудиҳо. Дар баробари ин, чунон ки бисёре аз муҳаққиқон қайд мекунанд, агар дар раванди суханронии бидуни омодагӣ дар забони модарӣ шуури гӯянда ба мундариҷаи изҳорот нигаронида шуда бошад, пас дар мавриди суханронии бетайёрӣ бо забони хориҷӣ, таваҷҷуҳи ихтиёрии сухангӯй ду тақсим мешавад. Аксарият дар бораи мавзуъ сараввал бо забони модарӣ фикр карда, баъдан оид ба истифодаи воҳидҳои лексикии забони хориҷӣ барои баён кардани мазмуни фикри худ талош мекунанд. Бинобар ин, муколама бо забони хориҷӣ дар сурати иҷро шудани як қатор шартҳо муваффақиятноктар мешавад: камтар ва сабуктар будани вазифаҳои фикрие, дар муколама дар назди гӯянда гузошта мешаванд; мавҷудияти сатҳи кофии малакаҳои баланди нутқӣ ва доираи васеи маводи забонӣ, ки маҳорати истифодаи онҳо дар сатҳи автоматӣ аст; таҷрибаи бо забони модарии худ мубоҳиса карда тавонистан. В.Л. Скалкин ва Г. Рубинштейн ба омодагии ҳамаҷониба барои иштирок дар мубоҳисаи таълимӣ аҳаммияти калон дода, таҳияи муколамаро бо истифода аз технологияи омӯзиши мисоле, ки дар сохтори он «мавзуи мубоҳиса, баён (материалҳои воқеӣ, маълумот ва масъалаҳое, ки ҳамчун нуқтаи ибтидоии ҳама гуна муҳокима хизмат мекунанд), ҳавасмандкунии нутқ, саволҳои роҳнамоикунанда, калимаҳои калидӣ ва реаксияҳои нутқи сухангӯён тавсия медиҳанд,» [4, с. 27]. Чунин намудҳои кори таълимиро ба монанди ҷавоб ба саволҳои муҳокимашаванда, ҷавобҳои асоснок ба саволҳо («ба донишҷӯён бояд як қатор сохторҳо ва қоидаҳои нутқие, ки ангезаи баёнро ифода мекунанд, омӯзонида шавад») ба инобат гирифтан зарур аст [3, с. 63].

Азбаски ин усул комплексӣ буда, тамоми намудҳои фаъолияти нутқиро аз қабили хондан, навиштан, гуфтугӯ ва шунидан дар бар мегирад, онро дар раванди таълими забони хориҷӣ пурра истифода бурдан мумкин аст. Кейсҳо дар дарсҳои забони хориҷӣ барои анҷом додани кор оид ба омӯзиши маводи таълимӣ истифода мешаванд ва ба донишҷӯён имконият медиҳанд, ки маводи лексикӣ, грамматикӣ ва фонетикиро дар нутқи худ истифода бурда, дониши забонии худро баланд бардоранд. Ҳангоми гузаронидани усули кейс донишҷӯён бо забони хориҷӣ маводи омӯхташавандаро шарҳ дода, корҳои мустақилона анҷом дода, онро ба тариқи рӯнамо пешниҳод менамоянд, роҳи ҳалли масъалаҳои пешомадаро ҷустуҷӯ намуда, фикру ақидаҳои худро пешниҳод ва ҳифз менамоянд, ки ин дар маҷмуъ салоҳиятмандии нутқии онҳоро ташаккул дода, барои баланд бардоштани он мусоидат менамояд. [4, с. 34]

Ҳамин тавр, ҳангоми дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ истифода бурдани усули кейс сатҳи дониши донишҷӯён дар соҳаи забони хориҷӣ дар маҷмуъ баланд мешавад. Зеро, истифодаи истилоҳот, воҳидҳои фразеологӣ, терминҳо ва ғайра дар шакли дарки амиқи маънои онҳо нисбат ба аз ёд кардани номи онҳо самараноктар буда, он қобилияти истифода бурда тавонистанро талаб мекунад. Тамоюли инкишофи тафаккури эҷодиро низ қайд кардан зарур аст, зеро рӯйдодҳои мавриди назар касро маҷбур мекунанд, то бо забони хориҷӣ фикр карда, сухан гӯянд. Донишҷӯён малакаҳои муаррифӣ (қобилияти ба таври оммавӣ муаррифӣ кардани кори худро бо забони хориҷӣ), қобилияти иштирок дар мубоҳиса, таҳияи саволҳо, асоснок кардани ҷавобҳои худ, ки ба рушди нутқ мусоидат мекунанд, малакаҳои худро дар намудҳои гуногуни хониш бо забони хориҷӣ инкишоф дода, коркарди иттилоот ва рушд додани малакаҳои иштирок дар кори гурӯҳиро меомӯзанд.

Барои ҷамъбасти гуфтаҳои боло бори дигар қайд кардан лозим аст, ки истифодаи усули кейс дар раванди омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ба андешаи мо, воситаи муассири рушди салоҳияти забониву нутқии донишҷӯёни донишгоҳҳо, баланд бардоштани ҳам сатҳи дониши умумӣ ва ҳам сатҳи эҷодкорӣ, тафаккури интиқодӣ ва ҳавасмандии омӯзиши забони хориҷӣ дар ҳаёти воқеӣ дар шакли ҷолиб ва амалӣ мебошад.

Адабиёт:

1. Акулова О.В., Писарева С.А. Современная школа: опыт модернизации / книга для учителя. СПб, 2005.
2. Акулова О.В., Писарева С.А., Пискунова Е.В. Конструирование ситуационных задач для оценки компетентности учащихся: учебно-методическое пособие для педагогов школ. СПб, 2008.
3. Андюсев Б.Е. Кейс-метод как инструмент формирования компетентностей //Директор школы. - №4, 2010. – С. 61 – 69.
4. Абрамова С.Ю., Белозерова Ю.В. Использование кейс-метода на уроках английского языка [Текст] // Актуальные вопросы современной педагогики: материалы VI Междунар. науч. конф. (г. Уфа, март 2015 г.). - Уфа: Лето, 2015. - С. 94-96. - URL https://moluch.ru/conf/ped/archive/148/7466/ (дата обращения: 15.03.2019).
5. Илюшин Л.С. Приемы развития познавательной самостоятельности учащихся. URL: http://likhachev.lfond.spb.ru/Lesson/ilushina.doc
6. Павленко Е.К. Ситуационные задачи как форма интерактивного изучения школьного курса географии // Современные проблемы науки и образования. 2012. № 2. С. 121-123.

ТАҲИЯИ КЕЙСҲО (БАСТАҲО)-И ЛИНГВИСТӢ БАРОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТМАНДИИ НУТҚИИ ДОНИШҶӮЁН

Дар мақола ҷанбаҳои таҳияи бастаҳо (кейсҳо) ҳамчун усул ва технологияи педагогӣ дар назария ва амалияи муосир, бахусус истифодаи ин усул зимни машғулиятҳо аз фанни забони хориҷӣ бо мақсади ташаккули салоҳиятнокии нутқии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ баррасӣ мешавад.

Зимнан, дар мақола оид ба заминаҳои таърихии роҳандозӣ гардидани ин усул дар Иттиҳоди Шуравӣ, инчунин таснифоти кейсҳо (бастаҳо) вобаста ба хусусияти истифодабарии онҳо маълумот дода мешавад**.**

Калидвожаҳо: усули кейс, кейси забонӣ, технологияи педагогӣ, салоҳиятнокии забонии донишҷӯён

РАЗРАБОТКА ЛИНГВИСТИЧЕСКИХ КЕЙСОВ ДЛЯ РАЗВИТИЯ РЕЧЕВОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ СТУДЕНТОВ

В статье раскрываются аспекты, связанные с феноменологией кейс-стади как метода и педагогической технологии в современной образовательной теории и практике, с особенностью использования данного метода на занятиях по иностранному языку применительно к формированию у студентов вуза языковой компетенции.

Кроме того, в статье коротко приводится историография данного метода, особенности его использования в СССР, а также классификация кейсов по их функциональному применению.

Ключевые слова: кейс-метод, лингвистический кейс, педагогическая технология, языковая компетенция студентов.

DEVELOPMENT OF LINGUISTIC CASES IN ENHANCING OF STUDENTS' SPEECH COMPETENCES

The article reveals aspects related to the phenomenology of the case study as a method and pedagogical technology in modern educational theory and practice, with the peculiarity of using this method in foreign language classes in relation to the formation of language competence among university students.

In addition, the article briefly provides the historiography of this method, the features of its use in USSR, as well as the classification of cases according to their functional application.

Key words: case-method, linguistic case, pedagogical technology, linguistic competence of students.

Маълумот дар бораи муаллиф: Орифзода Орзу Обидхуҷа, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров – 16. Тел orifov.02orzu@mail.ru

Сведения об авторе: Орифзода Орзу Обидхуджа, кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры методики преподавания иностранных языков Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова – 16. Тел orifov.02orzu@mail.ru

Information about the author: Orifzoda Orzu Obidhuja, candidate of pedagogical sciences, senior lecturer of the department of methods of teaching foreign languages of Kulob State University named after Abuabdullokhi Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street - 16. Tel. orifov.02orzu@mail.ru

УДК:37+316 ()075.8
Х-20

ВНЕУЧЕБНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ И ЕЕ ВОЗМОЖНОСТИ В РАЗВИТИИ КОММУНИКАТИВНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ

Ансори М.К., ректор ТПИ г.Пенджикент
Худойназаров М., декан заоч.отд. ТПИ г.Пенджикент
Кашкинбаев Н.К., доктор (PhD) ТПИ г. Пенджикент
Умаров А.А., к.п.н., доцент ТГПУ им. С. Айни
Ансори П., зав. каф. руский язык и литература ТПИ г.Пенджекент

Теоретический анализ понятия «внеучебная деятельность» и ее влияния на развитие коммуникативной компетентности студентов вуза широко рассмотрены российским и таджикскими учеными. В научных исследованиях встречаются различные виды внеучебной деятельности студентов, как деятельности, «выходящей за рамки учебной» в образовательном процессе современного вуза.

Рассмотрим понятие «деятельность» как родовое понятие исследуемого феномена. Деятельность, в современной психолого-педагогической науке рассматривается, как особая, регулируемая сознанием активность личности, в процессе которой осуществляется преобразование объектов и предметов духовного и материального мира. Процесс целенаправленной активности связан с достижением субъектом этой активности поставленных целей и удовлетворению различных потребностей. Вместе с тем, эта специфичная активность позволяет субъекту приобретать различный общественный опыт и умения коммуникации [1].

Авторы исследований рассматривают различные классификации форм деятельности, разделяя ее на материальную и духовную, коллективную и индивидуальную, умственную и физическую и пр. В русле настоящего исследования мы обратили внимание на работу В.В. Серикова, в которой он утверждает, что «Деятельность – способ реализации человеком себя как

личности» [1, с. 59]. При этом, он под личностью понимает способность человека позиционировать себя как значимого субъекта, с которым считаются, вступают в различные связи, доверяют его ответственности. В этой связи, таджикский исследователь Л.В. Алиева отмечает, что «…именно деятельность, в которую постоянно, активно, творчески включен индивид (а не отдельные формы, мероприятия) воспитывает человека-личность» [2, с. 43].

В нашем исследовании, такой деятельностью, которая оказывает влияние на развитие и воспитание личности является внеучебная деятельность студентов. С этих позиций мы анализировали понятие «внеучебная деятельность студентов» с точки зрения ее влияния на формирование коммуникативной компетентности личности. Несмотря на обилие определений этого понятия можно уверенно их разделить на две группы: внеучебная деятельность студентов – это одна из сторон образовательного процесса вуза (Л.В. Алиева, Р.В. Дружинина, Е.М. Самохвалова); внеучебная деятельность – это особая активность студентов, в которой осуществляется их личностное становление (Т.Л. Иванайская, И.В. Руденко, П.М. Васильев).

В исследовании таджикского ученого Л.В. Алиевой внеучебная деятельность рассматривается как дополнительный блок образовательной деятельности вуза, осуществляемой вне основной образовательной работы студентов. Это, как указывает ученый, деятельность, которую обучающиеся осуществляют добровольно, на основе своего интереса, способностей и удовлетворения потребностей [6]. В то же время, многие исследователи убеждены, что «…внеучебная деятельность является базой профессионального самоопределения студента, выявления его индивидуальности, проверки личных качеств и возможностей применительно к специальностям профессиональной области и приобретения новых компетенций, так как студент выступает в новой позиции субъекта – инициатора, организатора, активного творческого участника, эксперта результатов. Такая деятельность осуществляется в особом воспитательном пространстве, ценностями которого являются общие и специфические ценности студентов и преподавателей как основа их делового и личностного взаимодействия в совместном творческом сотрудничестве, что позволяет формировать его природно-объективную сущность» [3, с. 49].

Другими словами, внеучебная деятельность рассматривается как «специфический вид деятельности, основанный на принципах выбора, самообразования, добровольности, имитации основных сфер деятельности будущего специалиста» [3, с. 83].

Специфика внеучебной деятельности, подчёркивают авторы, заключается в том, что она «осуществляется в свободное от учёбы и удовлетворения насущных потребностей время, когда студент по собственному выбору определяет тот или иной вид занятий» [3, с. 328].

Г.П. Иванова, О.К. Логвинова определяют внеучебную деятельность как «совокупность взаимосвязанных, но различных видов деятельности, направленных на всестороннее развитие личности студента и формирование профессиональных качеств будущего специалиста» [5, с. 22].

В понимании Р.В. Дружининой внеучебная деятельность студентов – это «звено образовательно-развивающего процесса, как совокупность преобразующих, практико-ориентированных, профессионально значимых мероприятий, осуществляемых в сотрудничестве преподавателей и студентов в дополнение к обязательным учебным занятиям и в непосредственной связи с ними и создающих благоприятные условия для развития личности и профессионального становления студентов» [4, с. 11].

Л.В. Алиева, И.В. Руденко рассматривают понятие «внеучебная деятельность» с разных позиций, в одном из вариантов она определяется как «пространство неформального профессионального образования и социального воспитания студента, основой которого являются ценности студента – культурного человека, личности-индивидуальности, творческого профессионала, гражданина. Это пространство личностного, творческого «погружения» студента в реальную профессиональную деятельность в её органичной взаимосвязи с другими видами деятельности, среда овладения компетенциями» [5, с. 9].

Авторы выделяют ряд характеристик внеучебной деятельности, позволяющих рассматривать её как полноправный компонент профессиональной подготовки студентов в вузе.

О.В. Филатова с соавторами отмечают, что «по разным причинам собственно процесс обучения не всем студентам даёт возможность полной самореализации. Необходимо использовать

возможности специально организованного общения, которое реализуется в жизнедеятельности коллектива, в различных видах внеучебной деятельности. … Именно в вузе, пройдя школу общественных организаций, объединений, творческих коллективов, студент приобретает твёрдые жизненные ориентиры, навыки организаторов, личностные качества, необходимые учёному, руководителю, общественному деятелю» [1, с. 330].

Г.П. Иванова, О.К. Логвинова актуализируют использование потенциала внеучебной деятельности, подчёркивая её «направленность на преодоление прагматизма в образовании, создании оптимальных условий для гармоничного развития личности, способной к творчеству, самореализации, самоопределению» [5, с. 21].

Внеучебная деятельность по мнению Р.В. Дружининой «может привнести в образовательный процесс вуза множество, присущих ей особенных компонентов и придать образовательному процессу необходимое новое качество, соответствующее современным ценностям» [4, с. 13]. Она считает, что «действенной основой организации внеучебной деятельности является динамическая система постоянно усложняющейся деятельности и межсубъектного взаимодействия, что позволяет рассматривать её как средство повышения качества профессиональной подготовки студентов» [4, с. 14]. Особый акцент автор делает на возможности использования во внеучебной деятельности информационного, социального потенциала деятельности и взаимодействия за пределами учебного заведения.

Н.А. Нефедова также подчёркивает полисубъектность внеучебной деятельности, где осуществляется разнообразное взаимодействие студентов и преподавателей в многообразных видах общей деятельности. Эта деятельность является добровольной, индивидуально значимой, что позволяет закрепить интерес, выявить неиспользованные ресурсы, предоставляет возможность для самореализации, «проявлению себя как в пространстве собственного внутреннего мира, так и в пространстве окружающих» [6, с. 284].

Акцентируя внимание на возможностях внеучебной деятельности, Е.Г. Афанасьева говорит об её преимуществах, связанных с целостностью, непрерывностью, целенаправленностью организации в ней воспитательного процесса с учётом профессиональной специфики, вариативности воспитательных подходов. Отмечает возможность выбирать формы внеучебной деятельности, востребованные, предпочитаемые студентами [7].

Авторы подчёркивают, что внеучебная деятельность – эффективное. Рассмотрим понятие «деятельность» как родовое понятие исследуемого феномена. Деятельность, в современной психолого-педагогической науке рассматривается, как особая, регулируемая сознанием активность личности, в процессе которой осуществляется преобразование объектов и предметов духовного и материального мира. Процесс целенаправленной активности связан с достижением субъектом этой активности поставленных целей и удовлетворению различных потребностей. Вместе с тем, эта специфичная активность позволяет субъекту приобретать различный общественный опыт и умения коммуникации [6].

Авторы исследований рассматривают различные классификации форм деятельности, разделяя ее на материальную и духовную, коллективную и индивидуальную, умственную и физическую и пр. В русле настоящего исследования мы обратили внимание на работу В.В. Серикова, в которой он утверждает, что «Деятельность – способ реализации человеком себя как личности» [2, с. 59]. При этом, он под личностью понимает способность человека позиционировать себя как значимого субъекта, с которым считаются, вступают в различные связи, доверяют его ответственности. В этой связи, таджикский исследователь Л.В. Алиева отмечает, что «…именно деятельность, в которую постоянно, активно, творчески включен индивид (а не отдельные формы, мероприятия) воспитывает человека-личность» [3, с. 43].

В нашем исследовании, такой деятельностью, которая оказывает влияние на развитие и воспитание личности является внеучебная деятельность студентов. С этих позиций мы анализировали понятие «внеучебная деятельность студентов» с точки зрения ее влияния на формирование коммуникативной компетентности личности. Несмотря на обилие определений этого понятия можно уверенно их разделить на две группы: внеучебная деятельность студентов – это одна из сторон образовательного процесса вуза (Л.В. Алиева, Р.В. Дружинина, Е.М.

Самохвалова); внеучебная деятельность – это особая активность студентов, в которой осуществляется их личностное становление (Т.Л. Иванайская, И.В. Руденко, П.М. Васильев).

В исследовании таджикского ученого Л.В. Алиевой внеучебная деятельность рассматривается как дополнительный блок образовательной деятельности вуза, осуществляемой вне основной образовательной работы студентов. Это, как указывает ученый, деятельность, которую обучающиеся осуществляют добровольно, на основе своего интереса, способностей и удовлетворения потребностей [6]. В то же время, многие исследователи убеждены, что «…внеучебная деятельность является базой профессионального самоопределения студента, выявления его индивидуальности, проверки личных качеств и возможностей применительно к специальностям профессиональной области и приобретения новых компетенций, так как студент выступает в новой позиции субъекта – инициатора, организатора, активного творческого участника, эксперта результатов. Такая деятельность осуществляется в особом воспитательном пространстве, ценностями которого являются общие и специфические ценности студентов и преподавателей как основа их делового и личностного взаимодействия в совместном творческом сотрудничестве, что позволяет формировать его природно-объективную сущность» [1, с. 49].

Другими словами, внеучебная деятельность рассматривается как «специфический вид деятельности, основанный на принципах выбора, самообразования, добровольности, имитации основных сфер деятельности будущего специалиста» [3, с. 83].

Специфика внеучебной деятельности, подчёркивают авторы, заключается в том, что она «осуществляется в свободное от учёбы и удовлетворения насущных потребностей время, когда студент по собственному выбору определяет тот или иной вид занятий» [1, с. 328].

Г.П. Иванова, О.К. Логвинова определяют внеучебную деятельность как «совокупность взаимосвязанных, но различных видов деятельности, направленных на всестороннее развитие личности студента и формирование профессиональных качеств будущего специалиста» [2, с. 22].

В понимании Р.В. Дружининой внеучебная деятельность студентов – это «звено образовательно-развивающего процесса, как совокупность преобразующих, практико-ориентированных, профессионально значимых мероприятий, осуществляемых в сотрудничестве преподавателей и студентов в дополнение к обязательным учебным занятиям и в непосредственной связи с ними и создающих благоприятные условия для развития личности и профессионального становления студентов» [4, с. 11].

Л.В. Алиева, И.В. Руденко рассматривают понятие «внеучебная деятельность» с разных позиций, в одном из вариантов она определяется как «пространство неформального профессионального образования и социального воспитания студента, основой которого являются ценности студента – культурного человека, личности-индивидуальности, творческого профессионала, гражданина. Это пространство личностного, творческого «погружения» студента в реальную профессиональную деятельность в её органичной взаимосвязи с другими видами деятельности, среда овладения компетенциями» [5, с. 9].

Авторы выделяют ряд характеристик внеучебной деятельности, позволяющих рассматривать её как полноправный компонент профессиональной подготовки студентов в вузе. Баум В. В. Система зачетных единиц (кредитов) как один из инструментов признания квалификаций, -М., РУДН, 2007. С. 12.

Литература:

1. Катаев А.Х., Шоев Н.Н., Джононов С.Д., и др. Характерные особенности получения высшего образования в условиях инновационной деятельности вуза. // Душанбе. Ирфон, 2007.

2. Гладков А.К., Козлов А.С., Саватеев И.В., Юсева З.В. Использование алгоритмических методов творчества в дипломных проектах // Технологическое образование (проблемы и перспективы развития): Сборник трудов региональной научно-практической конференции. - Новосибирск: Изд. НГПУ, 2002. - С. 30 - 40.

3. Баришова, Т.Л. Роль проектного метода в развитии творческих способностей студентов высшей школы [Текст] / Т.Л. Баришова // Образование – наука – технологии: доклады XII Всероссийской научно-практич. кон. – Майкоп, 2008. – С. 17-18. Библиогр.: с. 18 (0,25 п.л.)

4. Абрамов Д.Н., Бетев В.А. Технологические аспекты формирования практических умений. Тезисы Всероссийской научно-практической конференции «Формирование учебных умений в процессе реализации стандартов образования». Ульяновск; ул. ГПУ, 2003.-С.6-8

5. Ананев Б.Г. Избранные психологические труды. 2т.-М.; Педагогика 1980. Т.1-230 с.

6. 3.Андреев В.И. Педагогика творческого саморазвития; Инновационный курс КГТУ.4.2.- Казань; КУ,1998г.

7. Баум В.В. Система зачетных единиц (кредитов) как один из инструментов признания квалификаций, -М., РУДН, 2007. С. 12.

8. Катаев А.Х., Шоев Н.Н., Джононов С.Д., и др. Характерные особенности получения высшего образования в условиях инновационной деятельности вуза. // Душанбе. Ирфон, 2007.

9. Гладков А.К., Козлов А.С., Саватеев И.В., Юсева З.В. Использование алгоритмических методов творчества в дипломных проектах // Технологическое образование (проблемы и перспективы развития): Сборник трудов региональной научно-практической конференции. - Новосибирск: Изд. НГПУ, 2002. - С. 30 - 40.

10.Баришова, Т.Л. Роль проектного метода в развитии творческих способностей студентов высшей школы [Текст] / Т.Л. Баришова // Образование – наука – технологии: доклады XII Всероссийской научно-практич. кон. – Майкоп, 2008. – С. 17-18. Библиогр.: с. 18 (0,25 п.л.)

11.Абрамов Д.Н., Бетев В.А. Технологические аспекты формирования практических умений. Тезисы Всероссийской научно-практической конференции «Формирование учебных умений в процессе реализации стандартов образования». Ульяновск; ул. ГПУ, 2003.-С.6-8

12.Ананев Б.Г. Избранные психологические труды. 2т.-М.; Педагогика 1980. Т.1-230 с.

13.Андреев В.И. Педагогика творческого саморазвития; Инновационный курс КГТУ.4.2.- Казань; КУ, 1998г.

ВНЕУЧЕБНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ И ЕЕ ВОЗМОЖНОСТИ В РАЗВИТИИ КОММУНИКАТИВНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ

В исследованиях исследователей внеучебная деятельность рассматривается как дополнительный блок образовательной деятельности вуза, осуществляемый помимо основной учебной работы студентов. В то же время исследователи и практики полагают, что внеклассная деятельность — это деятельность, которой учащиеся занимаются по собственной воле, исходя из своих интересов, способностей и для удовлетворения своих потребностей.

Авторы в статье отмечают, что внеучебная деятельность является основой профессионального самоопределения студента, определения его идентичности, апробации личностных качеств и способностей применительно к профессиональным специальностям, приобретения новых компетенций, поскольку студент рассматривается как новый субъект — инициатор, организатор, активный участник образовательной деятельности, активный эксперт образовательной деятельности.

Ключевые слова: занятие, деятельность, исследователь, студент, проверка, качество, способность, специальность, профессия, компетентность, эксперт, образование, воспитание

ФАЪОЛИЯТИ БЕРУНАЗСИНФӢ ВА ИҚТИДОРИ ОН ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ КОММУНИКАТСИОНӢ

Дар таҳқиқоти муҳаққиқон машғулиятҳои беруназсинфӣ ҳамчун блоки иловагии фаъолияти таълимии донишгоҳ ба ҳисоб мераванд, ки берун аз кори асосии таълимии донишҷӯён гузаронида мешавад. Ҳамзамон, муҳаққиқон ва пажуҳандагон чунин мешуморанд, ки машғулиятҳои беруназсинфӣ фаъолияте мебошад, ки донишҷӯён бо ихтиёри худ, дар асоси шавқу ҳавас, қобилият ва қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худ онро анҷом медиҳанд.

Муаллифон дар мақола қайд менамоянд, ки корҳои беруназсинфӣ асоси худмуайянкунии касбии донишҷӯ, муайян намудани шахсияти ӯ, санҷиши сифату қобилиятҳои шахсӣ нисбат ба ихтисосҳои соҳаи касбӣ ва ба даст овардани салоҳиятҳои нав мебошад, зеро донишҷӯ дар мавқеи нави субъект – ташаббускор, ташкилотчӣ, иштирокчии фаъоли фаъолияти таълиму тарбия, коршиноси фаъоли фаъолияти таълиму тарбия ба ҳисоб меравад.

Калидвожаҳо: машғулият, фаъолият, муҳаққиқ, донишҷӯ, санҷиш, сифат, қобилият, ихтисос, касб, салоҳият, коршинос, таълим, тарбия

EXTRACURRICULAR ACTIVITIES AND THEIR POTENTIAL IN DEVELOPING COMMUNICATIVE COMPETENCE

In the research of researchers, extracurricular activities are considered as an additional block of educational activities of the university, carried out in addition to the main academic work of students. At the same time, researchers and practitioners believe that extracurricular activities are activities that students engage in of their own free will, based on their interests, abilities and to satisfy their needs.

The authors of the article note that extracurricular activities are the basis for a student's professional self-determination, determination of his/her identity, testing of personal qualities and abilities in relation to professional specialties, acquisition of new competencies, since the student is considered as a new subject - an initiator, organizer, active participant in educational activities, an active expert in educational activities.

Key words: occupation, activity, researcher, student, verification, quality, ability, specialty, profession, competence, expert, education, upbringing

Сведения об авторах: Ансори Муаззам Кудратзода**, р**ектор Таджикского педагогического института города Пенджикента. e-mail: muazzam62@mail.ru

Худойназаров Мирочиддин**,** декан заочного отделения Таджикского педагогического института города Пенджикента

Кашкинбаев Нургали Каныбекович**,** доктор (PhD) Таджикского педагогического института города Пенджикента

Умаров Ашур Авалович, канд. пед. наук, доцент, заведующий кафедрой общей физики Таджикского государственного университета им. Садриддина Айни г. Душанбе. РТ e-mail: umarov.ashur@mail.ru,

Ансори Парвина, заведующий кафедрой русского языка и литературы Таджикского педагогического института города Пенджикента

Маълумот дар бораи муаллифон: Ансорӣ Муаззам Қудратзода, ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент. почтаи электронӣ: muazzam62@mail.ru

Худойназаров Мироҷиддин, декани шуъбаи ғоибонаи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент.

Кашкинбоев Нургалӣ Канибекович, доктор фалсафа (PhD)-и Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент

Умаров Ашур Авалович, номзади илми педагогика, доцент, мудири кафедраи физикаи умумии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, шаҳри Душанбе. Почтаи электронӣ: umarov.ashur@mail.ru,

Ансорӣ Парвина, мудири кафедраи забон ва адабиёти руси Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент

Information about the authors: Ansori Muazzam Kudratzoda, rector Tajik Pedagogical Institute of Penjekent. e-mail: muazzam62@mail.ru

Khudoynazarov Mirochiddin, Dean of the Correspondence Department Tajik Pedagogical Institute of Penjekent

Kashkinbaev Nurgali Kanybekovich, Doctor (PhD) Tajik Pedagogical Institute of Penjekent

Umarov Ashur Avalovich, PhD Associate Professor Head of the Department of General Physics Tajik State University named after Sadriddin Aini, Dushanbe. e-mail: umarov.ashur@mail.ru,

Ansori Parvina, Head of the Department of Russian Language and Literature Tajik Pedagogical Institute of Penjekent

ТДУ: **378.148:373.858**

КОРҲОИ СЕЛЕКСИОНИИ ҶУВОРИМАККА (ХӮРОКИ ЧОРВО) ОИД БА ГИРИФТАНИ МАВОДИ САБЗ ДАР ШАРОИТИ ҶАНУБИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 2023-2024

Сафарова С.С., н.и.б., Назаров Т.Х., н.и.п.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Ҷуворимакка яке аз зироатҳои асосии хӯроки чорво ба ҳисоб меравад. Дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.04.2020, №566 Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 омадааст, ки навҳои нави тухмиҳои маҳалии ба шароити обу иқлими маҳал мутобиқшударо истеҳсол намуд. Татбиқ намудани ин барнома дар амал талаб менамояд, ки навъҳои нави серҳосили зироатҳои асосии хӯроки чорво ва технологияи парвариши онҳоро дар истеҳсолот ҷорӣ карда ва дар масоҳати зиёд кишт карда шаванд.

Сабабҳои асосии дар масоҳати зиёд кишт кардани зироатҳои хӯроки чорво дар он аст, ки дар 20 соли охир талабот ба хӯроки чорво дар ҷаҳон зиёд шуда истодааст. Аз маълумотҳои бадастомада нисбати зироати хӯроки чорво бармеояд, ки то соли 2030 дар давлатҳои Осиёи Марказӣ, талабот ба ин маҳсулот зиёд мегардад. Дар ин давлатҳо аз ҳисоби афзоиши аҳолӣ талабот ба ин мавод ба вуҷуд омадааст. Тоҷикистон низ давлати истеҳсолкунандаи зироатҳои хӯроки чорво аз ҷумла ҷуворимакка ҳамчун хӯроки сабз барои ғизои чорво ба шумор меравад, аммо аз сабаби кам будани замин барои маҳсулоти кишоварзӣ хусусан барои маҳсулоти хӯроки чорво дар назди олимони хоҷагии қишлоқ вазифаи ба вуҷуд овардан ва муайян намудани усулҳои парвариши навъҳои серҳосили ба шароити хушкӣ мутобикро ба миён мегузорад. Кишти зироати ҷуворимакка аслан дар заминҳои бо об таъминбуда гузаронида мешавад. Шароити иқлими ҷумҳурӣ мусоидат мекунад, ки бо истифодаи навъҳои беҳтарин ва технологияи пешқадами парвариши зироати ҷуворимакка, ҳосили дилхоҳ рӯёнида шавад.

Олимони ҷумҳурӣ якчанд навъҳои нави ояндадори серҳосилро ихтироъ карданд, ки ҳосилнокии алафи сабзи онҳо дар заминҳои обӣ 100-120т/га заминҳои лалмии аз боришот таъмин 60-70т/га ҳосили алафи сабз медиҳанд.

Тавсифи ин навъҳо дар поён зикр шудааст. Вазифаи асосӣ дар ин самт аз он иборат аст, ки тухмии ин навъҳои серҳосили ҷуворимаккаро зиёд намуда, кишти онҳоро дар миқёси ҷумҳурӣ васеъ ҷорӣ намоем.

Ин пешниҳодҳо дар бораи ихтирои навъи ба касалиҳо ва омилҳои номусоид тобовар мебошад. Вобаста ба ин филиали Институти зироаткорӣ дар вилояти Хатлон, дар заминҳои таҷрибавии худ ва якчанд хоҷагиҳои дар водии Вахшбуда ҳамкорӣ дорад. Мақсади интихоб намудани навъҳои беҳтарини чуворимаккаи сералаф аз рӯи хосиятҳои ба хушкӣ, сардӣ ва касалиҳо тобовар дар хоҷагии халқ фоидаовар мебошад.

Селексионерони тоҷик ба монанди Гулов Т., Эшонова З., Имомов С., Тишенко, Абдуллоев М., доир ба зиёд намудани навъҳои серҳосил дар шароити Тоҷикистон мутобиқати онҳоро меомӯзанд. Олимони Тоҷикистон то ҳоло навъҳои нави серҳосил ва ба касалиҳо мутобикро омӯхта истодаанд. Аз тарафи олимони филиали Институти зироаткорӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои 2020-2023 нисбати мутобиқ намудан, баланд бардоштани ҳосилнокӣ, устуворӣ ба касалиҳо, барвақт расидан ва таъмин намудани тухмӣ корҳои зиёде ба анҷом расонидаанд.

Ҷуворимакка растании яксолаи оилаи хӯшадорон буда, яке аз хӯрокҳои лозимаи чорво мебошад, ки дар Тоҷикистон аз солҳои пеш инҷониб кишт карда мешавад .

Ҷуворимакка зироати баландпоя ва сербарг буда, барои тайёр намудани хӯроки сабзи серғизо барои чорво ба ҳисоб меравад. Ҷуворимакка ҳамчун зироати баландпояи

ширадор, барои захира кардани хӯроки сабзи чорво дар шакли силос, сенаж, хошоки хушк ва ғайра тайёр кардан истифода бурда мешавад.

Дар 1 кг маводи сабзи ҷуворимакка 0, 24 воҳиди хӯрока ва дар таркиби тухмии он моддаҳои ғизоӣ (крахмал 70%, сафеда 12% ва равған 35%) мавҷуд аст.

Решаи ҷуворимакка мустаҳкам буда, пояи баланд ва сероби ғизодор дошта, ба шароити норасогии об дар заминҳои ҷанубии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Дар Тоҷикистон ҷуворимаккаро аз солҳои 1938 инҷониб кишт мекунанд. Вобаста ба шароити минтақаҳо чун хӯроки сабзи чорво асосан 5 навъ: Одесса 25, Краснодар 1967, «Палтава мукамиал», «Днепропетровский 876» кишт карда мешуданд.

Корҳои селексионии ҷуворимакка дар Тоҷикистон солҳои 1960 -1961 оғоз шуда, то ҳоло якчанд навъҳои нави ҷуворимаккаро селексионерон муайян намуданд, ки дар истеҳсолот истифода бурда мешавад. Аз соли 1950 селексионер Каримов З.К., бо ҳамкоронаш дар Институти зироаткорӣ кор бурда, якчанд навъҳои хуби ҷуворимаккаро омӯхта дар истеҳсолот истифода намуданд. То имрӯз селексионерони Тоҷикистон якчанд навъҳои ҷуворимаккаи ба шароити ҷанубӣ Тоҷикистон муносибро ба истеҳсолот тавсия намуданд, ки инҳо «Конибодоми маҳаллӣ», «Қубодиёни маҳаллӣ», «Гиссарское-45», «Вахшское-10», Многоукосное -129 В», «Фируз», «Марҷон» ва ғайраҳо мебошанд.

Ин навъҳо ба шароити имрӯзаи Тоҷикистони Ҷанубӣ ҷавобгӯ нестанд, чунки бо хӯроки маводи сабз, дон ва ғайра талаботи чорвое, ки 90% фоизи аҳолӣ онро дорад, қонеъ гардонида наметавонанд, ба деҳқонон ва чорводорони Тоҷикистон навъҳое лозим аст, ки нафақат ҳосили маводи сабз ва серғизо ва бо дигар растаниҳо омехта кишт кунанд. Бо ин мақсад мо корҳои селексиониро дар филиали институти зироаткории вилояти Хатлон ба он норасоиҳое, ки дар боло зикр шудааст ба ҳисоб гирифта, корҳои гузаронидашудаи мо барои ҳосили баланди маводи сабз ва дон равона карда шудааст. Барои ин дар интихоби растании сабзи тезпазак, мувофиқ будани он дар заминҳои кишт омехта ба ҷуворимакка, офтобпараст, юнучқаро низ мегиранд, ки дар гирифтани 2-3 дарав, панҷазанӣ, сербаргӣ ва ба касалиҳои замбурӯғӣ тобовар буданаш, ба ҳисоб гирифта шудааст. Дар кори селексионӣ мушоҳидаҳои фенологӣ, ҳисобу китоб ва ғайраҳо аз рӯйи методҳои К.Ф. Виденин ва А.П. Добринин (1953) навъсанҷии давлатии хоҷагии қишлоқ бурда шуд.

Кори селексионӣ бо ҷуворимакка аз рӯйи чунин схема гузаронида шуд.

a) парвардахонаи коллексионӣ;
b) парвардахонаи селексионӣ;
c) парвардахонаи навъсанҷи пешакӣ;
d) парвардахонаи навъсанҷи озмунӣ;
e) парвардахонаи тухмиафзункунӣ.

Дар ҳамаи парвардахонаҳо мушоҳидаҳои фенологӣ гузаронида шуд. Мушоҳидаҳо асосан ба он хусусиятҳое, ки ба селексияи растаниҳо тааллуқ дорад гузаронида шуд; вақти кишт, баромади тухмӣ, панҷазанӣ, саршавии ҳосилбандӣ ва ба тамом саркашӣ, хамирашавӣ ва пухтани дон.

Дар ҳамаи парвардахонаҳое, ки бо ҳисоби рӯзҳо баъд аз кишт сабзида баромадани растанӣ то пухта расидани дон ҳисоб карда шудаанд ва ба шароити имрӯза мутобиқ буданаш муайян карда шудааст. Барои ҳар як навъи киштшуда дар парвардахона ҳосилнокии маводи сабз, ки мақсади асосӣ ҳисобида мешавад муайян карда, навъҳои ояндадорро аниқ намудем. Дар шароити гармии обу ҳаво, шурии хок, ҳолати замин, ҳамчунин дар танқисии об бардошт кардани ин растаниро муайян намудем, водие, ки дар баланди 329-445 м аз сатҳи баҳр ҷойгир шудааст гармии он ба 5660 то 6110 мерасад, дар ин давра дараҷаи гармии ҳаво моҳи июл то 42 ҳатто аз ин ҳам зиёд шуда, апрел-сентябр 20,5 то 24,5 ба ҳисоби миёна солона 16-20 ^{0}С зимистон моҳҳои декабр –январ - 3то-7^{0}С сардӣ мешавад .

Дар соли 2022 дар парвардахонаи коллексионӣ 90 намуд тухмии ҷуворимакка, ки аз маркази миллии захираҳои генетикӣ оварда шуда буд, маводҳои асосии кори селексионии мо ба ҳисоб мераванд. Ҳар сол намунаҳои хуби онҳоро гирифта, барои омӯзиш дар дигар парвардахонаҳо ҷойгир намуда, мушоҳидаҳои фенологӣ гузаронида мешавад. Соли 2022 аз

90 рақам, 50 то, соли 2023 бошад, 26-то рақам бо нишондодҳои хуби моддаҳои ғизоӣ, дон ва қанд ҷудо намудем. Дар соли 2023 дар қитъаҳои навъсанҷи кишти пешаки гузаронида шуд, ки навъи муқоисавии Многоукосное 129 В мебошад. Дар ин парваришгоҳи навъсанҷии пешакӣ ин навъҳо ҳаматарафа баҳо дода шуд ва барои соли 2022 дар 4 навъ Ҷ-13, Ҷ-2, Ҷ-15 ва Ҷ-42 навъсанҷи озмун гузаронида шуд, ҳамаи 26 навъе, ки соли 2022 навъсанҷи пешакӣ гузаронида шуда буд, барои боз ҳам хубтар омӯхтан ва зиёд намудан, онҳо дар қитъаи тухмиазхудкунӣ кишт карда шуданд.

Навъсанҷии озмуни ҷуворимаккаи соли 2023

Дар навъсанҷии озмунӣ 4-навъ Ҷ-13, Ҷ-2, Ҷ-15 ва Ҷ-42 муқоиса ба навъи Многоукосное -129 В омӯхта шуд, ки дар ин қитъа мушоҳидаҳои фенологии навъҳо, кишт, ҷамъоварӣ, сабзиш, панҷазанӣ, қадкашӣ, саркашӣ, ҳисоби барг, гулкунӣ, хамирашавӣ ва пухта расидани дон, хобравӣ ба касалиҳо тобоварии он ва ҳосилнокии маводи сабз ба ҳисоб гирифта шуд, ки натиҷааш чунин мебошад.

Аз ҷадвали №1 бар меояд, ки аз 4 навъе, ки дар қитъаи таҷрибавӣ дохил намудем Ҷ-42 нисбат ба қатори муқоисавӣ (стандартӣ) ба сербаргӣ, панҷазанӣ ва ҳосилнокӣ бартарии худро нишон додаст.

Ин навъ дар оянда боз омӯзишро талаб намуда, худро чун навъи ояндадор нишон додаст. Чуноне, ки дар боло гуфта гузаштем аз 50 қаторҳое, ки мавриди омӯзиш қарор доштанд, аз рӯйи нишондиҳандаҳои миқдори қандашон паст ва ҳосили сабз 24 тоаш нисбат ба дигар қаторҳо бартарӣ доштанд ин (24) қаторҳо барои зиёд намудани дони тухмӣ (афзункунӣ) онҳоро ба қитъаи тухмиафзункунӣ ҷойгир намуда, мушоҳидаҳои фенологӣ гузаронида шуда аз ҷумла кишт, сабзиш, саркашӣ, хамираи дон, панҷазанӣ, ҳисоби барг, қади растанӣ, ҳосили дон, ҳосили маводи сабз ва ғайраҳо омӯхта шудаанд, ки дар ҷадвали №2 нишон дода шудааст.

Парваришгоҳи тухмиафзункунии ҷуворимакка дар соли 2023

№	Намуна навъ ва линияҳо	Муҳлат			Хамири дон	Рузи хисоби	Панҷазани	Ҳисоби барг	Қади рост см	Давраи якум		Ҳосили маводи сабз дар 2 дарав	Муқоисаи дон ва маводи сабз бо навъи муқоисавӣ	
		Кишт	Сабзиш	Саркаши						Ҳосили дон 1 м кг	Ҳосили дон с/га		Дон ±	Маводи сабз ±
1	Муқоиса 129В	7.04	3.04	.06	7.07	5.07	3	2	70	1.05	5,0	16		
2	Ҷ-13	17.04	23.04	3.06	17.07	25.07	5	12	320	26.20	436	1133	8,6	217
3	Ҷ-2	17.04	23.04	2.07	16.07	25.07	4	12	300	30.15	50.2	1166	15,2	250
4	Ҷ-29	17.04	23.04	2.07	16.07	25.07	7	13	310	25.05	41.6	915	6,6	-1.0
5	Ҷ-355	17.04	23.04	4.07	18.07	25.07	3	11	270	30.10	50,2	866	15,2	-150

6	Ҷ-42	17.04	23.04	30.06	15.07	25.07	4	13	335	27,11	45,2	1090	10,2	170
7	Ҷ-46	17.04	23.04	2.07	17.07	25.07	3	12	375	26,10	43,5	1016	8,5	100
8	Ҷ-39	17.04	23.04	29.06	14.07	25.07	2	15	370	21,13	35,2	1000	0,2	84
9	Ҷ-12	17.04	23.04	2.07	16.07	25.07	3	11	310	29,15	48,6	1182	13,6	266
10	Ҷ-53	17.04	23.04	3.07	18.07	25.07	3	11	340	31,16	51,9	1000	16,9	84
11	Ҷ-31	17.04	23.04	29.06	13.07	25.07	3	13	220	30,07	50,1	633	15,1	283
12	Ҷ-40	17.04	23.04	29.06	13.07	25.07	4	11	265	21,04	35,7	834	0,7	-82
13	Ҷ-10	17.04	23.04	4.07	13.07	25.07	4	15	220	20,17	37,6	1066	-2,6	150
14	Ҷ-9	17.04	23.04	29.06	16.07	25.07	5	11	180	20,38	34,0	1128	-1,0	212
15	Ҷ-58	17.04	23.04	30.06	13.07	25.07	4	12	310	19,18	31,9	816	-3,1	-100
16	Ҷ-47	17.04	23.04	29.06	14.07	25.07	5	13	310	31,18	51,9	999	16,9	83
17	Ҷ-16	17.04	23.04	1.06	13.07	25.07	4	14	310	18,22	30,4	866	-4,1	-150
18	Ҷ-15	17.04	23.04	30.06	15.07	25.07	5	15	310	17,17	28,6	1050	-6,4	165
19	Ҷ-43	17.04	23.04	2.07	14.07	25.07	5	11	220	21,00	34,9	1149	-0,1	233
20	Ҷ-32	17.04	23.04	2.07	16.07	25.07	5	13	270	26,20	43,6	1133	8,6	217
21	Ҷ-7	17.04	23.04	2.07	16.07	25.07	4	11	280	30,15	50,2	1166	15,2	250
22	Ҷ-64	17.04	23.04	2.07	16.07	25.07	4	12	250	25,05	41,6	915	6,6	-1,0
23	Ҷ-90	17.04	23.04	2.07	16.07	25.07	4	11	220	30,10	50,2	866	15,2	-150
4	-66	7.04	3.04	.07	6.07	5.07	5	3	50	7,11	5,2	090	0,2	70

Дар оянда дар қитъаи санҷиши озмунӣ қаторҳои Ҷ-12, Ҷ-31, Ҷ-4, Ҷ-30, Ҷ-32, Ҷ-7, Ҷ-90 ва Ҷ-66-ро боз омӯхта ва санҷида бо қаторҳои беҳтарин кор бурда мешавад.

Адабиёт:

1. Вавилов Н.И. Ботаника - географические основы селекции. М.1935.
2. Актуальные вопросы земледелия Вахшской долины (сборник научных трудов) Душанбе 1992 г.
3. Гулов Т. Автореферат «Научные основы технологии возделывания люцерны на кормовые цели и семена в условиях юга республики Таджикистан». Душанбе 1999г.
4. Вавилов Н.И. Избр. Труди Т Проблемы имунитета Культурных растения, М.А. “Наука” 1964
5. Вавилов Н.И. Пути Советской селекции,1937.
6. Вавилов Н.И. Закон гомологических рядов в наследственной изменчивости ,М.А. Сельхозиз 1935

КОРҲОИ СЕЛЕКСИОНИИ ҶУВОРИМАККА (ХӮРОКИ ЧОРВО) ОИД БА ГИРИФТАНИ МАВОДИ САБЗ ДАР ШАРОИТИ ҶАНУБИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 2022-2023

Ҷуворимакка зироати баландпоя ва сербарг буда, ҳамчун хӯроки сабзи серғизо барои чорво ба ҳисоб меравад. Мақсади асосии омӯзиши ҷуворимакка ба даст овардани навҳои ояндадори серғизо дар шароити заминҳои ҷанубии Торҷикистон мебошад. Корҳои селексионии ҷуворимакка дар Тоҷикистон солҳои 1960 -1961 оғоз шуда, то ҳоло якчанд навъҳои нави ҷуворимаккаро селексионерон муайян намуданд, ки дар истеҳсолот истифода бурда мешавад. Барои ин дар интихоби растании сабзи тезпазак, мувофиқ будани он дар заминҳои кишт омехта ба ҷуворимакка, офтобпараст, юнучқаро низ мегиранд, ки дар гирифтани 2-3 дарав, панҷазанӣ, сербаргӣ ва ба касалиҳои замбуруғӣ тобовар буданаш ба ҳисоб гирифта шудааст. Дар кори селексионӣ мушоҳидаҳои фенологӣ, ҳисобу китоб ва ғайраҳо аз рӯйи методхои К.Ф. Виденин ва А.П. Добринин (1953), навъсанҷи давлатии хоҷагии қишлоқ бурда шуд.

Калидвожаҳо: ҷуворимакка, селексия, хӯроки сабзи чорво, навъ, кишт. парвардахона, навъсанҷӣ.

СЕЛЕКЦИОННЫЕ РАБОТЫ КУКУРУЗЫ (КОРМ СКОТА) ПО ВЗЯТИЮ ЗЕЛЕНОГО МАТЕРИАЛА В УСЛОВИЯХ ЮЖНОГО ТАДЖИКИСТАНА НА 2023-2024 ГОДЫ

Кукуруза является овощным и хлопчатобумажным продуктом питания для скота. Основной целью освоения кукурузы является получение перспективных питательных изменений в условиях южных землях Таджикистана. Селекционная работа по кукурузе в Таджикистане началась в 1960-1961 годах, и к настоящему времени селекционерами выделено несколько новых сортов кукурузы, которые используются в производстве. По этой причине при выборе скороспелой зеленой культуры учитывают также ее пригодность для смешанных посадок с кукурузой, подсолнечником, люцерной, так как она позволяет получать 2-3 урожая, является многоствольной, имеет обильную листву и устойчива к грибковым заболеваниям. В селекционной работе фенологические наблюдения, учеты и т. д. проводились по методикам К. Ф.Виденина и государственного инспектора по сортам А. П. Добрынина (1953).

Ключевые слова: кукуруза, селекция, зеленый корм для скота, вид, посев, питомник, сорт.

SELECTION WORKS OF MAIZE (CATTLE FOOD) FOR TAKING GREEN MATERIAL IN THE CONDITIONS OF SOUTH TAJIKISTAN FOR 2022-2023

Including corn is a vegetable and cotton food for livestock. The main goal of maize development is to obtain promising nutritional changes in the conditions of the southern lands of Tajikistan. Breeding products of maize in Tajikistan in 1960 -1961, so now some new varieties of maize are determined by breeders who are used in the production. For this purpose, in the selection of accelerated maize cultivation, according to which cotton maize also includes selective lands for maize, sunflower, unuccargo, which were counted in obtaining 2-3 crops, panzazani, sarbarga and bee path pests. In the selection work there are phonological observations, brochures, etc. according to the methods of C.F. Videoing, and A.P.Dornan (1953), the state type of agriculture was applied.

Keyword: corn, selection, green feed for livestock, type, sowing. nursery, varieties.

Маълумот дар бораи муаллифон: Сафарова Сафаргул Саидовна номзади илмҳои биологӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар кӯчаи Дӯстӣ хонаи 177.

Назаров Тоҳирҷон Холмуминович номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи биологияи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Бохтар кӯчаи Дӯстӣ хонаи 177.

Сведения об авторах: Сафарова Сафаргул Саидовна, кандидат биологических наук, Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Адрес: Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Дусти, дом 177.

Назаров Тохирджон Холмуминович, кандидат педагогических наук, заведующий кафедрой общей биологии Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Адрес: Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Дусти, дом 177.

Information about the authors: Safarova Safargul Saidovna, Candidate of Biological Sciences, Bokhtar State University named after Nosir Khusrav. Address: Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Dusti street, house 177.

Nazarov Tokhirjon Kholmuminovich, candidate of pedagogical sciences, head of the department of general biology, Bokhtar State University named after Nosir Khusrav. Address: Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Dusti street, house 177.

ТДУ: 37.0+072 (075.8)
Р-61

БОЗИҲОИ МАТЕМАТИКӢ – ЯКЕ АЗ МЕТОДҲОИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯИ АҚЛОНИИ ХОНАНДАГОН

Шоҳсанами Р., муаллими калон
Сафарзода Мунир Ватан – н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дарси муосир – мафҳуми серпаҳлу аст. Ин баёни мантиқӣ, маводи дидактикии гуногуншакл, ташкили кори хонандагон, ҷустуҷӯйи мунтазами метод ва усулҳои таълим ва таъминоти техникии дарс мебошад. Имрӯз ба схемаи анъанавии «Омӯзгор-хонанда-китоби дарсӣ» мафҳуми нав-компютер ва дар тафаккури мактабӣ - омӯзиши компютерӣ дохил шудааст. Бояд тазаккур диҳем, ки асри навин бо пешрафти илм, техника ва технология тавонист ба тафаккури хонандагон аз ҳама лиҳоз, дигаргуниро барои азхуд намудани фанҳои таълимӣ дар раванди дарс ворид созад. Ин аст, ки функсияи мошинҳои электронии ҳисоббарор (МЭҲ) дар таълим аз чӣ иборат аст:

Аввалан, МЭҲ машғулиятҳоро ҳатто дар шароити омӯзиши умум (гурӯҳӣ) фардӣ месозад. Он ба хонанда интихоб намудани суръати омӯзишашро нишон медиҳад.

Дуюм, МЭҲ ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки ба таври фаврӣ амали хонандаро таҳлил намуда, худназоратии онҳоро ташкил созад. Ин алалхусус, барои хонандагоне, ки дараҷаи баланди раванди ангезишӣ доранд, муҳим мебошад.

Сеюм, компютер кори омӯзгорро дар вақти дарс ба таври автоматӣ тезонида, баъди дарс барои бартараф кардани қафомониҳо низ аз компютер истифода намудан мумкин аст.

Чорум, истифодаи бозиҳои математикӣ ба воситаи компютер барои инкишофи хонандагон таъсири мусбат мерасонад: амалҳои тафаккурро аз қабили таснифсозӣ ва умумисозӣ афзоиш медиҳад, тафаккури мантиқии онҳоро ангезиш медиҳад, барои инкишофи саривақтии функсияи нишонавии шуур мусоидат мекунад. Дар ҷараёни ин машғулиятҳо, хотира ва диққати хонандагонро беҳтар гардонида, фаъолияти ҳамҷояи мушоҳидакорӣ ва таҳлилсозии онҳоро равнақ медиҳад.

Панҷум, имкониятҳои зерини технологияи иттилоотӣ – коммуникатсионӣ (ТИК)-ро ҷудо намудан мумкин аст:

- истифодаи ҳиссавии ТИК вобаста аз мақсади марҳилавии дарс;
- ба амал баровардани фардикунонии таълим, ки ба хонанда мушаххас нигаронида шудааст;
- гирифтани маълумот дар бораи ҳар як хонанда дар марҳилаҳои алоҳида;
- ҳамҷоякунии корҳои фардӣ бо фаъолияти гурӯҳӣ;
- ҳамҷоякунии омӯзиш бо бозиҳо;
- идоракунии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар марҳилаҳои гуногуни таълим [9];

Майлу рағбати хонандагон ба бозӣ, чӣ хеле, ки равоншиносон онро мақсадгузорӣ дар бозӣ мегӯянд, барои азхудкунии донишҳое, ки омӯзиши компютерӣ онро дарбар мегирад, ёрӣ мерасонад.

Намудҳои гуногуни барномаҳои компютерӣ мавҷуданд, ки ба фаъолияти бозии хонандагон равона шудаанд. Инҳо барномаҳои ба таври васеъ паҳнгардидаи ватанӣ ва хориҷӣ мебошанд, ки дар онҳо расмро аз рӯи қисмҳои он сохтан мушкил аст. Супоришро аз рӯйи дараҷаи мураккабиаш ба вариантҳо масалан расмҳоро ба 8, 12, 16, 24, 48 қисмҳо ҷудо менамоянд. Азбаски, дар бисёр вариантҳо вақт ва балҳои бадастоварда ба ҳисоб гирифта мешавад, ингуна барномаҳоро на танҳо барои корҳои фардӣ, балки барои гурӯҳ дар шакли бозӣ – мусобиқаҳо пешниҳод намудан мумкин аст. Дигар навъҳои гуногуни барномаҳое, низ тавсия карда мешаванд, ки ба воситаи курсор дилхоҳ шакл ё расм тасвир карда мешаванд.

Вариантҳои имконпазири чунин барномаҳо додани супоришҳо доир ба сохтани расмҳо аз қисмҳои шакл ва андозаҳояшон гуногун иборат буда метавонад, ки ин гуна барномаҳо на танҳо идроки хонандаро инкишоф медиҳанд, балки тасаввуроти онҳоро низ васеъ месозанд. Омӯзгор худаш метавонад вариантҳоро тартиб диҳад. Ӯ метавонад ҳамроҳи хонандагон расм кашад ё ба онҳо супоришҳои мундариҷаи муайян доштаро пешниҳод намояд (масалан: кашидани манзараи рӯзи гарми офтобӣ ё шаби сарди замистонӣ). Гузоштани номҳоро барои расми кашидашуда аз хонандагон дархост намудан мумкин аст. Ё метавон барои онҳо қаҳрамонҳоро муайян карда, аз рӯйи онҳо ягон таърихномаро иншо намуд. Барои ин намуд машғулиятҳо барномаҳои махсусро метавон роҳандозӣ намуд, ки қаҳрамонҳои тасвирёфта тавонанд амалҳои фикркардашударо дар режими филми тасвирӣ нишон диҳанд.

Дар раванди бозӣ – драма инкишофи нутқи хонандагонро дар ҷараён мегузорад. Муаллимро лозим меояд, ки фикри нокифояи хонандаро пурра намуда, барои мустақилона баён намудани он мусоидат намояд. Агар хонанда дар бораи мазмун ва номи расм низ чизе гуфта натавонад, дар бораи ягон аломати ба он алоқаманд муаллим нақл намуда, намоиши компютерии онро аз ӯ талаб намояд. Дар дигар маврид омӯзгор метавонад нақши худро иваз намояд: Хонанда нақл мекунад, омӯзгор бошад, барои тасвири ҳодиса дар экран ба онҳо ёрӣ мерасонад. Дар фарҷом (охир) хонандагон ҳам нақл кардан ва ҳам намоиши компютериро ёд мегиранд.

Аҳаммияти калонро дар инкишофи хонандагон барномаҳои лоиҳасозӣ молик мебошанд, тавассути ин барномаҳо хонандагон метавонанд, аз қисмҳои алоҳидаи намуди гуногундошта шакли пурра ё баръакс шакли мукаммали дидашударо ба қисмҳо ҷудо намоянд. Ин барномаҳо на танҳо идрок ва мавқеъгирии хонандагон, балки тафаккури образнигории онҳоро афзоиш медиҳанд. Ба ғайр аз барномаҳои умумиинкишофдиҳанда барномаҳои махсусе мавҷуданд, ки онҳо омӯзиши фанҳои алоҳида: математика, физика, химия, биология, забонҳои русию хориҷӣ, мантиқ ва ғайраҳоро таъмин месозанд. Муҳиммияти ин барномаҳо дар он зоҳир мегардад, ки онҳо бо айёниятҳо муҷаҳҳаз буда, барои ба осонӣ азхудкунии маводҳо мусоидат мекунанд. Амалҳои арифметикӣ аз рӯйи шумора ва андозаи гурӯҳи ашёҳо мафкураҳои муайяни схемаҳо омӯзонда мешаванд. Арзиши ин гуна барномаҳо на танҳо бо айёниятҳо, балки аз рӯи дараҷабандӣ намудани онҳо вобаста ба дарки хонанда муайян карда мешавад.

Характери банақшагирии бозиҳои математикӣ (дидактикӣ) зарурияти пешбурди маълумоти барномаҳои муайяни барои хонандагон муҳимро пеш оварда, маҳорат ва малакаҳои онҳоро ташаккул медиҳад. Ин гуна маводҳо барои гурӯҳҳои гуногун дар «Стандарти давлатии маълумоти миёнаи умумӣ» дохил карда шудааст. Шарти муҳимми истифодабарии самарабахши бозиҳои математикӣ дар раванди таълим – ин риояи пайдарпайи интихоби бозиҳо мебошад. Пеш аз ҳама принсипҳои зерини дидактикиро ба назар гирифтан лозим аст: дастрасӣ, такроршавандагӣ ва пайдарпайии иҷрои супоришҳо [2, с. 40].

Муҳиммияти маводҳои дидактикӣ (ба шакли махсус ифода намудани супориш ва воситаҳои аёнӣ) ба хонанда имкон медиҳад, ки супоришҳоро ҳамчун бозӣ қабул намуда, ҳангоми гирифтани натиҷаҳо қаноатмандиро эҳсос намояд ва барои гирифтан ҳалли беҳтарин кӯшиш пайдо намояд. Коллективи ҷамоаи хонандагонро ба гурӯҳи ягона, организми том муттаҳид месозад ва онҳоро барои иҷрои супоришҳои мураккаб равона месозад.

Ташкили мусобиқаҳо дар ҷараёни гузаронидани бозиҳои математикӣ дар байни хонандагони алоҳида ё гурӯҳи хонандагон иҷрои фаврӣ ва сифатноки супоришҳоро таъмин намуда, сарфаи вақт ва натиҷаи дилхоҳро ба даст меорад. Ба сифати мисолҳои классикии принсипҳои дар боло овардашуда, дилхоҳ бозиҳои командавии «чӣ?, кай?, дар куҷо?», хизмат мекунад (як қисм савол мегузоранд, қисми дигар ҷавоб мегӯянд). [1, с. 34].

Дар асоси принсипҳои нишондодашуда, талаботи ба бозиҳои математикӣ гузошташударо чунин муайян намудан мумкин аст:

Ҳар як бозӣ, бояд дар худ элементи навоварона дошта бошад;

Хонандагонро набояд ба бозиҳои бо ном муфид ҷалб намуд. Бозӣ – кори ихтиёрӣ аст. Хонанда ҳуқуқ дорад, ки аз бозии барояш номувофиқ даст кашида, ба бозии дигар машғул шавад;

Бозӣ – дарс нест. Усулҳои бозигӣ, ки хонандагон дар мавзуи нав вомехӯранд, элементҳои мусобиқа, муаммо, саёҳат ба олами афсонаҳо ва боз бисёр чизҳои дигар мебошад. Ин на танҳо боигарии методии омӯзгор, балки кори фаромӯшнашудании бачаҳо дар дарс мебошад;

Ҳолати эмотсионалии омӯзгор, бо фаъолияте, ки дар он иштирок менамояд, бояд мувофик бошад. Дар фарқият аз ҳама дигар воситаҳои методӣ бозӣ ҳолати махсусро аз касе ки онро мегузаронад, талаб мекунад. Шарти асосӣ на танҳо тавонистани гузаронидани бозӣ, балки якҷоя бозӣ кардан бо бачаҳо мебошад;

Бозӣ – воситаи ташхисӣ мебошад, ки «тавассути он хонандагон сифатҳои беҳтарини худ»-ро мекушоянд. [6, с. 68]

Бозиҳои математикӣ дар асоси бозиҳои ба бачаҳо шинос гузаронида мешаванд. Мушоҳида намудан лозим аст, ки барои хонандагон кадом навъи бозиҳо зиёдтар ва кадомашон камтар писанд аст. Дар ягон ҳолат чораҳои низомиро бо хонандагоне, ки қоидаи бозӣ ё муҳити бозиро вайрон кардаанд, истифода бурдан мумкин нест. Ин гуна муносибат барои гуфтугӯи озодона, шарҳдиҳии хонандагон мувофиқ аст. Онхо метавонанд, фаъолияти худро аз рӯи бозӣ таҳлил намуда, чи гуна дар он саҳм доштанро бозгӯ намуда, аз зиддиятҳо барканор монанд.

Бозиҳои математикӣ – падидаи мураккаб аст, аммо дар он элементҳои сохтории асосии тавсифдиҳандаи бозӣ ҳамчун шакли таълим инъикос ёфтаанд. Яке аз элементҳои асосии бозӣ – вазифаи дидактикии он мебошад, ки он мақсад ва бархурди тарбиявии омӯзандаро муайян мекунад.

Мундариҷаи маърифатии ҳамагуна бозиҳо аз барномаи мактабӣ берун мебарояд. Мавҷудияти супориш ё якчанд супоришҳо характери омӯзишии бозиҳоро дар самти мундариҷаи таълимӣ дар ҷараёни фаъолияти маърифатии хонандагон нишон медиҳад. Масъалаҳои дидактикӣ ҳамчун тартибдиҳанда муайян шуда, фаъолияти омӯзишро инъикос мекунад.

Элементи сохтории бозӣ супориши он ба шумор меравад, ки дар фаъолияти бозигии хонандагон амалӣ мешавад. Ду масъала – дидактикӣ ва бозӣ – алоқаи омӯзиш ва бозиҳоро тақассум мекунад. Дар фарқият аз гузориши мустақими масъалаҳои дидактикӣ дар машғулиятҳо ба таври бозӣ ташкил намудани онҳо афзалият дорад. Дар ин маврид он масъалаи худи хонанда гардида, хоҳиш ва талаботи ӯро меангезонад, амалиёти бозигии онро фаъол гардонда, ҳалли онҳоро таъмин месозад.

Яке аз элементҳои таркибии бозиҳои математикӣ, ки қоидаҳои бозӣ ба шумор меравад, мундариҷаи онҳо бо вазифаҳои умумии ташаккули шахсияти хонанда ва ҷамоаи хонандагон (асоснок шудаанд) бо мазмунҳои маърифатӣ, супоришӣ ва амалиёти бозигӣ дар инкишоф ва ғанӣ гардонидани маънавиёти онҳо асос ёфтааст. Дар бозиҳои дидактикӣ қоидаҳоро доро мешаванд. Қоидаҳоро дониста, омӯзгор бозиро идора намуда, дар ташаккули фаъолияти маърифатӣ ва рафтори хонандагон саҳм мегирад. Қоидаҳои бозӣ характери омӯзишӣ, ташкилӣ, ташаккулдиҳӣ ва алоқамандии байниҳамдигариро доранд. Қоидаҳои омӯзишӣ барои дар хонандагон чиро чӣ гуна иҷро намудан ёрӣ расонида, бо амалиёти бозигӣ якҷоя шуда, усули амалҳои онҳоро мекушояд.

Қоида фаъолияти маърифатии хонандагонро ташкил медиҳад: баромадани чизе, фикр намудан, муқоисакунӣ, ёфтани усули ҳалли масъалаи дар бозӣ гузошташуда. Қоидаҳои ташкили тартиб, пайдарпайии амалиёти бозигӣ ва муносибатҳои байниҳамдигарии хонандагонро муайян мекунанд. Дар бозӣ муносибатҳои бозигӣ ва муносибатҳои воқеии байни хонандагон ташаккул меёбанд. Муносибат дар бозӣ ба воситаи муносибатҳои нақшӣ муайян мешаванд.

Қоидаҳои бозӣ барои тартиби муносибатҳои мусбати бозигӣ ва алоқаҳои воқеии онҳо равона мегарданд. Риояи қоидаҳо дар равиши бозиҳо зарурияти зоҳиршавии ирода, соҳиб гардидан ба усулҳои муошират дар бозӣ ва берун аз он, ташаккулёбии натанҳо дониш, балки ҳиссиёти гуногуннавъ, захирасозии эҳсосоти нек ва азхудсозии анъанаҳоро ба вуҷуд меорад.

Ҳангоми ташкили бозиҳои математикӣ дар баробари марҳилаи коркарди тарҳрезии он, ки яке аз равандҳои мураккаб ва масъулиятталаб дар омодагӣ ба он ба шумор меравад, интихоби дурусти супоришҳо ва коркарди аломатҳои баҳогузорӣ ба фаъолияти хонандагон омили муҳим мебошад. Интихоби супоришҳоро муаллим метавонад худаш ё бо ҳамроҳии хонандагон

гузаронад. Қайд кардан лозим аст, ки масъалаҳои интихобшуда, машқ ва супоришҳои эҷодии амалӣ бояд шавқовар бошанд. (аз рӯи шакл, мазмун ва мундариҷа). Онҳо бояд тафаккури мантиқӣ ва шаклии хонандагонро инкишоф дода, зеҳн ва зиракии онҳоро афзоиш диҳанд.

Якчанд усулҳои ҳалро дар ихтиёр бояд дошт, ки иҷрои онҳо бе доштани донишҳои хуби назариявӣ душвор бошанд. Дар ҳолати умум аксари супоришҳо бояд дастрас бошанд, то аз уҳдаи иҷрои онҳо ҳамаи хонандагон баромада тавонанд.

Аломатҳои баҳодиҳиро низ омӯзгор бо якҷоягии хонандагон дида мебарояд. Онҳо ҳангоми корҳои гуногун фарқкунанда мебошанд. Муаллим метавонад дар фаъолияти хонанда баҳогузор ё худи хонанда низ метавонад ба кори иҷронашудаи худ баҳогузорӣ намояд. Вариантҳои гуногуни баҳогузорӣ мавҷуд аст: дар равиши дарс дар охири бозиҳо ё баъди дарс.

Диққати асосиро ба марҳилаи хотимавии бозиҳои математикӣ таҳлил ва ҷалб намудан лозим аст. Таҳлилро метавон дар сатҳи синф ба шаклҳои гуногун (шифоҳӣ, бо навбат ё интихобӣ, хаттӣ, масалан, дар намуди анкета) ё дар сатҳи муассиса бо иштироки омӯзгорони дигар гузаронд.

Бозиҳои математикӣ шароитҳои заруриро барои ба вуҷудоӣ ва ҳалли вазъиятҳои проблемавӣ имконпазир мегардонад. Аз ҳисоби фаъолияти мақсадноки хонандагон онҳо ба бозиҳои хеле мураккаби номуайян ҷалб мешаванд. Дар бозӣ фаъолияти озод таъмин буда, ҷавобгарӣ ба хатогии содиршуда маҳдуд карда шудааст. Тавассути фазои боварӣ ба ҳамдигар, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкорӣ заминаи мувофиқ барои инкишофи худфаъолиятӣ, назорати озоди хонанда аз тарафи омӯзгор, мавқеъгирии дуруст дар системаи арзишҳои ботинӣ шароити мусоид фароҳам меояд.

Ба ғайр аз ин махсусиятҳои вақт – фазогии бозиҳои дидактикӣ ба фаъолияти таълимӣ – бозигии хонандагон характери пешравӣ бахшида, имкон медиҳанд, ки алоқаи байниҳамдигарии амалҳои ҳамаи иштирокчиёни бозӣ таъмин гардида, ҳангоми ба хатогиҳо роҳ додан ё нодуруст тасмим гирифтан ба такрори бенуқсони он роҳ ёбанд.

Бозиҳои математикӣ ва дарси информатикаро бо ҳам муқобил гузоштан мумкин нест, аммо дар шароити вазъиятҳои бозигӣ, донишазхудкунии хонандагон хубтар мегардад. Аз ҳама муҳим он аст, ки масъалаи математикӣ дар бозиҳои дидактикӣ барои хонандагон ошкор нест. Фақат диққати онҳо, пурра ба иҷрои амалҳои бозигӣ равона шудаст, масьалаҳои омӯзишӣ барояшон дастрас нест. Ин имкон медиҳад, ки бозӣ шакли дигар ва махсуси омӯзишӣ гардида, тавассути он хонандагон озодона дониш маҳорат ва малакаҳои заруриро ҳосил намоянд. Дар ин маврид муносибатҳои байниҳамдигарии омӯзгор хонандаро вазъияти таълимӣ муайян накарда, балки бозӣ муайян месозад [8, с. 214].

Ҳамаи гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки бозиҳо раванди таълимро бой гардонда, истифодабарии он ба омӯзгор имкон медиҳад, ки намудҳои гуногуни фаъолияти таълимро ба роҳ монад. Бо истифодабарии бозиҳои таълимӣ ба ҷараёни таълим намудҳои ғайримаънавии фаъолият ба монанди ташкилотчигӣ, коммуникативӣ ворид мегарданд, ки онҳо ба тавсияи шуури хонанда таъсири мусбат мерасонанд.

Ҳангоми омода шудан ба бозиҳои математикӣ омӯзгор дар раванди тайёр намудани воситаҳои дидактикии таълим ба хонандагон машғул мешавад. Дар алоқамандӣ ба ин хонандагоне, ки зиёдтар муваффақ мешаванд, ба сифати рассомон, ташкилотчиён ва муҳаррирон истифода бурда мешаванд.

Аҳаммияти дигари бозиҳо дар он зоҳир мегарданд, ки муошарати хонандагонро ба танзим медароранд. Бо шарофати гуногуншаклиашон онҳо ба омӯзгор имконияти истифодабарии шаклҳои гуногунии фаъолияти ташкилиро ба вуҷуд меоранд, ки таввасути он омӯзгорон дараҷаи олии муносибати шогирдонро ба даст меоранд.

Ҳамин тариқ, бозиҳои математикӣ – яке аз методҳои таълим ва тарбияи ақлонии хонандагон ба шумор мераванд. Мундариҷаи онҳо бо масъалаҳои барномавӣ муайян шуда, бо мазмуни машғулиятҳо ва мушоҳидаи падидаҳои ҳаётӣ алоқаманд карда мешаванд. Ташкили бозиҳои математикӣ бояд дар асоси талаботи дидактикии муайян ба роҳ монда шаванд. Элементҳои асосии сохтории дилхоҳ бозиҳо масъалаҳои бозигӣ ва қоидаҳои бозӣ ба ҳисоб мераванд.

Адабиёт:

1. Виноградова Л.В. Методика преподавания математики в средней школе: учеб. пособие – Ростов н/Д.: Феникс, 2005.
2. Егорова Л.И. Создание ситуации успеха на уроке// Математика в школе. 1996. №6.
3. Комилов, Ф.С. Андешаҳо перомуни муносибати босалоҳият дар таълими фанни технологияи иттилоотӣ барои мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ [Матн] / Ф.С. Комилов, Ш.Х. Тағоев, Ф.Р. Файзуллоев, Ҷ.Х. Мирзоев, Д.С. Шарапов // Паёми Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав. – 2018. – № 1-1 (51). – С. 162-169.
4. Комилов, Ф.С. Игровая технология как разновидность интерактивной педагогической игры [Текст] / Ф.С. Комилов, Ш.Х. Тагоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2015. – Т.2. – № 1/5 (188). – С. 3-10.
5. Комилов, Ф.С. Истифодаи технологияи бозии таълимии рангпуркунӣ [Матн] / Ф.С. Комилов, Ш.Х. Тағоев // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2019. – № 3 (32). – С. 63-69.
6. Маркова В.А. Что такое исследовательская деятельность школьников// Математика/ Приложение к газете «Первое сентября». 2007.№12
7. Нугмонов, М. Ҷанбаъҳои дидактикии таҳия ва истифодабарии барномаҳои комютерӣ дар таълими мавзӯи «Намудҳои секунҷа» [Матн] / М. Нугмонов, А.П. Назаров, С.С. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №2. – С. 259-271. – ISSN 2074-1847.
8. Сафарзода, П.У. Намудҳои кори мустақилонаи хонандагон аз рӯи мақсади дидактикӣ [Матн] / П.У. Сафарзода, Д. Сироҷиддин // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. – №3/6. – С. 213-215.
9. Смирнова И.М. Об измерении интереса на уроках математики// Математика в школе. 1998. №5.
10. Усатова Е.В. Соревнования на уроках математики// Математика в школе. 1993. №6.

БОЗИҲОИ МАТЕМАТИКӢ – ЯКЕ АЗ МЕТОДҲОИ ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯИ АҚЛОНИИ ХОНАНДАГОН

Бозиҳо раванди таълимро бой гардонда, истифодабарии он ба омӯзгор имкон медиҳад, ки намудҳои гуногуни фаъолияти таълимро ба роҳ монад. Бо истифодабарии бозиҳои таълимӣ ба ҷараёни таълим намудҳои ғайримаънавии фаъолият ба монанди ташкилотчигӣ, коммуникативӣ ворид мегарданд, ки онҳо ба тавсияи шуури хонанда таъсири мусбат мерасонанд.

Бозӣ барои хонандагон метавонад, баҳри сайқал додани дониш, бедор намудани маҳорату малака ва аз худ намудани мавзуи дарс мусоидат намояд. Ҳамзамон, бозиҳои гуногун дар раванди таълим ба таври васеъ истифода бурда мешаванд, ки яке аз онҳо бозиҳои математикӣ буда, он барои бедор намудани ҳисси хонандагон дар раванди дарс мусоидат менамояд. Бозиҳо аз ҷиҳати сохт гуногунранг буда, мақсадашон дар он зоҳир мегарданд, ки онҳо метавонанд муошират хонандагонро ба танзим дароранд. Бо шарофати гуногуншаклиашон онҳо ба омӯзгор имконияти истифодабарии шаклҳои гуногуни фаъолияти ташкилиро ба вуҷуд меоранд, ки таввасути он омӯзгорон дараҷаи олии муносибати шогирдонро ба даст меоранд.

Калидвожаҳо: бозиҳои математикӣ, элемент, сохт, метод, таълим, ақл, масъала, барнома, мазмун, машғулиятҳо, мушоҳидаҳо, падида, ҳаёт, алоқа.

МАТЕМАТИЧЕСКИЕ ИГРЫ – ОДИН ИЗ МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ И УМСТВЕННОГО ВОСПИТАНИЯ УЧАЩИХСЯ

Игры обогащают учебный процесс, а их использование позволяет учителю осуществлять различные виды учебной деятельности. С помощью обучающих игр в учебный процесс вводятся нематериальные виды деятельности, такие как организационная, коммуникативная, которые положительно влияют на рекомендацию сознания учащегося.

Игра может помочь учащимся улучшить свои знания, развить навыки и освоить тему урока. При этом в образовательном процессе широко используются различные игры, одна из которых – математические игры, которые помогают пробудить чувства учащихся в процессе

обучения. Игры разнообразны по структуре, а их назначение проявляется в том, что они могут регулировать общение учащихся. Благодаря своему разнообразию они дают учителю возможность использовать различные формы организационной деятельности, благодаря чему достигается высокий уровень взаимодействия учащихся.

Ключевые слова: математические игры, элемент, конструкция, метод, обучение, разум, проблема, программа, содержание, занятия, наблюдения, явление, жизнь, общение

MATHEMATICAL GAMES ARE ONE OF THE METHODS OF TEACHING AND MENTAL EDUCATION OF STUDENTS

Games enrich the learning process, and their use allows the teacher to carry out various types of educational activities. With the help of educational games, non-material activities such as organizational and communicative activities are introduced into the educational process, which positively affect the development of the student's consciousness.

The game can help students improve their knowledge, develop skills and master the topic of the lesson. At the same time, various games are widely used in the educational process, one of which is mathematical games that help awaken the feelings of students in the learning process. Games are diverse in structure, and their purpose is manifested in the fact that they can regulate student communication. Due to their diversity, they give the teacher the opportunity to use various forms of organizational activity, thereby achieving a high level of student interaction.

Key words: mathematical games, element, construction, method, learning, mind, problem, program, content, classes, observations, phenomenon, life, communication.

Маълумот дар бораи муаллифон: Шоҳсанами Ризо – муаллими калони кафедраи илмҳои компютерии факултети физика ва математикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: ҶТ.735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16. тел: (992) 200 09 13 09.

Сафарзода Мунир Ватан – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи илмҳои компютерии факултети физика ва математикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: ҶТ.735360, ш. Кулоб, кӯчаи С. Сафаров 16. тел: (992) 918 66- 54 -41.

Сведения об авторах: Шохсанами Ризо – старший преподователь кафедры компьютерных наук факультета физики и математики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: РТ.735360, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. тел: (992) 200 09 13 09.

Сафарзода Мунир Ватан – кандидат педагогических наук, доцент кафедры компьютерных наук факультета физики и математики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: РТ.735360, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. тел: (992) 918 66- 54 -41.

Information about the authors: Shokhsanami Rizo is a senior lecturer at the department of computer sciences, faculty of physics and mathematics, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: RT.735360, Kulob, S. Safarov Street 16. Tel.: (992) 200 09 13 09.

Safarzoda Munir Vatan – candidate of pedagogical science, docent department of computer science the faculty mathematics and physics of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: RT. 735360, Kulob, S. Safarov Street 16. tel: (992) 918 66- 54 -41.

ТДУ:37.0+373/378(045)
З-20

ХУСУСИЯТҲОИ МУҲИТИ РАҚАМИИ ТАҲСИЛОТ ДАР ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ МУҲИММИ КАСБИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДА

Зайдулоев С.С., докторанти PhD,
Сафарзода М.В., н.и.п., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ба истифодаи воситаҳои рақамӣ дар раванди таълим, таҳияи усулҳои инноватсионии таълим ва мутобиқсозии барномаҳои таълимӣ ба ниёзҳои инфиродии донишҷӯён таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

Муҳити рақамии таълимӣ (МРТ) як ҷузъи фазои ҷаҳонии иттилоотӣ мебошад, ки тамоми маҷмуи технологияҳои шабакавӣ ва компютериро барои татбиқи вазифаҳои гуногуни раванди педагогӣ дар бар мегирад. Унсурҳои асосии МРТ низомҳо ва шабакаҳои телекоммуникатсионӣ (интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, платформаҳои веб, барномаҳои мобилӣ, технологияҳои чопи 3D) ва инчунин равандҳои махсуси дарунсохташуда мебошанд, ки фаъолияти муҳити таълимиро таъмин мекунанд.

Маҷмуи кушодаи низомҳои иттилоотӣ (минбаъд - НИ) имкони ҳалли доираи васеи вазифаҳои касбиро фароҳам меорад, масалан, ташкили хуҷҷатгузории электронӣ бо истифода аз платформаҳои ракамӣ, ба мисли Дневник.ру ва emis.tj. Дар ин замина, кушодагӣ маънои имконият ва ҳуқуқи ҳамгироии низомҳои гуногуни иттилоотиро дар таркиби МРТ дорад.

Ба андешаи С.Д. Каракозов, Р.Пикалова, Е.П. Седова ва О.Н. Титова, муҳити рақамии таълимӣ (МРТ) «муҳитест, ки дар он дониш, малака ва қобилиятҳои асосӣ (ЗУН), инчунин сифатҳои шахсии таълимгирандагон ташаккул ёфта, натиҷаҳои нави таълимӣ дар доираи истифодаи МРТ ба даст оварда мешаванд»[8].

Дар адабиёти илмӣ ва санадҳои меъёрии марбут ба рақамикунонии соҳаи маориф, мафҳумҳои «муҳити рақамии таълимӣ», «муҳити рақамӣ», «фазои рақамии таълимӣ» ва «муҳити иттилоотию таълимӣ» васеъ истифода мешаванд.

Ҳукумати Федератсияи Русия соли 2016 лоиҳаи афзалиятноки соҳаи маориф - «Муҳити муосири рақамии таълимӣ дар Русия»-ро дар доираи барномаи давлатии «Рушди маориф» барои солҳои 2013-2020 тасдиқ намуд.

Дар доираи Иттиҳоди Аврупо (ИА), иқтисоди рақамӣ ҳамчун раванди табдилдиҳии таъсири технологияҳои нави таъйиноти умумӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ арзёбӣ мегардад.

Мафҳуми «муҳити рақамии таълимӣ» дар сатҳи қонунгузорӣ таъриф нашудааст, бо вуҷуди ин, он дар як қатор қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ истифода мешавад.

Ҳадафи стратегии ин лоиҳа баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар тавассути омодасозии кадрҳои соҳибихтисос барои рушди иқтисоди рақамӣ дар Тоҷикистон мебошад.

Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2042 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2022, № 439 тасдиқ шудааст.

Ҳадафи асосии ин консепсия таъмини сифати нави таҳсилот тавассути таҳияи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) дар раванди таълим, навсозии шаклҳо ва усулҳои таълим, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои таълимӣ ва таъмини фарогирии онҳо мебошад. Илова бар ин, консепсия ба такмили эътирофи байналмилалии низоми миллии таҳсилот ва афзоиши содироти хизматрасониҳои таълимӣ равона шудааст.

Татбиқи консепсия дар се марҳила ба нақша гирифта шудааст:

- ✓ Марҳилаи I (2023-2026) - таҳия ва ташкили инфрасохтори рақамӣ, коркард ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

- ✓ Марҳилаи II (2027-2030) - воридсозии васеи технологияҳои рақамии таълимӣ ба низоми таҳсилот ва мутобиқсозии барномаҳои таълимӣ;
- ✓ Марҳилаи III (2030-2040) - рақамикунонии ҳамаҷонибаи низоми таҳсилот, ҳамгироии пурраи ТИК ба раванди таълим ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти рақамӣ.

Муҳити рақамии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи таркибии фазоӣ иттилоотии ҷаҳонӣ бо мақсади татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф дар самти рақамикунонӣ таҳия ва такмил дода мешавад. Тибқи Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2022, № 439 тасдиқ шудааст. [10]

Ташаккули муҳити рақамии таҳсилот ҳадафи стратегии рушди низоми таълимро ташкил медиҳад. Консепсия имконият медиҳад, ки гузариш ба таҳсилоти рақамӣ бо дарназардошти талаботи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишвар амалӣ гардад. Ҳадафи он ноил шудан ба сифати нави таҳсилот тавассути ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) дар раванди таълим, баланд бардоштани сатҳи тахассуси омӯзгорон дар соҳаи технологияҳои рақамӣ, рушди таҳсилоти фосилавӣ ва таъмини оммавӣ гардонидани принсипи «таълим дар тамоми умр» мебошад. Рушди муҳити рақамии таълимӣ ба таври васеъ истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ, платформаҳои омӯзиши онлайн, маводи рақамии таълимӣ ва низомҳои идоракунии таълимро тақозо менамояд. Консепсия инчунин, татбиқи механизми устувори хизматрасонӣ, таъмир ва навсозии таҷҳизоти рақамиро пешбинӣ намуда, дастрасии муассисаҳои таълимиро ба шабакаи ягонаи таълимии рақамӣ таъмин месозад. Дар доираи сиёсати давлатии соҳаи маориф, ки ба истифодабарии технологияҳои рақамӣ дар низоми таҳсилот нигаронида шудааст, таъмини муассисаҳои таҳсилотӣ бо дастрасии васеъ ба Интернет ва таҷҳизоти муосири рақамӣ, ҷорӣ намудани китобхонаҳои рақамӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон дар самти рақамикунонӣ ва ташаккули салоҳияти рақамии омӯзгорони оянда ба самтҳои афзалиятноки сиёсати таълимӣ шомил карда шудаанд. Дар асоси таҳлили вазъи кунунии таҳсилоти рақамӣ, афзалиятҳои кӯтоҳ ва миёнамуҳлат барои рушди муҳити рақамии таълимӣ муайян гардида, тадбирҳои навсозии инфрасохтор, ҷорӣ намудани платформаҳои рақамии таълимӣ, таҳияи барномаҳои таълимии рақамӣ ва афзоиши истифодаи ТИК дар муассисаҳои таҳсилотӣ ба нақша гирифта шудаанд. Ин раванд имкон медиҳад, ки рақамикунонии соҳаи маориф бо дарназардошти меъёрҳои байналмилалӣ ва стандартҳои таълимии ҷаҳонӣ амалӣ гардад. Тибқи нақшаи таҳияи муҳити рақамии таълимӣ, раванди таҳсилот дар Тоҷикистон тадриҷан ба низоми рақамӣ мутобиқ гардида, равишҳои инноватсионӣ дар таълим, аз ҷумла истифодаи технологияҳои рақамӣ дар таълими фосилавӣ, омӯзиши омехта ва ташкили муҳити рақамии ҳамгирошуда, ба таври васеъ ҷорӣ хоҳанд шуд.

Мушкилоти ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ дар сатҳи давлатӣ, бахусус дар соҳаи таҳсилоти олии педагогӣ, аз ҷиҳати амалия ва сиёсати маориф аҳаммияти бузург дорад. Ин ба фаҳмиши нақши ҳалкунанда доштани технологияҳои рақамӣ дар рушди рақобатпазирии кишвар тавассути тайёр намудани омӯзгорони оянда, ки омодаанд дар муҳити рақамии таълимӣ (МРТ) кор кунанд, вобаста аст.

Нишондиҳандаҳо ва индикаторҳое, ки ба сифати омодасозии кадрҳо марбутанд, чунин муайян шудаанд:

1. Афзоиши шумораи хатмкардагони низоми таҳсилоти касбӣ, ки дорои салоҳиятҳои иқтисоди рақамӣ мебошанд;
2. Баланд бардоштани теъдоди донишҷӯёни қабулшуда ба барномаҳои таҳсилоти олӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ (ТИ);
3. Баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ ва рушди салоҳиятҳои калидии иқтисоди рақамӣ;
4. Афзоиши шумораи мутахассисоне, ки дар доираи таҳсилоти иловагӣ аз рӯи салоҳиятҳои иқтисоди рақамӣ бозомӯзӣ шудаанд;

5. Дастёбӣ ба ин нишондиҳандаҳо ба рушди модели асосии салоҳиятҳо, ки барои соҳаҳои гуногуни илм таҳия шудааст, асос ёфтааст. Дар соҳаи маориф, модели асосии салоҳиятҳо як воҳиди ягонаи салоҳиятҳои иқтисоди рақамиро ташкил медиҳад, ки тибқи вазифаҳое, ки омӯзгор ҳамчун субъекти иҷтимоӣ иҷро мекунад, муайян карда мешавад [7, с. 79-83].

Ба салоҳиятҳои асосӣ фаъолияти амалии ҳалли масъалаҳои умумӣ (ғайриихтисосӣ) дохил мешавад. Махсусияти вазифаҳои касби «омӯзгор» аз доштани салоҳиятҳои калидӣ вобаста аст.

Ба андешаи А.М. Кондаков, рӯйхати салоҳиятҳои иқтисоди рақамӣ аз системаи салоҳиятҳои асосӣ ва касбӣ, ки барои вазъи иҷтимоию иқтисодӣ аҳаммияти зиёд доранд, иборат мебошад. Аммо то имрӯз ҳуҷҷати меъёрии «Модели асосии салоҳияҳои иқтисоди рақамӣ барои касби «омӯзгор», ки маҷмуи салоҳиятҳои калидиро дар бар мегирад, таҳия нашудааст [9].

Дар омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ барои муҳити рақамии таълимӣ таъсиррасонанда инҳо дохил мешаванд:

✓ «Мактаби муосир» (мақсад - ҷорӣ кардани усулҳои нави таълим ва тарбия, навсозии мазмуни соҳаи фаннии «Технология» дар сатҳҳои таҳсилоти умумии асосӣ ва миёнаи касбӣ);

✓ «Муҳити рақамии таълимӣ» (мақсад - таъмини шароит барои баланд бардоштани сифати таълим ва афзоиши шумораи донишҷӯёне, ки то соли 2025 курсҳои онлайниро меомӯзанд).

Хусусиятҳои муҳити рақамии таълимӣ (МРТ), ки ҳангоми ташаккули сифатҳои муҳимми касбии (СМК) омӯзгорони оянда бояд ба назар гирифта шаванд, чунинанд:

❖ Дастрасии озод ба низомҳои иттилоотӣ (техникӣ, молиявӣ, иттилоотӣ, методӣ, барномавӣ ва ғ.);

❖ Дастрасӣ ба шабакаи Интернет, ҳамчун қисми муҳити таълимии ракамӣ;

❖ Ҷорӣ намудани таҳсили онлайн, ҳамчун ҷузъи баробарҳуқуқи барномаҳои таълимӣ (курсҳои онлайн, китобхонаҳои рақамӣ, пойгохи додаҳои таълимӣ, низомҳои маълумотдиҳӣ);

❖ Ташкили захираи иттилоотӣ, ки дастрасӣ ба курсҳои онлайниро бо принсипи «як равзана» таъмин намуда, платформаҳои мавҷударо муттаҳид мекунад.

Ҳангоми омодасозии омӯзгорони оянда зарур аст, ки хусусиятҳои МРТ ба назар гирифта шаванд, то қатори сифатҳои муҳимми касбӣ (СМК) барои татбиқи лоиҳаҳои федералӣ дар соҳаи таҳсилоти ракамӣ (курсҳои онлайн, фанни «Технология») ташаккул дода шаванд.

Консепсияи таҳсилоти онлайн ва омӯзиши фосилавӣ истилоҳи «online» (аз англ. to be online - дар хатти пайваст қарор доштан) дастрас будани корбарро дар шабакаҳои маҳаллӣ ва ҷаҳонӣ ифода мекунад.

Консепсияи дастрасии фосилавии маводи таълимӣ тавассути курсҳои оммавии онлайни кушода (Massive Open Online Course - MOOC) амалӣ мегардад.

Дар барномаҳои бакалаврии «Таҳсилоти педагогӣ», муассисаҳои таҳсилоти олӣ метавонанд, технологияҳои таълими электронӣ ва таълими фосилавиро татбиқ намоянд.

Таҳсили электронӣ истифодаи манбаъҳои иттилоотии таълимӣ, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, воситаҳои техникӣ ва шабакаҳои иттилоотиро барои интиқоли маводи таълимӣ ва ҳамкории муаллим бо донишҷӯ таъмин мекунад.

Ҷорӣ намудани таҳсили онлайн имкон медиҳад, ки ҳангоми мавҷудияти сифатҳои муҳимми касбии (СМК) омӯзгори оянда, намудҳои зерини технологияҳои таълимӣ дар раванди таҳсилот истифода шаванд.

Барои ҳалли як қатор вазифаҳои касбии хусусияти иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ, доштани омодагии назариявӣ ва амалии омӯзгор дар доираи муҳити рақамии таълимӣ (МРТ) зарур аст. Рӯйхати сифатҳои муҳимми касбӣ (СМК), ҷузъи таркибии маҷмуи сифатҳои саводнокии рақамӣ мебошад.

Маркази ҷамъиятии минтақавии технологияҳои Интернет (РОЦИТ) саводнокии рақамиро ҳамчун маҷмуи се унсури ба ҳам вобаста муайян менамояд:

1. Истеъмоли ракамӣ - малакаи истифодаи хидматҳои Интернет барои кор ва ҳаёти рӯзмарра;
2. Салоҳиятҳои рақамӣ - малакаи самаранок истифода бурдани технологияҳои иттилоотӣ;
3. Амнияти рақамӣ - асосҳои бехатарии фаъолияти корбарон дар Интернет.

Ташаккули СМК омӯзгори оянда барои кор дар муҳити рақамии таълимӣ имкониятҳои зеринро фароҳам меорад: ташкили замони кулайи таълим барои донишҷӯён, афзоиши шунавандагони курсҳои таълимӣ, бештар гардидани маводи таълимӣ, мутобиқсозӣ ба меъёрҳои ҳуқуқии таълимӣ.

Ин раванд ба сатҳи нави сифатӣ мебарояд ва имкон медиҳад чунин амалҳо ба анҷом расанд:

- ✓ коркарди ҳаҷми зиёди маводи ибтидоӣ;
- ✓ суръати баланди иҷрои вазифаҳо;
- ✓ боло бурдани сифати ниҳоии таълим (аёнӣ, дастрасӣ, гуногунрангӣ).

Бо вуҷуди ин, маҳдудиятҳои муайян низ мавҷуданд, ки метавонанд раванди ташаккули СМК-ро зери таъсир карор диҳанд. Аз ҷумла:

- ✓ маҳдудияти муошират воқеӣ;
- ✓ надоштани худидоракунӣ ва масъулиятнокӣ;
- ✓ камбудии завқи худинкишофдиҳӣ ва худомӯзӣ.

Лоиҳаи «Мактаби муосир», навсозии мазмуни фанни «Технология»-ро дар бар мегирад, ки шакл ва намудҳои зерини фаъолияти таълимиро муттаҳид месозад:

- лоиҳакашӣ (масалан, лоиҳаҳои соҳибкорӣ);
- моделсозӣ ва тарроҳӣ (таҳияи роботҳои таълимӣ);
- озмоишгарӣ (озмоишҳои иҷтимоӣ-нақшӣ);
- таҳқиқот (асосҳои фаъолияти таҳқиқотӣ);
- идоракунӣ ва коркарди додаҳо.

Ҳар як шакли фаъолияти таълимӣ, омодагии омӯзгори ояндаро дар ин самтҳо ва қобилияти ҳалли вазифаҳои касбӣ дар доираи муҳити рақамии таълимиро талаб мекунад.

Таҳлили адабиёти илмӣ-методӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ имкон дод, ки сифатҳои муҳимми касбӣ (СМК) барои фанни «Технология» муайян карда шаванд.

Таҳсилоти технологӣ дар доираи омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ имкон медиҳад, ки қатори васеи сифатҳои муҳимми касбӣ (СМК) ташаккул дода шавад. Ба инҳо дохил мешаванд:

- ташаббускорӣ ва эҷодкорӣ;
- майл ба фаъолияти созанда;
- ҳамкорӣ ва кумакрасонӣ;
- меҳнатдӯстӣ;
- сифатҳои конструктивӣ-лоиҳавӣ;
- дигар сифатҳои марбут ба касбияти омӯзгорӣ.

Ҳар як самти фаъолият талаб мекунад, ки муҳаррикҳои саводнокии ракамӣ дар омӯзгор ташаккул ёбанд.

Классификатсияи таҳияшудаи СМК омӯзгорони оянда сифати касбиро дар асоси хусусиятҳои фаъолияти касбӣ-педагогӣ гурӯҳбандӣ менамояд.

Бо дарназардошти хусусиятҳои муҳити рақамии таълимӣ (МРТ), ки омӯзгори муосир бояд дар он кор кунад, сохтори таҳияшудаи СМК омӯзгорони оянда тағйир дода шуд. Гурӯҳҳои СМК иборатанд аз:

- маҷмуи сифатҳои саводнокии рақамӣ;
- сифатҳои татбиқӣ;
- сифатҳои махсуси равияи таълимии омӯзгорон.

Ба ин ислоҳот ҳамчунин дохил мешавад:

- гурӯҳи сифатҳои илмӣ-методӣ, ки дар гурӯҳи конструктивӣ- лоиҳавӣ ва сифатҳои саводнокии рақамӣ истифода мешаванд.

Дар ҳар як гурӯҳ (сифатҳои иҷтимоӣ-педагогӣ, фарҳангӣ- маърифатӣ, ангезишӣ-эмотсионалӣ, гностикӣ, конструктивӣ-лоиҳавӣ ва маҷмуи сифатҳои саводнокии рақамӣ) аз 9 то 15 сифат ҷой дода шудаанд. Ин ба васеъ гардидани рӯйхати ибтидоии СМК омӯзгорони оянда барои кор дар муҳити рақамии таълимӣ мусоидат мекунад.

Муҳим аст таъкид намоем, ки СМК интихобшуда дорои доираи васеи татбиқ мебошанд. Масалан, масъулият, ҳамчун яке аз сифатҳои муҳимми касбӣ, масъалаҳои зеринро фаро мегирад:

- ҳифзи ҳаёт ва саломатии донишҷӯён;
- қабули қарорҳои касбӣ;
- интихоби усулҳо, шаклҳо ва воситаҳои таълим, тарбия ва ғайра.

Экспертизаи профессографӣ барои интихоби рӯйхати СМК барои таҳияи карори идоракунӣ дар интихоби рӯйхати СМК омӯзгорони оянда, экспертизаи профессографӣ бо усули баҳодиҳии мустақил гузаронида шуд.

Хусусияти асосии экспертиза - баҳо додан ба сифатҳои касбӣ бо усули арзёбии мустақими онҳо мебошад.

Ҳадафи усул - ба таври миқдорӣ муайян кардани аҳаммияти СМК барои омӯзгорони оянда бо таври рейтингӣ, ки сатҳи муҳиммияти ҳар як сифатро дар фаъолияти омӯзгор муайян мекунад.

Истифодаи пурсиши коршиносон ба фарзияе асос ёфтааст, ки шахсоне, ки сохтор ва мазмуни фаъолияти касбии омӯзгорро хуб медонанд, метавонанд маълумот диҳанд дар бораи он ки кадом сифатҳои муҳимми касбӣ (СМК) ба муваффақият дар фаъолият бештар мусоидат мекунанд.

Меъёрҳои баҳодиҳии аҳаммияти СМК барои касби «омӯзгор» Ҳангоми муайян кардани дараҷаи муҳиммияти СМК барои омӯзгор, ба коршиносон тавсия дода шуд, ки ба меъёрҳои зерин диққат диҳанд:

- Зарурияти доштани ин сифат дар тамоми ҷараёни фаъолияти педагогӣ;
- Таъсири сифат ба натиҷаҳои фаъолияти касбӣ;
- Имконияти ташаккули ин СМК дар ҷараёни таҳсил дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ.

Дар натиҷа, рӯйхати СМК барои гурӯҳи коршиносон таҳия карда шуд, ки ҳадафи он - муайян кардани аҳаммияти СМК барои омӯзгори оянда дар гурӯҳҳои зерин буд:

- ✓ Сифатҳои иҷтимоӣ-педагогӣ (масъулият);
- ✓ Сифатҳои ангезишӣ-эмотсионалӣ (устувории равонӣ);
- ✓ Сифатҳои фарҳангӣ-маърифатӣ (техникаи педагогӣ);
- ✓ Сифатҳои гностикӣ (қобилияти қабул ва коркарди иттилоот);
- ✓ Сифатҳои конструктивӣ-лоиҳавӣ (диди стратегӣ);
- ✓ Маҷмуи сифатҳои саводнокии рақамӣ (донистани салоҳиятҳои ИКТ дар соҳаи таҳияи сайтҳо ва маъмурияти онҳо).

Дар раванди омӯзиши муҳити рақамии таълимӣ муайян карда шуд, ки ин муҳит тавассути системаҳои иттилоотӣ, платформаҳои таълимии рақамӣ, омӯзиши онлайн ва фосилавӣ, инчунин методҳои интерактивии таълим таъсири назаррас ба сифати омодасозии омӯзгорони оянда мерасонад. Ҳамзамон, муайян гардид, ки ҷорӣ намудани технологияи рақамӣ дар соҳаи маориф бояд бо рушди инфрасохтори ТИК, баланд бардоштани салоҳияти рақамии омӯзгорон ва омода сохтани донишҷӯён ба кор дар муҳити рақамии таълимӣ ҳамоҳанг бошад.

Адабиёт:

1. Афанасьев, Г.А. Развитие образовательного процесса в новой цифровой среде [Текст] / Г.А. Афанасьев, А.А. Зяблов// Экология урбанизированных территорий. - 2018 - №2. - С.105-106

2. Булавенко, О.А. Профессиональная компетентность современного специалиста экономического профиля: сущностные характеристики [Текст]./ О.А. Булавенко, Т.А. Степченко// Вестник брянского государственного университета - 2010. - №1. - С.21-26

3. Васильева, Е.В. Развитие цифровых компетенций государственных гражданских служащих Российской Федерации [Текст]/ Е.В. Васильева, В.Н. Пуляева, В.А. Юдина // Бизнес-информатика. -2018.-№4(46).-С 28-42

4. Дмитриев, Д.С. Формирование готовности преподавателя вуза к применению средств электронного обучения в профессиональной деятельности: дис. ...кан. пед. наук. 13.00.08/ Д.С. Дмитриев. - Самара. 2017.- 213 с.

5. Дьюи, Д. Психология и педагогика мышления [Текст] / перевод с англ. Н.М. Никольской. - М.: Совершенство, 1997. - 208 с.

6. Зимняя, И.А., Ключевые компетенции - новая парадигма результата образования [Текст]/ И.А. Зимняя// Эксперимент и инновации в школе. - 2009. - №2 - С.7-14

7. Казакова, Е.И. Об измерении сформированности универсальных компеенций студентов вузов [Текст]/ Е.И. Казакова, И.Ю. Тарханова// Педагогика. - 2018. - №9 - С.79-83

8. Каракозов, С.Д. Развитие цифровой образовательной среды в Российской Федерации: механизмы развития и возможные риски [Электронный ресурс]/ С.Д. Каракозов, Л.Р. Пикалова, Е.П. Седова, О.

9. Кондаков, А.М. Системное мышление в цифровой экономике [Текст]/ А.М. Кондаков // Учительская газета. - 2017. - №39.

10. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августа соли 2022, № 439 тасдиқ шудааст.

11. Чекалева, Н.В. Инновационные подходы в подготовке будущих специалистов [Текст]/Н.В. Чекалева// Педагогика в правоохранительных органах. - 2012. - №2(49).- С. 105-110

ХУСУСИЯТҲОИ МУҲИТИ РАҚАМИИ ТАҲСИЛОТ ДАР ТАШАККУЛИ СИФАТҲОИ МУҲИММИ КАСБИИ ОМӮЗГОРИ ОЯНДА

Мақола ба масъалаи хусусиятҳои муҳити рақамии таҳсилот дар ташаккули сифатҳои муҳимми касбии омӯзгори оянда бахшида шудааст.

Ба ақидаи муаллифон солҳои охир ба истифодаи муҳити рақамии таълимӣ як ҷузъи фазоӣ ҷаҳонии иттилоотӣ мебошад, ки тамоми маҷмуи технологияҳои шабакавӣ ва компютериро барои татбиқи вазифаҳои гуногуни раванди педагогӣ дар бар мегирад. Унсурҳои асосии МРТ низомҳо ва шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, инчунин равандҳои махсуси дарунсохташуда мебошанд, ки фаъолияти муҳити таълимиро таъмин мекунанд.

Муаллифон мутмаинанд, ки маҷмуи кушодаи низомҳои иттилоотӣ имкони ҳалли доираи васеи вазифаҳои касбиро фароҳам меорад.

Ташаккули муҳити рақамии таҳсилот ҳадафи стратегии рушди низоми таълимро ташкил медиҳад. Консепсия имконият медиҳад, ки гузариш ба таҳсилоти рақамӣ бо дарназардошти талаботи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишвар амалӣ гардад.

Ҷорӣ намудани технологияи рақамӣ дар соҳаи маориф ба ақидаи муаллиф бояд бо рушди инфрасохтори ТИК, баланд бардоштани салоҳияти рақамии омӯзгорон ва омода сохтани донишҷӯён ба кор дар муҳити рақамии таълимӣ ҳамоҳанг бошад.

Калидвожаҳо: воситаҳо, раванди таълим, рақамӣ, ҷараёни таълим, мутобиқсозии барномаҳои таълимӣ, инфиродӣ, донишҷӯён, таваҷҷуҳ, хусусиятҳо, муҳит, таҳсилот, ташаккул, сифат, омӯзгори оянда.

ОСОБЕННОСТИ ЦИФРОВОЙ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ СРЕДЫ В ФОРМИРОВАНИИ ВАЖНЫХ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ КАЧЕСТВ БУДУЩЕГО УЧИТЕЛЯ

Статья посвящена вопросу особенностей цифровой образовательной среды в формировании профессионально важных качеств будущего учителя.

По мнению авторов, в последние годы особое внимание уделяется использованию цифровых инструментов в образовательном процессе, разработке инновационных методов обучения, адаптации образовательных программ к индивидуальным потребностям обучающихся. Цифровая образовательная среда является компонентом мирового информационного пространства, включающего в себя всю совокупность сетевых и компьютерных технологий для реализации различных задач педагогического процесса. Основными элементами ЦОС являются телекоммуникационные системы и сети, а также специальные встроенные процессы, обеспечивающие функционирование образовательной среды.

Авторы убеждены, что открытий набор информационных систем дает возможность решать широкий круг профессиональных задач.

Создание цифровой образовательной среды является стратегической целью развития системы образования. Концепция позволяет осуществить переход к цифровому образованию с учетом социально-экономических, политических и культурных потребностей страны.

Внедрение цифровых технологий в образование, по мнению автора, должно координироваться с развитием ИКТ-инфраструктуры, повышением цифровой компетентности педагогов и подготовкой учащихся к работе в цифровой образовательной среде.

Ключевые слова: средства, образовательный процесс, цифровые учебный процесс, образовательные программы, индивидуальные, студенты, внимание, особенности, среда, образование, формирование, качество, будущий учитель

FEATURES OF THE DIGITAL EDUCATIONAL ENVIRONMENT IN THE FORMATION OF IMPORTANT PROFESSIONAL QUALITIES OF A FUTURE TEACHER

The article is devoted to the issue of the characteristics of the digital educational environment in the formation of important professional qualities of a future teacher.

According to the authors, in recent years, the use of the Digital Educational Environment is a component of the global information space, which includes the entire set of network and computer technologies for the implementation of various tasks of the pedagogical process. The main elements of the MRT are telecommunications systems and networks, as well as special built-in processes that ensure the functioning of the educational environment.

The authors is convinced that an open set of information systems will allow solving a wide range of professional tasks.

The formation of a digital educational environment is a strategic goal of the development of the education system. The concept allows for the transition to digital education to be implemented taking into account the socio-economic, political and cultural needs of the country.

The introduction of digital technology in education, according to the author, should be coordinated with the development of ICT infrastructure, increasing the digital competence of teachers, and preparing students to work in a digital educational environment.

Keywords: tools, educational process, digital, educational process, adaptation of educational programs, individual, students, attention, characteristics, environment, education, formation, quality, future teacher

Маълумот дар бораи муаллифон: Зайдулоев Саидҷамол Сайҷалолович – докторанти PhD-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, ҶТ, ш.Кӯлоб, кӯч. С. Сафаров-16. Тел.: 988 31 74 96.

Сафарзода Мунир Ватан – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ. Суроға: 735360, ҶТ, ш.Кӯлоб, к. С.Сафаров-16. Тел.: 918665441.E-mail: munir11@list.ru

Сведения об авторах: Зайдулоев Саидҷамол Сайҷалолович – доктор PhD Кулябского государственного университета им. А.Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г. Куляб, ул. С.Сафарова-16. Тел.: 988 31 74 96.

Сафарзода Мунир Ватан – кандидат педагогических наук, доцент Кулябского государственного университета им.А.Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г.Куляб, ул.С.Сафарова-16. Тел.: Тел.: 918665441.E-mail: munir11@list.ru

Information about the authors: Zayduloev Saidjamol Sayjalolovich doctor PhD at Kulob State University named after A.Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, S.Safarova st.-16. Tel.: Tel.: 988 31 74 96.

Safarzoda Munir Vatan – candidate of pedagogical sciences, associate professor at Kulob State University named after A.Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, S.Safarov st.-16. Tel.: Tel.: 918665441.E-mail: munir11@list.ru

УДК:03+37 (2-тадж)
Х-66

ФОРМИРОВАНИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ ИНФОРМАТИКИ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ

Холиков А.Ю., ассистент
Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки

Обновление системы образования Таджикистана выступает одной из приоритетных задач подготовки квалифицированных специалистов в области информатики, способных соответствовать современным требованиям: обладающих необходимым уровнем компетентности, конкурентоспособных на рынке труда, профессионально самостоятельных и готовых к постоянному профессиональному развитию, обладающих высокой социальной и профессиональной мобильностью. Иными словами, речь идёт о формировании профессионально компетентных специалистов, для которых информационное образование в системе высшего педагогического образования становится важнейшей составной частью процесса трансформации всех сфер общественной жизни, охватывая при этом и другие направления общественного развития.

Недостаточная теоретическая проработанность вопросов, связанных с формированием профессиональной компетентности будущих учителей информатики, оказывает негативное влияние на результаты их профессиональной подготовки. Это приводит к противоречию между объективной необходимостью обеспечения высокого качества профессиональной подготовки и невозможностью её реализации без обновления подходов.

Таким образом, исходя из вышеизложенного, можно аргументированно утверждать, что профессиональный аспект формирования компетентности будущих учителей информатики в процессе их профессиональной подготовки требует более углублённого изучения.

Существующие проблемы обуславливаются также наличием ряда противоречий, наблюдаемых в обществе, в частности между:

1. Необходимостью качественной подготовки будущих учителей информатики и контролем уровня формирования их профессиональной компетентности;
2. Социальным заказом на формирование профессиональной компетентности будущих учителей информатики в процессе их профессиональной подготовки и недостаточной теоретико-методической разработанностью данной проблемы;

3. Наличием научных разработок по проблеме формирования профессиональной компетентности студентов в целом и отсутствием целостной системы формирования профессиональной компетентности будущих учителей информатики в процессе профессиональной подготовки совместно с временными педагогическими вузами;

4. Текущим состоянием формирования профессиональной компетентности будущего учителя информатики и необходимостью определения благоприятных организационно-педагогических условий.

Анализ научных исследований позволяет утверждать, что, несмотря на наличие определённых достижений в данной области, проблема формирования профессиональной компетентности будущих учителей информатики в процессе профессиональной подготовки остаётся недостаточно разработанной.

Таким образом, значимость исследуемой проблемы, а также её недостаточная теоретическая и практическая проработка обусловили выбор темы исследования: «Формирование профессиональной компетентности будущих учителей информатики в процессе профессионального обучения».

Анализ исследований и последних публикаций, посвящённых различным аспектам данной проблемы и положенным автором в основу работы, позволяет выявить нерешённые части этой общей проблематики.

В современных психолого-педагогических исследованиях значительное внимание уделяется отдельным аспектам профессиональной подготовки будущего педагога, в частности содержанию педагогического образования (В. Алфимов, Г. Елникова, М. Евтух, И. Зязюн, В. Луговой, Н. Ничкало, И. Пидласый, Г. Пономарёва, А. Харьковская, Е. Хрыков), совершенствованию технологий обучения будущего учителя (В. Бондарь, В.А. Мороз, Л. Петриченко, С. Савченко, Т. Яценко и др.), профессиональной подготовке к педагогической деятельности (Л. Кондрашова, Т. Сорочан), а также педагогической компетентности как совокупности качеств, определяющих эффективность профессионально-педагогической подготовки (В. Бездухов, Ю. Варданян, Г. Елникова, В. Моторина, Г. Пономарёва, А. Харьковская, Л. Хоружая [6,7]). Проблема формирования личности учителя в процессе профессионального обучения подробно рассматривалась в трудах А. Абдуллиной, Ш.Б. Белозерцева, А. Мороза, Г. Пономарёвой, Р. Скульского и др. Существенный вклад в разработку данной тематики внесли также Ю. Бабанский, В. Бондарь, А. Дубасенюк, В. Сластенин и другие исследователи.

Формирование профессиональной компетентности, вносящее значительный вклад в совершенствование профессионального мастерства учителя, стало предметом исследований таких учёных, как В. Гусев, М. Евтух, И. Зязюн, М. Левковский, В. Семченко, Т. Сущенко, Н. Якса и других. Однако в научных трудах перечисленных авторов проблема формирования профессиональной компетентности будущих учителей информатики в процессе профессиональной подготовки рассматривалась лишь частично. Следует отметить, что указанные исследователи не ставили перед собой задачу всестороннего и комплексного изучения формирования профессиональной компетентности будущих учителей информатики в рамках единого управленческого процесса.

Формулирование целей статьи (определение задач) сводится к анализу формирования профессиональной компетентности будущих учителей информатики в процессе их профессиональной подготовки. В статье предлагается основное содержание исследования с полным обоснованием полученных научных результатов. Современный этап развития системы образования характеризуется необходимостью совершенствования компетентности будущих специалистов в соответствии с требованиями современного общества. Ключевым требованием образовательного процесса становится формирование мобильной, многопрофильной личности, то есть компетентного специалиста, способного адаптироваться к социально-экономическим изменениям в условиях информатизации общества. Наряду с этим возрастает и потребность в профессиональной компетентности специалистов.

Профессиональная компетентность в психолого-педагогической литературе понимается как неотъемлемая характеристика личности специалиста, которая отражает не только уровень усвоения знаний, умений и навыков в определённой сфере профессиональной деятельности, но и личностные качества, определяющие способность жить и действовать в обществе. В связи с новыми целями в сфере образования приоритетом становится подготовка квалифицированных специалистов, что, в свою очередь, требует разработки и внедрения эффективных форм управления этим процессом. Закон Республики Таджикистан «Об образовании» от 16.04.2017 подчёркивает, что повышение эффективности формирования профессиональной компетентности будущих специалистов в процессе профессиональной подготовки в системе образования является её стратегической задачей. Закон также декларирует необходимость учёта различных аспектов университетского образовательного процесса.

Высшее образование играет важную роль в обеспечении профессиональной подготовки компетентных и конкурентоспособных специалистов для всех отраслей экономики в интеграции с наукой и производством.

Обновление системы образования является важным процессом на современном этапе развития образовательной системы. Повышение профессионального уровня педагога и формирование педагогического мастерства, соответствующего требованиям современной жизни, предполагают обновление и внедрение гуманистической и личностно-ориентированной направленности профессиональной компетентности современного учителя.

Компетентный учитель способен эффективно и творчески применять знания и умения в межличностных отношениях в ситуациях общения с другими людьми в социально-профессиональной среде. Профессиональная компетентность педагога определяется стремлением преодолевать препятствия и достигать высоких результатов в образовательном процессе, желанием саморазвития, осознанием своего интеллектуального, профессионального и личностного потенциала, а также способностью к адаптации. В управленческих процессах решения нестандартных задач педагог должен переходить к гибким изменениям в эмоциональном и социальном опыте. Уровень профессиональной компетентности педагога также характеризуется адаптивными способностями и степенью их сформированности.

Саморегуляция учителя, его интеллектуальная готовность и практические навыки необходимы для формирования эмоциональной чувствительности и эффективной деятельности в ситуациях межличностных отношений. Компетентность как важнейшая составляющая профессиональной культуры отражает определённый уровень готовности и интеллектуальных, психологических и функциональных способностей, интегрируя знания, убеждения, умения и навыки в профессиональной деятельности и обеспечивая их качественное единство.

Требования к уровню подготовки выпускника факультета педагогического образования (учителя информатики) отражены в Государственном образовательном стандарте высшего профессионального педагогического образования. Стандарт предусматривает дифференциацию требований по двум основным направлениям подготовки специалистов - образовательному и профессиональному.

Требования к уровню профессиональной подготовки включают общие знания и умения по дисциплинам психолого-педагогического и предметного блоков. Эти требования, на наш взгляд, не соответствуют потребностям практики подготовки учителя информатики, поскольку согласно указанным стандартам при обосновании содержания педагогического образования структурируется лишь совокупность знаний и педагогических навыков.

В этом мы видим невозможность адекватного отражения (как с содержательной, так и с методической точки зрения) профессиональной деятельности учителя информатики в системе педагогической профессиональной подготовки.

Стандарт при определении содержания компонентов профессионального обучения может служить лишь ориентиром как объект оценки. Сегодня профессиональная

компетентность будущего учителя информатики представляет собой целостное личностное образование, включающее высокий уровень теоретической, методической, психологической, педагогической и практической подготовки.

Профессиональная компетентность будущего учителя информатики определяется как способность трансформировать профессиональную специализацию, которой он владеет, в процесс формирования личности обучающегося с учётом ограничений и нормативных требований, установленных в сфере образования. Однако автор трактует профессиональную компетентность будущего учителя информатики как способность, что, по нашему мнению, не полностью соответствует понятию профессиональной компетентности как интегративного комплекса.

Для нас более приемлемым является определение М. Лебедевой и А. Шиловой, которые рассматривают профессиональную компетентность учителя информатики как интегративное качество личности педагога, выражающееся в наличии совокупности ключевых компетенций специалиста.

В процессе профессиональной подготовки формирование профессиональной компетентности будущего учителя информатики в университетской среде осуществляется через развитие основных профессиональных компетенций, которые выступают как универсальные надпредметные компетенции, соответствующие широкому спектру профессиональной деятельности.

После анализа научно-педагогической литературы [4; 5; 6;] и современных специализированных периодических изданий [1; 2; 3;] мы отмечаем, что профессиональная компетентность учителя информатики обеспечивается совокупностью ключевых, базовых (педагогических), инструментальных и системных задач. Формирование профессиональной компетентности включает как общенаучные и специализированные компетенции, так и специальные компетенции, которые отражают предметный характер профессиональной деятельности.

Следующий этап нашего исследования представляет собой анализ сущности и особенностей формирования профессиональной компетентности будущего учителя информатики. В педагогической литературе термин «формирование» определяется как процесс развития и становления личности под воздействием внешних факторов воспитания, обучения и социальной среды; как целенаправленное развитие личности или отдельных её качеств под влиянием воспитания и обучения; как процесс превращения личности в субъект и объект общественных отношений.

В. Сластенин рассматривает формирование как процесс освоения совокупности устойчивых свойств и качеств личности. Как отмечает Н. Болюбаш, педагогическое взаимодействие преподавателя и студентов, в результате которого формируется профессиональная компетентность будущих специалистов, реализуется посредством комплекса взаимосвязанных и взаимозависимых компонентов: целей, содержания, средств, форм и методов обучения. Формирование профессиональной компетентности представляет собой процесс, направленный на активизацию совместной деятельности преподавателя и студентов в процессе профессионального обучения, использование усовершенствованного содержания, методов, средств и форм обучения, что обеспечивает развитие совокупности ключевых компетенций данного вида деятельности и профессиональной компетентности как неотъемлемой характеристики личности.

Таким образом, формирование профессиональной компетентности представляет собой процесс формирования профессионального мастерства, включающий обучение, самообразование и развитие самосознания будущего специалиста.

Профессиональная компетентность будущих учителей информатики определяется как совокупность компетенций (ключевых, профессиональных, информационных, аналитических, коммуникативных, проектных, инструментальных (технических, технологических), исследовательских, межличностных) и качеств, а также соответствие знаний, умений и навыков их применению, приобретённых в процессе профессионального

обучения, современным достижениям науки и практики в данной области, с владением основами хозяйственной деятельности.

Соответственно, мы определяем формирование профессиональной компетентности будущих учителей информатики как процесс освоения совокупности компетенций (ключевых, профессиональных, информационных, аналитических, коммуникативных, проектных, инструментальных (технических, технологических), исследовательских, межличностных) и качеств, а также соответствие знаний, умений и навыков, полученных в процессе профессионального обучения, их практическому применению с учётом современных научных и прикладных достижений в данной области.

Как показывают исследования, спектр профессиональных компетенций является весьма широким, что позволяет формировать высокий уровень подготовки будущих учителей информатики.

С учётом профессиональной компетентности будущих учителей информатики её можно определить как совокупность компетенций (ключевых, специальных, информационных, аналитических, коммуникативных, инструментальных и исследовательских, межличностных), которые отражают готовность и способность личности педагога осознавать и адекватно отвечать на профессиональные и педагогические требования.

Литература:

1. Абдуразоқов М.М., Магомедова А.А. Оид ба баъзе ҷанбаҳои ташаккули маҳорати касбӣ дар омӯзгори муосир дар шароити иттилоотикунонии маориф // Вектори илмии Донишгоҳи давлатии Тольятти: Педагогика ва психология. 2014. No 2. С. 132-134.
2. Богданова А.В., Глазова В.Ф. Системаи методии таълими касбӣ дар фанни «Технологияҳои иттилоотии муосир» // Маҷаллаи илмии Карелия. 2014. No 4. С. 42-45.
3. Гирка И.В. Ташаккули салоҳияти информатикаи омӯзгорони /И.В. Гирка/ Бюллетени муосири илмӣ : Илмҳои педагогӣ. - 2014. - No 28 (224). — С. 12-16.
4. Дзамихов А.Х. Сохтор ва мазмуни системаи методии омӯзиши муштараки информатика ва математика дар донишгоҳ // Азимути тадқиқоти илмӣ: педагогика ва психология. 2014. No 4. С. 49-53.
5. Кузьмина Н. В. Кордонии шахсияти муаллим ва устоди таълими истехсолӣ / Н. В.Кузьмина. – М.: Мактаби олӣ, 1990. – 89 с.
6. Лебедева М.Б., Шилова О.Н. Салоҳияти ТИК-и донишҷӯёни донишгоҳи омӯзгорӣ чист ва он чӣ гуна бояд ташаккул ёбад? [Матн] // Информатика ва маориф. - 2004. - № 3. - С. 95-100.
7. Мутахассисон равшанфикр: луғат: навч. сукунат / Гончаренко Н.Г. Ничкало. - К.: Маколиби олӣ., 2000. - 149 с.
8. Мухидинов М.Г. Рушди ҷузъҳои технологӣ ва психологию педагогии фаъолияти касбии омӯзгори ояндаи информатика // Азимути тадқиқоти илмӣ: педагогика ва психология. 2014. No 4. С. 87-89.
9. Немов Р.С.Психология: Прокуми мушаххас. – М.: Маърифат, 1990. – 301 с., С. 169.
10. Овчаров С.М. Технологияи педагогӣ барои рушди эҷодиёти омӯзгорони оянда ТИК дар шароити таҳсилоти донишгоҳӣ // Маҷаллаи илмии Карелия. 2013. № 1. С. 43-46.
11. Рожнова Т.Е. Маъмурият касбӣ ва техникӣ гарави ибтидоӣ ба каминхои шновастхо технологияҳо : дисс..ном. пед .: 13.00.06 / Тетьяна Свгешвна Рожнова. – г., 2012. – 285 с.
12. Сластенин В. А. - Педагогика. – М.: Маърифат, 1977. – 362 с.
13. Харшвска А.А. Усулхои назариявӣ ва усулхои идоракунӣ навоварона кумитаи рушд ибтидоии балан бардории низоми педагогӣ: дис... номзадӣ 13.00.01 / Алла Анатоллвна Харшвска - Л., 2012. - 399 с.

14. Харьковская А.А. Меъёрҳои арзёбии сифати барномаи рушди инноватсионӣ дар донишкадаи олӣ / А.А. Харьковская // Асосҳои илм ва технология - пешрафтҳои ояндадор III: маводи конференсия. Шимолӣ Чарлстон, ИМА, 24-25.04.2014. - Чарлстони Шимолӣ, 2014. - Ҷилди. 2. - P. _ 79-85.

15. Школаенко С.М., Методологияи назариявӣ асос идоракунӣ навоварона кумитаи рушд системахо Ороиш: монография / Станислав Николаевич Николаенко. - К.: Нат. савдо.-экон . ун-т, 2008. - 419 с.

ФОРМИРОВАНИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ ИНФОРМАТИКИ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ

В данной статье рассматривается сущность профессиональной компетентности будущего учителя информатики, анализируются понятия «профессиональная компетентность», «профессиональная компетентность будущих учителей информатики». Проанализированы определения отечественных и европейских исследователей по вопросам профессиональной компетентности будущих педагогов, раскрыто содержание профессиональных компетенций учителя информатики. Рассмотрение и анализ научных исследований позволяют утверждать, что, несмотря на наличие значительного количества достижений в этой области, проблема формирования профессиональной компетентности будущих учителей информатики в процессе профессиональной подготовки изучена недостаточно полно. Основным требованием образовательного процесса является формирование компетентной личности, способной адаптироваться к социально-экономическим изменениям в условиях информатизации общества. При этом растёт и спрос на профессиональную компетентность будущих педагогов в целом и, в особенности, учителей информатики. Компетентный педагог способен эффективно и творчески применять знания и умения в межличностных взаимодействиях — ситуациях общения с другими людьми в социальной и профессиональной среде. Уровень профессиональной компетентности педагога также характеризуется адаптивными способностями и степенью их сформированности: саморегуляцией учителя, интеллектуальной готовностью и практическими навыками, необходимыми для формирования эмоциональной чувствительности и успешной деятельности в межличностных ситуациях.

Ключевые слова: менеджмент, компетентность, профессиональная компетентность, будущий учитель информатики, саморазвитие, мобильность, уровень профессиональной компетентности, специалист, высшее профессиональное образование.

ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДАИ ФАННӢ ИНФОРМАТИКА ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМ

Дар мақолаи мазкур моҳияти салоҳияти касбии омӯзгори ояндаи фанни информатика баррасӣ шуда, мафҳуми «салоҳияти касбӣ», «салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи фанни информатика» таҳлил карда шудааст. Таърифҳои пажӯҳишгарони ватанӣ ва аврупоӣ оид ба салоҳияти касбии омӯзгорони оянда таҳлил карда шуда, мазмуни салоҳиятҳои касбии омӯзгори информатика ошкор карда мешавад. Барраси ва таҳлили пажӯҳишҳои илм имкон медиҳад бигӯем, ки сарфи назар аз мавҷудияти шумораи зиёди пешрафтҳо дар ин самт, масъалаи ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи информатика дар раванди тайёрии касбӣ ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Талаботи асосии таълим ташаккул додани шахсияти салоҳиятдоре мебошад, ки ба тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити иттилоотикунонии ҷомеа мутобиқ шуда метавонад. Дар баробари ин талабот ба салоҳияти касбии омӯзгорони оянда дар маҷмӯъ ва бахусус омӯзгорони фанни информатика низ афзоиш ёфтааст. Муаллими салоҳиятдор қодир аст, ки дониш ва малакаҳоро дар муносибатҳои байнишахсӣ - ҳолатҳои муошират бо одамони дигар дар муҳити иҷтимоӣ ва касбӣ самаранок ва эҷодкорона татбиқ намояд. Дараҷаи салоҳияти касбии омӯзгор инчунин бо қобилиятҳои мутобиқшавӣ ва сатҳи ташаккул хос аст, ки

худтанзимкунии муаллим, омодагии зеҳнӣ ва малакаҳои амалӣ барои муқаррар кардани ҳассосияти эмотсионалӣ ва фаъолият дар ҳолатҳои муносибатҳои байнишахсӣ.

Калидвожаҳо: менеҷмент, салоҳият, салоҳияти касбӣ, омӯзгори ояндаи информатика, худтакмилдиҳӣ, ҳаракатнокӣ, сатҳи салоҳияти касбӣ, мутахассис, таҳсилоти олии касбии

FORMATION OF PROFESSIONAL COMPETENCE OF FUTURE COMPUTER SCIENCE TEACHERS IN THE EDUCATIONAL PROCESS

This article examines the essence of the professional competence of future computer science teachers and analyzes the concepts of "professional competence" and "professional competence of future computer science teachers." Definitions provided by domestic and European researchers on the professional competence of future educators are analyzed, and the content of the professional competencies of a computer science teacher is revealed. A review and analysis of scientific research indicate that, despite a significant number of achievements in this field, the issue of forming the professional competence of future computer science teachers during their professional training has not been sufficiently studied. The main requirement of the educational process is the formation of a competent personality capable of adapting to socio-economic changes in the context of the informatization of society. At the same time, the demand for the professional competence of future educators in general, and computer science teachers in particular, is increasing. A competent teacher is capable of effectively and creatively applying knowledge and skills in interpersonal interactions—in situations of communication with other people in social and professional environments. The level of professional competence of a teacher is also characterized by adaptive abilities and the degree of their development: self-regulation, intellectual readiness, and practical skills necessary for developing emotional sensitivity and effective functioning in interpersonal situations.

Keywords: management, competence, professional competence, future computer science teacher, self-development, mobility, level of professional competence, specialist, higher professional education.

Сведения об авторе:Холиков Амонулло Юлдошевич – ассистент кафедры методика преподования информатики факультета физики и математики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: РТ.735360, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. тел: (992) 988 83-34-48

Маълумот оид ба муаллиф: Холиқов Амонулло Юлдошевич – ассистенти кафедраи методикаи таълими информатикаи факултети физика ва математика Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: ҶТ.735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16. тел: (992) 988 83-34-48

Information about the authors: Kholiqov Amonullo Yuldoshevich – assistant of department of method of the teaching informatics the faculty mathematics and physics of Kulob State University name after Abuabdulloh Rudaki. Address: RT. 735360, Kulob, S. Safarov Street 16. tel: (992) 988 83-34-48

ТДУ – 37.0+371.4+671 (2 – тоҷ)
Ё – 48

МАСЪАЛАИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ АЗ НИГОҲИ МУТАФАККИРОНУ ОЛИМОНИ ШИНОХТАИ ТОҶИК

Ёрматзода А.Ҷ., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

«Мардуми тоҷик аз куҳантарин халққои ҷаҳон буда, таърихи ғанӣ ва фарҳангу маданияти бою рангин дорад. Таърих гувоҳ ҳаст ва ҳаёт собит менамояд, ки мардуми тоҷик ҳанӯз дар садаҳои ду ва яки то милод соҳиби афкори баланди педагогӣ ва ниҳодҳои омӯзишӣ буданд ва ҳастанд». [2, с. 3]

Мо, дар баробари дигар миллатҳои соҳибтамаддуни фарҳанги олам ҳуқуқи таърихию фарҳангӣ дорем, ки гузаштаи худро омӯзем, аз таҷрибаи таърихии мактабҳои гузаштаамон баҳравар шавем, беҳтарин падидаҳои ҳаётбахши хешро бо истифода аз дастовардҳои замони нав дар пешрафту камолоти мактаби имрӯза бо сарсабзии фарзандонамон истифода намоем. [4, с. 7]

Воқеан, таърихро хотираи инсоният меноманд. Пас, ҳар як фард бе донистану омӯзиши таърихи халқу кишвари худ, аслу насаб ва маърифати бумиву зотиашро пойдору бегазанд нигоҳ дошта наметавонад. Ва аз решаи хеш дур ё канда шуда, ба вартаи гумномӣ ё фано қадам мемонад. Яъне, инсон таърихи гузаштаи худро фаро нагирад, табиист, ки аз дастовардҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, педагогию фалсафӣ ва бурду бохти гузаштаи худ ноогоҳ монда, ба партави гумномӣ мерасад.

Мутафаккирон ва муҳаққиқон таърихи башариятро хотира ва мероси гаронбаҳои инсоният номидаанд. Воқеан ҳам афроде, ки аз сарнавишти миллат, таърихи гузаштаи сарзамин ва марзу буми аҷдодӣ, мероси бои фарҳангӣ, расму русум, таълиму тарбия ва дину оини ниёгон, дастовардҳои бузурги шахсиятҳои оламшумули қавму қабоили гузаштаи хешро надонад, ҳеҷ гоҳ инсони комил ва фарзанди баруманди замони худ шуда наметавонад. Ва ингуна ашхос аз решаву насаби хеш канда шуда, одатан аз хотираҳои таърихӣ, гузаштаи пурифтихор ва мероси пурғановати фарҳангу миллати худ бенасиб мемонад. Олими намоёни соҳаи педагогикаи тоҷик академик Шарифзода Ф., оид ба ин масъала чунин андеша дорад.

«Омӯхтани таъриху фарҳанг ва мероси гаронбаҳои педагогӣ танҳо ба хотири донистани гузаштагон нест, балки он дурнамоест, ки кору пайкори ояндаи миллат ва давлатро дақиқ, возеҳу равшан муайян намуда, барои ваҳдату ягонагии миллӣ ва рушди тафаккури таърихии наслҳои оянда хизмат мекунад». [8, с. 25]

Таърихи саршор аз лаҳзаҳои пирӯзӣ, часпу талош барои ташаккули тафаккури илму фарҳанг аст. Аммо, мутаассифона, пӯшида нест, ки солҳои тулонӣ мо аз омӯзиши мероси таърихии халқи худ як андоза дур мондем ва ин муносибати носолим дар таърихомӯзӣ ва таърихдонии мардуми мо рахнае гузошт. Шояд як сабаби аз асли хеш каме дур мондан ва паст рафтани маънавиёт, коҳидани ахлоқи ҷомеаи мо аз ҳамин иборат бошад.

Хушбахтона, ду фарзанди нобиғаи миллати тоҷик: устод Садриддин Айнӣ ва академик Бобоҷон Ғафуров ҳамин норасоиро эҳсос намуда, ҷиддан паи ислоҳи он гардиданд. Устод Садриддин Айнӣ бо рисола ва мақолаҳои зиёдаш дар хусуси зиндагӣ ва эҷодиёти шахсиятҳои илму фарҳанг ва сиёсату давлатдорӣ мардумро бо гузаштаи пурифтихор ва фарзандони некноми миллат ошно сохт ва ба таърихи ибратомӯзу пурифтихори худ пайваст. Мардум бо нигоҳи зиракона ва хирадмандиҳои Садриддин Айнӣ аз барору нокомиҳои ниёгони гузаштаи худ дар набарди зиндагӣ огоҳӣ пайдо карданд.

Руҳу равони фарзанди фарзонаи миллати тоҷик аллома Бобоҷон Ғафуров шод ва хонаи охираташ обод бод, ки асари безаволи ӯ «Тоҷикон» шиносномаи миллати мо гардида, барои ташаккули худшиносӣ, худогоҳӣ ва хештаншиносии миллӣ ва рушди тафаккури таърихии мардуми мо хизмати арзанда намуд.

Ин марди ориф бо хираду бузургӣ аз осорхонаи беинтиҳои таърих осори тамаддун ва мероси фарҳангии миллати тоҷикро зарра – зарра ҷамъ оварда, ба риштаи таҳрир кашида, танзиму даврабандӣ карда, ба оламиён исбот намуд, ки миллати тоҷик таърихи қадима дорад.

Китоби «Тоҷикон» воқеан шуълае буд, ки ба сифатҳои торику фаромӯшгаштаи таърихи миллати тоҷик равшанӣ андохта, падидаҳои худшиносию хештаншиносӣ ва ифтихори миллиро ба бор овард ва ба фарзандони бедордилу фидоӣ руҳу мадор бахшид. Миллати тоҷик миллати соҳибмаърифат ва соҳибтамаддун буда, месазад, ки мову шумо арзишҳои миллӣ, мероси фарҳангӣ, таърихи куҳанбунёд, илму адабиёт ва ҳунари волои онро ба хотири расидан ба қадри истиқлолият, ҳувияти миллӣ, худшиносӣ, хештаншиносӣ ва давлату давлатдории навин пайваста омӯзему талқин намоем.

Инкишофи тамаддун ва равнақи илму фарҳанги мо дар оғози асри XX1 ба неруи офарандаву созанда, ақлу заковати ҷӯяндаву навовар ва корбасти дастовардҳои навини васоити иттилоотӣ аз ҳарвақта дида бештар ниёз хоҳад дошт. Чунки асри имрӯза барои мардуми Тоҷикистон асри дастовардҳои бузурги истиқлолу худшиносӣ, имтиҳону озмоишҳои мушкили созандаву бунёдкорӣ, асри ба сафи кишварҳои мутамаддин ва пешрафтаи олам роҳ ёфтани ҷумҳурии демокративу дунявии мо тоҷикон ва асри рушди камолу эҳёи илму фарҳанг, таълиму тарбия ва давлатдории навини тоҷикон хоҳад буд.

Имрӯз фурсате расидааст, ки миллати бофарҳанг, давлати соҳибистиқлол ва мамлакати соҳибтамаддуну пешрафта будани Тоҷикистонро ба аҳли олам нишон диҳем, ба қадри Ватану ватандорӣ, Истиқлолияту давлатдории миллӣ ва муҳимтарин рамзҳои он – Нишону Парчами давлатӣ, Суруди миллӣ, Артиши миллӣ, қурби асъори миллӣ ва шиносномаи миллӣ бирасем ва аз он ифтихор намоем.

Халқи тоҷик яке аз қадимтарин халқҳои соҳибтамаддун маҳсуб ёфта, дорои таърихи пурғановат ва куҳан буда, пас аз дарёфти Истиқлолият ба шинохти арзишҳои волои миллии худ рӯ овард. Давлат ва Ҳукумати ҷумҳурии соҳибистиқлол низ барои эҳё намудан ва зинда нигоҳ доштани ин таърихи пурғановат ва тамаддуни пураразишу воло чораҳои зарурӣ андешида истодааст.

Имрӯз Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқу соҳибихтиёр, дунявию демократӣ, ҷиҳати аз худ намудани арзишҳои умумиинсонӣ ва шомил гардидан ба ҷаҳони тамаддун кӯшишҳои зиёде ба харҷ медиҳад. Хушбахтона, дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ бисёре аз олимон, муҳаққиқон ва таҳққиқотчиён ҷиҳати ошкору муайян намудани мероси гаронбаҳо ва ақидаҳои педагогӣ–психологӣ ва методии мутафаккирони гузаштаи тоҷик, дар хусуси роҳу равиш тарзу усули баландбардории таълиму тарбияи насли наврас тавассути корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ (рисолаҳои номзадию докторӣ) рӯи кор овардаанд, ки тавассути онҳо мо ба осори олимону мутафаккирони гузашта ошно мегардем. Ин амал дар тарбияи худшиносию худогоҳии миллии наврасону ҷавонон саҳми калон мегузорад.

Тайи солҳои охир аз тарафи олимон ва муҳаққиқони кишвари мо паҳлуҳои нави таърихи мероси афкори педагогии ҳазорсолаи халқи тоҷик кашф гардида истодааст. Айни замон, дар ҳазорсолаи нав, дар шуури ҷомеа–тамоюли дарки таърихи гузашта, тавассути таҷрибаи таърихии халқ, посух ҷустан аз сарчашма ва манбаъҳои муҳимми давраи ҳозира неру мегирад, ки комилан қонунист, зеро танҳо дар оинаи ҳодисаи таърихӣ амалҳои наву тозаи дар ҳаёти халқ зарурироро дидан мумкин аст.

Ҳамзамон, дар шароити ҷомеаи зудтағйирёбанда хатари аз таҷрибаи куҳан даст кашидан ва онро амали беҳуда донистан низ вуҷуд дорад. Ҳол он ки таъсири бисёре аз ҳодисаҳои давраи ҳозираро аз таърихи гузашта метавон пайдо кард. Таҳқиқи таърихи афкори пеагогии халқи тоҷик аҳаммияти назарӣ ва амалӣ дорад, зеро баъзе аз осори миллии мутафаккирон ва муҳаққиқони гузаштаро барои пос доштани хотираҳои таърихӣ метавон дар амал татбиқ намуд.

Манбаъҳои асосие, ки аз олимон, муҳаққиқон ва мутафаккирони форсу тоҷик ба тарбияи худшиносӣ, худогоҳӣ, хештаншиносӣ омӯзишу таърихдонӣ ва ғанӣ гардонидани маънавиёти ҳар як шаҳрванди тоҷик ва тоҷикистонӣ таъсир мерасонанд аз инҳо иборатанд:

-донистан ва омӯхтани мероси таърихию фарҳангии ниёгон (мероси гузаштагон), ки хотираи таърихии халқро ташкил ва ташаккул менамояд;

-донистан ва таҳқиқ намудани арзишҳои умумибашарӣ ва динӣ, ки яке аз қисматҳои фарҳанг ба шумор меравад;

-донистан ва иҷрои маъракa, расму русум, урфу одат, анъана ва ҷашну маросимҳо ва тарзи зиндагии миллат, ки дар онҳо хусусиятҳои миллии мардуми кишвар инъикос ва густариш ёфта бошад;

-донистан ва таълимоти стандартҳои давлатии таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишҷӯёни донишгоҳу донишкадаҳо;

-донистан ва арҷ гузоштан ба асарҳои илмӣ, адабиёт, санъат ва ёдгориҳои таърихию фарҳангии куҳанбунёди Тоҷикистон;

-фаҳмидан ва дарк намудани нутқу баён ва гузоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон;

-арҷ гузоштан ба фаъолияти сиёсии роҳбарони вазорату идораҳо ва арбобони намоёни илму фарҳанг;

-дарк намудан ва таълим додани арзишҳои маънавию ахлоқии миллӣ ва умумибашарӣ ба насли наврас ва ҷавонон.

Ҳар як шахс мефаҳмад, ки ниёгони мо дар хазинаи тамаддуни башар ҳиссаи муайян гузоштаанд ва дарк мекунад, ки рисолати таърихӣ аз он иборат аст, ки ҳамин ҳиссагузорӣ дар замони муосир ҳам бояд биафзояд. Оммаи васеи халқ ба қадру қимати арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, рамзҳои давлатию миллӣ мерасанд ва дар натиҷаи омӯхтан, дидан ва мушоҳида кардан хотираи таърихии худро ғанӣ мегардонанд, маърифати ахлоқӣ, худогоҳию худшиносии шаҳрвандон сифатан боло меравад. Мардуми тоҷик, ки асрҳо зери зулм ва таъсири бегонагон қарор доштанд, моҳияти давлати миллии худро дарк мекунанд ва барои ҳифз, ободӣ ва шукуфоии Ватани худ мекӯшанд, ба қадри забони модарӣ, адабиёт, таърих, анъана ва расму оинҳои мусбати худ мерасанд.

Барои тарбия ва камолоти чунин насл миллати мо тамоми асосҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва тарбиявиро доро мебошад. Фарҳанги қадим, таърихи бою рангин, ганҷинаи илму адабиётро, ки дар давоми ҳазорсолаҳо ба вуҷуд овардаанд, адибону олимон, мутафаккирон ва донишмандони гузаштаи мо офаридаанд. Анъанаву расму русуме, ки дар давоми солҳо суфта шудаанд, барои таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон пойдевори қавие мебошад.

Ақидаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва педагогӣ дар осори адибону олимон, мутафаккирон ва донишмандони пешин, аз ҷумла, мутафаккирони тоҷику форс ба монанди Имоми Аъзам (р)-(Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит) (699–769), Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (858–940), Абубакр Закариё Розӣ (865–925), Абӯалӣ ибни Сино (980–1037), Абуалӣ Ҳасан ибни Алии Тусӣ–Низомулмулк (1018–1092), Муҳаммад Ғазолӣ (1058–1111), Мир Саид Алии Ҳамадонӣ (1314–1394), Насириддини Тӯсӣ (1212–1293), Абунасри Форобӣ (873–950), Саъдии Шерозӣ (1184–1292), Ҳофизи Шерозӣ (1321–1390), Абулқосим Фирдавсӣ (934 – 1020), Абдураҳмони Ҷомӣ (1414–1492), Кайковус ибни Искандар (1020–1099), Бадриддин Ҳилолӣ (1529 соли вафот), Умари Хайём (1040–1122), Ҳусайн Воизи Кошифӣ (1420–1505), Сайидои Насафӣ (1711–соли вафот), Носири Хисрав (1003–1080), Аҳмади Дониш (1827–1957), Шамсиддин Шоҳин (1865–1896), Бобоҷон Ғафуров (1908–1977), Садриддин Айнӣ (1878–1957) ва дигар муҳаққиқон олимону мутафаккирон ва шоирони форсу тоҷик дар осори безаволи худ оид ба масъалаҳои гуногуни ҳаёти имрӯзаи мардум, либоспӯшӣ, рафтору гуфтор дар ҷомеа, тарзи дуруст тарбия кардан ва ба воя расонидани фарзанд ва дигар масъалаҳои муҳимми замони худ сухан ронда ва илмеро офаридаанд, ки то имрӯз моҳият ва мазмуну қимати худро аз даст надодааст.

Омӯзиши ин ғояҳо ва таълимоти педагогии мутафаккирони форсу тоҷик аҳаммияти калон дорад, зеро омили муҳимми раванди назарию маърифатӣ маҳз дар соҳаи афкори педагогӣ татбиқ гардонида мешавад, ки ин дутарафа татбиқ мегардад, яъне аз як тараф хонандаи имрӯзаро ба сатҳи донишҳои педагогӣ дар асрҳои миёна шинос менамояд ва аз тарафи дигар бошад, нақши афкори педагогиро дар инкишофи илми педагогика нишон медиҳад. Ин таълимоти

педагогӣ барои тарбияи худшиносию худогоҳӣ ва хештаншиносии хонандагон, донишҷӯён ва дар омӯзиши касбии омӯзгорон аҳаммияти калон дорад. Зеро онҳо дар руҳияи эҳтиром ба арзишҳои миллии давраҳои гузашта тарбият мекунанд ва насли навро бо анъанаву расму русуми миллӣ, урфу одат, фарҳанги миллӣ, инсонгароӣ ва ғайра ошно месозад.

«Дар таърихи давлатдории ҳар як халқу миллат бузургоне ҳастанд, ки ном ва маҳсули онҳо дар ҳеҷ давру замон аз хотири мардум фаромӯш намешаванд». [3, с. 22]

Асоси таълимоти мутафаккирони тоҷику форс дар маҷмуъ, моҳияти инсон ва озодии ӯро дар бар мегирад.

Барои шинос шудан ба равияи фарҳангию тарбиявии мутафаккирони варзида ва шахсиятҳои нотакрору нобиғаҳои давру замон мо ҳама вазифадор ҳастем, ки дар таълимоти онҳо бо эҳсоси гармии ватандорӣ, ифтихори ҳувияти миллӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои асосии таърихию фарҳангӣ ва ҳифзу густариши онҳо, барои мустаҳкам шудани ғояҳои инсонпарварона, андешаҳои созанда, ахлоқи ҳамида ва таблиғи донишу ҳикмати созандаро густариш бахшем.

Кӯшиш намоем, ки дар ҷомеа наслҳои бофазлу дониш, баландихтисосу соҳибкасберо ба камол расонем, ки ба ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, барои ояндаи ободу шукуфои Ватани азизамон софдилона хизмат карда тавонанд. Ин аст мақсади ягонаи мо барои рӯ овардан ба фарҳанги чунин мутафаккирон ва нобиғаҳои гузашта, шахсиятҳои бе мислу монанд ва нотакрори тоҷик.

Боиси ифтихор ва сарфарозист, ки мо тоҷикони ориёинажод мисли Умари Хайём, Абуалӣ ибни Сино, Закариёи Розӣ ва Абурайҳони Берунӣ барин шахсиятҳои бузург ва нобиғаҳои нотакрор дорем. Таъсири тарбияи ин мутафаккирон на танҳо дар афкори педагогӣ, балки дар таълимоти адабиёти ҷаҳонӣ ва давлатҳои исломӣ, махсусан, тарбияи ахлоқӣ, инсондӯстӣ ва некбинӣ, эстетикӣ, ҳуқуқӣ, ватандӯстию ватанпарварии мардуми ориёинажод хеле назаррас мебошад.

Ҳанӯз дар замони ҳукмрон будани дин ва оини зардуштӣ пандомӯзӣ, насиҳат, таълиму тарбия, қаробат, ҳамфикрӣ, эҳтироми байниҳамии одамон, ифтихори миллӣ, ки нишонаҳои худшиносию худогоҳии миллати қадима ва куҳанбунёди ниёгонамон маҳсуб меёфтанд, барои тарбияи насли наврас корбаст шудаанд.

Доир ба масъалаҳои тарбияи худшиносии фарзанд ва баланд бардоштани тараққиёту ташаккулёбии шахсияти он мутафаккирони тоҷику форс дар афкори педагогию пандуахлоқӣ ва эҷодиёти назмию насрии зиёде таълиф намудаанд, ки то замони мо омада расидаанд ва имрӯз ҳам қимату манзалати илмӣ ва таъсири таълимию тарбиявии худро гум накардаанд. Фикру андеша доир ба масъалаи таълиму тарбия ва рушди ҷаҳони маънавию маърифатнокии инсон (фарзанд) ҳанӯз қабл аз пайдоиши дини мубини «Ислом» дар китоби муқаддаси динии зардуштия «Авесто», ки тарғибгари «Рафтори нек», «Гуфтори нек» ва «Пиндори нек» мебошад, хуб дарҷ гардидааст. Дар қатори ин китоби муқаддаси зардуштия «Авесто» боз асарҳои зиёде низ таълиф шудаанд, ки сатҳи баланд тарбиявиро доро ҳастанд аз ҷумла, «Панднома»-и Анушервони одил ва «Пирӯзнома»-и Бузургмеҳри ҳаким. Ин асарҳои гаронарзиши мутафаккирони тоҷику форс ҷанбаи худшиносию худогоҳӣ дошта, дар шакли панду насиҳат тариқи назмию насрӣ чоп шудаанд ва дар ташаккули хештаншиносию худогоҳии хонанда нақши бориз доранд.

Дар ҷумҳурии мо тарбияи фарзанд ба ҳукми қонун даромадааст. «Ҳар як падару модар ва шахсонеро, ки ба тарбияи фарзандон машғуланд, зарур аст, ки дар зеҳну шуури онҳо намудҳои гуногуни тарбия: тарбияи ахлоқӣ, маънавӣ, ватандӯстӣ, маърифатӣ, инсондӯстӣ, зебоипарастӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, экологӣ, таҳаммул ва тоқатпазирӣ, масъулиятшиносӣ, ҳаёти солим, хештаншиносӣ, худогоҳии миллӣ ва дигар шаклҳои тарбияро, ки ба психологияи онҳо таъсири хуб мерасонад, тибқи «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5.03.2013 тарбия намоянд. [7, с. 22]

Худшиносию худогоҳӣ ва хештаншиносии миллӣ рукнҳои зиёд дорад ва ростию росткорӣ яке аз рукнҳои он мебошад, ки он муқобил аст ба кибру ғурур, худбехабарӣ, ғаррашавӣ, азхудравӣ, шомилшавӣ ба гурӯҳҳои номатлубу равияҳои тундгаро ва амсоли он, ки маҷмуи ӯ таҷассуми баръалои ҷаҳлу ҷоҳилӣ ва ҷаҳолатпарастӣ мебошад, ки дар осори мутафаккирону муҳаққиқони мо хеле хуб дарҷ гардидааст. «Касе, ки ростгӯву росткор,

ҳақиқатнигору ҳақиқатҷӯ нест ва ин хислати наҷиби инсонӣ дар замираш побарҷо набошад, чӣ гуна аз худ бохабару ба нафъи халқу миллати хеш хизмат карда метавонад. Чун дар ниҳоди касоне, ки дурӯғ гуфтан, фиреб додану фитнаҳо байни мардум ангехтан, хиёнат кардану ҷаҳлу ҷоҳилӣ овардан ва бухсу кинаю ҷаҳл маъво гирифта бошад, магар онҳо худшиносу худогоҳ шуда метавонанд? Ҳаргиз не!». [6, с. 183]

Таърихи афкори педагогии халқи тоҷик дар педагогикаи муосир таҳқиқоти муфассали илмиро тақозо менамояд. Андешаҳои мутафаккирони тоҷику форс дар бораи маърифат ва тафаккур, сухан, нутқ, эҳсос, ҳиссиёт, хирад, идрок, аз бар кардан ва дар хотир нигоҳ доштан, моҳияти калони илмӣ дорад. Осори фалсафӣ, педагогӣ, адабӣ ва илмию методии онҳо на танҳо ба Шарқи асримиёнагӣ, балки ба бисёр кишварҳои Аврупо низ таъсири калон мерасонанд.

Омӯзиш ва таҳқиқи мероси афкори педагогӣ дар ҷаҳони имрӯза маҳз ба хотири моҳияти умумибашарӣ доштани он сурат мегирад. Тарзи зист ва хусусияти ҳаёти одамон худ моҳияти умумиинсонии мероси миллиро муайян мекунанд. Омӯзиш, таҳқиқот ва фикру ақидаҳои мутафаккирони гузашта имконият медиҳанд, ки мо таҷрибаи маънавии гузаштагони худро аз ҳар гуна тамоюлҳои манфӣ ҳимоя, дастгирӣ ва пуштибонӣ намоем.

Адабиёт:

1. Б. Ғ. Ғафуров. Тоҷикон:Таърихи қаддимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав \\ Б. Ғ. Ғафуров. Душанбе: Дониш, 2008.С-870
2. Константинов Н. А. Таърихи педагогика\ А. Н. Константинов, \\Медынский Е. Н., М. Ф. Шабаева – Душанбе: 1982. – С. 75-88.
3. Қодиров К. Б. Таърихи афкори педагогии халқи тоҷик. \\Б. К. Қодиров – Душанбе: Ирфон, 1998.С.3-77
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: 26.12.2018. – С. 21
5. Пайёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҷлиси Олли Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: 24.12.2019. – С. 21- 29с
6. Ҷӯраев Б. Ростию росткорӣ яке аз омилҳои муҳими худшиносӣ.\Б. Ҷӯраев Паёми ДДК №9 Кӯлоб: 2018. –С. 183
7. Шарипов М. А. Афкори сиёсиву иҷтимоии мутафаккирони форсу точикдар таълиму тарбияи ҷавонон. \\М. А. Шарипов– Пайёми ДМТ Душанбе: 2018.С.173-177
8. Шарифзода Ф. Педагогикаи умуми ва касбӣ. \Ф. Шарифзода, \\А. Миралиев – Душанбе: Ирфон, 2012.С.550.
9. Эмомали Раҳмон Тоҷикон дар оинаи таърих аз Ориён то Сомониён. \\Эмомали Раҳмон - Душанбе: Ирфон; ҷил.1.2009. –С.2-25

МАСЪАЛАИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ АЗ НИГОҲИ МУТАФАККИРОНУ ОЛИМОНИ ШИНОХТАИ ТОҶИК

Мақолаи мазкур фарогири масъалаи педагогӣ-психологӣ ва иҷтимоӣ буда, дар он аз осори панду ахлоқӣ ва мероси гаронбаҳои педагогии мутафаккирону олимон ва муҳаққиқони шинохтаи тоҷик доир ба масъали тарбияи худшиносӣ, худогоҳӣ ва хештаншиносӣ, ки барои ҳар як фарди соҳибмаърифат зарур аст, ба шакли мухтасар ҷамъоварӣ карда шудааст. Ин мавзуъ дар адабиёти педагогӣ хеле доманадор ва гуногунпаҳлу мебошад. Вале муҳаққиқ аз махзани ганҷи адабиёти гузашта тавонистааст дури маънӣ ҷӯяд ва онро ба риштаи андеша кашида, барои наврасону ҷавонон оид ба хислат ва хусусияти тарбия худшиносӣ, худогоҳӣ ва хештаншиносӣ маводи мукаммалро ҷамъоварӣ намуда, пешкаш кардааст.

Дарку шинохти саҳеҳи тамаддуну фарҳанг ва таърихи куҳани миллат дар руҳияи баланд бардоштани худшиносӣ, худогоҳӣ, хештаншиносӣ ва ифтихори миллии насли ҷавон хеле муҳим мебошад. Бахусус, дар эҳёи суннатҳои таърихию фарҳангӣ ва дар руҳияи ташаккул ва такомул ёфтани худогоҳиву худшиносӣ ва хештаншиносии миллат саҳми босазо мегузорад.

Калидвожаҳо: таълим, тарбия, омӯзиш, худшиносӣ, мутафаккир, олимон, муҳаққиқон, мерос ва ғайра

ПРОБЛЕМА НАЦИОНАЛЬНОГО САМОПОЗНАНИЯ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ИЗВЕСТНЫХ ТАДЖИКСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ И УЧЕНЫХ

Данная статья освещает педагогико-психологические и социальные вопросы, содержит краткий сборник учебно-нравственных трудов и ценного педагогического наследия известных таджикских мыслителей, ученых и исследователей по проблеме самопознания и самосознания,которые необходимы каждому образованному человеку. Эта тема очень разнообразна и многогранна в педагогической литературе. Однако исследователю удалось извлечь смысл из сокровищницы литературы прошлого и выстроить его в нить мысли, собрав и представив целостный материал для подростков и молодых людей о природе и особенностях самосознания и самопознания.

Точное понимание цивилизации, культуры и древней истории нации очень важно в духе повышения самосознания, самосознания, самосознания и национальной гордости молодого поколения. В частности, он вносит значительный вклад в возрождение историко-культурных традиций, в формирование и совершенствование самосознания и самосознания нации. Правильное понимание древней цивилизации, культуры и истории народа имеет большое значение в духе повышения самосознания, самопознания и национальной гордости молодого поколения. В частности, оно вносит существенный вклад в возрождение историко-культурных традиций и духе формирования и совершенствования самосознания и самопознания народа.

Ключевые слова: образование, воспитание, обучение, самосознание, мыслитель, учёные, исследователи, наследие и т.д.

THE PROBLEM OF NATIONAL SELF-KNOWLEDGE FROM THE POINT OF VIEW OF FAMOUS TAJIK THINKERS AND SCIENTISTS

This article covers pedagogical-psychological and social issues, contains a short collection of educational-moral works and valuable pedagogical heritage of famous Tajik thinkers, scientists and researchers on the problem of self-awareness, piety and self-awareness. what every educated person needs to do. This topic is very diverse and varied in pedagogical literature. However, the researcher managed to find meaning in the treasury of literature of the past and involve it in the thread of thought.

An accurate understanding of the civilization, culture and ancient history of a nation is very important in the spirit of raising the self-awareness, self-consciousness, self-consciousness and national pride of the younger generation. In particular, it makes a significant contribution to the revival of historical and cultural traditions, to the formation and improvement of the self-awareness and self-consciousness of the nation.

Key words: education, upbringing, training, self-awareness, thinker, scientists, researchers, heritage, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: Ёрматзода Алишер Ҷолмат – муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров – 16. Телефон: (992) 988 53 69 62

Сведения об авторе: Ёрматзода Алишер Джолмат – старший преподаватель кафедры гуманитарных наук и методики их преподавания Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С. Сафарова - 16. Телефон: (992) 988 53 69 62.

Information about the author: Yormatzoda Alisher Jolmat – senior lecturer at the department of humanities and methods of teaching, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, S. Safarova street - 16. Phone: (992) 988 53 69 62.

ТДУ 681.3.06 : 519.6

УСУЛҲОИ ОМӮЗИШИ МУШКИЛГАРО-ИНКИШОФӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ АСОСИИ ЭҶОДИ ҲАВАСМАНДӢ БА ОМӮЗИШИ БАРНОМАСОЗӢ

Ғафоров З.Б., муаллими калон
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Ҳадафи асосии технологияҳои инноватсионии таълимӣ омода кардани шахс ба ҳаёт дар ҷаҳони доимо тағйирёбанда мебошад. Мақсади фаъолияти инноватсионӣ тағйироти сифатӣ дар шахсияти хонанда нисбат ба низоми анъанавӣ мебошад. Ин ба шарофати дар фаъолияти касбӣ ҷорӣ намудани малакаҳои ҳавасмандкунии амалҳо, мустақилона паймоиш кардани иттилооти гирифташуда ва ташаккули тафаккури ғайримуқаррарӣ имконпазир мегардад.

Барои ҳалли масъалаҳо дар дарсҳои информатика метавон ҳамчун усули инноватсионии технологияи таълими мушкилгароро истифода кард.

Ба роҳ мондани ин усул ба мо имкон медиҳад, ки ҳангоми кор аз рӯйи масъала ва ҳангоми интихоби мавод аз мушоҳида фаъолона истифода барем, фарзияҳо пешниҳод намоем, онҳоро ба таври таҷрибавӣ санҷем ва ба ин васила, барои ҳалли масъалаи додашуда кӯшиш кунем [1, с. 3].

Омӯзиши мушкилгаро ба эҷоди як намуди махсуси ҳавасмандкунӣ - мушкилот асос ёфтааст.

Усулҳои мушкилгаро усулҳое мебошанд, ки ба эҷоди ҳолатҳои мушкилот асос ёфтаанд. Дар назарияи муосири омӯзиши мушкилгаро ду намуди ҳолатҳои мушкилгароро ҷудо мекунанд: психологӣ ва педагогӣ. Якум ба фаъолияти донишҷӯён, дуюм ба ташкили раванди таълим дахл дорад.

Технологияи таълими мушкилгаро-инкишофӣ марҳалаҳои зерини фаъолияти ҷустуҷӯиро дар бар мегирад:

Расми 1. Марҳалаҳои технологияи таълими мушкилгаро – инкишофӣ

Омӯзиши мушкилгаро-инкишофӣ ба мо имкон медиҳад, ки фаъолияти маърифатиро тавассути як масъалаи мушкилгаро, супорише фаъол созем, ки дар он мушкилоте, ки ҳанӯз аз ҷониби донишҷӯён ошкор нашудааст. Савол бояд ба синну соли донишҷӯ ва маводи омӯхташаванда мувофиқ бошад. [3, с. 4]

Сатҳи ҳолати мушкилгаро:

Расми 2. Сатҳи ҳолати мушкилгаро

Вазъияти мушкилгарои педагогӣ бо ёрии амалҳои фаъол, саволҳои муаллим, ки навовариро таъкид мекунад, ба вуҷуд меояд.

Бо эҷод кардани вазъияти мушкилгаро, мо бояд ба чизи асосӣ ноил шавем, яъне донишҷӯёнро барои ҳалли он равона кунем. Он гоҳ вай ба ҳалли масъала шавқу ҳавас пайдо мекунад ва ҳангоми ҷустуҷӯи роҳҳои ҳал донишҷӯён тарзу усулҳои нави рафторро аз худ намуда, дониши нав мегиранд.

Барои эҷоди ҳолатҳои мушкилгаро мо метавонем аз усулҳои методологии зерин истифода барем:

– дар назди донишҷӯён гузоштани масъалаи зиддиятнок ва ҳавасманд кардани онҳо барои ёфтани роҳи ҳалли он;

– пешниҳоди нуқтаи назари гуногун оид ба як масъала;

– қобилияти баррасии мушкилот аз мавқеъҳои гуногун;

– додани саволҳои мушаххас (барои умумӣ, асосноккунӣ, мушаххаскунӣ, мантиқи мулоҳиза);

– намудҳои гуногуни масъалаҳои мушкилгаро (масалан, бо маълумоти ибтидоии нокифоя ё зиёдатӣ, номуайянӣ дар таҳияи савол, бо маълумоти мухолиф, бо хатогиҳои ошкоро, бо вақти маҳдуд барои ҳалли масъала).

Агар мо масъаларо дуруст тартиб дода, онро аниқ муайян кунем ва синфро ба ёфтани ҳалли он шавқманд кунем, он гоҳ натиҷа дар охири дарс аён мегардад. [5, с. 6]

Фаъолиятро бо истифода аз меъёрҳои зерин арзёбӣ кардан мумкин аст:

а) талаба барои амал кардан дар вазъияти мушкил ангезаи мусбат дорад (ман мехоҳам онро бифаҳмам, ман кӯшиш мекунам, боварӣ ҳосил кардан мехоҳам, ки ин вазъиятро ҳал карда метавонам...);

б) мавҷудияти эҳсосоти мусбат дар донишҷӯён аз фаъолиятҳои дарс («Ман аз машғулият лаззат мебарам, ба ман ин масъала шавқовар аст);

в) таҷрибаи кашфи субъективии донишҷӯён («ман худам ин натиҷаро гирифтам, худам аз ин мушкилот баромадам...»);

г) огоҳии хонанда аз омӯхтани чизҳои нав ҳамчун арзиши шахсӣ («Шахсан ба ман ин лозим аст, барои ман муҳим аст, ки тарзи ҳалли ин ҳолатҳоро омӯзам, ба ман ин дониш лозим мешавад...»);

ғ) аз худ намудани тарзи умумии муносибат ба вазъиятҳои мушкилгаро: таҳлили далелҳо, пешниҳод кардани фарзияҳо барои шарҳ додани онҳо, тафтиши дурустии онҳо ва баст овардани натиҷаҳо.

Ҳолатҳое ҳастанд, ки мушкилоти дар синф гузошташуда на ҳамеша шавқи донишҷӯёнро ба вуҷуд меорад. Баъзан онҳо метарсанд, ки ин масъалаҳоро мустақилона ҳал кунанд. Дар ин ҳолат, ба мо масъалае лозим аст, ки дар назари аввал оддӣ менамояд, аммо дар асл муносибати ғайристандартиро талаб мекунад, ки мушкилот эҷод мекунад. [7]

Вазъияти мушкилгаро аз нуқтаи назари илми равоншиносӣ вазъиятест, ки шахс бо дониш ва усулҳои амали ба ӯ маълум ба ҳадаф расида наметавонад ва ин боиси ҳайратангезии самимӣ мегардад: «Чаро кор намекунад?». Таваҷҷуҳ ва ниёзи дохилии хонанда барои фаҳмидани ин мушкилот пайдо мешавад. Ин эҳсосоте, ки ба вуҷуд меоянд, диққати иловагиро ба масъала талаб мекунад, ки моро маҷбур мекунанд, ки дар кадом марҳила ва чаро вазъияти ҳалнашаванда пайдо шуд.

Дар номи мавзуи дарс вазъияти мушкилгаро эҷод кардан хеле самаранок аст. Масалан, мавзуи дарсро ташаккул додан, донишҷӯёнро барои ёфтани ҷавоб дар ибтидои дарс ҳавасманд мегардонад, мисол:

Натиҷаи холҳои бадастовардаи рейтинги донишҷӯён дар забони барномасозӣ ба намуди диаграммавӣ оварда шавад.

Барои ҳалли ин масъала низ аз имкониятҳои графикии забони барномасозии C++ истифода менамоем.

Қадами 1. Гузоштани компонентҳои лозимӣ дар объекти форма.

- гузоштани компоненти StringGrid дар объекти форма;
- гузоштани компоненти Button дар объекти форма;
- гузоштани компоненти Chart дар объекти форма.

Баъд аз гузоштани ин компонентҳо намуди зоҳирии барнома чунин мебошад.



Расми 3. Равзанаи барнома

Қадами 2. Дар ин марҳала аз хосиятҳои компонентҳо истифода намуда, миқдори сатри ҷадвалро барои 10 донишҷӯ ва миқдори сутунҳои он, рақами тартибӣ ва холи донишҷӯро мегузорем. Инчунин, аз хосияти Captioni компоненти Button истифода намуда, номи онро diagramma мегузорем.

Ба болои компоненти Chart ду маротиба тугмаи чапи мушро пахш намуда, аз равзанаи пайдошуда тугмаи Add-ро пахш намуда, намуди графикро интихоб мекунем.



Расми 4. Равзанаи барнома

Қадами 3. Ба навиштани коди барнома шуруъ мекунем

Листинг - коди барнома

```
//---------------------------------------------------------------------------
#include <vcl.h>
```

```
#pragma hdrstop
#include «Unit1.h»
//---------------------------------------------------------------------------
#pragma package(smart_init)
#pragma resource «*.dfm»
TForm1 *Form1;
//---------------------------------------------------------------------------
__fastcall TForm1::TForm1(TComponent* Owner)
 : TForm(Owner)
{
}
//---------------------------------------------------------------------------
void __fastcall TForm1::Button1Click(TObject *Sender)
{int i,a[10];
for(int i=1; i<=10; i++){
a[i]= StrToInt(StringGrid1->Cells[1][i]);
}
for(int i=1; i<=10; i++){
Series1->AddXY(i,a[i]);
}
}
//---------------------------------------------------------------------------
void __fastcall TForm1::FormCreate(TObject *Sender)
{
 StringGrid1->Cells[0][0]= “ №”;
 StringGrid1->Cells[1][0]= “ хол”;
 for(int i=1; i<=10; i++){
 StringGrid1->Cells[0][i]=(i);
}
}
//---------------------------------------------------------------------------
```

Қадами 4. Баъд аз ба кор даровардани барнома натиҷаи зеринро ба даст меорем.

Расми 5. Натиҷаи барнома



Яке аз афзалиятҳои асосии ин усул дар он аст, ки он ба донишҷӯён дар фаҳмидани мафҳумҳои мураккаб кумак мекунад. Намоишҳои визуалӣ метавонанд, идеяҳои абстрактӣ ва душворфаҳмро мушаххастар ва дастрас гардонанд. Илова бар ин, истифодаи тасвирҳо метавонанд ба донишҷӯён барои беҳтар дар хотир нигоҳ доштани маълумот кумак расонад, зеро тасвирҳои визуалӣ нисбат ба иттилооти матнӣ дар хотир доштан осонтаранд. [3, с. 7]

Агар ба мо лозим ояд, ки донишҷӯёнро ба машғулиятҳои мушкилгаро ҳавасманд гардонем, пас саволҳои дар давоми дарс додашуда бояд аз нав таҳия карда шаванд ва онҳоро ба саволҳои мушкилгаро табдил диҳем.

Хусусияти ин гуна саволҳо дар он аст, ки онҳо дар донишҷӯён ҳолати зиддияти бошуурона байни дониш ва ҷаҳолатро ба вуҷуд меоваранд, ки роҳи раҳоӣ аз он танҳо ҷустуҷӯи ҷавоб ба савол буда метавонад. Ин ҳолат вазъияти мушкилгаро мебошад.

Ҳангоми иҷрои корҳои амалӣ ва таҳкими мавод низ бояд масъалаҳои мушкилгаро тартиб дода шаванд.

Масалан, ҳангоми ба итмом расонидани омӯзиши мавзуи «Таҳрири ҳуҷҷатҳои матнӣ» мо ба донишҷӯён вазифа медиҳем: матнро дар файле, ки мо аз Интернет «зеркашӣ» кардаем, таҳрир кунед - фосилаҳои иловагӣ, сатрҳои холӣ ва ғайраро нест кунед, аммо ин бояд зуд анҷом дода шавад. Чӣ хел? Пас аз чанд мулоҳиза, донишҷӯён ба хулосае меоянд, ки онҳо бояд фармони менюи «Найти и заменить» -ро истифода баранд, ки дар он ду фосила дар тамоми ҳуҷҷат якбора ба як фосила иваз карда мешавад.

Масъалаи мушкилгаро, бар хилофи саволи масъала, як қатор амалҳоро дар бар мегирад ва донишҷӯён бояд мустақилона ҷустуҷӯи қисман усули амал ё маълумоти нокифояро анҷом диҳанд. [8]

Хусусияти омӯзиши мушкилгаро-инкишофӣ дар он аст, ки вай кӯшиш мекунад, аз маълумоти психологӣ вобаста ба робитаи зичи равандҳои таълим, шинохт, таҳқиқ ва тафаккур ба таври максималӣ истифода барад. Аз ин нуқтаи назар, раванди таълим бояд раванди тафаккури истеҳсолиро, ки пайванди марказии он имкони кашфиёт, имкони эҷодкорӣ мебошад, ифода кунад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки маҳз супоришҳои эҷодӣ ва масъалаҳои мушкилгаро, ки дорои унсурҳои номуайянӣ ва зиддият мебошанд, фаъолияти маърифатии донишҷӯёнро ҳавасманд мекунанд. Ин шакли таълим дар ташкил ва гузарондани кори таълимӣ-таҳқиқотӣ бештар ба мақсад мувофиқ аст.

Адабиёт:

1. Ғафоров, А.Б. Забони барномасозии С++: Дастури таълимӣ [Матн] / З.Б. Ғафоров, А.Б. Ғафоров. – Душанбе, 2020. – 126с.
2. Стахин, Н.А. Мотивирование студентов к изучению программирования (языка программирования СИ) / Н.А. Стахин, З.Б. Гафоров // Образование в этнополикультурной среде: состояние, проблемы, перспективы: Материалы VII Международного молодёжного научно-культурного форума, Томск, 23–24 марта 2017 года / Под научной редакцией Л.В. Ахметовой; Томский государственный педагогический университет. – Томск: Национальный исследовательский Томский государственный университет, 2017. – С. 221. – EDN UCGOMT.
3. Одинаев Р.Н. Усулҳои омӯзиши мушкилгаро-инкишофӣ ҳамчун заминаи асосии эҷоди ҳавасмандӣ ба омӯзиши информатика / Р.Н. Одинаев, З.Б. Ғафоров / Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Таҳлили компютерии масъалаҳои илм ва технология», бахшида ба «Солҳои 2020-2040 эълон гардидани 20-солаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» (Тоҷикистон, Душанбе, 24 октябри 2023). –Саҳ. 151-154.
4. Одинаев Р.Н. Формирование учебной мотивации студентов на уроках информатики в вузах республики таджикистан / Р.Н. Одинаев, З.Б. Гафоров, А. Хамидова / Материалы XII – международной научно-практической конференции «Современные проблемы математического моделирования и её применения», посвященная «2020-2040 годы, 20-летию изучения и развития естественных, точных и математических наук в области науки и образования» и «75-летию

Таджикского национального университета» (Таджикистан, Душанбе, 18 мая 2024) [10-М]. – С.393-397.

5. Ғафоров З.Б. Ҳавасмандгардонии донишҷӯён бо усули таҳқиқотии таълим барои омӯзиши информатика / З.Б. Ғафоров / Маводҳои конференсияи XII-уми байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои муосири амсиласозии математикӣ ва татбиқи он», бахшида ба «Солҳои 2020-2040 эълон гардидани 20-солаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ва «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» (Тоҷикистон, Душанбе, 18 майи 2024). – Саҳ. 421-425.

6. Одинаев, Р.Н. Развитие мотивации на уроках информатики и программирования как средство повышения уровня обученности учащихся в образовательных учреждениях Республики Таджикистан / Р.Н. Одинаев, З.Б. Гафоров // Вестник Института развития образования. – 2021. – № 2(34). – С. 183-190. – EDN GTCAGR.

7. Шарипов, Ф.Ф. Особенности обучения языкам программирования в образовательных учреждениях Республики Таджикистан / Ф.Ф. Шарипов, З.Б. Гафоров // Вестник Таджикского национального университета. – 2020. – № 4. – С. 161-168. – EDN AREEKR.

8. Одинаев, Р.Н. Создания мотивации к изучению предметов информатики и программирования в СОУ ах, ВУЗ ах на примере компьютерного моделирование движения автомобилей на языке прогроммирования «с++» / Р.Н. Одинаев, З.Б. Гафоров // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2020. – № 4. – С. 103-110. – DOI 10.51884/2413-452X_2020_4_103. – EDN TUQQDX.

9. Гафоров, З.Б. Мотивация студентов использованием мультимедийной технологии в процессе обучения информатики / З.Б. Гафоров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2022. – № 1-3(101). – С. 221-226. – EDN LIHTKK.

10.Аванесов, В.С. Методические и теоретические основы тестового педагогического контроля [Текст] / В.С. Аванесов // Дисс. док. пед. наук. – Москва, 1994. – 308 с.

11.Аверьянов, Л.Я. Система электронного обеспечения учебного процесса [Текст] / Л.Я. Аверьянов, Е.Л. Цуканова // Дистанционное и виртуальное обучение: Дайджест роС. и зарубеж. прессы. – 2002. – № 4. – С. 5-7.

12.Айрапетян, Н.А. Методика разработки тестов успешности усвоения и организации тестового контроля [Текст] / Н.А. Айрапетян, М.И. Ерецкий. – М.: Б.И., 1982.

УСУЛҲОИ ОМӮЗИШИ МУШКИЛГАРО-ИНКИШОФӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ АСОСИИ ЭҶОДИ ҲАВАСМАНДӢ БА ОМӮЗИШИ БАРНОМАСОЗӢ

Ҳадафи асосии технологияҳои инноватсионии таълимӣ омода кардани шахс ба ҳаёт дар ҷаҳони доимо тағйирёбанда мебошад. Мақсади фаъолияти инноватсионӣ тағйироти сифатӣ дар шахсияти хонанда нисбат ба низоми анъанавӣ мебошад. Ин ба шарофати дар фаъолияти касбӣ ҷорӣ намудани малакаҳои ҳавасмандкунии амалҳо, мустақилона паймоиш кардани иттилооти гирифташуда ва ташаккули тафаккури ғайримуқаррарӣ имконпазир мегардад.

Калидвожаҳо: технология, инноватсия, эҷоди ҳавасмандкунӣ, таълими мушкилгаро-инкишофӣ, омӯзиши барномасозӣ, усулҳои таълим, гузориши мушкилгаро, ҳолати мушкилгаро.

ПРОБЛЕМНО-РАЗВИВИТЕЛЬНЫЕ МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЯ КАК ОСНОВНАЯ ОСНОВА СОЗДАНИЯ МОТИВАЦИИ ПРИ ПРОГРАММИРОВАНИИ ОБУЧЕНИЯ

Основная цель инновационных образовательных технологий – подготовить человека к жизни в постоянно меняющемся мире. Цель инновационной деятельности – качественные изменения личности студента по сравнению с традиционной системой. Это становится возможным благодаря внедрению навыков мотивирующих действий, самостоятельной навигации полученной информации и формированию нестандартного мышления в профессиональной деятельности.

Ключевые слова: технология, инновация, создание мотивации, проблемно-развивающее обучение, обучение программированию, методы обучения, проблемный отчет, проблемная ситуация.

PROBLEM-DEVELOPMENTAL TEACHING METHODS AS THE MAIN BASIS FOR CREATING MOTIVATION IN LEARNING PROGRAMMING

The main goal of innovative educational technologies is to prepare a person for life in a constantly changing world. The goal of innovative activities is qualitative changes in the student's personality compared to the traditional system. This becomes possible due to the introduction of skills of motivating actions, independent navigation of the received information and the formation of non-standard thinking in professional activities.

Key words: technology, innovation, motivation creation, problem-based learning, programming training, teaching methods, problem report, problem situation.

Маълумот дар бораи муаллиф: Ғафоров Зафар Бобобекович – муаллими калони кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва иқтисодиёти рақамии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5, E-mail Zafar_6672@mail.ru Телефон: (+992) 919-54-50-01.

Сведения об авторе: Гафоров Зафар Бобобекович – старший преподаватель кафедры информационных технологий и цифровой экономики Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Адрес: 734055, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Борбад 48/5, E-mail Zafar_6672@mail.ru Телефон: (+992) 919-54-50-01.

Information about the author: Ghaforov Zafar Bobobekovich – Senior Lecturer of the Department of Information Technology and Digital Economy of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Avenue 48/5, E-mail Zafar_6672@mail.ru Phone: (+992) 919-54-50-01.

ТДУ: 372.8

ИСТИФОДАИ ДУРУСТИ МАВОДИ ДИДАКТИКӢ – АСОСИ БОЛОРАВИИ ДОНИШ

Назарзода А.Ҷ., унвончӯ
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Дигаргунсозии имрӯзаи таҳсилоти умумӣ барои баланд бардоштани сифат ва самаранокии таълими фанҳои табиатшиносӣ, саҳми он дар ҳамгироии байнифаннӣ, ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, фарҳанги умумӣ ва экологӣ, рушди ҳамаҷонибаи шахсияти хонандагон нигаронида шудааст. Стандарти нави давлатӣ аз фанни химия доираи мазмуни ҳатмии фанро хеле васеъ намуд, вале дар айни замон, муҳлати таълими ин фан бетағйир аст. Барои аз худ кардани мавзуъ ва амалӣ намудани ҳадафҳои умумии таълим мо бояд омӯзиши маводи назариявиро кам намуда, истифодаи робитаҳои сабабу натиҷа, умумиятсозӣ, низомсозӣ ва ба расмият даровардани донишҳо, амсиласозӣ, банақшадарорӣ, нишон додани мафҳумҳои муҳимтарин, ташкили донишҳо бо омӯзиши маводҳои амалии гуногун ва истифодаи методҳои гуногунро омӯзем.

Аз ин лиҳоз, дар ҷараёни таълим хонандагон ба душвориҳои вобаста ба омӯхтан ва татбиқ карда натавонистани донишҳои гирифтаашон, масалан, тартиб додани формулаҳои моддаҳо, ҳосил кардани муодилаҳои пайвастшавӣ, навиштани муодилаҳои диссотсиатсия ва ғайра дучор мешаванд. Дар ин ҳолат зарурати онҳоро метавонад маводҳои дидактикӣ осон намояд. Онҳо имкон медиҳанд, ки фаъолияти хонандагон, диққати тамоми синфро мутамарказ намоем ва ҳар як хонандаро ба кор ҷалб кунем. Истифодаи маводи дидактикии дорои хусусияти ибратбахш бо шарҳи омӯзгор ва мисолҳои мушаххас хеле муҳим аст.

Самаранокии раванди таълим бештар аз методикаи бодиққат таҳияшудаи мониторинги дониш вобаста мебошад. Аз сабаби маҳдуд будани вақт ба таври фаврӣ санҷидани дониши ҳама хонандагон бо методҳои анъанавӣ душвор буда метавонад, аз ин рӯ, аз шаклҳои зерини назорат истифода бурдан лозим аст: тестҳои бисёрҷабҳагӣ, диктантҳои химиявӣ ва бозиҳои дидактикӣ [1, с.18].

Маводи дидактикӣ навъи махсуси воситаҳои таълимӣ буда, чунин аёниятҳо ба монанди: харитаҳо, ҷадвалҳо, маҷмуи кортҳо бо матн, рақамҳо ё расмҳо ва ғайраҳо мебошанд [2, с. 198]. Онҳо маводҳои дидактикиро мукаммал намуда, баъзе мавзуҳои барномаи таълимро пурратар кушода медиҳанд. Ин маводҳо пеш аз ҳама барои хонандагон барои рушди қобилиятҳои маърифатӣ заруранд.

Маводҳои дидактикии ёрирасон барои таълим хеле муҳиманд, омӯзгорон онҳоро натанҳо метавонанд барои фаъол гардонидани фаъолияти маърифатии таълимгирандагон дар дарсҳо, балки дар корҳои беруназсинфӣ низ истифода баранд.

Маводҳои дидактикӣ маводҳои зеринро дар бар мегиранд, ки таълимро салоҳиятнок такмил медиҳанд [3, с. 157]:

- презентатсияҳо;
- бозиҳои таълимӣ;
- ҳама намуди кортҳо;
- расмҳо;
- диаграммаҳо,
- ҷадвалҳо;
- графика,
- нақшаҳо;
- харитаҳои тенологӣ ва ғайра.

Маводҳои дидактикӣ барои мустақилона иҷро кардани супоришҳо кумак мекунанд. Хонандагон низ бо дастони худ ва ё якчоя бо омӯзгор чунин асбобҳои таълимиро месозанд. Бо ёрии онҳо дарсро азхуд кардан ва маълумоти навро дар хотир нигоҳ доштан ва аз нав ҳосил намудан осонтар мешавад. Азбаски, дар давоми дарс хонанда натанҳо гӯш мекунад, балки ба ҳама гуна мисолҳо, расмҳо, созишҳо назар мекунад, дар ин раванд барои дарки бештари аёниятҳо омӯзгор метавонад ҳатто маводи нав, видео ё презентатсияи ҷолибро нишон диҳад. Ин ҳам маводи дидактикист, ки хонандагон ба ин пешниҳоди мавод таваҷҷуҳ доранд.

Муассисаҳои таълимӣ ҳамроҳи омӯзгорон худашон интихоб мекунанд, ки барои раванди таълим кадом асбобҳои аёнӣ зарур мебошанд. Ҳамзамон, возеҳият, хусусиятҳои синну соли хонандагон ва дараҷаи фардият ба назар гирифта мешаванд [4, с. 23].

Воситаҳои гуногуни намоишӣ ба ин гуна маводҳои ёрирасон овезаҳо, ҷадвалҳо, замимаҳои китобҳои дарсӣ, маҷмуаи масъалаҳо дохил мешаванд. Ин гуна маводҳо инчунин маълумотномаҳо номида мешаванд. Ин маводи дастрастарин аст, мо метавонем онҳоро худамон низ тайёр кунем. Бо дастони худ сохтани асбобҳои таълимӣ дар хонандагон эҳтиром зоҳир карданро ба меҳнати дигарон тарбия мекунад.

Дастурҳо. Барои хонандагон шумо метавонед рақамҳои ғайриоддиро дар шакли бодкунакҳо, бо замимаҳои гуногун, варианти баргардонидашуда, бо ришта истифода баред. Чунин саҳначаҳои шавқовар хонандагони ҷавонро бешубҳа мафтун мекунад ва онҳо бештар маълумоти нав мегиранд.[6, с. 255].

Ҷадвалҳо. Ин ҳам маводи паҳнкунанда аст, аммо маводҳои аёнӣ дар шакли ҷадвалҳо хеле гуногунанд, бинобар ин онҳо ҳамчун як гурӯҳи алоҳида тасниф карда мешаванд. Ҷадвалҳо барои маълумот, омӯзиш, таълим ва санҷиш мавҷуданд. Маълумотро дар ҷадвалҳо, гурӯҳҳо ва дар шакли сутунҳо, диаграммаҳои гуногун ҷойгир кардан мумкин аст. Якчанд намуди маводҳои дидактикӣ - таълимӣ мавҷуданд:

- маълумотномаҳо (овезаҳо) –онҳо дорои маълумоти зуд-зуд ивазшаванда мебошанд, ҷадвалҳо одатан ҳамчун овезаҳо ҷойгир карда мешаванд. Масалан, ҷадвали даврии Д.И. Менделев дар кабинети химия.

- таълимӣ (чунин ҷадвалҳо ҳамчун маводи иловагӣ ба маводи омӯхташуда хизмат мекунанд, масалан, тасвири занҷири ғизо, тасвири визуалии фаслҳо).

- таълимӣ (чунин ҷадвалҳо ҳамчун намуна истифода мешаванд, масалан, барои дуруст навиштани имло).

- омӯзишӣ (барои омӯзиш ва таҳкими маводи фарогирифташуда, масалан, барои омӯзиши малакаҳои математикӣ).

Расмҳои гуногун, тасвири ашёҳо, ҳайвонот, кортҳо, ё диаграммаҳоро барои тасвири бештари визуалӣ, расмро метавон дар формати калон таҳия карда, ҳамчун овезаҳо истифода бурд. Ҳар як мавзуъ метавонад дорои овезаҳои таълимӣ ва тасвирҳои худ бошад [7, с. 88].

Дастурҳои электронӣ дарсҳои видеоӣ, презентатсияҳои гуногун, китобҳои электронии аудио ва видео мебошанд [8, с. 232]. Аз ҳама ёрирасонҳои электронии самаранокторин дарсҳои видеоӣ мебошанд, ки бо тамошои чунин мавод хонандагон қисми зиёди иттилоотро аз худ карда метавонанд. Бо ёрии дарси видеоӣ, хонандагон метавонанд мустақилона мавзуъро омӯзанд, ин вариант дар ҳолати бемор ё ҳангоми омӯзиши фосилавӣ қулай аст. Чунин маводҳо бо ҷадвалҳо, диаграммаҳо, суратҳо пурра карда мешаванд, ки ин раванди таълимро шавқовар мегардонад. Ҳамин тариқ, ҳангоми истифодаи маводи электронӣ ба як даста қайдҳои қоғазӣ ва воситаҳои аёнӣ эҳтиёҷе нест, вале табиист, ки ин онҳоро пурра иваз карда метавонад [9]. Бо омӯзиши фосилавӣ, шумо имкон доред, ки ба омӯзгор онлайн савол дода, кори амалиро анҷом диҳед ва онро барои санҷиш пешниҳод намоед. Мавҷудияти маводҳои электронӣ дар ҷаҳони муосири иттилоотӣ зарур мебошад ва дар раванди таълим нақши бузург мебозад. Ин шароитҳоро дар таълим ба даст овардан мумкин аст: самаранокии азхудкунии мавод меафзояд, ҷустуҷӯйи маълумот вақти камтарро мегирад, хонанда ба омӯхтани ин мавзуъ шавқ пайдо менамоянд, шумо метавонед дарсро худатон омӯзед, метавонад барои аудиторияи калон истифода намоед; маълумоти навро равшан шарҳ додан мумкин аст.

Тарҳрезии раванди таълим ҷузъи муҳимми фаъолияти касбии омӯзгор буда, амалҳои педагогиро дар асоси огоҳӣ аз ҳадафи фаъолият, методҳо ва шаклҳои амалисозии онҳо дарбар мегирад [10, с. 92].

Дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ оид ба ин мавзуъ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки маводи дидактикӣ як намуди воситаи махсуси таълимӣ мебошад, ки мавзуъҳои ҷараёни таълимро пурра мекунад. Маводи дидактикӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки қобилиятҳои маърифатиро инкишоф дода, супоришро мустақилона иҷро намоянд.

Дар маводи дидактикӣ вазифаҳои гуногун мавҷуданд, ки барои ташкил ва гузаронидани дарсҳои ҷолибу шавқовари химия ва дигар фанҳо, корҳои беруназсинфии онҳо кумак мекунанд.

Дар доираи ин кор харитаи технологии дарси химия барои бахши «Омехтаҳои элементҳои химиявӣ» бо истифода аз маводи дидактикӣ барои синфи 8 харитаи технологӣ тартиб дода шуд, ки намунаи мухтасари он пешниҳод карда мешавад [11, с. 56].

Таҷҳизоти техникии дарс: компютер, проектори мултимедиявӣ.

Таҷҳизот ва реактивҳо: дар мизи хонандагон: диаграммаҳои ёрирасон (оксидҳо, кислотаҳо, асосҳо), варақаҳои дидактикӣ бо супоришҳо, пробиркаҳо бо реактивҳо: коғази индикаторӣ, пробиркаҳои рақамӣ (1, 2, кислота, асосҳо), варақаҳои холӣ.

Шиори имрӯзаи дарс: «Такрор модари дониш аст».

Дар рафти машғулиятҳо

1. Ташкил намудани лаҳзаи дарсӣ.
2. Омӯзгор бо сухани муқаддимавӣ дар бораи ҳадафҳои дарс ифтитоҳ мебахшад.

Омӯзгор: Хонандагони азиз, дар дарсҳои гузаштаи химия мо таркиб ва хосиятҳои пайвастагиҳои ғайриорганикии синфҳои гуногунро муфассал дида баромада будем.

Мавзуъ дар тахта навишта шудааст: «Муҳимтарин синфҳои пайвастагиҳои ғайриорганикӣ».

Дар тахтаи синф: эпиграфро дар шакли презентатсия ё слайд намоиш медиҳем.

Омӯзгор: Мақсади дарси имрӯза аз баррасӣ ва ҷамъбасти дониш дар ин мавзуъ ба таври шавқовар аст.

Ҳар яки шумо дар рӯйи мизи худ варақаи холҳо доред. Ба онҳо зуд имзо гузоред. Дар давоми тамоми дарс шумо супоришҳоро иҷро мекунед ва натиҷаи кори худро дар ин варақаҳои баҳогирӣ қайд мекунед. Агар шумо ҷавоби дуруст дода бошед, дар варақаи баҳодиҳӣ ба худ “+” ва агар нодуруст бошад, “-” қайд кунед.

Такрор ва умумикунонии дониш.

Бачаҳо, агар шумо ба тахта диққат диҳед, эҳтимол пай бурдед, ки аз номи мавзуъ чаҳор тирча поён меравад. Ҳангоми ҳалли муаммоҳо мо ҷойҳои холии зери тирҳоро пур мекунем.

Муаммоҳо:

Қадраш азиз чу нон аст,
Маззаи таом бо он аст.
Конаш андар Хатлон аст,
Машҳур дар ҷаҳон аст.
(Ҷавоб: Намаки ошӣ, NaCl.)
Дар зарфи шишагӣ он,
Намеистад, ту бидон.
Дар зарфи пастмассӣ,
Лек меистад ҷӯраҷон.
(Ҷавоб: Кислотаи фторид НҒ.)
Ҳаст моддаи тарканда,
Нагӯед онро ганда.
Давои дарди дил аст,
Бовар кунед ба банда.
(Ҷавоб: Нитроглитсерин.)
Сад олим ҷусту наёфт,
Шуданд ҳама саргардон.
Валекин зану шавҳар,
Моро ёфтанд ҷӯраҷон.
Дони ин номи ҳарду,
Шинос шави бо мо ту.
(Ҷавоб: Рений, радий.)[5]

Такрори оксидҳо.

Омӯзгор: Бачаҳо, як модда аз мо хоҳиш мекунад, ки аз он боздид кунем. Шумо бояд тахмин кунед, ки он кист?

«Саҳнаи Ман кистам?»

Химикҳои қадим маро моддаи муҳимтарин ҳисоб мекарданд. Олими юнонӣ Фалес, ки дар асри VI зиндагӣ мекард, мегӯяд: «Оғози ҳама ибтидоҳо аз милод мебошад ва кӣ даъво кард, ки ҷаҳони гирду атроф аз ман ба вуҷуд омадааст - «материяи аввалия». Дар замонҳои қадим маро модари ҳаёту мамот медонистанд. Онҳо маро парастиш мекарданд ва аз рӯйи ривоятҳои одамони қадим дар ман париҳои обӣ ва маризон зиндагӣ мекарданд.

Дар гузашта ман дар байни халқҳои қадими Осиё сабабгори ҷангу муборизаҳо шудаам.

Ман як мошини ҷовидонӣ ҳастам, ки намешиканам, занг (карозия) намезанам, намесӯзам, пӯсида ва аз ҷониби касе ё чизе нобуд намешавам. Ман кистам? **(Ҷавоб: Об.)**

Муаллим.

Об ба кадом синфи моддаҳо мансуб аст?

Кадом моддаҳоро оксидҳо меноманд?

Ҷавобҳои хонандагон.

Кори мустақилона.

Роҳи ғолиб дар ҳарду ҳолат формулаҳои оксид мебошанд. (Баъд аз иҷрои кор— тафтиши даҳонии ҷавобҳо). Кортҳои дорои вазифаҳо ба ҳар як хонанда тақсим карда шаванд ва бо истифода аз слайдҳо метавонед ҷавобҳоро тафтиш кунед.

Корти №1

HNO_3	CO_2	O_2
SO_2	CuO	NaOH
SO_3	MgO	$ZnSO_4$

Корти № 2

$KClO_3$	NaOH	$Cu(OH)_2$
ZnO	SO_2	N_2O_3
Na_2O	H_2SO_4	CO_2

Такрори асосҳо.

Агар шумо дар формула мушоҳида кунед;

1. Агар дар пеш металл бошад;
2. Ва бо OH – таваққуф кунад;

Ҷавоб: «Ман медонам, ин ҳидроксид аст». Ҳидроксид ба синфи моддаҳои асосӣ дохил мешаванд.

Хулоса маводи дидактикӣ вазифаҳои гуногунро иҷро карда метавонад, барои ташкил ва гузаронидани дарсҳо, корҳои беруназсинфӣ, рушди қобилияту мустақилияти маърифатии хонандагон кумак мекунанд, ки худ ба боз ҳам баланд шудани сифати таълим оварда мерасонад.

Адабиёт:

1. Габриелян О.С., Воскобойникова Н. П., Яшукова А.В. Настольная книга учителя. Химия. 8 к л.: Методическое пособие М.: Дрофа, 2013.
2. Гаршин А. Общая и неорганическая химия в схемах, рисунках, таблицах, химических реакциях: Учебное пособие / А. Гаршин. - СПб.: Питер, 2013. - 288 с
3. Пак М. С. Теория и методика обучения химии [Текст]: учебник для вузов /М.С. Пак. — СПб: Изд-во РГПУ им. А. И. Герцена, 2015. – 306 с.
4. Пак М. С. Дидактический материал в обучении химии [Текст]: Научно-методическое пособие /М.С. Пак, Д.К. Бондаренко — СПб.: «Издательство Осипова», 2013. – 45 с
5. Тошев Ҳ.И., Тошев Қ.Ҳ., Маводи дидактикӣ аз химия. Душанбе, 2013, 124.
6. У. Зубайдов, С. Холназаров. Методикаи таълими химия. Душанбе, 2011, 383с., қисми -1
7. Холназаров С. Ҳакимов О. Асосоҳои методикаи таълими химия. Қисми-1, Душанбе, 2008, 191с.,
8. Холназаров С. Асосҳои методикаи таълими химия. Қисми-2, Душанбе 2009, 264с.
9. Удалова Т.А. Работа с детьми разных образовательных потребностей // Дополнительное образование и воспитание. - 2014. - № 8. - С. 19-21.
10. Шишкин Е.А. Учение с увлечением или использование занимательности при обучении химии в современной школе [Текст]: учеб метод. пособие для методистов сред. и высш. учеб. заведений, учителей химии и студентов химических специальностей пед. вузов /Е.А. Шишкин, Е.В. Береснева. — Киров: ООО «Старая Вятка», 2012. – 136 с.
11. Кирюшкин Д.И. Полосин и др. Методика обучения неорганический химии в вечерной школе. Пособие для учителей. М. Просвещение. 1975.
12. Чернобельская Г.М. Основы методики обучения химии. М., Просвещение, 1987.

ИСТИФОДАИ ДУРУСТИ МАВОДИ ДИДАКТИКӢ – АСОСИ БОЛОРАВИИ ДОНИШ

Маводи дидактикӣ як намуди махсуси воситаҳои таълимӣ мебошад, ки баъзе мавзуъҳои ҷараёни таълимро пурра мекунад. Маводи дидактикӣ ба хонандагон имкон

медиҳад, ки қобилиятҳои маърифатии худро рушд дода, супоришҳоро мустақилона иҷро намоянд.

Дар байни навъҳои маводи дидактикӣ инҳоро ҷудо кардан мумкин аст: презентатсия, бозиҳои таълимӣ, расмҳо, диаграммаҳо, ҷадвалҳо, карточкаҳо, графикҳо, диаграммаҳо, харитаҳои контурӣ ва ғайра.

Дар маводи дидактикӣ вазифаҳои гуногунро иҷро менамояд, ки барои ташкил ва гузаронидани дарсҳои ҷолиби химия ва корҳои беруназсинфӣ кумак мекунанд.

Калидвожаҳо: маводҳои дидактикӣ, диаграмма, омӯзиш, фаъолияти маърифатӣ, хонандагон, самаранокӣ, ҷараёни таълим, амсиласозӣ, презентатсияҳо, бозиҳои таълимӣ, ҳама намуди кортҳо, расмҳо, диаграммаҳо

ПРАВИЛЬНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ДИДАКТИЧЕСКИХ МАТЕРИАЛОВ – ОСНОВА СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ ЗНАНИЙ

Дидактический материал представляет собой особый тип учебных специальных пособий, дополняющих некоторые темы в учебном процессе. Дидактический материал позволяет учащимся развивать познавательные способности, самостоятельно выполнить задание.

Среди разновидностей дидактического материала можно выделить следующие: презентации, обучающие игры, рисунки, схемы, таблицы, карточки, графики, диаграммы, контурные карты и т.д.

Дидактический материал содержит разнообразные задания, который поможет в организации и проведении интересных, увлекательных уроков химии и внеклассных мероприятий.

Ключевые слова: дидактические материалы, схемы, обучение, познавательная деятельность, обучающиеся, эффективность, учебный процесс, моделирование, презентации, развивающие игры, все виды карточек, картинки, схемы, таблицы, графики, тенологические карты, дидактические материалы, диаграммы

CORRECT USE OF DIDACTIC MATERIALS IS THE BASIS FOR IMPROVING KNOWLEDGE

Didactic material is a special type of educational special aids that complement some topics in the educational process. Didactic material allows students to develop cognitive abilities and complete the task independently.

Among the varieties of didactic material, the following can be distinguished: presentations, educational games, drawings, diagrams, tables, cards, graphs, diagrams, contour maps, etc.

The didactic material contains a variety of tasks that will help in organizing and conducting interesting, exciting chemistry lessons and extracurricular activities.

Key words:didactic materials, diagrams, training, cognitive activity, students, efficiency, educational process, modeling, presentations, educational games, all types of cards, pictures, diagrams

Маълумот дар бораи муаллиф: Назарзода Абдузоир Ҷуманазар - унвонҷӯи кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, тел- (992)908. 88. 80. 32

Сведения об авторе: Назарзода Абдузоир Джуманазар – соискатель кафедры методики преподавания естественных наук Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава, тел- (992) 908. 88. 80. 32

Information about author: Nazarzoda Abduzoir Jumanazar – applicant of the Department of Methodology of Teaching Natural Sciences of Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, tel. (992) 908. 88. 80. 32.

ТДУ:(59.9+37.0+8123(075.8)
0-33

НАЗАРИЯҲОИ ПСИХОЛОГӢ-ПЕДАГОГИИ МУҚАРРАРОТИ ТАШАККУЛЁБИИ ҶАҲОНБИНИИ ДОНИШҶӮЁН

Одинаева Ш.А., ассистент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар шароити имрӯзаи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи иҷтимоӣ оид ба ташкили кори мақсадноки ташаккулдиҳии омодагии касбии кадрҳои педагогӣ ва сатҳи фарҳанги шахсияти ҷавонони донишҷӯ ба миён меояд. Дар ҳуҷҷатҳои меъёрии давлатие ҳамчун Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба маориф» «Консепсияи миллии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба таҳсилоти олӣ ва касбии баъдидонишгоҳӣ» ва ғайра зарурати омодасозии мутахассисоне, ки қобили инкишофи бефосилаи касбӣ, зудамалӣ, дорои малакаву донишҳои рақобатпазиранд, таъкид карда мешавад.

Дар марҳилаи имрӯза, ки масъалаҳои таҳсилоти тоҷик ва мактаби тоҷик чӣ гуна матраҳ ва ҳал мегарданд, андешаҳои олимон – педагогҳо ва кормандони амалӣ бештар ба сарчашмаҳои этнопедагогика равона мешаванд. Барои он ки низоми таҳсилот самаранок гардад, бояд дар асоси таҷрибаи таърихан бавуҷудомада бунёд гашта ва мазмуни тарбия, ки барои ивази насли наврас зимни анъанаҳои мардумӣ, моҳияти решаҳои мардумӣ, арзишҳо ва идеалҳое, ки тули ҳазорсолаҳо ташаккул ёфтаанд, барпо гардад, зеро фаромӯш кардани фарҳанги худ, нодида гирифтани таълиму тарбияи ниёгон ва хиради мардумӣ раванди мазкурро аз нигоҳи сифатӣ ва пурмаҳсулӣ мушкил месозад.

Имрӯз мактаби миллӣ бояд дар асоси арзишҳои миллӣ бунёд ёбад ва дар пояи принсипи ба фарҳанг мувофиқ фаъолият намояд. Татбиқи принсипи мазкур аз пуррагии тамоми раванди корҳои таълимӣ – тарбиявӣ бо унсурҳои гуногуни фарҳангӣ хабар медиҳад. Ин принсип ба мазмуни таълим (қобилияти инъикоси равандҳои таълимӣ ва ифодаи арзишҳои фарҳангии умумибашарӣ ва миллӣ дар алоқамандии байни онҳо); шаклҳои таълимӣ (қобилияти мувофиқат кардани онҳо ба намунаҳои анъанавии фарҳангӣ); усулҳо ва воситаҳо (қобилияти омӯзгор барои ғанӣ гардонидани воситаҳои таълимӣ бо мазмуни фарҳангӣ, истифода бурдани меъёрҳои фарҳангӣ ва пайвастагии фаъолияти таълимӣ бо арзишҳо ва ҳадафҳои фарҳангӣ). Мутобиқати фарҳанг як зуҳуроти таносуби таълим бо фарҳанг аст, ки ба худмуайянкунии фарҳангӣ ва ҳаммонанд кардани фарҳангии фард мусоидат мекунад [4, с. 87].

Аз ин рӯ, принсипи мутобиқати фарҳангӣ ҳамчун принсипи педагогикаи муосир бояд на танҳо фаъолияти мактаби миллӣ бошад, балки дар раванди омодасозии касбии донишҷӯён барои чунин мактабҳо заминаи асосӣ бошад. Низоми таҳсилоти ҷумҳурӣ доир ба масъалаи ташаккули маданияти педагогии донишҷӯёни мактаби олӣ чунин вазифаҳоро: худро аъзои муайяни ҷамоати этникӣ дарк кардан; бо забони модарии худ муошират кардан; доштани дониши зарурии этнопедагогӣ; доштани ифодаи равшан роҷеъ ба муносибатҳои арзишманди хеш; татбиқ карда тавонистани тамоми неруи тарбиявии педагогикаи халқӣ дар амал пешниҳод кардааст. Ҳамин тариқ, мо метавонем дар бораи зарурати ташаккули фарҳангии омӯзгорони оянда сухан ронем.

Бояд тазаккур дод, ки аз сабаби ҷавон будани илми педагогикаи этникӣ ва дар марҳилаи густариш қарор дорад ва соҳаи камтари омӯзиши масъалаи фарҳангии донишҷӯён боқӣ мемонад, ки бе он сохтани мактаби миллӣ аз имкон берун аст [1, с. 64].

Чунонки таҳлили сарчашмаҳои назариявӣ ва амалии корҳои мактабҳои олӣ ва миёна нишон медиҳад, ҳоло тасаввуроти томи дар асоси муносибатҳои муосир доир ба низоми омода намудани донишҷӯён, ташаккули фарҳанги хонандагон таҳия нашудааст, роҷеъ ба донишҷӯёни забонҳои хориҷӣ бошад ба ягон таҳқиқоти тоза дучор нашудем, ки дар робита ба як қатор тазодҳои зерин ошкор шуданд, байни:

- тасаввуроти назариявӣ ва коркардҳо дар соҳаи педагогикаи этникӣ ва мавҷуд набудани низоми корҳо дар мактаби олӣ, барномаҳои омода намудани назарияҳои психологӣ-педагогии муқаррароти ташаккулёбии ҷаҳонбинии донишҷӯён тавассути дар мазмуни унсурҳои омодагии касбии онҳо дохил кардани блокҳои фарҳанги этникӣ ва педагогӣ;

- мавҷудияти талаботи объективии инкишофи фарҳангии насли наврас, ки ҷавобгӯйи воқеии замон ва ҷомеа ва амалан набудани кори мунтазами мақсадноки мактаб дар ин самт;

- имконияти захиравии назарияҳои психологӣ-педагогии муқаррароти ташаккулёбии ҷаҳонбинии донишҷӯён барои ташаккули фарҳанги хонандагон ва зарурияти ташкил кардани шароитҳои психологӣ – педагогии татбиқи он.

Мувофиқи мақсад аст, ки робитаҳои байнифаннӣ дар сатҳи қавоиди пешбарандаи мавзуи таълимӣ амалӣ гардонда шаванд, ки ин барои таъмини ягонагии табиии баррасии таҳлилӣ ва ҷамъбастии маводи таълимӣ имконият медиҳад. Дар амал ҷорӣ намудани робитаҳои байнифаннӣ ба баланд бардоштани сифати азхудкунии мафҳумҳои бунёдии илмӣ мусоидат мекунад, раванди ташаккулдиҳии лаёқатҳои зеҳнӣ ва лаёқатҳои амалиро дар донишҷӯён метезонад [6, с. 88].

Ҳамзамон, иқтисоди бозаргонии ҷумҳурӣ ва тавсеи инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ бо бисёре аз мамолики Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва хориҷаи дур, даромаднокгардонии ҳамвораи равандҳои мубодилаи дастовардҳои фарҳанг ва арзишҳои гуногун ба афзоиши мунтазами талабот нисбати азхудкунии амиқи забонҳои хориҷӣ оварда мерасонад. Дар ин робита Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон борҳо зикр кардааст, ки сиёсати ҳукумат доир ба забон, дар қатори забони тоҷикӣ, амалкарди баробарҳуқуқонаи дигар забонҳоро таъмин месозад ва барои азхудкунии онҳо имкон фароҳам меоварад.

Раванди ҳамгироии Тоҷикистон ба фазои ҷаҳонӣ, густариши ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаҳои илм, иқтисод, фарҳанг ва маориф ба рушди низоми ватании маориф таъсири назаррас мерасонад ва барои эътибор пайдо кардани фарогирии забонҳои хориҷӣ аз ҷониби мутахассисони оянда замина мегузорад. Ҷомеаи муосир ба мутахассисоне, ки фарҳанги суханро хуб медонанд ва дорои сатҳи баланди салоҳияти касбӣ ва коммуникативиянд, ниёзманд мебошад. Бинобар ин аксарияти шаҳрвандони ҷумҳурии мо, аз ҷумла насли ҷавон, барои ташаккул додани малакаҳои касбӣ, қаноатманд гардондани талаботи маънавии худ мекӯшанд, ки забонҳои хориҷӣ: англисӣ, олмонӣ, чинӣ, русӣ ва дигарҳоро азхуд намоянд.

Таъминоти нокофии ҳавасманднамоии фаъолияти донишҷӯён, пурзӯр намудани самтнокии машғулиятҳо дар ягонагии он бо кори хонагӣ ва беруназдарсӣ таҳлили ҳамаи силсилаи машғулиятҳоро аз рӯи боби (мавзуъ) китоби таълимӣ барои омӯзгор бо мақсади ворид намудани ислоҳотҳои муайян дар банақшагирӣ, агар дар ин зарурият мавҷуд бошад, бо назардошти шароити воқеии омӯзишро дар назар дорад.

Дар айни замон, ки муносибатҳои байналмилалии кишвари мо бо дигар мамлакатҳо таҳкиму тақвият меёбанд, таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ аҳаммияти чашмрас пайдо мекунад. Марбут ба ин ташаккули рушди нутқи донишҷӯён дар пажуҳишҳои психологӣ-педагогӣ ва қонуниятҳои рушди шахсият дар ин самт барои интихоби мавзуи диссертатсияи мазкур ҳамчун асос хидмат намуданд.

Ба масъалаи ташаккулдиҳии рушди нутқи мактаббачагон ва донишҷӯён бисёр олимон -- лингвистҳо, педагогҳо ва психологҳо (Б.Г. Ананев, Ф.И. Буслаев, В.В. Виноградов, Л.С. Виготский, Н.И. Жинкин, А.А. Леонтев, А.Н. Соколов, Л.В. Шерба ва дигарон) таваҷҷуҳи густурда зоҳир намудаанд. Доир ба омӯзиши масъалаи номбурда, маҷмуан ва ҷанбаҳои алоҳидаи он таҷриба ва анъанаҳои мусбат андӯхта шудаанд. Соҳаи зикршудаи донишҳои илмӣ ҳамчун қисми ҷудоинопазир ва таркибии кулли илми педагогӣ бо инкишофи ҷомеаи мо, илм, такомул ва таҷдиди таъмини техникии муассисаҳои таҳсилоти олӣ рушд мекунад. Масъалаи мазкур бояд дар ташаккул ва инкишофи илмҳое ба мисли дидактикаи лингвистӣ дар ҷомеаи демократии мо, ки дар он усулҳои навтарин ва такмилёфтаи таълими забони хориҷӣ истиқбол меёбанд, ҷойи худро ишғол созад [3, с. 7].

Дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ таълими забони хориҷӣ ҳадафҳои тарбиявӣ, амалӣ, инкишофдиҳанда ва маърифатбахшандаро пайгирӣ менамояд, зимнан иҷрои ҳадафҳои мазкур

дар ҷараёни аз ҷониби донишҷӯён азхудкунии лаёқат ва малакаҳои амалӣ ба сомон расонда мешавад. Маълум, ки омодагардонии донишҷӯёни ихтисосҳои забонӣ ба василаи фаъолияти касбӣ аз дараҷаи инкишофи нутқи онҳо, азхудкунии ҳама анвои фаъолияти нутқӣ (шунидан, сухан гуфтан, хондан, навиштан) муайян карда мешавад. Яке аз қисматҳои асосии омодагии касбии мутахассисони факултаҳои забонии муассисаи таҳсилоти олӣ қобилияти афкори худро босаводона ба таври шифоҳӣ ва хаттӣ ифода намудан, муколамаҳои касбӣ анҷом додан, асосҳои нутқи хаттӣ ва шифоҳии касбиро азбар кардан мебошад.

Мувофиқан бо ин нақши ҳалкунандаро дар ҳалли масъалаи номбурда фанни «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ» мебозад. Фанни мазкур ба боло бардоштани фарҳанги умумии нутқи донишҷӯён, фарҳанги муошират, пеш аз ҳама дар доираи касб, нигаронида шудааст.

Дар баробари ин, таҳлили таҷрибаи таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии забонии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки ба донишҷӯён омӯзондани забони англисӣ дар шароитҳои методикаи анъанавии таълим ба дараҷаи зарурӣ сурат намегирад, он асосан ба андӯхтани донишҳои луғавӣ ва машқи маводи грамматикӣ равона карда шудааст, ки салоҳиятмандии коммуникативии донишҷӯёнро комилан инкишоф намебахшад. Ҳол он ки курси мактаби олии забони англисӣ ҳамчун тахассус бояд тамоили коммуникативӣ ва равиши касбӣ дошта бошад, аз ин сабаб вазифаҳои он ба воситаи ниёзмандиҳои коммуникативӣ ва маърифатии мутахассисони соҳаи дахлдор муайян карда мешаванд. Ҳамин тавр, азхудкунии забони англисиро дар муассисаи таҳсилоти олии забонӣ ҳамчун дарёфти салоҳиятмандии коммуникативӣ, лаёқати воситаҳои забониро бо вазифаҳо ва шароитҳои муошират бо баҳисобгирии меъёрҳои иҷтимоии рафтор ва аз лиҳози коммуникативӣ мувофиқи мақсад будани мулоҳиза созгор кунондан қабул бояд намуд [12, с. 27].

Мо чунин меандешем, ки ин масъаларо метавонад такмилдиҳии мақсадноки сифатҳои фаъолияти нутқии донишҷӯён дар чаҳорчӯбаи курси «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ» ҳал кунад, ки он дар асоси принсипҳои паёпайии барномаҳои мактабӣ ва донишгоҳии нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, тамоюли умумии коммуникативӣ ва касбии таълим, инчунин дар асоси маводи дидактикии махсус интихобшудае, ки барои ташаккули фаъолиятнокии касбии нутқи донишҷӯён чун манбаъ хидмат мерасонад, таркиб меёбад.

Ба масоили фарҳанги муоширати нутқӣ пажуҳишҳои И.Л. Бим, Н.Д. Галскова, Н.И. Гез, И.А. Зимняя, В.А. Кан- Калик, А.А. Леонтев, А.А. Мироюбов, Е.И. Пассов, А.В. Раҳмонов, Л.В. Щерба ва дигар пажуҳишгарон бахшида шудаанд. Як қатор олимон масъалаи зикршударо бо ташаккули салоҳиятмандии коммуникативӣ ҳангоми таълими фанҳои забонӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ вобаста медонанд (С.Н. Алиев, Ю.В. Анисина, Е.С. Антонова, А.Р. Арутюнов, О.Х. Гургулиева, Х.Г. Сайфуллоев, Б.Б. Қаробоев, А.В. Коренев, В.Г. Костомаров, В.М. Филатов, А.Н. Шукин ва дигарон). Дар пажуҳишҳои олимон салоҳияти коммуникативӣ ба сифати хусусияти муҳимми шахсият, ки имконпазирии муоширати босамари байналмилалиро таъмин месозад ва аз донишҳо, малакаҳо ва қобилиятҳои барои ин зарурӣ вобаста мебошад, амал мекунад.

Зикр бояд намуд, ки масъалаи ташаккули фарҳанги муоширати нутқӣ, салоҳиятмандии коммуникативӣ ва касбии донишҷӯёни тахассуси забонӣ ва ғайризабонии муассисаи таҳсилоти олӣ дар як қатор диссертатсияҳои олимони тоҷик (С.С. Авғонов, С.Н. Алиев, С.Я. Балхова, Т.В. Гусейнова, С. Ҷоматов, П. Ҷамшедов, А. Мамадназаров, Х.Х. Мирзоев, М.Б. Нағзибекова, С.Э. Неъматов, Л.В. Саидова, М.М. Утаев, У.Р. Юлдошев, М.Р. Юлдошева ва дигарон) мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар педагогика масъалаҳои марбут ба ташаккул ва татбиқи омодагии омӯзгорони оянда нисбат ба ташаккули фарҳангии хонандагон ба таври кофӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар байни онҳо, ки ба мавзуи мазкур бахшида шудаанд, корҳои зеринро қайд кардан мумкин аст:

Дар даврaҳои гуногун ба масъалаҳои марбут ба этнос олимон – файласуфон, ҷомеашиносон, психологҳо, фарҳангшиносон, педагогҳо машғул шудаанд (Ю.В. Бромлей, Д. Булгаковский, Г.С. Виноградов, В.В. Водовозаков, Л.Н. Румилев, Н.И. Заглада, В.Г. Криско, Н.О. Лосский, Р.А. Низамов, И.В. Суханов, Э. Тейлор, В.И. Тешиев, К.Г. Юнг ва диг.).

Вазифаҳои омода намудани мутахассисони оянда ба ташаккули фарҳангии хонандагон дар таҳқиқоти (Н.М. Ахмедова, Р.М. Белалов, Г.В. Давлекамова, Н.А. Муштакова, М.Х. Малсагова, К.С. Садиков, И.В. Степанова, М.В. Чернова ва диг.) мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ба инобат гирифтани хусусиятҳои минтақавӣ ва шароитҳои ташаккули фарҳанги педагогии донишҷӯён дар корҳои илмии (Ш.М. Арсалиев, А.П. Божеданова, Ш.А. Магомедов, М.Б. Носирова, С.Г. Тишулина, И.О. Попова ва диг.) асоснок карда шудаанд.

Аз охирҳои асри сипаригашта коллективҳои илмӣ ва мактабҳо ба вуҷуд омаданд, ки то имрӯз доир ба масъалаҳои педагогика ва психологияи этникӣ ва ҷомеашиносии этникӣ машғули таҳқиқ мебошанд. Ба масъалаҳои педагогикаи этникӣ дар Россия (Г.И. Батурина, Г.Н. Волков, О.М. Генисартский, С.Л. Жарков, Т.Ф. Кузина, Ш.А. Мирзоев, З.И. Попова, М.С. Солеҳова ва диг.) машғуланд. Таҳқиқоти озмоишӣ – таҷрибавӣ, асосан, дар се самт: хусусиятҳои психологӣ – педагогии мушаххаси миллии халқҳои мухталиф; таҳқиқоти сотсиологӣ ва иҷтимоӣ – психологии муносибатҳои байналмилалӣ дар Россия ва ИДМ; хусусиятҳои этникӣ ва психологии синнусолӣ ва рафтори ғайрилафзии намояндагони халқҳои гуногун идома дорад.

Дар ҳалли масъалаҳои ташаккули арзишҳои фарҳанги этникӣ ва умумибашарӣ татбиқи эҷодии мероси педагогии Шарқ, ки дар осори мутафаккирони барҷаста Балъамӣ, Ар Розӣ, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав, Ҳофиз, Саъдӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ ва дигарон таҷассум ёфтаанд, мавқеи муҳим дошта, ба ғанӣ гардидан ва густариш додани ҷиҳатҳои нави илмӣ – педагогии муосир ба таври кофӣ такони қавӣ доданд [8, с. 37].

Хусусиятҳои мавзуъ ва минтақаро ба назар гирифта, мо ба масъалаҳои умумиметодологӣ диққати махсус додем, инчунин ба масъалаҳое, ки бевосита ба омӯзиши минтақавӣ тааллуқ доранд, таваҷҷуҳ зоҳир кардем. Дар робита ба ин, бояд тазаккур дод, ки дар таҳқиқи масъалаи мазкур саҳми босазои таърихчиён ва файласуфони тоҷик (Ш. Абдуллоев, А. Баҳоваддинов, Б. Ғафуров, М. Ғуломов, М. Диноршоев, С. Ҷонов, Н. Неъматов, М. Осимӣ, М. Раҷабов, Н. Салимов, А. Турсунов, Б. Шарипов, Ш. Шоисматуллоев ва диг.) хеле зиёд аст.

Имрӯз ҳам омода намудани омӯзгорони оянда ба ташаккули фарҳанги миллии хонандагон дар маркази таваҷҷуҳи олимон – педагогҳои тоҷик С. Алиев, Р. Амиров, Х. Буйдоқов, М. Лутфуллоев, М. Орифӣ, Б. Раҳимов, Ф. Шарифзода ва дигарон чӣ дар Шарқ ва чӣ дар Ғарб калон аст. Ҷанбаҳои фарҳанги этникӣ ва педагогии таҳқиқотро Д. Латипов, Мирализода, А. Нуров, С. Сулаймонӣ, М. Юлдошева ва дигарон таҳия кардаанд. Бешубҳа, таҳқиқоти солҳои охир (С. Абдумуминзода, Г.Ю. Баротова, М. Дониярова, А.А. Ваҳҳобова, Г.Г. Қаршиева, А.М. Мирзоева, М.С. Мирзоев, М.Г. Турсунова, Г.К. Ҳусейнова, А.Ф. Шокирова ва дигарон ба мавзуи мо таъсири хуб расониданд.

Донишҷӯёни курси якум, ба омӯзиши забон шуруъ намуда, аллакай дар соҳаҳои мухталифи ҳаёт дорои донишҳои муайян буданд. Дар баробари ин, танҳо дар охири соли таҳсил, онҳо метавонанд танҳо якчанд ҷумлаҳои аз ҷиҳати маъно пайвастаро бо забони хориҷӣ бихонанд, вале танҳо оиди он ки аллакай як чанд маротиба дар нутқи шифоҳӣ гуфта буданд. Аз сабабе, ки азхуднамоии маводи забонӣ басо суст амалӣ карда мешуд, мутобиқ ба барнома, дар охири таҳсилот захираи лексикии донишҷӯён тахминан 1500 воҳидро ташкил намуд, пас, табиӣ аст, ки мавод барои хониш ҳавасмандӣ ва талаботи донишҷӯёнро қонеъ карда натавонист. Вобаста ба маҳорат дар нутқи монологӣ ва диалогӣ, ҳаминро гуфтан мумкин аст, ки талабот ба онҳо дар сурати ҷудо намудани чор кредит дар як ҳафта дар курсҳои болоӣ, аз талабот дар бахши якум қариб, ки фарқият надорад. Усулҳои муосир раванди омӯзиши забони хориҷиро ҳамчун фаъолияти коммуникативӣ-маърифатӣ баррасӣ менамояд, ки дар рафти он донишҷӯён воситаҳои забон ва намудҳои асосии фаъолияти нутқиро бо забони хориҷӣ аз худ намуда, таҷрибаи ҳалли мустақилонаи вазифаҳои нутқӣ-зеҳниро меандӯзанд, яъне, ки иттилоотро дархост намудан, онро хабар додан, фикру хоҳишашонро баён намудан ва ғайраро меомӯзанд; хондан, хулоса баровардан, дарк намудан ва аз худ намудани иттилоотро аз матн меомӯзанд, донишҳои худро оид ба соҳаҳои мухталифи ҳаёт - илм, санъат дар мамлакати хеш ва дар хориҷ васеъ намуда, таҷрибаи иҷтимоии худро ғанӣ мекунанд [14, с. 7].

Аммо, бо вуҷуди як силсилаи томи асарҳое, ки ба пажуҳиши инкишофи муошират

нутқии донишҷӯёни муассисаи таҳсилоти олии забонӣ бахшида шудаанд, масъалаи ташаккули фаъолияти нутқии донишҷӯён дар машғулияти забони англисӣ ҳанӯз ҳам ба таври кофӣ омӯхтанашуда боқӣ мемонад. Беш аз ин, омодасозии муаллимони салоҳиятманд барои муассисаҳои таҳсилоти миёна, аз ҷумла муаллимони забони хориҷӣ, ташаккули шахсияти чунин муаллимон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мубрами соҳаи маориф мебошад.

Самаранокии кор оид ба ташаккулдиҳии фаъолияти нутқи шифоҳии донишҷӯёни ихтисосҳои забонҳои хориҷии муассисаи таҳсилоти олиро ба шарте таъмин кардан имконпазир аст, ки:

- дараҷаи аввалияи рушди фаъолияти нутқии забони хориҷии донишҷӯёни факултаҳои забони хориҷӣ дар шароитҳои низоми имрӯз амалкунандаи таълим дар муассисаи тасилоти олии омӯзгорӣ муайян карда шавад;
- методикаи ташаккулёбии фаъолиятнокии нутқии донишҷӯён коркард ва дар раванди таълими муассисаи таҳсилоти олӣ амалӣ гардонда шавад;
- мундариҷа, ташкил ва методикаи раванди таълими забони англисӣ дар асоси муносибати шахсиятӣ-фаъолиятӣ бо истифодаи принсипҳои таълими дорои тамоюли касбӣ ва коммуникативӣ ба роҳ монда шавад;
- таълим ба василаи маводи махсусан интихобкардаи аз лиҳози касбӣ аҳаммиятнок гузаронда шавад;
- маҷмуи шароитҳои ташаккулдиҳии босамарии муошират нутқии ихтисосҳои педагогӣ тавассути таълими забони англисӣ муайян карда шавад.

Талаботи имрӯзаи мактаби олӣ оид ба омодасозии муаллимони забони хориҷии дорои сатҳи баланди донишҳо, лаёқатҳо ва малакаҳо дар соҳаи касби худ, ки забони англисиро ҳамчун воситаи муошират байнифарҳангӣ ва байналмилалӣ балад мебошанд, зарурати бунёди низоми таъмини дидактикиеро ба миён меоранд, ки он ба раванди самаранок ва мақсадноки ташаккули фаъолияти нутқии донишҷӯён мусоидат мекунад.

Ташаккули фаъолияти нутқии донишҷӯён (шунидан, сухан гуфтан, хондан, навиштан) дар раванди таълими забони англисӣ дар аудиторияи тоҷикӣ бо фароҳамоварии маҷмуи шароитҳои лингвистӣ-дидактикӣ ва психологӣ-педагогӣ: таъмини ташкилӣ-дидактикии мундариҷаи таълими дорои тамоили касбӣ ва коммуникативӣ; асоси сабабнокии (далелнокии) раванди таълим; самтгирии раванди таълим ба таъсири мутақобилаи забон ва фарҳанг; истифодаи усулҳои фаъолонаи таълим; такя ба таҷрибаи шахсии донишҷӯён; сифатҳои касбии омӯзгорон вобастагӣ дорад.

Шарту шароити раванди таълиме, ки ба ташаккулдиҳии фаъолияти нутқии донишҷӯён тавассути забони англисӣ ҳамчун забони хориҷӣ нигаронида шудааст, такя ба принсипҳои усулие мебошад, ки моҳияти муносибати коммуникативӣ- фаъолиятиро тартиб медиҳанд: принсипи ягонагии омӯзиши забон ва таълими нутқ; принсипи тамоюли умумии коммуникативӣ ва прагматикии таълим; принсипи тавъамнамоии корҳои таҷдидӣ ва мустақилонаи эҷодӣ; принсипи муттасилии барномаи мактабӣ ва донишгоҳӣ оид ба рушди нутқ; принсипи робитаи мутақобила дар таълими нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ.

Воҳиди беҳтарини дидактикие, ки ба равиши умумии коммуникативӣ ва амалии таълим мувофиқат менамояд ва барои ташаккули қобилиятҳои нутқӣ хидмат мерасонад, матнҳои навъҳои гуногуни нутқ ва услубҳои функсионалӣ дар машғулиятҳои «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ» мебошанд, ки ба амалияи нутқии касбии мутахассисони оянда нигаронида шудаанд [9, с. 87].

Адабиёт:

1. Ботминков, А.Д. Научные основы формирования графических знаний, умений, навыков/А.Д. Ботминков, Б.Ф. Ломов.-М: Педагогика,1979.-256 с.

2. Зиёмуҳаммедов, Б. Асосҳои маҳорати педагогӣ. – Т.: ТИБ-КИТОБ, 2009. – 183 с.

3. Ломов, Б.Ф. Формирование графических знаний и навыков у учащихся/Б.Ф. Ломов.-М.:1959.-270с.

4. Николов, Н.С. Проведение олимпиад по черчению/Н.С. Николов.-М.:1990-140 с.

5. Олов С. Нақшакашӣ/С. Олов, Ю. Юсупов, Ш. Тойирова.-Хуҷанд: Нури маърифат - 2014.- 64 с.

6. Ҷӯраев, Т.Қ. Нақшакашӣ. Китоби дарсӣ барои синфҳои 8-9 МТМУ/Т.Қ. Ҷӯраев.- Душанбе: 2004.- 200 с.

7. Ҷӯраев, К. Усули таълими нақшакашӣ/К. Ҷӯраев.- Хуҷанд: Нури маърифат, 2010 - 176 с.

8. Ямбург, Е.А. Школа для всех: адаптивная модель (теоретические основы и практическая реализация)/Е.А. Ямбург. –М : Новая школа ,1996-352 с.

9. Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2006.-26с

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- 22-12-2016.-Душанбе: Шарқи озод, , 2016.-39с

11. Рубинштейн, Л.И. Проблемы общей психологии. [Текст] / Л.И. Рубинштейн, М., Педагогика, 1993-385с.

12. Сухомлинский, В.А. Асарои мунтахаби педагогӣ, Қисми 2. [Матн] / В.А. Сухомлинский–Душанбе, Маориф, 1982-С.619

13. Botminkov, A.D. Scientific Grounds of Formation of Graphical Knowledge, Ability, Skills/A.D.

14. Botminkov, B.F. Lomov.– M.: Pedagogy, 1979, - 256 p.

15. Ziyomuhammedov, B. Grounds of Pedagogical Talents. – T.: TIB-KITOB, 2009. – 183 p.

НАЗАРИЯҲОИ ПСИХОЛОГӢ-ПЕДАГОГИИ МУҚАРРАРОТИ ТАШАККУЛЁБИИ ҶАҲОНБИНИИ ДОНИШҶӮЁН

Мақола дарбаргирандаи назарияҳои психологӣ-педагогии муқаррароти ташаккулёбии ҷаҳонбинии донишҷӯён буда, муаллиф кӯшиш кардааст, ки дар асоси сарчашмаҳои муътамад ва бурҳони илмӣ маводи мазкурро созмон диҳад.

Ба андешаи муаллиф иқтисоди бозаргонии ҷумҳурӣ ва тавсеи инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ бо бисёре аз мамолики Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва хориҷаи дур, даромаднокгардонии ҳамвораи равандҳои мубодилаи дастовардҳои фарҳанг ва арзишҳои гуногун ба афзоиши мунтазами талабот нисбати азхудкунии амиқи забонҳои хориҷӣ оварда мерасонад. Дар ин робита Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон борҳо зикр кардааст, ки сиёсати ҳукумат доир ба забон, дар қатори забони тоҷикӣ, амалкарди баробарҳуқуқонаи дигар забонҳоро таъмин месозад ва барои азхудкунии онҳо имкон фароҳам меоварад.

Муаллиф аз сарчашмаҳои илмӣ ва адабиёти ватанию хориҷӣ ва сомонаҳои интернетӣ истифода намудааст.

Калидвожаҳо. Таълиму тарбия, психология, педагогика, ҷаҳонбинии донишҷӯён, ахлоқ, афкор ва дидактика.

ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ТЕОРИИ ОРГАНИЗАЦИОННЫХ УСЛОВИЙ МИРОВОЗЗРЕНИЯ СТУДЕНТОВ

В статье представлены психолого-педагогические теории формирования мировоззрения студентов, и автор постарался систематизировать этот материал на основе достоверных и научных источников.

По мнению автора, рыночная экономика республики и расширение развития экономических связей со многими странами Содружества Независимых Государств и дальнего зарубежья, бесперебойная рентабельность процессов обмена достижениями культуры и различных ценностей, приводят к устойчивому росту спроса на глубокое изучение иностранных языков. В этой связи Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон неоднократно отмечал, что языковая политика правительства, наряду с таджикским языком, обеспечивает равное обращение с другими языками и дает возможность для их освоения.

Автор использовал научные источники, отечественную и зарубежную литературу и Интернет сайты.

Ключевые слова: образование, психология, педагогика, мировоззрение учащихся, этика, мышление и дидактика.

PSYCHOLOGICAL AND PEDAGOGICAL THEORIES OF ORGANIZATIONAL CONDITIONS OF STUDENTS' WORLDVIEW

The article presents psychological and pedagogical theories of students' worldview formation, and the author tried to systematize this material based on reliable and scientific sources.

According to the author, the market economy of the republic and the expansion of economic ties with many countries of the Commonwealth of Independent States and far abroad, the uninterrupted profitability of the processes of exchange of cultural achievements and various values, lead to a steady increase in demand for in-depth study of foreign languages. In this regard, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon has repeatedly noted that the language policy of the government, along with the Tajik language, ensures equal treatment of other languages and provides an opportunity to master them.

The author used scientific sources, domestic and foreign literature and Internet sites.

Key words: Education, psychology, pedagogy, students' worldview, ethics, thinking and didactics.

Маълумот дар бораи муаллиф. Одинаева Шаҳноза Абдураҳимовна, ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. **Адрес:** 735360, РТ, г.Куляб, ул.С.Сафарова 16. **Тел**: (992) 985-26-47-26

Сведения об авторе: Одинаева Шахноза Абдурахимовна, ассистент кафедры иностранных языков Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. **Адрес:** 735360, РТ, г.Куляб, ул.С. Сафарова 16. **Тел**: (992) 985-26-47-26

Information about the author: Odinaeva Shahnoza Abdurahimovna, assistant of the chair of foreign languages of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. **Address:** 735360, RT, Kulob, S. Safarov St.16. **Phone: Тел**: (992) 985-26-47-26

ТДУ: 37+374+376 (075.8)
С-23

ТАСНИФОТИ РУШДИ МУОШИРАТИ БАЙНИҲАМИИ КӮДАКОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД ДАР СИНФ ВА ЧОРАБИНИҲОИ БЕРУНАСИНФӢ

Сайдалиева С.А., ассистент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Инкишофи психикӣ ва муошрати байни одамон ба зиддиятҳои дохилию берунӣ вобаста аст. Ин тағйироти ба вуҷудомада бо назардошти пешрафту инкишофи қафомонии суръати ҷисм, зеҳну ақл ва ғайраҳо вобаста буда, ба тағйир ёфтани сохти психикӣ таъсир мерасонад. Таснифот ва тағйирёбии инкишофи ҷисму руҳ ба меъёрҳои гуногун вобастаанд.

Масалан, аз таҷриба дур шудан ва норасоиҳо дар инкишофи омилҳои ғайризарурӣ ба суст инкишоф ёфтани ҷисму зеҳну ақли бачагон бетаъсир наемонад. Ба тағйирёбии бемориҳои ақлонӣ ноқисии ягон узв ва низоми ҳаракат, масалан, узви биноӣ, шунавоӣ, ҳаракатӣ ва ғайра дохил мешаванд. Тағйирёбии омилҳои ғайризарурӣ дар инкишофи маҷмуи бемориҳо ду ва якчанд гурӯҳро дар бар мегиранд. Масалан, аз байн рафтан ва ё суст шудани кори узви биноӣ якҷоя бо шунавоӣ ба қафомонии ақлонӣ таъсир мерасонанд. Дар таснифоти Т.А. Власова ва М.С. Певзнер гурӯҳбандии дигари кӯдакони ноқисиҳои ақлонидошта муайян шудааст [2, с. 74].

Бачагони бо тағйироти инкишоф, ки бо ноқисиҳои органикӣ сохт ва таркиби системаи асаб, майнаи сар ба дунё омадаанд, таваҷҷӯҳи махсусро талаб менамоянд. Онҳо, ба сухани

гуворою рӯҳафзо ва лафзи ширини модар талабот доранд, навозишу меҳрубонӣ, таърифу тавсифро хӯш пазироӣ мекунанд. Кӯдаконе, ки дар онҳо кори системаи асаб, марказҳои алоҳидаи он осеб дидаанд, дар онҳо норасоии системаи марказии асаб вуҷуд дорад (СМА). Дар кӯдакони ноқисиҳои системаи марказии асаб дошта алоқа бо ҳолатҳои оилавӣ ба вуҷуд меоянд. Дар таснифоти гузаронидашуда низом ва тартиботи шаклҳои гуногуни тағйирёбии инъикос вуҷуд дорад. Як қатор таснифотҳо, низоми вуҷуд доштани таълимоти махсусро инъикос менамоянд. Гурӯҳҳо ба намудҳои махсуси ислоҳдорории мактабӣ, томактабӣ, муассисаҳои таълимӣ мувофиқат мекунанд. Дар таснифоти гузаронидашуда хусусиятҳо ва имконоти синнусолии бачагон ба назар гирифта нашудааст, чунки таснифот дар шакли мухтасар гузаронида шуда ду зинаи рушди психикӣ зинаи томактабӣ ва мактабиро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, бачагони мубталои бемории тағйироти ҷисмонӣ ва психикидошта ҳамаи паҳлуҳои инкишофи психикӣ ва ташаккули шахсияти хонандагони синни калони мактабиро дар бар намегиранд. Дар ҳоле ки предмети омӯзиши психологияи махсус хусусиятҳои инкишофи зеҳну ақл имконоти психикиро дар ҳамаи даврaҳои тараққиёт дар бар мегирад. Дар шароити кунуни таснифот дар асоси тағйирёбиҳои инкишоф аз тарафи В.В. Лебединский пешниҳод шудааст, хеле маъмул аст. Дар таснифоти хеш В.В. Лебединский норасоиҳои инкишофи зеҳнию ақлонии бачагонро нишон додааст [3, с 64]. Нокифоя будани рушди психикӣ, ки як намуди қафомонии ақлонӣ мебошад, онро дар бар мегирад. Инкишофи боздошти психикӣ гурӯҳи бисёрқабатаро дар бар гирифта, қафомонии фикрӣ тағйирёбии маҳорат ва малкаҳои таълимӣ аз норасоии кори нимкураҳои калони майнаи сар вобаста аст. Ин тафовут қафомноии дараҷаҳои гуногуни инкишофи ҷисмонию психикии бачагонро инъикос мекунад. Инкишофи психикӣ дар рафти ҳаёти фардӣ иллат бардоштан ва муддати дер табобат нагирифтан боиси тағйирёбии рафтору кирдори бачагон мегардад. Пеш аз ҳама тағйир ёфтани (СМА), майнаи сар, бо ҷароҳати ҷисмонӣ бардоштан, зарбаи психикӣ гирифтан вобаста аст. Инкишофи норасоии шаклҳои рушди ҷисмонию психологӣ бо узвҳои шунавоӣ, биноӣ, ҳаракатӣ таъсири манфӣ мерасонад. Зеро боздошти инкишофи ақлонӣ ва дар рафти ҳаёти фардӣ иллат пайдо кардан ба мутаносибии кирдору рафтор, ягонаги қавлу амал, ҳиссиёт, рафтор бетаъсир наемонад. Инкишофи номутаносиби тағйирёбии рафтори шахсият ба муътадил рушд ёфтани ҷисму рӯҳи бачагон вобаста аст.

Вобаста ба ин, тағйирёбии инкишофи шаклҳои гуногуни ноқисиҳои ақлонию зеҳнӣ, ба кори системаи асаб, майнаи сар ва силсилаҳои торҳои асаб алоқаи қавӣ ва ногусастанӣ дорад. Чунин таснифот дар заминаи мушоҳида мураттаб сохта шудааст, вай аз ҷиҳати ҳаҷм калон буда, гурӯҳои дар он воридшуда аз ҳамдигар фарқи куллӣ доранд. Норасоии таснифоти мазкур дар он аст, ки шаклҳои номбаршудаи тағйирёбии инкишоф ҳамчун қоида дар шакли том тартиб дода нашудааст. Ҳамин аст, ки вай бо хусусиятҳои худ яке аз аломатҳои вайроншудани инкишофро ифода мекунад, ки бо ҳам омезишёбии онҳо як шакли муайянеро ташкил медиҳанд.

Нақш ва аҳаммияти муошират дар ташаккулёбии психикӣ назаррас аст. Ин ҷиҳатро Л.С. Виготский дарк карда, таъсири муҳити иҷтимоиро дар инкишофи низоми муносибатҳои кӯдакон бо одамони гирду атроф муайян кардааст. Кӯдакон дар рафти муошират, талаботу манфиатҳои калонсолонро дар муносибат ба кӯдакон омили муҳимми аз бар намудани таҷрибаи таърихан ҳосилгардидаи ҷомеаи инсонӣ мешуморид. Воқеияти иҷтимоӣ тарафи манфии инкишофи психикиро рушд намедиҳад [1, с. 110].

Қонунҳои умумии номбаршуда бо пуррагии том хоси кӯдакони солим ва ҳам кӯдакони ғайрисолим буда, ба тағйирёбии психикӣ мусоидат мекунад. Қонунҳои умумии инкишоф аз тарафи В.П. Зинченко ва Ё.Б. Моргунов, ки онҳо бо хусусиятҳои эҷодии инкишофи психологӣ алоқаманд аст, таҳқиқ шудаанд. Дар рушди психикии нақши ҳаёти иҷтимоию маданӣ, даврaҳои тараққиёти ҳиссиёт, фаъолият ва муошират якҷояи калонсолон вобаста мебошад [7, с 84]. Ғайр аз ин, муаллифон аҳаммияти самтҳои мазмуни ҷараёни таълими кӯдаконро дар зери таъсири муҳити иҷтимоӣ ва «минтақаи наздиктарин»-и тараққиёти психикиро муҳим мешуморанд. Бинобар ин дар ҷараёни тарбия ва таълими низоми арзишҳои башарӣ, ягонагии тағйирёбии тафаккур ва механизмҳои рушди онро муайян кардан зарур аст.

Қонуниятҳои фардии тағйирёбии инкишофи зеҳнию ақлонии кӯдакон. Инчунин, қонуниятҳои умумии инкишоф дар шароити номусоид суст инкишоф меёбад, зеро бачагон ба

меъёрҳо ва қоидаҳои ахлоқию маънавӣ ҳамеша риоя намекунанд. Оид ба қонуниятҳои махсус ва алоҳида ба бачагон маълумот дода, сатҳи донишу тасаввуроти бачагони нуқсондорро васеъ намудан зарур аст. Якум, хусусияти бештаре ба назар мерасад, ки ҳамаи шаклҳои норасоӣ аз ҷумла қафомонии ақлонӣ ҳам ба боздории суръати инкишоф дар синнусоли гуногун таъсир мерасонад. Зеро бачагон аз як давраи тараққиёти синнусолӣ бо дигар давраи рушди психикӣ мегузаранд. Барои ҳамин қатъ гардидани суръати инкишофи ҷисму руҳ дар рафти фаъолият тағйир меёбад. Қафомонии ақлонӣ метавонад ба инкишофи психикӣ ва ё ба тарафҳои алоҳидаи бачагон нақши муассир дошта бошад. Ин алоқа бо имкониятҳои пурра кардани донишу тасаввуроти психологию педагогии кӯдакон вобастагии мустаҳкам дорад. Бештари таҳқиқотчиён ба ин ишора мекунанд, ки ҳангоми норасоии суръати инкишоф, дарк ва коркарди ахбороти ба даст овардашуда суст мегардад. Ба замъи ин, низомҳои фаъол ба назар гирифта шудаанд. Бо онҳо дуруст муносибат кардан зарур аст. Сухан дар бораи низомҳои эҳсосот меравад. Масалан, эҳсоси биноӣ ва ношунавоӣ дар кӯдакон суст шуда қобилияти кории онҳо паст мешавад. Натиҷаи таҷриба нишон медиҳад, ки қатъ гардидани суръати коркарди ахборот, асосан, дар сатҳи марказҳои эҳсосот, коркади майнаи сар суръат мегирад. Намудҳои гуногуни норасои кори системаи асаб ба пастшавии кори фаъолияти майнаи сар таъсири манфӣ мерасонад. Албатта, таъсири номусоид ва ё пастшавии умумии фаъолнокӣ аз тарафи бисёр тадқиқотчиён дар муносибат бо гурӯҳҳои гуногуни кӯдакони нуқсондор қайд гардидаанд.

Пеш аз ҳама, фаъолнокии азхудкунии кӯдакон коҳиш меёбанд, ки ин сабаби маҳдуд гардидани донишу фаҳмишҳои онҳо оид ба дунёи гирду атроф ва худи ӯ шуда метавонад. Лекин маҳдуд будани таҷриба сабабҳои дигаре ҳам доранд. Масалан, маҳдудият дар омилҳои иҷтимоӣ дар шахсоне, ки ба бемории фалаҷи майнаи сар гирифторанд, нобиноянд ва бо шахсони солим доимо дар муошират нестанд. Дар ин ҳолат сустшавии фаъолнокӣ, азхудкунии норасоии биноӣ, шунавоӣ мушоҳида карда мешавад.

Хусусияти умумии хоси норасоии инкишофи номутаносиби самтҳои гуногуни пайдоиш ба нуқсу иллатҳои ҷисмонӣ вобастагӣ доранд. Бо суст шудани сатҳи фаъолияти азхудкунии донишу маҳорат ва малакаҳо худомӯзии бачагон вобаста аст. Бачагон бо роҳи тақлид, пайравӣ кардан норасоии узвҳои биноӣ, шунавоӣ ва дигар ҷиҳатҳои эҳсосу ҳиссиёти худро дарк мекунанд. Дар зинаи аввали норасоии инкишофи тадриҷи назар ба инкишофи самтҳо бартарӣ дорад. Маҳз барои ҳамин норасоии инкишофи ақлонию ҷисмонӣ ба қафомонии суръати инкишофи психикӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, барои тағйир додани рафтори бачагон аз тарзу усулҳои ислоҳдорӣ истифода бурдан ҷоиз аст. Ба сифати хусусияти умумӣ барои инкишофи шаклҳои зиёди норасоии инкишоф ва инчунин, инкишофи суст ҳам баъзе шаклҳои фаъолияти предметӣ лозим аст.

Норасоии як намуди фаъолият метавонад хусусияти умумӣ дошта бошад, ки ба ҳама ҷузъҳои таркибии вай пайваста буда, баъзе қисмҳои онро дар бар мегирад. Масалан, сабабҳои норасоии доимии фаъолият инкишофи сусти ҳавасмандгардонӣ аз ҷониби калонсолон дар ҷараёни таълим пурра набудани баъзе амалҳо ё ин ки суст назорат кардани амалҳоро дар бар мегирад. Иҷро намудани ҳар як фаъолият ба кори муътадили асабию психологӣ вобаста буда, вақти зиёди ҳаракатҳои ҷисмониро талаб мекунад.

Камбудиҳои соҳаи аппарати ҳаракатӣ бештар дар иҷрои амалу ҳаракатҳои гуногун ифода меёбанд. Инчунин, яке аз хусусиятҳои махсуси шаклҳои норасоӣ инкишофи ҷисмонӣ ва ақлонӣ мебошад. Сухан дар бораи он меравад, ки дар шарҳи норасоии рушди психикии кӯдакон нуқсонҳои забонию фонетикӣ ҷой доранд. Лекин кӯшишҳое, ки бачагон ба харҷ медиҳанд, назар ба меъёри муқарраршуда зиёдтар аст. Бешубҳа дар ин маврид натиҷаҳои ба даст омада камбудиҳои ҷисмониро пурра мекунанд, аммо масъалаи тағйирёбии кори системаи асаб, торҳои асаб, шиддатнок гардидани онҳо дар ҷараёни амалӣ гардидан шаклҳои гуногуни фаъолият ифода меёбанд. Аз ин рӯ, мумкин аст, ки бо ин хусусияти дигар ҷараёни мушкилоти тағйироти синнусолӣ фаҳмида шаванд. Баъдтар монеаҳои психологӣ ба вуҷуд меоянд, ки табиист онҳоро дар ҷараёни сустшавии инкишоф ба назар гирифтан лозим аст. Ба замми ин, давраи бухрони синнусолӣ давом мекунад, ки моҳияти он дар муоширати байниҳамии наврасону калонсолон ифода ёфта, дар баъзе мавридҳо наврасон ба фикри калонсолон розӣ нашуда, эътироз баён мекунанд. Масалан, «ман намехоҳам, «ман намеравам», «маро ба ҳоли худам гузоред» ва ғайраҳо.

Давраи наврасӣ дар тағйироти «эҳсоси калонсолӣ» худро калонсол шуморидан, расиши ҷинсӣ, мустақилият ба даст овардан, худтарбиякунӣ ба монанди инҳо зоҳир мегардад.

Инчунин, як хусусияти наврасон ҳамин аст, ки онҳо мустақилона ба ин ё он фаъолият машғул шуда, кори саркардаро ба охир мерасонанд. Ба инкишофи нутқ ва тафаккури худ аҳаммият медиҳанд. Бо вуҷуди ин, дар байни наврасон бачагони аз ҷиҳати инкишофи психикӣ нуқсондор, қафомонда ва норасоии ҷисмонидошта вуҷуд доранд. Барои ҳамин бештари бачагон норасоии инкишофи рафтори худ ва дигаронро дар муҳити иҷтимоӣ фарқ намекунанд ва ба имконоту лаёқати худ аз ҳад зиёд баҳо медиҳанд. Ҳамаи намудҳои норасоии инкишоф мушкилоти гуногунро дар рафти муошарати байниҳамии бачагон ба вуҷуд меорад. Аз як тараф, кам будани таҷрибаи иҷтимоӣ ва аз дигар тараф бо суръати тез инкишоф ёфтани психика таъсир мерасонад. Дар таҳқиқоти илмӣ қайд гардидааст, ки намудҳои гуногуни норасоии инкишофи психикӣ метавонад, масъалаҳои тахайюлию иродавӣ ва нутқиро ба вуҷуд орад. Бачаҳо, калимаҳо ва тахайюлҳое, ки мустақилона ба вуҷуд меоранд, онҳо бо якдигар алоқамандии қавӣ доранд. Ба сифати яке аз хусусиятҳои хос, ки барои ҳама гурӯҳҳои кӯдакони имкониятҳои маҳдуди зеҳнию ақлонидошта дар рафти машғулияту таълим аз шарҳи масъалаҳои мураккаби фикрӣ ба иҷрои фаъолияти амалидошта таваҷҷуҳи зиёд доранд.

Адабиёт:

1. Виготский Л.С., Розвитие высщих психических функсий. М., 1960.
2. Власова Т.А., Лебединская К.С. Актуалнье проблемый клиничиского извучения задержки психичиского развития // Дефектология, 1975, № 6.
3. Лубовский В.И. Диагностика нарущений развития // Основы психо-диагностики / Под ред А.Г. Шмелева. Ростов – на-Дону., 1977.
4. Занкоф Л.В. Психология унственного, осталого ребёнка. М., 1939.
5. Лубовский В.И. Диагностика нарущений развития // Основы психо-диагностики / Под ред А.Г. Шмелева. Ростов – на-Дону., 1977.
6. Лубовский В.И. Психологичские прблемы диагностики аномального розвития детей. М., 1989.
7. Мастиюкова Е.М. Ребёнок с отклоненениями в развитии. Раннаяя диагностика и коррекция. М., 1992.
8. Михеев В.В., Невзорова Т.А., Нервные и психические болезни. Медгиз – 1956-Москва.
9. Никольская О.С. Баенская Ё.Р., Либлинг М.М. Аутичный ребёнк: пути помищи. М., 1997.
10. Обучение детей с нарушениями интиеллектуального развития / Под ред Б.П. Пузанова. М., 2000.
11. Основы обучения и воспитания анамалных детей / Под ред А.И. Дьяченкова. М., 1965.
12. Питерс Т. Аутизм: от теоретического понимания к педагогическому воздействию СПБ., 1999.

ТАСНИФОТИ РУШДИ МУОШИРАТИ БАЙНИҲАМИИ КӮДАКОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД ДАР СИНФ ВА ЧОРАБИНИҲОИ БЕРУНАСИНФӢ

Дар мақола оид ба рушди муошарати байниҳамии кӯдакони имконияташон маҳдуд дар синф ва чорабиниҳои берунасинфӣ масъалагузорӣ гардида, ба андешаи муаллиф, масъалаҳои вобаста ба инкишофи психикӣ ва муошарати байни одамон ба зиддиятҳои дохилию берунӣ вобаста аст. Ин тағйироти ба вуҷудомада бо назардошти пешрафту инкишофи қафомонии суръати ҷисм, зеҳну ақл ва ғайраҳо вобаста буда, ба тағйир ёфтани сохти психикӣ таъсир мерасонад. Таснифот ва тағйирёбии инкишофи ҷисму руҳ ба меъёрҳои гуногун вобастаанд.

Масалан, аз таҷриба дур шудан ва норасоиҳо дар инкишофи омилҳои ғайризарурӣ ба суст инкишоф ёфтани ҷисму зеҳну ақли бачагон бетаъсир намемонад. Ба тағйирёбии бемориҳои ақлонӣ ноқисии ягон узв ва низоми ҳаракат, масалан, узви биноӣ, шунавоӣ, ҳаракатӣ ва ғайра дохил мешаванд. Тағйирёбии омилҳои ғайризарурӣ дар инкишофи маҷмуи бемориҳо ду ва якчанд

гурӯҳро дар бар мегиранд. Масалан, аз байн рафтан ва ё суст шудани кори узви биноӣ якҷоя бо шунавоӣ ба қафомонии ақлонӣ таъсир мерасонанд. Дар таснифоти Т.А. Власова ва М.С. Певзнер гурӯҳбандии дигари кӯдакони ноқисиҳои ақлонидошта муайян шудааст,- қайд менамояд муаллиф.

Бачагони бо тағйироти инкишоф, ки бо ноқисиҳои органикӣ сохт ва таркиби системаи асаб ба дунё омадаанд, таваҷҷуҳи махсусро талаб менамоянд. Онҳо, ба сухани гуворою руҳафзо ва лафзи ширини модар талабот доранд, навозишу меҳрубонӣ, таърифу тавсифро хуш пазироӣ мекунанд.

Калидвожаҳо: муошират, рушд, таснифот, тарбия, тағйирёбӣ, ташаккул, омил, гурӯҳ, ақлонӣ, гурӯҳбандӣ, ноқисиҳо, кӯдакон, таълим, суст шудан.

КЛАССИФИКАЦИЯ РАЗВИТИЯ МЕЖЛИЧНОСТНОЙ КОММУНИКАЦИИ ДЕТЕЙ С ОГРАНИЧЕННЫМИ ВОЗМОЖНОСТЯМИ В УЧЕБНОЙ И ВО ВНЕКЛАССНЫХ МЕРОПРИЯТИЯХ

В статье рассматриваются вопросы развития межличностного общения детей с ограниченными возможностями в учебной и внеклассной деятельности. По мнению автора, вопросы, связанные с психическим развитием и общением между людьми, связаны с внутренними и внешними конфликтами. Эти изменения зависят от прогресса физического и интеллектуального, разумного развития, и т. д. Классификация и изменения физического и интеллектуального развития детей зависят от разных критериев.

Например, отход отдаленность от практики и недостатки в развитии ненужных факторов приводят к слабому развитию детского организма, интеллекта и ума. К изменениям психических заболеваний относятся дефекты какого-либо органа и двигательной системы, например органов слуха, движения и т. д. Изменения ненужных факторов развития совокупности заболеваний включают две и несколько групп. Например, утрата или ослабление функции органа вместе со слухом влияет на умственную отсталость, а в классификации Т.А. Власова и М.С. Певзнер выделана еще одна группа детей с ограниченными умственными способностями, - отмечает автор.

Особого внимания требуют дети с изменениями в развитии, родившиеся с дефектами органического строения и состава нервной системы, головного мозга. У них есть потребность в приятных и нежных словах и ласковых словах матери, они приветствуют ласку, доброту, похвалу и описание.

Ключевые слова: общение, развитие, классификация, воспитание, изменение, формирование, фактор, группа, интеллект, группировка, дефекты, дети, воспитание, ослабление.

CLASSIFICATION OF DEVELOPMENT OF INTERPERSONAL COMMUNICATION OF CHILDREN WITH DISABILITIES IN EDUCATIONAL AND EXTRACURRICULAR ACTIVITIES

The article examines the issues of development of interpersonal communication of children with disabilities in educational and extracurricular activities. According to the author, issues related to mental development and communication between people are associated with internal and external conflicts. These changes depend on the progress of physical and intellectual, rational development, etc. Classification and changes in the physical and intellectual development of children depend on different criteria.

For example, withdrawal from practice and deficiencies in the development of unnecessary factors lead to weak development of the child's body, intellect and mind. Changes in mental illnesses include defects of any organ and motor system, such as organs of construction, hearing, movement, etc. Changes in unnecessary factors of development of a set of diseases include two or more groups. For example, loss or weakening of the organ function together with hearing affects mental retardation, and in the classification of T.A. Vlasov and M.S. Pevzner, another group of children with limited mental abilities is distinguished, - the author notes.

Particular attention is required for children with changes in development, born with defects in the organic structure and composition of the nervous system, brain. They have a need for pleasant and tender words and affectionate words of the mother, they welcome affection, kindness, praise and description.

Keywords: communication, development, classification, education, change, formation, factor, group, intelligence, grouping, defects, children, education, weakening.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сайдалиева Соҷида Абдуллоевна – ассистенти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 734065, ш Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. тел: (992) 987323247

Сведения об авторе: Сайдалиева Соджида Абдуллоевна – ассистент Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 734360, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16. Тел: (992) 987323247

Information about the author: Saidalieva Sojida Abdulloevna – assistant of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 734360, Kulob, S. Safarov st., 16. Tel: (992) 987323247

ТДУ:37.0+796 (075.8)
С-20

САМАРАНОКИИ ТЕХНОЛОГИЯИ ОМОДАСОЗИИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁНИ ТАХАССУСИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ОМОДАГИИ ДИФОИ ҲАРБӢ

Саидов П.А., унвончӯ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Раванди ташаккули тарбияи ҷисмонии донишомӯзон аз педагогҳо талаб мекунад, ки асосҳои тарбияи ҷисмонӣ, мазмун, сохтор, воситаҳо, шаклҳои ташкили он, усулҳои таълими амалҳои зарурии ҳаёт ва машқҳои ҷисмониро омӯзем. Асоси рушди ҳамаҷонибаи ҷисмонӣ стратегияи татбиқи пайвастаи раванди таълими ҳатмӣ дар шакли тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ, тарбияи ҷисмонӣ дар тамоми зинаҳои он мебошад. Ҳадафи раванди тарбияи ҷисмонӣ тадриҷан ба камолоти ҷисмонии онҳо ва омода намудан ба ҳаёт, меҳнати эҷодкорӣ ва ҳифзи Ватан мебошад.

Дар раванди тарбияи ҷисмонии донишҷӯён вазифаҳои умумӣ ва махсус ҳал карда мешаванд. Вазифаҳои умумӣ фарҳанг, тарбияи ҷисмонӣ ва тандурустӣ буда, вазифаҳои мушаххас дар шакли махсус дар Барномаи Стандарти давлатии маориф ҳал карда шудаанд. Вазифаҳои мушаххас иборатанд аз: 1) рушд ва таҳкими тарбияи саломатии қишрҳои гуногуни ҷомеа; 2) рушд додани сифатҳои ҷисмонии ба ҳар синну сол хос барои омода будан ба фаъолияти гуногуни меҳнатӣ; 3) малакаю қобилиятҳои барои ҳаёт зарурии ҳаракатро рушд дода, онҳоро бо малакаҳое мусаллаҳ гардонад, ки баъдтар заруранд; 4) ба донишомӯзон доир ба тарбияи ҷисмонӣ донишҳои нав додан; 5) шавқу ҳаваси донишҷӯёнро ба машқҳои мунтазами ҷисмонӣ бедор кардан; 6) қобилияти ташкилотчигии онҳоро ҳал кардан; 7) бо унсурҳои тарбияи маънавӣ - тарбияи ахлоқӣ, эстетикӣ ва меҳнатӣ пайвастани ТҶ бо дарназардошти он ки он синну соли донишомӯзонро баланд мебардорад ва қобилияти ҷисмониашонро афзоиш медиҳад, дар баробари вазифаҳое, ки ба арзишҳои мо алоқаманданд, зарур аст, ки дар баъзе зинаҳои таълим ухдадории ворид кардани ислоҳот, равшанӣ андохтан ва ҳалли як қатор дигар вазифаҳои марбут ба ТҶ ва омодагии дифои ҳарбиро ба миён меорад. Ин вазифаҳо дар баробари вазифаҳои тарбияи ахлоқӣ, маънавӣ, эстетикӣ ва меҳнатӣ, ки унсурҳои тарбияи маънавӣ ба шумор мераванд, дар баъзе зинаҳои таълим вобаста ба синну сол ва тайёрии ҷисмонии донишҷӯён мушаххас карда мешаванд.

Мо бояд онро ба таври мутаносиб рушд диҳем. Ба рушди минбаъдаи функсияи мудирияти низоми марказии асаб, кори узвҳои мушакҳо, кори дил, рагҳои хун, узвҳои нафас диққат дода мешавад. Бо илова кардани дониш дар бораи қоидаҳои гигиенаи шахсӣ ба ин раванд раванди таълим оғоз меёбад. Дарс шакли мунтазами ТҶ буда, ҳамчун раванди таълими мавзуъҳои барномавӣ ба донишомӯзон ва як гурӯҳ дар муддати муайян фаҳмида мешавад.

Имрӯзҳо рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар тамоми дунё ба масъалаи муҳим табдил ёфтааст. Дар ин робита дар «Барномаи мақмуии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021» чунин зикр шудааст: «Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, дар баробари ташвиқу таблиғи тарзи ҳаёти солим, инчунин яке аз воситаҳои беҳтарини таҳкими дӯстӣ ва ҳамкориҳо миёни на танҳо варзишгарон, балки инсонҳо ва кишварҳои ҷаҳон аст. Илова бар ин варзиш омили муҳимми ҷаҳоншиносии инсон, ба ҳамдигар муаррифӣ ва наздик гардидани халқу миллатҳо ва ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳои мухталифи ҷаҳон мебошад» [1, с. 1].

Муҳаққиқони тоҷик Ш. Сафаров ва М. Бобоҷонов вобаста ба зарурати тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва таъминоти ташкили методии он чунин изҳори назар кардаад: «Таваҷҷуҳ ба намудҳои миллии варзиш ҳамчун воситаи тарбияи ҷисмонӣ аз зарурати омодасозии омӯзгорони ояндаи фарҳанги ҷисмонии мураббиён аз рӯи намудҳои варзишӣ ва мутахассисони дигар дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар соҳаи фаъолияти касбии худ гувоҳӣ медиҳад. Аз ин рӯ, асосноккунии мазмун ва сохтори таъминоти сохтори ташкилию методии ташаккули омодагии омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ дар ҷумҳурӣ ҳам дар назария ва ҳам дар амалияи ташаккулёбӣ ва рушди ояндаи педагогика дар муассисаи таҳсилоти олӣ мубрам мебошад» [2, с. 86].

Дар ин фасл механизми сохтан ва натиҷаҳои таҷрибаи педагогиеро, ки барои муайян кардани самараи он гузаронида шудааст, дида мебароем: аввалан, маҷмуаҳои техникӣ-тактикии гӯштинро асоси тайёрии касбии муаллими ояндаи тарбияи ҷисмонӣ; дуюм, технологияи кор карда баромадашудаи ташаккули амалиёти техникӣ, ҳамчунин маҳорати таълим. Санҷиши таҷрибавии механизми пешниҳодшуда дар марҳилаи аввали таҳқиқот дар марҳилаи муайянкунии таҷрибаи педагогӣ ва муайян кардани самаранокии технологияи таҳияшуда дар муқоиса бо технологияи анъанавӣ дар марҳилаи дуюми таҷрибаи ташаккулёбӣ гузаронида шуд. Таҷрибаи пешакии педагогӣ муайян кардани аҳаммияти маҷмуаи техникӣ -тактикиро дар тайёрии тактикӣ, ки аз таълими техникӣ бартарӣ дорад, дар бар мегирад. Дар баробари ин, проблемаи асосии такмили маҳорати тактикӣ аз он иборат аст, ки дар асоси дарк кардан ва рӯякӣ табдил додани ҳолатҳои рақобатӣ як-як ба намуна - мақсади «ояндаи зарурӣ» донишҷӯ метавонад, масъалаҳои тактикиро дар муддати кутоҳтарин вақти имконпазир бо ёрии амалҳои техникӣ ҳал кунад.

Маълум аст, ки агар варзишгар вазъияти мусобиқаро омӯхта тавонад ё вай маҳорати тактикии мавҷударо истифода бурда тавонад, он гоҳ барои қабули қарори тактикии дуруст назар ба вазъияти ношинос ё кам омӯхташуда вақти хеле камтар мегирад. Дар асоси ин маълум мешавад, ки агар варзишгар нисбат ба рақиб бо вазъ бештар шинос бошад, пас вай нисбат ба ӯ баъзе бартариятҳо ба даст меорад, зеро ӯ имкон дорад рӯйдодҳои ояндаро пешбинӣ кунад ва натиҷаи онҳоро ба нақша гирад ва аз ҳама муҳимаш, ӯ ба кор шуруъ мекунад, техникаи техникиро пештар истифода баранд.

Дар натиҷаи мушоҳидаҳои педагогии гузаронидашуда ва ба таври стенография ба қайд гирифтани вохӯриҳои мусобиқа муайян карда шуданд, ки ҳангоми гузаштан ба онҳо варзишгарон ба истифодабарии воситаҳои гуштин дар майдон шуруъ намуданд. Дар баробари ин маълум гардид, ки донишчуён дар мудирияти мавзеъҳо ва истифода бурдани онҳо барои иҷрои амалҳои техникӣ суст будаанд. Чунин нуқсонҳо дар маҳорати тактикии муаллими оянда ба миён омадаанд, зеро дар машғулиятҳо ба онҳо амалҳои техникиро меомӯзонданд, вале дар онҳо малакаю маҳорати истифода бурдани ин амалҳо дар ҳолатҳои мусобиқа дар таълими донишомӯзон ва ғайра ташаккул намеёфтанд. Сабаби ин вазъият, ба фикри мо, дар барномаи таълими муаллимони оянда мавҷуд набудани сексияе мебошад, ки ба баррасӣ ва истифодаи маҷмуаҳои техникӣ-тактикӣ ҳамчун асоси якҷоя иҷро кардани амалиёти техникӣ ва тактикӣ бахшида шудааст.

Муҳаққиқони тоҷик Ш. Сафаров ва М. Бобоҷонов масъалаҳои вобаста ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро баррасӣ намуда, дар робита ба омодасозии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ зикр мекунанд, ки «Омодасозии омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ аз раванди ташаккули шахсият, рушди фарҳанги педагогии умумӣ ва касбии ӯ иборат аст, ки ба сифати шарт ва

пешзаминаи самаранокии фаъолият дар раванди ташаккули касбӣ ва омодагии ӯ ҳамчун ҳолати томи ӯ хизмат карда, тавсифоти самаранокии сифатии самтнокии шуур, мавқеи касбӣ ва сатҳи азхудкунии амалҳо ва амалиёти касбию педагогии он ва ғайраро ифода мекунад» [2, с. 86].

Таҳқиқоти гузаронидашуда имкон дод, ки фарзия барои таҷрибаи пешакӣ тартиб дода шавад, ки омӯзиши маҷмуаҳои техникӣ-тактикӣ вақти иҷрои амалҳои дахлдорро дар муҳорибаю мусобиқа кам мекунад. Ғайр аз ин, бо тасдиқи таҷрибавии ин фарзия зарурати пурра ва аниқ кардани мазмуни таълими донишҷӯёни факултети тарбияи ҷисмонӣ аз ҷиҳати истифодаи муқаррароти стандартӣ ҳангоми омӯзиши амалҳои техникӣ-тактикӣ ва маҷмуаҳои техникӣ-тактикӣ ба миён меояд. Аз ин мавқеъҳо барои санҷиши фарзияи пешниҳодшуда марҳилаи пешакии озмоиши педагогӣ ташкил ва гузаронида шуд.

Ташкил ва гузаронидани таҷриба. Таҷрибаи пешакии педагогӣ аз моҳи ноябри соли 2020 то апрели соли 2023 гузаронида шуд, ки дар он донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (кафедраи тарбияи ҷисмонӣ), ки ихтисоси гӯштини озод ва юнониву румӣ доранд, буданд. Субъектҳо бо истифода аз усули интихоби ҷуфтҳо ба ду гурӯҳи иборат аз 25 нафар (назорат ва таҷрибавӣ) тақсим карда шуданд, ки ташаккули онҳо бо назардошти тахассуси варзишӣ ва вазни довталабон ҳангоми санҷиши пешакии варзишгарон шахсияти гурӯҳҳои ташкилшуда санҷида шуд.

Ба гурӯҳи назоратии гӯштингирон дохил шуданд: 2 - устоди варзиши байналхалқӣ, 12 - устоди варзиш, 10 нафар номзадҳо ба устодии варзиш, 1 нафар - разряди якум. Ба гурӯҳи таҷрибавӣ: 14 нафар устодони варзиш, 9 нафар номзадҳо ба устодии варзиш, 2 нафар донишҷӯёни разряди якум дохил шуданд.

Дар баробари ин, чи тавре ки аллакай қайд карда шуд, вазни варзишгарон ба назар гирифта шуда, дар ҳар ду гурӯҳ: 5 нафар гӯштингирони вазни сабук аз 60 то 70 килограмм, 8 нафар гӯштингирони миёна (аз 70 то 90 килограмм) ва 2 нафар гӯштингирони вазнин (вазни 90 килограмм ё бештар).

Ҳамин тариқ, ба гурӯҳҳои назоратию таҷрибавӣ гӯштингирони разрядҳои олии варзишӣ ва категорияҳои гуногуни вазн дохил шуданд. Ҳамзамон, дар як рӯз, ҳафтае се маротиба дар дарсҳо бо мақсади баланд бардоштани маҳорати варзишӣ, аз рӯйи ҳамон нақшаи таълиму тарбия бо усулҳои анъанавии таълим машғулиятҳо бо ду гурӯҳ гузаронида мешуданд.

Ҷадвали 1. Омодагӣ ба фаъолияти касбию педагогии омӯзгори ояндаи тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ

Дараҷаҳо	Мақтаи ибтидоӣ		Мақтаи миёна		Мақтаи ниҳоӣ	
	ГН	ГЭ	ГН	ГЭ	ГН	ГЭ
Репродуктивӣ	24,4	26,9	23,7	23,1	21,0	9,6
Репродуктивӣ –	63,6	60,2	62,4	52,2	51,5	20,6
Репродуктивӣ-	10,6	11,6	11,3	16,7	19,6	53,2
Маърифатӣ-табдилӣ	1,4	1,3	2,6	8,0	7,9	16,6

Фарқи байни омӯзиш дар гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ дар он буд, ки дар охирин омӯзиш ва такмили амалҳои техникӣ ва тактикии муҳорибаҳои рӯйизаминӣ бо истифода аз маҷмуаҳои техникӣ-тактикӣ ва амсиласозии вазъиятҳои рақобатӣ анҷом дода мешуд ва дар вақти муҳорибаҳои тарбиявию машқӣ ва рақобатнок муборизаи варзишгарон низ аз ҳамин мавқеъҳо сар шуд.

Ҳангоми омӯзиши гузариш аз гуштини истода ба муборизаи рӯйизаминӣ, омӯзиш дар гурӯҳи таҷрибавӣ чунин тартиб дода шуд. Паҳлавонон пас аз иҷрои усули истодан дар ҳолати муқаррарии муқарраршуда дар замин қарор гирифтанд ва варзишгари ҳамлагар амалҳои муайянеро анҷом дод.

Пас аз ин тавр омӯхтани мавқеи стандартии замин вазифа аз он сабаб мураккаб гардид, ки паҳлавони ҳамлагар намедонист, ки ҳимоятгар пас аз қабул дар раф дар кадом мавқеъ қарор мегирад ва дар асоси ин амалҳои техникӣ ва тактикиро анҷом медод. Мавқеъ, ки имкони зуд қабул кардани қарори тактикиро хеле душвор гардонд, ки ин имкон медиҳад, ки иҷрои амалиёти техникӣ ва тактикӣ ба шароити муҳорибаҳои рақобатӣ наздик карда шавад.

Гузашта аз ин, дар задухӯрдҳои мусобиқа вазифаи ҳатмии таъқиб кардани ҳариф пас аз гузаштан аз гӯштин ба мавқеи истода ва ғайра гузошта шуда буд. Ҷузъи муҳим он аст, ки сарфи назар аз натиҷаи вазъияти мусобиқа маҳорати тактикии гӯштингирон такмил меёбад. Дар оянда вай дар вазъияте, ки агар дар он ғалаба кунад, ҳамон қарори тактикиро интихоб мекунад ва агар дар он мағлуб шавад, роҳи нави самарабахштари тактикиро ҷустуҷӯ мекунад.

Дар баробари ин дар асоси санҷиш пеш аз таҷриба ва баъд аз он таҳқиқи таъсири омӯзиши амалиёти техникӣ ва тактикӣ аз мавқеи стандартӣ ба вақташ иҷро карда шуд.

Бояд зикр кард, ки дар таҳқиқоти психологию педагогӣ тест одатан ҳамчун вазифаҳое фаҳмида мешавад, ки аз ҷиҳати мураккабӣ стандартишуда ва якхела душвор буда, барои омӯзиши муқоисавии хусусиятҳои гурӯҳӣ ва фардӣ истифода мешаванд. Бо дарназардошти гуфтаҳои дар боло зикршуда, ҳангоми санҷиш натиҷаҳои иҷрои супориш дар як воҳиди вақт аз ҷониби гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ муқоиса карда мешавад, ки барои он мо дар таҳқиқоти худ аз санҷиши вазъиятӣ, ки таҷдиди сунъии амсила мебошад, истифода бурдем. Аз он ҳолатҳои воқеии ҳаётӣ, ки дар он тибқи ақидаҳои қабулшуда, одатан хислати шахсии ба муҳаққиқ бештар ҷолиби диққат зохир мегардад.

Сохтмони озмоиш ва муайян кардани сохтори он дар асоси сохтани вазъияти хоси рақобатии мубориза бо гузаштан аз гӯштии истода ба замин ва иҷрои амалҳои техникӣ-тактикӣ дар рӯйи замин анҷом дода шуд. Сохтори санҷиш аз инҳо иборат буд: иҷро кардани техника дар ҳолати истода; гузаштан ба мавқеи оғози ҳамла; даст ё по. Дар натиҷаи санҷиш вақти иҷрои амалҳои техникӣ ва тактикӣ аз мавқеи стандартӣ муайян карда шуд, ки барои он дар зери яке аз сегментҳои қолин лавҳаи контактӣ гузошта шуда, пас аз ба ин сегмент афтодани паҳлавони ҳимоятгар сониясанҷи электрониро ба кор андохтааст. Сониясанҷ пас аз ба охир расидани техника, баъд аз он ки варзишгари дифоъ сигнали овозии таслим шуданро дод, қатъ шуд. Дар ин ҳолат ҳарду гӯштингире, ки дар санҷиш иштирок мекунанд, супориши мушаххас гирифтанд, ки дорои хусусияти зерин буд:

1) вазифаи озмоишшаванда (ҳамлагар) аз болои сар бо пойи ба шикам гузошташуда даст дар байни пойҳо партоб кардан ва сипас ҳарчи зудтар ба шарики муқовиматгар - ҳамла кардан аст;

2)вазифаи муҳофиз аз он иборат аст, ки пас аз партофт худро дар мавқеи муштараке, ки муаллим муайян кардааст (дар чор тараф, сина, пушт ё паҳлӯ) пайдо кунад.

Гузашта аз ин, паҳлавони ҳамлагар намедонист, ки ҳимоятгар пас аз партоб дар кадом мавқеъҳои стандартӣ амал мекунад ва аз ин рӯ, ҳашт ченкунии вақти иҷрои техника, дар ҳар мавқеъ дутоӣ гирифта шуд. Дар асоси ин ду андозагирӣ, барои ҳар як мавқеъ вақти миёнаи арифметикӣ барои анҷом додани санҷиш пайдо шуд, ки баъдан бо арзишҳои миёнаи се мавқеи дигар ҷамъбаст карда шуд ва аз ин рӯ вақти умумии субъект барои иҷрои вазифаи таъйиншуда дар ҳамаи чор мавқее, ки паҳлавони ҳимоягар дар вохӯриҳои мусобиқа ишғол карда метавонад, муайян карда шуд. Дар санҷишҳо ду варзишгар (яке сабук ва дигаре миёнавазн), ки бо нишондодҳои хуб фарқ мекунанд, ҳамчун паҳлавони мудофиавӣ иштирок карданд.

Натиҷаҳои таҷриба. Барои санҷидани фарзияи ин таҷриба санҷиши пешакӣ ва ниҳоии назоратии варзишгарон гузаронида шуд. Муътамадии санҷиш бо истифода аз усули такрорӣ назорат карда шуд. Аз ин рӯ, имтиҳони пешакӣ аз ду санҷиши фаннӣ иборат буд, ки дар давоми ду дарси пайиҳами донишҷӯён барои баланд бардоштани маҳорати варзишӣ, яъне дар як рӯз. Муътамадӣ бо роҳи муқоисаи натиҷаҳои санҷиш ва санҷиши такрорӣ тавассути ҳисоб кардани коэффисиенти таносуби (коррелятсияи) хаттии ҷуфтшудаи Браваис-

Пирсон муайян карда шуд.

Ҳангоми санҷиши шахсияти гурӯҳҳои муқоисавии интихобшудаи имтиҳони назорати пешакӣ ва ҷамъбастӣ ҳамчун маълумоти пешакӣ ҷамъи воситаҳои арифметикии чор ченкунии иҷрои супориши тестӣ дар ҳар як мавқеъ истифода мешуд, яъне тамоми чораҳои санҷиш-такрор истифода шуданд. Маълумоти бадастомада вақти (бо сония) иҷро кардани техникаро аз мавқеъҳои стандартии баррасишуда, ки паҳлавони дифоъгар истифода кардааст, ифода мекунад.

Ҳисобкунии коэффисиенти таносуби (коррелятсияи) хаттии ҷуфтшудаи Браваис-Пирсон муайян кардани шахсияти гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавиро бо истифода аз усули таҳлили яктарафаи дисперсия бо таснифи яктарафа таъмин намуд.

Фарзияи мо ин буд, ки мо шахсияти гурӯҳҳоро тахмин кардем, яъне баробарии арзишҳои миёнаи вақти гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ тахмин карда мешавад. Натиҷаҳои таҳлили дисперсия, ки дар рафти кори таҷрибавӣ ба даст оварда шудаанд, фарзияи пешниҳодкардаи моро тасдиқ мекунанд.

Санҷиши фарзияи таҷрибаи педагогӣ, аз тахмини он иборат аст, ки омӯзиши маҷмуаи техникӣ-тактикӣ аз муқаррароти стандарти вақти иҷрои ин амалҳоро дар бозии рақобатӣ кам мекунад, ҳамчунин бо роҳи таҳлили дисперсия гузаронида шуд. Аммо дар ин ҳолат, таҳлили дисперсия барои муқоисаи маълумоти андозагирӣ истифода мешуд. Маълумоти муқоисаи санҷишҳои гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавии пеш аз таҷрибаи пешакӣ ва баъд аз пешниҳодшуда фарзияи моро тасдиқнамуда нишон медиҳад, ки дараҷаи таъсири омил 22,1% буд.

Ҳамзамон, дар гурӯҳи назоратӣ тағйироти аз ҷиҳати оморӣ муҳим пайдо нашуд, зеро он аз ҷадвал камтар буд ва дараҷаи таъсири омили таҳқиқшуда ҳамагӣ 2,2 буд.

Таҷрибаи асосии педагогӣ. Ин таҷриба таҷрибаи асосӣ номида шуд, зеро гузаронидани он таҳқиқоти таҷрибавии моро анҷом дод ва имкон дод, ки вазифаи минбаъдаи кори пешниҳодшуда, яъне муайян кардани самаранокии усули пешниҳодшудаи таълим дар муқоиса бо усули анъанавӣ ҳал карда шавад.

Интихоби заминаи методологии сохтани усули ташаккули тадриҷии маҳорат дар таълими гӯштин ва рушди он дар бобҳои қаблии рисола муфассал баррасӣ шудааст, бинобар ин мо барои таҷриба фарзия тартиб дода, ба тавсиф оид ба ташкил ва гузаронидани таҷрибаи асосии педагогӣ мегузарем.

Фарзия. Истифодаи усули тадриҷан такмил додани маҳорати таълимии маҷмуаи техникӣ-тактикӣ самараи азхудкунии мазмуни таълимро баланд бардошта, маҳорати касбии барои донишомӯзон зарурро рушд медиҳад.

Тавре аз фарзияи таҳқиқотӣ дида мешавад, тафовути асосии таҷрибаи пештара ин аст: аввалан, донишҷӯёне, ки ба ҳайси субъектҳо баромад мекунанд, ҳамчун мураббии оянда ҳисоб мешаванд, на варзишгар; дуюм, дар гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ таълим бо усулҳои гуногун гузаронида мешуд, вале мазмуни якхелаи таълимӣ истифода мешуд.

Гурӯҳи назоратӣ бо усули анъанавӣ ва гурӯҳи таҷрибавӣ бо усули пешниҳодкардаи мо барои ташаккули тадриҷан амалҳои ҳаракатӣ ва малакаҳои омӯзишӣ омӯзонида шуданд. Дар баробари ин мазмуни таълим барои ҳар ду гурӯҳ як хел буда, дар асоси мазмуни мукаммали барномаи курси тахассусӣ муайян карда мешуд. Ба сифати мисоли ташаккули малака ва маҳорати омӯзгорӣ маҷмуаҳои зерини техникӣ-тактикӣ, ки дар асоси муқаррароти гуногуни стандартӣ сохта шудаанд, баррасӣ шуданд. Ҳамлагар ба замин ҳуҷум карда, аз боло мегузарад. Ба замин ҳамла карда, аз боло мегузарад, табдилдиҳӣ бо фишанг аз гардан гирифта, нигоҳ дошта мешавад. Ба замин ҳамла карда, аз боло мегузарад, фишанги китф, як пояро бо пойи дарун пайваст мекунанд. Ҳамла ба замин, ҳамла аз паҳлӯ, фишанги китф, бо чангол. Ба замин ҳамла карда, аз паҳлӯ мегузарад, дар ҳолати хатарнок нигоҳ доштан (дар боло), китфро аз боло гирифтан. Ба замин ҳамла карда, аз ҷониби сар ҳамла мекунад; чаппа шудан бо гирифтани гардан ва даст аз зери китф, дар ҳолати хатарнок нигоҳ доштан (дар боло). Дар замин ҳуҷум карда, аз тарафи сар мегузарад, аз фишанги китф доштан. Ба замин ҳамла карда, аз паҳлӯйи пойҳо мегузарад, табдилдиҳиҳо; пой ва танро гирифтан. Ба қафаси

сина ҳамла карда, аз паҳлӯ гузаштан, фишанги китф, мушакҳо фишурда. Ба қафаси сина ҳамла карда, аз боло мегузарад, фишанги китф.

Ин миқдори маҷмуаҳои техникӣ-тактикии омӯхташуда ба талаботи барнома мувофиқ аст, ки тибқи он дар ҳар ду гурӯҳ шумораи машғулиятҳо як хел, дар ҳар гурӯҳ 20 соати таълимӣ.

Мувофиқи ҷадвали машғулиятҳои тахассусии донишҷӯёни курсҳои якум ва дуюм машғулиятҳо дар гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ дар як рӯз, аз тарафи ҳамон муаллим (муаллиф) гузаронида мешуданд.

Барои муайян кардани омодагии донишҷӯён ба ин бахш дар оғози омӯзиш дар гурӯҳҳо имтиҳони пешакӣ гузаронида шуд. Маълумоти бадастомада имкон дод, ки вазъи ибтидоии донишҷӯёни курсҳои якум ва дуюм аз ҷиҳати ташаккули омодагии донишҷӯён ба фаъолияти касбии донишҷӯён дар гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ муқоиса карда, ҳамчунин самаранокии таъсири технологияи истифодаи маҷмуаҳои техникӣ-тактикӣ санҷида шавад. Ин имтиҳон аз санҷиши донишҷӯён, ки дар таҷрибаи пешакии педагогӣ гузаронида шуда буд, ҳамчунин муайян намудани ташаккули маҳорати таълими маҷмуаи техникӣ-тактикии гӯштинро дар бар мегирад. Дар баробари ин, аз ҷумла, малакаю маҳорати омӯзонидани усулҳои муҳорибаи рӯйи замин муайян карда шуд.

Адабиёт:

1. Барномаи маҷмуии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ҶТ. Замимаи 1 ба карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз “27” майи соли 2017, № 260

2. Сафаров, Ш., Бобоҷонов, М. Мазмуни азхудкунии воситаҳои миллии тарбияи ҷисмонӣ аз ҷониби омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ//Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф (ISSN-2617-5320). –Душанбе, 2020, 1 (29). - С.86-90.

3. Тарбияи қӯдаки солим. Мураттибон Турғунова З.К., Мансурова В.Ш. Дастури методӣ барои кормандони муассисаҳои томактабӣ ва падару модарон. - Душанбе, 2008.-80с.

4. Тарзи ҳаёти солим. Дастур барои омӯзгорони синфҳои 7-9-уми мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.-Душанбе, 2008.-192с.

5. Теория и методика физического воспитания: Учеб. для ин-тов физической культуры/Под общ. ред. Л.П. Матвеева и А.Д. Новикова.-М.: Физкультура и спорт, 1976. - 304 с.

6. Тихонов, И.И. Организация педагогических экспериментов по программированному обучению и обработке их результатов/И.И. Тихонов. - М.: Знание, 1968. -68 с.

7. Тихонов, И.И., Неверкович, С.Д. Активизация педагогического процесса/И.И. Тихонов, С.Д. Деверкович//Теория и практика физической культуры. - 1984. - № 7. - С. 41-^44.

8. Тищенков, И.И. Исследование методов применения технических средств и программирования в процессе обучения студентов, специализирующихся по спортивной борьбе: Автореф. дис... канд. пед. Наук/И.И. Тищенко.-М., 1975.-23 с.

9. Торндайк, Э.Л. Принципы обучения, основанные на психологии/Э.Л. Трондайк.-М.,1930.-235 с.

10. Торопив, Г.И. Чтобы оставаться сильнейшими: Проблемы подготовки резервов/Г.И. Торопив//Спортивная борьба: Ежегодник.-М., 1984. - С.41-43.

11. Туманян, Г.С. Методы изучения интенсивности соревновательных упражнений в спортивных играх и единоборствах/Г.С. Туманян//Теория и практика физической культуры. - 1965.- №8.- С. 17-20.

12. Туманян, Г.С., Свищев, И.Д., Чумаков, Е.М. Методика определения и анализ тактико-технической подготовленности дзюдоистов различного возраста и квалификации: Метод, рекомендации/Г.С. Туманян, И.Д. Свищев, Е.М. Чумаков. - М., 1974.-37с.

13. Турин, Л.В. Молодой самбист/Л.В. Турин.-М.: Физкультура и спорт, 1970. - 208 с.

14. Ушинский, К.Д. Человек как предмет воспитания: Опыт педагогической антропологии/К.Д. Ушинский/Собр. соч.-М.-Л.,1950.-Т.8, кн. 1.-776с.

САМАРАНОКИИ ТЕХНОЛОГИЯИ ОМОДАСОЗИИ КАСБИИ ДОНИШҶЎЁНИ ТАХАССУСИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ОМОДАГИИ ДИФОИ ҲАРБӢ

Мақола ба тавсифу баррасии ҷанбаҳои самаранокии технологияи омодасозии касбии донишҷӯёни тахассуси тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ бахшида шудааст.

Ба андешаи муаллиф, раванди ташаккули тарбияи ҷисмон (ТҶ)-и донишомӯзон аз педагогҳо талаб мекунад, ки асосҳои ТҶ, мазмун, сохтор, воситаҳо, шаклҳои ташкили он, усулҳои таълими амалҳои зарурии ҳаёт ва машқҳои ҷисмониро омӯзем. Асоси рушди ҳамаҷонибаи ҷисмонӣ стратегияи татбиқи пайвастаи раванди таълими ҳатмӣ дар шакли ТҶ ва омодагии дифои ҳарбӣ, дар тамоми зинаҳои он мебошад. Ҳадафи раванди ТҶ тадриҷан ба камолоти ҷисмонии онҳо ва омода намудан ба ҳаёт, меҳнати эҷодкорӣ ва ҳифзи Ватан мебошад.

Дар натиҷаи мушоҳидаҳои педагогии гузаронидашуда ва ба таври стенография ба қайд гирифтани вохӯриҳои мусобиқа муайян карда шуданд, ки ҳангоми гузаштан ба онҳо варзишгарон ба истифодабарии воситаҳои гӯштин дар майдон шуруъ намуданд. Дар баробари ин маълум гардид, ки донишҷуён дар мудирияти мавзеъҳо ва истифода бурдани онҳо барои иҷрои амалҳои техникӣ суст будаанд. Чунин нуқсонҳо дар маҳорати тактикии муаллими оянда ба миён омадаанд, зеро дар машғулиятҳо ба онҳо амалҳои техникиро меомӯзонданд, вале дар онҳо малакаю маҳорати истифода бурдани ин амалҳо дар ҳолатҳои мусобиқа дар таълими донишомӯзон ва ғайра ташаккул намеёфтанд. Сабаби ин вазъият, ба фикри мо, дар барномаи таълими муаллимони оянда мавҷуд набудани сексияе мебошад, ки ба баррасӣ ва истифодаи маҷмуаҳои техникӣ-тактикӣ ҳамчун асоси якҷоя иҷро кардани амалиёти техникӣ ва тактикӣ бахшида шудааст.

Калидвожаҳо: тактика, техника, назорат, таҷриба, маҷмуаҳо, таҷрибаҳои педагогӣ, гӯштин, усулҳо, санҷиши донишҷӯён, мушоҳидаҳои маҷмуаи техникӣ-тактикӣ, фаъолияти касбии донишҷӯён.

ЭФФЕКТИВНОСТЬ ТЕХНОЛОГИИ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ПОДГОТОВКИ СТУДЕНТОВ ПО СПЕЦИАЛЬНОСТИ «ФИЗИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ И ВОЕННО-ОБОРОНИТЕЛЬНАЯ ПОДГОТОВКА»

Статья посвящена описанию и обзору аспектов эффективности технологии профессиональной подготовки студентов по специальности физическое воспитание и военной подготовке.

По мнению автора, процесс формирования физического воспитания (ФК) обучающихся требует от педагогов изучения основ физкультуры, ее содержания, структуры, инструментов, форм организации, методов обучения необходимым жизненным действиям и физическим упражнениям. Основой всестороннего физического развития является стратегия непрерывного осуществления обязательного тренировочного процесса в форме военной подготовки, военной подготовки всех уровней.

Цель тренировочного процесса - постепенное доведение их до физической зрелости и подготовка к жизни, творческому труду и защите Родины. В результате проведенных педагогических наблюдений и стенограммы поединков установлено, что во время поединков спортсмены начали использовать на поле борцовскую технику. При этом выяснилось, что студенты медленно управляют сайтами и используют их для выполнения технических действий. Такие дефекты появлялись в тактическом мастерстве будущего учителя, поскольку на занятиях его обучали техническим действиям, но у него не развивались навыки и умения использовать эти действия в соревновательных ситуациях при обучении учащихся и т. д. Причиной такого положения, на наш взгляд, является отсутствие в программе подготовки будущих преподавателей раздела, посвященного рассмотрению и использованию технико-

тактических комплексов как основы совместного выполнения технико-тактических операций.

Ключевые слова: тактика, приемы, контроль, опыт, наборы, педагогические опыты, борьба, методы, тестирование студентов наблюдения за технико-тактическими наборами, профессиональная деятельность студентов.

EFFICIENCY OF TECHNOLOGY OF PROFESSIONAL TRAINING OF STUDENTS IN THE SPECIALTY "PHYSICAL EDUCATION AND MILITARY-DEFENSIVE TRAINING"

The article is devoted to the description and review of aspects of the efficiency of technology of professional training of students in the specialty of physical education and military-defensive training.

According to the author, the process of formation of physical education (PE) of students requires teachers to study the basics of physical education, its content, structure, tools, forms of organization, methods of teaching necessary life actions and physical exercises. The basis of comprehensive physical development is the strategy of continuous implementation of the mandatory training process in the form of military training and military-defensive training, military training of all levels. The purpose of the training process is to gradually bring them to physical maturity and prepare them for life, creative work and defense of the Motherland. As a result of pedagogical observations and transcripts of fights, it was established that during fights, athletes began to use wrestling techniques on the field. At the same time, it turned out that students slowly manage sites and use them to perform technical actions. Such defects appeared in the tactical skills of the future teacher, since he was taught technical actions in the classroom, but he did not develop the skills and abilities to use these actions in competitive situations when teaching students, etc. The reason for this situation, in our opinion, is the absence in the training program for future teachers of a section devoted to the consideration and use of technical and tactical complexes as a basis for the joint implementation of technical and tactical operations.

Key words: tactics, techniques, control, experience, sets, pedagogical experiments, struggle, methods, testing of students, observations of technical and tactical sets, professional activities of students.

Маълумот дар бораи муаллиф: Саидов Парвин Абдусатторович – унвонҷӯйи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, ҶТ, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров-16. Тел.: 918304151.

Сведения об авторе: - Саидов Парвин Абдусатторович - соискатель Кулябского государственного университета им. А.Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г.Куляб, ул. С. Сафарова-16. Тел.: 918304151.

Information about the author: - Saidov Parvin Abdusattorovich competitor of the Kulob State University named after. A. Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, S. Safarov-16 st. Тел.: 918304151.

ТДУ: 811.111 (575.3)
Т-23

ТАКМИЛИ ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА ОМОДА НАМУДАНИ ОНҲО БА КАСБИ ОЯНДА

Талбакова Н.Қ., ассистент
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Дар ҳамаи давру замон масъалаи тарбияи ахлоқии ҷавонон ва донишҷӯён яке аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ба шумор мерафт. Файласуфон, психологҳо, педагогҳои қарнҳои

гузашта мувофиқи талаботи замони хеш дар бораи тарбияи ахлоқи шоистаи ҷавонон дар дарсҳои забони англисӣ нуқтаи назари арзишмандро баён карданд, ки имрӯз низ аҳаммияти тарбиявии худро гум накардаанд.

Айни замон, тағйир додани талаботи ахлоқии давлати соҳибистиқлол, демократӣ ва ҳуқуқбунёд ба меъёр ва қоидаи рафтори ҳар як шаҳрванд, дар навбати аввал, ҷавонон, яке аз масъалаҳои мубрами муосир маҳсуб мешавад. Ҳаллу фасли ин масъала асосан бар дӯши муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шудааст, яъне бомасъулияттарин вазифа – омода намудани мутахассисони баландихтисос, тарбияи онҳо, аз ҷумла, тарбияи ахлоқии онҳо мебошад. Ин талабот барои муассисаҳои таълимии олии омӯзгорӣ, ки мутахассиони соҳаи маорифро омода мекунанд, махсусан муҳим ба шумор меравад.

Бисёр муҳим аст, ки осори илмии мутафаккирони қарнҳои гузашта имрӯз дар раванди тарбияи ахлоқии насли наврас истифода бурда шаванд.

Албатта, дар даврони рукуд ба анъанаҳои мардумӣ ҳамчун ҷанбаи динидошта муносибат менамуданд ва мутаассифона, аз урфу одат ва анъанаҳои пешқадами аҷдодонамон, ки дар таълиму тарбияи насли наврас қимати арзишманд доштанд, истифода бурда намешуд. Ба ақидаи мо ин нуқсон то андозае ба тарбияи ахлоқии ҷавонон бе таъсир наmemонд, чунки дар байни як қисм ҷавонону донишҷӯён чунин рафторҳои манфӣ, ба монанди эҳтиром накардани падару модар ва калонсолон, сангдилӣ, номеҳрубонӣ, дуруштӣ, аз меҳнат рӯй тофтан, мушоҳида карда мешавад.

Чи тавре ки муҳаққиқ Ф. Гулмадов қайд мекунад, «Суннат ва анъанаҳои неки мардумӣ яке аз дастовардҳои маънавии халқи тоҷик буда, барои рушду камоли насли ҷавон хизмат мекунанд. Аз ин ҷост, ки ҳар халқу миллат маҳз тавассути суннат ва анъаноти пешқадамаш дар тамаддуни башар шинохта мешавад» [2, с. 34-62].

Тарбияи ахлоқии донишҷӯён чун қисми таркибии масъалаи тарбия баррасӣ мегардад, ки ҳадафи ниҳоии он ташаккули шахси дорои сифатҳои баланди ахлоқӣ мебошад.

Муҳиммии масъалаи тарбияи ахлоқии инсон аз ҷумла донишҷӯ, на танҳо бо талаботи дохилии рушди ҷомеа, балки бо вазъи беруна ва қабл аз ҳама, бо робитаҳои иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангӣ бо дигар давлатҳо муайян карда мешавад. Ва дар ин росто донистани забони англисӣ бояд нақши муайянро бозӣ кунад.

Моҳияти тарбияи ахлоқии донишҷӯён иборат аз ташаккули дарку эҳсоси ахлоқӣ, малака, маҳорат, одат ва рафтори нек дар онҳо мебошад. Дар низоми тарбияи ахлоқӣ тамоми ин ҷузъҳо якҷо мешаванд.

Инкишофи ахлоқии шахсияти донишҷӯ дар фаъолият ҷараён мегирад, чунки ҳар гуна фаъолият самтгирии ахлоқӣ дорад. Дар ҷараёни фаъолият донишҷӯён ба робитаҳои ахлоқӣ ворид мешаванд, ки ба асоси меъёрҳо ва талаботи мавҷудаи ахлоқӣ бунёд ёфта, бо усулҳои ахлоқӣ танзим мешаванд. Омӯзгорон зимни тарбияи донишҷӯён, онҳоро меомӯзонанд, ки фурӯтан, содиқ, масъулиятшинос, ватандӯст, меҳнатдӯст ва дар муносибат бо одамон меҳрубон бошанд.

Ҳадаф ва вазифаи ниҳоии тарбияи ахлоқии омӯзгорони оянда дар ҳар кадоми онҳо ташаккул додани мавқеи фаъоли ҷамъиятӣ мебошад. Тамоми вазифаҳои тарбияи ахлоқии ҷавонони донишҷӯ дар ягонагии наздик ҳаллу фасл мешаванд.

Имрӯз дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои хеле муҳим вогузор карда шудаанд: яъне баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, ба таври бунёдӣ беҳтар кардани тарбияи ахлоқӣ, мунтазам дар донишҷӯён ташаккул додани малакаи ҳимоя кардан аз эътиқоди ахлоқии худ.

Ҳар як фанни таълимӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ дар ҳалли вазифаҳои гузошташудааш нақши муайяне бозӣ мекунад аз ҷумла, забони хориҷӣ.

Ҳаллу фасли вазифаҳои амалӣ дар ягонагӣ бо вазифаҳои тарбиявӣ ва таълимӣ барои методикаи дарсдиҳии забонҳои хориҷӣ хос аст, ки дар он ҳамзамон бо аз худ намудани забони мушаххас ва баланд бардоштани саводи лингвистии зарурӣ барои ҳар як шахси бофарҳанг, ҳамчунин ошноии амиқтар бо арзишҳои фарҳангии кишварҳои Аврупои ғарбӣ ва дастовардҳои онҳо дар соҳаҳои гуногуни илму техника, инкишофи малакаи истифодаи адабиётӣ маълумотӣ,

тарбияи ватандӯстӣ, интернатсионализм, меҳнатдӯстӣ ва ташаккули қобилияти кори мустақилона бо китобро низ пешбинӣ менамояд.

Тасаввуроти мо дар бораи аҳаммияти забони хориҷӣ дар ташаккули шахсияти донишҷӯ дар даҳсолаи охир ба сабаби инкишофи психолингвистика, назарияи нутқ ва назария муошират хеле ғанӣ шуд. Имрӯз омӯзиши забонҳои хориҷӣ аз зовияи фаъолияти иртиботӣ, доштани қобилияти муошират баррасӣ карда мешавад. Ин қобилият асоси созмондиҳии истеҳсолот, афкори ҷамъиятӣ, соҳаҳои идоракунӣ ва хизматрасонӣ, тамоми намудҳои омӯзиш, муносибатҳои оилавӣ, санъат ва варзишро ташкил медиҳад.

Барои он ки дар машғулиятҳо муошират бо забони хориҷӣ, ҳам бевосита (суханронӣ, шифоҳӣ), ҳам бавосита (хондан, хаттӣ) омӯзонида шавад, бояд ба қадри имкон муоширати дарсӣ бо ғайридарсӣ наздик карда шавад, яъне муоширати дарсӣ бояд ҳавасманд, ихтиёрӣ, ҷолиб ва мустақилона гардад.

Омӯзонидани муошират бар асоси малака, ки ба қадри кофӣ коркард шудааст ва бо истифода аз машқҳои (тақлидӣ, саҳнавӣ ва ғайра) имконпазир аст. Ин кори заҳматталаб буда, вақту фурсати зиёдро талаб мекунад. Вазифаи муассисаи таҳсилоти олӣ аз он иборат аст, ки мураттаб ва ба таври систематикӣ самти иртиботиро дар тамоми марҳалаҳои таълим бо роҳи ҳалли вазифаҳои мушаххаси иртиботӣ амалӣ созад. Омӯзгори забони англисӣ бояд чунин супоришҳоро таҳия намояд, ки онҳо амали иртиботиро дар он соҳаҳое, ки донишҷӯ метавонад дар донигоҳ ва берун аз ҳудуди он ба кор барад, таъмин намоянд. Ҳангоми муошират бо забони хориҷӣ мушаххас сохтани доираи супоришҳои иртиботӣ барои ҳар як марҳалаи омӯзиш хеле муҳим аст.

Дар айни замон, бояд вазифаи муошират дар ҷараёни фаъолияти муштарак, монанди мубодилаи иттилоот, ҳавасмандкунии мутақобила, назорат ба танзими амал, ҳамчунин вазифаи муошират вобаста ба шинохти якдигари одамон, ташаккул ва рушди муносибатҳои байни шахсиятҳо дар назар гирифта шавад.

Амалисозии ин вазифаи муошират дар ҷараёни таълим бояд аҳаммияти амалии муошират, қобилияти аз худ намудани нутқро таъмин намояд, ба ибораи дигар, бояд ба ин савол ҷавоб дода шавад: зимни омӯзонидани муошират чӣ кор бояд кард?

Ҷанбаи дигари ин савол – дар шароити муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ чи кор метавон кард, яъне муошират бояд бо назардошти нақшаи таълимии муассисаи таҳсилоти олӣ, ҳаҷм ва характери маводи забонии ошно барои донишҷӯён ва таҷрибаи муошират онҳо бо забони модарӣ баррасӣ карда шавад.

Дар ҳаллу фасли ин вазифаҳо истифодаи дурусти ҳолати таълимӣ – нутқӣ нақши муҳим бозӣ мекунад. **Ҳолати таълимӣ – нутқӣ** чунин намунаи таълимии ҳолати нутқӣ мебошад, ки муошират берун аз дарсиро ифода менамояд. Ҳанӯз дар соли 1968 маҷаллаи «Иностранные языки в школе» вазифае гузошта буд, то муайян карда шавад, ки «Омӯзанда бояд дар кадом ҳолат қарор дода шавад, то ин ки вай фикр кунад ва табиист, ки мехост нутқи вай бо воситаҳои забонии аз худ кардааш комилан таъмин шудааст» [7, с. 22-30].

Тайи солҳои гузашта бисёр таҳқиқоте анҷом гирифт, ки дар онҳо аз ин ё он мавқеъ масъалаҳои вобаста ба истифодаи ҳолат дар раванди таълим мавриди баррасӣ қарор гирифтааст [8, с, 5-10].

Машқҳои ҳолатӣ – самтгиришуда дар таҷрибаи дарсдиҳӣ ҷойгоҳи муайянро ишғол мекунанд.

Аммо талаботи ҷиддӣ ба баррасии комил ва масъалаҳои актуалӣ вобаста ба истифодаи ҳолати таълимӣ – нутқӣ дар раванди дарс ва ба баррасии систематикии тамоми ҷанбаҳои ин масъала эҳсос карда мешавад, ки натиҷаи он метавонист тавсияҳои алгоритмӣ барои омӯзгор дар пайванд бо чунин муқаррароте бошад, ки ба омӯзгор имконияти мустақилона идора кардани раванди омӯзишро бо кумаки ҳолати таълимӣ – нутқӣ медиҳад. Тақвияти самтгирии иртиботӣ омӯзиши хонишро низ талаб менамояд.

Барои ҳама маълум аст, ки мазмуни тарбияи ахлоқӣ дар муассисаҳои таълими олии касбӣ ба ташаккули сифатҳои ахлоқии баланд дар донишҷӯён равона шудааст.

Тарбияи ахлоқии донишҷӯёни муассисаҳои таълимиии олии омӯзгорӣ дар ҷараёни таълим бо нуктаҳои зерин муайян карда мешавад: а) талаботи ҷомеаи мо ба мутахассисони идеяи хуб дошта ва бо рафтори намунавӣ; б) тарбияи насли ҷавон дар руҳияи замон ва арзишҳои умумиинсонӣ.

Меҳнати замони таълимгирии равонашуда ба азхудкунии касби ояндаи худ замони саъю ғайрат кардан, ба кор бурдани қобилият ва вақти донишҷӯ буда, давраи таълим дар мактаби олӣ – замони рушди нисбатан босуръаттари неруҳои зеҳнӣ ва имкониятҳои ахлоқӣ мебошад. Аз ин ҷо, зарурати истифодаи вақти таълим на танҳо ба мақсади таълимгирӣ, балки ба мақсади тарбиявӣ низ ба вуҷуд меояд. Барои ҳалли ин вазифа такмили минбаъдаи методикаи тарбия дар фаъолияти таълимӣ, истифодаи фаъолноктари имкониятҳои тарбиявии ҳар як фанни мактаби олӣ, аз ҷумла «забони хориҷӣ» талаб карда мешавад.

Муҳимтарин воситаи ташаккули шахсият дар муассисаи таҳсилоти олӣ забон ва фарҳанг мебошанд, ки метавонанд омили қавии суръатбахш ба пешрафти ҷамъият бошанд.

Дар ҷараёни бозсозӣ ва демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ, дар Иттиҳоди давлатҳои мустақил барои тарбияи ахлоқӣ забон ва фарҳанг ҳар чи бештар аҳаммият касб мекунанд.

Тайи солҳои охир ба сабаби барқароршавии робитаҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ талабот ба донистани забони хориҷӣ, қабл аз ҳама забони англисӣ, афзудааст. Ошноии донишҷӯён бо ҳаёти фарҳангӣ ва иқтисодии кишваре, ки забонаш омӯхта мешавад, ба тарбияи ватандӯстӣ, интернатсионализм, такомули маънавӣ – ахлоқии шахсият мусоидат мекунад. Шаҳодатномаи хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ то андозаи муайян дониши шахсро ифода менамояд, аммо ба сифатҳои ахлоқии хатмкунанда баҳо намедиҳад. Аз ин ҷо вазифаи такмили системаи тарбияи ахлоқӣ дар муассисаҳои таълими олӣ ва идоракунии тамоми маҷмуи тадбирҳои таълимӣ дар мактаб ва берун аз дарс бармеояд. Л.М. Архангелский қайд намудааст, ки «Самаранокии тарбияи ахлоқӣ аз дурустии тамоми ҳалқаҳои бавуҷудоварандаи омилҳои объективӣ ва фазои иҷтимоии шахсият вобастагии мустақим дорад» [*6,* с. 19-*22*].

Дар ташаккули дарки ахлоқӣ ва эҳсоси ахлоқӣ дар замони муосир ҳамкории иқтисодӣ ва фарҳангии мамлакати мо бо халқҳои кишварҳои хориҷӣ аҳаммияти зиёд дорад. Муносибатҳои ахлоқии ҷавонони донишҷӯ дар давраи таълим ҷанбаи махсуси муносибатҳо дар соҳаи истеҳсолот ё фаъолияти илмиро шакл медиҳад. Маълум аст, ки «Чи хеле ки фаъолияти ҳаётии фард бошад, ӯ худ ҳамин хел аст» [8, с.19- 21]. Раҳнамудҳои ахлоқӣ, ки дар солҳои донишҷӯӣ ташаккул меёбанд, дар оянда дар соҳаи фаъолияти истеҳсолӣ ва дигар намудҳои муошират иҷтимоӣ бештар такмил меёбанд. Маҳз барои ҳамин таҳлили муошират ахлоқии ҷавонони донишҷӯ дар тамоми сатҳҳо аҳаммияти калони амалӣ дорад.

Системаи тарбияи ахлоқӣ дар мактаби олӣ бояд тавре роҳандозӣ шавад, ки тарбияи ахлоқӣ мунтазам сурат гирад: яъне дар дарс, дар манзил ва ҳам истироҳати донишҷӯён ҷараён гирад, то ин ки меъёрҳои ахлоқӣ зимни пешравии донишҷӯён аз рӯи зинаҳои таълим дар мактаби олӣ таҳким ёбанд.

Адабиёт:

1. Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ *дар* Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 30 августи соли 2019 № 438.

2. Гулмадов Ф. Ҳамгироии ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол. - Душанбе. 2014. 154 с.

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -22-12-2016.- Душанбе: Шарқи озод, 2016.- 26с.

4. Димент А.Л. The Hallowe’en party. Иностранные языки в школе. - 1991, -№ 5.

5. Зайсева И.А. Воспитание нравственной активности младших школьников: Автореф, дис. ... канд, пед. наук. - Минск, 1983, - 20 С.

6. Зилберман Л.И. Лингвистика текста и обучение чтению учебной литературы//Чтение, перевод, устная речь. –М.,1977.

7. Зилберман Л.И. Интерфренция языков и методика преподавания иностранного

языка на основе родного //Преподавание иностранных языков и его лингвистические основы. – М., 1972.

8. Талбаков К.Ч. Единство идейно-политического и нравственного воспитания студентов при обучении иностранному языку. -Куляб: КГПИ им. Рудаки, 1991, - 21 с.

ТАКМИЛИ ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ДАРСҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА ОМОДА НАМУДАНИ ОНҲО БА КАСБИ ОЯНДА

Дар ҳамаи давру замон масъалаи тарбияи ахлоқии ҷавонон ва донишҷӯён яке аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ ба шумор мерафт. Файласуфон, психологҳо, педагогҳои қарнҳои гузашта мувофиқи талаботи замони хеш дар бораи тарбияи ахлоқи шоистаи ҷавонон дар дарсҳои забони англисӣ нуқтаи назари арзишмандро баён карданд, ки имрӯз низ аҳаммияти тарбиявии худро гум накардаанд.

Амалисозии ин вазифаи муошират дар ҷараёни таълим бояд аҳаммияти амалии муошират, қобилияти аз худ намудани нутқро таъмин намояд, ба ибораи дигар, бояд ба ин савол ҷавоб дода шавад: зимни омӯзонидани муошират чӣ кор бояд кард?

Ҷанбаи дигари ин савол – дар шароити муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ чи кор метавон кард, яъне муошират бояд бо назардошти нақшаи таълимии муассисаи таҳсилоти олӣ, ҳаҷм ва характери маводи забонии ошно барои донишҷӯён ва таҷрибаи муоширати онҳо бо забони модарӣ баррасӣ карда шавад.

Калидвожаҳо: тарбия, ахлоқ, забон, фаҳанг, омӯзгор, забони англисӣ, марҳалаҳо, таълим, муошират, ташаккул, донишҷӯён, муассисаҳои таълимӣ, ҷараёни таълим, бозсозӣ, нутқ, омӯзгорони оянда, фарҳанг, шахсият, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, муошират, таълимӣ – нутқӣ, нақш, мақом.

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ЭТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ СТУДЕНТОВ НА ЗАНЯТИЯХ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА И ПОДГОТОВКА ИХ К БУДУЩЕЙ ПРОФЕССИИ

Во все времена вопрос нравственного воспитания молодежи и студентов считался одним из важных социальных вопросов. Философы, психологи и педагоги прошлых столетий, в соответствии с требованиями своего времени, высказали ценную точку зрения на воспитание достойной нравственности молодежи на занятиях по английскому языку, которые не потеряли своего воспитательного значения и в наши дни.

Реализация этой задачи общения в процессе обучения должна обеспечить практическую значимость общения, умение овладевать речью, иными словами, должен быть дан ответ на вопрос: что следует делать при обучении общению?

Другой аспект этого вопроса состоит в том, что можно сделать в условиях образовательного учреждения высшего педагогического образования, то есть общение следует рассматривать с учетом учебного плана вуза, объема и характера знакомого языкового материала. студентам и их опыту общения на родном языке.

Ключевые слова: образование, этика, язык, культура, учитель, английский язык, этапы, воспитание, коммуникация, формирование, студенты, учебные заведения, образовательный процесс, реконструкция, речь, будущие учителя, культура, личность, высшие учебные заведения, коммуникация, учебно-речевая, роль, статус.

IMPROVING THE ETHICAL EDUCATION OF STUDENTS IN ENGLISH CLASSES AND PREPARING THEM FOR THEIR FUTURE PROFESSION

At all times, the issue of moral education of youth and students has been considered one of the important social issues. Philosophers, psychologists and teachers of past centuries, in accordance with the requirements of their time, expressed a valuable point of view on the education of decent morality of youth in English classes, which have not lost their educational value in our days.

The implementation of this task of communication in the learning process should ensure the practical significance of communication, the ability to master speech, in other words, an answer should be given to the question: what should be done when teaching communication?

Another aspect of this issue is what can be done in the conditions of an educational institution of higher pedagogical education, that is, communication should be considered taking into account the curriculum of the university, the volume and nature of familiar language material. students and their experience of communicating in their native language.

Keywords: education, ethics, language, culture, teacher, English language, stages, upbringing, communication, formation, students, educational institutions, educational process, reconstruction, speech, future teachers, culture, personality, higher education institutions, communication, educational and speech, role, status.

Маълумот дар бораи муаллиф: Талбакова Навбаҳор Қурбоновна – ассистенти кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Суроға: 735140, кӯчаи Бохтар. Айнӣ, 67. Факс (83222)2-48-63, тел. (83222)2-54-81, (83222) 2-22-53 Тел.: +(992918495777) www.btsu.ti

Сведение об авторе: Талбакова Навбахор Курбоновна – ассистент кафедры педагогики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Адрес:735140, Бохтар ул. Айнӣ, 67. Факс (83222)2-48-63, тел. (83222)2-54-81, (83222) 2-22-53 Тел.: +(992918495777) www.btsu.ti

Information about the author: Talbakova Navbahor Kurbonovna – assistant of the department of pedagogics of Bokhtar State University named after Nosir Khusrav. Address: 735140, Bokhtar, Ayni street, 67. Fax (83222)2-48-63, tel. (83222)2-54-81, (83222) 2-22-53 Tel.: +(992918495777) www.btsu.ti

ТДУ: 371+373 (075,8)

ТАҶҲИЗОТИ ЁРИРАСОН БАРОИ КӮДАКОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД ВА ТАРЗИ ИСТИФОДА БУРДАН АЗ ОН

Ҳақназарзода Н., ассистент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Маъюбият халали ҷисмонӣ, равонӣ, зеҳнӣ ва ҳиссиётӣ мебошад, ки ҳангоми дар батни модар будан, дар вақти таваллуд ё дар сайри зиндагӣ падид меояд ва то охири умр боқӣ мемонад. Маъюбияти ҳиссиётӣ дар навбати худ ба қафомонии биноӣ, шунавоӣ ва нутқӣ ҷудо мешавад.

Дар ҳама кишварҳои пешрафтаи дунё ба ҳифзи саломатӣ, таҳсил, истироҳату саёҳат, таъмини воситаҳои техникӣ, протезию ортопедӣ, хизматрасониҳои иҷтимоӣ, тавонбахшии шахсони имконияташон маҳдуд баробар ба дигар шаҳрвандон таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад.

Ҳифзи ҳуқуқҳои эшон дар як қатор санадҳои байналмилалӣ танзим гардидааст, ки Конвенсияи СММ оид ба шахсони имконияташон маҳдуд аз ҷумлаи чунин аснод мебошад. Конвенсияи мазкур аз ҷониби Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид таҳти №61/106 санаи 13 декабри соли 2006 қабул карда шуда, аз муқаддима ва 50 модда иборат мебошад. Моддаи 7-уми санади мазкур ба кӯдакони имконияташон маҳдуд бахшида шудааст.

Дар моддаи 8-и Конвенсия вазифаҳои давлатҳои ширкаткунанда чунин дарҷ шудааст:

«Давлатҳои ширкаткунанда вазифадор ҳастанд, ки барои ҳадафҳои зерин чораҳои фаврии таъсирбахш ва даркорӣ андешанд:

а) баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии тамоми ҷомеа, махсусан дар сатҳи оила, оид ба масъалаи маъюбон ва пурзӯр намудани эҳтироми ҳуқуқ ва иззати нафси маъюбон;

б) мубориза бар зидди муқаррарот, хурофот ва урфу одати бад дар муносибат ба маъюбон;

в) густариши таблиғоти имконият ва саҳми маъюбон дар пешрафти ҷомеа» .[9, с. 10].

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун як узви ҷомеаи ҷаҳонӣ тамоми санадҳои байналмилалиро, ки ба ҳуқуқҳои маъюбон бахшида шудааст, эътироф мекунад.

Ҳамчунон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали ба сари ҳокимият омаданашон ба ин табақаи осебпазири аҳолӣ аҳамияти ҷиддӣ дода, ба онҳо ғамхории ҳамешагӣ зоҳир менамоянд.

Дар «Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020» чунин омадааст: «Шахсони маъюб мисли дигар шаҳрвандон ҳуқуқи дастрасии баробар ба ҳамаи хизматрасониҳо, аз ҷумла тандурустӣ, хизматҳои иҷтимоӣ, тавонбахшӣ, таҳсилот ва барномаҳои рушди малакаҳоро доранд. Ҳукумати ҶТ бо мавқеи Созмони Милали Муттаҳид (СММ), аз ҷумла Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ) дар мавриди назар ҳамфикр буда, маъюбиятро ҳамчун мушкилоти соҳаи тандурустии ҷамъиятӣ, ҳуқуқи инсон ва афзалияти рушд баён менамояд». [4, с. 1]

«Нақшаи миллии амалҳо оид ба омодагии ҶТ барои ба тавсиб расонидани Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон барои давраи то соли 2024», Барномаи давлатии «Муҳити дастрас», Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», «Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020», «Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар ҶТ барои солҳои 2011-2015» аз ҷумлаи барнома ва қонунҳое мебошанд, ки ҳукумати ҶТ барои амалишавии Конвенсияи СММ оид ба шахсони имконияташон маҳдуд роҳандозӣ намудааст. Ин барнома ва қонунҳо ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ буда, қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишвар мебошанд.

Мақсади ҳамаи ин барнома ва қонунҳо як аст: бартараф намудани монеаҳо аз ҳаёти шахсони имконияташон маҳдуд, эҳтиром, масъулият, огоҳӣ ва риоя намудани ҳуқуқҳои шахсони камтавон. Зеро инсондӯстӣ, хулқи накӯ, ғамхорӣ ва меҳрубонӣ аз сифатҳои беҳтарини инсонӣ буда, нисбат ба маъюбон, дармондагон, пирону кӯдакон ғамхору меҳрубон будан барои инсон қубҳу манзалати бештаре мебахшад.

Адибону шоирони классик ва муосири тоҷик низ дар асарҳои хеш ҳамеша ба накӯкорӣ, инсондӯстӣ ва эҳтироми якдигар даъват менамоянд.

Саъдии бузургвор мегӯяд:

Ба даст овардани дунё ҳунар нест,
Якеро гар тавонӣ, дил ба даст ор!

Дар боби 3, моддаи 13-и Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», ки «Воситаҳои техникии тавонбахшии маъюбон» ном дорад, чунин омадааст:

1. «Воситаҳои техникии тавонбахшии маъюбон аз асбобу олоти махсусе иборатанд, ки барои ҷуброн ё бартарафсозии нуқсонҳо ва маҳдудиятҳои фаъолияти ҳаётии маъюбон истифода бурда мешаванд;

2. Воситаҳои техникии тавонбахшии маъюбон инҳоянд: воситаҳо барои ҳаракат, воситаҳои махсус барои худхизматрасонӣ, воситаҳои махсус барои нигоҳубин, воситаҳои махсус барои роҳнамоӣ, муошират ва табодули ахбор, воситаҳои махсус барои таълим (аз қабили адабиёт барои нобиноён), маснуоти протезӣ (аз қабили маснуоти протезию ортопедӣ, пойафзоли ортопедӣ ва асбобҳои шунавоӣ». [10, с. 10].

Ҳамин тавр, дар мақолаи зерин мо тасмим гирифтем дар хусуси таҷҳизоти ёрирасон, вазифа ва тарзи истифодабарии он каме маълумот диҳем.

Асосан таҷҳизоти ёрирасонро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Таҷҳизоти ёрирасон барои ҳаракат (аробачаи маъюбӣ, чӯбҳои паралелӣ, чорчӯбаҳо барои роҳгардӣ, асобағал ва асо барои роҳгардӣ, ортез, протез, сечарха ва ғ);

2. Таҷҳизоти ёрирасон барои баланд бардоштани инкишоф ва мавқеъгузорӣ (курсии кунҷӣ, гуҳа, курсӣ барои ҳоҷатхона, ғелаки чармин, истгоҳи махсус барои рост истодан ва ғ).

АРОБАЧАИ МАЪЮБӢ як воситаи ниҳоят муҳим барои шахсони имконияташон маҳдуд ба шумор рафта, барои ворид шудан ба ҷомеа, барои ба мактаб рафтани кӯдакони камтавон ва барои ҳаракати онҳо ёрӣ мерасонад.

Дар Барномаи давлатии «Муҳити дастрас» барои солҳои 2021-2025 омадааст, ки «ба ҳолати январи соли 2020 дар кишвар 33000 нафар маъюби истифодабарандаи аробача ба қайд гирифта шудааст». [3, с. 4].



Расми 1: Намудҳои аробчаи маъюбӣ

Дар воқеъ, шахсоне, ки аробачаи маъюбиро дар ҶТ истифода мебаранд, зиёданд, вале на ҳар як фард дар бораи хусусусиятҳо ва тарзи истифодабарии аробача маълумот дорад.

Аробачаи маъюбӣ бояд бароҳат, мувофиқ ва ба болишт таъмин бошад. Зеро агар мавқеъгузории кӯдак дар аробача нодуруст бошад, маъюбият метавонад бештар гардад.

Пеш аз оне, ки кормандони иҷтимоӣ ва ё духтурон аробачаи маъюбиро ба нафаре тавсия медиҳанд, аввал бояд донанд, ки он ба андозаи шахс бояд мувофиқ бошад, зеро аробачаи андозаи калон ва ё хурд боиси пайдо шудани нороҳатӣ ва фишор мегардад. Аз ин рӯ, бояд баландии курсӣ, паҳноӣ, чуқурӣ (андозаи ҷойи нишаст), пояҳо, пушти аробача, ҷойи гузоштани даст ва пойҳо ба назар гирифта шуда, ба андозаи шахс чен карда шавад.

Ченкунӣ. Дар вақти ченкунӣ ба нуктаҳои зерин аҳаммият бояд дод:

1. Кӯдак бояд дар курсӣ дар дараҷаи 90° пушташро рост нигоҳ дошта шинад ва ба пойҳо такя кунад. Ду китобро аз ду тарафи ронҳои ӯ гузошта, аз ҷойи паҳнии рон чен мекунем. Масалан, агар андоза 45 см барояд, 4-5 см барои либос дар фасли зимистон илова кардан лозим аст;

2. Дар ҳолати рост нишастан аз нуқтаи охирини сурин (ягодиц) то қатъшавии пойи кӯдак чен карда, 2 см кам мекунем, то ки ба рагҳои қисми поёнии зону осеб нарасад (дар расм бо рақами 2 ишора шудааст);

3. Дарозии пойҳоро дар ҳолати нишаст аз қатъшавии зону то пушти пой чен карда, 3-4 см барои пойафзол илова мекунем;

4. Ченкунии пушт: Агар кӯдак сарашро дошта тавонад, аз поёни шона то охири пушт чен карда, 4-5 см кам мекунем, барои он ки пушти аробача ба шонаҳо осеб нарасонад;

5. Чуқурии ҷойи нишаст: Аз қисми поёнии қафо то қатшавии пушти зону чен карда, 2 см барои болишти аробача кам карда мешавад;

6. Баландии такягоҳи дастро аз ҷойи нишаст то қатъшавии оринҷи даст чен кардан лозим меояд;

7. Дарозии ҷойи пойгузориро аз ҷойи қатъшавии зону то нӯги ангушти пой андоза мегирем.

1. Расми 2: Андоза гирифтани аробачаи маъюбӣ



Аробачаи маъюбӣ намудҳои гуногун дорад ва барои қонеъ кардани ниёзҳои гуногун тарҳрезӣ шудааст. **Аробачаи маъюбии дастӣ** намуди аз ҳама маъмул ба ҳисоб рафта, сабук, сайёр ва истифодабариаш осон мебошад. Онро парастор ва аҳли хонавода ба осонӣ тела дода метавонанд ва барои шахсони дорои қуввои кофии дастон ва ҳаракати хуб мувофиқ аст. Аз ин гуна аробачаҳо шахсоне, ки дистрофияи мушакҳо ва осеби сутунмӯҳра доранд, бароҳат истифода бурда метавонанд.

Аробачаҳои барқӣ барои шахсоне, ки ҳаракатҳои маҳдуд ва суст доранд, мувофиқ аст.

Васеъгии дарҳо барои аробачаи маъюбӣ бояд 80-85 см бошад, то ки аробача бе мамоният ба дар даромада тавонад. Дар макотиб фазои иловагӣ барои ҳаракат ва озодона давр задани аробача бояд бошад. Ҳамчунон, дар муассисаҳои таълимӣ «васеъгии гузаргоҳи байни мизҳо бояд на камтар аз 90 см бошад, фосилаи байни мизҳо ва тахтаи синф ҳам беҳтар аст, ки васеъ бошад, то ки кӯдак бо аробача озодона ҳаракат карда тавонад». [2, с. 79]. Дар баробари ин тахтаи синфро низ набояд фаромӯш кард, агар он мувофиқ ба аробачаи маъюбӣ пасттар бошад, барои кӯдаки имконияташ маҳдуд мусоидат менамояд.

Чорчӯбаи роҳгардӣ барои роҳгардӣ ба шахсони имконияташон маҳдуд, ки мувозинати паст доранд, кумак менамояд. Инчунин, шахсони пиронсоле, ки аз роҳгардӣ метарсанд ва ё бисёр беҳолу бемадоранд, метавонанд онро истифода баранд. Чорчӯбаи роҳгардӣ мувозинати бадан, даст ва сарро нигоҳ медорад ва пас аз чанд муддат ҳаракати тан, сар, даст ва пойҳо бо ҳамдигар ба таври ҳамоҳангшуда амал мекунанд.

Онҳо се намуд мешаванд: дучарха, чорчарха ва бечарх. Вобаста ба синну сол ва маъюбият роҳравакҳои гуногун истифода бурда мешавад.

Барои шахсе, ки роҳгардиро нав оғоз кардааст, вале то ҳол ба кумак ва дастгирӣ ниёз дорад, роҳраваки дучарха муфид мебошад. Роҳраваки бечарх барои шахсоне, ки дастони қавӣ доранд, мувофиқ аст.

Агар чорчӯбаи роҳгардӣ хеле баланд бошад, бор ба дастон зиёд мешавад, агар бараъкс паст бошад, дуқатшавӣ ва хамшавии миён дида мешавад. Барои ҳамин чорчӯбаи роҳгардиеро интихоб кардан лозим аст, ки даста дар сатҳи банди дастони поинштуда бошад.

Ченкунӣ. Ченкунӣ барои ҳамаи намудҳои чорчӯбаи роҳгардӣ як аст: баландии чорчӯба бояд ба банди даст баробар бошад, вале агар дастони кӯдаки имконияташ маҳдуд суст бошад, он гоҳ баландӣ то оринҷ чен карда мешавад.

Расми 3: Чорчӯбаи роҳгардӣ намудҳои он

Асобағалҳо. Онҳо ду намуд мешаванд: асобағали оринҷӣ ва асобағали таги китф. Ин намуди таҷҳизот воситаи ёрирасонест, ки ҳангоми роҳ рафтан вазни бадани инсонро нигоҳ медоранд. Онҳо барои як ва ё ду пойи заиф истифода бурда шуда, метавонанд ҷуфт ё тоқ бошанд. Асобағалҳои таги китфро асосан шахсоне истифода мебаранд, ки як пой доранд ва ё дар ҳарду пойҳо фалаҷӣ ва ё дард эҳсос мекунанд.

Ченкунӣ. Баландии асобағали оринҷӣ аз замин то ба банди даст чен карда мешавад. Асобағали таги китф аз замин то таги китф чен карда шуда, 5 см барои осеб надидани асабҳои таги каш кам карда мешавад.

Расми 4: Намудҳои асобағал

Ортезҳо воситаи ёрирасоне мебошанд, ки дар қисмати мушкилӣ доштаи бадан аз тарафи берун пӯшида шуда, барои паст кардани дард, дастгирии банду буғумҳои осебдида, рагу пайванд, мушак ва устухонҳо истифода бурда мешаванд. Онҳо васлшанванда ва ё аз ҳам ҷудошаванда мебошанд, то барои ҳаракати банду буғумҳо имконият диҳанд. Номҳои гуногун доранд: шина, скоба (даста, ҳалқа), корсет, зонубанд, бандаж, пойафзоли махсус ва ғ.

Ортезҳоро ба се гурӯҳ ҷудо мекунанд: **а**) ортезҳо барои даст -шина барои даст, барои банди даст, тасмаҳо барои китф ва ғ., **б)** ортезҳо барои пой, кафи пой, барои зону, буҷулаки пой, AFO/KAFO (намудҳои ортез барои пой ва буғумҳо), **в)** ортезҳо барои сутунмӯҳра, пушт ва гардан.

Расми 5: Ортезҳои гуногун

Протез дасту пойҳои сунъие мебошад, ки аз чӯб, пластика ва ё алюминий сохта мешавад. Протез аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, маънояш ҳамроҳ, васл кардан мебошад. Ба воситаи протезҳо шахсони имконияташон маҳдуд фаъолиятҳои гуногунро иҷро карда, роҳ мераванд, бор мебардоранд ва худхизматрасонӣ менамоянд. Яъне протез бо истифода аз маҳсулоти сунъӣ барқарор кардани узвҳои гумшуда мебошад.

Расми 6: Протезҳои гуногун

Таҷҳизоти ёрирасон барои шахсоне, ки маҳдудияти ҳиссиётӣ доранд

Шрифти Брайл. Ин навиштро соли 1824 писарбачаи 15 солаи франсуз Луи Брайл фикр карда баромад ва онро соли 1837 барои истифода пешниҳод кард, ки ҳуруфи лотинии он аз ҳамон замон то ин ҷониб қариб, ки тағйир наёфтааст. Брайл дар айёми кӯдакӣ дар устохонаи падараш чашмашро бо корд захмдор карда, нобино шуда буд ва ӯ навишти Брайлро ихтироъ карда, хизмати бузургеро барои шахсони нобино ба анҷом расонид.

Луи Брайл барои ишора кардани ҳарфҳо шаш нуқтаро дар се қатор ва ду сатр истифода бурд. Баъдтар ду нуқтаи иловагӣ пайдо шуд. Хусусияти асосии навишти Брайл дар он аст, ки матн аз рост ба чап навишта мешавад ва онро баргардонида, аз чап ба рост мехонанд. Дар он се андоза шрифт-калон, миёна ва хурд истифода мешавад, вале асосан аз шрифти калон истифода мебаранд.

«Одамоне, ки маҳдудияти биноӣ доранд аз варақсанг ва асбоб барои навиштан, ки ба дафтар монанд аст истифода мебаранд. Нуқтаҳои барҷаста дар варақ чоп карда шуда, дар варақсанг гузошта мешаванд ва онро аз варақ мехонанд. Компютери чопи Брайл ҳамчунон дастрас мебошад»-гуфта мешавад дар дастурамали омӯзишӣ «Оид ба маъюбият ва тавонбахшӣ дар сатҳи ҷомеа». [12, с. 42].

Навишти Брайл барои шахсони нобино ниҳоят муфид буда, барои хондан, навиштан ва соҳиби маълумот шудани онҳо кумак менамояд, вале мутаассифона «Дар китобхонаҳои дастрасии умумии кишвар барои маъюбон, аз он ҷумла барои нобиноён ҷиҳати гирифтани ҳуҷҷатҳо дар ҳомили махсуси иттилоот (шрифти Брайл) шароит фароҳам оварда нашудааст, китобхонаҳои махсус барои нобиноён вуҷуд надоранд», ҳол он ки то 1 январи соли 2020 дар Тоҷикистон 8000 маъюби бо мушкилоти биноӣ ба қайд гирифта шудааст ва ин омори ниҳоӣ нест. [3, с. 3]

Расми 7: Навишти Брайл



Асо барои нобиноён асоест, ки барои муайян кардани самти ҳаракат ва монеаҳо дар роҳ барои шахсони камбин ва нобино хизмат мекунад. Он аз чӯб, пластика ва алюминий сохта шуда, ду намуд дорад-қатшаванда ва қатнашаванда. Қатшаванда барои бо худ гирифтан бештар мусоидат мекунад.

Асо барои нобиноён соли 1931 аз ҷониби Гилем д'Хебермони франсуз ихтироъ карда шуда, дар аввал ба собиқадорони ҷанги якуми ҷаҳонии Фаронса, ки биноии худро аз даст дода буданд, тақсим карда мешуд. Намудҳои муосири асои нобиноён ба таҷҳизоти ултрасадоӣ ва дастгоҳи GPS пайваст шуда, барои шахсони нобино хеле мувофиқ кунонида шудааст. Дар аввал асо ранги сиёҳ дошт. Ҳангоми аз роҳ гузаштани нобиноён асо ба чашми ронандагон хуб намоён набуд. Барои ҳамин онро ба ранги сафед оро доданд (Ҷорҷ Бонэма, Амрико).

Тавсия дода мешавад, ки кӯдакони нобино аз 7-10 солагӣ асоро истифода баранд, вале бархе аз олимон ба он ақидаанд, ки аз рӯзе, ки кӯдаки нобино ба роҳгардӣ шуруъ мекунад, тарзи истифодабарии асоро низ ба ӯ омӯзанд, то ба муҳит тезтар мутобиқ шавад.

Маводи ёрирасон барои шунавоӣ. Дар Барномаи давлатии «Муҳити дастрас» барои солҳои 2021-2025 чунин омадааст: «Манфиати шахсонеро, ки маъюбии шунавоӣ ва биноӣ доранд, ба назар гирифтан лозим аст, зеро онҳо низ ҳангоми истифодаи иншоот ба душворӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Сомонаҳои расмии вазорату идора, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот барои маъюбон мутобиқ карда нашудаанд. Чароғакҳои роҳгузар барои нобиноён бо сигналҳои овозӣ мукаммал гардонида нашудаанд». [3, с. 5]

Тибқи нишондоди ин барнома ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 9000 нафар шахсони камшунаво ва ношунаво зиндагӣ доранд.

Маводи ёрирасон барои шунавоӣ таҷҳизоти хурде мебошад, ки шахсони маҳдудияти шунавоӣ дошта аз он истифода мебаранд. Таҷҳизот дар дохили гӯш, қисмати болоӣ ва қафои гӯш гузошта мешавад ва садоро баланд мегардонад. Ин таҷҳизот ба шахси калонсол ва кӯдак кумак мерасонад, ки нутқи дигаронро фаҳмад ва садоҳоро шунавад. Гӯш кардан ва фаҳмидани нутқи дигарон ба кӯдак куумак мекунад, ки гап заданро омӯзад ва калимаҳоро талаффуз карда тавонад.

Хулоса, таҷҳизоти ёрирасон ба шахсони имконияташон маҳдуд ҳамчун омили мусоидаткунанда ба шумор рафта, барои ноил шудан ба таҳсилот, имконияти ёфтани шуғл, барои ба ҷомеа ворид шудан, тавонбахшӣ, пешгирии маъюбият, дахолати барвақтӣ нисбат ба кӯдакони имконияташон маҳдуд кумак менамояд.

Ба рӯзгори шахсони имконияташон маҳдуд сабукӣ овардан, дарди онҳоро эҳсос намудан, дасти онҳоро гирифтан, аз ҳолашон бохабар шудан, онҳоро баробар ба ҳама донистану паст назадан кори савобест ва мутмаинам, ки ҷомеаи мо оҳиста-оҳиста ва бо маром ба ин ҷода хоҳад расид.

Биёед, дари умедҳоро ба рӯйи онҳо бикушоем, нисбат ба онҳо роҳи адолат ва одамиятро пеш бигирем ва нагузорем, ки офтоби рӯзгорашон тира гардад.

Эзоҳ: Расмҳо аз «Дастурамали омӯзишӣ оид ба тавонбахшӣ дар сатҳи ҷомеа» ва интернет истифода бурда шудаанд.

Адабиёт:

1. Аветисов Э.С. Охрана зрения детей-М., Медицина, 1975;
2. Байзоев А. ва дигарон. Таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ). Душанбе, 2013;
3. Барномаи давлатии «Муҳити дастрас» барои солҳои 2021-2025 https://mmk.tj/content/ ;
4. Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020 http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=515;
5. Боев Б. Баъзе душвориомӯзӣ дар таълим.\\ Мактаби советӣ,-1990, №4;
6. Гарбузов В.И. Нервные дети.- Москва «Медицина», 1990;
7. Гулмадов Г. Баъзе сабабҳои паст шудани қобилияти фикрии хонандагон.\\ Мактаби советӣ, 1990, №10;
8. Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак. 44\25 аз 20 ноябри соли 2089, [манбаи электронӣ];
9. Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқҳои шахсони имконияташон маҳдуд, 61\16 аз 13 декабри соли 2006, [манбаи электронӣ]
https://social.desa.un.org/issues/disability/crpd/convention-on-the-rights-of-persons-with-disabilities-crpd;ъ
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон»- Душанбе, 2010, № 675, [манбаи электронӣ].
https://hukukiman.tj/wp-content/uploads/2023/11;
11. Инклюзивное образование: ключевые понятия. Авторы -составители: Н.В. Борисова, С.А. Прушинский\ Отв.ред.: М.Перфильева.- М.: Владимир, ООО «Транзит»-ИКС», 2009;
12. Муҳаммад Мазедул Ҳақ. Дастурамали омӯзишӣ оид ба тавонбахшӣ ва тавонбахшӣ дар сатҳи ҷомеа- Кӯлоб, 2013;

ТАҶҲИЗОТИ ЁРИРАСОН БАРОИ КӮДАКОНИ ИМКОНИЯТАШОН МАҲДУД ВА ТАРЗИ ИСТИФОДА БУРДАН АЗ ОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш намудааст, ки доир ба вазифаҳои таҷҳизоти ёрирасон, намудҳо, тарзи бехатар истифода бурдан ва аҳамияти он барои шахсони имконияташ маҳдуд маълумот диҳад, зеро аксари зиёди аҳолӣ дар ҶТ дар бораи тарзи дурусти истифодабарии ин таҷҳизот маълумоти пурра надоранд.

Дар мақола асосан дар бораи таҷҳизоти ёрирасон барои ҳаракат, аз қабили аробача, чорчӯбаи роҳгардӣ, асобағал, ортез, протез ва дар бораи таҷҳизоти ёрирасон барои шахсоне, ки маҳдудияти ҳиссиётӣ доранд, маълумот дода шудааст.

Калидвожаҳо: шахс, маҳдуд, ҳуқуқ, аснод, таҷҳизот, ҳаракат, таҳсил, шуғл, тавонбахшӣ, дахолат, маҳдудият.

ВСПОМОГАТЕЛЬНОЕ ОБОРУДОВАНИЕ ДЛЯ ДЕТЕЙ С ОГРАНИЧЕННЫМИ ВОЗМОЖНОСТЯМИ И СПОСОБЫ ИХ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ

В данной статье автор попытался предоставить информацию о функциях вспомогательных оборудований, их различных типах, способах их безопасного использования и их значений для людей с ограниченными возможностями, поскольку подавляющее большинство населения Таджикистана не имеет полных знаний о том, как правильно использовать это оборудование.

В статье в основном представлена информация о вспомогательных оборудованиях для обеспечения мобильности, таких как инвалидные коляски, ходунки, костыли, ортезы, протезы и вспомогательные устройства для людей с сенсорными нарушениями.

Ключевые слова: человек, инвалидность, права, оборудование, движение, образование, занятость, реабилитация, вмешательство.

ASSISTANT EQUIPMENT FOR CHILDREN WITH DISABILITIES AND ITS USE

In this article, the author has attempted to provide information about the functions of assistive devices, their types, how to use them safely, and their importance for people with disabilities, as the vast majority of the population in Tajikistan lacks complete knowledge about how to properly use this equipment.

The article mainly provides information about assistive devices for mobility, such as wheelchairs, walking frames, crutches, orthoses, prostheses, and assistive devices for people with sensory disabilities.

Key words: person, disability, rights, equipment, movement, education, employment, rehabilitation, intervention.

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳақназарзода Ноҳира- ассистенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, ҶТ, ш. Кӯлоб, маҳаллаи Борбад, 38\2, тел.: 918 50 24 92, nohira_h@mail.ru

Сведения об авторе: Хакназарзода Нохира – ассистент кафедры дошкольного образования и социальной работы Кулябского государственного университета им. А. Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г. Куляб, Борбад, 38\2, тел.: 918 50 24 92, nohira_h@mail.ru

Information about the author: Haknazarzoda Nohira – assistant at the department of preschool education and social work, Kulob State University. A. Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, Borbad, 38\2, тел.: 918 50 24 92, nohira_h@mail.ru

ФИЛОЛОГИЯ

ТДУ:81+80 (2-тоҷ)
А- 27

ТАҲЛИЛИ ЛИНГВИСТИИ МАКРОТОПОНИМИЯИ МОВАРО-УН-НАҲР

Абдусамадзода Э.А., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Дар забоншиносии муосир яке аз масъалаҳои меҳварӣ муносибати фарҳанг ба забон маҳсуб меёбад. Ин равандро ба истилоҳи лингвокултурология ном мебаранд ва зери ҳамин мафҳум омӯхта мешавад. Зимнан бояд гуфт, ки таблиғи фарҳанг ва равона гардидани он ҷониби субъектҳои худ тавассути забон сурат мегирад. Робитаи фарҳанг бо забон кайҳо боз мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон, махсусан, забоншиносон қарор гирифтааст. Муҳаққиқи рус Иванова С.В., ки бевосита ба масъалаи забоншиносии фарҳангӣ таҳқиқот бурдааст, ишора мекунад: «Фарҳанг бевосита бо андешаҳое, ки вуҷуд доранд ва дар ҷамъият ҳамчун омили иҷтимоӣ истифода мешаванд, дар шакли рамзӣ (тавассути забон) интиқол дода мешавад» [3, с. 8-9].

Ёдовар бояд шуд, ки забоншиносии фарҳангӣ як бахш ва ё қисми ҷудонашавандаи забоншиносӣ буда, робитаҳои забон ва мафҳумҳои фарҳангиро таҳқиқу баррасӣ мекунад. С.В. Иванов иброз медорад, ки «…Фарҳанг маҷмуи малакаҳо ва ақидаҳои амалии аз ҷиҳати иҷтимоӣ меросгирифташуда мебошад, ки тарзи ҳаётро тавсиф мекунад ва тавассути забон интиқол меёбад… Забон дар муҳити муайяне зиндагӣ мекунад ва инкишоф меёбад, ки онро метавон муҳити фарҳангӣ ё заминаи фарҳангӣ номид» [3, с. 8-9].

Дар миён гузоштани забоншиносии фарҳангӣ ё худ муносибати фарҳанг ба забон пеш аз ҳама дар он мебошад, ки ном, махсусан, ҷойномҳо низ дар баробари як ҷузъи забоншиносӣ буданашон, яке аз рукнҳои асосии фарҳанг маҳсуб меёбанд ва ба фарҳанг алоқаи ногусастанӣ доранд. Муҳаққиқи номшинос Давлеткулова Л.Н. бар он назар аст, ки: «Топонимҳо дар забоншиносии фарҳангӣ - як самти нисбатан нав маҳсуб ёфта, аз диди забоншиносӣ баррасӣ мешаванд ва ба мо имкон медиҳад, ки робитаи забон ва фарҳангро пайгирӣ кунем» [2, с. 3].

Макротопоним баргирифта аз истилоҳи юнонии қадим makro – калон ва topos – ҷой, номи мавқеъҳои бузурги ҷуғрофӣ, ки доираи истифодаи васеъ доранд, мебошад. Ё худ номи мавзеи калони табиӣ - ҷуғрофӣ, ки майдони васеи истифода дошта, маълуму машҳур аст**: Африқо [Afriqā], Уқёнуси Ҳинд [Uqyānusi Ārām], Осиёи Марказӣ [Āsiyāi Markazī], Аврупо [Avrupā], Австралиё [Avstraliyā], Иёлоти муттаҳидаи Араб [Iyālāti muttahidai Arab], Иёлоти муттаҳидаи Амрико [Iyālāti muttahidai Amrikā]** ва монанди инҳо.

Одатан макротопонимия бо этнонимҳо (аз юнонии ἔθνος – «қабила, мардум», ὄνυμα - «ном, ном», номи навъҳои гуногуни ҷамъиятҳои этникӣ, ҳам халқу миллатҳо ва қабилаҳо) алоқамандӣ доранд. Этнонимия дар натиҷаи муносибати мустақими кишвар бо этносҳо пайдо мегардад. Масалан, Тоҷикистон – тоҷикҳо, Афғонистон – афғонҳо, Туркия – туркҳо, Қазоқистон – қазоқҳо ва ғайра. Дар мавриди дигар этнонимия аз номи кишвар гирифта мешавад, монанди амрикоиҳо – Амрико, қирғизҳо – Қирғизистон ва амсоли инҳо.

Макротопонимия як шохаи топонимика буда, нисбат ба микротопонимия авлавияти омӯзишаш камтар мебошад, зеро теъдоди ин қабати ҷойномҳо нисбати микротономия ба маротиб кам мебошанд. Ҳамзамон, омӯзиши масъалаи макротопонимия аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ хеле кам ба назар мерасад.

Топонимика маҷмуи номҳои ҷуғрофиро ба се гурӯҳи алоҳида, яъне **топонимия, микротопонимия ва макротопонимия** ҷудо намуда, меомӯзад. Ба тариқи умумӣ микротопоним, топоним ва макротононимҳоро бо назардошти тамоми хусусиятҳояшон

муҳаққиқи машҳур А.В. Суперанская чунин шарҳ додааст: «**Микротопонимҳо** номҳои инфиродии мавзеъҳои табиатан ва ё ба таври сунъӣ ба вуҷуд омада мебошанд, ки маъмулан аломат ва хусусиятҳои мавзеъҳоро инъикос менамоянд. Онҳо далели як забон ва маҳсули эҷодиёти як халқанд. Табдили аҳолӣ метавонад ба табдили оммавии микротопонимҳо оварда расонад. Биноан, микротопонимҳо қисми бештар дар ҳаракат буда, сайёраи топонимҳоро ташкил медиҳанд... **Топонимҳо** номҳои инфиродии мавзеъҳои табиатан ва ё ба таври сунъӣ ба вуҷудомада мебошанд. Онҳо маъмулан бевосита ягон хусусияти мавзеи номгузоришударо инъикос намекунанд, зеро чанд маротиба тағйири маъно ва тағйири шакл намудаанд. Топонимҳо маҳсули эҷодиёти халқҳои гуногун ва далели забонҳои зиёд буда метавонанд. Онҳо дар муомила ва нутқи одамони нисбатан зиёд мустаъмал буда, дар ҳудудҳои берун аз мавзеи номгузоришуда маълуманд... **Макротопонимҳо** номҳои инфиродии низомҳои ҷуғрофӣ ва ё ҳудудҳои сиёсӣ - маъмурии махсус ҷудонамуда (қитъаҳо, давлатҳо, вилоятҳо) мебошанд. Онҳо аксаран таъйиноти муназзамшударо дар бар мегиранд (шимолӣ, марказӣ). Аксари онҳо ба тариқи сунъӣ дар даврaҳои на он қадар дур ташкил карда шудаанд. Аз ҷиҳати доираи истифода макротопонимҳо калимаҳои байналхалқӣ ҳисоб мешаванд» [9, с. 48].

Топонимия ҳамчун воҳиди меҳварии забон маълумоти арзишманд ва гуногунҷабҳа доранд, аммо иттилооте, ки дар маводи забонҳои ғайрихаттӣ гирифта шудааст, махсусан, арзишманд аст. Бештар вақт марҳилаҳои инкишофи таърихии забон бо номҳои ҷуғрофӣ қайд карда мешаванд. Дар гуфтори зинда забон назар ба забоне, ки дар номҳои ҷуғрофӣ, яъне топонимия собит шудааст, тезтар инкишоф меёбад. Топонимика яке аз маъхазҳое мебошад, ки ҷараёни таърихии инкишофи забонро инъикос мекунад ва барои паҳлуҳои амиқтари таърихи забон дурнамои нав мекушояд.

Топонимияи забони тоҷикӣ натанҳо барои муаррихону ҷуғрофидонон, фарҳангшиносон сарчашмаи боарзиш, балки барои забоншиносон сарчашмаи хеле муҳим маҳсуб меёбад. Тайи чанд даҳсолаи охир шумораи зиёди таҳқиқотҳо аз ҷониби топонимистони тоҷик Р.Х. Додихудоев, А.Л. Хромов, Н. Офаридаев, А. Абдунабиев, Ҷ. Алимӣ, Ш. Исмоилов, М. Шодиев, О. Маҳмадҷонов, Р. Шоев, С. Абдуллоева, Д. Майнусов, Д. Ҳомидов, Б. Тураев, Ф. Давлатова ва ғ. анҷом дода шуданд, ки дар рушд ва инкишофи соҳа хидмати таърихӣ маҳсуб меёбанд.

Мо дар ин мақола ба омӯзиш ва баррасии макротопонимияи Моваро-ун-наҳр, ки таърихан яке аз кишварҳои ҳудудан калони давлати Сомониён маҳсуб меёфт, пардохтем ва умед дорем, ки дар ин пайгирӣ ва таҳқиқот самараи мусбӣ ва боарзише фароҳам хоҳем овард.

Номҳои ҷуғрофӣ (топонимия) хусусиятҳои тасвири забонии олами ҷомеаро инъикос намуда, дар бораи гузаштаи таърихии халқҳо ва фарҳанг маълумоти муҳим медиҳанд ва сарчашмаи омӯзиши таърихи забон маънидод гардидааст.

Ба омӯзиши ҷойномҳои Моваро-ун-наҳр шуруъ карда, ба макротопонимияи он таваҷҷуҳ накардан ғайри имкон аст. Макротопонимия номҳои мавзеъҳои ҳудудан калони ҷуғрофӣ мебошанд, ки ба таври васеъ истифода мешаванд.

Моваро-ун-наҳр яке аз минтақаҳои васеи географии давлати Сомониён маҳсуб ёфта, дар худ Бухоро [Buxārā], Суғди Самарқанд [Suǧdi Samarqand], Истаравшан [Istaravšan], Чоч [Čāč], Илок [Ilāk], Фарғона [Farǧāna], Кеш [Keš], Насаф [Nasaf], Чағониён [Čaǧāniyān], Хуталон [Xutalān], Қубодиён [Qubādiyān], Аҳорун [Ahārun], Шумон [Šumān], Вашгирд [Vašgird], Рашт [Rašt], Кумед [Kumed], Бадахшон [Badaxšān], Карон [Karān], Шикинон [Šikinān], Рахон [Raxān], Рушон [Rušān]-ро мутаҳҳид мекард. «Ин ном дар аснои истилои арабҳо дар асрҳои VII-VIII пайдо шуда, дар аввал маънои минтақаи соҳили рости Амударёро дошт. Моваро-ун-наҳр шакли бетағйир (калка) аз паҳлавӣ - «Farārōd» - «ноҳия», ки ба форсии қадим «*pāra-» ‘(муқобил) соҳил’ + ‘rautah-’ ‘дарё’ бармегардад. Муодили суғдии паҳлавӣ - «Farārōd» «Pāryār» аз «*pāra-» + «р» ‘об, дарё’, яъне соҳили «муқобил»-и дарё. Шаҳре бо номи суғдии Фороб дар Отрар, аз тарафи рост, муқобили Суғд, дар соҳили Сирдарё... Ноҳияҳои соҳили рости Амударёро сокинони соҳили чап, яъне Хуросон

меномиданд, зеро онҳо бо Суғд ҳамсоя буда, бо суғдиён робитаи хеле наздики оилавӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва ғайра доштанд» [12].

Таърих ёд медиҳад, ки Осиёи Миёна дар даврaҳои мухталиф бо таъсири ҳуҷумҳои паёпайи зиёд бо номҳои гуногун ёд мешавад. Масалан, гуфта шудааст, ки: «Баъд аз забт шудани Осиёи Миёна аз тарафи Искандари Мақдунӣ дар минтақа низ чун «Трансоксиана» ё «Трансоксания» (лот. Transoxiana/Transoxania) бо номи дарёи Окс(ус) (ҳоло Омударё) маълум шуд. Дар баъзе маъхазҳои юнонӣ ва лотинии (румании) қадим ин ду варианти дар боло зикргардидаи номи минтақаи байни дарёҳои Окс ва Яксарт (Сирдарё) дида мешавад» [12]. Ҳудуди имрӯзаи Моваро-ун-наҳр як қисми калон ва марказии минтақаи таърихию географии Узбакистон, инчунин қисматҳои ҷанубии вилоятҳои Қизилӯрда, Туркистони Қазоқистон ва ҷониби ғарбӣ (вилояти Хатлон ва НТҶ) ва шимоли (вилояти Суғд) Тоҷикистонро фаро мегирад. «Аксари қаламрави Узбакистон, ғарби Тоҷикистон ва Қирғизистон, шарқи Туркманистон ва вилоятҳои ҷанубии Қазоқистон дар қаламрави Моваро-ун-наҳр ҷойгиранд…» [6, с. 48].

Маводи мавриди таҳқиқ: Бухоро, Суғди Самарқанд, Истаравшан, Чоч, Илок, Фарғона, Кеш, Насаф, Чағониён, Хуталон, Қубодиён, Аҳорун, Шумон, Вашгирд, Рашт, Кумед, Бадахшон, Карон, Шикинон, Рахон, Рушон буда, ҳудудҳои таърихию географии Моваро-ун-наҳрро ишғол менамуданд. Зимни ҷамъоварии макротопонимияи Моваро-ун-наҳр, ки 21 номгӯйро ташкил медиҳад, аз луғатҳои топонимӣ, осори таърихӣ, харитаҳо, дастурамалҳо, захираҳои интернетӣ истифода намудем.

Дар ин таҳқиқот вижагиҳои забонӣ, мавқеи таърихии бахше аз макротопонимияи Моваро-ун-наҳр мавриди бозбинӣ ва баррасӣ қарор дода мешавад.

Аҳорун [**Ahārun**] номи вилояти таърихӣ, ки дар водии Ҳисор маскан дошт. Мушоҳидаҳо тақозо мекунанд, ки Аҳорун шакли нодурусти калима аст. Шакли дурусти он Ахарун аст. Дар шакли Харун низ истифодаи онро таъкид менамоянд.

Муҳаққиқон бар он назаранд, ки: «**Ахарун** - шакли нодурусташ Аҳорун, ки мутаассифона, роиҷ аст» [4].

Ахарун [Ахārun] дар шакли Харун низ корбаст дорад. Муаллифи «Таърихи Табарӣ» қайд менамояд: «Аҳорун таърихи фоҷиабор дорад. шоҳи Шумон … дар садаи VIII ба Аҳорун ҳуҷум оварда, онро пурра тасарруфи худ даровард ва шоҳи Шумон лақаби шоҳи Шумону Аҳорунро гирифт. Пеш аз ҳуҷуми шоҳи Шумон Аҳорун пеш аз ин ду бор аз ҷониби арабҳо тасарруф ва ғорат гардида буд...» [3].

Тибқи хабари Табарӣ соли 704 Аҳорун ва Шумон аз ҷониби Муфаззал писари Муҳаллаб тасарруф гардида, моли таърих гардид.

Бадахшон [Badaxšān] вилояти таърихии тоҷикон, ки баъди аломатгузории сарҳадоти Иттиҳоди Шуравӣ қисмати асосии он сӯи дарёи Ому монд.

Бадахшон [Badaxšān] баромади форсӣ-тоҷикӣ дошта, дар форсӣبدخشان, тоҷикӣ Бадахшон, хитоӣ 巴達克山 истеъмол мегардад. Муаллифони «Луғати этимологии забонҳои эронӣ» Бадахшонро дар шакли Badaxšān, Balaxšān, ки мансуби забони тоҷикист, шарҳ додаанд [7, с. 49].

Муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» дар мавриди Бадахшон [Badaxšān] иброз медорад: «Роҳномаҳои ҷуғрофиянависони араб ба тарафи шарқ пеш аз Толиқон Бадахшонро ном мебаранд. Бо вуҷуди ин, Яъқубӣ дар феҳристи шаҳрҳои Балх Торикон (Толиқон) ва Бадахшонро баъд аз он оварда, сипас шаҳри «Роҷарм»-ро зикр мекунад [7, с. 361].

Бухоро [Buxārā] - «... Шаҳри бузург аст ва ободонтарин шаҳрест андар Моваро-ун-наҳр ва мустақари малики машриқ. Ва ҷойи намнок аст ва бисёр меваҳо ва обҳои равон. Ва мардумони вай тирандозанд ва ғозипеша. Ва аз ӯ бисот ва фарш ва мусаллии намоз хезад накӯ, пашмин ва шӯра хезад, ки ба ҷойҳо бибаранд. Ва ҳудуди Бухороро дувоздаҳ фарсанг андар дувоздаҳ фарсанг аст. Ва деворе ба гирди ин ҳама даркашида боз якбора ва ҳамаи работҳо ва деҳаҳои он андаруни ин девор аст…» [5, с. 68].

Муҳаммад Ғиёсуддин дар «Ғиёс-ул-луғот» Бухороро аз нигоҳи маънои луғавӣ ва ҷуғрофӣ чунин шарҳ додааст: «Бухоро – номи шаҳр аз Турон, муштақ аз бухор, ки ба маънии

илм аст. Чун дар он шаҳр уламо ва фузало бисёр буданд, ба Бухоро мавсум карданд (аз «Латоиф»); ва муаллиф гӯяд, ки бухор ба маънии илм дар кутуби дигар ба назар наёмада…» [3, с. 119].

Дар сарчашмаҳо зикр мешавад, ки дар поёноби Зарафшон пойтахти давлати Сомониён Бухоро, ки он сераҳолӣ ва дорои истеҳкомҳои сершумор буд, маскан дошт. Ба қавли Истахрӣ: «Дар Хуросон ва Моваро-ун-наҳр ба мисли Бухоро дигар шаҳри сераҳолӣ ва масоҳаташ васеъ вуҷуд надошт». Шаҳрро Зари машҳур ба ду қисм ҷудо мекард. Дар гузашта соҳили ростро Нумиҷкат, соҳили чапро Бухоро меномиданд. Минбаъд ҳарду қисм як шуд, бинобар ин дар асрҳои VII-X шаҳр Бухоро ё Нумиҷкат номида мешуд, номи дуюм тадриҷан барҳам хурд. Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» иброз медорад: “Номи қадимии ин шаҳр «Нумиҷкас» ва «Бумискат» аст [14, с. 20]. Решаёбии мушкили ин луғотро Маркварт дар «Wehrot» (с. 161-164) ба хубӣ шарҳ додааст.

Вашгирд [Vašgird] баромади форсӣ дошта, сарзамини тоҷикон, мавқеияташ дар ноҳияи Файзободи имрӯзаи Тоҷикистон будааст. Таърихи Вашгирдро се ҳазор сол рақам мезананд. Далели таърихи тулонӣ, яъне се ҳазор сол будани онро ба истифодаи он дар Авасто мансуб медонанд. Муҳаққиқи тоҷик **Ҷӯрабек Муъмин** иброз медорад: “... Аз интишори “Авасто”, беш аз се ҳазор сол мегузарад. Дар ҳамин китоби муқаддас номи “Вашгирд” дар шакли Visa/Vesaka/Visaka дар қисмати “Яшт” зикр шудааст [**4, с. 3**].

Муҳаққиқ **Ҷӯрабек Муъмин зикр мекунад, ки “**Сарчашмаҳои дигари тоҷикӣ-форсӣ, аз ҷумла “Ҳудуд-ул-олам” Вашгирдро ҳамчун шаҳр бо номҳои Весигард ва Веса ном бурдааст [**4,** №:110]. Лекин дар “Ҳудуд-ул-олам” Вашгирд бо номҳои “Вешкирд (дар арабӣ: Вошҷирд ва Вешҷирд), Вешгирд ё Вешагирд зикр мешавад [7, с. 369], ки гуфтаи муҳаққиқ **Ҷӯрабек Муъмин мувофиқ намеафтад.**

Дар идомаи шарҳи “Ҳудуд-ул-олам” гуфта мешавад: “... Маркварт (дар «Эроншаҳр», с. 227) «Весагирд» менависад ва онро шаҳри афсонавии Vaesa «мададгор ва муте»-и Franrasiyan медонад [7, с. 369].

Кеш [Kеš] – «… Шаҳрест ва ӯро ноҳияест ободон ва бонеъмат ва обҳои равон ва ҳавои хуш, бар канори рӯди Ҳизманд ниҳода” [7, с. 60].

Кеш [Kеš] яке аз шаҳрҳои қадимаи Осиёи Марказӣ то асрҳои XVI арзи ҳастӣ намуда, баъдан номи Шаҳрисабзро гирифтааст. Шаҳрисабз дар вилояти Қашқадарёи Ҷумҳурии Узбакистон мавқеият дорад. Дар “Ҳудуд-ул-олам” дар шакли Кеш/Геш омадааст [8, с. 60]. Ҷойи дигар андар баёни Кеш зикр мешавад: “Кеш шаҳре гармсер аст ва андар вай борон бисёр ояд ва ӯро шаҳристон ва куҳандиз ва рабаз аст. Ва ӯро ду рӯд аст, ки бар дари шаҳр бигзарад ва андар киштҳои вай ба кор шавад. Ва андар кӯҳҳои вай маъдани доруҳост. Ва аз ӯ астарони нек хезад ва тарангубин ва намаки сурх, ки ба ҳама ҷаҳон баранд [7, с. 63].

Чағониён [Čağāniyān] – маконест дар поёноби дарёи Суранхандарё (Чағонрӯди таърихӣ). Бештари сарчашмаҳо онро шаҳр унвон додаанд. “Ҳудуд-ул-олам” зикр мекунад: “Шаҳри Ҷағониён (Чағониён) мутааллиқ ба Денав (Деҳнав)-и имрӯз аст [1, с. 368].

Чағониён [Čağāniyān] дар забони паҳлавӣ Čagīnīgān, форсӣ Chağāniyān истеъмол мегардад. Дар айни замон, он дар ҳайати ноҳияҳои Олтинсой, Бойсун, Денав/Деҳнав, Қумқӯрғон ва Шурчини вилояти Сурахандарёи Узбакистон мавқеият дорад.

Баррасии макротопонимияи болозикр, гарчанде ба пуррагӣ мавриди омӯзиш қарор дода нашуда бошанд ҳам, лекин маълумоту таҳлили комил анҷом дода шудааст.

Дар ин кори заҳматталаб аз осори гуногунҷанбаи таърихию забоншиносӣ, таърихӣ, географӣ, пойгоҳҳои интернетӣ, луғату сарчашмаҳои илмӣ монанди «Осор-ул-билод»-и Птоломей (Батлимус), «Ҳудуд-ул-олам»-и Ибни Фариғун, «Аҷоиб-ул-булдон»-у «Мӯъҷам-ул-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ, “Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсуддин, «Этимологический словарь иранских языков»-и В.С. Расторгуева ва пойгоҳи интернетӣ ва сомонаҳои иҷтимоӣ истифода намуда, дар шарҳи баъзе аз топонимия шояд нуқсе гузашта бошад. Дар таҳқиқоти минбаъда зимни васеъ омӯхтани масъалаи мавриди назар нуқсонҳои он бозбинӣ карда мешаванд.

Хулоса, омӯзиши макротопонимия, ки маҷмуан топонимияи «Моваро-ун-наҳр»-ро ташкил медиҳанд, барои забоншиносии тоҷик арзиши баланди илмиро молик аст. Зимни баррасии маводи таҳқиқотӣ имкон фароҳам омад, ки дар натиҷаи омӯзиши номҳо маълумоти тозае рӯйи даст биёяд ва дар хазинаи таҳқиқоти ҷойномҳои миллӣ маълумоти наву тоза ворид намоем. Дар ин таълифот, ки ҷойномҳои мазкур мавриди баррасии забоншиносӣ қарор дода шуданд, дар рушд ва ташаккули номшиносии тоҷик таҳқиқоти тозаву муфид маҳсуб меёбад.

Адабиёт:

1. Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ «Таърихи Бухоро»/Наршахӣ Абӯбакр ибни Муҳаммад. – Душанбе: Пайванд, 2012. 424с.
2. Давлеткулова Л.Н. Топонимы в Лингвокультурологическом Аспекте (на примере географических названий графства Оксфордшир и Челябинской области). Авто. диссер. на соис. уч.степ. канд.филол. наук.- Челябинск, 2014. – 22 с.
3. Иванова С.В. Лингвокультурологическии аспект исследования языковых единиц. Авто. диссер. на соис. уч. степ .док. филол. наук.-Уфа, 2003.-41 с.
4. Ҷӯрабек Муъмин Ҷумҳурият**,** №:110 аз 11.06.2014.
5. Нуров А. Мулхақот дар «Ғиёс-ул-луғот». Ҷ.2/А. Нуров. - Душанбе: Адиб, 1988. - 416 с.
6. Нуров А. Мулхақот дар «Ғиёс-ул-луғот». Ҷ.3/А. Нуров. - Душанбе: Адиб, 1989.- 304 с.
7. Ҳудуд-ул-олам – Душанбе:, «Бухоро». - 2014
8. Расторгуева В.С., Эдельман Д.И. Этимологический Словарь Иранских Языков. Том 2. РАН. М., 2003. стр. 116-122.
9. Суперанская, А.В. Как вас зовут? Где вы живете?/А.В. Супоранская - М.: 1964.-95 с.
10. Донишномаи озод [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%91%D0%B0%D0%B4%D0%B0%D1%85%D1%88%D0%B0%D0%BD (санаи мурочиат: 19.12.2022, соати 11:[00])
11. Донишномаи озод [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://tg.wikipedia.org/wiki/%D0%90%D1%85%D0%B0%D1%80%D1%83%D0%BD (санаи мурочиат: 19.12.2022, соати 14:[36])
12. Донишномаи озод [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://tg.wikipedia.org/wiki/%D0%A4%D0%B0%D1%80%D0%BE%D1%80%D3%AF%D0%B4 (санаи мурочиат: 19.12.2022, соати 10:[23])
13. Торономаи Вожаҷӯ [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://vazhaju.tj/search/%D0%91%D1%83%D1%85%D0%BE%D1%8%D0%B (санаи мурочиат: 18.12.2022, соати 09:[34])
14. Словари и энциклопедии на Академике. [Захираи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://dic.academic.ru/dic.nsf/ruwiki/90958 (санаи мурочиат: 18.12.2022, соати 10:[12])

ТАҲЛИЛИ ЛИНГВИСТИИ МАКРОТОПОНИМИЯИ МОВАРО-УН-НАҲР

Мақола ба омӯзишу баррасӣ ва бозбинии макротопонимияи Моваро-ун-наҳр бахшида шуда, муаллиф дар ин таҳқиқот ба сарчашмаҳои зиёдӣ луғавӣ, таърихӣ, географӣ такя намудааст.

Дар таҳлили маводи ҷамъоваришуда, ки 21 номгӯйро ташкил медиҳад, муаллиф дар баробари назари муҳаққиқон мавқеи шахсии худро муайян намудааст. Дар ин мақола макротопонимия Моваро-ун-наҳр бори аввал мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифи мақола бо истифода аз маводи ҷамъоваришуда ва омӯзиши таърихи онҳо мавқеъ ва зуҳури таърихии онҳоро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Калидвожаҳо: макротопонимия, Моваро-ун-наҳр, таҳлили забоншиносӣ, лингвистӣ, баррасӣ, забоншиносии фарҳангӣ, муҳаққиқ, сарчашмаҳои луғавӣ.

ЛИНГВИСТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ МАКРОТОПОНИМИИ МАВЕР-АН-НАХРА

Статья посвящена изучению и исследованию особенностей макротопонимии Мавер-ан-нахра, где автор опирается на множество лексических, исторических и географических источников.

После тщательного анализа собранных материалов, которые составляют 21 наименований, автор помимо точки зрения исследователей выражает свою личную позицию. В данной статье впервые исследуется макротопонимия Мавер-ан-нахра. Используя собранные материалы и изучая их историю, автор статьи исследует местоупотребление и этимологию происхождения макротопонимов.

Ключевые слова: макротопонимия, Мавер-ан-нахр, лингвистический анализ, языкознание, характеристика, лингвокультурология, исследователь, лексические источники.

LINGUISTIC ANALYSIS OF MACROTOPONYMY MAVER-AN-NAHRA

The article is devoted to the study and investigation of the features of the macrotoponymy of Maverannahr, where the author relies on many lexical, historical and geographical sources.

After a thorough analysis of the collected materials, which make up 21 titles, the author, in addition to the point of view of the researchers, expresses his personal position. In this article, the macrotoponymy of Maverannakhr is studied for the first time. Using the collected materials and studying their history, the author of the article explores the place of use and the etymology of the origin of macrotoponyms.

Key words: macrotoponymy, Maver-an-nahr, linguistic analysis, linguistics, characterization, linguoculturology, researcher, lexical sources.

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдусамадзода Эраҷ Абдусамад**,** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. **Суроға***:* ҶТ. 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16.**Тел.**: (992)918-13-99-68.

Сведения об авторе: Абдусамадзода Эрадж Абдусамад, кандидат филологических наук, доцент кафедры языкознания и история языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. **Адрес:** РТ. 735360, г. Куляб, улица С. СафаровА 16. **Тел.**: (992)918-13-99-68.

Information about the author: Abdusamadzoda Eraj Abdusamad - candidate of philology, associate professor of the department of linguistics and history of the language of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. **Address**: RT. 735360, Kulob, S. Safarov street 16. Tel.: (992) 918-13-99-68.

ТДУ: 81′373.45 +81′374.822 (075.8)
У-29

САРЧАШМАҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ ИСТИЛОҲОТИ ЧОРВОДОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Каримзода Ш.Б., д.и.ф., профессор, Усмонов М.М. докторанти (PhD)
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Роҷеъ ба омӯзиш, таҳқиқ ва ташаккули истилоҳоти соҳаи чорводорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, метавон аз маъхазҳои таърихӣ, ки дар онҳо ҷо – ҷо ин намуди истилоҳот дарҷ гардидаанд, ҳамчунин таълифи якчанд рисолаҳои олимону коршиносони ватаниву хориҷӣ, ки дар онҳо истилоҳоти мазкур мавриди таҳлилу баррасии амиқи илмӣ қарор гирифтаанд, ёдовар гардид. Агар ба таърихи гузаштаи ташаккул ва инкишофи истилоҳоти

соҳаҳои мухталифи забони форсӣ - тоҷикӣ назар афканем, онҳо ба даврaҳои фаротар аз Сомониён рост меоянд, ки онҳо баъдан дар осори класикони даврaи миёна ва баъзе луғатномаву фарҳангномаҳо зикр гардидаанд. Таърих гувоҳ аст, ки шуғли асосии халқи тоҷик дар замони Сомониён ва пештар аз ин ҳам, чорводорӣ буд, дар асари «Тоҷикон» - и Бобоҷон Ғафуров ба таври мушаххас дарҷ гардидааст. «Аксари аҳли меҳнат машғули зироат ва чорводорӣ буд...» [2, с. 389]

«...Табиист, ки зироаткорон чорво ҳам доштанд. Дар маъхазҳо ишорат меравад, ки ҳатто дар атрофи шаҳрҳои калон чарогоҳҳои сералафро дидан мумкин буд. Вале чорводорӣ ҳамчун соҳаи махсуси хоҷагӣ ҳам вуҷуд дошт ва алалхусус, дар хоҷагии маҳалҳои даштӣ ва кӯҳӣ хеле инкишоф ёфта буд. Вале қайд кардан лозим, ки як худи чорводорӣ эҳтиёҷоти аҳолиро пурра таъмин карда наметавонист. Ба ин сабаб, додугирифт бо чорводорони кӯчманчӣ, ки дар шимолу шарқтари давлати Сомониён маскун буданд, аҳаммияти калон дошт.» [2, с. 392]

Дар рушди инкишофи илм ва истилоҳоти илмӣ – соҳавӣ саҳми боризро олимон ва мутафаккирони даврaи асримиёнагӣ гузоштаанд. Лексика ва истилоҳоти соҳаи чорводориро дар асарҳо ва достон, ҳамчунин дар порчаҳои назмию насрии шоирону нависандагони адабии классик ва ҳозира мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ҷумла, месазад ёдовар шуд, ки асару луғатҳои то ба имрӯз таълифшуда дар инкишофи минбаъдаи луғатнигории забони тоҷикӣ саҳми арзишманде хоҳад гузошт.

Д. Саймиддинов пайдоиши истилоҳот дар забони форсии миёна ва аз чанд роҳ сурат гирифтани онро чунин баён мекунад: «идомаи истилоҳоти бунёдии эронӣ бидуни тағйироти маъно ва ё тавсияи маънои истилоҳии он дар забони форсии миёна; истифодаи луғати ғайриистилоҳӣ ба ҳайси истилоҳ; иқтибос аз забони авестоӣ; баргардон ва ё калкаҳои авестоӣ дар паҳлавӣ; иқтибос аз забонҳои ғайриэронӣ - юнонӣ ва ҳиндӣ; аз роҳи вожасозӣ (дар асоси қолабҳои вожасозӣ)» [6, с. 97].

Муҳиммияти луғатҳо, пеш аз ҳама дар он аст, ки вожаву истилоҳоти соҳаи чорводорӣ дар қатори дигар калимаҳои серистеъмоли забон дар онҳо инъикос ёфтаанд, масалан; *чорво, мол, саршумор, хоҷагии чорводорӣ, гов, гӯшт, асп, гӯсфанд, бордоркунӣ, нигоҳубин, чарогоҳ, шир, афзоиш, пода, кӯҳ, саҳро; cattle, livestock, herd count / livestock counting, cow, meat, horse, sheep, breeding, care, pasture, milk, growth, herd, mountain, field.*

Қайд кардан бамаврид аст, ки вобаста ба вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ дар забоншиносии муқоисавӣ муҳаққиқон Ҳ. Мирзоев [3, с. 43] оид ба истилоҳоти соҳаи асппарварӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва Ф.М. Орипова [4, с. 130] оид ба калимаҳои чорводорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ пажуҳиши мукаммал анҷом додаанд.

Дар ин зер, роҷеъ ба сарчашмаҳои илмие, ки бевосита истилоҳоти соҳаи «чорводорӣ» аз онҳо манша гирифтааст, васеътар қайд менамоем.

Луғати тафсирии истилоҳоти соҳаи чорводорӣ (русӣ - тоҷикӣ).

Фарҳанги мазкур бо қалами муаллифон Т.А. Қодиров номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва К.А. Дӯстов номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур рӯи чоп омада, беш аз **800** истилоҳҳои соҳаи мазкурро дар бар гирифта, аслан барои мутолиаи адабиёти илмӣ ба донишҷӯёну аспирантон, муҳассилини омӯзишгоҳҳою коллеҷҳо ва мутахассисони соҳаи чорводорӣ пешбинӣ шудааст. Аз тарафи муаллифон истилоҳоте дар ин китоб мавриди шарҳу тафсир қарор ёфтаанд, ки асоси соҳаи чорводориро ташкил медиҳанд. Соҳаи чорводорӣ дар солҳои охир хеле ҳам инкишоф ёфта бошад ҳам, муаллифон бобати илмҳои парваришу афзоиш додан, хӯрокдиҳӣ ва нигоҳубини чорвои кишоварзӣ, зотпарварӣ ва хусусияти зотҳои гуногуни чорво, асппарварӣ, гӯсфандпарварӣ, паррандапарварӣ, хукпарварӣ ва амсоли ин, ҳамчунин ташхиси як қатор касалиҳои ҳайвоноти кишоварзиро дар луғатнома бо шарҳи васеи истилоҳоти марбут ба ин илмҳо тавзеҳот додаанд.

Ин фарҳанг саршор ва лабрез аз луғоту истилоҳоти соҳаи чорводорӣ буда, воҳидҳои луғавии мансуби чорводориро шарҳ медиҳад. Фарҳанг аз пешгуфтор маншаъ гирифта, дар

саҳифаи баъдӣ алифбои забони русӣ нигошта шудааст. Аз саҳифаи 5 то саҳифаи 344 истилоҳоти бахши чорводорӣ шарҳу тафсир ёфтаанд. Дар охири китоб адабиёти истифодашуда ва рӯйхати истилоҳот бо тартиби алифбо ва нишондоди мундариҷавии якоякашон нишон дода шудаанд. Аз лиҳози таркиби морфологӣ луғоту истилоҳоти фарҳанги мазкурро ба содда, сохта ва мураккаб дастабандӣ намудем.

Истилоҳоти сода. Ин намуди истилоҳот танҳо аз як реша иборат буда, ҳамчун исми сода истеъмол мешаванд, ба монанди: *артрит, банд, буғум, артроз, барра, архар, ғурм, ғулча, оғил, тамға, шутур, кавша, той, равған, чарбу, пиҳ, ҷанин, пӯст, чарм, буз, такка, дакка, асп, саис, сум, гов, лама (ҳайвони боркаш аз ҷинси уштур), асал, ангубин, шаҳд, фалла, хачир, пору, ирсият, хирман, гӯсфанд, меш, чӯпон, хар, маркаб, зоиш, сабӯс, бедона, вартиш, варишк, шуллук, золу, зулу, зуллук, наъл, зот, навъ, ҷинс, насл, паранда, моҳӣ, гӯсола, дум, пашм, шӯртан, қӯтос.*

Истилоҳоти сохта. Ин намуди истилоҳот тавассути ба реша ҳамроҳ кардани вандҳои калимасоз сохта мешаванд, ба монанди: *сафед+а=сафеда, буғӯз+ӣ=буғӯзӣ, бе+наслӣ=бенаслӣ, касал+ӣ=касалӣ, бемор+ӣ=беморӣ, той+ча=тойча, дум+ба=думба, бача+дон=бачадон, медуза+ҳо=медузаҳо, хирман+гоҳ=хирмангоҳ, чаро+гоҳ=чарогоҳ, алаф+зор=алафзор, шпрот+ҳо=шпротҳо.*

Истилоҳоти мураккаб. Тавре аён аст, ин намуди истилоҳот аз ду реша иборат буда, аксарияти онҳо аз лиҳози мансубияташон ба ҳиссаҳои нутқ бештар ба сифати исм истеъмол мешаванд. Исмҳои мураккабро дар навбати худ метавон ба исмҳои мураккаби пайваст, исмҳои мураккаби тобеъ ва исмҳои мураккаби омехта тасниф намуд. Аз ин рӯ, истилоҳоти мураккаби фарҳанги мазкурро ба пояи таснифоти зикршуда чунин гуруҳбандӣ намудем:

Исмҳои мураккаби тобеъ: *молхона, дурушт пашм, қассобхона, саллоххона, говмеш, шоҳбарзагов, барзагов, варзагов, вирусология, говдӯш, говҷӯш, равғанмоҳӣ, шӯрмоҳӣ, аспбон, аспхона, саисхона, харгӯш, дарозгӯш, озодмоҳӣ, гавдар, ширмоҳӣ, шоҳзанбӯр, модарзанбӯр, хармагас, ғурмагас, сагмагас, гӯрхар, харгӯр, тосмоҳӣ, радиобиология, заҳорамоҳӣ, хукхона, модахук, озодмоҳӣ, тарбеда, тутимайна, лаққамоҳӣ, суфмоҳӣ, нарзанбӯр, мормоҳӣ, гулмоҳӣ, говзанбӯр.*

Исмҳои мураккаби омехта: *бачапартоӣ, мутобиқшавӣ, камхунӣ, бордоршавӣ, шутурпарварӣ, вирусшиносӣ, шабушзанӣ, дурагакунӣ, ширдӯшӣ, чорводорӣ, масунияташиносӣ, қароқулпарварӣ, бузпарварӣ, асппарварӣ, хунравӣ, ширдиҳӣ, тулаккунӣ, пӯстпартоӣ, карахтшавӣ, беҳисшавӣ, гӯсфандпарварӣ, хостагирӣ, чорвочаронӣ, наълзанӣ, парандапарварӣ, занбӯрпарварӣ, зотпарварӣ, моҳидорӣ, моҳипарварӣ, хукпарварӣ, кишоварзӣ, силосхобонӣ, силоскунӣ, асподавонӣ, говпарварӣ, қутоспарварӣ.*

Ниҳоят, бояд дарҷ намуд, ки миқдори зиёди луғоту истилоҳоти таркиби фарҳангро вожагони аслии тоҷикии форсӣ ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, муаллифон истилоҳоти ин китобро аз русӣ ба тоҷикӣ тарҷума карданд, ки ҳангоми мутолиа метавон бо истилоҳоте вохӯрд, ки тарҷумаи русӣ ва тоҷикияшон якхелаанд ба монанди: **авитаминоз**-авитаминоз**, агалактия и гиполактия** - агалактия ва гиполактия (беширӣ ва камширӣ)**, аквариум** - аквариум**, актиномикоз**-актиномикоз**, архар** - архар**, балантидиоз**-балантидиоз**, биотехнология –** биотехнология**, биотоп –** биотоп**, бонитировка** - бонитировка**, бруцеллёз** - брутселлёз**, вакцина** - ваксина, **гемотерапия –** гемотерапия**, гермафротидизм –** гермафротидизм.

Фарҳанги яғнобӣ ба тоҷикӣ (истилоҳоти чорводорӣ)

«Фарҳанги яғнобӣ ба тоҷикӣ (истилоҳоти чорводорӣ)», ки муаллифаш Гулмурод Неъматов мебошад, беш аз 540 калимаю ибораҳои соҳаи чорводориро дар бар мегирад. Дар фарҳанг муаллиф маънои ҳар як калимаю ибораҳои фразеологиро шарҳу эзоҳ додааст. Инчунин, дар фарҳанг баъзе калимаю ибораҳои ин ё он соҳа, ки бевосита ба соҳаи чорводорӣ робитаи зич доранд, дохил карда шудаанд. Ин фарҳанг барои доираи васеи муҳаққиқони таърихи забон, лексикология, этнография, ироншиносҳо ва ба ҳамаи онҳое, ки ба омӯзиши қишрҳои гуогуни забоншиносӣ машғуланд, пешбинӣ шудааст.

Дар бобати сохтор, тартиб, инчунин тарзи ҷобаҷогузории маводи луғат асосан ба принсипи луғатҳои лаҳҷашиносӣ ва забонҳои бехату алифбо такя карда шуд. Дар луғати мазкур калимаҳо ба тариқи зерин оварда шудаанд:

1. Моддаҳои луғат дар асоси алифбои лотинӣ оварда шуда, дар қавс ҳар як калима мувофиқи алифбои ҳозираи тоҷикӣ (кириллӣ) низ инъикос ёфтаанд. Ҷумлаҳо танҳо дар асоси алифбои лотинӣ бо тарҷумаи тоҷикӣ навишта шудаанд.

2. Барои равшан гаштани маънои калима ба ғайр аз шарҳу эзоҳ дар мавридҳои зарурӣ мисолҳо оварда шудаанд.

3. Дар луғат феълҳо бо чунин тартиб оварда шудаанд: шакли масдар, асосҳои замони ҳозира, гузашта ва оянда. Масдар, ки бо ҳамроҳ кардани суффикси – **ак** дар забони яғнобӣ ва дар эквиваленти тоҷикияш бо пасванди – **ан** навишта шудаанд, ҳамчунин онҳо ҷузъи асосӣ ба ҳисоб мераванд ва аз асосҳои феълӣ бо вергул (,), лекин байни асосҳо ду нуқта (:) гузошта шудаанд. Масалан: žavak, žav, žavt: žavna – нӯшидан.

4. Калимаҳои омонимӣ бо рақамҳои римӣ (I, II, III) ишорат гардиданд ва рақамҳои мазкур пас аз калима гузошта шудаанд.

5. Воҳидҳои фразеологӣ дар охири калимаи асосӣ оварда мешаванд. Ҳамаи ибораҳо низ аз рӯи тартиби алифбо инъикос шудаанд. Чунончи, asp «асп» ҳамчунин моддаи асосӣ омада, пас аз он ибораҳои alo asp «аспи ало», bodumgul asp «аспи бодомгул» ва мисли ин ибораҳои дигар бо тартиби алифбо оварда шудаанд.

Луғати мазкури чорводории забони яғнобӣ асосан дар заминаи маводи фаровон, ки дар бадали солҳои 1985-1990 аз маҳаллаҳои яғнобнишини ноҳияҳои Варзобу Рӯдакӣ ва Ҳисор ба даст расид, мураттаб шудааст. Ба луғат ба ғайр аз истилоҳоти сирф чорводорӣ ҳамчунин вожаҳо ба он алоқаманду марбут низ, дохил шудаанд.

Тавре муаллифи ин фарҳанг иброз медорад, дар забони яғнобӣ калимаҳое мавҷуданд, ки онҳоро «Луғати махфӣ» меноманд. Чунин калимаҳо дар дохили калимаҳои соҳаи чорводорӣ низ дучор меоянд ва омӯзиши онҳо низ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Ба қатори вожаҳои «махфӣ» калимаҳои Vanɣúša «гӯшдароз (мансуб ба хар)», Sappadim «думбакалон (мансуб ба гӯсфанд)», Vanšóxa «шохдароз (мансуб ба гов)», bahi «гӯсфанд», rúča «кӯр» ва šaytun «шайтон» (мансуб ба буз) дохил мешаванд. Дар маводи луғат ҳар кадом аз ин гуна вожаҳо ба қадри ҳол шарҳу эзоҳ ёфтаанд.

Дар ин ин фарҳанг ибораҳои зиёди фразеологӣ мавҷуданд, ки ба истилоҳоти чорводорӣ низ марбут буда, онҳо ҳам аз ҷиҳати сохт ва ҳам аз нигоҳи ифодаи обурангӣ ё худ образнокӣ ҷолиби диққатанд ва дар ин луғат низ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Чунончи: bešox ɣow «гови бешох» (маҷозан одами бефаросат), hangi xar «хари ҳангӣ» (маҷозан бадовоз), kátta kut «саги калон» (маҷозан амалдор), qóturi vuz «бузи қутур» (маҷозан касе, ки доим баданашро мехорад), dim dehak «дум задан, ҷунбондан» (маҷозан хушомадгӯй) ва монанди инҳо.

Луғати мазкур аз рӯи тартиби алифбои лотинӣ таҳлили лексикографии ҳамаи вожаҳои ҷамъовардаи соҳаи чорводориро инъикос менамояд.

Асосҳои чорводорӣ. Дастури таълимӣ аз ҷониби тартибдиҳандагон профессор, Т. Сатторов, дотсент, Х.Н. Қосимова, омӯзгори калон Х. Абдуллозода ва ассистент Т. Наҷмиддинов, барои донишҷӯёни факултетҳои табиатшиносӣ тавсия шуда, «дар он таҷрибаҳои чандинсолаи омӯзгорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ оид ба хусусиятҳои биологӣ, касалиҳо ва муолиҷаи онҳо, роҳҳои афзоиш, хӯрокдиҳӣ, таркиби хӯрок, нигоҳубин намудани ҳайвоноти кишоварзӣ бахусус чорводорӣ ва соҳаҳои гуногуни он маълумоти мухтасар гирд оварда шудааст». [7, с. 44]

Истилоҳ ва истилоҳ – ибораҳои китоби мазкурро метавон ба таври зерин гурӯҳбандӣ намуд.

Истилоҳоти сода. Ин гурӯҳи истилоҳот дар рушди соҳаи чорводорӣ нақши калидӣ доранд, ба монанди: *гӯшт, равған, шир, пашм, пӯст, колхоз, совхоз, чорво, гов, буз, гӯсфанд, асп, майдон, иқлим, пой, сум, чӯпон, наъл, дум, эспарсет, юнучқа, ҷав, сулӣ, нахуд, ҷулбон, пахол, беда, хас, коҳ, мушунг, гандум, сабӯс, кунҷора, меш, зот, хаҷир, айғир: meat, butter,*

milk, wool, skin, collective farm, state farm, cattle, cow, goat, sheep, horse, field, climate, foot, hoof, shepherd, horseshoe, tail, sainfoin, alfalfa, barley, millet, peas, rye, straw, clover, hay, straw, chickpeas, wheat, bran, cotton seed cake, ram, breed, stallion.

Истилоҳоти сохта. Ба истилоҳоти сохтаи бахши мазкур воҳидҳои луғавии зерин мансубанд: *модагов, саршумор, шохдор, ҳайвонот, зоотехника, чарогоҳ, зоогигиена, ширдиҳӣ, бузҳо, ҳайвонот, тойчаҳо, буққаҳо, барзаговҳо, чорводор, сумҳо, шикаста, ҷароҳатҳо, гарданак, райграсс, хушхӯр, серғизо, себарга, сафеда, сиёҳало, подагӣ, галагӣ: cow, number, horned, animals, zoo technics, pasture, zoo hygiene, lactation, goats, animals, foals, bulls, oxen, cattle-man, hooves, broken, injuries, neck, ryegrass, tastefull, nutritious, shamrock, protein, black and white, herd, flock.*

Истилоҳоти мураккаб. Як қисми фасли мазкурро истилоҳоти сайёҳии мураккаб ташкил медиҳад: *чорводорӣ, говдорӣ, зироаткорон, киштгардон, ҳосилнокӣ, чорвопарварӣ, зироатпарварӣ, маҳсулноктар, гӯсфандпарварӣ, хукпарварӣ, ҳайвонпарварӣ, механикунонидан, сермаҳсул, сермаҳсултар, сергӯштӣ, серравғанӣ, ширдӯшӣ, пашмтарошӣ, зотпарварӣ, хӯрокхӯрӣ, нигоҳдорӣ, парваришкунӣ, вайроншавӣ, тамғагузорӣ, касалшуда, байторшиносон, латхӯрӣ, тавлидкунӣ, хунравӣ, тухмипошак, алафдаравӣ, пахолреза, силоскунӣ, офтобпараст, маҳсулнокӣ, буққаталабӣ, ҷуфтикунонӣ, ҷингиламӯй, маҳинпашм, ниммаҳинпашм, бағалпашм, нимбағалпашм, моддааспҳо, қутоспарварӣ,*

Истилоҳоти таркибӣ ё истилоҳ-ибораҳо. Лозим ба ёдоварист, ки қисми бештари истилоҳоти соҳаи «чорводорӣ»-и забонҳои тоҷикиву англисиро вожагони таркибӣ ё ибора-истилоҳот ташкил медиҳанд. Дар ин дастур теъдоди ибора - истилоҳот хеле зиёд буда, аз серистеъмолтарини онҳо ёдовар шудан айни муддаост, ба монади: *тараққиёти чорводорӣ, маводи хӯрока, масоҳати майдонҳои кишти зироатҳои техникӣ, хӯроки сабзавот, хоҷагии қишлоқ, хоҷагиҳои фермерӣ, озуқаҳои ширӣ, маҳсулоти ҳайвонӣ, майдонҳои кишт, хӯроки чорво, зироатҳои хӯроки чорво, фермерҳои хусусӣ, фермаи чорвопарварӣ, маҳсулоти муайяни шир, вазни хос, истеҳсоли маҳсулот, саршумори ҳайвонот, ҳайвоноти калони шохдор, ҳайвоноти калонсоли шохдор, ҳайвоноти хурди шохдор, саршумори чорво, пашми гӯсфандон, пашми маҳинах, чорводории ҷамъиятӣ, пашмтарошии механикии гӯсфандон, хӯронидани ҳайвонот, маҳсулнокии ҳайвонпарварӣ, муҳити беруна, сабабҳои касалӣ, ҳолатҳои санитарӣ, гигиенаи ҳайвонот, маҳсулоти чорводорӣ, инкишофи чорводорӣ, майдони чарогоҳ, маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, тартиботи ҳаво, тартиботи ҳарорат, тартиботи равшанӣ, тартиботи обдиҳӣ, тартиботи мутобиқ сохтани биноҳо, гигиенаи пӯст, намии ҳаво, микробҳои касалиовар, ҳайвоноти хурд, узвҳои ҷинсӣ, зотҳои гӯсфандон, бинои ҳайвонпарварӣ, ҳайвоноти кишоварзӣ, аспи зотӣ, аспи корӣ, аспҳои ҷавон, модаговҳои дӯшоӣ, чӯпони тақрибанок/тақрибадор, рамаи гӯсфандон, солиму бардам, чорвои навзоидашуда, ҷойҳои кафидагӣ/шикастагӣ, ивазкунии тагандозҳо, кирмҳои хармагас, кирми меъда, касалии пираплазма.* [7, с. 3-9]

Дастури мазкур зермавзуъҳои гуногуни соҳаи чорводориро дар бар мегирад, ки истилоҳот ё худ ибора - истилоҳоти зиёдеро пайдо намудан мумкин аст. Доир ба истилоҳоти содаву сохта ва мураккаб пештар ишора карда гузаштем, аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки аз истилоҳоти бисёрҷузъаи мансуби касалиҳои сирояткунанда, ба монанди: «*касалиҳои сирояткунанда, бадани ҳайвонот, бадани аспҳо, ҳаракати фарракҳои бинӣ, шумораи нафаскашӣ, шукуфаи пой, касалиҳои пойҳо, касалиҳои узвҳои дарунӣ, касалиҳои даврааи ҳомила, пӯсти латхӯрда, қафои буғумпой, ланг шудани пой, касалиҳои дарунравӣ, банд шудани сурхрӯда, дам кардани шикам, набаромадани ҳамроҳак, бечошавии бачадон, варами бачадон, парҳезӣ пас аз зоидан, варами пистон, диққи нафас, касалии нафаскӯтоҳӣ, кирмҳои паразитӣ, доғи аспҳо, варамҳои калони тафсон, касалии сил*»;

Ибораистилоҳ ва истилоҳоти бисёрҷузъаи мансуби базаи хӯроки чорво – *бедаи юнучқаи тару тоза, орди юнучқа, алафи сабз, лаблабуи қанд, хӯрокаи муҳимми ҳайвонот, хӯрокаи беда, арзани сурх, сифати хошок, технологияҳои ҷамъоварии хӯроки чорво, пеш аз хӯронидан, хӯрокиҳои ширадори ҳайвонот, растаниҳои тару тозаи чарогоҳ, хӯрокиҳои дурушт, алафҳои гуногуни ҷавони чарогоҳҳо, алафҳои хушадор, растаниҳои ғалладонагӣ,*

чигити пахта, растаниҳои зарарнок, лолаи хасак, хӯрокиҳои шири қаймоқаш гирифтагӣ, талаботи хӯрокдиҳӣ, маҳсулоти кишоварзӣ. [7, с. 18-20]

Ибораистилоҳ ва истилоҳоти бисёрҷузъаи мансуби чорвои калони шохдор – *қабилаи говҳо, гурӯҳи дохилқабилавии бизонҳо, говҳои африқоии паҳнпешона, говҳои зебошакл, намуди берунии чорво, сохти тана, говҳои пир, буғумҳои шох, зотҳои чорвои калони шохдор, зоти сершир, зоти голландӣ, сурхи даштӣ, зоти шведӣ, зоти полтавӣ, зоти ярославӣ, зоти костромӣ, зоти сергӯшт, кори зотгирӣ, чорвои зоти сермаҳсул, говҳои маҳаллӣ, соҳаи муҳимми чорводорӣ, қабилаи говмешҳо, говҳои зотӣ, хоҷагиҳои зотпарварӣ, совхозҳои зотпарварӣ, фермаҳои зотпарварию – наслгирӣ, зотҳои элитӣ, рағбати таносулии ҷавонаҳо, ҷуфтикунонии подагӣ, ҷуфтикунонии озод, ҷуфтикунонии сунъӣ, (бордоркунии сунъӣ) корҳои зотпарварӣ, тадқиқоти чорводорӣ.* [7, с. 23-25]

Ибораистилоҳ ва истилоҳоти бисёрҷузъаи мансуби гӯсфанду бузпарварӣ - *гӯсфанди меринос, зоти гӯсфанд, қабилаи буз, гӯсфанди пашмин, матоъҳои муйинаи трикотажӣ, мӯи серчигилак, тори қилмонанд, пашми мурда, тори ниҳоят дағал, пусти барра, барраҳои қароқулӣ, пӯсти гӯсфанди 5-7 моҳа, равғани думба, равғани гӯсфанд, шири гӯсфандон, равғани зард, гӯсфанди ҳисорӣ.* [7, с. 26-27]

Ибораистилоҳ ва истилоҳоти бисёрҷузъаи мансуби асппарварӣ – *соҳаи асппарварӣ, насли қадимтарини асп, зоти аспҳо, зоти савора, зоти боркаш, зоти якақадам, синни аспҳо, каҷ шудани устухонҳои сум ва буҷулак, нуқсонҳои асп, ранги асп, аспи самандар, аспи сиёҳтоб, аспи хокистаранг, аспи ало, аспи кабуд, тарзи гашти аспҳо, аспҳои одии маҳаллӣ, зотпарварии аспҳо, байталҳои сершир, парвариши галаи аспҳо, гӯшти асп, қобилияти кории аспҳо, ҷуфткунии аспҳо, ҷуфткунии курагӣ, ҷуфткунии сунъӣ, ҷуфткунии галагӣ, хачири хурдакак* [7. с. 27-29].

Ибораистилоҳ ва истилоҳоти бисёрҷузъаи мансуби таркиби хӯрок ва хӯрокдиҳӣ – *хӯроки ҳайвоноти муинадор, хӯроки растанигӣ, растаниҳои дупаллагӣ, алафҳои гунонгун, намаки ошӣ, орди устухон, таркиби хӯроки нутрия, моддаҳои ғайри органикӣ, моддаҳои минералӣ ва витаминдор, дони ғаладона, зочаи кирминаи абрешим, орди моҳӣ, моддаҳои сафедагӣ, ритмҳои биологӣ, лаблабуи қанд, комбикормҳои гуногун.* [7, с. 34-36]

Ибораистилоҳ ва истилоҳоти бисёрҷузъаи мансуби қутоспарварӣ - *қутоси хонагӣ, хусусиятҳои биологӣ, киштзорҳои дар зери барфмонда, гӯшти қутос, хӯрокдиҳии қутосҳо, зиёдкунии қутосҳо, қутоси модина, шири ҷӯшӣ, ҷуфткунии қутосҳо.* [7, с. 42-43]

Ба мо аз истилоҳ-ибораҳои зикршуда аён гардид, ки ҷузъҳои онҳо бо якдигар ба воситаҳои гуногуни алоқаи наҳвӣ пайваст шудаанд. Дар сохтори ин гуна навъи истилоҳот алоқаи тобеъ ҷой дошта, як ҷузъ ба ҷузъи дигар ба воситаи алоқаи тобеъ пайваст шудааст, ки ин аз бой будани истилоҳоти соҳаи чорводорӣ шаҳодат медиҳад.

Аз таҳлилу баррасиии вожаву истилоҳоти чорводории китоби мазкур метавон ба хулосае омад, ки миқдори зиёди воҳидҳои луғавии дар китоб зикршуда хусусияти истилоҳиро соҳиб буда, ҳамчун манбаъ барои рушди минбаъдаи истилоҳоти соҳа метавонанд мусоидат намоянд. Мо, асосан, ба хусусиятҳои лингвистии истилоҳоти чорводории китоби мазкур, яъне таркиби морфологии вожаву истилоҳоти чорводорӣ таваҷҷуҳ намуда, зикри як нуктаро зарур мешуморем, ки аломату хусусияти истилоҳоти ҳар соҳа ҳамеша дар таркиби ибораву ҷумла ва матн намудор мешавад.

Як нуқтаи муҳимро бояд қайд намуд, ки китоби мазкур дастури таълимӣ дар макотиби олӣ маҳсуб ёфта, дар он тамоми паҳлуҳои норавшани истилоҳоти бахши соҳаи чорводорӣ бо шарҳу тавзеҳи илмиашон ҷой дода шудаанд.

Фарҳанги донишгоҳии англисӣ – тоҷикӣ, ки аз тарафи доктори илмҳои филологӣ, профессор, мутарҷим, луғатнигор Абдусалом Мамадназаров ва Вафоназар Мамадназаров соли 2016 таҳия шудааст, фарогири 18 000 ҳазор калимаю ибора ва ибораҳои рехта, 36 000 тарҷумаҳо, 5400 ҷумла ва 500 мақолу зарбулмасалҳо мебошад. Аз ин фарҳанги мазкур мо тавонистем шумори зиёди истилоҳоти марбут ба соҳаи чорводориро пайдо намоем, ки маъмултарини онҳо: ***animal*** - ҳайвон, ***animal husbandary*** – чорводорӣ, [1, с. 30], ***beast*** - чорпо**,** ***ҳайвон,*** [1, с. 44], ***beef*** – гӯшти гов**,** [1, с. 45], **breed** – насл. The farmer has a fine breed sheep.

Ҳамин фермер насли аълои гӯсфанд дорад. **Bred** – парвариш кардан: Last year he bred of sheep. Соли гузашта ӯ харгӯш парвариш мекард. [1, с. 54], **bridle –** лаҷом, ҷилав, **to put a bridle on a horse** – лаҷоми аспро андохтан. [1, с. 54], bull – буққа, барзагов, [1, с. 56], **calf, pl. calves –** гӯсола. Our cow has two calves. Гови мо ду гӯсола дорад. [1, с. 59], **colt –** курраи асп. [1, с. 73] **cow** – гов, модагов, [1, с. 86], **cowboy** – говчарон, [1, с. 86], **domestic** – хонагӣ: **domestic animals** – ҳайвоноти хонагӣ [1, с. 108], **donkey** – хар [1, с. 108], flock – рама, даста (парандагон): галла (гӯсфандон) [1, с. 137] ва ғайра.

Ҳамин тариқ, аз таҳлили амиқи фарҳанги мазкур маълум гардид, ки ин фарҳанг дар ташаккули истилоҳоти соҳаи чорводории забони тоҷикӣ – англисӣ нақши калон дошта, аз ин фарҳангнома шумори зиёди вожаву истилоҳотро пайдо кардан мумкин аст.

Адабиёт:

1. А. Мамадназаров, В. Мамадназаров. Фарҳанги донишгоҳии англисӣ – тоҷикӣ. Душанбе, 2018. - 999
2. Б. Ғафуров. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Китоби 1,2. — Д., 2020. — 976 с.
3. Мирзоев, Х. Х. Типология коневодческой лексики на материале таджикского (персидского) и английского языка [Текст]: дис. … канд. филол. наук. / Х. Х. Мирзоев. – Душанбе, 1997. – 140 с.
4. Орипова, Ф. М. Структурно-семантический анализ животноводческой лексики в таджикском и английском языках [Текст]: дис. … канд. филол. наук. / Ф. М. Орипова. – Душанбе, 2016. – 175 с.
5. Т.А. Қодиров, К.А. Дӯстов. Луғати тафсирии истилоҳоти соҳаи чорводорӣ (русӣ - тоҷикӣ). Душанбе, 2011. – 345 с.
6. Саймиддинов, Д. Вожашиносии забони форсии миёна [Матн] / Д. Саймиддинов. – Душанбе: Пайванд, 2001. – 310 с.
7. Т. Сатторов, Х. Н. Қосимова, Х. Т. Наҷмиддинов, Асосҳои чорводорӣ. Душанбе. - 1998 с. 44с.

САРЧАШМАҲОИ ТАШАККУЛЁБИИ ИСТИЛОҲОТИ ЧОРВОДОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур роҷеъ ба сарчашмаҳои ташаккулёбии истилоҳоти соҳаи чорводорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар заминаи манбаъҳо ва сарчашмаҳои илмӣ мақолаи худро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Аз ин рӯ, мавзуи мазкур яке аз мавзуъҳои муҳим ва омӯхтанӣ буда, дар илми забоншиносӣ ва забоншиносии муқоисавӣ ҷойгоҳи густурда дорад. Бояд ишора намуд, ки масоили марбута яке аз мавзуъҳои баҳсталаб ва доманадор буда, дар илми забоншиносӣ бо вижагиҳои ҷудогонаи худ аз дигар бахшҳои ин соҳа фарқ дорад. Метавон гуфт, ки имрӯзҳо муҳаққиқон ва пажуҳандагони замони муосир таваҷҷуҳи бештари худро вобаста ба омӯзиши сарчашмаҳои истилоҳоти соҳаҳои гуногун равона сохтаанд, амммо доир ба омӯзиши истилоҳоти соҳаи чорводорӣ, ки асоси пешбурд ва таъмини инсон ба маводҳои хӯрока (гӯшт, тухм, равған, шир) ва саноат (чарм, тибит) мебошад, муаллиф дар мақолаи худ аз сарчашмаҳои пайдош ва шаклу сохторӣ, инчунин он вожаҳоро аз ҷиҳати сохт перомуни падидаи забонӣ таҳқиқ намудааст.

Калидвожаҳо: чорводорӣ, тараққиёти чорводорӣ, растаниҳои тару тозаи чарогоҳ, хӯрокиҳои дурушт, ҷуфткунии сунъӣ, аспҳои одии маҳаллӣ, зотпарварии аспҳо ва ҷуфткунии галагӣ.

ИСТОЧНИКИ ФОРМИРОВАНИЯ ЖИВОТНОВОДЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье изучаются и рассматриваются источники формирования животноводческой терминологии в таджикском и английском языках. Автор основывает

свою статью на научных источниках и исследованиях. Поэтому данная тема является одной из самых важных и изученных и занимает широкое место в языкознании и сравнительном языкознании. Следует отметить, что смежная проблематика является одной из самых спорных и противоречивых тем в языкознании и по своим уникальным особенностям отличается от других направлений этой области. Можно сказать, что сегодня современные исследователи и ученые все больше внимания уделяют изучению источников терминологии в различных областях но изучения терминологии в области животноводства, являющегося основой развития и обеспечения человека продуктами питания (мясо, яйца, масло, молоко) и промышленности (кожевенное дело, медицина), автор в своей статье рассмотрел источники происхождения, форму и структуру, а также структуру этих слов как языкового явления.

Ключевые слова: животноводство, развитие животноводства, свежие пастбищные растения, грубые корма, искусственное осеменение, местные лошади, коневодство и осеменение стада.

THE FORMATION OF LIVESTOCK TERMINOLOGY IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

In this article have been studied and discussed the sources of the formation of livestock terminology in Tajik and English languages. The author has researched his article based on scientific sources. Therefore, this topic is one of the most important topic of study and has a wide place in linguistics and comparative linguistics. It should be noted that the related issues are one of the most controversial and complex topics in linguistics, and with its unique features, it differs from other sections of this field. Linguistics is distinguished from other branches of this field by its unique characteristics. It can be said that today, modern researchers and scholars have focused more attention on studying the sources of terminology in various fields, but especially on the study of terminology in the field of animal husbandry, which is the basis for the development and provision of human food (meat, eggs, butter, milk) and industry (leather, textiles) the author investigated the sources of origin, form, and structure, as well as the structure of those words as a linguistic phenomenon.

Key words: animal husbandary, livestock development, fresh pasture plants, roughage, artificial insemination, local horses, horse breeding and herd insemination.

Маълумот дар бораи муаллифон: Каримов Шуҳрат Бозорович – доктори илмҳои филологӣ, профессор. Тел: (+992) 985112475, e-mail: shuhrat-karimov2@mail.ru

Усмонов Муҳаммадали Масталиевич – докторанти курси 3-юми кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. e-mail: usmoniyon.1997@mail.ru Тел: (992) 988501050

Сведание об авторах: Каримов Шухрат Бозорович - доктор филологических наук, профессор. Тел: (+992) 985112475, e-mail: shuhrat-karimov2@mail.ru

Усмонов Мухаммадали Масталиевич - докторант 3-го курса кафедры языкознания и сопоставительной типологии Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни. e-mail: usmoniyon.1997@mail.ru Тел: (992) 988501050

About the authors: Karimov Shuhrat Bozorovich - Doctor of Philology, Professor. Phone: (+992) 985112475, e-mail; shuhrat-karimov2@mail.ru

Usmonov Muhammadali Mastalievich - Doctoral student (D.Ph.) of the third year of the Department of linguistic and comparative typology of Tajik state pedagogical University named after S. Aini. e-mail: usmoniyon.1997@mail.ru Phone: (992) 988501050

ТДУ: 82-1/-9 (075.8)
ТКБ: 83.3 (2-тоҷ)
С-35

БАРРАСИИ МАСЪАЛАҲОИ СИЁСИИ ЗАМОН ДАР ОСОРИ АДИБОНУ ПУБЛИТСИСТОН

Сафарзода Э., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муҳаққиқон аксар вақт таъкид медоранд, ки порчаҳои публитсистӣ асосан дар асари бадеии насрӣ ба кор мераванд. Дар шеър метавонад афкори сиёсӣ ва иҷтимоӣ истифода шавад, аммо ба шакли порчаҳои алоҳида кам ба назар мерасад. Аммо шоири маъруф Э.Межелайтис дар қайдҳои бадеӣ – монологи худ овардааст, ки чунин навъи сухан дар назм ҳам ҷой дошта метавонад. Баъди чунин мулоҳизаронӣ ба хулоса омадааст: «Барои публитсистика, барои илм мантиқ зарур аст. Аммо чунин мантиқ оё ба лирика чизе дода метавонад? Зарур аст ё не? Оё он ба бунёди кайфияти шоирӣ мусоидат мекунад, барои расондани афкори шоирӣ ба хонанда кумак мерасонад? То имрӯз афкори мантиқӣ шарти ҳатмии шеър буд» [8, с. 281]. Шоир бар он аст, ки дар шеър низ мантиқ, воқеият, ҳақиқат, хуллас нишонаҳои публитсистика мавқеи муҳим доранд. Намунаи чунин ашъор, ки дар онҳо далелҳои таърихӣ, параҳо ва суханҳои публитсистӣ истифода шудаанд, дар осори Маяковский зиёд ба назар мерасанд. Чунин шеърҳо бисёр шоирони даврони шуравиро ба илҳом оварда бошад ҳам, дар пайравӣ ба ӯ касе чунин комёбӣ ба даст наовардааст. Аз шоирони тоҷик А.Лоҳутӣ ва Ҳабиб Юсуфӣ намунаҳои ашъори хуби публитсистӣ сароидаанд.

Ин анъана дар адабиёти тоҷик хеле пештар – аз замони нашри рӯзномаи «Бухорои шариф» (соли 1912) шуруъ шуда, дар ашъори инқилобии устод Айнӣ ба авҷи аълои худ расид.

Пеш аз ҳама, таъкид бояд кард, ки ташаббускорони «Бухорои шариф» – Мирзо Ҷалол Юсуфзода ва Мирзо Сироҷи Ҳаким ба шеъру адаб алоқаи қавӣ доштанд ва худ шеър менавиштанд. Вақте саҳифаҳои рӯзномаро варақ мезанем, мушоҳида мекунем, ки аксари шеърҳо ба қалами ин ду шахс оиданд. Ба суоли чаро масъулони «Бухорои шариф» ба шеър рӯй оварданд, бояд посух дод, ки аввалан, маълум аст, ки шеър аз жанри асосии адабиёти тоҷик буд ва мебошад ва «Бухорои шариф» низ идомагари анъанаҳо буда, бе ифодаи афкори сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар қолаби назм наметавонист амал кунад. Дувум, дар иҷрои танвири афкор, ки «Бухорои шариф» вазифаи асосии худ медонист, шеър воситаи муассиртарин буд. Агар ба мазмуну шакли ашъори нашрия таваҷҷуҳ намоем, навоварӣ ва тағйирот дар шеър маҳз аз ашъори ин ду нафар шуруъ шудааст. Қобили мулоҳиза аст, ки дар тамоми ашъори дар ин рӯзнома чопшуда шеъри суннатӣ ё анъанавӣ қариб ба назар нарасид; албатта, дар шакл монандиҳо ҷой доранд – чун ғазал, таркиббанд, маснавӣ ва ғайра, аммо мавзуъ ва мазмуни шеърҳо нав аст. Шеър дар иҷрои ҳадафи рӯзнома кумак расондааст. Тағйироти ҷомеа ва талаби замон водор намудааст, ки шеър шаклу мазмуни нав пайдо кунад.

Ногуфта намонад, ки дар пайдоиш ва ташаккули шеъри навини тоҷик дар оғози асри ХХ таъсири афкори маорифпарварӣ дар ҷойи аввал меистад. Яъне, афкори маорифпарварӣ ба ғайр аз мақолаҳои публитсистӣ ба шеър низ роҳ ёфт ва қувваи таъсиру ҷозибаи он дар ин жанри адабӣ хеле бештар ифода ёфт. Маорифпарварон ва равшанфикрон дар оғози асри ХХ аз табақаи пешқадамтарин ба ҳисоб мерафтанд. Аз ин рӯ, муҳаққиқ М.Шакурӣ маорифпарварони он даврароро «соҳибдилони сарбаланд ва хидматгузорони фидокори миллат» [10, с. 124] номидааст, ки комилан дуруст мебошад.

Сабаби таваҷҷуҳи бештари эҷодкорон ба шеър, ба фикри мо, таъсирбахшии бештари сухани манзум ба хонанда аст. Зеро мақоми шеъру шоирӣ дар адабиёти форсу тоҷик ҳамеша авлавият дошт. Шеър яке аз «омилҳои муайянкунанда ва шаклдиҳандаи маънавиёти мардуми мо будааст» [3, с. 100]. Дар ин бобат андешаи М.Шакурӣ қобили зикр аст, ки «шеър, аз як сӯ,

чун яке аз ҷузъиёти одии зиндагии рӯзмарра ҳар лаҳза таъсире мерасонид, барои муайян шудани қарордоди шахс мусоидат мекард, раъйи ӯро устуворӣ мебахшид ё тағйир медод» [10, с. 59-60].

Зарур аст, ки баъзе мавзуъ ва махсусиятҳои ашъори публитсистии «Бухорои шариф»-ро мавриди баррасӣ қарор диҳем. Дар Бухорои ондавра, на танҳо дар ин сарзамин, балки дар тамоми Шарқи форсизабон ғояи қаноат ва шукр, сабр ва беамалӣ нисбат ба қазоёи ҷомеа, сархам будан, аз пеши худ амал накардан асоси зиндагиро ташкил медод. Маҳз «Бухорои шариф» буд, ки аввалин бор ин ғояи зарароварро шикаст, нодуруст ҳисобид ва алайҳи он ба мубориза бархост. Аслан тамоми матолиби рӯзнома баёнгари ин афкор аст, аммо дар шеър ин масъала назаррас ва таъсирноктар ба гӯш мерасад.

Дар нахустин порчаҳои шеърӣ – рубоиҳои Мирзо Ҷалол, ки дар «Бухорои шариф» чоп шудаанд, ҳадафи аслӣ, дар умум, дигаргун кардани мазмуну мундариҷа ва усули зиёдагӣ, аз ҷумла, ашъор мебошад. Шеъри мазкур аз рӯйи шаклу мазмун ба рубоиҳои Ибни Сино ва Умари Хайём монандӣ доранд:

Ислом, ки чашми ақлро бино кард,
Бар меҳру муваддат ҳамаро эҳдо кард.
Он кас, ки раҳи бародарӣ (ро) гум кард,
Худ ҷойи саломат аз куҷо пайдо кард? **[5].**

Агар ҳадафи ашъори классикон танҳо аз танқиди замона, қафомонии афкор, диндорони кундфаҳм иборат, яъне, ба шахсони алоҳида нигаронда шуда бошад, шеъри Мирзо Ҷалол иҷтимоист, сабаби ин ҳолатро меҷӯяд. Дар он аз манфиати афкори исломӣ сухан рафта, риоя нашудани нишондодҳои дини мубини ислом ва аҳлию бародариро фаромӯш кардани мардум сухан меравад. Дар ҷамъбаст зарурати сулҳу салоҳ, иттифоқ ва мутафаққии мардум барои ободии рӯзгор баён гаштааст. Ҳамин тавр, ҳарчанд шакл, мазмуни рубоӣ бо ашъори классикони номбурда монандӣ дорад, тавофут дар ҳадаф ва ишораи муаллиф дида мешавад. Дар он оҳанги баён тезутунд, ҳадаф аниқ буда, муаллиф ба гунаҳгори асосии ин вазъ ишора намудааст.

Дар шеъри дувуми Мирзо Ҷалол, ки дар шумораи минбаъда бо номи «Намунаи адаб» нашр шудааст, мақсад равшан мебошад: чӣ бояд кард то миллати исломро аз хоби ғафлат бедор кард?

Бедории бахти мо надорад оғоз,
Обе, ки зи ҷӯ рафт, намегардад боз? **[5].**

Шеъри мазкур аз аҳаммияти баланди иҷтимоӣ бархурдор аст. Халқ чунон ба ғафлат одат кардааст, ки онро ҷузъи зиндагӣ мешуморад. Ин аст, ки дар ҳолати мадҳушию бепарвоӣ буданро «бистари ноз» меҳисобад. Ин ҳоло ҳам яке аз дардҳои мардуми Шарқ аст. Чунон ба назар мерасад, ки мо танҳо истифодабарандаи кашфиёти ғарбиёнем ва ҳамин тавр мемонем. Маҳз ба ин сабаб баъди чанд даҳсола Муҳаммад Иқбол аз дарди миллати мусулмон ба дод омада гуфта буд: «Аз хоби гарон хез!» Чӣ тавре ки мушоҳида шуд, мазмуни «хоби гарон»-и халқи мусулмон дар шеъри мазкури Мирзо Ҷалол бо истилоҳи «хоби ғафлат» ифода шудааст. Дар анҷом Мирзо Ҷалол баҳри исботи фикри хеш чун анъана аз «пирамарди Шероз» - Ҳофизи Шерозӣ мадад меҷӯяд, ки: «Ту хуфта ба маҳди ноз шабҳои дароз, Оё дорӣ хабар зи бедории ғайр».

Ҳамин тавр, яке аз махсусиятҳои асосии шеърҳои тазминии «Бухорои шариф» аз он иборат аст, ки дар пайравӣ ба бузургони классик эҷод шудаанд. Чунин ба назар мерасад, ки муаллифон барои ифодаи ақидаи хеш аз шоирони пешин дасти мадад хостаанд. Аммо ин пайравӣ эҷодкорона ва то андозае хӯрдагирона аст. Зеро дархост ва орзую омоли ҷадидони аввали асри XX на танҳо аз афкори классикон, балки аз маорифпарварони охири асри XIX фарқ мекард. Дар масъалаи сохтор ва сабки баён он чизе, ки пеш аз ҳама, ба назар мерасад, озодии шакли баён мебошад. Чунин хусусият аз шеърҳои Мирзо Ҷалол шуруъ ёфта, минбаъд дар ашъори ӯ барҷаста ба назар мерасанд. Муаллиф дар шакли маснавӣ ва ғазал низ тағйирот ворид кардааст.

Ин ҳақиқат бебаҳс аст, ки Мирзо Ҷалол бо як силсила ашъори хеш ба шеъри суннатии тоҷик тағйирот ворид кард. Ӯ бо истифода аз мазмунҳои шеъри шоирони пешин дарди имрӯзаро баён сохт. Бо пешниҳодҳои аниқ даво ҷуст. Сабабҳои қафомонӣ, ноободӣ, муҳтоҷӣ, бемории ҷомеаву инсонҳоро нишон дод.

Хусусияти арзандаи ашъори мутафаккирони тоҷик дар оғози асри ХХ, аз ҷумла, муаллифони «Бухорои шариф» дар он аст, ки онҳо бо истифодаи шакл ва мазмуни ашъори гузаштагон мақсаду ҳадафҳои нави маорифпарваронаро осон, равшан ва фаҳмо ифода кардаанд ва каломи мавзунро ба дараҷаи шеъри иҷтимоӣ расондаанд. Аммо ба қавли В.Самад «навпардозиҳои Мирзо Ҷалол на ба шаклу сохти шеър, балки танҳо ба мазмуну мундариҷа ва ғояи он марбут аст».

Ҳамин тавр, адибони маорифпарвари оғози асри ХХ ба осори классикон ба таври танқидӣ менигаристанд. Инро дар ашъори матбуъ ва номатбуи онҳо мушоҳида кардан мумкин аст, ки ин мавзуи баҳси алоҳида аст. Ба қавли муҳаққиқ М.Абдуллоев инъикоси аксари масъалаҳо «хусусияти пӯшида ва ошкори сиёсӣ пайдо мекарданд. Аз ин рӯ, адабиёти куҳна (назм, наср, китобҳои дарсии мактаби куҳна ва мадрасаҳо) ҳам аз ҷиҳати жанрӣ ва ҳам мазмун акнун ба талаботи замони нав ҷавоб намедоданд, бо ғоя ва назари нав ба сохтори иҷтимоии ҷомеа мувофиқ набуданд» [1, с. 75]. Ҷолиб он аст, ки шоирони даврон на танҳо ба мазмун, балки ба шакли шеърҳои пешиниён навоварӣ ворид карданд. Масалан, бисёр шеърҳо ҳарчанд танзим ба ашъори пешиниёнанд, талаботи жанрии асари танзимшуда пурра риоя нашудааст. Бо ин муаллифони «Бухорои шариф» нишон доданианд, ки пойбанди анъанаҳо нестанд, озодона менависанд ва ашъорашон монанди афкорашон нав аст. Ин гӯё бар ашъори ошиқона, тасаввуф, ирфонии пешиниён як нақди адабӣ буд. Ҳатто дар тазкираи дар ҳамон давр (соли 1913) таълифгашта омадааст, ки С.Айнӣ «ҳоло аз навиштани ашъори ошиқона даст кашидааст» [10, с. 43].

Таъсири силсилаи шеърҳои «Бухорои шариф» оид ба вазифаҳои нави адиб ва шеър дар ташаккули адабиёти навини тоҷик хеле назаррас аст. Пеш аз ҳама, ба қавли муҳаққиқон бо таъсири он мавзуъ, сабку услуби нав ва ҷараёни реализм дар адабиёти тоҷик пайдо ва рушд ёфт. Бо ин дар оғози асри ХХ дар адабиёти ҷадидӣ озодии шакл ва сабки шеър ба зуҳур омад. Аксари шоирони он давр дар садади қолабшиканӣ буданд. Баҳсу мунозира оид ба вазифаи шеър ба ташаккули роҳу усул ва шаклҳои нав оварда расонд. Дар натиҷа арзишҳои адабӣ ва зебошинохтӣ дигаргун шуданд ва хусусияти шеъру адаби тоҷик дар ду даҳсолаи аввали асри ХХ тағйир ёфт. Барои дарки дурусти ашъори мазкур навиштаҳои публитсистии рӯзномаи мазкур ва худи ҳамин муаллифонро мутолиа ва таҳлил намудан ба манфиати кор аст. Зеро мақолаҳои публитсистӣ ва ашъори муаллифони асосии рӯзнома ба ҳам тавъам буда, идомаи якдигаранд.

Ҳамин тавр, на танҳо дар публитсистикаи бадеӣ, балки дар назм низ ашъори ватандӯстӣ ҷойи асосиро ишғол кардааст. Дар ин росто бори аввал дар ашъори «Бухорои шариф» мафҳуми Ватан, миллат низ то андозае мушаххас гардидааст. Дар ашъори классикон тобеият ба дину имон, давлат дар ҷойи аввал меистод. Аммо мавзуи Ватан бори аввал дар «Бухорои шариф» дақиқу мушаххас гашт. Муаллифони ашъори ватанпарастӣ зери ин мафҳум ҳудуди муайян, аз ҷумла, Аморати Бухоро, Варорӯдро дар назар доранд.

Бояд қайд кард, ки бори аввал мафҳуми Ватан, маънии «Ватан- модар» дар ашъори Абдурауфи Фитрат соли 1909 дар «Сайҳа», шеърҳои «Хиттаи Бухор» ва «Ватани ман» ба чашм расидааст. Баъд он дар навиштаву ашъори муаллифони «Бухорои шариф» идома ёфт. Аз ин маълум мегардад, ки истилоҳҳои мазкур дар ашъори маорифпарварони тоҷик дар оғози асри ХХ ба кор рафт ва ин ҳам яке аз хусусиятҳои навигариҳои ашъори онҳо мебошад.

Намунаи барҷастаи ашъори навоварона «Фарёд…!» ном шеъри Абдурауфи Фитрат (1886-1938) мебошад. Дар ҳақиқат, ашъор ва осори ин маорифпарвар ва донишманди маъруф дар ташаккули адабиёти тоҷики асри бистум хизмати бузург кард. Хусусан, шеъри мазкури Абдурауфи Фитрат намунаи олии ашъори то ба ин вақт дар рӯзнома чопшуда ва як навъ ҷамъбасти онҳост. Ба қавли муҳаққиқон «Шеъру назм дар адабиёти тоҷикии даврони ҷадидия ҷойгоҳи хоси чи эстетикӣ ва чи иҷтимоиву таблиғотӣ дошт ва агар гӯем, ки яке аз

поягузорони он Фитрат буд хато намекунем» [6, с. 13]. Афкори ҷадидӣ он вақт асосан ба тариқи наср – публитсистика баён мегашт. Аммо ба қавли муҳаққиқон дар ин бобат назм низ ҷойгоҳи хос касб кардааст. Зеро дар тамоми муддати адабиёти чандинҳазорсолаи тоҷик назм таъсири бештар дошт. Яке аз чунин ашхоси маъруф нависанда, олим ва шоир Абдурауфи Фитрат буд. Мавсуф ҳамчун яке аз намояндагони маъруфи ҳаракати маорифпарварӣ ва ҷадидия фаъолияти хешро бо шеърнависӣ шуруъ намудааст ва минбаъд тамоми умр аз назм даст накашид. Бояд таъкид намуд, ки намунаҳои нахустини шеъри тараққихоҳонаро маҳз ин шахсияти бузург иншо намудааст. Мутаассифона, китобчаи дар Истанбул чопнамудааш «Сайҳа» (1910) то ҳол дастрас нашудааст. Шеърҳои ин маҷмуа дар адабиёт, афкор ва ҷаҳонбинии зиёиёни Бухоро дар даҳаи дуюми асри ХХ инқилобе афканд. Имрӯз вақте ки шеърҳои дар «Бухорои шариф» чопшударо бо диққат мутолиа менамоем, таъсири бевоситаи шеърҳои Фитратро мушоҳида мекунем. Шеъри «Фарёд…!» ва як мақолаи публитсистии мавсуф маҳз дар ҳамин рӯзнома ба чоп расидааст. Бояд қайд кард, ки дар шеърҳои дигари рӯзнома низ таъсири ашъори маҷмуаи нопайдои «Сайҳа» мушоҳида мешаванд. Муҳаққиқон баъзе шеърҳои маърифатпарварона Фитратро аз тазкираҳо, «Намунаи адабиёти тоҷик»-устод Садриддин Айнӣ ва як шеърашро аз ҳамин «Бухорои шариф» дастрас карда, дар бораи мазмуни онҳо андешаҳо баён кардаанд. Абдурауф Фитрат ҳанӯз ду сол пеш аз нашри рӯзномаи «Бухорои шариф» шеърҳое бо мазмуни инқилобӣ ва дорои афкори тараққихоҳона менавишт, ки баъдан ба мавзуи асосии ашъори рӯзномаи номбурда табдил ёфт.

Минбаъд ҳам Абдурауфи Фитрат то охири умр ба забони тоҷикӣ ба ин шаклу мазмун дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо шеърҳо ба нашр расондааст. Аммо ҳамаи онҳо то ба имрӯз пурра дастрас нестанд.

«Фарёд…!» таркиббандест, ки аз 4 банд (қитъа) иборат буда, дар ду шумора (№94, 29 июн ва №96, 3 июли соли 1912) ду бандӣ чоп шудааст. Банди аввал бо байти:

Фарёд, ки зору нотавонем,
Берӯҳтарини мардумонем…

шуруъ мешавад. Агар дар қисмати аввал қафомонии вазъи иҷтимоии имрӯза баён шавад, банди дувум ба комёбиҳои давраи пешин муроҷиат мекунад:

Мо олими рӯзгор будем,
Мо фозили номдор будем.

Дар бандҳои сеюму чорум натиҷаи қафомонӣ ва роҳи раҳоӣ аз он нишон дода шудааст:

…Вақт аст, ки баъди ин нахобӣ.
Бархезиву бо камоли шуриш
Бар ғафлати худ кунӣ хитобе:
Эй панҷаи беамони ғафлат!
Моро зи чӣ рӯ хароб кардӣ?!

Дар замони ғафлат, зулму истибдод ва пурзӯр будани қувваҳои иртиҷоӣ душвор буд бо чунин ҳарфҳо мардумро ба инқилоб (ақалан маданӣ) даъват кардан.

Хуллас, мавзуи асосии порчаҳои адабӣ, пеш аз ҳама, шеър дар рӯзномаи «Бухорои шариф» танқиди ғафлат ва даъват ба маърифат мебошад. Дар шеърҳои мазкур омадааст, ки илму дониш на танҳо барои зиндагии ухравӣ, балки барои ҳаёти имрӯзӣ зарур аст. Вобаста ба ин, пешниҳод мешавад, ки шакл ва усули таълим дигар карда шавад, ба тадриси илмҳои дунявӣ, ки воситаи рушду нумуи мамлакат мегарданд, таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардад. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки дар «Бухорои шариф» бори аввал даъват ба дигаргун кардани низоми маориф ба чашм мерасад. Агар ин афкор дар хабару мақолаҳои проблемавӣ, публитсистӣ зиёд ироа гардад, дар шеър низ мавриди ҳаллу фасл қарор гирифта, дарунмояи ашъори мазкурро ташкил додааст.

Ҳарчанд устод Айнӣ дар саҳифаҳои рӯзномаи «Бухорои шариф» ширкат надошт, аллакай ҳамчун шоир маъруф гашта буд. Мавсуф ба майдони адабиёт бо шеър қадам гузошт, шеъри ӯ лирикӣ ва ҳасбиҳолӣ буд. Аммо дар ашъори устод низ муҳаққиқони тоҷик замина ва унсурҳои публитсистикаро хуб мушоҳида кардаанд. Ҳатто дар шеърҳои ҳасбиҳолӣ ва

лирикаи ишқии ӯ монанди «Гули сурх» (1895), ғазалҳои «Шаби дӯшина…», «Беҳуҷраву бекӯяму беҷомаву дастор» низ андешаҳои иҷтимоӣ ба назар мерасанд. Сипас, баъди шиносоӣ бо осори сарвари маорифпарварони тоҷик Аҳмади Дониш дар фаҳмиши устод Айнӣ нахуст ақидаҳои маорифпарварӣ, баъдан пас аз шиносоӣ бо ҷадидон муддати даҳ сол ғояҳои навпардозӣ равнақ ёфтанд, ки дар баъзе маврид муҳаққиқ А.Маниёзов масъалаи мазкурро аз нуқтаи назари танқидӣ баррасӣ карда, мутаассифона, аз устод Айнӣ умедвории онро доштааст, ки хуб мебуд ӯ аз аввал ба роҳи инқилоб мепайваст. Ашъори маорифпарварии устод Айнӣ баробари шеъру суруд ва маршҳои инқилобиаш аз аҳаммияти баланди иҷтимоӣ бархурдор мебошанд. Чӣ тавре хоҳем дид, муҳаққиқи дигари намоёни осори устод М.Шакурӣ дар симои Айнӣ ҳеч гоҳ инқилобгарои сиёсиро дидан намехоҳад ва он чизе, ки дар воқеият ҳаст, яъне, маорифпарвар ва равшангари бузург будани устод Айниро ҳодисаи бузурги таърихӣ медонад. Бинобар ин, баҳои аз ҳама дуруст, маҷмуӣ, мухтасару пурмазмунро ба фаъолияти ҷамъиятиву сиёсӣ, эҷодиву илмиву бадеии устод Садриддин Айнӣ муҳаққиқи тоҷик Муҳаммадҷон Шакурӣ додааст. Ӯ устодро «Падари миллат» ва «Равшангари бузург» [11] номидааст. Заминаҳои фаҳмиши сиёсии халқи тоҷик дар даврони нав аз маорифпарварӣ шуруъ ёфтааст, ки онро муҳаққиқи номбурда ба ду давра тақсим намудааст: даврai аввал – охири асри нуздаҳ ва дувум – аввали асри XX. Фаъолияти ҷамъиятиву сиёсӣ ва равшангароии маорифпарварони тоҷик, аз ҷумла, устод Айнӣ маҳз дар ҳамин ду давра ба вуҷуд омада, ташаккул ёфтааст. Ба қавли ин муаллиф устод Айнӣ нахустин публитсисти тоҷик, маорифпарвари намоён буд, мақолаҳои сиёсӣ ва публитсистии ӯ аз тамоми осори публитсистии муаллифони дигари тоҷик бештар аст, аммо ӯ ҳеҷ гоҳ сиёсатмадор набуд, нашуд ва ба ягон ҳизбу созмон номнавис нагардид. Ин яке аз махсусиятҳои асосии шахсияти ӯ ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд дар кори сиёсӣ бевосита ширкат наварзид, замоне ки дар аввалин давлати мустақили Бухоро ӯро мансабе пешниҳод карданд, қабул нанамуд, бо силоҳи худ – қалам ва дониши фарохаш дар пешорӯи миллату давлат хизматеро анҷом дод, ки ягон сиёсатмадори касбии он замон ба ҷо наовардааст. Ин аст, ки бо дили пур мақолаҳои сершумори мавсуфро публитсистикаи сиёсӣ меномем. Дар бораи сабаби бевосита ба сиёсат напайвастани Айнӣ ин айнишиноси номӣ дуруст зикр кардааст, ки: «равшангари асил то имкон ҳаст, берун аз сиёсат меистад» [11, с. 31].

Шоирони тоҷик ба мавзуи байналмилалӣ, хусусан, ба авзои Шарқ, ки ба ҷанги давлатҳои Ғарбӣ гирифтор шуда буд, зиёд таваҷҷуҳ намудаанд. Ба андешаи зиёиён ва равшанфикрони тоҷик инқилоби октябр ба халқҳои Шарқ низ таъсир хоҳад расонд. Аз ин рӯ, ба тарафдории болшевикон, ки инқилобро дар тамоми ҷаҳон ҳатмӣ мешумориданд, овоз баланд карда, хоҳони он буданд, ки халқҳои Шарқ, аз ҷумла, форсизабонони ҷаҳон ҳам аз зулму истисмор озод хоҳанд шуд. Манзумаи «Самарқанду Бухоро»-и устод Айнӣ моҳи июли соли 1919 дар «Шуълаи инқилоб» дарҷ шудааст; онро муҳаққиқ М.Абдуллоев «публитсистӣ» номидааст [1, с. 81]. Дар он руҳияи маҳзунонаи шоир, ки дар натиҷаи дурии маҷбурӣ аз зодгоҳу ёру рафиқон ба вуҷуд омадааст, ифода ёфтааст. Манзума аз тарафи муҳаққиқон мавриди назар қарор дода шудааст. Чун шоирони гузашта устод Айнӣ низ аз гузаштаи пурифтихор ва шоҳони он давра ёдовар шуда, баъдан ба тасвири имрӯза мегузарад.

Устод Садриддин Айнӣ ба шароити нави иҷтимоӣ ва фарҳангии Самарқанд зуд ошно гардид. Дар маҷлису ҷамъомадҳо ширкат варзида, мувофиқи талаботи давру замон шеърҳо эҷод мекард. Аз ҷумла, барои гурӯҳи Ҳилоли Аҳмари Самарқанд, ки ба Афғонистон сафари корӣ дошт, суруде эҷод кард. Шеъри мазкурро «Шуълаи инқилоб» бо номи «Марши раҳовард» чоп кардааст. Он аз ҷиҳати шакл сурудро мемонад:

Аз хоки Тӯрон омадем, дорем аз Тӯрон салом,
Дар мулки Афғон омадем, дорем аз Тӯрон салом **[13].**

Яке аз асарҳои машҳури устод «Марши ҳуррият» аст, ки ба қавли Х.Асозода «дар ҳавои нусхаи русии «Марселеза» суруда шуда, дар он ҳама чиз нав буд: ҳам мавзуъ, ҳам ғоя, ҳам вазн, ҳам қофия» [4, с. 237]. Он «саропо аз хитобу даъватҳои инқилобӣ иборат аст» [10, с. 145]:

Эй ситамдидагон, эй асирон!
Вақти озодии мо расид.
Муждагонӣ диҳед, эй фақирон!
Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид…
Интиқом! Интиқом! Эй рафиқон! **[14].**

«Марши ҳуррият» аз тарафи устод ду маротиба таҳрир шудааст. Сабаби ин бо талаботи замон мувофиқ намудани баъзе калимаву мафҳумҳои он буд. Ба ҳар сурат, шеъри мазкур дар ҳама давру замон чун суруди меҳнаткашон машҳур гашт. Дар мисоли шеъри мазкур гуфтан мумкин аст, ки «Шеъри нав дар адабиёти маорифпарварии тоҷикони Мовароуннаҳр оқибат ба ғояи инқилобӣ расид ва баландтарин нуқтаи инкишофи шеъри нави маорифпарварии тоҷикӣ шеъри инқилобист. Ба ақидаи мо, шеъри машҳури Садриддин Айнӣ «Суруди озодӣ» (ё «Марши ҳуррият»)-ро баландтарин ва охирин дастоварди шеъри нави маорифпарварии тоҷикӣ метавон ба ҳисоб гирифт» [12, с. 145].

Аҳаммияти «Марши ҳуррият» ва асарҳои дигари публитсистии дар «Шуълаи инқилоб» ба чоп расондаи устод Айнӣ дар суханронии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни кишвар (20 марти соли 2001) таъкид гардидааст. Сарвари давлати тоҷикон изҳор доштанд, ки: «Марши ҳуррият»-и устод Айнӣ тафаккури халқи ҷафокашидаи моро бедор карда, дар замони инқилоб ба ташаккули худшиносии миллӣ асос гузошт. Мақолаҳои оташбори публитсистии ӯ, ки дар солҳои 1919-1921 дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» чоп шуда, ҳуқуқи халқи тоҷикро ба забон, мероси фарҳангӣ, мактабу маорифи миллӣ, матбуоти тоҷикӣ, давлату давлатдорӣ ҳимоя карда, халқро ба омӯзиш ва маълумоти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ ташвиқ мекарданд, имрӯз ҳам ба аҳаммияти бузурги таърихӣ моликанд» [9].

Ба қавли М.Шакурӣ бо «Суруди озодӣ» марҳалаи якуми рушди шеъри нав дар адабиёти форсии тоҷикӣ поён ёфт. «Суруди озодӣ»-ро оғозгоҳи давраи дувуми шеъри нави тоҷикӣ низ метавон номид. Ба биниши мо, «Суруди озодӣ» дар ҳудуди ду давра, дар ҳудуди давраи якуму дувуми ташаккули шеъри нави тоҷикӣ қарор ёфтааст: як давраро ба поён расонида, давраи дигарро оғоз додааст» [10, с. 148].

Дар «Шуълаи инқилоб», ҳамчунин шеъри «Инқилоб офтобро монад»-и устод Айнӣ ба чоп расидааст; он ду ҳадаф дорад: аввал ба Инқилоби октябр бахшида шудааст, дувум табрику таҳнияти маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» аст:

Инқилоб офтобро монад,
Ё ки тӯфони обро монад.
Нашри анвор мекунад ба ҷаҳон,
Инқилоб офтобро монад... **[16].**

Дар ин шеър муаллиф нашри «Шуълаи инқилоб»-ро ба ҳодисаҳои сиёсию иҷтимоии давр вобаста намудааст. Шеъри мазкур дар байни хонандагон эътибори баланд пайдо кард. Дар он назари неки устод Садриддин Айнӣ ба маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ифода ёфтааст. Таъсиси маҷалларо устод Айнӣ фоли нек шуморид ва замоне, ки хавфи бастанаш дар тирамоҳи соли 1919 ба миён омад, бо тамоми қувва баҳри эҳёи он хизмат кард, «шуълаафшонии найи килк»-ашро ба кор даровард ва то рӯзи охирини нашри маҷалла қалами ӯ саҳифаҳои нашрияи мазкурро оро дод.

Шеъри «Ба шарафи Инқилоби Октябр» низ бо оҳанг, нақорот, сохт ва мазмуни худ аз шеърҳои беҳтарини устод Айнӣ ба ҳисоб рафта, чунин оғоз меёбад:

Эй машъали рахшони адолат зи куҷоӣ?
К-имрӯз ба моӣ!
Торикии бедод зи гетӣ бизудоӣ!
Моно, ки зиёӣ!
Аз талъатат имрӯз баробар шуда бо ҳам,
Ҳар зодаи Одам,
Аз байни баннӣ навъи башар ишқфизоӣ,
Ту меҳргиёӣ!.. **[17].**

Шеъри «Инқилоб»-и устод Айнӣ, ки ба муносибати солгарди Инқилоби октябр эҷод шудааст:

Буд чанде ба ғам мубтало шайху шоб,
Шайх дар таҳлука, шоб дар печутоб…
Ҳайратам даррабуд, к-ин чӣ ошӯб буд?
Омад аз ҳашт сӯ инчунинам ҷавоб:
Инқилоб! Инқилоб! Инқилоб! Инқилоб!
Инқилоб! Инқилоб! Инқилоб! Инқилоб!

Дар шеъри мазкур чун ашъори дигари инқилобӣ санъати такрор ба кор рафта, ҳусни асар ва таъсирбахшии онро афзун намудааст. Муҳаққиқони тоҷик оғози эҷоди инқилобномаҳоро барҳақ ба устод Садриддин Айнӣ рабт додаанд. Қитъаи зерини «Ахгари Инқилоб» бошад, ҳамон тавре ки мегӯянд, инқилобномаҳои устод Айниро ҳусни итмом бахшидааст ва он дар маҷаллаи баъдинаи «Дониш ва омӯзгор» (1926, №1) ба табъ расидааст:

Аз ахгари инқилоби мо сӯхт,
Дунёи ситамгарон чу хошок,
Афсӯс махӯр, ки сӯхт олам,
Баргӯй, ки «Хас каму ҷаҳон пок!» **[2, с.19].**

Бояд гуфт, ки навоварии устод Садриддин Айнӣ дар шеър асосан дар ашъори инқилобии ӯ мушоҳида мешавад. Дар чунин ашъор мавсуф аз шаклу услуби нав кор гирифтааст. Дар онҳо муроҷиат, шиор, даъват ва хитобаҳо ҷойи асосиро ишғол мекунанд. Аммо хитобаҳои устод Айнӣ хушку беруҳ ва танҳо аз калимаву истилоҳҳои сиёсӣ иборат нестанд. Онҳо пуробуранг буда, бо образҳои бадеӣ ороиш ёфтаанд. Дар натиҷа таъсирбахшӣ, мутантанӣ, қувваи инқилобии асар бештар гаштааст. Ин аст, ки шеърҳои мазкур дар байни хонандагон машҳур гашта, онҳоро чун суруд дар ҷамъомадҳо тараннум мекарданд, бисёр шоирон ба онҳо танзим бастанд.

Дар ин миён теъдоди бисёр андаке аз шоиронро метавон ном бурд, ки ба таври пароканда мазмунҳои иҷтимоиро дар ашъори худ мунъакис мекарданд ва гароиш ба баёни мушкилоти зиндагии мардум дар осори худ доштанд. Онҳо асосан дар шакл ва ворид кардани калимаҳои нав навигарӣ карданд, ки он навоварӣ маҳсуб намешавад. «Дар тағйири мазмун ва муҳтавои шеър дар ибтидои асри XX устод С.Айнӣ аз ҳама пешгом буд. Маҳз С.Айнӣ буд, ки дар ин марҳала бо такя ба анъанаҳои гузаштагон шеърҳои «Дар фоҷиаи шиа ва суннӣ» (1910), «Нидо ба ҷавонон» (1914), «Заминро бояд нафурӯшед!» (1916) ва «Қиссаи кирмак ва парвона» (1917)-ро ҷасурона сароид ва дар қолабҳои шеъри суннати тоҷик руҳи тоза дамид» [7].

Аз дигар навовариҳои шеъри ибтидои асри XX-и тоҷик пардохтан ба мавзуъҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ буд, ки дар шеъри классикӣ собиқа надошт. Дар бораи ғазали мавсуф «Инқилоби сурх» Х. Асозода зикр кардааст: «то омадани Лоҳутӣ ба Тоҷикистон мо намунаи шеъри сиёсӣ ва иҷтимоии дорои мазмуни воҳид, ки тарғибгари андешаи сиёсии мактаби хосе бошад, надоштем» [4, с. 26]. Ин муҳаққиқ дуруст гуфтааст, ки «Ашъори даҳаи сӣ... моҳияти комилан тарғиботӣ ва публитсистӣ касб карда буд» [4, с. 48].

Шоири литвонӣ Межелайтис Э. дар бораи ҳадди байни публитсистикаи бадеӣ ва лирикаи ҳақиқӣ (соф) мулоҳизаҳои зиёд баён кардааст ва онҳо имрӯз ҳам қимати худро аз даст надодаанд: «Шеъри публитсистӣ дар шакли тоза буда наметавонад! Ин мафҳуми бофта мебошад. Танҳо шеър ё ғайришеър буда метавонад (зиддишеър – антишеър, гапи дигар аст). Барои шеъри ҳақиқӣ воситаҳои гуногун даркор шуда метавонанд, аз ҷумла воситаи публитсистика. Аммо ин маънои дигар дорад. Онҳоро набояд омехта кард. Публитсистикаи соф шакли рӯзномавӣ буд ва мемонад… Забони публитсистика ҳам образнок ва бо шеърият буда метавонад. Публитсисти хуб воситаҳои ифодаи бадеиро устокорона истифода мебарад. Дар умум, публитсистика кори соф ақлонӣ, сахт мантиқист. Он жанр аст. Шеър ба адабиёти бадеӣ оид мебошад, махсусияти он дар ҳамин аст. Дар ин ҷо чизеро наметавон иваз кард. Чунин буд, чунин мемонад» [8, с. 310]. Шоири шаҳир ҳақиқатҳои шеъри лирикӣ ва

публитсистиро ин ҷо хеле хуб баён кардааст; хулосааш он аст, ки байни ашъори хоҳ публитсистӣ, хоҳ соф лирикӣ танҳо шеъри ҳақиқӣ боқӣ хоҳад монд.

Ҳамин тавр, мазмунҳои публитсистӣ дар ашъори шоирони тоҷик аз Абдурауфи Фитрат, Мирзо Ҷалол, Мирзо Сироҷ, Садриддин Айнӣ шуруъ шуда, дар онҳо мавзуъҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ҳасби ҳол, таърихӣ ҷойи асосиро ишғол мекунанд. Шеъри публитсистии сиёсӣ барои ба вуҷуд омадани аввалин сурудҳои миллӣ, инқилобӣ мусоидат карда, боиси тарбияи ватандӯстӣ, ободонии кишвар гаштанд.

Адабиёт:

1. Абдуллаев, М. А. Таджикская публицистика и национальная идентичность (посл. четверть XX - первая половина XX веков) / М. А. Абдуллаев. – Душанбе, 2014. – 310 с.
2. Айнӣ, С. Ахгари инқилоб / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 264 с.
3. Айнӣ, С. Ёддоштҳо / С. Айнӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. – 680 с.
4. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав) / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2004. – 672 с.
5. Бухорои шариф. – 11 марти соли 1912 – 2 январи соли 2013.
6. Кӯчаров, А. Порчаҳои шеърии повести «Одина» ва истифодаи он дар нашрҳои минбаъда / А. Кӯчаров // Чанд мулоҳизаи адабӣ (Маҷмуаи илмӣ). – Душанбе: ИДПТ, 1974. – с. 96-108.
7. Маниёзов, А. Публитсистика ва назми устод С.Айнӣ / А. Маниёзов. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. – 152 с.
8. Межелайтис, Э. Лирические этюды / Э. Межелайтис. - Москва: Художественная литература, 1969. – 256 с.
9. Раҳмон, Э. Фарҳанг ҳастии миллат аст (Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат, шаҳри Душанбе, 20 марти соли 2001) / Э. Раҳмон. – Омӯзгор. – 2001. – 4 апрел.
10. Шакурӣ, М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист / М. Шакурӣ. – Душанбе: Пайванд, 2006. – 456 с.
11. Шакурӣ, М. Равшангари бузург / М. Шакурӣ. – Душанбе: Адиб, 2006. – 340 с.
12. Шакурӣ, М. Хуросон аст ин ҷо: маънавиёт, забон ва эҳёи миллии тоҷикон / М. Шакурӣ. – Душанбе: Оли Сомон, 1997. – 576 с.
13. Шуълаи инқилоб. – 1919. – 18 сентябр.
14. Шуълаи инқилоб. – 1919. – 8 декабр.
15. Шуълаи инқилоб. – 1919. – 15 декабр.
16. Шуълаи инқилоб. – 1919. – 29 декабр.
17. Шуълаи инқилоб. – 1920. – 15 ноябр.

БАРРАСИИ МАСЪАЛАҲОИ СИЁСИИ ЗАМОН ДАР ОСОРИ АДИБОНУ ПУБЛИТСИСТОН

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои сиёсии замон дар заминаи омӯзишу таҳлили осори саромадони публитсистикаи тоҷик Мирзо Сироҷи Ҳаким, Мирзо Ҷалол Юсуфзода, Абдурауфи Фитрат, Садриддин Айнӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, вижагиҳои осори онҳо дар бозтоби масоили сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ мушаххас гардидааст. Муҳаққиқ осори Мирзо Ҷалол Юсуфзода, Мирзо Сироҷи Ҳаким ва Абдурауфи Фитратро, ки аз маорифпарварону равшанфикрони давр буданд ва нигоштаҳояшон дар рӯзномаи «Бухорои шариф» ба табъ мерасиданд, ба таври муқоиса таҳлилу таҳқиқ намуда, масъалагузориҳое, ки дар хусуси вазъи сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии замон дар онҳо сурат гирифтааст, аз нигоҳи илмӣ асоснок кардааст. Ҳамчунин, дар хусуси осори устод Садриддин Айнӣ, ки дар рӯзномаи «Шуълаи инқилоб» чоп шудаанд ва руҳи инқилобиву бедорӣ доштанду ба таври дақиқ вазъи сиёсии замонро бозгӯ мекунанд, муайян гардидааст. Дар зимн, ба назми публитсистӣ дар асри XX таваҷҷуҳ намуда, дар ин замина, ашъори публитсистони мавриди

назарро таҳлилу таҳқиқ намудааст. Аз ҷумла, пажуҳишгар барои тасдиқи андешаҳояш шеърҳои машҳури «Марши ҳурият», «Самарқанду Бухоро», «Инқилоб»-и Садриддин Айниро мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор додааст. Инчунин, вижагиҳои назми публитсистӣ ба таври муқоиса дар осори публитсистон мушаххас карда шудааст.

Калидвожаҳо: публистистика, рӯзнома, Мирзо Ҷалол Юсуфзода, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абдурауфи Фитрат, Садриддин Айнӣ, сиёсат, вазъи замон, таҳлил, муқоиса, таҳқиқ, натиҷагирӣ.

ОБЗОР ПОЛИТИЧЕСКИХ ВОПРОСОВ ВРЕМЕНИ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ ПИСАТЕЛЕЙ И ПУБЛИЦИСТОВ

В данной статье политические проблемы того времени рассматриваются в контексте изучения и анализа творчества известных таджикских журналистов Мирзо Сироджи Хакима, Мирзо Джалала Юсуфзода, Абдурауфи Фитрата, Садриддина Айни, а также указываются особенности их произведений в отражении политических, экономических и социальных проблем. Исследователь сравнительно проанализировал и изучил труды Мирзо Джалала Юсуфзода, Мирзо Сироджи Хакима и Абдурауфа Фитрата, которые были просветителями и просвещенными мыслителями того периода, взгляды которых были опубликованы в газете «Бухорои Шариф», и научно обосновано обсудил вопросы, связанные с политической, экономической, социальной и культурной ситуацией того времени. Также напоминается о произведениях устода Садриддина Айни, которые были опубликованы в газете «Шуълаи Инкилоб» и имели революционный и пробуждающий дух и точно отражали политическую ситуацию того времени. В то же время он обратил внимание на публицистическую поэзию XX века и в этом контексте проанализировал и исследовал стихи рассматриваемых журналистов. Помимо прочего, для подтверждения своих идей исследователь изучал и изучает знаменитые стихотворения Садриддина Айни «Марши Хуррият», «Самарканд и Бухара», «Инкилоб». Также в произведениях публицистов сравнительно уточняются особенности публицистической поэзии.

Ключевые слова: публицистика, газета, Мирзо Джалол Юсуфзода, Мирзо Сироджи Хаким, Абдурауфи Фитрат, Садриддин Айни, политика, текущая ситуация, анализ, сравнение, исследование, вывод.

AN OVERVIEW OF THE POLITICAL ISSUES OF THE TIME IN THE WORKS OF WRITERS AND PUBLICISTS

This article examines the political problems of that time in the context of studying and analyzing the work of famous Tajik journalists Mirzo Siroji Hakim, Mirzo Jalal Yusufzoda, Abduraufi Fitrat, Sadriddin Aini, and also highlights the features of their works in reflecting political, economic and social problems. The researcher comparatively analyzed and studied the works of Mirzo Jalal Yusufzoda, Mirzo Siroji Hakim and Abdurauf Fitrat, who were enlighteners and enlightened thinkers of that period, whose views were published in the newspaper Bukhara Sharif, and discussed issues related to the political, economic, social and cultural situation of that time. it is scientifically justified. It is also established about the works of Ustad Sadriddin Aini, which were published in the Flame of Revolution newspaper and had a revolutionary and awakening spirit and accurately reflected the political situation of that time. At the same time, he drew attention to the journalistic poetry of the twentieth century and analyzed and researched the poems of the journalists in question in this context. Among other things, to confirm his ideas, the researcher studied and is studying the famous poems of Sadriddin Aini «March of Hurriyat», «Samarkand and Bukhara», «Inkilob». Also, the works of publicists comparatively clarify the features of publicist poem.

Keywords: journalism, newspaper, Mirza Jalal Yusufzoda, Mirzo Siroj Hakim, Abduraufi Fitrat, Sadriddin Aini, politics, current situation, analysis, comparison, research, conclusion.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сафарзода Эҳсон – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва сармуҳаррири нашрияи «Омӯзгор». **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Телефон**: (+992) 946-40-40-40. **E-mail**: ehson.89@mail.ru

Сведения об авторе: Сафарзода Эхсон – кандидат филологических наук, доцент кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики Таджикского национального университета и главный редактор газеты «Омузгор». **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: (+992) 946-40-40-40. **E-mail**: ehson.89@mail.ru

Information about the author: Safarzoda Ehson – candidate of philological sciences, associate professor of the department of television and radio broadcasting of the faculty of journalism of the Tajik National University and editor-in-chief of the newspaper “Omuzgor”. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe highway, Rudaki ave., 17. Tel.: (+992) 946-40-40-40. **E-mail:** ehson.89@mail.ru

ТДУ: 809, 155, 0 (091)
ТКБ: 81, 2 (2 тоҷик)
С-20

АНТРОПОНИМҲОИ АРАБИИ «ТОҶИКОН ДАР ОИНАИ ТАЪРИХ. АЗ ОРИЁН ТО СОМОНИЁН»-И ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Саидзода М.Б., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Антропонимҳои арабии «Тоҷикон дар оинаи таърих»-и Эмомалӣ Раҳмон дар байни дигар номҳо мавқеи хосро ишғол мекунад ва ин сабабҳои худро дорад. Арабҳо, дар зери шиори дини Ислом ба маданияти халқҳои кишвари мо (Арабу Осиёи Миёна) зарбаҳои хеле сахт заданд. Пас аз истило дар Мовароуннаҳр ва Хуросон дин ва оини ислом ва забони арабӣ расмӣ эълон карда шуд. Бо мурури замон забонҳои суғдӣ, хоразмӣ аз байн рафтанд. Ба ивази алифбои қадими суғдӣ, хоразмӣ алифбои арабӣ расм шуд ва ба ҷойи оташкадаю маъбадхонаҳо масҷид ва мадрасаҳо сохта шуданд. Таҳсил ва дониш бештар ба забони арабӣ ба роҳ монда шуд.

Ҳамин тариқ, дар ин давра дар баробари антропонимҳои тоҷик як зумра исмҳои арабӣ дохил гардиданд, ки аз рӯйи хусусияту моҳияташон динӣ буда, онҳо оҳиста-оҳиста мустаъмал гардиданду дар забон ҳазм шуданд. Умуман, дар таърихи ономастика исмҳои динии исломӣ мақоми хоса доранд ва дар ин хусус номшинос А.В. Суперанская менависад: «Дар таърихи ономастика номҳои мусулмонӣ, ки тавассути Ислом (дар асри VII солшумории мо) дар аксари мамлакатҳои Осиё, Африқо ва қисман дар Аврупо паҳн шудаанд, нақши беандоза калонро бозидаанд. Саҳми онҳо дар ономастикаи рус низ хеле калон аст, зеро номи бисёр мавзеъ ва насабҳои русӣ, ки ба воситаи забони тоторӣ иқтибос карда шудаанд, аз рӯйи баромадашон арабӣ мебошанд» [14, с. 9]. Ҷойгоҳи исмҳои арабӣ дар антропонимҳои тоҷик намоён ва феълан, ақсоми муайяни онҳоро исмҳои сарчашмаашон арабӣ ташкил мекунанд ва қисми ағлаби онҳо мағз андар мағзи забони тоҷикӣ дохил шудаанд (ба мисли вожаҳои иқтибосии арабӣ) ва кас фикр намекунад, ки ин номҳо баромади арабӣ доранд. Вожаҳои иқтибосӣ дар заминаи забони иқтибосшаванда вожаҳои нав месозанд. Яъне вожаҳои иқтибосӣ ба қонуну қоидаҳои забони иқтибосшаванда мувофиқ мегарданд ва чунон дар забон ҳазм мешаванд, ки соҳиби забон иқтибос будани ин гуна вожаҳоро баъзан дарк намекунад. Ба ин қатор антропонимҳо:

Ҷадвали №1: антропонимҳои арабӣ

Ном	**Транскрипсия**	**Ном**	**Транскрипсия**
Махсум	Makhsum	Маъмун	Ma´mun
Салм	Salm	Ҷамолуддин	Ĵamāluddin
Салм ибни Зиёд	Salm ibni Ziyād	Саламонсар	Salamānsar
Саъд ибни Ваққос	Sa´d ibni Vaqqās	Салит ибни Амр	Salit ibni Amr
Ҷарроҳ	Ĵarrāh	Санаб	Sanab
Салоҳиддини	Salāhiddini	Саҳл	Sahl
Абдулмалик	Abdulmalik	Саҳлиён	Sahliyān
Абдулмуталиб	Abdulmutalib	Саркаб	Sarkab
Абдулҳайёҷ	Abdulhayyāĵ	Сауд	Saud
Абдураззоқ	Abdurazzāq	Сафиуддини	Safiuddini
Саъд	Sa´d	Сафо	Safā
Абдурауф	Abdurauf	Саъдӣ	Sa´di
Абдурауфи Фитрат	Abduraufi Fitrat	Себӯяи Форсӣ	Sebōyai Fārsi
Саффоҳ	Saffāh	Сезар	Sezar
Абӯбакри Сиддиқ	Abōbakri Siddiq	Селевкиён	Selevkiyān
Абӯдовуд	Abōdāvud	Сиддиқ	Siddiq
Соиб	Sāib	Собит	Sābit
Селевк	Selevk	Содиқ	Sādiq
Абулаббоси Саффоҳ	Abulabbāsi Saffāh	Солеҳ ибни Наср	Sāleh ibni Nasr
Сомон	Sāmān	Сома	Sāma
Сотим	Sātim	Абулҷаббор	Abulĵabbār
Султон	Sultān	Сафокл	Safākl
Абулҳавл	Abulhavl	Сулайм	Sulaym
Абулҳасани Зарёб	Abulhasani Zaryāb	Сумайя	Sumayya
Абӯҷаҳл	Abōĵahl	Сутӯҳ	Sutōh
Тоҳир	Tāhir	Тулайҳа	Tulayha
Тоҳирӣ	Tāhiri	Тулун	Tulun
Абутолиб	Abutālib	Уқба	Uqba
Абӯубайд	Abōubayd	Умон	Umān
Абӯубайда	Abōubayda	Усмон	Usmān
Авом	Avām	Утба	Utba
Фатҳ	Fath	Фазл ибни Рабеъ	Fazl ibni Rabe´
Ағрирас	Ağriras	Фазли Саҳл	Fazli Sahl
Аднон	Adnān	Фотима	Fātima
Аҷам	Aĵam	Хайём	Khayyām
Халифа	Khalifa	Хаттоб	Khattāb
Хамук	Khamuk	Холид	Khālid
Хатиб	Khatib	Халдун	Khaldun
Амидуддавла	Amiduddavla	Холиди Бармакӣ	Khālidi Barmaki
Амин ва Маъмун	Amin va Ma´Mun	Хориҷӣ	Khāriĵi
Аммор	Ammār	Шайх Баҳоуддини	Šaykh Bahāuddini
		Шарофиддин	Šarāfiddin
Амр ибнал-Ос	Amr ibnal-Ās	Шумон	Šumān
Акбари Турсунзод	Akbari Tursunzād	Шайх	Šaykh
Аҳвас	Ahvas	Шуҷоъ ибни Ваҳб	Šuĵā´ ibni Vahb
Язид ибни Умар	Yazid ibni Umar	Шуҳрабил	Šuhrabil
Надим	Nadim	Аъян	A´yan
Аршома	Aršāma	Шуш	Šuš

Асади Сомонӣ	Asadi Sāmāni	Шуъба	Šu´ba
Назир	Nazir	Шуъбаи Муғира	Šu´bai Muğira
Асвад	Asvad	Язид	Yazid
Ато ибни Соиб	Atā ibni Sāib	Нақшбанд	Naqšband
Атоса	Atāsa	Наҷмуддини	Naĵmuddini
Аттоб ибни Асид	Attāb ibni Asid	Низомулмулк	Nizāmulmulk
Аффон	Affān	Нодирпур	Nādirpur
Афшин	Afšin	Носируддавла	Nāsiruddavla
Аъвар	A´var	Нузар	Nuzar
Аъзам	A´zam	Нурмуҳаммад	Nurmuhammad
Бакр	Bakr	Ҳабашия	Habašiya
Балтаа	Baltaa	Ҳабиб	Habib
Ҳайдар	Haydar	Бахтакон	Bakhtakān
Бачайс	Baĵays	Ҳайзурон	Hayzurān
Бармак	Barmak	Ҳайкон	Haykān
Барра	Barra	Ҳакам	Hakam
Бахтгон	Bakhtgān	Ҳаққоқ	Haĵĵāĵ
Баъис	Ba´is	Ҳанафия	Hanafiya
Ҳамза	Hamza	Ҳанзала	Hanzala
Бобул	Bābul	Ҳанифа	Hanifa
Бойс	Bāys	Букайр	Bukayr
Боқир	Bāqir	Боъуф	Bā´uf
Бӯмуслим	Bōmuslim	Ҳарсама	Harsama
Бурд	Burd	Ҳасан	Hasan
Бӯсалама	Bōsalama	Ҳасана	Hasana
Бухтуннаср	Bukhtunnasr	Ҳарсама	Harsama
Ваққос	Vaqqās	Ҳасосия	Hasāsiya
Валид	Valid	Ҳеракл	Herakl
Ваҳб	Vahb	Ҳира Андарзгар	Hira Andarzgar
Васиф	Vasif	Ҳиракл	Hirakl
Ғадйи	Ğadyi	Ҳирокил	Hirākil
Ҳорунаррашид	Hārunarrašid	Ҳисомуддавла	Hisāmuddavla
Ҳофиз	Hāfiz	Ғӯрак	Ğōrak
Ғаффор	Ğaffār	Ҳишом	Hišām
Ғомидӣ	Ğāmidi	Ҳозим	Hāzim
Ғотифар	Ğātifar	Ҳомиди Сарвнок	Hāmidi Sarvnāk
Ғуломмуҳаммад	Ğulāmmuhammad	Ҳорис	Hāris
Довар	Dāvar	Ҳубайра	Hubayra
Ёқут	Yāqut	Ҳувишка	Huviška
Зайд ибни Собит	Zayd ibni Sābit	Ҳузофа	Huzāfa
Замини Довар	Zamini dāvar	Ҳулвон	Hulvān
Ҳутоса	Hutāsa	Ҳумо	Humā
Оиша	Āiša	Ҳумом	Humām
Зарёб	Zaryāb	Окор	Ākār
Зарир	Zarir	Омир	Āmir
Зарринкӯб	Zarrinkōb	Ос	Ās
Зиёд	Ziyād	Осим ибни Амр	Āsim ibni Amr
Зубайда	Zubayda	Зобулистон	Zābulistān
Зодонфаррух	Zādānfarrukh	Зоди Буҳайш	Zādi Buhayš
Зоту-р-риқоъ	Zātu-r-riqā´	Ошур	Āšur

Зубайр	Zubayr	Рабеъ	Rabe′
Зуҳайр	Zuhayr	Рағаб	Raĵab
Рафеъ	Rafe′	Раҳим	Rahim
Ҷавоҳирлаъл	Ĵavāhirla′l	Музаффар	Muzaffar
Ҷавоҳирлаъл Нехрӯ	Ĵavāhirla′l Nehrō	Муин	Muin
Ҷайфар	Ĵayfar	Муқавқис	Muqavqis
Муҳаммад Иқбол	Muhammad Iqbāl	Моҳуй	Māhuy
Ҷоду	Ĵādu	Муқаннаъ	Muqanna′
Ҷолинус	Ĵālinus	Муқаффаъ	Muqaffa′
Ҷомӣ	Ĵāmi	Муқлаи	Muqlai
Мӯҳон Истем	Mōhān Istem	Муқрин	Muqrin
Ҷувайрия	Ĵuvayriya	Имом	Imām
Муслим	Muslim	Руққа	Ruqqa
Ҷурҷи Зайдон	Ĵurĵi Zaydān	Саббоҳ	Sabbāh
Мавсил	Mavsil	Сабоъ	Sabā′
Мадйуманха	Madyumankha	Саид	Said
Мусайиб ибни Бишр	Musayib ibni Bišr	Имоддудавла	Imāddudavla
Малик ибни Ҳайсам	Malik ibni Haysam	Имоми Аъзам	Imāmi A′zam
Мансур	Mansur	Каззоб	Kazzāb
Мансури Зилзил	Mansuri Zilzil	Каллисфен	Kallisfen
Манучеҳр	Manučehr	Қайс	Qays
Маҳатҳир	Mahathir	Раҳим Масов	Rahim Masāv
Қурайш	Qurayš	Раҳмон	Rahmān
Маҳдашт	Mahdašt	Ратбил	Ratbil
Маҳмуд	Mahmud	Зурайқ	Zurayq
Маҳрӯд	Mahrōd	Зуссафия	Zussafiya
Марат	Marat	Рашшод	Raššād
Маррор	Marrār	Қаъқо ибни Амр	Qa′qā ibni Amr
Миқдод ибни Асвад	Miqdād ibni Asvad	Килобӣ	Kilābi
Марвон	Marvān	Қубайса	Qubaysa
Мулҷам	Mulĵam	Қурайз	Qurayz
Муҳаллаб	Muhallab	Қурайзо	Qurayzā
Муҳаммад	Muhammad	Ҷаландо	Ĵalandā
Муҳаммадзокир	Muhammadzākir	Лайс	Lays
Мӯҳон	Mōhān	Ҷавҳар	Ĵavhar
Муҳосираи Ҷалуло	Muhāsirai Ĵalulā	Ҳанбал	Hanbal
Мӯҳриз	Mōhriz	Сайид	Sayid
Муовия	Muāviya	Моҷа	Māĵa
Муҳаммади Муин	Muhammadi Muin	Саирима	Sairima
Муоз ибни Муслим	Muāz ibni Muslim	Сайфуддавла	Sayfuddavla
Мӯриқ	Mōriq	Сайфуллоҳ	Sayfullāh
Мусайлима	Musaylima	Бишр	Bišr
Мусаҷҷиҳ	Musaĵĵih	Муғира	Muğira
Мухтор	Mukhtār	Муъовия	Mu′āviya
Кударз	Kudarz		
Муслим ибни Ақил	Muslim ibni Aqil	Мӯътазид	Mō′tazid
Мухаллад	Mukhallad	Мӯътасим	Mō′tasim
Мусталиқ	Mustaliq	Навохудоносор	Navākhudānāsār
Мутаваккил	Mutavakkil	Сайёр	Sayyār

Қубод	Qubād	Қаҳтабаӣ	Qahtabai
Муфарриғ	Mufarriğ	Касир	Kasir

ва ғайра дохил мешаванд. Номҳои шахс дар матнҳои хаттӣ ва даҳонии арабӣ ба туфайли як қатор хусусиятҳои ба худ хоси сохториашон бо тезӣ чудо мешаванд. Номи шахс (исм) дар забони арабӣ метавонад сода бошад: [Азиз [Aziz], Аюб [Ayub], Молик [Mālik] ва ғайра ё мураккаб бо изофаи префикси Абд (ба маънии «ғулом») ва ё Аб (ба маънои падар) бошад. Мисол: Абд-ул-лоҳ, Аб-ул–карим Аб-ул-маннон, Аб-ул-кариб ва Абу-бакр. Префикси «Абд», одатан, дар аввали яке аз сифатҳои Худо меояд.

Тавре маълум аст, унсури «абд» дар таркиби ном шакли зоҳирӣ набуда, мафҳуми мустақилест, ки аз маънои аслии худ «абд» банда» об хӯрда, тааллуқдорию тобеиятро ба номи асосӣ (номи Худои мутаол) мефаҳмонад.

Дар таърихи суннатии номгузории арабҳо 8 навъи номи ашхос ба назар мерасад, ки истифодаи панҷ навъи онҳо барои эшон ҳатмӣ маҳсуб меёфтанд. Аз ин миқдор се навъи дигар дар мавридҳои вежа истифода мешуданд:

1. Исм [Ism]-алам [al ismal ‘alam]-номҳои шахс бо маънои аслиашон, ки дар вақти таваллуд шудан, дода мешуданд: Азиз [Aziz], Аббос, [Al-Abbos] ва ғ.

2. Куния [Kunya]–лақаб, ки муносибати хеширо нишон медиҳад.

3. Насаб [Nasab]-номи генеалогӣ аз рӯйи аҷдодон (падар, бобо).

4. Лақаб (Laqab)–номи иловагӣ, унвон, лақаб.

5. Исм (Ism)–мансаб ё ism al-mansab (исм ал-мансаб)-лақаб буда, бештар бо номи касбу кор ифода меёбад. Аз рӯйи сохтор ба Nasab (насаб) қаробат дорад.

6. Истилоҳот ифодакунандаи сифатҳои шуҳратмандӣ ва маъруфият:

Абд-ул-лоҳ, Абу-лаҳаб ва ғайра.

Аз инҳо, дар асар навъҳои зерини номҳои арабӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд:

б) исм-’алам: Муҳаммад [Muhammad], Азиз [Aziz], Аюб (Ayub), Аҳмад [Ahmad], Қорун [Qārun], Ҳорун [Hārun] ва ғайра;

б) қуния–Абулаҳаб [Abulahab], Абдуллоҳ [Abdullāh] ва ғайра;

в) насаб–Исо писари Марям ва амсоли инҳо.

Антропонимҳои арабии Қуръон васеъ буда, на танҳо исмҳои хоси арабӣ, балки тамоми антропонимҳои Қуръонро, новобаста аз баромади забониашон дар бар мегирад.

Азиз [Aziz]: антропоними дигаре, ки мо дар Қуръон вохӯрдем, ин «Азиз» [Aziz] аст. Вожаи «Азиз»-ро «Фарҳанги Сулаймонӣ» аз решаи «азаза», «азза», «яиззу», «яуззу», гирифта, ба маъноҳои «ҷӯшидан», «хурӯшидан», «ғурридан», «пилинг-пилинг», «ғулғула», «оташ афрӯхтан» ва «садои раъд» маънидод намудааст [13, с. 52]. Ин вожа аз нигоҳи сохт сода буда, бар вазни «фаъил» сохта шудааст. Вожаи Азиз [Aziz] дар «Фарҳанги осори Ҷомӣ» ба маъноҳои «гаронбаҳо», «пуразриш», «қимматнок», «арҷманд», «таъриф», «бузургвор», «олиқадр», «сазовори ҳурмат», «киромӣ» ва «подшоҳ» омадааст [8, с. 29].

Дар бораи вожаи «Азиз» дар сарчашмаҳо ва луғатномаҳои тоҷикӣ маълумоти фаровоне дарёфт намудан мумкин аст. Дар луғати тафсирии «Луғати омонимҳои забони тоҷикӣ» «Азиз» ба чунин маъноҳо зикр шудааст: вожаи «Азиз» муштақ аз «иззат» ва ҳолате аст, ки монеи шикастани инсон мешавад. Ба андешаи мо, ба замини сахт низ Азиз гӯянд, инчунин, вожаи «азиз» ба маъноҳои «гаронбаҳо», «боарзиш», «қимматнок», «порсо», «диндор» ва «муқаддас» меояд.

Дар «Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ» ба ин вожа маънои «арҷманд», «бузургвор», «сазовори ҳурмат», «гиромӣ» ва «дӯсти муҳтарам» додаанд [8, с. 23].

Фикру андеша ва мулоҳизаронии зиёд доир ба пайдоиш ва таърихи баромади калимаи «Азиз» вуҷуд дорад. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ин вожа ба маъноҳои «гаронбаҳо», «боарзиш», «қимматнок», «баландмартаба», «олиқадр», «муҳтарам», «сазовори ҳурмат», «гиромӣ, арҷманд», «азиз доштан», «гиромӣ донистан», «писандида ва шариф доштан», «эҳтиром кардан», «дӯст доштан», «камёб», «нодир», «ноёб», «порсо», «диндор» ва

«муқаддас» донистаанд. «гаронбаҳо», «пуразриш», «қимматнок», «арҷманд», «бузургвор», «олиқадр», «сазовори ҳурмат», «гиромӣ» ва «подшоҳ» [16, с. 43].

Ҳама сарчашма ва маъхазҳои бостонии арабӣ калимаи «азиз»-ро аз унсурҳои хеш медонанд, аммо дар бештари луғату фарҳангномаҳои мухталифи марбут ба забони тоҷикӣ низ зикри ин калима баръало мушоҳида шуда, мувофиқи таҳқиқи номшиносон ин вожа мансуби забони арабӣ буда, истифодаи он дар забони тоҷикӣ низ роиҷ аст

Омили дигаре, ки метавонад калимаи «азиз»-ро ба гурӯҳи калимаҳои арабӣ нисбат бидиҳад, ин аст, ки дар гурӯҳи забонҳои арабӣ калимаи «азиз» ба ҳарфӣ «ъ» (айн)-и хоси забони арабӣ оғоз гардида, бар вазни «фаъил»-и арабӣ сомон ёфтааст «Мутобиқи маълумоти «Таърихи Сиистон» Абдуллоҳ ибни Тоҳир соли 830 Азиз ибни Нӯҳро, ки шояд аз фарзандони Нӯҳ ибни Асади Сомонӣ бошад, бо лашкари афзун ба самти Сиистон ба муқобили хориҷиён фиристод» [19, с. 631].

Дар байни вожаҳои арабӣ калимаҳое мавҷуданд, ки бештар барои ифодаи номи одамон истеъмол меёбанд. Ин қабил калимаҳо миқдоран хеле зиёданд.

Абдулқосим [Abulqāsim] ин антропоним мансуби забони арабӣ буда, аз ҷиҳати сохт мураккаб ба ҳисоб меравад. Ин вожа бо изофаи лексемаи Абд [ба маънии «ғулом»] ва ё Аб [ба маънои падар] бошад. Мисол: Абд-ул-лоҳ [Abdul-lāh], Аб-ул-Лаҳаб [Ab-ul-lahab]. Ҷузъи «Абд», одатан, дар аввали яке аз сифатҳои Худо меояд ва исме, ки дар заминаи сифат сохта шудааст, Қосим [Qāsim] мебошад. Вожаи «Қосим» мансуби забони арабӣ буда, ба вазни «фоъил» созмон ёфтааст, ки ба маънои «тақсимкунанда» меояд. Дар «Фарҳанги ном»-и антропоними Абдулқосим бо шарҳ аз Фарҳанги забони тоҷикӣ чунин аст: «Абдулқосим а. Абд-банда, ғулом, Қосим яке аз номҳои Худо, ки бахшандаи ризқ ҳисоб мешавад» [13, с.13]. «Ҳатто бузургтарин донандаи таърихи шоҳаншоҳони аҳди қадим Абулқосими Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» пас аз анҷоми қиссаи подшоҳони Каёнӣ ва зикри сарнавишти Дорои Доробу Искандари Зулқарнайн, дар нигоштани тақдири таърихии сулолаи Ашкониён ҳамагӣ 22 байт овардаасту бас» [19, с. 218].

Бояд тазаккур дод, ки қисме аз номвожаҳои арабии асар бо ҷузъи арабии «абд» (دبع), ки дар луғатномаҳо ба маънои банда, ғулом омадааст истифода шудааст ва қисме аз онҳо ба нафарони диндору руҳонӣ мутааллиқанд. Истифодаи унсури «абд»-и (دبع) забони арабӣ ба назари донишмандон танҳо ба номҳои Худованд илова карда мешавад. Чунончи Абдураҳим [Abdurahim], Абулқосим [Abulqāsim], Абдулманон [Abdulmanān], Абдулхайр [Abdulkhayr] , Абдусамад [Abdusamad], Абдумалик [Abdumalik] ва ғайра. Ин вижагии номвожаҳоро бо калимаи «абд», ки аз ибораи арабии «ъабада яъбуду ъибодатан» гирифта шуда, ба маънои худоро ба ягонагӣ сутудан ва парастидан аст, ё ин ки ба маънои ғулом, банда истифода шавад, ба мақсад мувофиқ аст. Бо илова намудани калимаи «абд» дар ибтидои номҳои Худованд гузорем, танҳо як маъноро – парастандаи Худо ё бандаи Худоро медиҳад. Вале ҳар як антропониме, ки ба ҷуз номҳои Худованд корбаст мешаванд, чунончи Абдурасул [Abdurasul], (бандаи паёмбар), Абдумуҳаммад [Abdumuhammad], (бандаи Муҳаммад), Абдунабӣ [Abdunabi], (бандаи паёмбар), Абдулҳусайн [Abdulhusayn], (бандаи Ҳусайн) ва ғайра нодуруст ва қобили қабул нест.

Абдуллоҳ [Abdullāh]. Ин вожа мансуби забони арабӣ буда, аз исми Аллоҳ ва пешванди «абд» ташкил ёфтааст. Чуноне ки зикраш рафт, ин вожа бо изофаи ҷузъи Абд [ба маънии «ғулом»] ва ё Абу [ба маънои падар] бошад. Мисол: Абд-ул-лоҳ [Abd-ul-lāh] , Аб-ул-Лаҳаб [Abd-ul-lahab]. Ҷузъи «Абд», одатан, дар аввали яке аз сифатҳои Худо меояд ва исме, ки дар заминаи сифат сохта шудааст.

Антропоними Абдуллоҳ [Abdullāh] дар «Фарҳанги ном» чунин шарҳ дода шудааст: «Абдуллоҳ а. абд-банда, ғулом, Аллоҳ-Яздон, Худо, Додор, Офаридгор» [«Вожаҳои сара»]; Паёмбари гиромӣ Муҳаммад, сала-л-лоҳу алайҳи ва салам, дар аҳодис таъкид кардааст, ки беҳтарин номҳои писандидаи Аллоҳ Абдуллоҳ, Абдурраҳмон ва Ҳорис мебошанд; маънии Абдуллоҳ бандаи Аллоҳ мебошад [13, с.13].

Вожаи Аллоҳро ташкилшуда аз ду бахш: «ал» [алиф ва лом]+ «Илоҳ» [Худо ё Маъбуд] медонанд. Хешовандҳои вожаи «Аллоҳ» дар забонҳои сомӣ, монанди яҳудӣ ва

оромӣ мавҷуд аст. Баъзе фарҳангҳо вожаҳои муодили «Аллоҳ»-ро дар забони оромӣ китоби муқаддас [אֱלָהָא- Ĕlāhā] ва забони суриёнии онро ʔAlâhâ ای Ālōho) донистаанд. Бо ҳам часпондани «ал» ва «лоҳ» ва ташкили «Аллоҳ» [Худо] мушобеҳ бо ҳамчаспондани «ал» ва «илоҳӣ», «илот» аст.

Пас «Аллоҳ» [Allāh], агарчи гирифта аз «илоҳ» аст, чун дар шакли «илоҳ» истифода шавад, мавҷуде, ки худаш махлуқи дигаре аст ва ё дорои нуқс аст, шоистаи парастиш нахоҳад буд, пас ҳамин, ки гуфта мешавад «ал-илоҳ», яъне он зоте, ки ба гунае аст, ки ӯро бояд парастиш кард ва зоте аст, ки ҷамеи сифоти камолия ва мубарро [покшуда] аз ҳар гуна салбу нуқз.

Дар мавриди артикли «ал» каме таваққуф мекунем, зеро хатое, ки ин ҷо дар ғалат навиштани вожаи «Аллоҳ» [Allāh] сар задааст, маҳз аз огоҳии хуб надоштан аз ҳамин артикл аст. Инро бояд донист, ки ҳуруфи забони арабӣ ба ду қисм тақсим мешаванд; ҳуруфи шамсӣ ва қамарӣ, яъне 14 ҳуруфи шамсӣ ва 14 ҳуруфи қамарӣ. Артикли «ал» қабл аз ҳуруфи шамсӣ навишта мешавад, аммо хонда намешавад, вале қабл аз ҳуруфи қамарӣ пурра хонда мешавад.

Дар вожаи [ал-илоҳ] «аллоҳ», артикли «ал» қабл аз ҳуруфи қамарӣ, яъне ҳарфи «алиф» омадааст, бинобар ин, дар шакли пурраи «ал» хонда мешавад, на «ол». Дар мисоли «Китоб-ул-шифо», ки шакли дурусташ «Китоб-уш-шифо» аст, артикли «ал» қабл аз ҳуруфи шамсӣ [ҳарфи «шин» аз ҷумлаи ҳуруфи шамсист], бинобар ин, талаффуз намешавад. «Мувофиқи ахбори Яъқубӣ халифа Усмон ба Абдуллоҳ ибни Омир ва Саид ибни Ос нома навишта, пайғом фиристод, ки касе аз онҳо Хуросонро нахустин шуда забт кунад, маснади волигии Хуросонро ба ӯ хоҳад бахшид» [19, с. 466].

Маҳмуд [Mahmud]. Як исми писаронаи арабӣ буда, аз ҷиҳати сохт сода аст, ки бар вазни «мафъул» созмон ёфтааст. Ин вожа дар бештари фарҳангҳо ба маъноҳои «шукркунанда», «таъриф кардашуда», «писандида», «сутуда», «мамдуҳ», «ситоишшуда» ва «нек» маънидод карда шудааст [16, с. 676]. «Мувофиқи маълумоти Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар дарбори Тамғоҷхон чанде аз шоирону олимони машҳури ҳамон давр гирд омада буданд, ки дар миёни онҳо Маҳмуди Қошғарӣ, Юсуфи Баласоғунӣ ва Муҳаммад ибни Аднон нуфузи зиёд доштанд» [19, с. 197].

Антропоними дигаре, ки дар асар ошкор гардид, Муҳаммад [Muhammad**]** аст ва ин вожа низ аз номҳоест, ки таърихи ниҳоят кӯҳан дошта, мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои динӣ он дар шаҳри Маккаи Арабистони Саудӣ қабл аз Ислом низ роиҷ буд.

Муҳаммад [Muhammad]: охирин пайғамбари илоҳиест, ки дар чаҳор сураи Қуръон зикр гардидааст. Бинобар ояти 79 аз сураи Исро сифати Маҳмудро низ метавон барои он зикр кард.

Қуръон агарчи Муҳаммадро ба ном ва сифатҳои зиёде ёд кардааст, ба монанди Рауф [Rauf] ва Раҳим [Rahim], Набӣ [Nabi], Расул [Rasul], аммо дар чандин ҷойи дигар аз ин китоби Қуръон ба номи Муҳаммад [Muhammad], ҳамон номе, ки бобояш Абдулмутталиб гузошта буд, ёд шудааст.

Вожаи Муҳаммад [Muhammad] ба маънои «марди таҳсиншуда» омада, исми мафъул ва аз боби тафъил ва аз феъли «ҳамд» гирифта шудааст. Инчунин, вожаи «Муҳаммад» [Muhammad] маъноҳои «сутудан», «розӣ шудан», «шукр кардан», «адои ҳаққи касе кардан», «бағоят сутуда» ва «ситоишшуда» аст.

Ҷадвали 5.

Муҳаммадпорсо	Muhammadpārsā	Муҳаммадтақӣ	Mumhammadtaqi
Муҳаммадамин	Muhammadamin	Муҳаммадоин	Mihammadāin
Абдулмуҳаммад	Abdulmuhammad	Алимуҳаммад	Alimuhammad
Шоҳмуҳаммад	Šāhmuhammad	Шермуҳаммад	Šermuhammad
Динмуҳаммад	Dinmuhammad	Зебомуҳаммад	Zebāmuhammad
Ҷонмуҳаммад	Ĵānmuhammad	Дӯстмуҳаммад	Dōstmuhammad
Муҳаммадҷивод	Muhammadĵivād	Муҳаммадҳасан	Muhammadhasan
Муҳаммадҳусайн	Muhammadhusain	Муҳаммдризо	Muhammadrizā
Муҳаммадсаҷод	Muhammadsaĵād	Муҳаммсолеҳ	Muhammadsāleh

Муҳаммадалӣ	Muhammadali	Муҳаммадҳодӣ	Muhammadhādi
Муҳаммадёр	Muhammadyār	Ёрмуҳаммад	Yārmuhammad
Амирмуҳаммад	Amirmuhammad		

Ин вожа дар забони чеченӣ низ варианти мухталиф дорад: «Мохьмад», «Могмад» ва «Магомед». Ҳар яки ин номҳо ба тарзи навишту талаффуз фарқ мекунанд, аммо аз як реша гирифта шуда, дар забони чеченӣ аз ҳама бештар варианти «Мохьмед» зиёд истифода мешавад.

Дар низоми антропонимҳои забони вахонӣ ва шеваи мардуми Дарвоз аз таркиби антропоними Муҳаммад [Muhammad] вожа-форманти «мамад» истифода шуда, ба сохтори фонетикии забони вахонӣ мутобиқ кунонида, дар шакли ихтисоршудаи «мамад», «мад» ва «ма» истифода мешавад:

Ҷадвали 6.

Мамадалӣ	Mamadali	Алимамад	Alimamad	Мадшо	Madšā
Ёрмамад	Yārmaamd	Мамадёр	Mamadyār	Мамадҷон	Mamadĵān
Мадёр	Madyār	Шомад	Šāmad	Ҷонмамад	Ĵānmamad
Шомамад	Šāmamad	Мамадшо	Mamadšā	Гадомад	Gadāmad

ё-маъмуланд, ҳамчун ҷузъи асосӣ гоҳ пеш ва гоҳ пас аз вожаҳои ифодакунандаи ҳолати иҷтимоии шахс меояд: хол, гул, шакар, ҷон, нур, дод, паноҳ, назар, сахӣ, бой, бег, саид, мир, давлат, шоҳ, султон, ғулом, фақир, гадо ва ғ. низ истифода мешавад:

Ҷадвали 7.

Додмамад	Dādmamad	Нурмамад	Nurmamad	Султонмамад	Sultānmamad
Мамадсахӣ	Mamadsakhi	Шакармамад	Šakarmamad	Гадомамад	Galāmamad
Холмамад	Khālmamad	Гулмамад	Gulmamad	Фақирмамад	Faqirmamad
Мамадбек	Mamadbek	Бегмамад	Btgmamad	Ғуломмамад	Ǧulāmmamad
Боймамад	Bāymamad	Давлатмамад	Dalatmamad	Мирмамад	Mirmamad
Мамадсаид	Mamadsaid	Саидмамад	Saidmamad	Мамадмир	Mamadamir

Ғайр аз ин дар бораи исмҳое, ки тарзи навишт ва талаффузашон ба забонҳои арабиву тоҷикӣ якнавохтанд, бояд ба таври ҷиддӣ дар асоси ба инобат гирифтани маълумоти фарҳангӣ-таърихӣ муҳокима ронд, зеро бисёр номҳои одамон дар натиҷаи ягонагии қисмату халқҳои номбурда ба ҳамдигар махлут гардидаанд. Масалан, ҳангоме ки дар фонди луғавии забонамон калимаи Муҳаммад (Mumhammad) ба маънои «шукркунанда» омадааст, пас дар вақти тафсири исми Аҳмад ба мушкилие дучор намегардем. Муҳаммад бо номи худаш дар «Библия» дар китоби «Суруди сурудҳои Сулаймон» дар боби панҷум, сураи шонздаҳум зикр гардидааст. Дар он ҷо тарзи навишти вожаи Муҳаммад ба забони ибрии қадимӣ «Муҳаммуддим» (Muhammuddim) омадааст. Пасванди «-им» тобиши маъноии эҳтиром дар шумораи ҷамъро дорад. Ин пасвандро он вақт истифода мебурданд, ки агар ба шахс эҳтиром қоил бошанд. Бидуни пасванди «им» вожаи Муҳаммад маънои комилан аълоро медиҳад. Дар гунаи қонунии англисии соли 1611–ин вожа ба маънои ягона шахсе, ки лоиқи ҳамд аст, тарҷума гардидааст, ки он ҳамон вожаи Муҳаммад аст. «Мувофиқи маълумоти Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар дарбори Тамғоҷхон чанде аз шоирону олимони машҳури ҳамон давр гирд омада буданд, ки дар миёни онҳо Маҳмуди Қошғарӣ, Юсуфи Баласоғунӣ ва Муҳаммад ибни Аднон нуфузи зиёд доштанд» [1, с. 197]

Аҳмад [Ahmad]–ин антропоним бар вазни «афъал» созмон ёфтааст. Ин вазн тибқи грамматикаи забони арабӣ дараҷаи олии сифат аст, ки маънои «зиёдтар»-ро дорад. Аҳмад [Ahmad] касеро гӯянд, ки аз ҳама бештар ҳамдгӯянда ба гунае, ки касе ба монанди ӯ Худоро ҳамд намегӯяд.

Аҳмад [Ahmad] дар «Библия» бо номи Форқалит [Fārqalit] мавриди истифода қарор гирифтааст. «Яке аз сарлашкарони собиқа Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷистонӣ дар Нишопур ҳисор гирифта, роҳи қоиммақоми навро ба даруни шаҳр баст ва ба Амр мухолифати ошкоро зоҳир кард» [19, с. 658].

Идрис [Idris]: дар «Бурҳони Қотеъ» барои ин вожа чунин андеша матраҳ шудааст: «Идрис ин вожа бар вазни Бирҷис омада, номи пайғамбарест машҳур. Гӯянд аз ҷиҳати дарс гуфтани бисёр ба ин ном алам шуд ва ӯро Мусалласуннеъмат (дорои се неъмат) хонанду маънои сулсаи ӯ подшоҳӣ ва ҳикмат ва нубувват бувад ва ӯ ҳаёти ҷовид ёфту акнун дар биҳишт мебошад» [10, с. 73].

Идрис [Idris] бо номҳои «Ханух» [Khanukh] ва «Ахнух» [Akhnukh] низ истифода мешавад. Номи вай «Ҳунун» буда, лақабаш «Идрис» аст. Хунух мансуби забони суриёнӣ буда, Идрис вожаи арабист. Идрис дар миёни юнониён ба вожаҳои «Тарсамин» ва «Армис» машҳур аст. Аъроб бошад, Идрисро бо номҳои «Ҳармис» ва «Мусаллас» бештар шиносанд [1, с. 23]. Номи Идрис [Idris] 2 маротиба дар Қуръон зикр шуда, машҳур аст. Ба андешаи мо, аз ин ҷиҳат онро Идрис [Idris] мегӯянд, ки беш аз ҳар чиз вақти худро ба дарс додан мегузаронидааст. Дар Таврот бошад, бо номҳои «Ахнун» [Akhnukh] ва «Хунух» [Khunukh] зикр шудааст.

Дар «Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ» Идрис «номи яке аз пайғамбарон аст, ки сарпарасти ҳунари дӯзандагӣ ва хаётӣ дониста мешавад» [16, с. 536].

Идрис [Idris] ба забони ибронӣ яҳудии қадим Хунух [Khunukh] мешавад. Яҳудиён онро бо Хунух [Khunukh] мешиносанд.

Идрисро баъзе баргирифта аз вожаи «дарс» ва ё «тадрис» мегӯянд, аммо «тадрис» гарчи дар матнҳои кӯҳан зиёд истифода шуда, дар навиштори имрӯзӣ нисбатан дертар роиҷ гардидааст. Бинобар ин, баъзан дар истифодаи он иштибоҳ роҳ меёбад. Масалан, ба андешаи мо, дар ҷумлаҳое чун: «Ӯ чандин сол дар ин мактаб тадрис гирифт», асли маънои «тадрис» дарс додан мебошад ва «тадрис кардан» маъмул ва саҳеҳ аст, аммо «тадрис гирифтан» дар дохили худ таноқуз (зиддият) дорад. «Чунончи, ҳазрати Одам кишоварз буданду Нӯҳ дуредгар, Идрис дӯзанда, Солеҳ тоҷир, Довуд зиреҳбоф, Сулаймон сабадбоф, Мӯсову Шуъайбу Пайғамбари ислом Муҳаммади Мустафо (с) ба чӯпонӣ машғул буданд» [19, с. 536].

Адабиёт:

1. Богомякова, Е. В. Этнонимы современного немецкого языка : автореф. дис. … канд. филол. наук : 10.02.04 / Богомякова Елена Владимировна. – СПб, 2005. – 24 с.
2. Бондалетов В.Д. Русская ономастика: учебное пособие для студентов пед. ин-тов. - М.: Просвещение, 1983. - 224 с.
3. Гарвалик М. К вопросу о современной ономастической терминалогии. Вопросы ономостики, № 4. 2007.
4. Ғафуров, О. Тафсири мухтасари номҳои ҷуғрофӣ. Монография/О. Ғафуров–Душанбе: Маориф, 1983.–144 с.
5. Ғиёсуддин, Муҳаммад. Ғиёс–ул–луғот/Муҳаммад Ғиёсуддин. Таҳияи матн бо пешгуфтор, тавзеҳот ва феҳристи А. Нуров–Душанбе: Адиб–Ҷ. 1, 1987–480 с.
6. Давлатов, Э. А. Лингвистическое исследование ономастики «Касас–ул–анбиё». /Э. А. Давлатов–Душанбе: Адабиёт, 2017–156 с.
7. Муҳаммад, Ғиёсуддин. Ғиёс–ул–луғот/Ғиёсуддин Муҳаммад–Душанбе: Адиб, Ҷ. 2, 1988–416 с.
8. Нуров, А. Фарҳанги осори Ҷомӣ. Ҷ. 1. /А. Нуров–Душанбе, 1983–536 с.
9. Подольская Н.В. Словарь русской ономастической терминологии. - М.: Наука, 1988. - 196 с.
10. Саидов, М. Б. (Саидзода М.Б.) Вижагиҳои луғавӣ-маъноии топонимия дар Қуръон (дар асоси тарҷумаи тоҷикии он).–Душанбе, «Матбаа», 2021. 86 с.
11. Саидов, М. Б. (Саидзода М.Б.) Сохти морфологӣ ва қабатҳои забонии антропонимҳои Қуръон (дар асоси тарҷумаи тоҷикии он)//Б. М. Саидов.–Душанбе, «Матбаа».–2020.–112 с.
12. Саидов, М.Б. (Саидзода М.Б.) Ономастикаи Қуръон (таҳқиқи забоншиносӣ).- Душанбе: «Матбаа», 2023.–190 с.
13. Сулаймонов, С. Нишонаҳои методи формантӣ дар асарҳои ҷуғрофияшиноси араб Ёқути Ҳамавӣ/Восточная филол, Вып. IV. /С. Сулаймонов–Душанбе, 1976–С. 57–63.

14. Суперанская А.В. Общая теория имени собственного / Отв. ред. А.А. Реформатский. Изд. 3-е, испр. - М.: Книжный дом «Либроком», 2009. - 368 с.

15. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд)–Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ. 2010. (нашри дувум), Ҷ. 1–996 с. ; Ҷ. 2–1095 с.

16. Фарҳанги забони тоҷикӣ [иборат аз ду ҷилд]–М.: СЭ, 1969–952 с.

17. Шамсиддин, Қ. Тафсири Қуръони маҷид/ Қ.Шамсиддин–Теҳрон, 1993–1324 с.

18. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён(нашри дувум). – Душанбе: «Ирфон», 2020, 704 саҳ.

АНТРОПОНИМҲОИ АРАБИИ «ТОҶИКОН ДАР ОИНАИ ТАЪРИХ. АЗ ОРИЁН ТО СОМОНИЁН»-И ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Муаллиф дар мақола таҳлилу баррасии антропонимҳои арабии асарро мавриди баррасӣ қарор дода, густариши ин бахши илми ономастикаро аз ибтидои омӯзиш то шароити кунунӣ шарҳ дода, онро дар даврaҳои гуногуни рушди забоншиносӣ қиёс намуда, бобати таърихи тавлид, сохт ва маънои онҳо дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ сухан рондааст.

Ба андешаи муаллиф дар асар антропонимҳои яҳудӣ (номҳои одамон) чун дигар онимҳо дар тасвири воқеаҳо ва ҳаводиси он нақши намоён доранд. Ҳамчунин, маҳз омӯзиши ин қабати антропонимӣ дар ошкор намудани арқоми таърихӣ ва ошкор намудани номвожаҳо кумак расонида, барои рӯйи кор овардани арқоми дурусти ҳаводиси таърихӣ ва дар забони меъёр ворид намудани калимаҳои фаромӯшшудаи китоб (архаизмҳо) нақши асосиро адо намуданд.

Муаллиф зимни таълифи мақола кӯшиш ба харҷ додааст, ки антропонимҳои арабии асарро дар асоси сарчашмаҳои бурҳони илмӣ ва луғату қомусҳои муътамад таҳлил ва маънидод намояд. Инчунин, муаллиф ба ҳар қабати таснифнамудааш дар асоси ахбори сарчашмаҳои солим ва арқоми саҳеҳи таърихӣ маълумоти алоҳидаи комил додааст.

Калидвожаҳо: санъати номгузорӣ, таърихи тавлид, таҳлилу баррасӣ, вожа, омӯзиш, тадқиқ, номҳои одамон, маводи антропонимӣ, этимология, яҳудӣ ва ғ.

АРАБСКИЕ АНТРОПОНИМЫ В «ТАДЖИКИ В ЗЕРКАЛЕ ИСТОРИИ. ОТ АРИЙЦЕВ ДО САМАНИДОВ» ЭМОМАЛИ РАХМОНА

В статье автор рассматривает анализ и обзор арабских антропонимов произведения, объясняет развитие этого раздела ономастики от начала исследования до современных условий, сравнивает его в разные периоды языкового развития, говорит о истории их создания, структура и значение основаны на достоверных научных источниках.

По мнению автора, значительную роль в описании событий играют арабские антропонимы (имена людей), как и другие имена. Также именно изучение этого антропонимического слоя помогло в выявлении исторических личностей и открытии существительных, и сыграло главную роль в установлении правильных исторических фигур и введении в литературный язык забытых слов книги (архаизмов).

В ходе написания статьи автор постарался проанализировать и интерпретировать арабский антропонимы произведения на основе научных источников и достоверных словарей. Также автор предоставил полную отдельную информацию каждому классифицированному слою на основе информации из достоверных источников и точных исторических цифр.

Ключевые слова: искусство именования, история создания, анализ и обзор, лексика, изучение, исследование, имена людей, антропонимический материал, этимология, арабский и др.

ARABIC ANTHROPONYM «TAJIKS IN THE MIRROR OF HISTORY. FROM ARIANS TO SAMANIDOV» EMOMALI RAHMON

In the article, the author examines the analysis and review of Arabic anthroponyms of the work, explains the development of this section of onomastics from the beginning of the study to modern conditions, compares it in different periods of linguistic development, talks about the history of their creation, structure and meaning are based on reliable scientific sources.

According to the author, Arabic anthroponyms (names of people), like other names, play a significant role in the description of events and their events. Also, it was the study of this anthroponymic layer that helped in identifying historical figures and the discovery of nouns, and played a major role in establishing the correct historical figures and introducing forgotten words of the book (archaisms) into the literary language.»

While writing the article, the author tried to analyze and interpret the Arabic anthroponyms of the work on the basis of scientific sources and reliable dictionaries. The author has also provided complete separate information for each classified layer based on information from reliable sources and accurate historical figures.

Key words: the art of naming, history of creation, analysis and review, vocabulary, study, research, names of people, anthroponymic material, etymology, Jewish, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф. Саидзода Муҳаммад Бегмурод, н.и.ф., дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға:735360, ҶТ, ш.Кӯлоб, кӯчаи. С.Сафаров 16. E-mail: Saidzod-@mail.ru, тел: (+992)985-29-73-73.

Сведения об авторе. Саидзода Мухаммад Бегмурод, к.ф.н., доцент кафедры иностранных языков Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, РТ., г. Куляб, ул. С. Сафарова 16. E-mail: Saidzod-@mail.ru, телефон: (+992)985-29-73-73.

Information about the author. Saidzoda Muhammad Begmurad, dosent of the Department of Foreign Languages, Kulob State University named after Abuabdullahi Rudaki. Address: 735360, RT., Kulob, st. S. Safarova 16. E-mail: Saidzod-@mail.ru, phone: (+992)985-29-73-73.

ТДУ: 82′21 (075.8)
С-23

АЗ ТАЪРИХИ НАҚДИ АДАБИИ АРАБ

Саидзода О.С., н.и.ф., муаллими калон
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Нақди адабӣ дар наср ва назми араб дар асри миёна ба вуҷуд омадааст. Агар дар аҳди қадимии араб шеър ҳамчун маҷмуи муайяни усулҳои ба таври стихиявӣ дар раванди амалия ташаккулёфтаи шоирӣ ба миён омада бошад, пас аз асри IX сар карда, талабот ба дарк ва низомбандии онҳо, инчунин таҳияи меъёрҳои арзёбикунӣ ба вуҷуд меояд.

Донишмандони асри VIII-IX Абӯ Убайда (728-825) ва ал-Асмоӣ (такр. 739-такр. 830) ба нақди адабӣ ибтидо гуштанд. Онҳо асарҳои назмиро ҷамъоварӣ карда, мавриди омӯзиш қарор дода, маъноҳои қадимии калимаҳоро муайян карда, матнро бо шарҳу тавзеҳоти филологӣ ва таърихӣ муҷаҳҳаз мекарданд. Дар баробари ин, ҳангоми интихоби намунаҳои беҳтарини назми қадимӣ шавқу завқи онҳо инъикос ёфта, меъёрҳои онҳо зоҳир мешуданд. Аксар вақт дар асоси муҳокимаронихои худ онҳо арзёбиҳои арабҳои қадимӣ, ҳамасрони шоирони тоисломӣ аз тариқи анъана маҳфузмондаро қарор медоданд. Дар баробари ин, филологҳо танҳо шоирони тоисломиро дар таҳқиқоти филологии худ эътироф мекарданд.

Донишманди араб Ибн ал-Арабӣ (ваф. 754) ҳар гуна хусусиятҳои мусбатро дар шеъри нав умуман инкор мекард.

Аммо ҳуҷумҳо ба муқобили шеъри нав сабаби сиёсӣ низ дошта, дар онҳо муносибати зидди шуубияи идеологҳои империя зоҳир мешуд. Шоирони қадими арабҳо-бодиянишинони асил буданд, дар ҳоле ки пайдоиши шоирони нав аз аҳолии арабкардашудаи империя, аз қабили: Башшор ибни Бурд, Абӯ Нувос, баъдтар Абӯ Таммом буда, ба дараҷаи зиёд зери таъсири фарҳангҳои ғайриарабӣ қарор гирифта буданд. Аз ин рӯ, эълони бартарияти мутлақи назми қадим дар айни замон маънои эътирофи афзалияти истилогарони араб, забон ва фарҳанги онҳоро дошт.

Фаъолияти яке аз мунаққидони аввалини араб Ибни Қутайба (828– 889), ки назару ақидаҳои худро оид ба санъати шеърӣ аз мавқеъҳои зиддишуубия баён кардааст, ба мобайни асри IX рост меояд. Ибни Қутайба мунаққиди аввалине буд, ки кӯшиш кардааст, меъёрҳои арзиши бадеии асарро коркард ва таҳия намояд. Ба мисли ҳар як намояндаи классика, ӯ назми қадимиро афзал медонист, гарчанде тасдиқ мекард, ки арзёбии ҳам назми қадим, ҳам шеъри нав бояд ба меъёрҳои ягона асос ёбад. Бо вуҷуди ин, танҳо назми қадимӣ бо мавзуот ва композитсияи он, ба ақидаи ӯ, метавонист ҳамчун мисолҳо барои тақлид бошад. Ба саъю талошҳои шоирони «Навсозӣ» ҷиҳати ислоҳоти назм муқобил баромада, кӯшиш мекард композитсияи қасидаи классикӣ, назмшиносӣ ва услубшиносии онро ба таври ҳамешагӣ асоснок, қонунӣ ва сабт намояд.

Шоири дигари барҷаста – Ибн ал-Муътазз дар «Китоб дар бораи услуби нав» («Китаб ал-бадиъ»)-и худ ҷанбаи дигари назми арабро мавриди таҳлил қарор додааст. Ӯ кӯшиш кардааст симоҳо ва пайраҳаҳое, ки аз ҷониби шоирон истифода мешуданд, ба низом дароварда, барои онҳо истилоҳоти дахлдорро таҳия намояд. Ибн ал-Муътазз панҷ симо ва ороишоти асосӣ ва ёздаҳ симо ва ороишоти дуюмдараҷаро муайян карда, бо такя ба ашъори шоирони қадим, Қуръон ва суннат такя карда, кӯшиш кардааст исбот кунад, ки ҳамаи онҳо аз ҷониби шоирони замони нав ихтироъ шуда, вале аз ҷониби арабҳо аллакай, дар аҳди қадим истифода мешуданд. Аз Ибн ал-Муътазз шуруъ карда, омӯзиши симоҳои шеърӣ ба яке аз соҳаҳои муҳимтарини илми бадеъ табдил меёбад. Аммо бояд қайд кард, ки аллакай, дар асрҳои миёна филологҳое мавҷуд буданд, ки нисбат ба шеъри нав мавқеи дигарро ишғол карда буданд. Аз ҷумла, ас– Саъолибӣ (961-1038) буд, ки аз шеъри нав ба ваҷд омада, ба шоирони асри X асари махсуси «Гавҳари замона» («Ятимат ад-даҳр»)-ро мебахшад.

Мунаққиди барҷастаи адабӣ, масеҳии юнонӣ, ки исломро дар синни пиронсолӣ қабул мекунад, Қуддома ибни Ҷаъфар (ваф. тақр. 922) ба андозаи зиёд зери таъсири илми юнонӣ қарор гирифта буд. Дар китоби худ «Нақд аш-шеър» ӯ кӯшиш ба харҷ додааст, ки асосҳои назмшиносии арабиро баён кунад. Аз таърифи шеър ҳамчун «нутқи муътадили қофиябандишуда ба маънии мукаммал» оғоз карда, ӯ унсурҳои он – луғати шеърӣ, арӯз, қофия, жанрҳои шеър ва низоми образии онро пайдарпай мавриди таҳлил қарор додааст. Эҷодиёти шеъриро ҳамчун пеша баррасӣ карда, Қуддома чунин мепиндошт, ки донистан ва корбурди қатъии қоидаҳои назмшиносӣ афзалиятҳои бадеии асарро таъмин менамоянд. Чунин назари «ратсионалистӣ» ба эҷодиёт минбаъд ба таври мустаҳкам таҳким меёбад.

Аз хусусияти рисолаҳо дар бораи илми бадеи ал-Аскарӣ (ваф. 1005) «Китоби ду санъат – наср ва назм» ва Ибни Рашиқ (ваф. 1070) «Такя дар санъати назм ва нақди он» бархӯрдор буданд. Дар даҳ ҷилди таълифоти худ ал-Аскарӣ қариб ба ҳамаи масъалаҳои санъати шеър, аз таносуби образҳои шеърӣ, ғояҳо (мазмуни шеърӣ), усулҳои ифодаи онҳо (шакл) сар карда, то феҳристи категорияҳои бадеъ ва мураккаб, ки мунаққидони масъалаи ҳуқуқ ба иқтибоси ғояҳо ва образҳои шоирон аз ҷониби шоирони дигар, дахл мекунад. Таълифоти Ибни Рашиқ асари мукаммалтарин оид ба назмшиносӣ буда, муаллиф дар муқаддимаи он қайд мекунад, ки ӯ ҳамаи чизи беҳтаринеро, ки дар осори пешгузаштагон ҷустуҷӯ намудааст, дарёфт ва ҷамъоварӣ кардааст. Вазифаи китобро хеле васеъ дарк карда, намуда, Ибни Рашиқ ба он ҳамаи он чизеро, ки мунаққид бояд барои арзёбии санъати шоирӣ, аз таърихи ба таври васеъ баёншавандаи таърихи назм ва қофияи арабӣ сар карда, то симоҳои бадеъ дохил кардааст.

Табдилдиҳии ниҳоии илми арабии асримиёнагӣ дар бораи адабиёт ба таълимоти мавзун бо асоси назариявӣ ва истилоҳоти таҳияшуда ба асрҳои X-XIII мансуб аст. Дар ҷамъбасткунии осори олимони асримиёнагӣ хизмати ас-Саккокӣ, ки дар асари энсиклопедии «Калиди илмҳо» таснифи мавзуни илмҳоро дар бораи санъати шифоҳӣ ба вуҷуд овард. Аз замони ас-Саккокӣ филологҳои асримиёнагӣ танҳо китобҳои ӯро омӯхта, онҳоро мутобиқ карда, шарҳ медоданд. Дар ин давра мафҳумҳои асосии назмшиносӣ ба таври ниҳоӣ ташаккул меёбанд. Филологҳо ба фарқ кардани сатҳҳои сохтори асари адабӣ шуруъ мекунанд. «Илм дар бораи мавзуъҳои шоирӣ» («Илм ал-маъонӣ») ва «Илм дар бораи зебоиҳои услуб» («Илм ал-байан»), ки дар он масъалаҳои услуби бадеӣ ва низоми образӣ ҳам дар назм, ҳам дар наср баррасӣ мешаванд, фарқгузорӣ карда мешаванд.

Нашъунаморо дар асрҳои қадим ва миёна аз сар гузаронида, адабиёти Шарқ дар замони нав дар вазъи ақибмонда, таъхиркарда дар инкишофи худ қарор гирифтанд. Дар давраи эҳё (асрҳои XIX-XX), ки аз ҷониби арабҳо «ан-Наҳзат» номида мешуд, дар адабиёти араб афкору дидгоҳҳои нави зебоишиносӣ ба ташаккулёбӣ оғоз карда, жанрҳои нав, самтҳои нави адабӣ тавлид мешаванд. Дар баробари адабиёти нав мактабҳо, самтҳои нав дар адабиётшиносии араб ташаккул меёбанд.

Адабиётшиносии муосири арабӣ ба доираи вазифаҳои худ ба таври назаррас вусъат бахшидааст. Адабиёти араби асрҳои XIX-XX хусусияти нухбавӣ, меъёрии худро аз даст додааст. Назм, наср, драматургияи муосир мавриди таҳқиқи адабиётшиносони араб қарор гирифтаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки адабиётшиносии арабӣ аз нуқтаи назари методологӣ ягона набуда, дар он зери таъсири афкори танқидии рус, муҳаққиқони ғарбии адабиёт ва адабиётшиносии анъанавии шарқӣ мактабҳо ва самтҳои нав ташаккул ёфтаанд.

Дар низоми адабиётшиносии муосири араб на танҳо олимон-филологҳо, балки амалияпардозон, муаллифони романҳо, ҳикояҳо, ашъори нав низ ҳузур доранд. Аз шумори онҳо Михаил Нуайма, ки ба ташаккули ӯ ҳамчун муннақиди адабӣ таъсири бузургро мактаби адабии рус расонидааст, Тоҳо Ҳусейн, ки афкори адабиётшиносии ӯ зери таъсири шарқшиносони Ғарб ташаккул ёфтааст, маҳсуб мешаванд.

Мавриди зикр аст, ки сатҳи адабиётшиносӣ дар мамлакатҳои арабӣ гуногун буда, дар миёни онҳо Миср, ки ба ҷаҳон нависандагони барҷаста Тоҳо Ҳусейн, Наҷиб Маҳфуз, Юсуф Идрис ва дигаронро додааст, пешсаф ба шумор меравад. Аммо дар ҳар гуна мамлакатҳои Шарқ рисолати ин илм аз кумак кардан ба адабиёти миллӣ барои амалӣ кардани вазифаи олоти такмили ҷомеа, машғул шудан бо омӯзиши ҳамаҷонибаи маҷмуии роҳҳои инкишофи эҷодиёти бадеӣ дар робитаи он бо ҳаёт иборат мебошад.

Михаил Нуайма намояндаи адабиёти нави араб, узви мактаби суриягӣ-амрикоии адабӣ мебошад. Мактаби мазкур нависандагони аз Суриягӣ ва Лубнониро муттаҳид мекард. Аъзои ин гурӯҳи нависандагон Ҷуброн Халил Ҷуброн, Амин ар-Райҳонӣ, Михаил Нуайма, Абӯ Мозӣ, Нодира Ҳаддод ва дигарон ба шумор мерафтанд. Се нафари онҳо – М. Нуайма, Насиб Арида, Н. Ҳаддод дастпарварони мактаби русӣ дар Фаластин буданд.

Таълими забони русиро М. Нуайма дар семинари русии муаллимон идома дода, дониши забони русиро такмил додааст. Донишмандони рус – Л. Толстой, Ф. Достоевский, А. Чехов ва дигаронро мутолиа мекард. Дар соли 1906 дар ҷумлаи шогирдони беҳтарин ӯро ба Россия, ба семинари илмӣ мефиристанд. М. Нуайма дар зиндагиномаи худ, ки И.Ю. Крачковский ирсол карда буд, менависад: «Дар семинар ман аз нав ба адабиёти рус фурӯ рафтам. Дар пеши ман дақиқан олами нави пур аз муъҷизаҳо боз шуд. Ман бо ҳарисӣ мутолиа мекардам» [6, с. 15].

Пешаи аслии М. Нуайма адабиёт гардида, ӯ муаллифи ҳикояҳои сершумор, мақолаҳои танқидӣ, монография дар бораи Ҷуброн Халил Ҷуброн, намоишномаи «Падарон ва фарзандон» ва ғайра мебошад.

Ба ташаккули М. Нуайма ҳамчун мунаққиди адабӣ таъсири бузургро мактаби адабии рус, бахусус В. Белинский расонидааст. Аз адабиёти рус М. Нуайма методи бадеӣ, муносибатҳои бадеӣ-зебоишиносӣ, назарҳо ба вазифаҳои адабиёт ва адибонро касб кардааст.

Соли 1923 нашри аввалини китоби «Ғалбер» мебарояд, ки дар ин вақт Найма дар Ню-Йорк қарор дошт. Дар ин ҷо ӯ аз Муҳиддин Ар-Ридо, муаллифи китоби маъруфи «Фасоҳати арабҳо дар асри ХХ», мактуберо мегирад, ки дар он ӯ навишта буд: «Ман медонистам, ки «Ғалбер»-ро дар Миср мисли зарбаи раъд қабул мекунанд ва тӯфон сар мезанад» [2, с. 82].

Ба китоби мазкур ҳамаи мақолаҳои танқидӣ ва адабиётшиносии Нуайма, ки аз соли 1913 сар карда, дар маҷаллаи «ал-Фунун» ва рӯзномаи «ас-Саҳеҳ» ба нашр мерасиданд, дохил шуда буданд. Инҳо эссеҳои адабӣ, хулосаҳои танқидӣ, тақризҳо ба асарҳои адабиёти нави арабӣ буданд. Пешгуфторро барои китоб мунаққиди намоёни араб Аббос Маҳмуд ал-Аккод менависад, ки дар бораи истеъдоди Нуайма, маҳорати ӯ ба таҳлили амиқ ва арзёбии объектии асар эҳтиромона изҳори ақида мекунад. Аккод қайд мекунад, ки дар мамлакатҳои араб барои он нависандагоне, ки бо роҳи навоварӣ қадам зада, ба муқобили анъанаҳо ошкоро баромад мекунанд, осон нест, ва дар оне, ки Нуайма маҳз ҳамин тавр рафтор мекунад, хизмати махсуси нависанда мебошад.

Ба сифати сарнома ба китоби худ Нуайма зарбулмасали арабиро интихоб кардааст: «Агар ту одамонро аз тариқи ғалбер гузаронӣ, он гоҳ онҳо худи туро низ аз тариқи он мегузаронанд», ва ӯ ҳатто аз гузаронидани соҳибэътиборони ба таври умум эътирофшуда натарсида буд.

Китоби «Ғалбер» зери таъсири мактаби русии танқиди адабӣ, дар навбати аввал, корҳои В.Г. Белинский навишта шудааст, ки аз ин мазмуни баъзе мақолаҳо ва эссеҳои назариявии нависанда, ки ба масоили адабиётшиносӣ ва вазифаҳои танқиди адабӣ бахшида шудаанд, шаҳодат медиҳад.

Барои нашри аввалини намоишномаи «Падарон ва фарзандон» Нуайма пешгуфтори густурдаро зери унвони «Драматургияи араб» навиштаст, ки баъдтар дар шакли мақолаи алоҳида ба маҷмуаи «Ғалбер» дохил шуда, дар он ӯ ба як қатор масъалаҳои принсипиалии драматургия ва театри араб дахл кардааст. Ба ақидаи ӯ, асаре, ки барои театр офарида шудааст, дар навбати аввал, бояд дар одамон ҳиссиёти нек, истодагарӣ, мардонагиро тарбия намояд.

Дар бораи аҳаммияти танқиди адабӣ дар инкишофи адабиёт ҳарф зада, Нуайма ишора мекард, ки мунаққидони араб ҳанӯз асарҳои адабиро дуруст арзёбӣ карда наметавонанд. Ӯ таъкид мекард, ки «Бадбахтии мо дар он аст, ки дар мо асарҳои олиҷаноб мавҷуд нестанд, балки дар он аст, ки дар мо одаме нест, ки онҳо ба таври шоиста арзёбӣ кунад». Мунаққид монанди заргаре мебошад, ки худаш тилло ё алмос истихроҷ намекунад, аммо дарҳол метавонад, гуҳари ҳақиқиро аз қалбакӣ фарқ кунад.

Китоби М. Нуайма «Ҷуброн Халил Ҷуброн. Ҳаёт ва мамот, эҷодиёти адабӣ ва бадеии ӯ» дар Бейрут дар соли 1934 рӯи чоп омадааст. Тавре ки И.Ю. Крачковсий қайд кардааст, ин асар «жанри барои адабиёти муосири араб нави зиндагиномаи бадеиро оғоз мекунад».

Асарҳои Ҷубронро мавриди таҳлил қарор дода, Нуайма гуфтаҳои худро бо намунаҳои сершумор аз он нишон медиҳад, ки ин ба нақли ӯ ҷоннокӣ ва ҷолибиятро мебахшад.

Ба ақидаи И.Ю. Крачковский, китоби М. Нуайма дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Ҷуброн «сазовори монографияи махсус ва тарҷума ба забонҳои дигар низ мебошад. Ин китоб дар бораи инкишоф ва ояндаи адабиёти муосири араб сухан мегӯяд. Дар таърихи ин адабиёт ва қаҳрамони китоб ва муаллифи он фаромӯш нахоҳанд шуд» [4, с. 351].

Дар маҷмуаи мақолаҳо «Роҳҳо» (с. 1954) «Моҳияти адабиёт ва вазифаҳои он» Нуайма менависад: «Вазифаҳои адабиёт ин мусоидат ба барқарор намудани муносибати одилонаи ҳоким ба раият, хоҷа – ба хидматгорон, доранда ба нодорон, золим ба мазлумон мебошад. Ба ақидаи ӯ, адолатро бо ивазкунии одии «як қонун бо қонуни дигар» ноил шудан номумкин аст. Вазифаи адабиёт ин тарбия кардани инсон тавре мебошад, то ки дар афкор, виҷдон ва хоҳишоти ӯ ҷое барои халқозорӣ, хашму ғазаб, золимӣ ва истибдод боқӣ намонад.

Тоҳо Ҳусейн намоянда ва назарияпардози эътирофшудаи мактаби «модернистҳои мисрӣ» буд, ба қалами ӯ китобҳои сершуморе мутааллиқанд, ки на танҳо дар мамлакатҳои араб, балки берун аз ҳудуди онҳо низ маъруфанд.

Дар баробари эҷодиёти адабӣ Тоҳо Ҳусейн дар соҳаи нақд, таърихи адабиёт ва фарҳанг бисёр кор кард, аз ҷумлаи корҳои адабиётшиносии ӯ аз таваҷҷуҳи махсус даври лексияҳо оид ба адабиёти асримиёнагӣ ва муосири араб «Суҳбатҳо дар рӯзҳои чоршанбе» (ҷилдҳои 1-3, солҳои 1925-1953), инчунин эссеи «Абдул Ало дар зиндон» (соли 1939), ки ба шоир ва файласуфи маҳбуб бахшида шудааст, барҳӯрдор мебошанд. Аз шумори асарҳои сершумори Тоҳо Ҳусейн оид ба таърихи ислом, ки ба он ӯ махсусан дар давраи баъдӣ аксар вақт муроҷиат мекард, китоби ӯ «Дар ҳошияҳои сират» (ҷилдҳои 1-3) мавриди таваҷҷуҳ буда, аз мунтахаби саҳнаҳои насрнависӣ иборат мебошад.

Бояд зикр кард, ки назарҳои Тоҳо Ҳусейн ҳамчун муаррих ва назарияпардози адабиёт асил набуда, ӯ онҳоро ба пуррагӣ аз шарқшиносони ғарбӣ қабул кардааст. Хизмати ӯ аз он иборат аст, ки ӯ дар миёни адабиётшиносони араб аввалин шуда, аз усулҳо ва методҳои адабиётшиносии арабӣ даст кашидааст.

Агар тамоми асри XIX зери порчаи азхудкунии таҷрибаи ҷаҳонии бадеӣ гузашта бошад, пас ду даҳсолаи аввали асри XX зери шиори мисрикунонии адабиёти муосир гузаштааст.

Тоҳо Ҳусейн ва тарафдорони ӯ бо майлу рағбати бузург тарҷумаҳои Фатҳ Зағлул аз забони фаронсавӣ, ас-Сибайӣ аз забони англисиро таҳқиқ намуда, бо мақолаҳои Ҷурҷӣ Зайдон дар «ал-Ҳилол» ва китобҳои ӯ оид ба таърихи адабиёт ва таърих шинос шуда, мақолаҳои Яъқуб Сарруф дар «ал-Муқтатаф», Шиблӣ Шуайил, Фараҳ Антун, Рашид Ридо дар «ал-Манор», Қосим Амин, Муҳаммад Абду ва дигаронро мутолиа мекарданд. Ба Т. Ҳусейн таъсири ҳалкунандаро шарқшиноси маъруфи фаронсавӣ Луи Массинон расонидааст. Зери роҳбарии ӯ Т. Ҳусейн рисолаи доктории худро навиштааст, ки ба фалсафаи Ибни Халдун бахшида шуда, дар он азхудкунии принсипҳои аврупоии адабиётшиносӣ аз ҷониби ӯ ба мушоҳида мерасад.

Дар соли 1926 ҷустуҷӯҳоро дар соҳаи методи муқоисавӣ-таърихӣ идома дода, Тоҳо Ҳусейн китоби «Дар бораи назми тоисломӣ»-ро ба нашр мерасонад. И.Ю. Крачковсий ин китобро ба тариқи зайл тавсиф мекунад: «Ду китоб дар давоми 30 соли охир туфони калонро дар адабиёт ва ҷамъияти арабӣ боис шуданд. Яке аз ҷониби ҳуқуқшинос Қосим Амин (1865-1908) навишта шуда, ба масъалаи зан дар Шарқи муосири мусулмонӣ бахшида шудааст, дуюмӣ аз ҷониби Тоҳо Ҳусейн ба нашр расида, дар он назми тоисломӣ баҳодиҳӣ карда мешавад».

М.Ю. Крачковский дар кори худ «Тоҳо Ҳусейн дар бораи назми тоисломии арабҳо ва интиқоди он» шаш «раддия»-и асосии ин китобро баён намуда, менависад, ки: «Агар китоби Тоҳо Ҳусейн дар бораи назми тоисломӣ дар яке аз забонҳои аврупоӣ пайдо мешуд, ба гумон аст, ки ӯ мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор мегирифт. Он ба силсилаи асарҳои сершумори илмӣ-оммавие дохил карда мешуд, ки ҳамчун мақсади худ баёни назария оид ба асолати асарҳои назми тоисломроо мегузоранд» [4, с. 196].

Китоби Тоҳо Ҳусейн «Дар бораи назми тоисломӣ» авҷи аълои таҳлили адабӣ дар ҳаёти ҷамъиятии Мисри солҳои 20-уми асри XX, ҷамъбасти марказонидашудаи даврони маърифатноксозие ба шумор меравад, ки дар адабиёти нави араб таърихи тулонӣ дорад.

Воизи зебоишиносии романтикӣ ва идеалистӣ дар адабиёт ва адабиётшиносии араб шоири мисрӣ Аббос Маҳмуд ал-Аққод (1889-1964) мебошад. Ӯ ҷонибдор ва пайрави фалсафаи муроқибати ботинӣ «ал-ғавания», ки як навъи интуитивизм буда, таълимоти фалсафии худро ба назарияи материалистии маърифат муқобил мегузошт.

Бояд қайд кард, ки аксари муҳаққиқони араб шахсияти ал-Аққодро ба шахсияти Томас Карлейл (1795-1881) монанд мекунанд, ки консепсияи қаҳрамонони ашрофи руҳониро, гӯё ки сарнавиштҳои таърих ва фарҳангро тағйир медоданд, инкишоф додааст. Назарияи шоирии ӯ ҳамчун назарияи нухбагон (элита) нигаронида шудааст. Ҳамин тавр, дар эҷодиёти ал-Аққод аз ибтидо таъсири фалсафаи оламонии идеалистӣ эҳсос карда мешавад.

Дар соли 1921 ду ҷилди «Девонҳо дар бораи интиқод ва адабиёт» аз нӯҳ ҷилде, ки аз ҷониби ал-Аққод ва ҳамкори ӯ – Иброҳим ал-Мазинӣ ба нақша гирифта, аз ҷониби онҳо барои баёни принсипҳои адабии худ дар санъат ва адабиёт таълиф шуда буданд, ба нашр мерасанд.

Фаъолияти адабӣ ва адабиётшиносии ал-Аққод аз тафриқаи минбаъдаи ҷомеаи Миср, ки онро бо роҳи муқоисаи мавқеи эҷодии ӯ бо мавқеи Салома Мӯсо ва Тоҳо Ҳусейн мушоҳида кардан мумкин аст, ба таври равшан шаҳодат медиҳад.

Ба ақидаи В.Воровский, дар ин давра наҳзатии инқилобӣ дар адабиёт ва адабиётшиносӣ ду навъи ниҳоии намояндагони зиёиёнро пешбарӣ мекунад. «Навъи якум ин навъи амиқан ҷамъиятӣ буда, аз вазъияти беҷони гурӯҳи худӣ...» ба ҷомеаи тартиби олие, ки ба фаъолияти бошууронаи эҷодӣ такя мекунад. Навъи дуюм хеле фардгароёна буда, радшавии худро аз ҷомеа дарднок ҳис карда ва аз ин сабаб ба он ҳамчун ба як навъ зиндоне нафрат ва хусумат дорад, ки ҳамчун идеали худ на неъмати умумӣ, балки танҳо озодӣ ва фазо барои фаъолияти шахсиятӣ интихоб кардааст» [1, с. 160].

Яке аз пайравони ал-Аққод – Муҳаммад Халиф ат-Тунисӣ кулли корҳои мунаққидонаи ӯро дар маҷмуаи «Фаслҳо аз нақд дар ал-Аққод» («Фусул мин ан-нақд инда ал-Аққад». Қоҳира) ҷамъоварӣ кардааст. Дар пешгуфтори маҷмуа ат-Туниси бартарияти усули адабӣ-мунаққидонаи ал-Аққодро тасдиқ намуда, ба усулҳои онҳое, ба монанди Тоҳо Ҳусейн, Аҳмад Амин, ар-Рафиӣ ва дигарон, дахл кардааст, ки назарҳо ва ақидаҳои худро ба ӯ муқобил гузошта, бо ӯ ба мубоҳисаҳои ғоявӣ-зебоишиносӣ пардохтаанд.

Ат-Тунисӣ, пеш аз ҳама, кӯшиш мекунад, ки хусусиятҳои хоси методологияи ал-Аққод, ки онро аз ҳамаи усулҳои пешинаи омӯзиш ва таҳқиқи асари бадеӣ фарқ мекунонанд, муайян кунад. Ӯ менависад: Ал-Аққод ба асари назмӣ таваҷҷуҳ мекунад, то ки шоирро дарк кунад, дар ҳоле ки доктор Тоҳо Ҳусейн дар бораи худи назм ҳарф зада, ба шоир диққат намедиҳад».

Аббос Маҳмуд ал-Аққод назмро ҳамчун инъикоси оинавии ҳиссиёт ва руҳияҳои шоире, ки комилан аз зиндагӣ дар инзиво қарор дорад, мешуморид.

Аббос Маҳмуд ал-Аққод принсипҳои ҳукмронии мутлақи рассомро аз болои маводи ҳаётӣ пешниҳод карда, барои ӯ субъективизми маҳдуднашуда ҳамчун принсипи муҳимтарини назару ақидаҳои зебоишиносиаш мегардад. Дар корҳои таҳқиқотӣ, аз қабили: «Ибни Румӣ – ҳаёти ӯ аз назмаш», «Даҳои офаранда», «Даҳои Умар», «Даҳои Муҳаммад», «Шайх Муҳаммад Абдо», ал-Аққод ба таҳлилу баррасии ин ё он он адиб ё шоир бидуни баррасии пешакии психикӣ-таҳлилии сифатҳои шахсии ӯ шуруъ намекунад. Ӯ чунин мешуморад, ки эҷодиёт ин инъикоси олами марҳамона-психологии шоир буда, ӯро аз таъсири воқеияти атроф дар инзиво қарор медиҳад.

Ҳамин тариқ, ал-Аққод аз мавқеи таҳлили психикӣ амал карда, аз саҳни интиқоди адаб тамоми бореро, ки аз ҷониби классикҳои адабиёти араб андӯхта шудааст, берун мепартояд.

Ал-Аққод субъективизмро ба соҳаи афкору ақидаҳои зебоишиносӣ интиқол медиҳад. Ӯ таъкид мекунад, ки адибе, ки шахсияти ӯро тавассути эҷодиёташ шинохта намешавад, сазовори мавриди таҳқиқ қарор гирифтан намебошад. Ҳамин тавр, ӯ дар «Ҷавҳари ғояҳо» (1912) менависад: «Ба он чиз нигоҳ кун, ки кӣ гуфтааст, на ба он, ки чӣ гуфта шудааст. Ман изҳорро дуруст фаҳмида наметавонам, агар ман муаллифи онро надонам ва бо зиндагиномаи ӯ муфассал шинос нестам...» [3, с. 69].

Яке аз хусусиятҳои хоси адабиёти Шарқ дар он буд, ки нависандагони алоҳида аз паси ҳаракати умумии адабиёти воқеъбинонаи мамолики пешрафти Аврупо намерафтанд, балки ба андозае ба сатҳи он наздик мешуданд. Пайдоиши чунин нависандагон бо он алоқаманд буд, ки дар мамолики Шарқ қишри худии зиёиёне, ки бо илм, адабиёт ва ҳаёти ҷамъиятии кишварҳои пешрафтаи Аврупо шинос буд, ташаккул меёфт. Ҷаҳонбинии онҳо аз биниши маънавии олам раҳоӣ ёфта, муждадиҳандагони аввалини самтҳои зиёди адабӣ буда, худи самтҳои мазкур дертар ба расмият даромада, аҳаммияти ҷамъиятӣ пайдо карданд.

Намунаи равшани гуфтаҳои боло Саломи Мӯсо ва нақши ӯ мебошад, ки ӯ дар рушди адабиёти баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳон бозидааст. Дар китоби машҳураш «Ташаккулёбии Саломи Мӯсо» ӯ ба хотир меорад, ки ҷаҳонбинии ӯ зери таъсири фарҳанги англисии он давра, вақте ки назарияи эволютсионии Дарвин, ғояҳои сотсиалистӣ дар миёни зиёиёни англис мавриди таваҷҷуҳи калон қарор гирифта буданд, ба ташаккул ёфтан шуруъ кардааст.

Баъди бозгашт аз Англия (1913), С. Мӯсо китоби «Сотсиализм»-ро ба нашр расонида, дар он қайд мекунад, ки ҷомеаи адолатпарварро бидуни пурра ба даст овардани истиқлолияти комил бунёд кардан номумкин аст.

Фаъолияти Салома Мӯсо аз ҷониби нақди арабии Миср баланд арзёбӣ карда мешавад. Ҳамин тавр, Маҳмуд Амин ал-Алим дар бораи С. Мӯсо чунин навиштааст: «Дар ҷомеае, ки дар исканҷаи империализм, феодализм, қафомондагии иқтисодӣ, рукуди зеҳнӣ ва адабӣ нафасгир мешуд, назарҳои ӯ, ки бо боварӣ ба илм, пешрафт, сотсиализм фаро гирифта шуда буданд, инқилоби ҳақиқӣ ба шумор мерафт».

Дар соҳаи таҳқиқоти арабӣ ва исломӣ ҳам дар Шарқ, ҳам дар Ғарб дар асри XX профессори Донишгоҳи Амрикоии Бейрут Эҳсон Аббос (тав. 2 декабри соли 1920 – ваф. 29 июли соли 2003) ҳамчун симои пешбар ба шумор мерафт [8]. Ӯ муаллифи зиёда аз 100 китоб [9, с. 4] буда, ҳамчун яке аз муҳаққиқони пешбари забон ва адабиёти арабӣ маъруф буда, ҳамчун мунаққиди адабӣ соҳибэътибор буд [15, с. 184]. Баъди вафоташ Эҳсон Аббос аз ҷониби муаррихи Коллеҷи донишгоҳии Лондон Лоуренс Конрад ҳамчун нигоҳдорандаи мерос ва фарҳангӣ ва симое, ки донишҳояш дар тули даҳсолаҳо дар ҳаёти зеҳнӣ ва фарҳангии Шарқи Наздик аз аҳаммияти калон бархӯрдор буданд, таърифу тавсиф шудааст.

Дар тули ҳаёташ Эҳсон Аббос адиб ва нависандаи пурмаҳсул буда, луғатномаи тарҷумаиҳолии одамони баландмаърифати Ибни Бассоми асри XII-и нимҷазираи Иберияро якчанд маротиба ба нашр расонида, онҳоро дар ҳашт ҷилди «бузург» таҳрир кардааст [12, с. 18-19]. Таҳлили назми Абдуваҳҳоб ва маъниҳои истинодҳои Баётӣ ба Сизиф ва Прометей аз ҷониби Шмуэл Мореҳ мавриди интиқод қарор гирифт; Аббос истинодҳоро ҳамчун ташбеҳи фалсафӣ мешуморид, дар ҳоле ки Мореҳ онҳоро бо инқирози ҳизби коммунистии Ироқ алоқаманд мекард [14, с. 256].

Аббос ба таърихи адабиёт ва нависандагони араб саҳми калон гузошта, инчунин барои ҷамъоварӣ ва компилатсияи кори Абдулҳамид ал-Котиб дар соли 1988 масъул буда, мактубҳои бойгонии байни котиби Уммавиён ва халифи охирини империяро, ки ба фаъолияти дохилии сулола дар рӯзҳои охирини ӯ равшанӣ меандозанд, кушода медиҳад [13, с. 200]. Ӯ инчунин, яке аз муаллифони камшуморе ба ҳисоб мерафт, ки хориҷиҳо, ҷараёни ҳоло азбайнрафтаи исломро ба назари танқид мавриди таҳлил қарор додааст [10, с. 84]. Сарфи назар аз худдорӣ дар ифшои эътиқодоти худ, Эҳсон Аббос исломи суннимазҳабро ҷонибдорӣ карда, ба мактаби фиқҳи Заҳирӣ майл дошт. Ӯ барои эҳёи корҳои Ибни Ҳазм, яке аз файласуфони асосии мактаб ва ислом дар маҷмуъ масъул буда, аксари онҳоро таҳрир ва дубора нашр карда, ҳатто корҳои қаблан нашрнашуда оид ба назарияи ҳуқуқи Ибни Ҳазмро аз бойгониҳои гуногун дарёфт кардааст [7, с. 98].

Эҳсон Аббос инчунин, дар як қатор лоиҳаҳои муштарак дар ҷараёни фаъолияти касбии худ иштирок кардааст. Ӯ дар қатори К.Э. Босворт, Ҷ. Ласснер, Э. Ёршатер ва Ф. Розентал дар ҳайати таҳририяи китоби В.М. Уотт «Муҳаммад дар Макка» кор кардааст. Аз соли 1951 то соли 1952 Эҳсон Аббос якҷоя бо Аҳмад Амин ва Шавқӣ Зайф тазкираи саҳми мисриён ба назми арабӣ дар асри миёнаро, ки қаблан кам ё тамоман вуҷуднадошта фикр карда мешуд, таҳрир намуда, дубора нашр карданд [11, с. 47].

Назмшиносӣ, услубшиносӣ ва гунашиносии адабиёти араб, робитаҳои мутақобилаи он бо адабиёти дигар ва таърихи арабшиносӣ барои илми арабшиносӣ анъанавӣ буда, аксарияти онҳо дар илми мазкур дар давоми замони тулонӣ мавриди омӯзиши пуршиддат қарор гирифтаанд. Ба коркарди онҳо саҳми назаррасро олимони рус, пеш аз ҳама, И.Ю. Крачковский ва А.Е. Кримский, ки таҳқиқоти навоваронаи нимаи дуюми асри XX-и онҳо аз бисёр ҷиҳат симои илми ҷаҳонии арабшиносии филологиро муайян кардаанд, гузоштаанд.

Муваффақиятҳои назаррастарро дар омӯзиши адабиёти асримиёнагии арабҳо И.Ю. Крачковский ноил шудааст. Яке аз хизматҳои асосии ӯ аз он иборат буд, ки ӯ кӯшиш мекард принсипҳои арзёбии худвижагии инфиродӣ-муаллифии ин ё он шоирро муайян карда, эҷодиёти ӯро дар анъанаи дахлдори жанрӣ, дар асарҳои пешгузаштагон ва ҳамасронаш инъикос мекард. Ӯ ба қавли худаш саъй мекард, «пайдоиш ва таҳаввули навъҳои алоҳидаи эҷодиёти шоирӣ» ва «физиономияи инфиродии шоирони алоҳида пайгирӣ карда шаванд». Моҳиятан, ҳамаи асарҳои сершумори И.Ю. Крачковский оид ба масъалаҳои мазкур вазифаи бузурги ба хонандаи муосир пешкаш намудани калид ба фаҳмидан ва дарк намудани олами эҷодии асарҳои даврони дурро доштанд. Маҳз дар робита ба ин, ӯ ба назарияҳои арабии эҷодиёти шоирӣ муроҷиат карда, дуруст тахмин мекард, ки барои муайян кардани арзиши зебоишиносии назми асримиёнагии араб, ҷойгоҳи ин ё он шоир дар таърихи назми арабӣ ҷалби «назарияҳои маҳалли арабӣ» ва «нуқтаҳои назари мунаққидони араб» зарур мебошад.

Ба шумори ғояҳои арабшиносии А.Е. Кримский, ки то имрӯз аҳаммияти бешубҳаи илмии худро нигоҳ доштаанд, бояд он ғояҳое низ нисбат дода шаванд, ки бо омӯзиши даврааи баъдиасримиёнагии адабиёти араб, аз ҷумла адабиёти арабии «мардумӣ» ва адабиёти нави араби асрҳои XIX-аввали асри XX алоқаманд мебошанд. Олими мазкур яке аз аввалинҳо шуда, дар илми ҷаҳонӣ ба муҳайё сохтани пешзаминаҳои назариявӣ-адабиро барои муайян кардани аҳаммияти пойдори адабиёти араби ин даврaҳо оғоз карда, зарурати омӯзиши ҳамаҷонибаи онҳоро исрор мекард.

Осори И.Ю. Крачковский ва А.Е. Кримский ҳоло садои навро дар робита ба афзоиши таваҷҷуҳ дар мамлакатҳои гуногун ба назарияҳои асримиёнагии адаб, масоили назмшиносии таърихӣ, адабиёт ва фарҳанги баъдиасримиёнагии арабҳо касб карда истодаанд. Дар тули ним асри охир илми арабшиносӣ кори зиёдеро анҷом додааст. Варосатро нисбат ба арабшиносии асри XIX – нимаи аввали асри XX нигоҳ дошта, он ба таҷдиди назарраси тасаввурот дар бораи классикаи араб қодир буда, бо ғояҳои илми ҷаҳонӣ, ки дар илми асримиёнашиносӣ, фарҳангшиносӣ, адабиётшиносии муосавӣ, назарияи адабиёт ва соҳаҳои дигар пешрафти назаррасро ба амал овардааст, фаро гирифта шавад.

Дар китоби А.Б. Куделин [5] таҳқиқоте мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, ки ташаккул, инкишоф ва табдили принсипҳои эҷодиёт дар адабиёти араб дар давоми даврааи тулонӣ: аз даврааи барвақтии асримиёнагӣ то замони навтарин пайгирӣ карда мешаванд. Ҷойгоҳи марказиро дар он инъикоси назмшиносӣ ва услубшиносии адабиёти араб дар заминаи васеи фарҳангӣ-таърихӣ дар даврони ҳукмронии навъи суннатгароии шуури бадеӣ, тавсифи динамикаи принсипҳои шоиршиносӣ дар раванди гузариш аз эҷодиёти архаикии шифоҳӣ ба марҳилаи баркамол, хаттии адабиёти асримиёнагӣ бо таҷзияи минбаъдаи ин принсипҳо ҳангоми ташаккулёбии низоми адабии замони нав ишғол менамояд. Баррасии масъалаҳои назмшиносӣ ва гунашиносии адабӣ бо таҳлили ҳамкории адабиёти араб бо адабиёти дигар ва муайян кардани хусусиятҳои хоси чунин ҳамкорӣ дар даврони гуногуни адабӣ якҷоя карда шудаанд.

Ниҳоят, дар омӯзиши адабиёти муосири араб дар асри XX таҳиқоти сершумор ба иҷро расидааст. Осори илмии арабшиносони барҷаста И.Ю. Крачковский, А.Е. Кримский, Х.В. Ода-Василева, А.А. Долинина, В.Н. Кирпиченко, С.В. Пригожина, инчунин таҳқиқоти адабиётшиносон, мунаққидони араб, ба монанди Мустафо Шокир, Зайф Шавқӣ, Ҳусейн Мурувва, Муҳаммад Мандур, Эҳсон Аббос ва дигарон ҳамчун асоси методологии таҳқиқи равандҳои адабӣ дар мамлакатҳои араб хизмат кардаанд.

Адабиёт:

1. Воровский В. Литературная критика. – М., 1971.
2. Имангулиева А.. Ассоциация пера и М. Нуайме. – М., 1975.
3. Касымходжаев А. Борьба идей в литературной жизни Египта. –Т., 1983.
4. Крачковский И.Ю. Избранные сочинения. М., – Л., 1956 г., Том

5. Куделин А. Б. Арабская литература: поэтика, стилистика, типология, взаимосвязи / Рос. академия наук. Ин-т мировой литературы им. А. М. Горького. — М.: Языки славянской культуры, 2003. — 512 с: ил. — (Studia philologica). ISSN 1726-135X. ISBN 5-94457-121-7.

6. Нуайме М. Мои 70 лет, – М., 1980.

7. Adam Sabra, Ibn Hazm's Literalism: A Critique of Islamic Legal Theory. Taken from: Ibn Ḥazm of Cordoba: The Life and Works of a Controversial Thinker, p. 98. Vol. 103 of Handbook of Oriental Studies, Section 1: The Near and Middle East. Eds. Camilla Adang, Maribel Fierro, and Sabine Schmidtke. Leiden: Brill Publishers, 2012. ISBN 9789004234246.

8. Eight scholars from around world to be awarded honorary degrees. The University of Chicago Chronicle, Vol. 13, No. 4, October 14, 1993.

9. Einboden, J. Call me Ismāʾīl": The Arabic Moby-Dick of Iḥsān Abbās. Leviathan, vol. 12 no. 1, 2010.

10. Hussam S. Timani, Modern Intellectual Readings of the Kharijites, p. 84. Vol. 262 of American University Studies, Series VII: Theology and Religion. Bern: Peter Lang, 2008.ISBN 9780820497013.

11. Mazyad A. M. H., Ahmad Amin, page 47. Leiden: Brill Archive, 1963.

12. Peter C. Scales, The Fall of the Caliphate of Córdoba: Berbers and Andalusis in Conflict, pp. 18–19. Vol. 9 of Medieval Iberian Peninsula: Texts and studies. Leiden: Brill Publishers, 1993. ISBN 9789004098688.

13. Ṣāliḥ Saʻīd Āghā, The Revolution which Toppled the Umayyads: Neither Arab Nor ʻAbbāsid, p. 200. Vol. 50 of Islamic History and Civilization Series. Leiden: Brill Publishers, 2003. ISBN 9789004129948.

14. Shmuel Moreh, Modern Arabic Poetry: 1800 – 1970; the Development of Its Forms and Themes Under the Influence of Western Literature, p. 256. Vol. 5 of Studies in Arabic literature: Supplements to the Journal of Arabic Literature. Leiden: Brill Publishers, 1976. ISBN 9789004047952.

15. Suheil Bushrui, Jubran Khalil Jubran. Taken from "Essays in Arabic Literary Biography: 1850–1950," p. 184. Vol. 3 of Essays in Arabic Literary Biography, Band 17. Eds. Roger M. A. Allen, Joseph Edmund Lowry and Devin J. Stewart. Wiesbaden: Harrassowitz Verlag,

АЗ ТАЪРИХИ НАҚДИ АДАБИИ АРАБ

Дар мақола баъзе ҷанбаҳои таърихи нақди адабии наср ва назми арабҳо ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Муаллиф ба раванди ташаккул ва инкишофи нақди адабии арабҳо аз ибтидо то асри ХХ равшанӣ андохта, таъкид мекунад, ки назмшиносӣ, услубшиносӣ ва гунашиносии адабиёти араб, робитаҳои мутақобилаи он бо адабиёти дигар ва таърихи арабшиносӣ барои илми арабшиносӣ анъанавӣ мебошанд. Нақди адабӣ дар арабҳо дар асрҳои миёна ба вуҷуд омадааст. Қайд карда мешавад, ки агар дар аҳди қадим қонуни арабии шеърӣ ҳамчун урф, ҳамчун маҷмуи муайяни усулҳои ба таври стихиявӣ дар раванди амалия ташаккулёфтаи шоирӣ ба миён омада бошад, пас аз асри IX сар карда, талабот ба дарк ва низомбандии онҳо, инчунин таҳияи меъёрҳои арзёбикунӣ ба вуҷуд меояд. Дар низоми адабиётшиносии муосири араб ва нақди адабӣ на танҳо олимон-филологҳо, балки амалияпардозон, муаллифони романҳо, ҳикояҳо, ашъори нав низ ҳузур доранд. Натиҷагирӣ карда шудааст, ки дар омӯзиши адабиёти муосири араб дар асри ХХ таҳиқоти сершумор ба иҷро расидааст. Ҳамчун асоси методологии таҳқиқи равандҳои адабӣ дар мамлакатҳои араб осори илмии арабшиносони барҷаста И.Ю. Крачковский, А.Е. Кримский, Х.В. Ода-Василева, А.А. Долинина, В.Н. Кирпиченко, С.В. Пригожина, инчунин таҳқиқоти адабиётшиносон, мунаққидони араб, ба монанди Мустафо Шокир, Зайф Шавқӣ, Ҳусейн Мурувва, Муҳаммад Мандур, Эҳсон Аббос ва дигарон хизмат кардаанд.

Калидвожаҳо: нақди адабӣ, адабиёти араб, мунаққид, адабиётшиносӣ, назмшиносӣ, услубшиносӣ, Миср, зиёиён, адиб, нависанда, назм, наср, филолог.

ИЗ ИСТОРИИ АРАБСКОЙ ЛИТЕРАТУРНОЙ КРИТИКИ

В статье рассматриваются некоторые аспекты истории литературной критики в арабской прозе и поэзии. Автор освещает процесс становления и развития арабской литературной критики от ее зарождения до XX века, подчеркивая, что изучение поэзии, стилистики и типологии арабской литературы, ее взаимосвязей с другими литературами, историей арабистики является традиционным для тардиционной арабистики. Литературная критика зародилась у арабов в средние века. Отмечается, что если в древности арабский поэтический канон возник как традиция, как определенный набор поэтических приемов, стихийно сформировавшихся в процессе практики, то начиная с IX века возникла необходимость в их осмыслении и систематизации, а также в выработке критериев оценки. Система современного арабского литературоведения и литературной критики включает в себя не только ученых-филологов, но и практиков, авторов романов, рассказов, новых поэм. Сделан вывод о том, что в XX веке были проведены многочисленные исследования по изучению современной арабской литературы. В качестве методологической основы изучения литературных процессов в арабских странах использованы научные труды видных арабских таких ученых, как И.Ю. Крачковский, А.Е. Крымский, Х.В., Ода-Васильева, А.А. Долинина, В.Н. Основой для этого послужили работы Кирпиченко, С.В., Пригожина, а также исследования литературоведов и арабских критиков, таких как Мустафа Шакир, Заиф Шауки, Хусейн Мурувва, Мухаммад Мандур, Эхсан Аббас и др.

Ключевые слова: литературная критика, арабская литература, критик, литературоведение, поэтика, стилистика, Египет, интеллигенция, литератор, писатель, поэзия, проза, филолог.

FROM THE HISTORY OF ARAB LITERARY CRITICISM

The article reviews some aspects of the history of Arab literary criticism in prose and verse. The author sheds light on the process of formation and development of Arab literary criticism from its beginnings to the 20th century, emphasizing that the study of poetry, stylistics and typology of Arabic literature, its interaction with other literatures, and the history of Arab studies are traditional for the science of Arab studies. Literary criticism arose among the Arabs in the Middle Ages. It is noted that if in ancient times the Arabic poetic canon arose as a tradition, as a certain set of methods spontaneously formed in the process of poetic practice, then starting from the 9th century, it is arose the need for their understanding and systematization, as well as the development of evaluation criteria. In the system of modern Arab literary criticism and literary criticism, there are present not only philologists, but also practitioners, authors of novels, stories, and new poems. It is concluded that numerous studies have been carried out in the study of modern Arabic literature in the 20th century. The methodological basis for the study of literary processes in Arab countries was the scientific works of prominent scholars I.Yu. Krachkovsky, A.E. Krymsky, H.V. Oda-Vasileva, A.A. Dolinina, V.N. Kirpichenko, S.V. Prigozhin, as well as the studies of literary scholars and Arab critics, such as Mustafa Shakir, Zaif Shawqi, Hussein Muruvva, Muhammad Mandur, Ehsan Abbas and others.

Keywords: literary criticism, Arabic literature, critic, literary studies, poetry, stylistics, Egypt, intellectuals, writer, poetry, prose, philologist.

Маълумот дар бораи муаллиф: Саидзода Одинааҳмад Сайдамир, номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи филологияи арабии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. E-mail: Odinahmad-94@mail.ru тел: (+992) 988-96-10-26

Сведения об авторе: Саидзода Одинахмад Саидамир, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры арабской филологии факультета восточных и европейских языков Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: Odinahmad-94@mail.ru тел: (+992) 988-96-10-26

Information about the author: Saidzoda Odinahmad Saidamir, candidate of philological sciences, senior lecturer of the department of arabic philology of the faculty of oriental and european languages of the Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: Odinahmad-94@mail.ru tel: (+992) 988-96-10-26

ТДУ:8Т2
ТКБ:83
З-60

ТАБЛИҒИ ДӮСТИВУ РАВОБИТИ ФАРҲАНГИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САФАРНОМАҲОИ ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Зикиряева М., н.и.ф., дотсент
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров»

Даврони истиқлолият, ки замони эҳёи равобити дӯстонаву ҳасана бо кишварҳои ҳамзабону ҳамсояи мо Эрону Афғонистон, Ҳиндустон, Чин, Ҷопон, Ӯзбекистон ва мамолики дигари ҷаҳон ва даврони муҳимми ҳамкориҳои иқтисодиву сиёсӣ ва фарҳангӣ гардид, барои пайваста сафар кардани гурӯҳҳову ҳайати махсуси кории ходимони давлативу ҷамъиятӣ, олимону адибон, ҳунармандону санъаткорон ба ин кишварҳо шароити мусоид фароҳам овард. Ин буд ки адибону рӯзномнигорон бо вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии ин кишварҳо ошноӣ пайдо намуда, мушоҳидаҳои хешро аз ин вохӯриву ошноиҳо бо муҳити тозаву навомӯз тариқи жанри сафарнома ифода менамуданд.

Адабиётшинос Саъдулло Асадуллоев ҳамбастагии адабиёти ибтидои асри XX -и форсии тоҷикро дар интишори осори мустанад, чун сафарномаву саёҳатномаҳо мебинад, ки намунаи аввалини он «Саёҳатномаи Иброҳимбек» ном дошта, онро нависандаи муҳоҷири эронӣ Зайнулобидини Мароғайӣ иншо кардааст. [5, с. 20]

Бино ба гуфтори муаллифони китоби «Ҳамосаи инсони кор» бошад, «насри мустанади тоҷик аз очерки сафарӣ хуб бархурдор аст. Ҳанӯз дар «Колхози Коммунизм» ва «Канали Тӯқсанкорез»-и устод С. Айнӣ таъсири ин жанр мушоҳида мегардад. Намунаҳои хуби очерки сафариро дар осори С. Улуғзода, М. Миршакар, Ҷ. Икромӣ, А. Деҳотӣ, Ғаффор Мирзо, Ф. Муҳаммадиев, Ш. Ҳаниф, Б. Муртазоев ёфтан мумкин аст. Ҷиҳати ҷолиби очеркҳои муаллифони номбурда мушоҳидаҳои мӯшикофонаи онҳо ҳангоми сафар ба Украинаву Ӯзбекистон, Японияву Афғонистон, Сибиру Шарқи Дур ва навоҳии кӯҳистони ҷумҳуриямон мебошад». [6, с. 55]

Намунаҳои сафарнома дар эҷодиёти адибон ва рӯзноманигорони давраи истиқлолият бисёр ба назар мерасад Аз ҷумла, дар насри аҳди истиқлолият рӯзноманигор Муҳиддини Олимпур зери унвони «Сафаргуфтаҳо аз Лос-Анҷелос» маводи мусаввар пешниҳод намудааст, ки аз ҷараёни зиндагии форсизабонони муқими Амрико маълумот медиҳад.

Пас аз чанде Олимпур сафарномаи дигари худро таҳти унвони «Эрон бӯи модар мекунад» интишор намуда, барои таҳкими равобити фарҳангии ду кишвари ҳамхуну ҳамнажод саҳми муносиби хешро гузошт.

Сафарномаи Абдулҳамиди Самад «Кишвари лутфу ширинсуханон» мушоҳидаҳои нависанда аз сафараш ба Ҷумҳурии Исломии Эрон аст, ки соли 1993 ҳамроҳи шоир Гулназар ва шахсиятҳои расмии ҳукумати ҷумҳурӣ аз ин кишвар боздид ба амал овардааст. Муаллиф дар оғози сафарнома бесарусомониҳои ҷанги шаҳрвандиро ёдрас мешавад, ки аз он тамоми тоҷикон дилгир шудаанд. Оташи ҷанги нангину бемаънӣ гурӯҳҳои зиёдеро асири худ карда, боиси тавлиди кинаву кудурат, маҳалгароӣ, хунрезиву қурбониҳо, вайронии шаҳру деҳот мегардад. Ҷое нависанда бо ҳаммиллатон ва тақдири нобасомони худу онҳо меситезад: «Имсол, ба касофати воқеаҳои хунин ба зиёрати зодгоҳ ва мазори аҷдодон, аёдати модари пир расида натавонистам. Магар ин бадбахтӣ нест, ки инсон дар ватанаш худро ҳақир, зору нотавон ва дар таҳлука эҳсос бикунад?» [5, с. 289]

Ҳарчанд қабл аз сафар нависанда ва ҳайати ҳамсафарони ӯ аз вазъи нооромии ҷумҳурӣ хавотирӣ мекашанд, аммо дилашон мехоҳад бо дидори Эрони афсонавӣ, маркази тамаддуни ҷаҳонӣ, зиёрати оромгоҳи бузургони шеъру адабиёти форсӣ қалбҳои озурдаи худро оромиш диҳанд.

Ҳамин гуна, Абдулҳамид Самад аз дидору суҳбатҳо ва маҳфилҳое, ки дар шаҳрҳои Теҳрону Шероз ва Машҳад баргузор гардид, нақл карда, табиати бисёр музофоти Эронро бо табиати Тоҷикистон қиёс мекунад, аз шеърдониву лутфу марҳамати дӯстони эронияш хушнуд мешавад.

Нависанда муҳити хуби фарҳангии Эрон, мушоараҳоро тавсиф намуда, муносибату дӯстдории мардуми ин сарзаминро ба китобу нашрияҳо, мероси ниёгон тасвир менамояд. Ҳамчунин, ӯ аз боби таърихи ҳамкории зиёиёни ин кишварҳо, чун муносибати дӯстонаи устод Садриддин Айнӣ ва Саид Нафисӣ, доктор Хонларӣ ва Абдулғанӣ Мирзоев, Нодири Нодирпур, Сиёвуши Касроиву Мӯъмин Қаноату Лоиқ Шералӣ ва дигарон ёд мекунад. Ба андешаи нависанда мардуми Эрон нисбати тоҷикон ҳамеша хайрхоҳанд. Воридшавии даҳҳо ҳазор нусха адабиёти бадеиву илмӣ, китоби дарсии «Алифбо» бо расмулхати форсӣ ва дигар тадорукот далели ин гуфтаҳоянд.

Сафарномаи мукаммали Ҷумҳурии Исломии Эрон ба қалами Карим Қодиров мутааллиқ буда, «Хотироте аз сафари Эронзамин» унвон дорад. Китоб сафарномаи мукаммал буда, соли 2003 бо ҳуруфоти форсиву кириллӣ ба табъ расидааст. Карим Қодиров аз таърихи шаҳрҳо, мазору мақбараҳо, боғу манозили истироҳатӣ, роҳҳо, осорхонаву китобхонаҳо, инчунин аз рӯи нақли мизбонон таърихи мухтасари баъзе шаҳру маҳалҳоро зикр менамояд [1].

Сафарнома аз сарсухан, фаслҳои «Шероз аз гузашта то кунун», «Таърихчаи мухтасари Шероз», «Шерози имрӯз», «Тахти Ҷамшед», «Боғи Дилкушо», «Боғи Афифобод», «Эрон-кишвари бузург» ва амсоли ин иборат буда, дар хусуси табиат, иқлим, хоҷагидорӣ, истеҳсолот, тиҷорат, захираҳои зеризаминӣ, маъданҳо, боғу зироат, саноат, аҳолӣ, қавмияту миллатҳои маскуни Эрон, забон, хат, мабдаи таърих ва парчам, вижагиҳои инсонӣ ва иҷтимоӣ маълумоти муфассал медиҳад.

Ёддошт ҳам бо сафарнома умумияти махсус дорад. Тафовут танҳо дар он аст, ки ёддошт танҳо бозгӯи муҳиммоти мусофират нест, балки шарҳи рӯзгори гӯянда мебошад. Соҳиби ёддошт вобаста ба майлу рағбати худ як ё аз он зиёд марҳилаҳои зиндагии худро рӯи коғаз меорад. Дар адабиётшиносии рус гоҳо миёни ёддошт ва насри мустанад ё ҳуҷҷатӣ қаробат гузошта мешавад. Истилоҳи мемуарро низ ба маънии хотироту ёддошт мақбул мешуморанд.

Хотиранигорӣ ва ёддоштнависӣ дар замони шуравӣ мактаби хоси эҷодӣ дониста мешуд. Аз устодон Айниву Улуғзода шуруъ карда, адибони зиёде ин жанрро вусъат бахшиданд. Намунаи олии аз ҷониби шоирон таълиф гардидани ёддошт «Ёди ёри меҳрубон»-и Мирсаид Миршакар мебошад.

Асари ёддоштии Мирсаид Миршакар аз мақолаҳои ҷудогона иборат буда, гӯянда дар ҳар яки он муносибати фардии худро ба намояндагони илму адаб, санъату фарҳанги тоҷик ва халқҳои Иттиҳоди шуравӣ иброз намудааст. Пайванди дӯстӣ барқарор намудани нависанда бо аҳли зиёи даврони шуравӣ танҳо манфиатҳои фардии гӯяндаро дар пай надошта, аз аҳаммияти умумихалқӣ бархурдор аст. Равиши тасвири ҳодисаҳо дар асар ду навъ сурат гирифтааст. Дар баъзе мавридҳо нависанда ба мушаххасу муъҷазбаёнӣ аҳаммият дода, гоҳо ба масоили зиёд ҷузъӣ нигоҳ мекунад. Шояд ӯ мехоҳад дар атрофи воқеаҳои маълум ба тафсил сухан нагӯяд ва ин ҳол бо тақозои мавзуъ рух додааст. Миршакар дар тамоми сафарҳояш ба ҷумҳуриҳо ва давлатҳо фарҳанги миллӣ, навовариҳои замонӣ ва тамаддуни бостонии халқи тоҷикро тарғиб намудааст. Дар асар усули нигориши тарҷумаи ҳол, ёддошт, сафарнома, хотира ва мақолаи публитсистӣ дида мешавад. [3]

Аз ин рӯ, мактаби ёддоштнависии шоири тоҷик М.Миршакар таъсири муайяне дар рушди ин жанр боқӣ гузоштааст.

Бояд тазаккур дод, беҳтарин намунаи ёддоштро дар адабиёти қарни XX «Ёддоштҳо»-и устод Садриддин Айнӣ (бо иловаи нашри нави «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро») эҷод намудааст. «Рӯзнома»-и Садри Зиё низ аз шумори чунин осорест, ки бо назардошти риояи қонунияти жанрии ёддошт рӯи коғаз омадааст.

Дар даврони истиқлолият ёддоштнависӣ равнақ ёфт. Нависандагони мо ҳамчун шореҳи авзои сиёсиву иҷтимоии кишвар бо таълифи ин гуна осор мехоҳанд ҳақиқати зиндагии мардумро тасвир намуда, садоқат, матонат, шуҷоати шахсиятҳои барҷастаи сиёсӣ, зиёиён ва намояндагони дигар табақотро чун намунаи ибрати дигарон нишон диҳанд.

Осори ёддоштии даврони истиқлолият ҳам аз ҷониби як муаллиф ва ҳам ба тариқи маҷмуаи гузоришоту мақолаҳо навишта мешаванд. Китоби «Оламафрӯз»- и Холмурод Шарифов, ки ҳанӯз соли 1992 эҷод шудааст, ёдномаи чеҳраҳои мунири адабиёту фарҳанги миллии мо, амсоли Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Малика Собирова, Маҳмудҷон Воҳидов маҳсуб мешавад.

Профессор А.Сайфуллоев дар шумори ин асарҳо китоби дастаҷамъии «Маҳбуби ҳар хонадон», очерки таҳқиқотии Кӯҳзод «Акашариф. Борбади асри XX», осори ҳуҷҷатии Ҳикмат Раҳмат «Гардиши айём» дар бораи шоир, насрнавис, ходими давлатӣ Ҳабибулло Назаров, ёддоштҳои донишмандон ва нависандагон М.Шакурӣ, М.Қаноат, Ф.Муҳаммадиев, Д.Раҷабӣ ва дигарон оид ба Толис «Даруни синааш сад орзу буд», хотираҳои Убайд Раҷаб дар бораи устоди равоншод Мирзо Турсунзода «Зинда ба ишқ» (2001) ва низ маҷмуаи дастаҷамъии аҳли илму адаб роҷеъ ба эшон «Ошёни меҳр», Сорбон Лоиқнома", «Лоиқнома»-и нашри Хуҷанд-асари дастаҷамъӣ, «Марсияи хуршед- сӯгномаи устод Лоиқ», очеркҳои публитсистии Карим Абдулов «Лоиқи миллат», Усмонҷон Ғаффоров «Султони диёри сухан» зикр менамояд, ки дар инкишофи насри мустанад саҳм гирифтанд .

Жанри ёддошт дар осори тозаэҷоди Кароматуллоҳи Мирзо аз вижагиҳои хос ва услуби тозаи таълиф бархурдор аст.

Қиссаи ҳаҷман калони ёддоштии «Ситораҳои паси абр» дар заминаи ҳуҷҷату аснод рӯйи коғаз омадааст. Қаҳрамонони асосии асар эшони домулло Мирзо-падари нависанда, бародараш Меликхоҷа, бобоёнаш, Амирҳайдар ва эшони Ҳалим, Маҳкамбибӣ модари ӯ ва дигар пайвандони хонаводагии нависанда маҳсуб мешаванд. [2]

Нависанда дар ин асари ёддоштии худ на танҳо тақдири авлоди хеш, балки як давраи мухтасари таърихи тоҷиконро низ фаро гирифтааст. Тафсилоти ӯ бештар ба фаъолияти босмачиён Иброҳимбек, Раҳмондодхоҷ ва Носирхитой оиданд. Нависанда дар бораи муаллимон, зиёиён ва равшанфикрони водии Ҳисор маълумоти сареҳ дода, бо ин роҳ ҷанбаи публитсистии асари худро неру бахшидааст.

Ҳамчунин, дар китоби захими «Ситораҳои паси абр» Кароматуллоҳи Мирзо чанд ёдномаи дигари худро низ ҷой додааст, ки аз заҳматҳои пайвастаи адибону олимон, шоирону нависандагони тоҷики садаи XX ҳикоят мекунанд.

Ёдномаҳои муаллифи мазкур дар қисмати чаҳоруми китоб, дар шонздаҳ мақолаи ҷудогонаи ёддоштӣ фароҳам омадааст. Нависанда бо риояи пайванди андеша миёни мақолаҳо хотироти худро дар бораи рӯзгору осор, хулқу атвор, донишу фазилат, ҷавонмардиву шуҷоат ва дар маҷмуъ зиндагиномаи устодону ҳамқаламон сафҳагардон менамояд. Кароматуллоҳи Мирзо аз боби дӯстиву ошноияш бо Лоиқ Шералии шарикдарс, ҳамкориву рафоқати самимонааш бо Қутбӣ Киром, Аълохон Афсаҳзод, Ҳабибулло Назаров, Моҳирхӯҷа Султонзода, меҳрубониҳои устодон Тилло Пӯлодӣ, Пӯлод Толис, Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода ва ҷумлаи аҳли қалам сухан мегӯяд.

Ҳамин тавр, бо нигариши куллӣ ба махсусиятҳои жанрии очерк, сафарнома ва ёддошт мушаххас мегардад, ки дар насри даврони истиқлол муҳимтарин падидаҳои тозаеро ҳастӣ бахшиданд, ҳарчанд қисмате аз онҳо асолати худро аз анвои ҳамноми худ аз насри классикӣ берун овардаанд.

Ҳамин тавр, метавон зикр кард, ки аз муҳимтарин омилҳои сиёсӣ ва иҷтимоии ривоҷи сафарноманависӣ ва ёдоштнависӣ дар насри даврони истиқлол тақвияти робитаву ҳамкориҳо бо кишварҳои хориҷии дуру наздик маҳсуб мешавад. Нависандагон ҳамчун

намояндаи давлати мустақил баробари тасвири воқеии дидаву мушоҳидаҳои худ ғояву ормонҳои умумибашарӣ ва қавмиву миллиро ба қалам доданд. Аз муҳтавои сафарномаи имрӯз бармеояд, ки дар он хислати таблиғи дӯстиву равобити ҳасанаи Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамҷавор ва ҳамзабону мазҳаб ифодаи барҷаста дорад.

Адабиёт:

1. Қодиров К. Хотироте аз сафари Эронзамин.-Душанбе: Ирфон, 2003.-261 с.
2. Мирзо Карокатуллоҳ. Ситораҳои паси абр (қисса ва хотираҳо). - Душанбе: Адиб, 2005.-520 с.
3. Миршакар Мирсаид. Ёди ёри меҳрубон.-Душанбе: Адиб,1993.-224 с.
4. Самад Абдулҳамид. Талош. –Душанбе: Адиб, 2002.-384 с.
5. Сайфуллоев А. Уфуққои тозаи наср. –Душанбе: Адиб, 2006.-768 с.
6. Саъдуллоев А., Гулмуродзода П. Ҳамосаи инсони кор (андешаҳои перомуни очерки муосир). - Душанбе: 1995.-64 с.
7. Хоҷаева М. Таҳқиқи услуби осори адабӣ. -Хуҷанд: 1994.-229 с.

ТАБЛИҒИ ДӮСТИВУ РАВОБИТИ ФАРҲАНГИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САФАРНОМАҲОИ ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Мақола ба омӯзиш ва баррасии нақши очеркҳои сафарӣ, сафарномаву ёддоштномаҳои давраи истиқлолият дар таблиғи дӯстиву равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои дӯст бахшида шудааст. Муаллиф дар заминаи омӯзиш ва таҳқиқи махсусиятҳои очеркҳои сафарӣ, ёддошт ва сафарномаҳо ва хусусиятҳои мавзуии онҳо бобати умумиятӣ ва тафовути жанрии онҳо маълумот дода, андешаҳои илмии хешро баён намудааст. Дар мақола инчунин, бобати қаробати насри мустанад бо жанрҳои мавриди назар сухан меравад.

Дар натиҷа муаллиф ба хулосае меояд, ки дар сафарномаҳои давраи истиқлолият таблиғи дӯстиву равобити ҳасанаи Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамҷавор ва ҳамзабону ҳаммазҳаб ифодаи барҷаста дорад.

Калидвожаҳо: равобити адабӣ, даврони истиқлолият, сафарнома, осори мустанад, очерки сафарӣ, ёддошт, жанр

ПОПУЛЯРИЗАЦЯ ДРУЖБЫ И КУЛЬТУРНЫХ СВЯЗЕЙ ТАДЖИКИСТАНА В ПУТЕВЫХ ЗАМЕТКАХ ПЕРИОДА НЕЗАВИСИМОСТИ

Статья посвящена изучению и анализу роли путевых очерков и заметок, а также мемуаров периода независимости в развитии дружбы и культурных связей Таджикистана с дружественными странами. Автор статьи, на основе изучения и исследования особенностей путевых очерков, мемуаров и путевых заметок, в частности их тематических особенностей высказывает свое мнение относительно жанровых общностях и различиях исследуемых произведений. Также в статье расматривается взаимосвязь документальной прозы с указанными жанрами.

В результате автор приходит к выводу, что в путевых заметках периода независимости заметное выражение имеет пропаганда дружбы и двусторонних отношений Таджикистана с близкими по языку и культуре странами.

Ключевые слова: литературные связи, период независимости, пуевые заметки, документалистика, путевой очерк, мемуары, жанр.

THE POPULARIZATION OF FRIENDSHIP AND CULTURAL CONNECTIONS IN TAJIKISTAN THROUGH TRAVEL NOTES DURING THE PERIOD OF INDEPENDENCE

This article is dedicated to studying and analyzing the role of travel essays and notes, as well as memoirs from the period of independence, in the development of friendship and cultural connections between Tajikistan and friendly countries. Based on an examination of the characteristics of travel essays, memoirs, and travel notes, specifically their thematic features, the

author expresses thoughts on the genre similarities and differences among the works studied. The article also explores the interrelationship of documentary prose with the indicated genres.

As a result, the author concludes that in the travel notes of the period of independence, the promotion of friendship and bilateral relations between Tajikistan and linguistically and culturally similar countries is notably expressed.

Keywords: literary connections, period of independence, travel notes, documentary literature, travel essay, memoirs, genre.

Маълумот дар бораи муаллиф: Зикиряева Муҳиба, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров». Тел: (+992) 926220090; muhibazikriaeva@gmail.com

Сведения об авторе: Зикиряева Мухиба, кандидат филологических наук, доцент кафедры журналистики и теории перевода Государственного образовательного учреждения «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова». Тел: (+992) 926220090; muhibazikriaeva@gmail.com

Information about the author: Zikiryaeva Mukhiba, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Journalism and Translation Theory of the State Educational Institution “Khujand State University named after Academician Bobojon Gafurov”. Tel: (+992) 926220090; muhibazikriaeva@gmail.com

ТДУ:8/81 (2-тоҷ)
ТКБ:80/83 (2-тоҷ)
О-42

МАВЛОНО ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ – СИМОИ БАРҶАСТАИ ТАМАДДУНИ ҶАҲОНӢ

Олимиён С.Ш., н.и.ф., и.в. дотсент, Неъматов М.З., ассистент
Донишгоҳи давлатии Данғара

Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ аз симоҳои дурахшони адабиёти классикии мост, ки бо осори безавол ва афкору ақидаҳои инсонпарваронааш мақоми ҷовидонаро касб кардааст. Воқеан, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, ки мо, мардуми тоҷик аз ҳамдиёрии ӯ ифтихор дорем, шахсияти ҷаҳонист, ӯро дар тамоми ҷаҳон медонанд, осорашро мехонанд, аз андешаҳои бузургаш баҳравар мешаванд ва барояш эҳтиром қоиланд, ки ин ҳама боиси ифтихори мост.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ фармудаанд, ки «афкору андешаҳои пурқимати ин абармарди илму ирфон, бахусус, дар марҳилаи эҳёи давлатдории миллии тоҷикон ва ҳалли тазоду мушкилоти даврони ҷаҳонишавӣ арзиши дучанд пайдо кардаанд. Назми оламгир, афкору андешаи бунёдӣ ва фалсафаи инсондӯстонаи ин орифи бузург дар Шарқу Ғарб маъруф гашта, мардум дар саросари олам осори ӯро меписанданд ва мутолиа мекунанд. Ӯ масъалаҳои умдаи умумибашарӣ, фарҳанги инсондӯстӣ ва дигар паҳлуҳои муҳимми ҳаётро чунон дурандешонаву воқеъбинона тафсиру баён кардааст, ки имрӯз низ ҷавобгӯйи ниёзу ормонҳои ҷаҳони муосир мебошанд» [2].

Ин суханони Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бозгӯйи шахсияти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва осори мондагори ӯст. Эътирофи ҳамин мондагорӣ ва безаволии осори Мавлонои бузург аст, ки чанде қабл, аниқтараш моҳи майи соли равон Куллиёти ӯ расман ҳамчун мероси ҳуҷҷатӣ ба Феҳристи Хотироти ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардид.

Зикр кардан ба маврид аст, ки аз ҷониби созмони бонуфузи байналмилалӣ, бахши Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои фарҳанг, илм ва маориф - ЮНЕСКО ҳамчун

хотироти ҷаҳонӣ эътироф шудани Куллиёти Мавлонои бузург боиси ифтихор аст, зеро ҳарчанд то ин замон ҳам Мавлоно бо осори ҷовидонааш шахсияти ҷаҳонӣ буд, акнун бо таври расмӣ ба Феҳристи Хотироти ҷаҳонӣ ворид гардидани Куллиёти ӯ шоистаи ифтихори дучанд мебошад, чунки ин эътирофи расмии ҷаҳонӣ ба шумор меравад ва ҳамчун ганҷинаи бебаҳои башарият ҳифз гардида, аз насл ба насл интиқол хоҳад ёфт ва аз андешаҳои ноби ин орифи бузург тамоми аслҳои башарият баҳравар хоҳанд шуд.

Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шарҳу тавзеҳи ин хушхабар навишт, ки Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ шоир, файласуф, олим, яке аз бузургтарин донишмандони тоҷик дар асри XIII буда, эҷодиёти ӯ имрӯз барои кулли ҷаҳон аз арзишмандтарин осор ба ҳисоб меравад. Куллиёти Мавлоно «Маснавии маънавӣ», «Девони Шамси Табрезӣ», «Фиҳи мо фиҳи», «Маҷолиси сабъа» ва «Мактубот»-ро дар бар гирифта, ба забони тоҷикӣ навишта ва ба забонҳои мухталифи ҷаҳон тарҷума шудаанд [3].

Воқеан ҳам, ин асарҳо «бо гуногунрангии мазмуну муҳтаво, ҳикмату фалсафаи хос, балоғату фасоҳати калом, вусъати андеша, маҳорати суханварию сухандонӣ, донишу биниш, фаҳму дарки ҷаҳоншиносӣ, ҷаҳонфаҳмию ҷаҳонбинии фавқулодда ва дар умум бузургии шахсияти ин мутафаккири забардастро ҳувайдо месозанд. Дар байни ин осор «Маснавии маънавӣ», «Фиҳи мо фиҳи» ва «Девони кабир» шуҳрати ҷаҳонӣ доранд. Ба хусус, «Маснавии маънавӣ» муҳимтарину машҳуртарин асари Мавлоно яке аз шоҳкориҳои назми ҷаҳонӣ маҳсуб мешавад, ки номи ӯро ҳамешагӣ зинда медорад». [1, с. 3-4]

Мавриди тазаккур аст, ки Мавлонои Балхӣ дар ҷаҳони Шарқу Ғарб бо назми оламгири худ маъруф гашта, шеъру андешаҳои фалсафии ӯро дар тамоми олам пиру ҷавон, марду зан, новобаста аз дину мазҳаб ва ҷаҳонбинӣ бо завқу шавқи беандоза қироат мекунанд. Аз ин рӯ, имрӯз барои ҳар яки мо боиси ифтихор аст, ки боз як намояндаи фарҳанг ва адаби мо дар миқёси ҷаҳон дар чунин сатҳи баланд эътироф мешавад. Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар замони худ он чиро дар пояи маъниҳо офарид, ки имрӯз барои тамоми аҳли башар сабақомӯз аст. Он достонҳоеро, ки сароид, ҳама маънии баланд доранд ва сарфи назар аз миллат, халқият, қавм, нажод ба ҳама яксон дахлу аҳаммият доранд. Вақте Мавлоно дунёро тарк гуфт, дар маросими видои ӯ намояндагони тамоми халқу миллатҳо ҷамъ омаданд ва якҷоя ӯро ба хок супориданд, аз фироқаш гиристанд, ки ин нишони шахсияти бузург будани ӯст.

Шоистаи таъкид аст, пазироии Куллиёти Мавлоно ҳамчун хотироти ҷаҳонӣ гувоҳи он аст, ки нақши байналмилалии кишвари мо устувортар мешавад, моро беш аз пеш мешиносанд, эътироф мекунанд ва ҳамин тавр, истиқлоли фарҳангии мамлакати мо таъмин мешавад: Ба феҳристи хотироти ЮНЕСКО дохил гадидани Куллиёти Мавлоно боз ҳам як нишони дурахшони дигари эътирофи расмии фарҳанги бузурги гузаштагони мост, дар қатори он номгӯйи падидҳои фарҳангие, ки солҳои охир аз ҷониби ин созмони бонуфузи ҷаҳонӣ пазируфта шуданд. Албатта, эътирофи байналмилалии эҷодиёти бузургони гузаштаи мо, хусусан Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ сухани наве нест. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, ки бо ифтихор метавон гуфт зодаи сарзамини мост, бо шахсияти беназири худ ва ду шоҳасари безаволаш «Маснавии маънавӣ» ва «Девони кабир» чандин сол аст, ки дар ососи омори расмии байналмилалӣ дар сафи аввали хонданитарин муаллифони дунё қарор дошта, аз ҷиҳати теъдоди нашр ва фурӯши китобҳои безаволаш яке аз ду ҷойи аввалро дар ҷаҳон ишғол мекунад [5].

Мавлоно шахсияти таърихии ҷаҳонист, зеро таърих бисёр шахсиятҳоеро ёд дорад, ки бо осори ҷовидонаи худ ба таърихи башар ворид шудаанд ва онҳо новобаста аз забон, миллат, мазҳаб кореро анҷом додаанд, ки барои тамоми миллатҳои олам ибратомӯз аст. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ аз ҷумлаи фарзонагони миллати тоҷик мебошад, ки осори ҷовидонааш барои башарият ҳамчун як дастурамали зиндагӣ хизмат мекунад. Ҳамин аст, ки бо осори ӯ бо эҳтиром муроҷиат мешавад, зеро ин осор махзани бузурги маърифату маънавиёт аст. Ба назари Шоири халқии Тоҷикистон Камол Насрулло, ин ҳама маҳбубиятро сабаб ин аст, ки вежагӣ ва хуҷастагии аввал ва фарқунандаи шахсияти Мавлоно, ки шабеҳе ба худ надорад ин аст, ки дар он замони мудҳиши муборизаҳои шадид дар байни адёну

миллатҳо, байни мазҳабу ақоиди гуногун, байни лашкарҳои хунрезу кишварҳои мухталиф, хусусан хунрезиҳои шигифтангези чингизӣ, ӯ тавонист эҳтиром ва маҳбубияти хосае дар байни мардуми гуногунмазҳабу гуногунмиллат пайдо кунад. Ин далели он аст, ки ғояҳо ва таълимоти баланди инсонӣ метавонанд дар ҳама мавридҳо дар ҷомеаи инсонӣ бар алайҳи ҳатто абарқудратону силоҳзӯрон пирӯзӣ ба даст оранд. Мавлоно инро бо ҳаёт ва фаъолияти худ исбот кард. Ин буд, ки новобаста ба ҳама таззодҳо дар рӯзи реҳлати Мавлоно аз паси тобути ӯ мусулмону насоро, яҳудиву бутпараст, зардуштиву дигар намояндагони адёни мухталиф бо ихлос равона буданд. Яъне ғояҳое, ки Мавлоно тарғиб мекард, баландтару қавитару дурахшонтар аз ҳама таълимоти мавҷуда буданд, ё созгор ба ҳамаи онҳо. Оё метавон чунин хуҷастагиро дар мисоли шахсияти дигаре далел овард? Даъватҳои Мавлоно ба ягонагиву ваҳдат имрӯз ҳам кӯҳна нашудаанд ва башариятро аз паси худ мебаранд. Он чи Мавлоноро бартарӣ додаву хуҷаста гардонидааст, ин аст, ки барои Мавлоно мафҳуме баландар аз инсон ва мақоми ӯ вуҷуд надоштааааст. Инсон худ бартарин андеша – офаридаи Худост, бартар аз ҳама зуҳуроти дигар ва ин ягонагии кулле, ки Мавлоно дар инсон мебинад, фалсафаест, ки инсон ва мақоми ӯро болотар аз ҳама мақомҳо мегардонад [5].

Дар мамлакати соҳибистиқлоли мо ҳамчун меросбари шоистаи Мавлонои бузург ва осори безаволи ӯ таваҷҷуҳи хосса зоҳир мешавад ва ба хотири гиромидошти Мавлоно амалҳои муносибе сурат мегиранд.

«Истиқлоли давлатӣ имконият фароҳам овард, ки миллати куҳантамаддуни тоҷик ба омӯзиши осори баландарзиши ниёгони худ аз дидгоҳи нав рӯ орад ва онро мувофиқ ба ормонҳои деринаи миллат таҳқиқ намояд ва ба наслҳои имрӯза, ки меросбарони ояндаи давлату миллат ва тамаддуни беш аз шашуним ҳазорсолаи миллати тоҷик мебошанд, таълим диҳад ва онҳоро дар руҳияи ифтихор аз ҳувияти миллӣ ва гиромӣ доштани таъриху тамаддуни ниёгон раҳнамун созад. Дар ин масир шинохти шахсият ва осори мондагори Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ қобили зикри хос аст» [4].

Шоистаи таъкид аст, ки ин таваҷҷуҳи хос аз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегирад. Таҷлили шоистаи 800-солагии Мавлонои бузург дар сатҳи байналмилалӣ, ки Тоҷикистони азизи мо мизбони ин ҷашнвораи бузурги ҷаҳонӣ буд ва таҷлили ҳамасолаи Рӯзи Мавлоно дар саросари мамлакат бо баргузории чорабиниҳои гуногун гувоҳи он аст, ки дар кишвари мо ба Мавлоно ва осори безаволи ӯ арҷ гузошта мешавад.

Адабиёт:

1. Забеҳулло Беҳрӯз. Офтобе дар миёни сояе. Шарҳи мухтасари муҳимтарин мавзуъҳои «Маснавии маънавӣ». – Душанбе: «Адиб». - 2022. – 256 саҳ.
2. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: «Мавлоно бо қудрати сухан ва нубуғи эҷодиаш ба ҷаҳониён собит сохтааст, ки тоҷикон воқеан миллати куҳанбунёд, бофарҳанг ва соҳибмаърифат мебошанд» // Манбаи электронӣ: [https://khovar.tj/2023/06/peshvoi-millat-emomal-ra-mon-mavlono-bo-udrati-suhan-va-nubu-i-e-odiash-ba-a-oniyon-sobit-sohtaast-ki-to-ikon-vo-ean-millati-ku-anbunyod-bofar-ang-va-so-ibmarifatand/]. Санаи истифодабарӣ: 28.09.2024
3. «Куллиёти Мавлоно» ба Феҳристи Хотироти ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардид // Манбаи электронӣ: [https://mfa.tj/tg/main/view/12707/kullijoti-mavlono-ba-fehristi-khotiroti-jahonii-yunesko-vorid-gardid]. Санаи истифодабарӣ: 29.09.2024
4. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва ҳувияти миллӣ // Манбаи электронӣ: [https://amit.tj/ru/node/1280] Санаи истифодабарӣ: 29.09.2024
5. Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ. Як тоҷик, ки таърихи фикр ва фарҳанги башарӣ назирашро кам дидааст // Манбаи электронӣ: [https://khovar.tj/2023/06/mavlono-aloluddin-mu-ammadi-balh-yak-to-ik-ki-tarihi-fikr-va-far-angi-bashar-nazirashro-kam-didaast]. Санаи истифодабарӣ: 30.09.2024.

6. Файзалиев Д.Х. Философия образования таджикского-персидских мыслителей средневековья и их ценность в развитии современной национальной педагогики. Душанбе. – Эр-Граф, 2014. – 352 с

7. Ҳодизода Р. Ҳикоятҳои халқии «Маснавӣ» (ба чоп тайёркунанда ва муаллифи сарсухану тавзеҳот Р. Ҳодизода) // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик. – Д. – 1988. – С.165.

МАВЛОНО ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ – СИМОИ БАРҶАСТАИ ТАМАДДУНИ ҶАҲОНӢ

Дар ин мақола доир ба шахсияти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва осори оламгири ӯ ба муносибати таҷлили шоистаи зодрӯзи ин мутафаккири барҷастаи ҷаҳонӣ сухан рафта, дар такя ба андешаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дигар муҳаққиқону адибон ин андешаҳо тақвият дода шудаанд.

Инчунин, таваҷҷуҳи хос ба ворид гардидани куллиёти Мавлоно ба феҳристи мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО равона гардида, омилҳои муҳимтарини ин иқдоми наҷиб мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар ин замина ба вижагиҳои осори Мавлоно, ки шуруъ аз замони худ то имрӯз ва баъдан ҳам барои инсоният заруру дархӯр мебошанд, изҳори назар шудааст.

Калидвожаҳо: Мавлоно, Куллиёт, шеър, осор, сухан, муҳаққиқ, шоир, адабиёти классик, таърих, забон.

МАВЛОНО ДЖАЛОЛУДДИН БАЛХИ – ВЫДАЮЩИЙСЯ ДЕЯТЕЛЬ МИРОВОЙ ЦИВИЛИЗАЦИИ

В данной статье рассказывается личность Мавлоно Джалолиддина Балхи и его всемирно известные произведения по случаю достойного празднования дня рождения этого выдающегося мирового мыслителя и эти идеи подкреплены на основе идей Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона и других исследователей и писателей

Также особое внимание уделено включению Куллията Мавлоно внесенного в Список всемирного наследия ЮНЕСКО, обсуждаются важнейшие факторы этого благородной инициативы и в этом контексте комментируются специфические черты произведений Мавлоно, которые необходимы и актуальны для человечества с его времени до наших дней и в дальнейшем.

Ключевые слова: Мавлоно, Куллиет, стихотворение, речь, исследователь, поэт, классическая литература, история, язык.

MAVLONO JALOLIDDINY BALKHI - OUTSTANDING FIGURE OF WORLD CIVILIZATION

This article tells about the personality of Mavlono Jaloliddin Balkhi and his world-famous works on the occasion of a worthy celebration of the birthday of this outstanding world thinker and based on the opinion of the Founder of National Peace and Unity - the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, the respected Emomali Rahmon and other researchers and writers, these opinions are supported.

Also, special attention is paid to the inclusion of Mawlono's Kulliyat in the UNESCO World Heritage List, the most important factors of this noble step are discussed, and in this context, the features of Mawlono's works are considered, which are necessary and relevant for humanity from his time to the present day and later.

Key words: Mavlono, Kulliyot, poetry, works, speech, researcher, poet, classical literature, history, language.

Маълумот дар бораи муаллифон: Олимиён Сабрина Шамсулло, номзади илмҳои филологӣ, и.в., дотсент, мудири кафедраи рӯзноманигорӣ ва тарҷумонии Донишгоҳи давлатии Данғара, **E mail:** journalist2020@mail.ru Тел.: +992-908-87-88-74.

Неъматов Маҳмудҷон Зиёвуддинович, ассистенти кафедраи рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Данғара. Тел:+992905404010 E mail: negmatov.m.98@gmail.com

Сведения об авторах: Олимиён Сабрина Шамсулло, кандидат филологических наук, доцент, заведующая кафедрой журналистики и перевода Дангаринского государственного университета. E-mail: journal2020@mail.ru Тел.: +992-908-87-88-74.

Нематов Махмуджон Зиёвуддинович, ассистент кафедры журналистики Дангаринского государственного университета. Телефон: +992905404010 Электронная почта: negmatov.m.98@gmail.com

Information about the authors: Olimiyon Sabrina Shamsullo, candidate of philological sciences, associate professor, head of the department of journalism and translation, dangara state university, E-mail: journal2020@mail.ru Tel.: +992-908-87-88-74.

Nematov Makhmudjon Ziyovuddinovich, assistant of the Department of Journalism, Dangara State University. Phone: +992905404010 E-mail: negmatov.m.98@gmail.com

ТДУ: 81′21.003
Х-54

МАВЗУИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ЗЕБОИҲОИ ТАБИАТ ДАР АШЪОРИ СОМЕИ ОДИНАЗОДА

Холиқова З.К., н.и.ф., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Табиист, ки камоли инсон аз маърифат ҳосил мешавад. Инсони бомаърифат дарк мекунад, ки ватан чист ва табиати зебои ватан то чи андоза муқаддас аст. Барои дарки ин маънӣ бештар адибон кӯшиш намудаанд, ки тавассути каломи мавзун ширинии ватану ҳифз намудани он ва ободию шукуфоии табиати ватани азизро бо меҳри саршор аз ватандӯстӣ ба хонанда пешкаш намоянд.

Аз ин рӯ, ҳамаи адибон саъй намудаанд, то дар мавзуи ватану ватандӯстӣ ва васфи табиати зебои диёр сухане гуфта бошанд.

Мавзуи ватандӯстӣ ва васфи зебоиҳои табиат яке аз мавзуъҳои қадима ва пурмуҳтавои шеъри форсии тоҷикӣ ва умуман адабиёти ҷаҳон мебошад, зеро инсон ба ватан ва табиат алоқаи ногусастанӣ дошта, худ як ҷузъи табиат мебошад. Мунаққиди рус В.Г. Белинский мутобиқати манзараҳои табиатро ба ҳаёти инсон аз шартҳои муҳимми асарофаринӣ дониста қайд мекунад: «Баҳои адиб чи қадар ки баланд бошад, ӯ табиатро ҳамон қадар мукаммалу возеҳ, тасвир мекунад ва алоқаи мустаҳками онро ба ҳаёт бо муваффақияти том нишон медиҳад» [6, с. 70].

Сомеи Одиназода низ дар қатори дигар адибони муосири тоҷик тавонистааст дар тақвияти ин суннат аз нигоҳи худ ҷилваҳои мухталифи табиатро ба риштаи назм дарорад. Дар шеърҳои «Дар оғӯши Ватан», «Тоҷикистон», «Наврӯзӣ», «Навбаҳори нозанин», «Баҳори гулпӯш», «Соли навини зебои 1991» шоир хурраму шод зистанро дар канори Ватани зебо ва хушманзарааш тараннум менамояд. Махсусан, «Дар оғӯши Ватан», ки шоир дар он тараннуми осудаҳоливу хуррамӣ намудааст, васфи Ватан бо санъати волову суханпардозиҳои самимӣ рӯи коғаз омадааст:

Дар оғӯши ватан осудаҳолам, хурраму шодам,
Ба дил меҳри ватан дорам, ба васфаш шеърэҷодам.

[8, с. 202]

Шоир ҳифзи марзу буми Ватанро вазифаи муқаддаси ҳар як ватандор ҳисобида, омодагии хешро баҳри дифои он ифшо намудааст:

Ба ҳифзи зодгоҳам ончунон аҳде, ки барбастам,
Нахоҳад рафт ин аҳди қавибунёд аз ёдам.
Маро то дар бадан ҷон аст, бо аҳдам вафо созам,
Ба қавлам устуворам, дар вафо шогирди Фарҳодам.

[8, с. 202]

Ҳарчанд даврони шуравӣ озодии ҷисму руҳи шоирро маҳдуд карда бошад ҳам, дар ин шеър ӯ масрурии хешро аз даврони шуравӣ бозгӯ кардааст, ки аз шукргузорӣ ва арҷгузории ӯ нисбат ба Ватан дарак медиҳад:

Муаллим дод таълимам, ки «Дар ҳифзи ватан кӯшо!
Ҳамин аст расму оинам, чунин будаст иршодам.
Чаро ағёр, бимам медиҳию кина меварзӣ?
Ба даврони советӣ шоири хушбахту озодам.
Ташаккур, Сомео, дар кишвари озод масрурам,
Ба озодӣ ҳамефахрам, ба меҳнат хуб муътодам.

[8, с. 202]

Шеъри дигари ин шоири зиндаёд «Боғи барози мо» номгузорӣ шудааст, ки дар жанри ғазал таълиф ёфтааст, васфи боғи зебоеро, ки дар Янги Юли Истаравшан бо қувваи меҳнаткашону аҳли заҳмати ин деҳа обод гардидааст, хеле моҳирона ба қалам додаст:

Боғи барози мо, ки зи осори Ҷаннат аст,
Оғӯши пур зи роҳату анвои неъмат аст.
Обаш зи чашмасори зулоли вилоят аст,
Нахлаш зи боғи шоду самар ширу шарбат аст.

[8, с. 177]

Шоир боғро ончунон равшану возеҳ ва рангоранг ба тасвир додаст, ки беихтиёр хонанда ба сайри он боғ меравад ва он чи ки дар шеър ба тасвир расидааст, бо чашми сар мебинад:

Оби равону сабзаву сарҳавзи босафо,
Шаффоф ҳамчу оинаи барқсурат аст.
Ҳам марғзори лолаву гулҳои ранг-ранг,
Булбул ба ҷӯш омада дар айни ишрат аст.
Қумрӣ ба ёди сарви дилорои ин чаман,
Гаҳ дар мақоми хондану гаҳ дар фароғат аст.

[8, с. 177]

Тасвири меваҳои ширину лазиз ва шаҳдбор низ дар шеър бо риояи қавонини вазниву санъатҳои шеърӣ рӯи коғаз омадааст. Таркибҳову вожаҳои ноби «шаҳдлаззат», «шакарфишон», «нӯшу неъмат» дар ғазали мазкур ба шеър обу ранги тоза мебахшанд:

Ҳам ноку ҳам анору биҳӣ, себҳои хуб,
Ангури нозанин, ки ҳама шаҳдлаззат аст.
Олучаву қаролуву анҷиру тутҳо,
Ҳар як ба ҷои худ ҳама аз нӯшу неъмат аст.
Анвои меваҳои лазизи шакарфишон,
Медон яқин, ки ин ҳама аз ачри меҳнат аст.

[8, с. 177]

Боғи нозанини ин гӯшаи диёрро қисме аз гулшани Ватан шуморида, ободии онро ободии Ватан меҳисобад:

Боғи латифи бошарафи нозанини мо,
Қисме зи гулшани ватану шаъну шавкат аст.

[9, с. 177]

Дар байтҳои зерини шеър шоир аз санъати тазод зебо истифода карда, вожаҳои «аҳбоб» ва «ағёр»-ро ба маврид истифода кардааст, ки аз луғатдониву зеҳни гиро ва заковатмандии шоир дарак медиҳад:

Аҳбоб шоду хурраму дар вартаи сурур,
Ағёр хуни дил шуда дар доми ҳасрат аст.
Аҳбоб дар назокати майдони токзор,
Ағёр дар натиҷаи бухлу кудурат аст.
Аҳбоб дар фароғату бо шодиву тараб,
Ағёр дар тараддуди макру хусумат аст.

[9, с. 177]

Дар ғазали дигари Сомеъ, ки «Наврӯзӣ» номгузорӣ шудааст, шоир бо истифода аз санъати тавсиф васфи баҳору наврӯзро зебову фасеҳ ба қалам додаст:

Навбаҳоро, навбаҳори босафо гӯянд туро,
Халқи олам марҳабо, сад марҳабо гӯянд туро.
Мефазояд шодмонӣ аз насими форамат,
Дилбари озодаи зарринқабо гӯянд туро.

[8, с. 183]

Умуман, санъати тавсиф дар ашъори Сомеъ, назар ба дигар санъатҳои бадеӣ бештар ба чашм мерасад. Таҳлили ашъори шоир нишон медиҳад, ки то кадом андоза Сомеъ фасли баҳорро дӯст медоштааст ва баҳору Наврӯзро бо ҳам тавъам медонад. Чунончи:

Боғ мефахрад ба ташрифи қудумат ҳар замон,
Булбулон андар чаман мадҳу сано гӯянд туро.
Сабзаву себаргаву оби равон аз файзи ту,
Ҳам ба чашми растаниҳо тӯтиё гӯянд туро.
Қумрӣ аз шохи санавбар, андалеб аз марғзор,
Фасли зебои латифи дилрабо гӯянд туро.
Бӯи гул илҳом мебахшад ба табъи нуктасанҷ,
Нуктасанҷони суханвар кимиё гӯянд туро.

[8, с. 183]

Унсуралмаолии Кайковус насиҳате дорад: «Ба вазну қофияи тиҳӣ қаноат макун, бе саноату тартибе шеър магӯй, ки шеъри рост нохуш бувад. Бо санъату ҳаракат бояд, ки бувад ва ғулғула бояд, ки бувад андар шеър ва андар захма ва андар савт, то мардумро хуш ояд ва ё саноате ба расми шуаро чун: муҷонис ва мутобиқ ва мутазод ва муташокил ва муташобеҳ ва мустаор ва муқаррар ва мураддаф ва муздавоҷ ва мувозана ва музмар ва мусалсал ва мусаҷҷаъ ва мулавван ва муставӣ ва мувашшаҳ ва мувассал ва муқаттаъ ва мухаллаъ ва мусаммат ва мустаҳил ва зуқофиятайн ва рақаз ва мақлуб ва монанди ин» [5, с. 130]

Сомеъ дар эҷодиёташ аз рӯи насиҳати Кайковус амал карда, ашъораш сар то по бо санъатҳои бадеӣ оро дода шудааст.

Ашъори дар мавзуи васфи Ватану табиати диёр бахшидаи Сомеи Одиназода дар баробари дигар сурудаҳояш саршори меҳру муҳаббат ба Ватан буда, аз ватанхоҳиву ватандории ӯ нисбат ба Ватан, нисбати табиати нотакрори ӯ, баҳори гулпӯш ва рангорангии фарҳангу маданияти ӯ дарак медиҳад. Ин аст, ки дар қитъаи «Наврӯзӣ», ғазалҳои «Баҳори гулпӯш», «Тоҷикистон» ва ғайра шоир бо тамоми вуҷудаш зебоиҳои диёр ва осудаҳолии мардумро васф мекунад. Оҳанги шеърҳои дар васфи табиати диёр ва муҳаббат ба ватан сурудааш мутантан буда, касро ба дӯст доштани Ватани худ, дифоъ аз неъматҳову арзишҳо ва марзу буми онро таъкид менамояд.

Адабиёт:

1. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. – М.: Чопхонаи Нашриёти Марказии халқии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сусиёлистӣ, 1926. – 626 с.
2. Абдурраҳимов А., Раҳмон А. Сомеъ //Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, ҷ. III – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2004. – 524с.
3. Ашъори Сомеи Одиназода (Мошиннавис). – 100 с.
4. Ашъори Сомеи Одиназода (Дафтари дастнависи шеърҳо). – 44 с.
5. Кайковус У. Қобуснома. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 130с.

6. Маҳмадаминов А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ (Тазкираи С.Айнӣ «Намунаи адабиёти тоҷик»). – Душанбе: Сино, 1998. – 211 с.

7. Раҳимов А. Нур ва зулмот //Адабиёт ва санъат. – 1989. – 24 август. – №34 (611). – С. 14 -15.

8. Сомеи Одиназодаи Хатлонӣ. Дафтари сабз. //Сомеи Одиназодаи Хатлонӣ// – Душанбе: Сино, 2004. – 575 с. Сомеи Одиназода. Дафтари сабз (Дафтари шеърҳо). Нусхаи қаламӣ бо хатти кириллӣ. – 138 с.

9. Сомеи Одиназода. Дили садпора (Маҷмӯаи шеърҳо) (Таҳияи Сайид Раҳмон). – Кӯлоб: Сада, 2003. – 88 с.

10. Ҳабиб А. Ганҷи парешон. – Душанбе: Ирфон, 1984, – 304 с.

МАВЗУИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ЗЕБОИҲОИ ТАБИАТ ДАР АШЪОРИ СОМЕИ ОДИНАЗОДА

Мавзуи ватану ватандорӣ ва васфи табиати зебои он аз мавзуъҳои қадимаи шеъри форсу тоҷик маҳсуб ёфта, аксари адибон дар ин мавзуъ қалами худро санҷидаанд.

Мақолаи фавқуззикр маҳз ҳамин мавзуъро фарогир буда, муаллиф атрофи мавзуи ватандӯстӣ ва васфи зебоиҳои табиат, ки ба ашъори яке аз шоирони ширинсухан – Сомеъ Одиназода марбут аст, баҳс намудааст.

Зикр намудан ба маврид аст, ки муаллиф ҳангоми таҳлили порчаҳои шеърӣ мавзуи мазкурро пайгирӣ намуда, бо овардани намунаҳои ашъори шоир мақоларо пурраю комил намудааст.

Муаллиф дар мақола бештар ба санъатҳои бадеӣ, ки Сомеи Одиназода дар ашъораш хеле фаровон истифода кардааст, таваҷҷуҳ намуда, аз эҷодиёти шоир барои исботи гуфтаҳояш мисолҳо овардааст.

Дар маҷмуъ, мавзуи интихобнамудаи муаллиф актуалӣ буда, айни замон барои даъвати ҷавонону наврасон ба ватандӯстию меҳанпарастӣ ва ободкорию зебогардонии табиати диёр хеле зарур ва саривақтист.

Калидвожаҳо: Ватан, ватандӯстӣ, диёр, табиат, ободкорӣ, шоир, Сомеи Одиназода, ашъор, мавзуъ, адиб, васфи табиат

ТЕМА ПАТРИОТИЗМА И КРАСОТЫ ПРИРОДЫ В ТВОРЧЕСТВЕ СОМЕИ ОДИНАЗОДА

Тема родины и патриотизма, описание ее прекрасной природы относятся к древним темам персидской и таджикской поэзии, и многие литераторы пробовали свои силы в этой области.

Вышеприведенная статья затрагивает именно эту тему, и автор рассуждает о теме патриотизма и воспевания красоты природы, что связано со стихами одного из красноречивых поэтов - Сомеи Одиназода.

Стоит отметить, что автор следовал эту тему при анализе поэтических отрывков и завершил статью, приведя примеры из стихотворений поэта. В статье автор акцентирует внимание на художественных приемах, которые Сомеи Одиназода широко использовал в своих стихотворениях, и приводит примеры из творчества поэта в подтверждение своей точки зрения.

В целом, выбранная автором тема актуальна и в настоящее время весьма необходима и своевременна для призыва молодежи и подростков к патриотизму, развитию и благоустройству природы края.

Ключевые слова: родина, патриотизм, земля, природа, процветание, поэт, Сомеи Одиназода, поэзия, тема, писатель, описание природы

THE THEME OF PATRIOTISM AND BEAUTY OF NATURE IN THE POEMS OF SOMEA ODINAZODA

The theme of the homeland and patriotism, the description of its beautiful nature are among the ancient themes of Persian and Tajik poetry, and many writers have tried their hand in this area.

The above-mentioned article touches on this very topic, and the author discusses the theme of patriotism and the glorification of the beauties of nature, which is associated with the poems of one of the sweet-tongued poets - Somea Odinazoda.

It is worth noting that the author followed this theme when analyzing the poetic passages and concluded the article by giving examples from the poet's poems. In the article, the author focuses on the artistic techniques that Some Odinazoda widely used in her poems and gives examples from the poet's work to support his point of view.

In general, the theme chosen by the author is relevant and is currently very necessary and timely for calling on young people and teenagers to be patriotic and patriotic, to develop and improve the natural environment of the region.

Keywords: homeland, patriotism, land, nature, prosperity, poet, Some Odinazoda, poetry, theme, writer, description of nature

Маълумот дар бораи муаллиф: Холиқова Зайналбӣ Кенҷаевна, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: *735360,* Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. тел *:* (992) 918670850

Сведения об авторе: Холикова Зайналби Кенджаевна, кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской литературы Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова 16. Тел: (992) 918670850

Information about the author: Kholikova Zainalbi Kenjaevna, candidate of philological sciences, associate professor of the tajik literature department of the Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street 16. Tel: (992) 918670850

ТДУ:002
ТКБ:76.1
С-34

МАХСУСИЯТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ НАШРИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ФАЗОИ ИТТИЛООТИИ ТОҶИКИСТОН

Саттарова З.А., н.и.ф., дотсент
МДТ«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

Таҳлили таърихи фаъолияти ВАО собит менамояд, ки пайдоиши ҳар воситаи нави хабаррасон ба фаъолияти дигар шаклҳои ВАО таъсир мегузорад. Мафҳумҳое монанди “Интернет ТВ”, “Интернет-радио”, “Интернет-рӯзнома” ва амсоли инҳо натиҷаи ҳамин раванд буда, гоҳо ба ҷойи интернет истилоҳи “Онлайн”, “Веб”,, “Кибер” низ истифода мешавад, масалан “Онлайн-рӯзнома”, “Онлайн-радио” ё “Вебжурналистика” ва ғайраҳо.

Пайдоиш ва рушди шаклҳои нави ВАО талаботи тозае дар пешорӯи расонаҳои анъанавӣ гузошт. Агар 20-25 сол муқаддам зери вожаи “Расона” ё “ВАО” танҳо рӯзнома, маҷалла фаҳмида мешуд, ки дар коғаз чоп мешуданд ва ё радиёву телевизионҳое, ки барномаҳои вижа таҳия мекарданду он танҳо аз тариқи эфир пахш мешуд, вале имрӯз аллакай фаҳмиши “Расона” ва ҳам “ВАО” маънии фаррохтар ба худ касб намудааст. Дар баробари зуҳури шаклҳои онлайнии расонаҳо ВАО-и анъанавӣ низ барои дар бозори рақобат

“зинда мондан”, тасмимҳое барои дар олами дичитолӣ ба роҳ мондани фаъолият қабул карданд, чун барои расонаҳо масъалаи таъмини суръат дар расонидани ахбор меъёри муҳим арзёбӣ мешавад. Нуктаи дигари муҳим масъалаи дастрасии ВАО ба мухотабон аст, ки дар ин ҷода имкониятҳои интернет бештар аст. Гузашта аз ин, ки бе истифода аз имкониятҳои интернет дар муҳорибаҳои иттилоотонӣ майдондорӣ кардан, барои ВАО то ҷое кори маҳол аст.

Рӯзномаҳои интернетӣ дар ин авохир ба як ҷузъи ҷудонашавандаи муҳтавои Интернет табдил ёфтанд. Имрӯз барои харидани шумораи навтарин ба нуқтаҳои фурӯши рӯзнома, ки ба истилоҳи “киоск” маъмул буданд, рафтан лозим нест. Хонанда метавонад, тамоми маълумотеро, ки ба онҳо таваҷҷуҳ дорад, дар вебсайти рӯзномаҳо пайдо намояд.

Баъзан версияҳои онлайнии васоити ахбори оммаро бо истилоҳи умумии “Интернет-ВАО” (Интернет-СМИ, Intenet-media) ифода мекунанд [4, с. 140]. Ба таърифи муҳаққиқи рус И. Зубков “Интернет-ВАО ҳамчун веб-сайтҳои муайян вазифаи расонаҳои хабариро дар шабакаи интернет иҷро мекунад, ки бо принсипҳои журналистика раҳнамоӣ мешавад” [5, с. 67].

Баъди фарогир шудани шабакаҳои иҷтимоӣ ва паёмрасонҳо (мессенҷерҳо) тақрибан ҳама ниҳодҳои фаъол дар расонаҳои иҷтимоӣ саҳфаҳои худро боз карданд. Имрӯз душвор аст, сиёсатмадори фаъол ё раисҷумҳуреро пайдо кунем, ки дар Twitter-у Facebook ҳисоби корбарӣ (account) надошта бошанд. Инчунин, ситораҳои варзиш, футбол, санъату мусиқиро бе саҳифаи Instagram тасаввур кардан ғайриимкон аст. Барои мисол саҳифаи футболбози маъруф Роналду дар ин шабака 642 (омори моҳи ноябри соли 2024) миллион пайгир (followers, подписчик) дорад [8]. Бозорёбии расонаҳои иҷтимоӣ, ҳарчанд нав вориди журналистикаи тоҷик ё расонаҳои Тоҷикистон шуда бошад, вале таҳлили ин мавзуъ маълум кард, ки бархе аз расонаҳо аз он ба шакли хуб ва муассир истифода мекунанд. Бархе расонаҳои дигари Тоҷикистон, ки мутаассифона шумораашон зиёд аст, аз ин имконият тақрибан истифода намебаранд.

Дар ин мобайн барои бозорёбӣ дар муҳити шабакаҳои иҷтимоӣ шуғле бо ном SMM (social media marketing) пайдо шуд, ки стратегияи истифодаи ШИ барои таблиғи бренд, маҳсулот ва хидматҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои тиҷоратӣ мебошад. Барои пешбурди кори расонаҳо аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ зарурат ба мутахассиси SMM ба миён омад ва дар таҷрибаи журналистикаи миллии тоҷик, аллакай бархе аз расонаҳо аз хидмати ин мутахассисон хуб истифода мекунанд.

Пеш аз ҳама бархе расонаҳои сатҳи ҷумҳурӣ ва расонаҳои фаромиллии дар Тоҷикистон фаъолиятдошта хадамоти бисёр фаъоли SMM доранд. Бархе расонаҳое ҳастанд, ки танҳо бо Facebook қаноат кардаанду танҳо дар ин шабака муҳтавои эҷоднамуди кормандонашонро нашру паҳн мекунанд. Бархе расонаҳои дигар дар шабакаи Youtube низ канал боз кардаву барои аудиторияи худ матолиби видеоӣ ва гуфторӣ (аудиоӣ) пешниҳод мекунанд. Аммо қисмати расонаҳои дигари Тоҷикистон имконоти бозорёбии расонаҳои иҷтимоиро фаровон ба кор гирифта, дар ҳама шабакаҳои иҷтимоӣ ва паёмрасонҳо саҳифаҳои фаъол доранд.

Аз рӯйи таҳқиқот дар ҳоли ҳозир аз расонаҳои Тоҷикистон ва расонаҳои фаъол дар Тоҷикистон Радиои “Озодӣ”, гурӯҳи расонаҳои “Азия-Плюс”, ширкатҳои расонаии Your tj, “Вечёрка”, расонаҳои медиахолдинги “Оила”, хабаргузории “Авесто”, ҳафтаномаҳои “Фараж”-у “СССР”, рӯзномаи “Ҷумҳурият”, АМИТ “Ховар”, Радиои Тоҷикистон, радиои “Ватан”, рӯзномаи ғайриҳукуматии “Тоҷикистон” ва шабакаҳои гуногуни он, ба шаклу шеваҳои гуногун аз SMM истифода мебаранд [8].

Фаъолтарин хадамоти SMM ё бозорёбӣ тавассути расонаҳои иҷтимоиро дар миёнаи расонаҳои Тоҷикистон гурӯҳи расонаҳои “Азия-Плюс” дорад, ки беш аз 10 сол мешавад онро ба роҳ андохтааст. Дар сохтори “Азия-Плюс” бахши ҷудогонаи хадамоти SMM мавҷуд аст, ки он мудир (директор) ва чандин коргар ё мутахассис дорад, ки тақрибан дар як шабонарӯз то 16-20 соат дар шабакаҳои иҷтимоии ин расона кор мекунанд. Ҳамчунин, радиои “Азия-Плюс” бахши ҷудогонаи SMM-и худро дорад. Ҳоли ҳозир дар миёни расонаҳои Тоҷикистон

фаъолтарин хадамоти SMM марбут ба ин гурӯҳи расонаӣ мебошад, ки фаъолтарин ва серкорбартарин саҳифаҳоро дар Facebook, Telegram, Instagram, Youtube ва ҳатто Яндекс. Дзен, OK ва ВК дорад. Гузашта аз ин, дар шабакаҳои иҷтимоӣ бахши русии "Азия-Плюс" ҷудогона ва бахши тоҷикии он саҳифаҳои ҷудогона доранд ва дар ҳар ду бахши хадамоти SMM мутахассисони хос кор мекунанд ва фаъолияти онҳоро пеш мебаранд. Аз рӯйи таҳқиқи мо маълум шуд, ки танҳо дар Youtube канали ҳар ду бахш муштарак асту халос. Дар айни ҳол, канали Youtube-и "Азия-Плюс" 296 ҳазор пайгир дорад, ки дар миёни шабакаҳои Youtube-и расонаҳои расмии Тоҷикистон аз ҳама зиёд мебошад. Шабакаи бахши русии он дар Телеграм наздик ба 78 480 ҳазор ва бахши тоҷикии он ҳудуди 31 ҳазор дунболкунанда доранд. Дар Facebook саҳифаи русии ин расона 79 ҳазор ва саҳифаи тоҷикияш 10 ҳазор пайгир доранд. Ба ҷуз саҳифаҳои расмӣ бахшҳои тоҷикӣ ва русии "Азия-Плюс" ҳамчунин дар Facebook гурӯҳҳои худро доранд, ки дар ин гурӯҳҳо ҳам ба таври фаъол матолибу муҳтавои худро нашру паҳн мекунанд. Саҳифаи русии ин расона дар Instagram 358 ҳазор ва саҳифаи тоҷикияш 183 ҳазор пайгир доранд. [4, с. 73]

Бояд гуфт, ки агар аксари расонаҳои Тоҷикистон дар шабакаҳои иҷтимоӣ бештар он матолиберо бознашр мекунанд, ки дар веб- сайтҳо ё дар нашрияҳояшон ба табъ расидааст, аммо "Азия-плюс" ҳам ин гуна матолиби бахшҳои тоҷикиву русӣ ва баъзан инглисии худро нашру паҳн мекунад ва ҳамчунин барои саҳифаҳояш дар расонаҳои иҷтимоӣ матлабу хабару гузоришҳои хос таҳия менамояд. Дар бештари маврид аксари хабарҳои ин расона дар каналҳои тоҷикиву русии телеграми он ба таври фаврӣ нашр гардида, баъдан тафсилот ва ҷузъиёти бештараш дар қолаби хабар ё гузоришу мақола ва форматҳои дигар дар сомона ва саҳифаҳои шабакаҳояш пайдо мешаванд. Ҳамчунин хадамоти SMM ин расона аз имконоти шабакаҳои иҷтимоӣ фаровон истифода карда, барои ҷалби муштариёни зиёд ва гарм нигоҳ доштани бозори худ ҳар гуна бозӣ, stories, назарсанҷӣ, суолу ҷавобро роҳандозӣ мекунад. Аз сӯйи дигар, барои нашри матолиб дар ҳар шабакаи иҷтимоӣ формат ё қолабҳои ба ҳар шабакаи иҷтимоӣ хосро ҷудогона истифода мекунад. Бино ба таҳқиқи мо, "Азия-Плюс" дар миёни расонаҳои Тоҷикистон ягона расонаест, ки аз саҳифаҳои иҷтимоияш monetization (монетизация) ё касби даромад мекунад. [8] Ин расона саҳифаҳои пуркорбараш дар шабакаҳои иҷтимоиро барои рекламадиҳандагони гуногун пешниҳод мекунад ва аз ин ҳисоб даромад ба даст меорад. Аз рӯйи таҳқиқи мо, дигар ҳеҷ расонаи Тоҷикистон хадамоти SMM ҳамчун бахши ҷудогона дар сохтори редаксияашон надоранд. Аз ҷумла, хабаргузории давлатии "Ховар" дар Facebook ва Twitter саҳифаҳои расмии худро дорад, ки дар он ҷо танҳо матолиби дар сомона нашршударо бознашр ва паҳн мекунад. Ин расона барои шабакаҳои иҷтимоӣ матолиби хос омода намекунад. Дар Телеграм "Ховар" саҳифаи расмии худро дорад, ки ҳудуди 2 400 пайгир дорад. "Ховар" дар Youtube ҳам канал дорад, ки ҳудуди 300 пайгир дорад. Ба андешаи мо ин барои оҷонсии иттилоотии рақами 1-и кишвар то ҷое кам аст.

"Ҷумҳурият" нашрияи расмии ҳукумат ва президенти Тоҷикистон аз шабакаҳои иҷтимоӣ дар Facebook саҳифа ва дар Youtube канали расмӣ дорад. Аммо шумораи обуначиёни ин расона зиёд нест: 7 ҳазору 400 дар Facebook ва 2 ҳазору 900 пайгир дар Youtube. Дар Facebook танҳо матолиби нашрия бознашр мешаванд. Барои барномаи "Фонус"-и "Ҷумҳурият" дар Youtube матлабу барномаҳои хоси видеоӣ таҳия мешавад, ки бинандаи зиёд надоранд. Қариб навад дар сади ин матлабҳои видеоӣ аз 500 бинанда камтар доранд. Пурбинандатарин матлаби видеоии ин расона бо ном "Завқи Си Ҷин Пин аз меҳмондории Ҷаноби Олӣ (2014)" як суҳбат бо чанд масъули Вазорати дифоъ аст, ки онҳо тартиби нави хидмат, аз ҷумла хидмати пулакиро мефаҳмонанд, ки қариб 170 ҳазор бинанда дорад. [11] Беш аз 90% наворҳои пахшнамудаи ин расона дар Youtube ҳатто 100 бинанда надоранд.

Pressa.tj ё нашрияи "Тоҷикистон" дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар Facebook (52 ҳазор), телеграм (15 ҳазору 500 пайгир) ва Youtube (145 ҳазор пайгир) саҳифаҳо дорад. Ин расона ҳам дар Facebooky телеграм хабару матлабҳои сайт ва нашрияро бознашр ва паҳн мекунад. Аммо барои Youtube матлабҳои ҷудогона ва хос таҳия мекунанд. Ҳамчунин, нашрияи

“Оила”, ки дар баробари “Тоҷикистон” ва сайти он марбут ба холдинги ҶДММ “Оила” мебошанд, канали худро дар Youtube дорад, ки дорои 218 ҳазор пайгир аст ва яке аз каналҳои серкорбари расонаҳои расмӣ дар ин шабака мебошад.

Нашрияи “Фараж” дар Facebook ҳам саҳифа (қариб 3,5 ҳазор) ва ҳам гурӯҳ (беш аз 11 ҳазор) дорад Youtube (27 ҳазор), инстаграм (510 нафар) ва твиттеру телеграм (198 пайгир) саҳифаҳои худро дорад. Аммо тавре аз шумораи обуначиёни саҳифаҳои иҷтимоии ин расона дида мешавад, кори он дар шабакаҳои иҷтимоӣ зиёд фаъол нест. Албатта, ба истиснои Youtube, ки барои канали худ дар ин шабака матолиби ҷудогона ва ҳатто барномаҳои хос таҳия мекунанд. Дар дигар расонаҳои иҷтимоӣ, умдатан матлабҳои сомона ва нашрия бознашр ва паҳн карда мешаванд.

Нашрияи “СССР” аз шабакаҳои иҷтимоӣ танҳо дар Facebook (наздик ба 3 ҳазор пайгир) ва Youtube – СССР ТВ (37 ҳазор пайгир) саҳифа дорад. Дар саҳифаи расмии Facebookияш нашрия матолиби сайт ва ҳафтаномаро бознашр ва паҳн мекунад. Барои Facebook масъулони нашрия матолиби хос омода намекунанд. Аммо дар шабакаи Youtubeии худ матолиби ҷудогона, аз қабили мусоҳибаҳо, нашрҳои зинда, матолиби дигари видеоӣ аз нишасту маҳфилҳо ва рӯзҳои қабули шаҳру ноҳияҳо омода ва нашр мекунад.

Радиои Тоҷикистон ва шабакаҳои гуногуни он – “Фарҳанг”, “Овози тоҷик”, “Садои Душанбе” аз миёни шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҳама беш дар телеграм ва Facebook фаъоланд ва саҳифаву каналҳои расмӣ доранд, аммо шумораи обуначиёни онҳо зиёд нест. Масалан канали худи радио дар телеграм ҳамагӣ 198 пайгир, аз радиои “Фарҳанг” 111 ва аз шабакаи “Овози тоҷик” 13 пайгир доранд. Шумораи обуначиёни ин расонаҳо дар Facebook зиёдтар аст. Аз ҷумла Радиои Тоҷикистон дар Facebook 23 ҳазор ва дар Youtube бештар аз 9,2 ҳазор пайгир дорад.

Тибқи маълумоти пойгоҳи data reportal аҳолии дунё дар аввали соли 2024 ба 8.08 миллиард нафар баробар шуда аз ин 5.35 миллиард нафар корбари интернет ва беш аз 5 миллиард нафар корбари шабакаҳои иҷтимоӣ ҳастанд. Мизони афзоиши корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ аз мизони афзоиши аҳолӣ дида тезтар аст.

Бо назардошти омори мазкур бояд қазоват намуд, ки **ҳ**амакнун расонаҳоро мебояд, ки ҳарчӣ зиёдтар ба корбурди шабакаҳои иҷтимоӣ барои иҷрои рисолаи иттилоотонӣ тамаркуз намоянд, майлонҳои ҷадидро таҷриба кунанд, лоиҳаҳои ҷолиб фикр кунанд ва аз ҳама муҳим як тими махсуси кор бо шабакаҳои иҷтимоиро дар нашрияи худ дошта бошанд. Чун шабакаҳои иҷтимоӣ аз як ҷониб минбари қулай ва фарогир барои расидан ба аудитория бошанд, аз тарафи дигар маҳз шабакаҳои иҷтимоӣ манбаи иттилоот барои кормандони ВАО маҳсуб меёбанд.

Адабиёт:

1. Кастельс, М. Галактика Интернет: Размышления об Интернете, бизнесе и обществе /. М. Кастельс.- Екатеринбург: У-Фактория, 2004. – 328с.

2. Комилов, К.И. Расонаҳои нав ва шакли нави ВАО-и маъмул.– Масъалаҳои мубрами журналистикаи муосир (қисми 2)/. И.К. Комилов. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2021, с – 5

3. Хамидиён, И.И. Пропоганда, идея и фейк-новости в таджикском сегменте социальных сетей.–Гегиональная журналистика в контексте развития информационнных и комуникационных технологий / И. Хамидиён. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2021.– 29-33 саҳ.

4. Ҳамидиён, И. Журналистикаи интернетӣ дар Тоҷикистон: ташаккул, мушкилот ва дурнамо / И. Ҳамидиѐн, Ф. Низом. – Душанбе, 2022. – 268 с.

5. Зубков, И.Г. Информационный медиаконтент в интернете: современная спецфика и ключевые характеристики. Дис.канд.филоло.наук: 10.01.10./ Зубков И.Г. – Москава, 2014. – 67с.

6. Дедова, О.В. Теория гипертекста и гипертекстовые практики в Рунете/ В.О. Дедова. - М.: МАКС Пресс, 2008. - 284 с.

7. Лукина, М.М. СМИ в домене Ру: хроника, цифры, типы // Вестник Москов. ун-та. Сер. 10 «Журналистика». - 2001. - № 6. - С. 63 - 73.

8. Любимов, Б.И. Интернет в Великобритании // К мобильному обществу: утопии и реальность / под ред. Я.Н. Засурского. - М.: Изд-во Москов. ун-та, 2009. - С. 215 - 225.

9. Щипицина, Л.Ю. Компьютерно-опосредованная коммуникация: Лингвистический аспект анализа / Ю.Л.Щипицина. - М.: КРАСАНД, 2010. - 196 с.

10. http://cccp.tj/tj/
11. https://farazh.tj/
12. https://insidesocialmedia.com
13. https://newreporter.org/tj/
14. https://pressa.tj/
15. https://radiotoj.tj/
16. https://www.jumhuriyat.tj/
17. https://tass.ru/

МАХСУСИЯТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ НАШРИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ФАЗОИ ИТТИЛООТИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола масоили марбут ба фаъолияти ВАО-и анъанавӣ ва таъсири тазоҳури шабакаҳои иҷтимоӣ ба раванди фаъолияти ВАО, шабакаҳои иҷтимоӣ ва махсусияти кори онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Гузашта аз ин дар мақолаи мазкур таҳлилҳо перомуни фаъолияти ВАО-и тоҷик дар фазои шабакаҳои иҷтимоӣ сурат гирифта, муаллиф дар мисоли чанд расонаҳои ҳукумативу ғайриҳукуматӣ муайян намудааст, ки кадом расонаҳо ба фазои шабакаҳои иҷтимоӣ хуб ворид шуда, рисолати иттилоърасониро ба таври зарурӣ иҷро мекунанд ва кадом расонаҳо дар ин самт то ҷое фаъолияти заиф доранд.

Дар мақола дар мисоли факту рақамҳои дақиқ нишон дода шудааст, ки қадом ВАО-и маҳаллӣ дар бозори рақобат дар олами интернет пештоз ҳастанд ва омилҳои муваффақияти ВАО-и пешсаф мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Мақолаи мазкур барои муайянсозии фаъолмандии ВАО-и маҳаллӣ аз тариқи платформаҳои онлайнӣ ба вижа шабакаҳои иҷтимоӣ дар фазои иттилоотӣ аҳаммияти зиёд дорад.

Калидвожаҳо: Журналистикаи онлайнӣ, интернет- журналистика, ВАО-и рақамӣ, сомонаҳои иттилоотӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, Facebook, Youtube, Instagram, Telegram, пайгир.

ОСОБЕННОСТИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ИНФОРМАЦИОННЫХ ИЗДАНИЙ В ИНФОРМАЦИОННОМ ПРОСТРАНСТВЕ ТАДЖИКИСТАНА

В статье рассматриваются вопросы, связанные с деятельностью традиционных СМИ и влиянием социальных сетей на процесс деятельности СМИ, социальные сети и особенности их работы. Кроме того, в статье проанализирована деятельность таджикских СМИ в социальном медиапространстве, и автор на примере нескольких государственных и негосударственных СМИ определил, какие СМИ хорошо освоили социальное медиапространство и выполняют миссию по предоставлению информации по мере необходимости, а СМИ имеют несколько слабую активность в этой сфере.

В статье используются точные факты и цифры, чтобы показать, какие местные СМИ являются лучшими на конкурентном рынке в онлайн-мире, а также анализируются и обсуждаются факторы успеха ведущих СМИ.

Данная статья имеет большое значение для определения активности местных СМИ посредством онлайн-средств, особенно социальных сетей в информационном пространстве.

Ключевые слова: Онлайн- журналистика, интернет-журналистика, цифровые медиа, информационные сайты, социальные сети, Facebook, Youtube, Instagram, Telegram, подписчик

PECULIARITIES OF THE ACTIVITIES OF INFORMATION PUBLICATIONS IN THE INFORMATION SPACE OF TAJIKISTAN

The article discusses issues related to the activities of traditional media and the influence of social networks on the process of media activities, social networks and the peculiarities of their work. Moreover, this article analyzed the activity of Tajik media in the social media space, and the author, using the example of several state and non-state media, determined which media have well penetrated the social media space and fulfill the mission of providing information as needed, while the mass media have somewhat weak activity in this area.

The article uses accurate facts and figures to show which local media outlets are the best in the competitive marketplace in the online world, and analyzes and discusses the success factors of the top media outlets.

This article is of great significance in determining the activity of local media through online media, especially social media in the information space.

Key words: Internet journalism, digital media, informational websites, social media, Facebook, Youtube, Instagram, Telegram, subscriber.

Маълумот дар бораи муаллиф: Саттарова Замира Абдуҷабборовна, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи Муассисаи таълимии давлатии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд) E-MAIL: www_1985@mail.ru

Сведения об авторе: Саттарова Замира Абдуджабборовна, кандидат филологических наук, доцент кафедры журналистики и теории перевода Государственного образовательного учреждения «Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова» (Таджикистан, г. Худжанд) E-MAIL: www_1985@mail.ru

Information about the author: Sattarova Zamira Abdujabborovna, candidate of philological sciences, associate professor of the department of journalism and theory of translation of the State Educational Institution “Khujand State University named after Academician Bobojon Gafurov” (Tajikistan, Khujand) E-MAIL: www_1985@mail.ru

ТДУ:82-2 (2-тоҷ)
М-61

ҒОИБ САФАРЗОДА АЗ НИГОҲИ СОҲИБ ТАБАРОВ

Мирзоева М.М., н.и.ф., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Аксари пажуҳандагони адабиёт бар ин назаранд, ки шеъри муосири тоҷик аз охири солҳои 50-ум ва ибтидои солҳои 60-уми асри гузашта ба таҳаввулоти амиқе рӯбарӯ шуд. Маълум аст, ки навҷӯйиву тозапардозӣ яке аз хусусиятҳои ҷомеаи инсонист ва агар ин падида намебуд, дар дунё ҳеҷ пешрафту такомуле ҳам сурат намегирифт. Аҳли ҳунару фарҳанг, махсусан адибони тоҷик дар тули рӯзгор ҳамвора саъй кардаанд, то тозагие дар сабки кору шеваи офариниши хеш эҷод кунанд. Заминаи нахустини ин дигаргуниҳои сифатӣ ба майдони адабиёт ворид гардидани насли нави адибон буд, ки тафаккур ва ҷаҳонбинии онҳо дар қиёс бо насли пешин фарқкунанда буд. Шеъри индавраинаи тоҷик бо шоироне мисли Муъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Ҳабибулло Файзулло, Гулназар, Гулрухсор ва Ғоиб Сафарзода ба маҷрои нав ва сарзаминҳои тозаи маънавӣ ворид гардид, ки он дар адабиётшиносии тоҷик бо истилоҳи «шеъри нав» ёд мешавад.

Дар ин росто яке аз шоирони сухансарои адабиёти тоҷик Ғоиб Сафарзода (1940-1972) мебошад, ки ӯ тавонист, бо назми навоваронааш дар сафи аҳли адаб ҷойгир шавад.

Соҳиб Табаров аз зумраи донишмандон ва нависандагони пуркори тоҷик аст, ки дар рушди адабиётшиносӣ, нақди адабӣ ва насри муосир нақши бориз дорад. «Яке аз

хусусиятҳои хоси нақди Соҳиб Табаров, - қайд кардааст профессор А. Кӯчарзода, - дар он аст, ки устод зиёдтар асарҳои истеъдодҳои ҷавонро мавриди таҳлилу тадқиқ қарор медиҳад ва бо ҳамин, чи хеле ки аз тақризҳои пай дар пайи мунаққид ба осори Муъмин Қаноат, Фазлиддин Муҳаммадиев, Муҳиддин Хоҷаев, Юсуфҷон Акобиров, Ғоиб Сафарзода, Гулрухсор Сафиева… бармеояд, адибони ҷавони соҳибистеъдодро бо роҳи мақбул ва самараноки эҷодӣ ҳидоят менамояд» [1, с. 52].

Аз ҷумла, устод Соҳиб Табаров ибтикорот ва фаъолияти наҷибу навоваронаи Ғоиб Сафарзодаро дида, дар мақолаи «Дар зиндагӣ аз хеш гузорам асаре ман», ки баррасии ҷараёни рушду камолоти эҷодии Ғоиб Сафарзода ихтисос дорад, ба нақши корсози ин ниҳодҳо ишора менамояд: «Дар Тоҷикистон аз ҳар гӯшаву канор нависандагони соҳибзавқе ба воя мерасанд, аммо дар байни манзилҳои адабпарвари пойтахти Тоҷикистон ду мактаб мақоми бузургеро ишғол мекунад, ки яке Институти педагогии ба номи Шевченко ва дигаре Университети давлатии Тоҷикистон ба номи Ленин мебошад. Агар дар солҳои баъди ҷанг як зумра адибон – Акобир Шарифӣ, Файзулло Ансорӣ, Бобо Ҳоҷӣ, Ғаффор Мирзо, Убайд Раҷаб аз лонаи Институти педагогӣ ба парвоз омада бошанд, дар солҳои шастум ба қатори онҳо Ғоиб Сафарзода, Лоиқ Шералӣ, Ҳабибулло Файзулло дохил гардида, мақоми ин мактаби адабиро боз ҳам баландтар бардоштанд».

Дар ин ҷо баҳси мо аз рушду камолоти яке аз намояндагони ҳамин мактаб аз эҷодиёти шоири бармаҳал бо хонандагонаш падруд гуфта, вале ашъораш доимо ҷавону зинда аст, Ғоиб Сафарзода меравад.

Ғоиб Сафарзода ба мо маҷмуаҳои «Корвони орзу»-и дар зиндагиаш худаш дидаву хонда ва «Ошёни офтоб»-и пас аз фавташ чопшуда, даҳҳо шеъру очерк, мақолаву лавҳа, тақризҳою осори публитсистии дар матбуот чоп шуда ва номатбуъро ҳамчун хотирае аз худ ба мерос гузоштааст.

Ғоиб Сафарзода ҷӯяндагӣ, баҳри беҳбудии ҳаёт бо қатъият ба сӯйи оянда сафар кардану раҳсипор будан ва такопӯро мақсади аслии эҷодии худ меҳисобад:

Зиндагӣ беист бинмояд шитоб,
Рӯ ба сӯйи рӯзҳои босафо
Кай тавон, акнун шумурдан ҳар қадам?
Нест фурсат бингарам боре қафо.

навишта буд дар яке аз шеърҳои аввалини худ «Қадамшуморӣ» (соли 1960) оид ба нақшаву мароми зиндагӣ ва эҷодии худ шоири ҷавон.

Ғоиб Сафарзода ошиқи зиндагист ва ҳамаи паҳлуҳои ҳаёт диққати ӯро ба худ мекашанд. Дӯстиро вассофи бузургест ва ин маъноро махсусан дар шеъри «Гаштем фарзанди падар» (соли 1962) хеле самимона сароидааст:

Меравам, аз ҳар яке бо худ муҳаббат мебарам,
Ростию дӯстӣ, азму садоқат мебарам.
Аз Бадахшону Зарафшону Ҳисори шодмон,
Ному ёди нек, як дунёи ҳурмат мебарам.
Инсон баҳри инсон зиндагӣ мекунад:
Зиндагӣ дар талоши оянда
Ҳар нафас инқилоб мехоҳад.

Шоир ҳақиқатгӯйӣ, тозагии ахлоқи инсонӣ, васфи хулқу атвори наҷибро моли эҷодии худ дониста, дар ин “роҳи сафед” бе каму кост, ҳалол қадам гузоштанро аз ҳама авлотар медонист:

Гар бубинам носипосӣ, каҷравӣ,
Мешавам аз хеш берун ногаҳон. –

мегӯяд Ғоиб Сафарзода дар шеъри «Эҳтиёт!» (соли 1965).

Роҳи рост ягона роҳест, ки инсонро ба кӯйи мақсад мерасонад:

Агар хоҳӣ маро ёбӣ, зи роҳи рост ҷӯён шав,
Маро дар ҷӯши баҳри зиндагӣ маъвост, ҷӯён шав.

Шоири ҳассоси самимигуфтор дар ҳангоми васфи дӯстӣ садоқатмандиро моли бузурге мешуморад. дар ғазали “Дӯстӣ” (соли 1970).

Сар барои дӯст додан, сар надодан дӯстро, -
Ин хитоб акси садое аз дили бенанг нест.

Тоҷикистон кишвари озоди советӣ – маъвои дили қаҳрамони ашъори Ғоиб Сафарзода мебошад:

Маро ҷӯед дар ҳамбастагӣ бо Тоҷикистонам,
Диёри кӯҳсорони қатори осмонбардӯш,
Диёре, к-андар ӯ дарҷ аст дороию имонам
Диёре, ки маро додаст дунёи хурӯшу ҷӯш.

Дар шеъри «Гусел» (соли 1962) меҳру муҳаббат ва эҳсосоти шоирро ба модари меҳрубон хеле равшан ифода намудааст:

Оҳ модар, дар танӯри синаи худ чун кабоб,
Сӯхтанро дар ҳаёт оё намудӣ интихоб?

Ғоиб Сафарзода на танҳо сабақи калоне аз саромадони адабиёти гузашта ва муосири тоҷик гирифтааст, балки сабку усули инкишофи минбаъдаи назмро аз бисёр шоирони закии адабиёти сермиллати советӣ аз қабили Ярослав Смеляков, Расул Ғамзатов, Қайсин Қулиев, Эдуардас Межелайтис ва дигарон омӯхтааст. Ҳам шогирд ва ҳам давомдиҳандаи хуби мактаби адабии Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода ба шумор меравад.

Дубайтии зерин дар васфи «Ватан»:

Ватан дорам, ки дунёро писанд аст,
Амонӣ дар паноҳаш бегазанд аст.
Биярзад, ки ба номи ӯ бифахрам,
Сари ман аз мақоми ӯ баланд аст.

Чунончи, дар шеъри «Бузургӣ» (соли 1967) ҳар як байт як фикри томро дар худ гирд овардааст:

Кӯҳ шуд аз пойдориаш бузург,
Чашма шуд аз бекарориаш бузург.
Аз дурахшу аз ҳарорат офтоб,
Баҳр шуд аз бекориаш бузург.
Ишқ аз покизагию ростӣ,
Ошиқ аз умедвориаш бузург.
Шуд сари гаҳвораи фарзанди худ,
Модар аз шабзиндадориаш бузург.

Шоир образҳои кӯҳ, чашма, офтоб, баҳр, ишқ, ошиқро бо як мисраъ ва модарро бо як байт офаридааст.

Дар ғазали «Бузургӣ» мақоми калонро дар ҳалли масъалагузории шоир калимаи «бузург» адо кардааст.

Соҳиб Табаров дар мақолаи «Сурудаҳои вопасин» дар бораи эҷодиёти Ғоиб Сафарзода дар китоби дуюми «Ҳаёт, адабиёт, реализм» (1978) сухан ронда, ба эҷодиёти ин адиби акнун ба қуллаҳои баланд парвозкунанда баҳои баланд додааст.

Имрӯзҳо дасту дили хонандагонро ашъори охирини шоири ҷавони навҷӯ Ғоиб Сафарзода, ки дар маҷмуаи «Ошёни офтоб» гирд оварда шудааст, нарму гарм менамояд.

Ғоиб Сафарзодаро ҳама вақт зиндагии хушнудонаи халқҳои советӣ ва махсусан, комёбиҳои Тоҷикистони озод ва гул-гулшукуфон шоду мамнун мегардониданд. Ӯ сарсабзиҳои кишвари маҳбубашро, ки қисми таркибии ватани азизаш мебошад, сарсабзии худ мешуморад:

Маро бо дӯстони ман биҷӯед
Ки танҳо бе бақо ҳамчун ҳубобам...
Маро бо кишварам сарсабз донед,
Ки ман лабташна нахле, ӯст обам.

Шеърҳои маҷмуаи «Ошёни офтоб»-и Ғоиб Сафарзода аз ҷиҳати сохт ва бандубаст хеле кӯтоҳ ва аз ҷиҳати баёни фикр ва изҳори ақидаи иҷтимоӣ ва эстетикӣ санъаткорона ва пурмазмуну сермаъно навишта шудаанд. Ӯ дар қисме аз шеърҳояш чун бисёр саромадони ашъори лирикии форсу тоҷик дар ҳар байт як фикри том ва бутунро баён менамояд, ки ин хусусияти услубӣ бори дигар ҳампайвандии ашъори шоирро бо назми Рӯдакӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва ё Лоҳутию Турсунзода ва дигарон исбот менамояд. Барои тасдиқи ин фикр қитъаи «Мешиносам»-ро аз назар мегузаронем, кифоя аст:

Таваллудгоҳам аз кӯҳи баландаш,
Зи тангии фазояш мешиносам.
Диёри кӯҳсори дилбарамро,
Ман аз боду ҳавояш мешиносам.
Ба ҳар ҷо халқи чун модар бузургам,
Чу фарзанд аз садояш мешиносам.
Зи мулки мардумони сулҳҷӯям,
Ватанро аз нидояш мешиносам.

Ғоиб Сафарзода камгап аст ва чун баъзе шоирони камистеъдод бисёр байту мисраъҳои каммазмун ва хушки якранг намеофарад. Ӯ байтҳоеро кашф менамояд, ки дар мағзи дилу ақли хонанда ҷойгир шаванд ва нақш банданд.

Ӯ меҷӯст, «ҷӯянда ёбанда аст», мегуфт. Ашъори Расул Ғамзатов, Қайсин Қулиев барин шоирони ихтироъкор қалби ҳассоси ӯро ба тапиш меовардand, ӯро мафтун менамуданд. Бесабаб нест, ки Ғоиб Сафарзода пас аз Расул Ғамзатов ин тавр сароидааст:

Забони модариам, ҷони покам,
Ту бо шир омадӣ дар ҷони покам.
Бупайвастӣ маро бо рафтагонам,
Тӯӣ, ман зиндаам, бе ту ҳалокам.

Маҷмуаи «Ошёни офтоб» сурудаҳои вопасини ин шоири баландзавқ мебошад, ки дар ёди дӯстдорони сершумори назм чун хотираи абадӣ боқӣ монд.

Мактубҳои адабиётшинос ва мунаққид Соҳиб Табаров ба Ғоиб Сафарзода бо номҳои зерин: «Мактубҳо ба Ғоиб Сафарзода», «Дӯсти камёбам – нодирам!», «Дӯсти ғоибам, Ғоибҷон, салом», «Дӯсти ғоибам, Ғоибназар!», «Салом, рафиқи азиз Сафарзода» ва ғайраҳо мебошанд, ки дар бораи ҳар як шеър, мақолаҳои публитсистӣ ва тарҷумаҳои шоир Ғоиб Сафарзодаро дар маҷаллаҳо ва рӯзномаҳои ҷумҳурӣ хонда хеле хурсанд мешуд ва дар бораи камбудӣ ва муваффақиятҳои онҳо ба Ғоиб Сафарзода маслиҳатҳои хуб навишта равон менамуд.

Хулоса, ҳамин тавр буд ва ҳамин тавр бо дӯстону ҷавонон, бо дӯстию бародарӣ дар хотири ҳаводорони адабиёти бадеӣ боқӣ мемонад.

Намуна аз мактуби Соҳиб Табаров ба Ғоиб Сафарзода:
Дӯсти камёбам-нодирам!

Дирӯзакак се шеъратонро хондаму шод гардидам. Аҷаб мавзуе ёфтаед барои шеъри «Изҳори садоқат». Ҷӯянда ёбанда аст, - мегӯянд, рост аст. Ҳисори Тоҷикистон ва Ҳисори Булғория гӯё ҳеҷ алоқае надоранд. Аммо ин ду ном дар майдони соҳир шоҳасар ба вуҷуд оварда метавонад. Идеяи шеъратон ҳам баланд аст. Хонанда интизори чунин шеърҳо аст, ба замми ин чун «Модаратон аналитикӣ, философӣ ва ратсионалӣ».

Ғазалатон ҳам ҳақир маъқул шуд. Ғазалро доимо машқ кардан лозим аст, аммо на ҳама вақт барои чоп. Ғазалро пеши по задан лозим нест. «Шоир ва ғазал»-и Лоҳутиро хондаед? Мазмуннокии ғазал ҳам лозим ва онро дар «Ғазал»-атон ҳис кардам.

Боз чӣ гӯям? Хурсандам. Аз ҳад хурсандам барои се шеъратон. Танҳо хафаам, ки шумо, Ёдгорӣ, Мирак, Ҳақназар, Ҳакимзодаҳо қобилияти хуб дореду он қобилиятро сайқал намедиҳед. Гоҳ-гоҳ менависед. Аз ҳамин сабаб пешравии бузург чун Ғаффор Мирзо дар шумоён нест. Аз ин тунду тезии банда хафа нашавед!

Комёбиҳои нав ёратон бод!

Дӯсти Ғоиб Сафарзода Соҳиб Табаров.

P.S. Ғазалро ба касе бахшидаед, аз афташ. С.Т. 10.VII.1969. ш. Душанбе

Адабиёт:

1. Кӯчаров А. Муҳаққиқи соҳибмактаб (90 соли пуршарафи устод Соҳиб Табаров). – Душанбе: Адиб, 2014. – 160 с.
2. Сафарзода, Ғ. Корвони орзу. Маҷмуаи шеърҳо/ Ғ.Сафарзода. – Душанбе: Ирфон, 1969. – 90с.
3. Сафарзода, Ғ. Ошёни офтоб. Маҷмуаи шеърҳо/ Ғ.Сафарзода. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 70с.
4. Сафарзода, Ғ. Мунтахабот. Ҷилди 1/ Ғ.Сафарзода. – Душанбе: Адиб, 2003. – 262с.
5. Сафарзода, Ғ. Мунтахабот. Ҷилди 2/ Ғ.Сафарзода. – Душанбе: Адиб, 2011. – 230с.
6. Табаров, С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. Китоби дуюм. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 221с. – С.201-205.

ҒОИБ САФАРЗОДА АЗ НИГОҲИ СОҲИБ ТАБАРОВ

Соҳиб Табаров аз ҷумлаи донишмандон ва муҳаққиқони сермаҳсули тоҷик аст, ки дар рушду нумуи адабиётшиносӣ-нақди адабӣ ва насри муосир нақши бориз дошта, соҳиби мактаби адабии хеш мебошад. Аз мактаби адабии ӯ шоироне, чун Ғоиб Сафарзода ғизои маънавӣ бардоштаанд.

Соҳиб Табаров ба шеъри Ғоиб Сафарзода баҳои баланд додааст. Аз шеъри ӯ шод гардидааст ва тавассути нома муҳаббату самимияташро нишон додааст. Дар мақолаи мазкур то ҳадди имкон ҳамон меҳру самимияти Соҳиб Табаров нисбати шеъри Ғоиб Сафарзода нишон дода шудааст. Муаллиф дар асоси номаҳои Соҳиб Табаров ба хулосаҳои муҳимми илмӣ омадааст ва мавқеи шоирро дар адабиёти муосир аз нигоҳи Соҳиб Табаров нишон додааст.

Калидвожаҳо: Соҳиб Табаров, Ғоиб Сафарзода, шеър, нома, нақди адабӣ, маҷмуа, “Ошёни Офтоб”, таҳқиқ, байт, ғазал.

ГОИБ САФАРЗОДА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ СОХИБА ТАБАРОВА

Сохиб Табаров – один из наиболее продуктивных таджикских ученых и исследователей, сыгравший значительную роль в развитии литературоведения, литературной критики и современной прозы.

Сохиб Табаров высоко оценил поэзию Гоиба Сафарзода. Он был в восторге от ее поэзии и выразил свою любовь и искренность в письме. В этой статье в меру своих возможностей показана та же любовь и искренность, которую Сохиб Табаров питал к поэзии Гоиба Сафарзоды. На основе писем Сохиба Табарова автор пришел к важным научным выводам и показал место поэта в современной литературе с точки зрения Сохиба Табарова.

Ключевые слова: Сохиб Табаров, Гоиб Сафарзода, поэма, письмо, литературная критика, сборник, «Солнечное небо», исследование, стихотворение.

GHOIB SAFAROZDA FROM THE VIEW OF SOHIB TABAROV

Sahib Tabarov is one of the most productive Tajik scholars and researchers, who played a significant role in the development of literary studies, literary criticism and modern prose.

Sahib Tabarov highly appreciated the poem of Goib Safarzoda. He was pleased with his poem and expressed his love and sincerity in a letter. This article shows the same affection and sincerity of Sahib Tabarov to the poem of Goib Safarzoda to the maximum extent. Based on the letters of Sahib Tabarov, the author came to important scientific conclusions and showed the position of poets in modern literature from the point of view of Sahib Tabarov.

Key words: Sahib Tabarov, Ghoib Safarzoda, poem, letter, literary criticism, collection, «Sunny Sky», research, verse, poem.

Маълумот дар бораи муаллиф: Мирзоева Маҳтовбӣ, номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735360, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров-16. Тел:(+992) 93-433-96-00

Сведения об авторе: Мирзоева Махтовби, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры таджикской литературы Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: Республика Таджикистан, 735360, город Куляб, улица Сангака Сафарова - 16. Тел: (+992) 93-433-96-00

Information about the author: Mirzoeva Makhtovbi, candidate of philological sciences, senior lecturer of the Department of Tajik literature of Kulob State University named after Abuabdullokhi Rudaki. Address: Republic of Tajikistan, 735360, Kulob city, Sangak Safarov street - 16. Tel: (+992) 93-433-96-00

УДК 81'373.423
Д-14

ПРИНЦИПЫ И МЕТОДЫ СЕМАНТИЧЕСКОГО АНАЛИЗА ГЛАГОЛОВ МЫШЛЕНИЯ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Давлатзода Ф.Дж., к.ф.н., ст. преподаватель, Гуламадшоев Ш.Ш., к.ф.н., доцент
Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки

Прежде чем приступить к выявлению принципов и методов семантического анализа мыслительных глаголов таджикского и английского языков, считаем необходимым интерпретировать понятие «мышление» с учётом мнения отечественных и зарубежных исследователей.

Из проведённого нами обзора следует, что поиск и анализ связей, которые возникают у слова «мышление» и других языковых единиц, являются важными и существенными. Язык мышления представляет собой сложную система и цикличную структуру, в которой основную роль играет содержание слова, адаптированное к слову, поскольку основная информация и структурная единица, как утверждает известный лингвист Л.С. Выготский в своём фундаментальном труде «Мышление и речь», представляют собой наиболее важные «структурные особенности языка в целом» [4, с. 48].

Среди исследований в области языкознания много внимания обращено к работам, посвященным изучению словесной семантики. Согласно мнению П. Джамшедова, «… исследуя глагол с семантической точки зрения, мы не можем не констатировать огромного количества его разнообразных индивидуальных значений, да и сам круг глагольных значений весьма широк» [5, с. 3].

По мнению российского лингвиста П.С. Кузнецова, «…всеобщий энтузиазм, охвативший исследователей языковой семантики, грозит обернуться тотальной семантизацией, т.е. приписыванием значения всему, что есть в языке, а также рядом с ним» [7, с. 5].

Другим российским лингвистом В. Кольшанским подчёркивается, что: «Будучи законченным по форме и идиоматическим по содержанию слово выполняет все «значимые» функции языка: номинативную, коммуникативную и прагматичную. В то же время большая роль принадлежит предчувствию как «высшей ступени отражения реальности в человеческом сознании, такой же ступени, как и концепция» [6, с. 21-22].

Дополняя точку зрения Кольшанского, другой исследователь П.В. Морослин считает, что: «Значение слова отражает общие и в то же время существенные черты изучаемого предмета в общественной практике людей. Значение слова стремится к понятию относительно предела» [8, с. 9-10].

Другим принципом изучения семантики слова является парадигматический принцип, который по своей направленности близок к тематическому. В него входит классификация предикатов с общей семантикой свойства, отношения, действия, состояния.

По этому принципу глаголы распределяются по значениям процесса действия, состояния и действия. Такая классификация способствует определению такого отличительного свойства парадигматики, которое характеризует подчиненное отношение предикатов слов, определяет доказательство их значимости и элементы категории в значениях лексем.

Становление и разграничение предполагаемых ситуаций речи осуществляется с помощью синтагм предикативного, атрибутивного, объектного и адвербиального характера. Семантическая структура предикатов глагола способствует тому, что ситуация становится утверждающей, и в ней семантический объект дополняет выражение грамматической категории предикативности и коммуникации.

Об этом П.В. Морослин утверждает: «Третий принцип в изучении семантики глаголов – это синтагматический принцип. Группа слов, адаптированных на основе дополнительного языка к подчиненным сообществам и логическим связям, характеризуется общими для них лексическими и семантическими связями с другими единицами на синтагматическом фоне. Пребывание и изучение этих сообщений общей характеристики для определенной группы глаголов является важным этапом в описании их семантики. Особенность лексических единиц требует от них сосредоточенного внимания в описанной ситуации, что дает им возможность отмечать присущие им синтаксические признаки, но не учитывать существительные или прилагательные» [8, с. 10].

Свойство объединяться наблюдается в лексических единицах, которые определяют суть и свойства, исходя из синтагматического значения глагола [Е.С Кубрякова, 1981; Л.Р. Зиндер, 1969; Л.М. Васильев, 1981; Ю.Д. Апресян, 1974; А.А. Уфимцева, 1974; 1989].

Такое свойство лексических предикатов проявляется в их способности создавать синтагму и занимать в ней ведущее положение [2, с. 52]. Специальное положение в синтагме, в зависимости от предиката, будут занимать его аргументы (актанты для патрициата, семантические валентности, глубокие случаи). Поэтому этот принцип изучения словесной семантики находит и показывает характерные эквиваленты лексических и синтаксических единиц. Вышеупомянутые особенности, принадлежащие слову как единице языковой системы и реализованные, когда слово входит в цепочку синтагматики, будут создаваться как цепочка синтагматических выражений.

Таким образом, лексические комбинации слов будут служить инструментом для отражения окружающего мира отношений, существующих между явлениями, впечатляющих для них определенных ограничений или этих комбинаций слов. Следует отметить, что некоторые лексико-семантические группы глаголов обладают свойством отображать символы лексико-синтаксических связей с другими языковыми единицами. То есть существует возможность их предположения на базе значений глагола. Например, «речь» – говорить, «течение» – протекать. Но также это значение, может быть, и достаточно слабым в поливалентных глаголах: «говорить», «быть». Приведённые доводы наводят на мысль, что необходимо подчеркнуть важность и потребность учета синтагматических коммуникаций изученных языковых единиц, без описания которого у анализа существенной стороны языка будет неполный характер.

Одна из словарных единиц – семантическая группа введения слов в группе глаголов мышления, включая мыслительные глаголы и глаголы понимания, знания и памяти с главными словами «думает – чтобы думать» (чтобы думать), «понять глаголы мыслительной деятельности – чтобы понять», «не забыть – помнить» и также глаголы, определяющие интеллектуальную собственность.

По мнению Т.В. Булыгина: «Структура лексико-семантической группы мыслительных глаголов в целом все еще остается недостаточно изученным предметом, и на русском языке, и на других языках. Исследования семантики глаголов, выражающих мнение, обычно проводятся на материале одного языка. На русском языке фундаментальное исследование глаголов в области интеллектуальной деятельности впервые проводилось» [3, с. 24].

К числу ученых-исследователей системы глагола можно причислить имена Ахмадова, У. (1961); В.С. Расторгуевой, А.А. Керимова (1964); Б. Сиёева (1968); П.Д. Джамшедова (1984); М.Б. Шахобова (1985): Мирзоева, А. (1989); М.Б. Нагзибековой (2000); С.Шербоева (2003); С.А.Рахматова (2004); Ж.Б. Гулназаровой (2009); С. Халимиёна (2013); Р. Шодиева (2014), Х. Н. Мехдизоды(2016) и др.

Лексическое значение с древних времён привлекало к себе научный интерес многих исследователей, рассмотревших отдельные стороны синтаксико-семантических свойств мыслительных глаголов и их практическое применение. Среди лингвистов, исследовавших проблемы определенных аспектов глаголов в области интеллектуальной деятельности в английском языке, следует назвать Выгодского, Л.С. (1934), М.А. Ганшина и Н.М. Василевской(1954), Г.Г. Сильницкого (1973), В.Н. Дзюбу (1983), Е.В. Комину (1984), И.Б. Мошеева (1991), К.Н. Качалова (2000), П.В. Морослина (2001), П.П. Литвикова (2006), Г.Н. Погожих (2010), В.Л. Каушанской и Р.Л. Ковнера (2014) и др.

В данном направлении колоссальная работа была проведена исследователями П.П. Литвиковым (2006), Г.Н. Погожих (2010), В.Л. Каушанской и Р.Л. Ковнера (2014), на материале английского языка.

Наибольшее внимание обращено на семантические исследования в работах Выгодского, Л.С. (1934), М.А. Ганшина и Н.М. Василевской (1954), Г.Г. Сильницкого (1973), В.Н. Дзюбу (1983), Е.В. Комину (1984), И.Б. Мошеева (1991), К.Н. Качаловой (2000), П.В. Морослина (2001) и др.

Объектом исследования статей становится употребление глагола «фикр кардан – to think», и формы его употребления в самых древних памятниках восточнославянской культуры, таких как «Повесть временных лет» («Лаврентьевская летопись»), памятники русского литературного языка XVII-XVIII веков (Кодухов, 1961), в английском языке XIII-XVII веков, в древнерусском языке XIII-XVIII веков, а также в русском литературном языке древнекиевской эпохи. Согласно высказываниям Г.И. Третникова, «недобрый замысел, недоброе желание» получает глагол **to think – фикр кардан**, хаёл кардан, тасаввур кардан, фарз кардан (думать, представлять, предполагать); 2) гумон кардан, шумурдан:3) фикр карда ёфтан, хаёл карда баровардан (**размышлять),** а также в сочетаниях **to think – фикр кардан (мыслить)** в винительном падеже и с предлогом [10, с.48].

Несколько примеров глагольного мышления:

Шумо дар бораи чӣ **фикр** мекунед? – What are you **thinking** about [14, с. 875]?

Ман **гумон** мекунам, ки вай ҳақ аст. – I think he`s right [14, с.875].

Аз ин вазъияти мушкил роҳи баромад ёфта наметавонист. – He **could not think** of a way out of that difficult situation [14, с. 875].

Рассматриваемое произведение показывает случаи своеобразного художественного приёма и передачи мыслей, при которых раскрывается мысль внутренней речи, например: *маъниофарӣ, маънисозӣ, маънӣ баровардан*. Глагол **to speculate – *фикр кардан* (помыслить, размышлять)** выражает собственное значение, то есть процесс мышления одного лица, независимо от стиля текста. В современном языке случаи применения глагола ***to speculate – фикр кардан*** и его производных*: that think* – чтобы думать и *пурра фикр кардан – think over* происходят исключительно в тексте светского характера. Глагол ***to speculate – фикр кардан*** в различных собственных видах применяется летописцами для выражения любой совместной полемики, встречи, заключительной стадии, обозначающей общее решение о дальнейших действиях.

Вай дар бораи ғолиби имконпазир **андеша кардан** рад кард. – He refused **to speculate** about the possible winner [14, с. 798].

Предложение и суждение организуют мысль как заявление *(тасаввур кардан – to imagine (*представить*), пешниҳод намудан – to offer (*выдвинуть*),* или опровержение *(тасаввур накардан – can't imagine (не представлять).*

can't begin to imagine – тасаввур накардан (не представлять)

I can't begin to imagine what it'll be like. – Ман тасаввур намекунам, ки ин чӣ мешавад.

Савдогарон, ки мисли Аҳмад ба фоидаи тиҷорати Муғулистон *оби даҳонашон мерафт* ва дар бадали як ҷӯра карбос ба даст даромадани чанд болиш нуқраи хонро ***ба пеши назар меовардand,*** ба таслим розӣ шуданд. – Merchants, like Ahmad, who drooled for the ***imagined*** benefit from the trade with the Mongols, and who ***imagined*** receiving raw silver in exchange for carobs agreed to surrender [15, с. 51].

Дарк карда наметавонам, ки ӯ ба куҷо рафтааст. – I can`t **conceive** where he has gone [14, с. 162].

Следовательно, указанный глагол становится синонимичным по значимости, глагол – to look through together – якҷоя аз назар гузаронидан (чтобы рассмотреть вместе). Особенность применения глагола состоит в том, чтобы думать то, что это будет всегда сопровождаться.

Процесс мышления, обмен мыслями группы лиц выражается посредством глагола ***to speculate – фикр кардан*** (думать). Глагол «**фикр кардан – *to speculate***» содержит основное значение, которое расширяется в зависимости от экспрессивной способности человека к мыслительным действиям, построению заключения с целью представления мысли. В функционировании глагола по сравнению с употреблением в летописях необходимо признать, что сущность мысли может быть передана исключительно в виде винительного падежа. По истечении времени и формировании всё новых лингвистических структур возникли сочетания, в которых посредством примыкающих слов передается характеристика в качественном аспекте процесса мысли. Пример: образно мыслить, мыслить логически, или конкретно мыслить и т.п. Стоит отметить, что древние смысловые функции не были утрачены глаголом ***фикр кардан – to speculate*** (думать)**.**

На данном этапе использование указанного глагола в сочетаниях, выражающих совместное, коллективное рассмотрение, обсуждение, является специфическим для таджикского языка. Наряду с этим признается, что отдельные функции глагола «***фикр кардан - to think (думать)***» и новые элементы были разработаны с этим глаголом.

В таджикском языке на современном этапе, как правило, применяется глагол ***фикр кардан – to think (думать)*** для передачи размышлений со стороны одного лица над чем-либо. Данная смысловая разновидность глагола **является** *пурра фикр кардан – think over (**обдумывать**)* появляется на основе главного значения *think in common – якҷо фикр кардан (*думать сообща*), hold think over – бо кумаки касе фикр кардан (*обдумывать с чьей-то помощью*)*. Например: Он чизе ки ман гуфтам ҳартарафа **фикр** кунед. – Please, **think** over what I`ve said [14, с. 682].

Синтагматический принцип исследования семантики глаголов размышления как лексическая совместимость и синтаксические функции глаголов – внешняя оболочка семантики данных единиц языка считается естественным. Вопросы синтагматических глаголов данной лексико-семантической группы упомянуты в большей части научных трудов Т.Р. Кияка [1987], Г.Г. Почепцова [1969], Ю.С. Степанова [1974], И.А. Стернина [2001], В.И. Постовалова [1973], О.Н. Селиверстовой [1982] и др.

Другие авторы научных работ уделяли основное внимание исследованию и раскрытию контактов семантики с практичностью. К этим авторам можно отнести таких ученых, как: Б. Сиёева [1967]; Н.Д. Арутюнова [1973], Х.Ю. Яхъяева [1981], Р. Кирснера и А.Ш. Шарифова [2014], Т.В. Булыгина и А.Д. Шмелева [1997] и многих других.

Посредством логики словарный компонент определяется как набор лексико-семантических вариантов семантического построения слова «многозначность». Существует также другая методическая интерпретация концепции «семантического построения слова» [8, с. 19], используемой в процессе анализа творения, связанная с определением сменной структуры семантической службы слова. В этом качестве термин «семантическая структура» используется при фактическом изучении глаголов.

Современные слова о лексическом значении, как структуре, основаны на работах известных лексикографов, таких как Ш. Балли, Э. Сепир, В.В. Виноградова, и на исследованиях в области лексической семантики ученых Ельмслева, Мартиной, Ульмана,

Потай, Крюкова, Греймаса, Ю.Д. Апресяна. В истории лингвистики XX век признан эпохой семантики [1, с. 22-23], главный объект того, что является существенной стороной языка, ценностью языкового знака – описание, но понятие «стоимость» к настоящему моменту остается больше всего неопределенным термином, оперируемое наукой. Как предмет исследования лингвистики – значение задано в виде теоретической конструкции и устанавливается как в качестве парадигмальных знаний о сущности языка, так и по особенностям фактологического материала.

Смысл лексического глагола трудно описать из-за пересечения различных процессов и явлений языка. Российский лингвист Г.Г. Почепцов в своих трудах рассматривает «лексическое значение как результат функционирования слова в предложении, как единицу процесса общения, далее характеризует его как компонент лексической системы языка. Смысл лексической системы устанавливается одновременной принадлежностью слова к двум системам: лексико-грамматической и семантической» [9, с.84-85]. В данном ракурсе слово способно иметь сами по себе идиоматические знаки, т.е. это определяет «генеалогическую» память о слове, его деривационные коммуникации [13, с.87]. Кроме того, слово – прямой участник коммуникативной деятельности, и её ценность определена фактором использования (обычай) [13, с. 55-56].

Согласно М.Б. Храпченко: «Слова в системе языка, и в системе коммуникации, есть двойной центр: первый – направленный к слову, работе центростремительного потенциала, второй – работа центробежного потенциала направлена от слова. Сочленённость в слове указанных двух активно операционных потенциалов делает его единицей, уникальной на семантической нагруженной и конструктивной силе» [12, с. 36-37].

Литературa:

1. Апресян, Ю.Д. Идеи и методы современной структурной лингвистики: (краткий очерк) [Текст] / Ю.Д. Апресян. – М.: Наука, 1966. – 302 с.
2. Бенвенист Э., Степанова Ю.С. Общая лингвистика [Текст] / Э. Бенвенист; под ред., с вступ. ст. и коммент. Э. Бенвенист, Ю.С. Степанова. – М.: Прогресс, 1974. – 448 с.
3. Булыгина, Т.В., Шмелев, А.Д. Языковая концептуализация мира (на материале русской грамматики) [Текст] / Т.В. Булыгина, А.Д. Шмелев. – М.: Школа «Языки русской культуры», 1997. – 576 с.
4. Выготский, Л.С. Мышление и речь [Текст] / Л.С. Выгодский. – М.-Л.: Соцэкгиз, 1934. – 790 с.
5. Джамшедов, П.Д. Проблемы глагольной типологии Время и вид [Текст] / П.Д. Джамшедов. – Душанбе: Дониш, 1984. – 158 с.
6. Кольшанский, Г.В. Коммуникативная функция и структура языка [Текст] / Г.В. Кольшанский. – М.: Наука, 1984. – 176 с.
7. Кузнецов, П.С. О принципах изучения грамматика [Текст] / П.С. Кузнецов. – М.: Наука, 1961. – 100 с.
8. Морослин, П.В. Семантическая структура мыслительных глаголов и их функция в тексте: на материале русского и английского языков [Текст]: дис. ... канд. филол. наук: 10.02.19 / Морослин П.В. – Москва, 2001. – 210 с.
9. Почепцов, Г.Г. Основы прагматического описания предложения [Текст] / Г.Г. Почепцов. – Киев, 1986. – 115 с.
10. Суперанская, А.В. Теоретические основы практической транскрипции [Текст] / А.В. Суперанская. – М.: Наука, 1978. – 283 с.
11. Уфимцева, А.А. Семантика слова [Текст] / А.А. Уфимцева // Аспекты семантических исследований. – М., 1980. – С. 5-81.
12. Храпченко, М.Б. Семантика и художественное творчество [Текст] / М.Б. Храпченко. – М.: Контекст, 1998. – 148 с.
13. Шендельс, Е.И. Многозначность и синонимия в грамматике [Текст] / Е.И. Шендельс. – М., 1986. – 184 с.

14. Мамадназаров А.. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ [Матн] / Мамадназаров А. – Душанбе: Матбуот, 2007. – 1079 с.

15. Садриддин Айнӣ. Қаҳрамонҳои халқи тоҷик Темурмалик. Исёни Муқаннаъ. Тарҷума ба забони англисӣ ва сарсухани профессор Абдусалом Мамадназаров. – Душанбе: ЭР-граф, 2022. – 156 с.

ПРИНЦИПЫ И МЕТОДЫ СЕМАНТИЧЕСКОГО АНАЛИЗА ГЛАГОЛОВ МЫШЛЕНИЯ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В процессе обучения отражаются принципы и методы семантического анализа мыслительных глаголов таджикского и английского языков. Эти глаголы «думать» определяют основной смысл того, что человек интеллектуальными усилиями достиг определенного результата и планирует его проанализировать. Формы этого глагола образуют небольшие семантические группы.

Авторы статьи также приступили к лингвистическому исследованию данной темы, которая сейчас считается принципом и методами семантического анализа мысленных глаголов в лингвистической науке. Среди прочего авторы отмечают, что в языковом аспекте данные грамматические формы при формировании мыслительного процесса в таджикском и английском языках могут иметь особые принципы и методы анализа значения мыслительных глаголов. Изменение основы глагола предсказывает, что значение связано с морфологическим аспектом, хотя морфологические формы в таджикском и английском языках полностью подчинены. Они реализуются через словарный запас, через смысловую совокупность соображений, мыслей и мнений. В такой информации очень важны условия, передаваемые через грамматические формы, поскольку она связана со стилистической функцией мыслительных процессов. Информационный аспект дает возможность выбора и сравнения, а наиболее распространенный случай использования принципа и методов их семантического анализа выделяет их формы со стилистической точки зрения.

Авторы статьи исследовали данную тему, представили и уточнили сущность, формирование и методы данной темы.

В ходе написания статьи авторы постарались раскрыть процесс становления и развития данной темы и их использования на основе источников научных знаний, основанных на многочисленных исследованиях отечественных и зарубежных исследователей, достоверных произведениях лингвистической науки, искусства и веб-сайтов.

Ключевые слова: семантический анализ, глагол, глаголы мышления, лингвистическое исследование, анализ и обзор, мышление, грамматическая категория, мышление и размышление.

ПРИНСИП ВА МЕТОДҲОИ ТАҲЛИЛИ МАЪНОИИ ФЕЪЛҲОИ ТАФАККУРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақолаи илмии таҳқиқотӣ дар раванди омӯзиши принсип ва методҳои таҳлили маъноии феълҳои тафаккурӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҷиҳати баррасӣ намудани хусусияти психолингвистии феълҳоро инъикос намудааст. Муаллифони мақола зимни таҳқиқи илмӣ оид ба фароҳам овардани принсип ва методҳои таҳлили маъноии феълҳои тафаккурӣ дар илми забоншиносӣ бо сохтори маъноии феълҳои тафаккурӣ дар забоншиносии муқоисавӣ таҳқиқоти ҳамаҷониба намуданд. Аз ҷумла, муаллифон қайд мекунанд, ки ҷанбаи забон, ин шаклҳои грамматикӣ ҳангоми ташаккули раванди тафаккур дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ метавонанд принсип ва методҳои таҳлили маъноии феълҳои тафаккурӣ хусусияти худашонро дошта бошанд. Тағйири асосҳои феъл пешбинӣ мекунад, ки маъно бо паҳлуи морфологӣ марбут аст, гарчанд шаклҳои морфологӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ комилан тобеанд. Онҳо тавассути лексика, тавассути маънои маҷмуи мулоҳизаҳо, фикрҳо ва ақидаҳо амалӣ мешаванд. Дар чунин иттилоот шартҳои ба воситаи шаклҳои

грамматикӣ интиқолдода хеле аҳаммиятноканд, чунки он бо функсияи услубии равандҳои тафаккур робита дорад.

Муаллифони мақола доир ба мавзуи мазкур таҳқиқот бурда, моҳият, ташаккул ва методҳои мавзуи мазкурро пешниҳод ва равшан намудаанд.

Муаллифон зимни таълифи мақола кӯшиш ба харҷ додаанд, ки дар асоси сарчашмаҳои илмӣ дар заминаи таҳқиқоти зиёди муҳаққиқони дохилию хориҷӣ, асарҳои муътамади илми забоншиносӣ, бадеӣ ва сомонаҳои интернетӣ, раванди ташаккул ва таҳаввули мавзуи мазкур ва корбурди онҳоро ошкор намуданд.

Калидвожаҳо: таҳлили семантикӣ, феъл, феълҳои тафаккурӣ, таҳқиқи забоншиносӣ, таҳлилу баррасӣ, тафаккул, категорияи грамматикӣ, фикр кардан ва гумон кардан.

PRINCIPLES AND METHODS OF SEMANTIC ANALYSIS OF THINKING VERBS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The principles and methods of semantic analysis of thinking verbs of the Tajik and English languages are reflected in the training process. These verbs "to think" determine the main meaning of the fact that a person has achieved a certain result through intellectual efforts and plans to analyze it. The forms of this verb form small semantic groups.

The authors of the article also began a linguistic study of this topic, which is now considered the principle and methods of semantic analysis of thinking verbs in linguistic science. Among other things, the authors note that in the linguistic aspect, these grammatical forms in the formation of the thought process in the Tajik and English languages can have special principles and methods of analyzing the meaning of mental verbs. The change in the verb stem predicts that the meaning is associated with the morphological aspect, although morphological forms in the Tajik and English languages are completely subordinate. They are realized through vocabulary, through the semantic set of considerations, thoughts and opinions. In such information, the conditions transmitted through grammatical forms are very important, since it is associated with the stylistic function of thought processes. The information aspect provides the opportunity for choice and comparison, and the most common case of using the principle and methods of their semantic analysis highlights their forms from a stylistic point of view.

The authors of the article studied this topic, presented and clarified the essence, formation and methods of this topic. In the course of writing the article, the authors tried to reveal the process of formation and development of this topic and their use based on sources of scientific knowledge based on numerous studies of domestic and foreign researchers, reliable works of linguistic science, art and websites.

Keywords: semantic analysis, verb, thinking verbs, linguistic research, analysis and review, thinking, grammatical category, thinking and reflection.

Маълумот дар бораи муаллифон: Давлатзода Файзиддин Ҷамил**,** номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров – 16. **Тел**: (992) 985891160, E-mail. Fayziddin-84@mail.ru

Гуламадшоев Шокиршо Шерзодшоевич, номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров – 16. **Тел**: (992)988382188; E-mail. zuvor1986@list.ru

Сведения об авторах: Давлатзода Файзиддин Джамиль, кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры методики преподавания иностранных языков Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова – 16. Тел: (992) 985891160, Эл. почта. Fayziddin-84@mail.ru

Гуламадшоев Шокиршо Шерзодшоевич, кандидат филологических наук, заведующий кафедрой языкознании и сравнительной типологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова – 16. Тел: (992)988382188; Эл. почта. zuvor1986@list.ru

Information about the authors: Davlatzoda Fayziddin Jamil, candidate of philological sciences, senior lecturer of the department of methods of teaching foreign languages, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street - 16. Tel.: (992) 985891160, E-mail. Fayziddin-84@mail.ru

Gulamadshoev Shokirsho Sherzodshoevich, candidate of philological sciences, head of the department of linguistics and comparative typology, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street - 16. Tel.: (992) 988382188; E-mail. zuvor1986@list.ru

ТДУ: 37.0+81-1 (075)
О-47

ИСТИФОДАИ САНЪАТҲОИ БАДЕЙ ДАР ЭҶОДИЁТИ Ҳ. ҒОИБ

Одинаева Г.М., н.и.ф., и.в., дотсент
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулллоҳи Рӯдакӣ

Ҳақназар Ғоиб яке аз адибони доираи адабии Кӯлоб буда, дар тули фаъолияти эҷодии худ қариб дар ҳамаи жанрҳои адабӣ қалами ашъори худро санҷидааст. Ӯ дар маҷмуаи «Тоҷи офтоб» шеъру таронаҳои тӯёна, зарбулмасал, панду андарзҳои халқӣ ва ҳам расму оинҳои мардумиро эҳё намуда, ба ҳар як лаҳзаҳои маросими тӯёна тарона, бадеҳаву суруду рубоӣ навиштааст. Умуман, ашъори шоир аз лафзи ширини мардуми Кӯлоб саршор буда, асолати халқи тоҷик, махсусан мардуми Кӯлобро дар худ таҷассум намудааст. Аз ин рӯ, суханони пурқимати В.Г. Белинскийро дар ҳаққи ашъори Ҳақназар Ғоиб лоиқ медонем, ки навиштааст: «Ҳар гуна шеър он гоҳ ҳақиқӣ мешавад, ки халқӣ бошад, яъне агар шахсияти халқи худро таҷассум намуда бошад» [5, с. 298].

Як хусусияти эҷодиёти шоир аз он иборат мебошад, ки онҳо бисёр сода, равон, оммафаҳм буда, аксар вақт аз эҷодиёти даҳонии халқ ғизо мегиранд.

Дар эҷодиёти шоир санъатҳои бадеӣ зиёд истифода шудаанд. Санъатҳои бадеӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд, санъатҳои маънавӣ ва санъатҳои лафзӣ. Санъатҳои маънавӣ дар асоси ба назар гирифтани маънои калима, ибора ва ҷумлаҳо сохта мешаванд. Аммо санъатҳои лафзӣ ба шакли калимаву ибораҳо асос ёфтаанд. Дар роҳи ороиш ва обу ранг додани сухан ҳамаи воситаҳои тасвири бадеӣ роли муҳимме мебозанд. [10, с. 47]. Хусусан ташбеҳ, истиора, талмеҳ, ташхис ва намунаҳои санъати лафзӣ бештар дар эҷодиёти шоир мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Дар шеъри «Бод, эй боди мурод!» боварию эътиқоди қаҳрамони лирикӣ ба оянда нигаронида шудааст, зеро муддатест маҳбуба аз ишқи шахси ошиқ бехабар мондааст. Қаҳрамони лирикӣ таъкид мекунад, ки то ҳанӯз ҳам ишқи ту дар дил ҳамчу маҳтоб медурахшад, аммо аз сабаби дар паси абри сиёҳ мондан рахшиданашро дида натавонистани маҳбуб аз ниҳон будани ишқи ӯст. Чунончи:

То кунун ишқи ту рахшад ба дилам,
Ҳамчу маҳтоб аз паси абри сияҳ.
Бод кай абр пароканда кунад,
Ханда резад ба дилам дидаи маҳ [7, с. 59].

Дар мисраъҳои боло ташбеҳ образнок, дилчасп ва бамавқеъ истифода шудааст. Рахшидани ишқро ба рахшидани маҳтоб монанд мекунад. Пас аз пароканда кардани абри сияҳ бод ба дили ошиқ аз хушбахтӣ ва висол дарак медиҳад. Ё ин ки

Ҳарчанд дили ман аз бароят зор аст,
Пеши ту, вале хомӯшиям ночор аст.

Хоҳам ба забон биёрам ишқи ту, вале
Оташ ба забон гирифтанам душвор аст [9, с. 165].

Муҳаббати қаҳрамони лирикӣ ба маҳбуба аҷаб нозук ва зебою мунаққаш оварда шудааст. Калимаҳои «зор», «ночор», «душвор», «оташ ба забон гирифтан» дар ҳамин рубоӣ латифу гуворо ва рангин омадааст. Шоир ишқу муҳаббатро ба оташ ташбеҳ карда гуфтааст, ки дар хусуси ишқи маҳбуба гап задан мисли оташро ба забон гирифтан мебошад. Ташбеҳи мазкур оҷизии қаҳрамони лирикиро дар назди маҳбуба нишон надода, балки садоқати ӯ, муҳаббати бепоёни ӯро бо лутфи шоирона инъикос менамояд.

Дар чаҳорпораи зерин аз ашъори шоир «гули офтоб», ки истиораи қуфли гиребон аст, ин ҷо ба сари тасвир зебоии хаёлангез рехтааст.

Духтари Кӯлоб, эй куртачакан,
Гули офтоб, эй куртачакан.
Тоҷи тоҷикӣ бар фарқи сарат,
Гули офтоб дар пеши барат [9, с. 182].

Чунонки мебинем, ашъори Ҳақназар Ғоиб хеле сода, равон ва дилчасп гуфта шудааст. Ин шояд аз он ҷиҳат дилчаспу равон аз зеҳни худододи ӯ баромадааст, ки аз зарбулмасалу мақол ва гуфтаҳои пандомези халқӣ гули мақсуд чидааст, дар сурудаҳояш аз калимаҳои арабӣ хеле кам истифода менамояд.

Дар ашъори Ҳакназар Ғоиб дигар навъҳои санъатҳои бадеӣ низ фаровон истифода шудаанд. Шоир барои тасвир кардани ягон касе ё чизе гоҳо сифатеро меорад, ки яке аз муҳимтарин хусусиятҳои касе ё чизеро нишон медиҳад. Дар мисоли зер калимаи «модар» чун тавсиф истифода шудааст:

Модар, ту сутуни хонадон будастӣ,
Аз ободии хонаи ҷаҳон будастӣ.
Ман аз нигаҳи ақл чунин донистам:
Модар, ту баҳои ҷисму ҷон будастӣ [7, с. 198].

Ё дар мисоли дигар дар таркибҳои гули хуршед, шуълаи умед, лаззати гул калимаҳои хуршед, умед, гул низ чун тавсиф омадаанд.

Лола саҳар лаб кушуд чун гули хуршед,
Аз дили ман сар кашид шуълаи умед…
Боди сабо дар забон лаззати гул дошт,
Оҳ, хабар оварад аз гули чинда [7, с. 29].

Дар илми бадеъ кор фармудани калимаҳои зидди якдигарро дар сухани бадеӣ тазод мегӯянд. Ва дар байни санъатҳои бадеӣ, тазод ва муқобила мавқеи калон доранд. Ба қавли адабиётшинос Т. Зеҳнӣ: «Яке аз пуртаъсиртарин воситаҳои тасвироти бадеӣ ҳамоно муқобил гузоштани ду фикр ба ҳамдигар аст ва ё ба таъбири дигар гӯем, сифат, хислатҳои ду кас ва ду чизро ба таври муқоиса ба ҳам муқобил гузоштан аст, ки санъати тазод ва муқобила ном дорад» [10, с. 82].

Дар <u>сахтрӯзиҳо</u> умед <u>хушрӯзиҳо</u> илқо кунад,
К– аз сабр рӯзе хуш гузашт, хушрӯзтар ояд пагаҳ [6, с. 59].

Дар ин байт калимаи сахтрӯзӣ бо калимаи хушрӯзӣ бо сифатҳои мухолифашон бо ҳам мувофиқ омадаанд. Ё дар шеъри дигар баҳору хазон бо ҳам муқобиланд.

То <u>баҳори</u> дил надорӣ, зиндагии ҳақшинос,
Аз <u>хазон</u> ранге ба рӯи арғувонат мезанад [6, с. 59].

Шоир тасвирҳои зеборо пеши рӯ оварда, рангу рамзро дар куртаи чакани гулдухтарони кӯлобӣ, ки таърихи миллати тоҷикро инъикос мекунанд, бо санъатҳои бадеӣ нотакрор ифода кардааст ва ҳувияти миллии зани тоҷикро тасвир намудааст:

Эй куртачакан! Зи Вахшию шаҳдлабӣ,
Сар то ба қадам сиришта аз тарабӣ.
Гӯям асалӣ, асал бубахшо зи лабат,
Афтоб ба рӯзамию моҳаб ба шабӣ [9, с. 181].

Дар мисраи аввали ин байт «шаҳдлабӣ» ташбеҳшаванда буда, дар мисраи сеюм «асал» ташбеҳкунанда мебошад. Ва дар мисраи чорум бошад «афтоб», «рӯз», «моҳ», «шаб» санъати тазоданд. Санъати тазод дар эҷодиёти шоир мавқеи калон дорад.

Санъати саволу ҷавоб низ барои ифодаи эҳсосоти қалбӣ воситаи хуб аст. Ҳақназар Ғоиб дар ифодаи мавзуъҳои ишқӣ аз саволу ҷавоб моҳирона истифода намудааст:

Гуфтам: Ба ташнаи ишқ як коса об бахшо,
Гуфто: Магӯ ба пешам аз қиссаи шабона.
Гуфтам, ки: Покбозам, дар ишқ ҷонгудозам,
Гуфтӣ: Ба ишқу покӣ бошад вафо нишона [9, с. 26].

Шоирони адабиёти классики тоҷику форс бо санъати саволу ҷавоб шеър эҷод мекарданд. Ҳақназар Ғоиб ба онҳо пайравӣ кардааст. Дар шеъри дигар низ санъати саволу ҷавоб бо як маҳорати калон ифода шудааст:

Чун чароғи нимасӯзе аз само
«Нимаи моҳи равон, гуфтам ба дил,
Нест ними умри ширинам магар?»…-
Ман нигаҳ кардам ба кӯҳи сарсафед,
Гуфт: «Бар мақсад расад марди ҳунар!» [8, с. 25].

Дар ашъори шоир талмеҳ низ мавқеи муайян дорад. Шоир дар ҷараёни тасвир гоҳо ба воқеаҳои таърихӣ, шахсиятҳои маъруфи сиёсӣ мурочиат карда, бо ҳамин ҷанбаи бадеӣ ва тасвирро қувват медиҳад. Дар байти зерин исми Темурмалик чун талмеҳ ифода шуда, хонандаро ба ватандорӣ ва ҳифзи озодӣ таъкид менамояд:

Ва бояд, ки ман ҳам камонвар шавам,
Паи ҳифзи озодӣ аскар шавам.
Ки мирам, бимирам чу Темурмалик,
Қасосам бигирам чу Темурмалик [7, с. 25].

Дар ашъори Ҳакназар Ғоиб тасвир аз ҳисоби ташхис низ рангину муаассир ифода ёфтааст. Шоир бо набототу ҳайвонот, паррандагон ва дигар мафҳумҳо эҳсосоту хислатҳои инсонӣ нисбат дода, ба хонанда ба воситаи муколамаи онҳо ҳаётро меомӯзонад.

Чӣ хамӯшист туро санг бигӯ,
Лаб чаро баста зи гуфтор фурӯ?
Ин ки ту дидаӣ тамкини ман аст,
Ки бувад одати деринаи ман.
Лек ҳар кас, ки ба ман зарб занад,
Баъд бинад шарари синаи ман [7, с. 16].

Маҷоз калима ё таркибест, ки дар ғайри маънии аслӣ кор фармуда мешавад, вале аз вақҳе ба маънии аслӣ шабоҳат дорад. Маҷозро зидди ҳақиқат гуфтаанд, лекин маънои маҷозӣ ба сари худ ҳақиқатест [10, с. 258].

Сурати зебо намегӯяд камоли ҳусни кас,
Сирати зебо агар, дорӣ, ту хушобу гилӣ [7, с. 21].

Дар мисраи якум ба маънои аслӣ зебогӣ омада, дар мисраи дуюм ба маънои маҷозӣ рафтори хуб, кирдори нек омадааст. Дарвоқеъ, диди шоирона ва танҳо назари шоирона мебояд, на муқаррарӣ то ба ашё, ки бо худи худ ҳанӯз беруҳу бечон аст, бад – ин дараҷа неру ато намояд.

Будам дарёи хун дар чашми модарҳо,
Ба оҳи сарди додарҳою хоҳарҳо…
Ба кишварҳою кишварҳо…
На!! [8, с. 158].

Санъати нидо низ дар ашъори шоир хуб ифода ёфтааст. Хитобаҳои пурэҳсос ва амики аз ҳолати рӯҳии шоир ё қаҳрамони ӯ хабар медиҳанд, дар ин банд тасвир ёфтааст:

Худоё, даре аз каримӣ кушо,
Дари дигаре аз раҳимӣ кушо.
Худоё, Туӣ огаҳӣ баҳру бар,

Шарофат Туро ганҷу даргоҳу дар… [9, с. 17].

Муболиға ҳам дар ашъори шоир низ муассир тасвир ёфтааст. Дар ин порча дар қалби пурэҳсоси қаҳрамони лирикӣ, ки як дунё орзуҳост, кӯҳу саҳро ҷо гирифтааст:

Дар дил, ки як дунё бишуд, ин кӯҳу саҳро ҷо бишуд,
То аз канори поки ту бар бекарон дил бохтам [7, с. 52].

Санъатҳои лафзӣ барои ороиш ва мавзунии сухан хизмат мекунанд. Атоуллоҳи Ҳусайнӣ дар «Бадоеъ-ус-саноеъ» миқдори ин навъи санъатро 27 гуфтааст ва Тӯрақул Зеҳнӣ дар «Санъати сухан» 25 навъи санъатҳои лафзиро нишон додааст. Маъмултарин санъатҳои лафзӣ таҷниси лафзӣ аст. Таҷниси лафзӣ аз ду ва зиёда калимаҳои ҳамҷинси якранг сохта мешаванд, ки тартиби овозиашон як бошад ҳам, ҳар кадом маънои дигар дорад [10, с. 83].

Аё сайёҳ, ки паймудаӣ бисёр кишварро
Чу Кӯлобам куҷо дидӣ ҳавои руҳпарварро?
Чаканпӯшони кӯлобӣ баҳори тоза меоранд,
Бо як гулхандаи худ синаҳои меҳрпарварро [7, с. 137].

Калимаи «Кӯлобам» дар мисраи дуюм ба маънои макон, ҷойи зист омада, дар мисраи сеюм ба маънои аломати предмет омадааст. Таҷниси зоид садоноки зиёдае дар яке аз ду калима аст [10, с. 32]. Дар як байт иловаи садоноки «о».

Васеу расму роҳаш бар умри мост пайваст,
Пайванди шаҳраҳи мост шаҳроҳи қаҳрамонӣ.
Хуршеди меҳр бошад дар мою сӯзиши мо,
Гарм аст з – оғӯши мо оғӯши зиндагонӣ [7, с. 131].

Таҷниси мураккаб зикри калимаҳои ҳамҷинс аст, ки яке аз онҳо сода ва дигаре мураккаб ё ба шакли таркиб аст.

Нест бе ту хонаи ободи ман,
Эй арӯсам, хонаободам бикун [7, с. 122].

Умуман, ашъори Ҳақназар Ғоиб моломоли санъатҳои бадеии маънавӣ мебошад. Маҳорати сухансанҷии шоир дар он аст, ки шоир мазмунҳои олиро бо обу рангу бадеӣ, равону хушобуранг ба қалам меорад. Дар ашъори шоир қариб ҳама воситаҳои бадеӣ истифода шудаанд. Шоири нуктасанҷу рангинхаёл тавонистааст, ки санъатҳои бадеиро дар ҷою мақомашон истифода намояд. Ашъори ҳикматомези шоир аҳамияти тарбиявию ахлоқӣ доранд.

Адабиёт:

1. Абдуманнонов, А. Нуқтаи назар / А. Абдуманнонов.– Душанбе: Адиб, 1990. – 200 с.
2. Абдуманнонов, А. Нигоҳи гарми шоир / А. Абдуманнонов // Садои Шарқ. –1983. – №1. – С. 44-46.
3. Абдуманнонов, А. Сабз гардад як ниҳоли орзу (нуқтаи назар) / А. Абдуманнонов. – Душанбе: Маориф, 1996. – 100 с.
4. Акбаров, Ю. Қисмати инсон ва қисмати шеър [матн] / Ю. Акбаров.– Душанбе: Дониш, 1980. – 195 с.
5. Белинский, В.Г. Собрание сочинений /В. Г. Белинский.// Т. I. 3.- М., 1948. – 798 с.
6. Ғоиб, Ҳ. Зинароҳ / Ҳ. Ғоиб. – Душанбе: Ирфон, 1983.–С.159 – 160.
7. Ғоиб, Ҳ. Тоҷи офтоб / Ҳ. Ғоиб.–Душанбе: Ирфон, 1986. – С. 222 – 224.
8. Ғоиб, Ҳ. Чашми саҳар / Ҳ. Ғоиб.– Душанбе: Адиб, 1989.–155 с.
9. Ғоиб, Ҳ. Барги сабзи ишқ / Ҳ. Ғоиб. – Кӯлоб: Сада,1991.– 84 с.
10. Т.Зеҳнӣ.Санъати сухан.Душанбе: Адиб, 2007. – 400 с.

ИСТИФОДАИ САНЪАТҲОИ БАДЕӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ ҲАҚНАЗАР ҒОИБ

Мақола ба истифодаи санъатҳои бадеӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар эҷодиёти шоири халқӣ Ҳақназар Ғоиб бахшида шудааст. Санъатҳои бадеӣ чи дар осори насрӣ ва чи дар осори

назмии адибону шоирон мавқеи басо бузург дошта, барои образнок, дилчасп ва бамавқеъ баромадани мисраъҳои шеърӣ хизмати арзанда мекунанд.

Муаллифи мақола қайд менамояд, ки дар шеърҳои шоир Ҳақназар Ғоиб дар баробари истифода гардидани лафзи ширини мардумӣ, ҳамзамон санъатҳои лафзӣ низ кор фармуда шудаанд, ки ҳар як мисраи шеъриро ҳусну таровати тоза мебахшанд. Як хусусияти эҷодиёти шоир аз он иборат мебошад, ки онҳо бисёр сода, равон, оммафаҳм буда, аксар вақт аз эҷодиёти даҳонии халқ ғизо мегиранд.

Умуман, ашъори Ҳақназар Ғоиб пур аз санъатҳои бадеии маънавӣ мебошад. Маҳорати сухансанҷии шоир дар он аст, ки шоир мазмунҳои олиро бо обу рангу бадеӣ, равону хушобуранг ба қалам меорад. Дар ашъори шоир қариб ҳама воситаҳои бадеӣ истифода шудаанд.

Калидвожаҳо: шоир, шеър, ҷойгоҳ, эҷод, лафз, мисраъ, санъатҳои лафзӣ, назм, наср, осор, образ, маҳорат, малака, мавқеъ

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ХУДОЖЕСТВЕННЫХ ИСКУССТВ В ТВОРЧЕСТВЕ ХАКНАЗАРА ГОИБА

Статья посвящена использованию художественных искусств и их месту в творчестве народного поэта Хакназара Гоиба. Художественное искусство играет очень важную роль как в прозе, так и в поэзии писателей и поэтов, и оно играет ценную роль в том, чтобы сделать поэтические строки выразительными, захватывающими и актуальными.

Автор статьи отмечает, что в стихотворениях поэта Хакназара Гоиба наряду с использованием красноречевых народных слов используются и словесные искусства, которые придают каждой поэтической строке свежий и прекрасный вид. Одной из особенностей творчества поэта является то, что оно очень простое, плавное и в целом понятное, часто опирающееся на устное творчество народа.

В целом, поэзия Хакназара Гоиба полна духовных художественных выражений. Мастерство поэта в риторике заключается в том, что он передает возвышенное содержание художественным, плавным и красочным языком. В стихотворениях поэта использованы почти все художественные искусство.

Ключевые слова: поэт, поэма, место, творение, слово, стих, словесное искусство, поэзия, проза, произведение, образ, мастерство, умение, положение

THE USE OF FINE ARTS IN THE WORKS OF KHAKNAZAR GAIB

The article is devoted to the use of artistic arts and their place in the works of the national poet Khaknazar Gaib. Art plays a very important role in both prose and poetry of writers and poets, and it plays a valuable role in making poetic lines expressive, exciting and relevant.

The author of the article notes that in the poems of the poet Khaknazar Gaib, along with the use of sweet-sounding folk words, verbal arts are also used, which give each poetic line a fresh and beautiful look. One of the features of the poet's work is that it is very simple, smooth and generally understandable, often based on the oral creativity of the people.

In general, the poetry of Khaknazar Gaib is full of spiritual artistic expressions. The poet's mastery in rhetoric lies in the fact that he conveys sublime content in artistic, smooth and colorful language. Almost all artistic arts are used in the poet's poems.

Key words: poet, poem, place, creation, word, verse, verbal art, poetry, prose, work, image, skill, ability, position

Маълумот дар бораи муаллиф: Одинаева Гулбону Мадалиевна**,** номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**. Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров – 16. Тел.: 918386299

Сведения об авторе: Одинаева Гулбону Мадалиевна, кандидат филологических наук, и.о. доцента кафедры таджикской литературы Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова – 16. Тел.: 918386299

Information about the author: Odinaeva Gulbonu Madalievna, candidate of philological sciences, acting associate professor of the tajik literature department of Kulob State University named after Abuabdullokhi Rudaki. **Address**: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street – 16. Tel.: 918386299

ТДУ: 81’22.003
ТКБ: 83.4 З.
Н-38

АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ ВА ВАЗЪИ СИЁСИЮ ИҶТИМОӢ ЗАМОН ВА ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКИИ АСРҲОИ XIII-XIV-И ҲИНД

Назаров Меҳрубон - докторанти ДДБ ба номи Носири Хусрав

Забони адабии тоҷикӣ аз замони ташаккулёбӣ то марҳилаи асрҳои XIII-XIV роҳи пуршебу фарозеро тай намуда, бо ҳаводиси гуногуни сиёсию иҷтимоӣ мувоҷеҳ мегардад. Дар ин раванд, пас аз пошхӯрии давлати абарқудрати тоҷикии Сомониён ва ба сари ҳокимият омадани сулолаи Ғазнавиён зимоми давлату ҳукуматдорӣ ба дасти қавмҳои туркнажод гузашта бошад ҳам, мақому манзалати забони тоҷикӣ дар низоми сиёсию иҷтимоии ҷомеа устувор монда, интишори он ба кишварҳои гуногун вусъати тоза касб менамояд. Далелҳои таърихӣ собит менамоянд, ки забони тоҷикӣ ҳатто то ба Ҳинд расида, дар он кишвар мақоми шоистаеро касб менамояд.

Дар асрҳои XIII-XIV дар Ҳинд рушд намудани илму адаб, хусусан забони тоҷикӣ сабабу омилҳои гуногуни сиёсию иҷтимоӣ дошт. Яке аз сабабҳои муҳим ва асосии рушди забони адабии тоҷикӣ дар вазъи хуб қарор гирифтани он ва аз ҷониби ҳокимони ҳиндӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтани забони тоҷикӣ ба шумор меравад.

Муҳаққиқи тоҷик М. Бақоев сабабу омилҳои рӯ овардани мардум ба кишвари Ҳиндро чунин арзёбӣ менамояд: «Дар натиҷаи тохтутози харобиовари лашкари муғул ба Осиёи Миёна бисёр одамон аз аҳли илму адаб ватани худро тарк намуда, ба Ҳиндустон ҳиҷрат карданд ва дар хоки давлати султонҳои Деҳлӣ иқомат ихтиёр намудаанд. Бо ин роҳ алоқаи маданӣ-адабии халқҳои Ҳиндустон ва Мовароуннаҳру Хуросон беш аз пеш қувват мегиранд» [3, с. 130].

Тавре ки зикр шуд, интишори забони тоҷикӣ ба Ҳиндустон аз асри XI шуруъ мегардад ва онро дар ин кишвар бо номи забони дарии мовароуннаҳрӣ пазируфта буданд.

Амир Хусрави Деҳлавӣ низ забони тоҷикии сарзамини Ҳиндро «...ин забонро на забони форсии Хуросонӣ, балки забони форсии дарии мовароуннаҳрӣ номидааст», яъне шоир ба забони тоҷикӣ ишора менамояд.

Минбаъд дар асрҳои X111-X1V на танҳо забони илму адаб, ҳамчунин, забони асосии дарборҳои Ҳинд дар салтанати Деҳлӣ ва забони сиёсату давлатдорӣ забони форсӣ-тоҷикӣ буд.

Муҳаммадтақии Баҳор дар ин маврид чунин мегӯяд: «Чи ривоҷи забони форсӣ ва адабиёту улум дар дарбори Деҳлӣ зиёда аз дарбори Исфаҳон будааст. Ва зоҳиран, ки дар дарбори Исфаҳон подшоҳ ва хоссони даргоҳ ба забони туркӣ суҳбат мефармуданд, вале дар дарбори Деҳлӣ шоҳ ва дарбор ва ҳарамсароён, яъне ҳама ба форсӣ гуфтугӯ мекардаанд. Ва дар он аҳд забони форсӣ-дарии тоҷикӣ дар Ҳинд забони илмӣ ва забони мутараққӣ ва далели шарофату фазл ва иззат маҳсуб мешуд. Ва дар дарбори Исфаҳон ҳаргиз забони форсӣ ин аҳаммиятро пайдо накард» [4, с. 257].

Камтаваққуҳии шоҳону шоҳзодагони Хоразмшоҳӣ ва таъсири ҳукмронии муғулҳо дар асрои XIII-XIV ба забони тоҷикӣ ва дар ҷойи он нисбат ба забони туркӣ таваққуҳ пайдо кардан, бештари шоиронро на танҳо маҷбур ба тарки муҳитҳои дарборӣ кард, балки баъзе аз онҳоро аз ҳудуд ва марзҳои Эрон ба берун аз он рафтан водор месохт.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби «Забони миллат – ҳастии миллат» дар ин маврид чунин мегӯяд: «Дар маҷмуъ, забони тоҷикӣ-форсии аҳди Хоразмшоҳиён, то ҳамлаи муғул дар маҷрои табиӣ қарор дошта, хусусиятҳои содагию равонии аҳди сомонӣ ва давраи аввали ғазнавиро идома медод ва дур аз печидагӯйиву муғлақбаёнии даврaҳои баъдӣ, ба хусус аҳди муғул буд» [8. с. 425].

Бояд ёдовар шуд, ки вазъи сиёсии ин давра, аз ҷумла пайдоиш, тараққӣ ва мустаҳкам гардидани забони тоҷикӣ дар салтанати Деҳлӣ ба асрҳои пештар вобастагӣ ва алоқаи зич дорад, аз ин рӯ, лозим дониста шуд, ки баёни вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро ба тарзи мухтасар аз нигоҳи таърихӣ ба таври иҷмолӣ мавриди баррасӣ қарор бидиҳем.

Дар даҳаи аввали асри X1 Султон Маҳмуди Ғазнавӣ чанд бор ба баҳонаи ҷорӣ намудани дини ислом ва барои суд гирифтан аз Ҳиндустон ба ин кишвар лашкаркашиҳои харобиовар намуд ва дар охир қисмати шимоли Ҳиндро дар тобеияти худ даровард.

Пеш аз он ки Ғазнавиён ба сиёсати Ҳинд дахл намоянд, ҳанӯз аз солҳои охири қарни X ва оғози қарни X1, забони тоҷикӣ ҳам дар салтанати Деҳлӣ ва ҳам дар дигар салтанатҳои тобеъ ва нимтобеи он, ки ҳам дар салтанатҳои мустақилу ғайримустақили ҳавзаи адабии Ҳинд ба ҳайси забони давлатӣ ва сиёсии он замон истифода мешуд ва дар ҳама дарборҳои ҳиндие, ки шоҳону ҳокимони он мусулмонон буданд, донишмандону олимон ва адибони зиёди форсигӯ ба ҳам омада, ба мансабҳои гуногуни дарборӣ масъул шуда буданд.

«Дар солҳои 90-уми асри X11 агар чанде баъзе ҷойҳои ҷудогонаи Гуҷарот аз тарафи Қутбуддин Ойбек ном сарлашкари Муҳаммад Ғурӣ забт карда шуда бошад, ҳам ҳокимияти сулолаи маҳаллӣ дар Гуҷарот то аввалҳои асри X1V боқӣ мемонад» [3, с. 130].

Забони форсӣ-тоҷикӣ дар Ҳиндустон, ба вижа, дар қисмати шимоли он собиқаи чорасра дошт. Ҳатто, пеш аз он ки муғулон ба майдони сиёсати ҳавзаи илмию адабии Ҳинд ворид шаванд, ҳанӯз аз даврони аввалини салтанати исломии Ҳинд, монанди Ғазнавиёну Ғуриён забони тоҷикӣ якҷо бо дини ислом ба Осиё ворид шуда буд.

Бояд ёдовар шуд, ки барои ҷорӣ намудани дини ислом дар сарзаминҳои зери ҳукмронии Султон Маҳмуд, бе шубҳа, нақши забони тоҷикӣ бисёр буд. Зеро, дар даврони ҳукумати Султон Маҳмуд аз соли 998 то соли 1030 дар дарборҳои Ғазнин ва Лоҳур, ки аввалин маркази салтанати Ғазнавиён ва дувумин маркази ҳукмфармоёни ғазнавӣ маҳсуб мешуд, забони форсӣ, дарӣ ва тоҷикӣ ба ҳайси забони расмии давлатӣ, забони муносиботи сиёсӣ ва муошироти аҳли дарбор эътироф гардида, дар минтақаҳои бадастовардаи Ғазнавиён дар доираи бисёр васеъ ҳамчун забони муоширати байни минтақаҳои гуногун мавриди истифода қарор дошт.

Дар аҳди ҳукмронии сулолаи Ғазнавиён илму фарҳанги форсӣ дар қисмати шимоли Ҳиндустон рушду тараққии бесобиқаи худро пайдо намуд. Ҳам дар шимоли шарқии Ҳинд – Ғазнин ва ҳам дар шимоли ғарбии он – Лоҳур, бо иваз шудани тамаддуни ҳиндӣ ба исломӣ, ки дар қарни даҳи милодӣ аз ҷониби салотини ғазнавӣ, ба вижа, Султон Маҳмуд ва писари ӯ – Султон Масъуд, сахт мавриди кӯшиш қарор мегирифт, бо дарборӣ шудани забони форсию тоҷикӣ, адабиёти форсизабон низ дар минтақаҳои мазкур рушди бесобиқаи худро пайдо менамояд. Дар даврони ҳукумати Ғазнавиён омезиши ду тамаддун, яъне эронӣ ва ҳиндӣ ба дараҷаи баланд расида буд.

Абдулваҳҳоби Нуронивисол дар ин маврид чунин қайд менамояд: «Футуҳоти Маҳмуди Ғазнавӣ иртиботи Эрону Ҳиндро рӯзафзун кард ва фарҳанги Эрон доманаи нуфузи хешро дар бештари булдони он сарзамин густард» [6, с. 274].

Дар Ғазнин ва Лоҳур марказҳои илмӣ ва ҳавзаву доираҳои адабӣ ташкил мешаванд, ки дар онҳо аҳли илму адаб мавриди иноят ва тарбияти султонҳои ғазнавӣ қарор мегиранд. Аввалин шоире, ки дар Ҳиндустон ба забони форсии мовароуннаҳрӣ шеър гуфтааст, Нукатӣ буд, ки номи пурраи шоирро Муҳаммад Авфӣ чунин нишон додааст: “АбуАбдулло Рӯзбеҳ ё

Абдулло ал-Нукатӣ ал-Лоҳурӣ, яъне Рӯзбеҳ ибни Абдуллоҳи Нукатӣ ал-Лаҳурӣ” мебошад, ки дар доираи адабии хонадони Ғазнавиён толибилм будааст.

Бояд хотиррасон намуд, ки дар асрҳои X1-X11 дар доираҳои адабии Ғазнин ва Лоҳур шоирони маъруф мислӣ, Абулфараҷи Рунӣ, Масъуди Саъди Салмон, Имодии Ғазнавӣ, Мухтории Ғазнавӣ, Саноии Ғазнавӣ, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ, Муҳаммади Руҳонӣ ва чанде дигар фаъолият менамуданд, ки дар рушду инкишофи забони форсии Мовароуннаҳрӣ дар ҳавзаи адабии Ҳинд нақши бузург доштанд.

Дар охирҳои асри X11 ва ибтидои асри X111 қисмати шимоли Ҳинд то маркази он – Деҳлӣ аз ҷониби Ғуриён фатҳ карда мешавад, ки дар натиҷа, бо шикастани нуфузи Ғазнавиён дар минтақаи Панҷоб, доираи интишор ва истифодаи забони форсӣ тамоми қисмати шимоли Ҳиндро фаро мегирад. Султон Муиззуддин Муҳаммади Ғурӣ бо истифода аз заиф гаштани Ғазнавиён дар қисмати асосии салтанати худ – Панҷоб, ин вилоятро тасарруф менамояд ва ба воситаи ҳамин вилояти шимолӣ ҳудуди тасарруфоти худро то ба минтақаҳои наздики Ганг вусъат мебахшад.

Бо фатҳи Деҳлӣ аз ҷониби Муиззуддин Муҳаммади Ғурӣ забони форсии мовароуннаҳриро дар дарбори марказии давлати Ғуриён – Деҳлӣ, аввалин бор ба ҳайси забони аҳли дарбор мақоми расмӣ ва давлатиро соҳиб мешавад, ки ин, бе шубҳа, дар рушду инкишофи минбаъдаи адабиёти форсизабони Ҳиндустон заминаи мусоидро фароҳам меоварад.

Алиасғари Ҳикмат дар китоби «Сарзамини Ҳинд» чунин мегӯяд: «Шоҳони ғазнавӣ ва ғурӣ ва умарои турку темурӣ ҳама дар маркази аслияи худ ба забони форсӣ такаллум мекарданд ва дар дарбори эшон, мунҳасиран, он забону он адабиёт ривоҷ дошт. Пас, чун ба Ҳиндустон омаданд, ногузир, он забону он адаб ва он русум ва, билохира, ҳамон фарҳангро ҳамроҳи худ ба он кишвар оварданд» [2, с. 61].

Дар аҳди Ғиёсуддини Балбан шоирони зиёде фаъолият намуда, бо забони форсии мовароуннаҳрӣ осори зиёде эҷод менамуданд. Аз ҷумлаи маъруфтарин шоироне, ки аз ҷониби султони давр ва ҳокимони вай мавриди тарбият ва иноят қабул гирифта буд, Амир Хусрави Деҳлавӣ аст. Амир Хусрав Деҳлавӣ бо осори зиёде, ки ба забони форсии мовароуннаҳрӣ ё тоҷикӣ эҷод намудаст, нуфузи забонро дар ҳавзаи адабии Ҳинд боз ҳам рушду инишоф додааст.

Амири дигари Муизуддин Муҳаммади Ғурӣ, Ихтиёруддин Муҳаммади Хилҷӣ, ки ҳам ходим ва ғуломи ӯ буд, аз ҷониби вай ба забти Биҳору Бангола муваззаф мешавад. Дар натиҷа ӯ ҳам доираи тасарруфоти Ғуриёнро то ба шарқи Ҳинд вусъат мебахшад ва аввалин ҳукмрониҳои исломиро дар Ҳинд бунёд мегузорад, ки минбаъд он бо номҳои силсилаи Хилҷиёни Ғурӣ маъруф мегардад. Ихтиёруддини Хилҷӣ аввалин интишордиҳандаи дини ислом дар Бангола ва дигар минтақаҳои шарқи Ҳиндустон эътироф шудааст. Ба воситаи Ғуломшоҳиён ва Хилҷиён забони форсии мовароуннаҳрӣ дар шимолу шарқи Ҳиндустон нуфузи зиёд пайдо мекунад. Дар дарборҳои онҳо доираҳои адабӣ ташкил гардида буданд, ки шоирони зиёде дар онҳо гирд омада буданд.

Муҳаққиқи тоҷик Озод Саидҷафаров дар мавриди ҳавзаи адабии Ҳинд чунин назар дорад: «Бо ин тариқ, тарзи Фиғонӣ хусусиёти сабки Хоҷа Ҳофиз ва равиши ғазалсароии шоирони форсигӯи Ҳиндро, ки сарчашмаи худро аз тарзи Амир Хусрав ва Ҳасани Деҳлавӣ гирифта буд, бо ҳам имтизоҷ дода, ба ҳайси зинаи васат миёни сабки мутақаддимин ва суханварони мобаъд нақши мустаҳсан ва қобили таваҷҷуҳ бозид ва минбаъд мунҷар ба пайдоиш ва рушду инкишофи сабки тамоман навине гардид, ки дар баробари ду сабки бузурги пешин ба ҳайси тариқи мустақили суханварӣ эътироф гардид» [7, с. 136-143].

Ба қатори муосирони Амир Хусрав шоироне монанди Ҳасани Деҳлавӣ, Садруддини Олӣ, Фахруддини Қаввос, Ҳамидуддини Роҷа, Мавлоно Ориф, Убайди Ҳаким, Шаҳоби Ансорӣ, Садри Бӯстонро номбар кардан мумкин аст, ки ҳамаи онҳо дорои девони комил буда, дар дарборҳои шоҳони Мамлук ҷамъ гардида буданд ва бо забони тоҷикӣ эҷод менамуданд.

Дар ин маврид муаллифи «Нештари ишқ» чунин мегӯяд: «Дар аксари фунуни фазилат шуҳраи офоқ, бал дар олам тоқ буд ва пояи суханро ба арши барин расонида. Хусусан, тарзи вуқуъгӯиро бонии мабонӣ аст, ки баъд аз Хоҷа Амир Хусрави Деҳлавӣ мисли ӯ барнахоста ва ба ин хубӣ такаллум нанамуда. Суханро аз вай шараф аст ва вай дар сухансанҷӣ аз ҳама ашраф. Каломи балоғатнизоми ӯ гувоҳи ин маънӣ аст …» [1, с. 282].

Баъд ба инқирози салтанати охирин намояндаи шоҳони Хилҷӣ, Носируддини Хусравшоҳ, дар шимоли Ҳинд ҳукумат дар ихтиёри Ғиёсуддини Туғлуқ ва хонадони вай қарор мегирад. Бо ҳукумати Деҳливу Панҷобро соҳиб шудани Туғлуқиён, сиёсати мамлукон дар Ҳиндустон хотима меёбад.

Забони форсӣ аз даврони Ғазнавиён то охирҳои салтанати муғул дар Ҳиндустон ба ҳайси забони сиёсату давлат боқӣ мемонад ва аз ҷониби давлатдорони Ҳинд мавриди эҳтироми беандоза қарор мегирад. Алиасғари Ҳикмат дар ин маврид мегӯяд: «Ҳангоме ки забони форсӣ ҳамроҳи лашкари ғазнавӣ ва ғӯрӣ ва баъд ҳамъинони сипоҳиёни бобурӣ дар сарзамини Ҳинд рушд намуд, аз авоили қарни панҷуми ҳичрӣ/ ёздаҳуми милодӣ то авохири қарни сездаҳуми ҳичрӣ / нуздаҳуми милодӣ як давраи таҳаввул ва такомули тадриҷиро тай кард» [2, с. 84].

Рушди адабиёти тоҷик дар Ҳинд боиси он гардид, ки дар асрҳои X111 ва X1V шоирони зиёди аҳли тавсаввуф дар ин кишвар зуҳур намоянд. Ин ҷараён дар Ҳинд бо номи «Чиштия» нуфузи бештар пайдо намуда ба рушду инкишофи забони тоҷикӣ мусоидат менамояд. Сабаби номи «Чиштия»-ро гирифтани ин ҷараён дар он аст, ки асосгузори он ҷараён Муиниддини Чиштӣ буд. «Бидуни Муиддин Чиштӣ дар асрҳои X111-X1V чунин муаллифони аҳли тасаввуф ба мисли Хоҷа Қутбиддин, Бахтиёри Ӯшии Кокӣ, Фаридаддин Масъуди Ганҷӣ Шакар, Низомуддини авлиё, Мавлоно Бадриддин Исҳоқи Деҳлавӣ ибни Алӣ Исҳоқи Деҳлавӣ (домоди Шайх Фаридаддин Масъуди Ганҷи Шакар) Бадриддини Исҳоқ (хоҳарзодаи Фаридаддини Ганҷи Шакар), шайх Ҷамолуддин Аҳмади Хонсавӣ-ал-Хатиб, Мавлоно Ҳамид Қаландари Деҳлавӣ, Сайид Муҳаммади Деҳлавӣ бинни Тайид Муборак бинни Сайид Муҳаммад бинни Сайид Маҳмуди Кирмонӣ мулаққаб ба Амири Хурд (муаллифи «Сияр-ул-авлиё»), Садриддин Ҳакими Деҳлавӣ, Мавлоно Камолуддини Зоҳиди Деҳлавӣ, Камолуддин Алломаи Деҳлавӣ буданд» [3, с. 65].

Илова бар ин, бояд ёдовар шуд, ки намояндагони аҳли «Чиштия» новобаста аз вазъи сиёсию иҷтимоии замон дар осори худ забони форсии моваруннаҳриро пуштибонӣ намуда, тақвият мебахшиданд. Дар ҷараёни Чиштия на танҳо аҳли тасаввуф дохил мешуд, балки машҳуртарин шоирони давр мисли Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ ва таърихнавис Зиёуддини Баранӣ, ки аз муридони Шайх Низомуддини Авлиё буданд, дохил мешуданд. Низомуддини Авлиё роҳбари ҷараёни Чиштия буда, Амир Хусрави Деҳлавӣ дар муқаддимаи бештари достонҳо ва ғазалиёти худ дар васфи Низомуддин маълумоти мукаммал низ додааст.

Забони форсӣ-тоҷикии асрҳои X111-X1V дар Ҳиндустон, хусусан дар қисмати шимолии он, дар қатори забонҳои ҳиндӣ дар як муддати дароз яке аз забонҳои илмиву адабӣ ва дар он замон забони расмию давлатӣ ва забони исломии Ҳиндустон ба шумор меравад.

Масъалаи дигаре, ки ҷолиби диққат аст, ин масъалаи таълифи асарҳои таърихӣ мебошад. Асарҳои таърихие, ки ба забони форсӣ-тоҷикӣ дар Ҳиндустон таълифшудаи асрҳои X111-X1V «Таърихи Фахруддин Муборакшоҳ»-и Фахруддин Муборакшоҳ, «Тоҷ-ул-маосир»-и Хоҷа Садр Ҳасани Низомӣ, «Табақоти Носирӣ»-и Абӯ Умар Минҳоҷуддин, «Таърихи Фирӯзшоҳӣ»-и Зиёуддини Баранӣ, асари ҳамноми дигар бо номи «Таърихи Фирӯзшоҳӣ»-и Шамс Сироҷи Афиф, «Фатҳнома»-и Кабируддин Тоҷуддини Ироқӣ, «Футӯҳ-ус-салотин»-и Хоҷа Абдул-малики Исомӣ, «Дастур-ул-албоб фӣ илм-ул-ҳисоб»-и Ҳоҷӣ Абдулҳамиди Ғазнавӣ, «Сирати Фирӯзшоҳӣ»-и муаллифаш маълум нест. Охирин таърихнома дар асрҳои X111-X1V «Хазоин-ул-футӯҳӣ»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ мебошад, ки дар баъзе сарчашмаҳо бо номи «Таърихи Алоӣ» ёд шудааст.

Бобоҷон Ғафуров дар масъалаи таълифи асарҳои тазкиравӣ, ки ба рушду такомули илму адаби форсу тоҷики Ҳиндустон дар асрҳои XIII ва XIV чунин мегӯяд: «Нахустин

маҷмуаи ба мо расидаи назми тоҷик тазкираи «Лубоб-ул-албоб» мебошад, ки дар солҳои 1221-1222 таълиф ёфтааст. Муаллифи он Муҳаммад Авфӣ, аслан аз Марв буда, дар Бухоро тартиб гирифта ва дар ҳамин ҷо таҳсил намудааст. Ӯ дар вақти ҳуҷуми муғулҳо ба Ҳиндустон фирор намуда, дар он ҷо ғайр аз тазкираи номбаршуда асари мансуре бо унвони «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт» навишт, ки аз ҳикояҳои ширин ва афсонаву қиссаҳои аҷиб фароҳам омадааст» (5, с. 531-532).

Дар баробари асарҳои тазкиравӣ дар ҳавзаи илмӣ-адабии Ҳинд асарҳои гуногун ва жанрҳои зиёди адабӣ, таърихӣ, фалсафӣ бо забони тоҷикӣ таълиф мешуд, ки ба инкишоф ёфтани илмҳои зиёди он замон сабаб мешавад.

Дар Ҳиндустон бештар аз ҳама ғазал диққати шоиронро ба худ ҷалб мекард. Устодони шинохтаи жанри ғазал Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Ҳасани Деҳлавӣ мебошанд. Адибони форсизабони Ҳинд Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ ва Бадри Чочӣ дар баробари офаридани жанри ғазал қасидаро низ бо забони тоҷикӣ ривоҷ додаанд.

Хулоса, ба қадри имкон доир ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабию фарҳангӣ ва таърихии асрҳои Х111-Х1V забони тоҷикӣ дар Ҳинд таваққуф намудем ва дидем, ки вазъияти забони тоҷикӣ дар Ҳинд дар ин давра тавассути аҳли илму адаб хоса Амир Хусрави Деҳлавӣ хеле рушд карда, барои истифодаи забон дар ин муҳит мусоидат намудааст. Чунин муносибат ба забони тоҷикӣ ва фароҳам сохтани имконияти истифода ва истеъмоли забони тоҷикӣ дар доираҳои гуногуни иҷтимоӣ боис бар он шуд, ки дар сарзамини Ҳинд ашъори ниҳоят зиёд дар соҳот ва фанҳои гуногун бо забони тоҷикӣ таълиф ёбанд ва интишору мондагории забонро дар ин минтақа таъмин намоянд.

Адабиёт:

1. Азимободӣ, Ҳусайнқулихон. Нештари ишқ. (Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо) қ.2. -Душанбе, “Дониш”, 1982, -782 с.

2. Алиасғари, Ҳикмат. Сарзамини Ҳинд (Баррасии таърихӣ ва иҷтимоӣ ва сиёсӣ ва адабии Ҳиндустон аз адвори бостонӣ то асри ҳозир). -Теҳрон: Донишгоҳ, 1337 ҳ. ш.- 547 с.

3. Бақоев, М. Ҳаёт ва эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ, “Дониш”, -Душанбе, 1975, 130 с.

4. Баҳор, Маликушшуаро Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. -Ҷилди саввум. Бо тасҳеҳ ва изофоте, ки муаллиф дар замони ҳаёт намудаанд. -Теҳрон: Амири Кабир, 1375.- 441 с.

5. Ғафуров, Бобоҷон. Тоҷикон (Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав). -Душанбе, “Нашриёти муосир”, 2020, -976 с.

6. Нуронивисол, Абдулваҳҳоб. Сабки ҳиндӣ ва вачҳи тасмияи он // Соиб дар густураи таҳқиқоти адабӣ. Ба кӯшиш ва таълифи Муҳаммад Расули Дарёгашт. -Чопи аввал. -Теҳрон: Қатра, 1371. -саҳ. 283-297.

7. Саидҷаъфаров Озод. Вазъи забон ва адаби форсӣ дар асрҳои XV1- XV11 Ҳиндустон//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2013. – №4/2(109). – С. 136-143.

8. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат – ҳастии миллат. китоби I. – Душанбе, «Эр-граф», 2016. – 516 с.

АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ ВА ВАЗЪИ СИЁСИЮ ИҶТИМОӢ ЗАМОН ВА ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИКИИ АСРҲОИ XIII-XIV-И ҲИНД

Дар мақола вазъи сиёсию иҷтимоии забони адабии тоҷикӣ дар асрҳои XIII-XIV-и Ҳинд ва мавқеи яке аз чеҳраҳои тобони адабиёти ин давр - Амир Хусрави Деҳлавӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Муҳаққиқ дар мақола дар баробари баёни андешаи хеш аз гуфтаҳои забоншиносону адабпажуҳон ва таърихнигорон, ки ба вазъи сиёсию иҷтимоии забону адабиёти ҳавзаи адабии Ҳинд маълумот додаанд, чун далел истифода намудааст.

Масъалаи дигаре, ки дар мақола барраасӣ гардидааст, ин рушду нумуи забону адаби форсӣ дар ин давраи таърихӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, муҳаққиқ дар мақола аз номи

якчанд тан аз удабои давр ёд кардааст, ки дар ҳавзаи илмӣ-адабии Ҳинди асрҳои XIII-XIV саҳми назаррас гузоштаанд.

Дар маҷмуъ, дар мақола то қадри имкон вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, адабию фарҳангӣ ва таърихии асрҳои XIII-XIV-и Ҳинд, мавқеи забони форсиӣ-тоҷикӣ дар Ҳинд ва саҳми удабои давр дар пешрафти илму адаби Ҳинд, хосса саҳми яке аз адибони сермаҳсули давр Амир Хусрави Деҳлавӣ таҳқиқот рафтааст.

Калидвожаҳо: забони форсӣ-тоҷикии Мовароуннаҳр, забони дарбор, забони давлатӣ, вазъи сиёсию иҷтимоӣ, рушди забони форси-точикии Ҳинд дар асрҳои XIII-XIV, адибони давр, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ғиёсуддини Туғлуқ, таърихномаҳо, жанри ғазал, қасида, забони ғазал ва гайра.

АМИР ХУСРАВ ДЕХЛАВИ И ПОЛИТИКО-СОЦИАЛЬНОЕ ПОЛОЖЕНИЕ ЭПОХИ И ТАДЖИКСКИЙ ЛИТЕРАТУРНЫЙ ЯЗЫК ИНДИИ XIII-XIV ВЕКА

В статье исследовано политическое и социальное положение таджикского литературного языка в XIII-XIV веках Индии и положение одного из выдающихся деятелей литературы этого периода - Амир Хусрав Дехлави.

В статье, наряду с выражением своего мнения, исследователь использовал в качестве доказательства высказывания лингвистов, литературоведов, историков, предоставившие информацию о политическом и социальном положении языка и литературы индийского литературного региона, использовали ее в качестве доказательства.

Еще одним вопросом, обсуждаемым в статье, является развитие персидского языка и литературы в этот исторический период. Также в статье исследователь упомянул нескольких людей эпохи, внесших значительный вклад в индийский научно-литературный округ XIII-XIV веков.

В целом в статье максимально подробно освещена политическая, социальная, литературная, культурно-историческая ситуация Индии XIII-XIV веков, положение персидско-таджикского языка в Индии и вклад литературы того периода в прогресс индийской науки и литературы, особенно вклад одного из самых плодоворных поэтов того периода, Амир Хусрав Дехлави.

Ключевые слова: персидско-таджикский язык Моваруннахра, придворный язык, государственный язык, политическое и социальное положение, развитие индийского персидско-таджикского языка в XIII-XIV веках, писатели того периода, Амир Хусрави Дехлави, Гиясуддин Туглук, историография, жанр газели, оды, язык газеля и т.д.

AMIR KHUSRAWI DEHLAWI AND THE POLITICAL AND SOCIAL SITUATION OF THE TIME AND THE TAJIK LITERARY LANGUAGE OF INDIA IN THE XIII-XIV CENTURIES

The article investigates the political and social position of Tajik literary language in XIII-XIV centuries India and the position of one of the outstanding figures of literature of this period - Amir Khusrawi Dehlawi.

In the article, along with expressing his opinion, the researcher has used the statements of linguists, literary scholars, historians who have provided information about the political and social status of the language and literature of the Indian literary region have used it as evidence.

Another issue discussed in the article is the development of Persian language and literature during this historical period. Also in the article, the researcher has mentioned several people of the era who made significant contributions to the Indian scholarly and literary circuit of the thirteenth and fourteenth centuries.

In general, the article covers in as much detail as possible the political, social, literary, cultural and historical situation of India in the thirteenth and fourteenth centuries, the position of the Persian-Tajik language in India and the contribution of the literature of that period to the progress of Indian science and literature, especially the contribution of one of the most prolific writers of that period, the study of Amir Khusrawi Dehlawi.

Keywords: Persian-Tajik language of Movarunnahr, court language, state language, political and social situation, development of Indian Persian-Tajik language in XIII-XIV centuries, writers of that period, Amiri Khusrawi Dehlavi, Giyasuddin Tughluq, historiography, genre of ghazal, ode, ghazal language, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: Назаров Меҳрубон Ниёзмадович мудири кафедраи забони тоҷикии ДДБ ба номи Носири Хусрав. Тел: (+992) 918-39-76-76; 902-017676: e-mail: nazarov.mekhrubon@list.ru

Сведения об авторе: Назаров Мехрубон Ниёзмадович, заведующий кафедрой таджикского языка БГУ имени Носира Хусрава. Тел: (+992)918-39-76-76; (+992)902-017676: e-mail: nazarov.mekhrubon@list.ru

Information about the author: Nazarov Mehrubon Niyozmadovich, the head of the department of Tajik language of Bokhtar state university named after Nosiri Khusrav. Tel: (+992) 918-39-76-76; (+992) 902-017676: e-mail: nazarov. mekhrubon@list.ru

ТДУ:81’21.001

ХУСУСИЯТИ ҚИТЪАҲОИ ИМОМИИ ҲИРАВӢ

Ҳакимов С.Т., н.и.ф., дотсент
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

Аз таърихи адабиёт дониста мешавад, ки қитъа аз назари замонӣ яке аз куҳантарин анвои шеърӣ буда, аз дер боз адабиёти форсӣ-тоҷикиро ҳамроҳӣ мекунад ва дар тули қарнҳо, вобаста ба вазъи иҷтимоиву таърихӣ ва адабиву фарҳангӣ, тадриҷан такмил ёфтааст.

Дар хусуси маънои луғавию истилоҳӣ, замони ташаккулу таҳаввул, рушду густариш ва дигар мухтассоти сохториву мундариҷавии ин навъи адабӣ дар сарчашмаҳои адабиву таърихӣ, луғату қомусҳо, донишномаву доиратулмаорифҳо маълумоти муҳим зикр шуда, дар ёддошту навиштаҳои адабпажуҳони муосир, бахусус муаллифони китобҳои таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, соҳибони дастуру китобҳои таълимиву методӣ, муҳаққиқоне, ки роҷеъ ба назарияи анвои адабӣ, бавижа, қитъа, таҳқиқот доранд, нукоти зарурӣ изҳор шудааст, ки моро аз баррасии ҳамаҷонибаи ин навъи адабӣ ба андозае бениёз месозад.

Таърифи маъно ва мафҳуми истилоҳии қитъа дар асарҳои назарии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ тақрибан шабеҳи ҳамдигар буда [2]; [3]; [4]; [5]; [6]; [8]; [10]; [13]; ва дигарон), аз се сарчашмаи муҳимму асосӣ – адабиёти шифоҳӣ, адабиёти навиштории форсӣ-тоҷикӣ ва адабиёти араб маншаъ пазируфтани ин жанр ҷои шубҳаву тардид нест. Ба дигар сухан, қитъа дар назми форсӣ-тоҷикӣ нахуст муҳтавои ибтидоиро аз эҷодиёти даҳонии халқ ва адабиёти китобатии форсӣ-тоҷикӣ гирифта, баъдан, шаклу сохтори шеърӣ ва мазомини он ба таъсири адабиёти арабӣ рушду таҳаввул кардааст.

Ҳарчанд асри XIII мудҳиштарин қарн дар ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон маҳсуб мешавад, аммо ин қарнро даврони такомулёбӣ ва рушду густариши нисбии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ низ қаламдод кардан мумкин аст. Жанри қитъа дар ин давраи адабиёт, пас аз ғазал мақоми хоси худро пайдо мекунад. Гуфтан мумкин аст, ки пас аз рӯ ба таназул овардани жанри қасида мақому мавқеи онро ғазал ва қитъа ишғол менамоянд. Агар ба осори шоирони ин аҳд ботааммул назар кунем, дида мешавад, ки аксари онҳо ба сурудани қитъа таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд.

Имомии Ҳиравӣ як тан аз шоирони даврони зикргардида аст, ки дар эҷоди қитъа роҳу равиши пешгузаштагонро ҳамчун суннати адабӣ қабул карда, дар тули фаъолияти эҷодии худ дар ҳудуди 60 қитъа ба ёдгор гузоштааст, ки ҳаҷми умумии абёти онҳо 435 байтро ташкил медиҳанд. Эҳтимолан метавон гуфт, ки шояд Имомӣ аз ин теъдод зиёдтар қитъа суруда бошад, вале то кунун ҳамин қадар дар дастрас қарор дошта, куллияи он дар девони нисбатан мукаммали ӯ сабт шудааст.

Омӯзиши қиттаоти Имомӣ ба мо собит сохт, ки таҷрибаи қитъасароёни асрҳои пешин ба эҷодиёти ӯ бетаъсир нест. Он чи устодони қитъасарои гузашта ҳам дар шакл ва ҳам дар мазмуни ин навъи адабӣ ҷорӣ карда буданд, Имомӣ онҳоро идома бахшида, бо ҳунари офаринандагии хеш ҳамон шакли қаблӣ ва суннатии адабиётро, вобаста ба талаботи давру замон, бо баъзе мазмунҳои тоза, луғату таркиботи нав, ибдои бархе санъатҳои бадеӣ, сабку услуби инфиродӣ, тарзи ифодаи фикр ва монанди инҳо анбошта сохтааст.

Муқаттаоти Имомии Ҳиравӣ аз назари мазмуну муҳтаво бештар ба қитъаҳои Анварӣ шабоҳат доранд. Чунин ба назар мерасад, ки ӯ дар сурудани ин навъи адабӣ татаббуи Анварӣ кардааст, вале пайравии ӯро ба ин шоир тақлиди маҳз донистан дуруст нест, шояд ин амал ё аз рӯи ихлоси ӯ ба ашъори Анварӣ, ё табъозмоӣ бо вай ва ё ба ҷиҳати намоиши ҳунару истеъдод ва сабқати адабӣ сурат гирифта бошад.

Қитъаҳои Имомӣ аз назари ҳаҷми абёт гуногун буда, аз 2 то 29 байтро дар бар мегиранд. Теъдоди умумии қитъаҳои шомили девони ин шоир, мувофиқи сабти Исмат Хӯинӣ 61- то буда, маҷмуан аз 436 байт иборатанд. Агар ҷузъиёт ва мушаххасоти қитъаҳои девони аз ҷониби Исмат Хӯинӣ мураттабшудаи Имомиро аз лиҳози теъдоду миқдори абёт бозтоб кунем, омори зайл ба даст меояд: қитъаҳои иборат аз 2 байт – 9-то иборат аз 3 байт – 14 - то иборат аз 4 байт – 5- то иборат аз 5 байт – 6-то иборат аз 6 байт – иборат аз 7 байт – 3-то иборат аз 8 байт – 1-то иборат аз 9 байт – 2 –то иборат аз 10 байт – 2 – то иборат аз 11 байт – 2 – то иборат аз 12 байт – 1- то иборат аз 13 байт – 2 - то иборат аз 15 байт – 4- то иборат аз 17 байт – 2 - то иборат аз 18 байт – 2- то иборат аз 21 байт – 1- то иборат аз 29 байт – 1- то.

Муқоисаи қадимтарин нусхаи қаламии девони Имомӣ ва девони интишоркардаи Ҳумоюн Шаҳидӣ бо девони мавриди назар бармало сохт, ки теъдоди қитъаҳои шоир ба омори аз ҷониби Исмат Хӯинӣ суратгирифта мувофиқат надорад, масалан, дар девон қитъаеро, ки бо байти «Он шунидӣ, ки хор дар гулзор, – Гули хушбӯйро бародар хонд» оғоз мешавад ва шомили 7 байт аст, мураттиб саҳван ду қитъа пиндошта, якеро бо се байт ва дигареро бо чаҳор байт ба таври алоҳида манзур кардааст. Ҳамин қитъа дар девони мураттабкардаи Ҳумоюн Шаҳидӣ бо каме тағйирот, яъне дар ҳудуди шаш байт дарҷ шуда бошад ҳам, як қитъа аст [1, с. 200]. Ин муқоиса шумораи қитъаҳои Имомиро, ки Хӯинӣ арзёбӣ кардааст, як адад кам карда, миқдори ин навъи адабиро дар эҷодиёти шоир аз 61 ба 60 – то поён меорад. Афзун бар ин, дар девони Имомӣ як байти мусаррае ба назар мерасад, ки Исмат Хӯинӣ онро ба қатори муқаттаоти шоир дохил кардааст. Мо дар ин масъала бар он назарем, ки байти ёдшуда қитъа нест, зеро он ҳам аз назари миқдор ва ҳам аз лиҳози сохтори қофиябандии маъмул ба ин навъи адабӣ мувофиқат намекунад, чунончи:

Номи он бут, ки шамъи анҷуман аст,
Қалби тасғири қалби қалби ман аст [1, с. 151].

Ба назари инҷониб, байти мутазаккира аз ҷиҳати сохтори жанрӣ такбайт ва ё фарбайт буда, аз назари муҳтаво луғз аст. Агар ба мазмуни ин байт амиқтар зеҳн монем, ба суҳулат дармеёбем, ки шоир бо истифода аз маонӣ ва тобишҳои зиёди маъноии калимаи «қалб» луғзе офаридааст, ки хеле ҳунармандона аст. Масалан, ҳадафи шоир аз ифодаи «қалби қалб» ҳарфи «лом» аст, ки тибқи навишти алифбои роиҷи замон дар миёни ин калима мақом дорад ва агар ҳарфи «лом»-ро тасғир ё худ хурд карданӣ шавем, ногузирем ба он пасванди ***–ак*** изофа кунем. Пас аз изофа кардани пасванди номбурда ҳарфи «лом» ба «ломак» ва дар сурати қалб, яъне чаппа кардани «ломак», исми «Камол» ба даст меояд.

Дар иртибот ба ин мавзуъ бояд арз шавад, ки Имомӣ дар қолаби қитъа луғзу чистон ва муаммоҳои зиёде сурудааст. Таҳқиқ дар ин замина муайян кард, ки ба ҷуз аз луғзи зикргардида, ки онро ба иллати мувофиқ набудани теъдоди абёту сохтори қофиябандиаш ба жанри қитъа шомил кардан иштибоҳ аст, дигар луғзу муаммоҳои эҷодкардаи ин шоир аз ду ва зиёда байт иборат буда, аз назари сохтор ва ҳаҷми абёт ба талаботи ин навъи адабӣ комилан мувофиқ аст. Бо дарназардошти авомили арзшуда агар ин байтро низ аз қатори қитъаҳои Имомӣ бурун кунем, пас миқдори қитъаҳои сурудаи адиб маҷмуан 59- то ва ҳаҷми умумии онҳо 435 байтро ташкил медиҳанд.

Имомии Ҳиравӣ дар сурудани қитъа асосан ҳамон шакли маъмули қофиябандии онро, ки тарҳаш ***аб, вб, гб…*** мебошад, мавриди корбурд қарор додааст, вале дар осори ӯ баъзан қитъаҳое (4-то) вомехӯранд, ки матлаи онҳо муздавоҷ ва ё худ ба истилоҳ мусарраъ мебошанд.

Дигар аз вижагиҳои кори Имомӣ дар эҷоди жанри қитъа зикри тахаллус мебошад. Дарҷ кардани тахаллус дар ин навъи адабӣ аз лузумоти ҳатмӣ набошад ҳам, дар девони Имомӣ баъзе қитъаҳое мавҷуданд, ки муаллиф дар онҳо тахаллуси худро зикр кардааст. Аз 59 қитъаи дар девони Имомӣ мавҷудбуда 6-тои он дорои тахаллус мебошанд. Аксар қитъаҳое, ки адиб дар онҳо тахаллуси худро дарҷ кардааст, аз лиҳози муҳтаво мадҳӣ буда, шоир ба василаи тахаллус ғолибан изҳори ифтихороту мубоҳот аз донишу истеъдоди хеш мекунад. Ба таври дигар, зикри тахаллусро дар қитъаҳои Имомӣ метавон фахрияҳои шоир қаламдод кард. Аз ҷумла:

Динпаноҳо, мар Имомиро ба ҳангоми сухан
Гарчи табъе ҳамчу оташ буду назме ҳамчу об.
Шуълаи мадҳи ту андар домани табъаш гирифт,
Сар баровард аз гиребони замираш офтоб [1, с. 149].

Ё худ:

Хусраво, шоҳо, Имомӣ он ки кард
Фахр з-оби шеъри ӯ хоки Ҳирот [1, с. 174].

Чизи дигаре, ки дар қитъаҳои Имомӣ ҷалби таваҷҷуҳ мекунад, ҳунармандона арзёбӣ шудани мавзуъҳои гуногун бо забони фасеҳу равон мебошад. Дар ин масъала бояд ёдовар шуд, ки содаву равон, орӣ аз ҳар гуна лафзбозиҳову санъатгароӣ ва дархӯри ҳама завқҳо баён кардани матлаб аз хусусияти жанри қитъа ба шумор меравад. Имомӣ низ бо риояти ҳамин муқаррарот дар қолаби ин навъи адабӣ мавзуъҳои зиёдеро матраҳ кардааст, ки аксари онҳо бозгӯ ҳиссиёту ҳаяҷон ва фарогири паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ ва зиндагии инсонҳост. Мадҳи умарову вузарои замон, ситоиши инсонҳои наҷиб, бахусус, аҳли улуму фарҳанг, баррасии баъзе масоили ҳасби ҳоли хеш, баёни андешаҳои ҳикамиву ирфонӣ, ваъзу насиҳат, сабру шикебоӣ, шукру қаноат, раҳнамоии инсонҳо ба самти ахлоқи шоиставу писандида тавассути панду андарз, ба зери тозиёнаи танқид гирифтани як қатор хислатҳои нописандидаи инсонӣ ва хулқу атвори зишт, аз қабили ғуруру такаббур, бадгӯиву дурӯғ, тамаъкорӣ, бухлу кинаварзӣ, дуздӣ, бешармӣ, зулму золимӣ, ҳаҷву мазаммати баъзе ҳокимони нодону золим, шикваву шикоят аз бархе акобири даврон, тараҳҳуму меҳрубонӣ ба мардуми камбизоату осебпазири ҷомеа, баёни маҳорату истеъдод ва фазилату дониши худ тавассути луғзу муаммо, ҷавоб ба нома ва пурсишҳои манзуми баъзе ҳамасрон, арзишдоварӣ ба сатҳу сифати ашъори шоирон, кӯшиши оромиш бахшидани ҳолатҳои руҳиву равонии аҳли ҷомеа ба василаи интихоби каломи муносибу таскинбахш, ғанимат донистан ва хуш гузаронидани умр, мукофоти амал, васфу ситоиши кӯшишу кор, караму сахо, ростиву росткорӣ, эҳсону бахшиш, хоксориву фурӯтанӣ, беозорӣ, покдоманӣ, некиву накӯкорӣ ва монанди инҳо, ки моҳияту ҷавҳари аслии кулли осори адабиро ташкил медиҳад, муҳтавои аксар қитъаҳои Имомиро фаро гирифтаанд.

Агар роҷеъ ба мавзуоти қитъаҳои Имомӣ, ки баррасӣ гардид, намунаҳо пешниҳод гардад, мусалламан, ҳаҷми кор аз меъёри муқаррарӣ фаротар хоҳад рафт, аз ин хотир, бо овардани намунае аз ин жанр, ки ба рӯзгори шоир як андоза бастагӣ дорад ва порае аз аҳволи ӯро ҳангоми дар Кирмон буданаш таҷассум мекунад, иктифо мекунем. Масалан:

Ғуломи румии фархундапайро,
Ки дар Кирмон ба хидмат шод кардам.
Маро даҳ сол хидмат карду рӯзе
Зи ҳаққи хидматаш чун ёд кардам…
Ҳанӯзаш ном Қайсар буду номаш
Муҳаммад кардаму озод кардам [1, с. 165].

Афзун бар ин, бояд арз дошт, ки шеваи нигориш дар қитъаҳои мазмуни луғзу муаммодоштаи Имомӣ андаке печидаву санъатгароёна аст. Иллати ин, ба андешаи инҷониб,

ба тақозои мавзуъ бастагӣ дорад, зеро забону тарзи баёни дигар қитъаҳои ҳамин суханвар, ки муҳтавояшон фарогири мавзуоти гуногун аст, содаву равон ва холӣ аз ҳар гуна такаллуфоту лафзбозиҳост. Дар девони Имомӣ ба қитъаҳои зиёде дучор шудан мумкин аст, ки аз ҷиҳати муҳтаво дарбардорандаи ҳодисаҳову воқеаҳои иҷтимоиву таърихӣ ва ахлоқиву тарбиявӣ мебошанд. Қитъаҳои мазмуни ахлоқидошта моҳиятан барои ислоҳ ва пок кардани ахлоқи аҳли ҷомеа нигаронида шуда, муаллиф дар ин қабил қитъаҳо саъй кардааст, ки ҳам ба мавзуъ ва ҳам ба тарзу ифодаи баён таваҷҷуҳи махсус зоҳир кунад.

Мушоҳидаҳо дар мазмуни қитъаҳои Имомӣ нишон дод, ки сабку услуби нигориш ва ифодаҳои ӯ дар ин навъи адабӣ ба фаҳму завқи ҳокими ҷомеа наздик аст. Яъне, шоир то ҷое тавонистааст навъи адабии қитъаро дархӯрди фаҳми мардум – табақаи миёна ва поёнии ҷамъият эҷод карда, рухдоду ҳаводиси рӯзгорашро, ки ба назараш хеле муҳимму ҷиддӣ намудаанд, ба қолаби шеър дароварда ва ба василаи ин шакли шеърӣ воқеоти гуногуни таърихӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва амсоли инҳоро инъикос намояд.

Раванди омӯзишу таҳқиқ аён сохт, ки жанри қитъа дар коргоҳи эҷодии Имомӣ ҳамчун воситаи муомила, изҳори андеша, гуфтугӯ, паём, арзу шикоят ва монанди инҳо бо риояти санъати сухан, вазну қофия ва мантиқу маънӣ ба кор рафтааст. Дар робита ба ин мавзуъ метавон гуфт, ки арзиши адабии аксар қиттаоти Имомӣ дар ҳамон пояи қасоиди ӯ қарор доранд.

Таҳқиқи сохторӣ ва шаклии муқаттаоти Имомӣ нишон дод, ки аз 59 адад қитъаҳои мавҷуди девони шоир 40- тои он бо қофия ва 19 қитъаи дигар бо қофия ва радиф анҷом ёфтаанд.

Он чи ки роҷеъ ба қитъаҳои Имомӣ иброз шуд, хусусияти умумӣ ва муқаддимотиву иттилоотӣ дошта, фарогири тамоми ҷузъиёти ин навъи адабӣ дар эҷодиёти шоир нест. Мо нукоти арзёбигардидаро дар ин ҷойгоҳ ва дар ин масъала бо он ки кофӣ медонем, изофатан арз медорем, ки муқаттаоти ин суханвар аз лиҳози мазмуну муҳтаво, дарбаргирии ҳаводису вақоеи иҷтимоиву таърихӣ, сабку услуб, сохтори ҳунарӣ ва дигар вижагиҳо то кунун ба таври мукаммал мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор нагирифтааст. Андешаҳои суханшиносони гузашта ва адабпажуҳони муосир дар ин мавзуъ ироа шудааст, хусусияти умумӣ дошта, ҳама ҷанбаҳои ин навъи адабиро дар осори шоир фарогир нестанд Аз ин рӯ, қитъаҳои Имомӣ таҳқиқоти амиқ ва баррасии муфассалу мукаммалро тақозо дорад.

Адабиёт:

1. Ҳиравӣ, И. Девон. Ба кӯшиши Исмат Хӯинӣ [Матн] / Имомии Ҳиравӣ. – Теҳрон: Маркази пажӯҳишии мероси мактуб, 1394. – 254 с.
2. Браун, Э. Аз Саъдӣ то Ҷомӣ. Таърихи адабии Эрон аз нимаи қарни ҳафтум то охири қарни ҳаштуми ҳиҷрӣ. Тарҷума ва ҳавошӣ ба қалами Алӣ Асғари Ҳикмат [Матн] / Эдуард Браун. – Чопи дувум. – Теҳрон: Ибни Сино, 1339 ш.
3. Казакова, У. Идейно-художественной особенности газели Салмона Соваджи: автореф. дис. … канд. филол. наук: 10.01.03 [Текст] / У. Казакова. – Душанбе, 1992. – 24 с.
4. Муътаман, З. Шеър ва адаби форсӣ [Матн] / З. Муътаман. – Теҳрон, 1334. – 244 с.
5. Муътаман, З. Таҳаввули шеъри форсӣ [Матн] / З. Муътаман. – Теҳрон, 1371. – 414 с.
6. Нарзиқул, М.Ҷойгоҳи сухан [Матн] / М. Нарзиқул.–Душанбе: Адиб, 2006. – 218 с.
7. Нафисӣ, С. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ (то поёни қарни даҳуми ҳиҷрӣ). Ҷилди аввал [Матн] / С. Нафисӣ. - Теҳрон, 1322. - 664 с.
8. Низомов, М. Масъалаҳои поэтикаи ғазалиёти Фаридуддини Аттор: дис. … номз. илм. филол: 10.01.03 [Матн] / М. Низомов. – Душанбе, 2002. – 208 с.
9. Раҳмонов, А. Имомии Ҳиравӣ. Дар кит. Энсиклопедияи советии тоҷик Ҷ. 2 [Матн] / А. Раҳмонов. – Душанбе, 1980. - 640 с.
10. Сабур, Д. Офоқи ғазали форсӣ: пажӯҳиши интиқодӣ дар таҳаввули ғазал ва тағаззул аз оғоз то имрӯз [Матн] / Д. Сабур. – Теҳрон, 1370. – 611с.
11. Ҳақиқӣ, Р.Б. Пешгуфтори тазкираи Мир Тақиуддини Кошонӣ. Хулосат-ул-

ашъор ва зубдат-ул-афкор. (Бахши Табрез ва Озарбойҷон ва навоҳии он). Тасҳеҳ ва таҳқиқи Руқия Бойроми Ҳақиқӣ [Матн] / Р.Б. Ҳақиқӣ. – Теҳрон: Мероси мактуб, 1395. – 255 с.

12. Шарифов, Х. Муаммои ғазал [Матн] / Х. Шарифов // Шоир ва шеър. – Душанбе, 1998. – С. 127-136.

13. Шарифов, Б. Хоқонӣ ва нақди шеър [Матн] / Б. Шарифов. – Душанбе, 2010. – 187 с.

14. Ялмаҳо, А. Баррасӣ ва таҳлили таҳрифоти девони Имомии Ҳиравӣ бо мутобиқа бо куҳантарин нусхаи мавҷуд [Матн] / А. Ялмаҳо // Куҳанномаи адаби порсӣ. – 1392. – соли чаҳорум (шумораи аврал). – Теҳрон, 1392. – С. 111-126.

15. Bausani, A. Gazal: -The Encyclopedia of Islam. New ed. VoL 2 Leiden / A. Bausani. – London, 1963.

16. Sutton, L.P. EIWELLE- Sutton L.P. The fondations of Persian prosodu and Metres / L.P. Sutton. – Iran, 1975, vol. XIII.

ХУСУСИЯТИ ҚИТЪАҲОИ ИМОМИИ ҲИРАВӢ

Дар мақалаи мазкур муаллиф вижагиҳои қитъаҳои Имомии Ҳиравиро аз ҷиҳати шакл, мазмуну мундариҷа ва тарзи баён мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Ба таъкиди муаллиф Имомии Ҳиравӣ аз ҷумлаи бузургтарин шоирони қитъасаро мебошад, ки дар ин навъи шеърӣ истеъдоди баланд дорад. Қайд намудан зарур аст, ки дар қитъаҳои шоир мадҳи умарову вузарои замон, ситоиши инсонҳои наҷиб, бахусус, аҳли улуму фарҳанг, баррасии баъзе масоили ҳасби ҳоли хеш, баёни андешаҳои ҳикамиву ирфонӣ, ваъзу насиҳат, сабру шикебоӣ, шукру қаноат, раҳнамоии инсонҳо ба самти ахлоқи шоиставу писандида тавассути панду андарз, ба зери тозиёнаи танқид гирифтани як қатор хислатҳои нописандидаи инсонӣ ва хулқу атвори зишт, аз қабили ғуруру такаббур, бадгӯиву дурӯғ, тамаъкорӣ, бухлу кинаварзӣ, дуздӣ, бешармӣ, зулму золимӣ, ҳаҷву мазаммати баъзе ҳокимони нодону золим, шикваву шикоят аз бархе акобири даврон, тараҳҳуму меҳрубонӣ ба мардуми камбизоату осебпазири ҷомеа, баёни маҳорату истеъдод ва фазилату дониши худ тавассути луғзу муаммо, ҷавоб ба нома ва пурсишҳои манзуми баъзе ҳамасрон, арзишдоварӣ ба сатҳу сифати ашъори шоирон, кӯшиши оромиш бахшидани ҳолатҳои руҳиву равонии аҳли ҷомеа ба василаи интихоби каломи муносибу таскинбахш, ғанимат донистан ва хуш гузаронидани умр, мукофоти амал, васфу ситоиши кӯшишу кор, караму сахо, ростиву росткорӣ, эҳсону бахшиш, хоксориву фурӯтанӣ, беозорӣ, покдоманӣ, некиву накӯкорӣ ва монанди инҳо дар бар мегиранд. Аз ин рӯ, таҳлилу арзёбии қитъаҳои шоир моро бо вазъи давр шинос намуда, ба ташаккули афкор мусоидат мекунад.

Калидвожа: Имомии Ҳиравӣ, шоир, жанр, қитъа, сабк, сохтор, шакл, қофия, радиф, мазмун, мавзуъ, муҳтаво.

ОСОБЕННОСТИ КИТЪА В ПОЭЗИИ ИМАМА ХИРАВИ

В данной статье автор проанализировал и рассмотрел особенности китъи Имами Хирави с точки зрения формы, содержания и способа выражения. По мнению автора, Имами Хирави – один из величайших поэтов китъи, обладающий высоким талантом в этом виде поэзии. Необходимо отметить, что в стихах поэта присутствует восхваление времени, восхваление благородных людей, в частности, деятелей науки и культуры, обсуждение некоторых вопросов, касающихся своего положения, выражение мудрых и мистических мысли, проповеди, советы, терпение, благодарность и довольство, руководство людей в сторону нравственности достойное и приятное через увещевания, под порку ряда непопулярных человеческих качеств и безобразного поведения, таких как гордость и высокомерие, клевета и ложь, жадность и цинизм, воровство, бесстыдство, угнетение и тирания, сатира и упреки некоторых невежественных и тиранических правителей, жалобы некоторых великих людей эпохи, сострадание и доброта к бедным и уязвимым людям общества, выражать свои умения, таланты, добродетели и знания через загадки, отвечать на письма и вопросы, написанные некоторыми современникам, оценивать уровень и качество

стихов поэтов, стараться успокоить душевное и эмоциональное состояние людей общества через них, включают в себя выбор подходящих и утешительных слов, знание порчи и наслаждение жизнью, вознаграждение поступков, похвалу усилий и труда, великодушие, честность и правдивость, милосердие и всепрощение, смирение, безвредность, целомудрие, добро и зло, и тому подобное. Поэтому анализ и оценка китъи поэта знакомит нас с ситуацией периода и помогает сформировать мнение.

Ключевые слова: Имами Хирави, поэт, жанр, сюжет, стиль, структура, форма, рифма, содержание, тема

FEATURES OF CHINESE IN THE POETRY OF IMAM HIRAWI

In this article, the author has analyzed and considered the features of Imami Hirawi plots in terms of form, cita, and manner of expression. According to the author, Imami Hirawi is one of the greatest poets of the cita, who has a high talent in this type of poetry. It is necessary to note that in the poems of the poet, there is a praise of the times, the praise of noble people, in particular, people of science and culture, discussion of some issues regarding one's situation, the expression of wise and mystical thoughts, sermons, advice, patience, gratitude and contentment, guidance of people in the direction of morality. worthy and pleasing through admonitions, under the whipping of a number of unpopular human qualities and ugly behavior, such as pride and arrogance, slander and lies, greed, greed and cynicism, theft, shamelessness, oppression and tyranny, satire and rebuke of some ignorant and tyrannical rulers, complaints and complaints from some of the greats of the era, compassion and kindness to the poor and vulnerable people of the society, expressing one's skills, talents, virtues and knowledge through riddles and riddles, answering the letters and questions written by some spouses, valuing the level and quality of poets' poems, trying to calm the mental and emotional states of the people of the society through They include the choice of suitable and comforting words, knowing the spoils and enjoying life, the reward of actions, the praise of effort and work, generosity, honesty and truthfulness, charity and forgiveness, humility and humbleness, harmlessness, chastity, goodness and badness, and the like. Therefore, the analysis and evaluation of the poet's plots introduces us to the situation of the period and helps to form opinions.

Keywords: Imami Hirawi, poet, genre, plot, style, structure, form, rhyme, rhyme, content, topic, content.

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳакимов Саъдулло Тағаймуродович, номзади илмҳои филологӣ, декани факултети филологияи тоҷики МДТ “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав”. Суроға: Тоҷикистон,735140, ш. Бохтар, Тел: (+992) 903-00-99-44

Сведения об авторе: Хакимов Садулло Тагаймуродович, кандидат филологических наук, декан факультета таджикской филологии Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Адрес: Таджикистан, 735140, ш. Бохтар, Тел: (+992) 903-00-99-44

Information about the author: Hakimov Sadullo Tagaymurodovich, candidate of philological sciences, dean of the Faculty of Tajik Philology of the State University of Bokhtar named after Nasiri Khusrav. Address: Tajikistan, 735140, sh. Bokhtar, Tel: (+992) 903-00-99-44

ТДУ: 81 373 (2-тоҷ)
ТКБ: 81-3 (2-тоҷ)
Т-65

ВИЖАГИҲОИ СОХТОРӢ-МАЪНОИИ ЛЕКСИКАИ КИШОВАРЗӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ (ДАР АСОСИ МАВОДИ ФЗТ Ҷ.1-Ҷ.2.)

Тоиров Ш., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи забонии ташаккули воҳидҳои луғавии марбут ба лексикаи кишоварзӣ аҳаммияти вежаро дар масъалаи баррасии ҳамаҷонибаи хусусиятҳои аз роҳҳои суннатии калимасозии забони тоҷикӣ сурат гирифтааст. Роҳи морфологӣ яке аз воситаҳои асосии ба вуҷуд омадани вожаҳои нав мебошад, ки аз даврaҳои қадим то замони мо омада расидааст ва барои сохтани калимаҳои нав хеле муҳим маҳсуб мебад. Роҳу воситаҳои калимасозии давраи қадим ва миёнаи таърихи забони тоҷикӣ аз тарафи донишмандони бузург, аз ҷумла В.С. Расторгуева [7, с. 160]; Л.С. Пейсиков [6, с. 207]; Е.К. Молчанова [3, с. 447]; И.М. Оранский [5, с. 544.]; Д. Саймиддинов [12, с. 312] ва дигарон баррасӣ шуда, фикру андешаҳои ҷолиб баён гардидаанд. Аз ҷумла, Д. Саймиддинов роҷеъ ба ҷойгоҳи калимасозӣ дар забони форсии миёна таҳқиқот анҷом дода, чунин менигорад, ки «вожасозӣ чун дар дигар забонҳо дар форсии миёна низ аз манбаи асосӣ ва ҳамешагии такмил ва ташаккули луғат маҳсуб мегардад. Тайи рушди ин забон дар ҳама сабкҳои он луғату истилоҳоти фаровонеро метавон пайдо кард, ки онҳо бар пояи қолабҳои суннатии вожасозӣ танзим ва ташкил ёфтаанд» [12, с. 112].

Ташаккули таркиби луғавии забонро ба инобат гирифта, Ш. Рустамов баррасии роҳу воситаҳои исмро бо фикри зерин шуруъ мекунад: «калимасозӣ воситаи асосии бойшавии таркиби луғавии забони тоҷикӣ мебошад. Усул ва қолибҳои калимасозӣ мунтазам такмил ва инкишоф меёбанд. Тағйироту такомулоти калимасозӣ мувофиқи сохти грамматика ва қонунияти дохилии инкишофи забон ба амал меояд» [9, с. 93].

Дар баррасии баъзе қолибҳои суннатии классикии забони тоҷикӣ, асосан, луғатномаҳое мисли «Бурҳони қотеъ», «Фарҳанги Рашидӣ», «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва «Фарҳанги забони тоҷикӣ» хизмат карда бошанд ҳам, таҳқиқоти олимони шинохтаи тоҷик Ҳалимов С. [14, с. 287-307.] М.Н. Қосимова [2, с. 143], Қосимов О. [1, с. 123], дар таҳқиқи масъалаҳои назариявии калимасозии осори классикӣ ҷойгоҳи муҳимми илмӣ доранд. Аз ҷумла, профессор Қосимова М. дар масъалаи сохтори калимасозии осори хатии асрҳои IX-X андешаронӣ намуда, навъҳои онро ба морфологӣ, сохторӣ-маъноӣ, синтаксисӣ, ономасиологӣ ва функционалӣ – семантикӣ ҷудо мекунад. Ҳамчунин, дар хусуси аҳаммияти роҳҳои калимасозӣ сухан ронда, дар бораи сохти калимаҳо чунин ақидаронӣ намудааст «Калимаҳо вобаста ба сохти худ сода, сохта, мураккаб, таркибӣ ва конверсия ҷудо мешаванд» [2, с. 143].

Лозим ба ёдоварист, ки роҷеъ ба масъалаҳои роҳу воситаҳои калимасозии муосири забони тоҷикӣ донишмандони зиёде корҳои илмӣ ба табъ расонидаанд Дар ин росто, фаъолияти забоншиносии Рустамов Ш. [9, с. 19], Қосимова М.Н. [2, с. 566], Ҳалимов С. [14, с. 283], Муҳаммадиев М. [5, с. 196] Шоев Э. [15, с. 176] ва дигарон ҷолиби диққатанд. Бо вуҷуди ин, муҳаққиқони мазкур дар бораи хусусиятҳои калимасозӣ ва роҳҳои ба вуҷуд омадани воҳидҳои луғавӣ корҳои арзишманд ба сомон дода бошанд ҳам, доир ба лексикаи кишоварзӣ ба истиснои Саъдиева Г. [10, с. 20]; Саидов Ҷ. [11, с. 160] дар ин самт корҳои илмӣ камтар ба назар мерасанд.

Дар самти шевашинисӣ, дар бораи калимасозӣ Хаскашев С. [13, с. 50] ва Раҳматулозода С. [8, с. 150] таҳқиқоти муфассале анҷом доданд. Бинобар ин, дар мақола мо кӯшиш ба ҳарҷ додем, ки дар бораи хусусиятҳои сохторӣ- маъноии лексикаи кишоварзӣ дар ФЗТ андешаҳои хешро баён намоем.

Лозим ба ёдоварист, ки аз аксари воҳидҳои луғавӣ аз ҷиҳати калимасозӣ новобаста ба кадом соҳае, ки набошанд, таҳқиқоти густурдаро талаб мекунанд. Ба андешаи мо воҳидҳои луғавии соҳаи кишоварзирӣ вобаста ба моҳияти худ аз ҷиҳатҳои сохтори морфологӣ ба чор гурӯҳ тақсим мешаванд:

1. Калимаҳои содаи соҳои кишоварзӣ;
2. Вожаҳои сохтаи истилоҳоти соҳаи кишоварзӣ ва роҳҳои ба вуҷуд омадани онҳо;
3. Аҳаммияти калимаву истилоҳоти мураккаб дар калимасозиисоҳаи кишоварзӣ;
4. Таркиб ва ибораҳои соҳаи кишоварзӣ ва махсусиятҳои луғавии онҳо;

Бо мақсади равшан гардидани моҳияти ҳар гурӯҳ онҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ менамоем.

Калимаҳои сода дар такмили воҳидҳои луғавии соҳаи кишоварзӣ, ки дар ФЗТ вомехӯранд, хеле муҳим мебошанд. Чунки барои ба вуҷуд омадани майдони маъноии калимаҳо аҳаммияти калон доранд. Бе қисми аосии калима, решаи он ба вуҷуд омадани майдонии онҳо ва калимаҳои нав ҳеҷ имконият надорад. Калимаҳои содаи ифодагари лексикаи кишоварзӣ дар Фарҳанги забони тоҷикӣ хеле серистеъмол буда, аз ҷиҳати хусусиятҳои маъноӣ вижагиҳои худро доранд ва лозим донистем чанде аз онҳоро мавриди таҳқиқ карор диҳем.

Калимаҳои сода дар ташаккули калимаҳои сохта, мураккаб ва ибора- истилоҳоти ифодакунандаи номи растаниҳои кишоварзӣ нақши асосӣ доранд, зеро тавассути онҳо калимаҳои зиёде сохта мешаванд. Аз ин лиҳоз, таҳлили онҳо дар нишон додани доираи фарогири маъниҳои вожаҳои марбут ба соҳаи кишоварзӣ дар муайян намудани қабатҳои луғавии дигар гурӯҳ аҳаммияти калон дорад.

Дар ФЗТ дар байни калимаҳои сода теъдоде аз вожаҳое вомехӯранд, ки моҳиятан ба аксарияти растаниҳо дахл доранд. Ин гурӯҳи калима бештар дар шакли ибораҳо мустаъмаланд Онҳо ифодакунандаи номи аломату хусусият, ҳаҷму андоза, пухтаю хом, хонагию саҳроӣ, ҳосил, узв ё қисме аз аҷзои растанӣ, коркарди растанҳо ва ғайраҳоро ифода мекунанд.

Аммо он чиз ҷолиби диққат аст, ки барои ба вуҷуд омадани калимаҳои нав, на танҳо роҳи морфологӣ, инчунин усули лексикӣ-морфологӣ ё лексикӣ - грамматикӣ низ хизмати калон мекунад. Масалан, калимаҳои гул, ғурра, дон, хуша (хӯшаи ғалла, ангур, ҷуворимакка), тухм, ғайра воҳидҳои луғавие мебошанд, ки дар ифодаи хусусиёти растаниҳо аз ҳисоби калимаҳои сода муродиф надоранд, аммо онҳо метавонанд омоним бошанд, дар ҳайати воҳидҳои фразеологӣ оянд ва ибораҳои рангоранги устувори забон ва ё барои сохтани калимаҳои сохта, мураккаб ва ибора-истилоҳоти марбут ба растаниҳо фаъол мебошанд.

Масалан, вожаи **тухм** дар ФЗТ хусусияти сермаъноӣ пайдо намуда, дар айни замон дар калимасозӣ низ мавқеи устувор дорад, ба воситаи ин калима маъноҳои зиёде ба вуҷуд омадааст: **тухм донаи ҳар гуна растанӣ**

Тухмагар ҷав бувад, ҷав орад,
Бачасанҷоб зояд аз санҷоб. Носири Хусрав, с. 380

Чуноне, ки дар боло ишора намудем, калимаҳои сода метавонад дар шакли таркибии **тухмафшондан** омада, маънои **тухмкоштан**, **донаафшонданро** ифода кунад:

Бар он хурд Саъдӣ, ки бехе нишонд,
Касе бурд хирман, ки **тухме** фишонд. Саъдӣ с. 380

Тухм инчунин ба **маънои авлод** омадааст, ки хусусияти омонимӣ зоҳир намудааст:

Сиёвахши радро бародар манам,
Зи як **тухму** бунёду як гавҳарам. Фирдавсӣ с. 380

Дар ФЗТ калимаи **тухм** дар ташакуливоҳидҳои фразеологӣ нақшимуҳим бозида ба чунин маъноҳо омадааст:

Тухми амал ба маънои **меҳнату заҳмат**:

Замини шӯра сунбул бар наёрад,
Дар ӯ **тухми амал** зоеъ магардон. Саъдӣ с. 380.

Дар ФЗТ калимаи содаи тухм хусусияти сермаъноӣ пайдо намуда, дар ташкили ибораҳои фразеологии исмӣ ва феълӣ нақши калон дорад. Ба воситаи ин калима ҳам дар шакли ҷузъи асосӣ ва ҳам ҷузъи тобеъ маъниҳои гуногун ба вуҷуд омадаанд: **тухми ҳаром** ба маънои **ҳаромзода**; **барафтондани тухм** ба **маънои нобуд кардани чизе**; инчунин **тухми пайванд коштан** ба маънои **дар дил меҳри касеро парваридан** омадааст:

Кай хурад бар ту, ки ту ҳаргиз,
Тухми пайванди кас накоштаӣ. Анварӣ с. 380.

Дар ФЗТ калимаи **тухм**, дар калимасозӣ барои ба вуҷуд овардани маъниҳое, ки марбут ба вожаи деҳқонӣ мебошанд, мавқеи фаъол дошта, дар шакли мураккаб вомехӯрад, ки дар пайдоиши мафҳуми нави дар шакли **тухмпош**, **тухмкор** саҳми асосӣ дорад:

Дили **тухмкорон** бувад ранҷкаш,
Чу барояд, бихандад хаш. Саъдӣ с. 381

Дар зарбулмасалу мақол низ калимаи **тухм** барои ба вуҷуд омадани калимаву маъноҳои нав иштирок кардааст. Мисол: **Тухм дар шӯра афшондан** ба маънои **кори беҳуда кардан**; **тухми мурғ зарда надорад** ба маънои **қаллоб** ва **фиребгар** омадааст:
Инчунин, калимаи **тухм** дар шакли **тухма** ба маънои авлод омадааст:

Ман аз **тухмаи** Баҳману пушти Кай,
Куҷо тарсам аз румии сустпай. Низомӣ с. 380.

Ҳамчун истилоҳ бо вожаи **тухм** ба воситаи **пасванди–а**к алимаи **Тухма** ба маънии сахтшавии меъда, ки истилоҳоти тибб мебошад омадааст:

Ба номи калла он миқдор сарам,
Ки гоҳе **тухмаю**, гаҳе заҳраам. Савдо с. 380.

Дар шева низ тавассути калимаи **тухм** ҷумлаҳои фрезеологии зиёд, ки дуои норозӣ ва розӣ буданро ифода мекунанд ба вуҷуд омадаанд. Масалан. **Тъхмта дур кна** ба маънои **нобудшавӣ**, ё **тхмът арзанвори бисёр шава** ба маънои **авлодат зиёд шавад**.

Дар ФЗТ калимаи **тухм** дар шакли мураккаб як маротиба бо номи **тухмкор** ба маънои **тухмпош, деҳқон**, **барзгар**, **донапош** меояд:

Дили **тухмкорон** бувад ранҷкаш,
Чу хирман **барояд**, биханданд хаш. Сайидо с. 381.

Ногуфта намонад, муродифоти вожаи мазкур **барзагар** ва **донапош** низ дар асоси калимасозӣ пайдо шудаанд. Дар забони адабии имрӯзаи тоҷик калимаи **барзгар** аз ду ҷузъ **барз** шакли дигаршудаи калими **варз** ба маънои **кишт** ва **гар** шояд низ ба тағйироти овози дучоршуда, дар шакли дигари калимаи **кор** бошад, яъне шахсе, ки ба киштукор машғул аст, онро **барзгар** меноманд:

Мисол:

Надорад зану зодаву кишту **варз**,
Ба чизе надонад, зиноарз арз. Фирдавсӣ ҷ.1, с. 225.

Ҳар ки имсол оби **варз** бибурд,
Соли дигар гурусна бояд мурд. Саъдӣ ҷ.1, с. 225

Дар ташаккули калимасозии калимаҳои сохта нақши пасвандҳои калимасоз пасванди-а ва –гар хеле калон аст:

Масалан, аз решаи калимаи **варз** бо илова шудани пасванди –а калимаи **варза** ба вуҷуд омадааст, ки маънои **зироаткунанда**, **деҳкон**, **кишоварз**, **барзгар** омадааст, инчунин бо истифодаи калимаи **гов** ва **варз** калимаи мураккаби **варзгов** сохта шудааст, ки ибораи **говибарза** дар назм мустаъмал аст, яъне **гове**, ки ҳангоми ҷуфт ва кишти замин истифода мешавад:

Гӯшт бар **говиварза** некӯтар,
Зинати мард дониш асту ҳунар. Саноӣ ҷ.1, с. 225.

Чуноне ки гуфтем, пасванди **-гар** низ аз калимаи **варз** (**кишт**) бо иловаи **варз** калимаи **варзгар** сохтааст, ки ба маънои **кишоварз**, **деҳқони зироаткунанда** омада, дар калимасозӣ барои ба вуҷуд овардани калимаҳои сохта иштирок кардааст:

Суворон ҷаҳонро ҳамедоштанд,
Ва **варзигарон** варз мекоштанд, Дақиқӣ с. 225

Хулоса,омӯзишу таҳқиқи хусусиятҳои сохторӣ – маъноии вожаву истилоҳоти кишоварзӣ дар масъалаи марбут ба илми забоншиносӣ, махсусан самти лексикология, ки бевосита ба таркиби луғавӣ ва маънии калима сару кор дорад, аҳаммияти калон дошта, роҳу воситаи ба вуҷуд омадани калимаҳои нав бо роҳи лексикӣ-семантикӣ, лексикӣ-грамматикӣ, морфологӣ ва морфологӣ-синтаксисӣ низ барои калимасозӣ дар асоси ФЗТ маводи хубе дода метавонад ва аҳаммияти калон дорад.

Адабиёт:

1. Касимов О. Суффиксалное словообразование имен существительных в «Шахнаме» А.Фирдавси// О Касимов. Автореферат дис.канд.филол.наук.-М., 1988.23с.
2. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик//М.Н. Қосимова (асрҳои IX-X) Қисми 1- Душанбе,2003.-566 с.
3. Молчанова Е.К. Среднеперсидские языки// Языки Азии и Африки.- М.: Наука, 1987.-474 с.
4. Муҳамадиев М. Принсипҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ// М. Муҳаммадиев.-Душанбе, 1967.с.7-9
5. Оранский И.М. Основы иранского языка. Новоиранские языки.// И.М. Оранский - М.: Наука, 1982.-544 с.
6. Пейсиков А.С. Очерки по словообразованию персидского языка//А.С. Пейсиков.- М.: Изд-во МГУ.1975.-207 с.
7. Расторгуева В.С. Среднеперсидский язык//В.С. Расторгуева.-М. Наука,1968.-160с.
8. Раҳматулозода С. Словообразования имен существительных в южных и юго-восточных говорах таджикского языка/С.Рахматуллозода.-Душанбе: Дониш, 1981.-2016. 233 с.
9. Рустамов Ш. Категорияҳои грамматикии калимасозӣ ва мавқеи исм дар ҳиссаҳои системаи нутқ //Ш.Рустмов.- Душанбе: Дониш,1981.-219с.
10. Сагдиева Г.С. Структурно-семантическое анализ селскохозяственной терминологии в таджикском, русском и англиском языках. Диссертатсия на соиск.учен.степ.канд.филол.наук://С.Г. Сагдиева.-И.М.,1984.33.
11. Саидов Ҷ. Лексика Муминабадского говора //Ҷ. Саидов .-Душанбе,2018.-170 с.
12. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форси миёна//Д. Саймиддинов.- Душанбе:2001.-310с
13. ХаскашевТ. Лексико-семантический и морфологический анализ предметной лексики в южной и юговосточных говорах таджикского языка//С.Р. Хаскашев.-Душанбе: ДДДО ба номи С.Айнӣ, 20014.-105с
14. Ҳалимов С. Калимасозии исм дар забони адабӣ аз рӯи «Гулистон»-и Саъдӣ //С. Ҳалимов.Душанбе,1975.-с.283-307
15. Шоев Э. Морфемаи сифати нисбисози ва синонимҳои он// Э. Шоев. – Душанбе:1985.-с.176-184.

Манбаи таҳқиқ:

1. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX): М. Сов. Энциклопедия, 1969. Ҷ. 1. 951с., Ҷ. 2. 904 с.

ВИЖАГИҲОИ СОХТОРӢ-МАЪНОИИ ЛЕКСИКАИ КИШОВАРЗӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ (ДАР АСОСИ МАВОДИ ФЗТ Ҷ.1-Ҷ.2.)

Мақола ба яке аз мавзуъҳои мубрами илми забоншиноӣ калимасозӣ бахшида шудааст. Дар он махсусиятҳои сохторӣ – маъноии калимаҳои марбут ба лексикаи кишоварзӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки роҳҳои ба вуҷуд омадани калимаҳои навро бо усули калимасозии морфологӣ, морфологӣ-синтаксисӣ, луғавӣ-

синтаксисӣ ва луғавӣ- маъноӣ дар асоси маводи ФЗТ мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Барои боз хам боқувват намудани аппарати илмии мавзуъ андешаи эроншиносони шинохта ва олимони номдори тоҷик, аз қабили В.С. Расторгуева, А.С. Пейсиков, Е.К. Молчанова, И.М. Оранский, Д. Саймиддинов, Ш. Рустамов, Т. Хаскашев, М. Муҳаммдиев, М.Н. Қосимова, Э. Шоев, Г. Саъдиева, О Қосимов ба инобат гирифта шудаанд.

Маводи ба дастомадаи марбут ба лексикаи кишоварзӣ муаллифро водор намудааст, ки хусусиятҳои маъноии онҳоро, ки дар асоси калимасозӣ ба вуҷуд омадаанд, таҳқиқ намояд. Ҳамчунин, дар мақолаи номбурда калимаҳо аз ҷиҳати сохт ба сода, сохта, мураккабу таркибӣ ҷудо карда шуда, дар асоси як калима ва роҳҳои дар боло зикршуда, ба вуҷуд омадани калимаву ибораву воҳидҳои фразеологӣ нишон дода шудаанд.

Калидвожаҳо: калимасозӣ, сохторӣ-маъноӣ, конверсия, лексикӣ-синтаксисӣ, лексикӣ-семантикӣ, морфологӣ, лексикӣ-морфологӣ, сода, сохта, мураккаб, таркибӣ, таркибу ибораҳо, варз, варза, тухм, тухмкор, кишт, барзгар, кишоварз

СТРУКТУРНО-СЕМАНТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ЛЕКСИКИ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ (ПО МАТЕРИАЛАМ ТСТЯ ТОМ 1-ТОМ 2.)

Статья посвящена одной из важных тем лингвистической науки – словообразованию. В ней, на материале ТСТЯ исследованы структурно-семантические характеристики слов, относящихся к сельскохозяйственной лексике. При изучении темы в целях дальнейшего укрепления научного аппарата, учитываются мнения известных ирановедов и известных таджикских ученых, таких как В. С. Расторгуевой, А.С. Пейсикова, Е.К., Молчановой, И.М. Оранского, Д. Саймиддинова, Ш. Рустамова, Т. Хаскашева, М. Мухаммадиева, М. Н. Косимовой, Э. Шоевой, Г. Саадиевой, О. Касымовой.

Полученный материал, относящийся к сельскохозяйственной лексике, заставил автора изучить их смысловые особенности, созданные на основе словообразования. Также в упомянутой статье слова разделены по строению на простые, структурные, сложные и составные, а также на основе одного слова и упомянутых выше путей, образования словосочетаний и фразеологизмов.

Ключевые слова: словообразование, структурно-семантическое, покрытие, лексико-синтаксическое, лексико-семантическое, морфологическое, лексико-морфологическое, простое, искусственное, сложное, состав и выражения, семя, семенник, посадка, плодоношение, сельское хозяйство.

STRUCTURAL AND SEMANTIC FEATURES OF AGRICULTURAL VOCABULARY IN THE TAJIK LANGUAGE (BASED ON THE MATERIALS OF DTl VOLUME 1-VOLUME 2)

The article is devoted to one of the important topics of linguistic science – word formation. In it, on the material of the FZT, the structural and semantic characteristics of words related to agricultural vocabulary are studied. When studying the topic in order to further strengthen the scientific apparatus, the opinions of famous Iranian experts and famous Tajik scientists such as V. S. Rastargueva, A. S. Peisikov, E. K. Molchanova, I. M. Oransky, D. Saimiddinov, Sh. Rustamov, T. Khakashev, M. Mukhammadiev, M. N. Kosimova, E. Shoeva, G. Saadieva, O. Kasymova are taken into account.

The obtained material related to agricultural vocabulary forced the author to study their semantic features created on the basis of word formation. Also in the mentioned article words are divided by structure into simple, structural, complex and compound, as well as on the basis of one word and the above-mentioned ways, the formation of word combinations and phraseological units.

Key words: word formation, structural-semantic, coverage, lexical-syntactic, lexical-semantic, morphological, lexical-morphological, simple, artificial, complex, composition and expressions, seed, seed plant, planting, fruiting, agriculture.

Маълумот дар бораи муаллиф: Тоиров Ш.Қ., муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735340, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров 16. Тел.: +(992) 918-23-42-58.

Сведения об авторе: Тоиров Ш.К., старший преподаватель кафедры языкознания и истории языка факультета таджикской филологии и журналистики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735340, Республика Таджикистан, город Куляб, улица Сангака Сафарова 16. Тел.: +(992) 918-23-42-58.

Information about the author: Toirov Sh.K., senior lecturer, department of linguistics and history of language, faculty of tajik philology and journalism, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735340, Republic of Tajikistan, Kulob city, Sangak Safarov street 16. Tel.: +(992) 918-23-42-58.

ТДУ: 809.155.0
ТКБ:81.2 (2-тоҷ)
А-14

АНТРОПОНИМҲОИ АРАБӢ, ТУРКӢ- УЗБЕКӢ ВА РУСӢ ДАР РОМАНИ «ВОСЕЪ»-И СОТИМ УЛУҒЗОДА

Ситораи А., муаллими калон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Омӯзиши таркиби луғавии калимаҳо аз рӯйи баромад аҳаммияти калон дорад. Чунки бо ин васила муайян намудани миқдори истеъмоли калимаҳои аслии тоҷикӣ ва иқтибосӣ дар ин ё он асар аз аҳаммият холӣ нест. Дар баробари вожаҳои дигар ин масъала ба антропонимҳо низ марбут аст. Ҳангоми таҳлили қабатҳои забонии антропонимҳо аз рӯйи баромадашон маълум гашт, ки калимаҳои иқтибосии арабӣ дар романи «Восеъ» дар номсозӣ мавқеи калонро ишғол намудаанд. Азбаски, дар забони адабии тоҷик лексикаи арабӣ фаровон аст, табиист, ки дар романи мавриди таҳқиқ ҳам бисёр дучор мешаванд. Фаровонии луғати арабӣ нисбат ба калимаҳои дигари иқтибосӣ аз рӯи зиёдтар мавқеъ доштани онҳо дар забони имрӯзаи тоҷик муайян мешавад ва он ҳамчун ҳодисаи таърихӣ ба муносибатҳои сиёсӣ сахт алоқамандӣ дорад. Мусалам аст, ки баъди истилои араб тавассути сиёсати густурдаи халифаҳои он забони арабӣ иҷборан мавриди амалкарди идорӣ қарор гирифт. Аксари асарҳои илмиву бадеӣ бо забони арабӣ навишта мешуданд, бо вуҷуди он ки баъди ба сари қудрат омадани сулолаи Сомониён забони тоҷикӣ нуфузи калон пайдо кард, аммо мавқеи вожаву истилоҳоти арабӣ, махсусан дар корбасти антропонимҳо устувор боқӣ монд. Аз тарафи дигар, дар баробари истифодаи калимаҳои аслии тоҷикӣ тавассути забони илм аксари калимаҳои забони тоҷикӣ ба меъёри навишти калимаҳои арабӣ мутобиқ кунонида шудаанд. Ногуфта намонад, ки дар ин давраи тулонӣ аз забони арабӣ калимҳое қабул шудаанд, ки ба табиати забони тоҷикӣ наздиканд, онҳо дар муҳити забони тоҷикӣ ҳаёти нав сар кардаанд, дар бисёр мавридҳо флексияҳои тоҷикӣ қабул карда, маънои тоза ё тобишҳои нав ба нави маъноӣ гирифтаанд. Дар ин маврид муҳаққиқи соҳаи ономастика Суперанская чунин ибрози андеша намудааст: «Дар таърихи ономастика номҳои мусулмонӣ, ки тавассути ислом (дар асри VII солшумории мо) дар аксари мамлакатҳои Осиё, Африқо ва қисман дар Аврупо паҳн шудаанд, нақши беандоза калонро бозидаанд. Саҳми онҳо дар ономастикаи рус низ хеле калон аст, зеро номи бисёр мавзеъ ва насабҳои русӣ, ки ба воситаи забони тоторӣ иқтибос шудаанд, аз рӯйи баромадашон арабӣ мебошанд» [24, с. 29].

Антропонимҳои иқтибосӣ бо роҳу усулҳои гуногун мавриди истифода қарор гирифтаанд. Вобаста ба хусусиятҳои сохторӣ ва корбасти иқтибосот антропонимҳои романи «Восеъ»-ро ба чунин гурӯҳҳо тақсим намудан мумкин аст. Ба гурӯҳи аввал калимаҳое дохил мешаванд, ки танҳо аз як ҷузъ иборат буда, бе ягон унсури насабсоз корбаст гардидаанд. Аз

ҷумла, Муҳаммад, Аҳмад, Азиза, гурӯҳи дигари ин гуна антропонимҳо аз ду ҷузъ иборат буда, ба воситаи калимаи «Абу» аз қабили Абулқаюм, Абдулвосеъ, Абдулаҳад, Абдулмалик, Ҷалолиддин, Абдурасул, Абумуслим таркиб ёфтаанд. Мисол: **Абдурасул** яқин кард, ки агар ҳозир дар худи ҳамон ҷо ба фоидаи Восеъ ва Аноргулякрӯя накунад…[11, с. 64], …каттатура **Абдулмалики** исёнкор қасди ҷони амир доранд ва бо ҳар воситае, ки бошад, ӯро аз миён бардошта байрақи исёну истиқлолро барафроштан мехоҳанд…[11, с. 153] Бесавод бошад, ҳам қиссаи **Абӯмуслим,** китоби Аҷоибул-махлуқот, Тӯтиномаро аз ёд карда буд [11, с. 197], **Абдулаҳадхон**-тӯра аз шароби ноб сархуш дар базмхонаи ӯрда бо ҳамроҳии дастаи созандаву сарояндагон танбӯр навохта…[11, с. 7].

Гурӯҳи дигари иқтибосоти ифодагари ному насабро антропонимҳое, ташкил медиҳанд, ки аз се ҷузъ иборат буда, ба воситаи калимаҳои арабӣ ва формантҳои номсозӣ туркӣ ба вуҷуд омадаанд. Дар ин маврид формантҳои антропонимсозӣ «хон», «бой», «бек» ва «қул» ба таври кофӣ вохӯрда, анҷомаи «тӯра» камистеъмол мебошад: Абдулаҳадхон, Абдураҳмонхон, Абдулқаюмбой, Остонақул, Ойтимулло, Ҳусайнхон, Сулаймонбой, Сарихон, Абдулмӯъминтӯра, Умархон, Саидхон, Саидқул, Саидбек, Ҳоҷиқул, Насруллохон, Йулдошбой, Исҳоқбек, Қарабой, Исмоилбой ва ғайра дохил мешванд.

Мисол: **Абдураҳмонхон** душмани Музаффархон аст, зеро вақе ки **Абдураҳмонхон** як вақте гуреза шуда ба Бухоро паноҳ оварда буд. [11, с. 146] **Музаффархон** ба шумор амири ҳаштуми манғитӣ бошад, ҳам дар ҳақиқати амр амири шашум аст: амакҳои вай **Ҳусайнхон** ва **Умархон** ҳар кадоме як моҳу-ду моҳ дар тахт нишаста бошанд…[11, с. 146], **Мирзоакрамбой** бар кундаи зону нишаста, мувофиқи таълими пешакии удайчӣ, аввал пешониашро ба замин расонида ба тарафи амир саҷда намуд…[11, с. 193], - **Сарихон,** мири пештараи Кӯлобу Балҷувон, мири одил буд мегӯянд, рост аст? [11, с. 134], …Муҳаммадшариф-девонбегиро ба яке аз вилоятҳо ҳоким карда фиристода, ба ҷояш девонбегии собиқи карминагии худ **Усмонбекро** таъин намояд. [11, с. 181], **Аҳадхон** фақат як рӯи холдори ӯ, як чашми сурмасо ва абрӯи сиёҳи дарозу борикашро медид, ки ба назараш ниҳоят латиф ва зебо намуд. [11, с. 192] , Аммо **Ҳокимхон,** писари дӯстоштаи амир, бо ихтиёри худаш аз Чораҷӯй омада буд, падарашро бинад ва бо ӯ видоъ кунад [11, с. 154] …гӯё ҳисориён аз ҳоким **Абдулмӯъминтӯра** талаб карда бошанд, ки «Кӯҳистонро аз Бухоро ҷудо карда гир; агар ҷудо карда нагирӣ, моён ба Тошканд вакилони худро фиристода, аз ҳокими рус хоҳиш мекунем…»[11, с. 146].

Ҳамин тариқ, антропонимҳои иқтибосии арабӣ вобаста ба хусусиятҳои сохторӣ ва дараҷаи истеъмол бо калимаи «абд» ва «аб» дар романи «Восеъ» ба 11-то мерасад.

Дар тақвияти гуфтаҳои боло иловатан зикр кардан лозим аст, ки исмҳои хоси номи шахсро ифодакунанда, махсусан антропонимҳои арабӣ бо як қатор вижагиҳои худ аз ҷиҳати хусусиятҳои сохторӣ аз дигар калимаҳо тафовут доранд. Чунин тафовут ҳам дар осори хаттӣ ва ҳам дар лексикаи гуфтугӯии забони тоҷикӣ низ дида мешавад. Ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки махсусиятҳои сохтории чунин анропонимҳо ба услубӣ истифодаи ин калимаҳо вобастагӣ дорад. Ба забони адабии тоҷик чунин гуруҳи калимаҳо бо туфайли услуби расмӣ-коргузорӣ, бадеӣ ва илмӣ ворид гаштаанд. Бад ин минвол, ҳангоми таҳқиқот маълум гашт, ки калимаҳои иқтибосии арабии ифодагари номи шахс аз ҷиҳати сохт сода ва мураккаб мешаванд. Масалан калимаҳои Аюб [Ayub], Азиз [Aziz], Молик [Mālik] ва ғайра сода буда, гурӯҳи дигари номвожаҳои аз ҷиҳати сохт мураккаб бо ёрии изофаи префикси Абд [abd] (ба маънии «ғулом») ва ё Аб [ab] (ба маънои падар) бошад. Мисол: *Абду-расул [Abdu-rasul], Абул-аҳадхон [Ab-ul-ahadxān], Абду-раҳмонхон [Abdu-rahmānxā], Абду-малик [Abdu-malir], Абӯ-муслим [Abu-muslim], Абдул-қаюмбой [Abdul-qayumbāy], Абдул-восеъ [Abdul-vāse῾]* ва ғайра. Пешванди «Абд» [Abd], одатан, дар аввали яке аз сифатҳои Худо ба маънои «банда» меояд.

Мирзо [Mirzā]. Калимаи мирзо тақрибан дар асри XIV маъмул гардидааст. Аввал онро танҳо ба фарзандони ҳоким ва аркони давлат мансуб медонистанд. *Мирзо[Mirzā]* аслан шакли мухтасари лафзи амирзода аст. Дар замони *Амир Темур* [Amir Temur] калимаи мирзоро ба номи шоҳзодаҳои Темурӣ [Temuri] ҳамроҳ мекардагӣ шуданд. *Мирзо[Mirzā]* марбут ба онҳо маънои «писари *Амир Темур*» -ро дошт. Аз ҳамон даврахо калимаи мирзо

маънои «шоҳзода»-ро пайдо карда буд. Баъди *Темуриён [Temuriyon]* истилоҳи мирзо ҳам тадричан маънои дигар мегирифт. Шоҳзодаҳои ӯзбек бештар ба султон мулаққаб мешуданд ва мирзо лақаби фарзандони аъёну ашрофи маҳаллӣ буд. Дар худи ҳамон вақтҳо номи *Мирзо* ҳам пайдо шуд. Зимнан онро ба исми дигар ҳамроҳ карда ба писарон мегузоштанд. Кас намедонист, масалан, *Мирзо Алӣ [Mirzā Ali]* иборат аз лақаби *Мирзо[Mirzā]* ва номи *Алӣ [Ali]* аст, ё ин ки вай номи ягонаи мураккаб мебошад. Барои фарқ кардани *Мирзоҳои* асилзода дар ҳуҷҷатҳо бо номи онҳо калимаи амирзодаро ҳамроҳ мекарданд. Агар ҳамон *Мирзо Алӣ [Mirzā Ali]* амирзода бошад, вайро *Амирзода Мирзо Алӣ* [Amirzāda Mirzā Ali] меномиданд. Бо ҳамин гӯё таъкид мекарданд, ки ҳамин шахс мирзои ҳақиқӣ мебошад.

Калимаи «мирзо» аз асри XVI сар карда, хусусан дар номҳои аҳли қалам, яъне котибу муншиҳо бисёр дучор мешуд. Бояд хотирнишон кард, ки касби котибӣ дар мамлакатҳои исломӣ машғулияти баобрӯ ҳисоб мешуд ва лақаби мирзо марбут ба котибон оҳанги ситезаю тамасхур надошт. Аммо бо вуҷуди он қадри лақаби мирзо дигар шуда, маъноях ҳам дар байни омма тағйир ёфт. *Мирзо [Mirzo]* муродифи «котибу муншӣ» шуда монд. Вале истеъмоли ин калима ҳамчун номи маъмултарини мардуми Осиёи Миёна ва ноҳияҳои ҳамшафат ҳатто зиёдтар шуд. Дар таркиби ном калимаи мирзо ба маънои «шоҳзода» меояд [3, с. 80].

Давлат [Dawlat] дар Ҳазору як ном чунин оварда шудааст. Давлат ба маънои «бахту саодат, хушбахтӣ» омадааст. Шаклҳои мураккаби номи мард *Давлаталӣ [Davlatali], Давлаталибой [Davlatalibāy], Давлатмуҳаммад [Davlatmuhammad], Давлатназар [Davlatnazar], Давлатхон [Davlatxān]* ва ғайра истеъмол мешаванд [3, с. 47]. Аммо Саидалӣ баъд аз он ки *Давлат-қаравулбегӣ* бо ӯ чап шуда, чорбоғи овозадорашро дар кӯҳи Чаган хароб кард, худро нишон намедод [11, с. 22].

Аз ин панҷ сол пеш вақте ки мири Балҷувон Исҳоқбек қӯшпулӣ, миронаро зиёд кард, мардум юриш карданд [11, с. 26]. **Исҳоқ**. Дар Таврот оварда шудааст, ки рӯзе завҷаи солхӯрдаи *Иброҳим-пайғамбар* пешгӯиро дар бораи таваллуди ояндаи писар шунида гӯё нобоварона хандида бошад. Бинобар ин баъд аз зоида шудани писар Иброҳим-пайғамбар вайро Исҳоқ номида будааст. Дар ибрӣ маънои ин ном «вай хандид» мешудааст [3, с. 66].

Махдум [Maxdum]. Дар асри XVI дар Бухоро Муҳаммад Ислом ном шайх чунон нуфузи калон пайдо карда буд, ки ба гуфтаҳояш ҳатто хони мустабид Абдуллохони машҳур ҳам гӯш медод. Ҳамин шайх ва ворисони ӯро дар ҳуҷҷатҳои он давра дар баробари алқобу наъти дигар *мардуми хос ва ом* меномиданд, ки маъноях «соҳиб, хоҷаи ҳам ашрофу ҳам мардуми оддӣ », яъне тамоми халқ буд. *Махдум [Maxdum]* а. مو1 دخم. «он ки дигарон ба ӯ хизмат мекунанд; хӯҷаин, хоҷа. 2. кҳн. унвоне, ки дар гузашта ба писарони муллоҳои калон дода мешуд (махсум шакли гуфтугӯии ин калима аст)» [1, с. 174]. *Эшон Махдум кист?* [11, с. 145].

Ба мурури замон наъти махдум ба лақаб мубаддал гардид. Дар асри XVII баъзе руҳониёни муътабарро ҳазрати махдуми аъзам меномиданд ва ин наът ҳатто ҷои исми хосро гирифтааст. Масалан, дар лавҳаи сари дахмаи шайхони Даҳбедӣ, дар назди Самарқанд, вақте ки сухан дар бораи насаб меравад, бини Ҳазрати Махдуми Аъзам навишта шудааст. Номи аслии *Ҳазрати Махдуми Аъзам Сайид Аҳмад* будааст. Ин лақаб ифодаи эҳтироми бузург ба шахси руҳонӣ буд. Бояд хотирнишон кард, ки шахси муътабарро ба исмаш номбар кардан беҳурматӣ ҳисоб мешуд. Бинобар ин ҳатто дар лавҳаи сари қабр ба ҷои ном наът ё лақаб навишта шудааст.

Решаи луғавии «махдум» [maxdum] ва решаи калимаи «хидмат» як аст. Маънои «махдум» айнан «касе, ки ба ӯ хизмат мекунанд» мебошад.

Ба монанди он ки калимаи хидмат дар забони гуфтугӯй шакли хизмат пайдо карда буд, махдум ҳам аввал Махзум [Maxzum] шуда, баъд ба Махсум мубаддал гардидааст. [4, с. 77-78]. *Хом шумо Ҳоҷӣ (номи миршаб ҳоҷи Раҳматулло буд)* [11, с. 124].

Калимаи *раҳмат* ҳарчанд шакли муаннас бошад ҳам, аммо исми хоси занона нашудааст. Албатта, *Раҳматгул [Rahmatgul]* ва *Раҳматой [Rahmatoy]* барин номҳо баъзан дучор ҳам мешаванд, вале «Раҳмат» [Rahmat] исми соф мардона мебошад.

Дар замони *Муҳаммад-пайғомбар [Muhammad-payğāmbar]* ва хулафои рошидин номи *Раҳмат [Rahmat]* ҳанӯз набуд. Ин ном тақрибан дар асрҳои XIV-XV дар шакли Раҳматулло пайдо шудааст. Аз рӯи қоидаи мусалмонӣ дар китоб баъди номи ҳар шахси муътабар ва машҳур бояд ягон дуои хайр оварда мешуд. Бо номҳои хулафои рошидин, масалан, дуои *раҳматуллоҳ анҳу* «бахшоиши *Оллоҳ* ба ӯ бошад»-ро ҳамроҳ мекарданд. Дар бисёр мавридҳо калимаи анҳу-ро наменавиштанд ва ному дуо дар шакли *Абубакр [Abubakr]* раҳматуллоҳ, *Умар* раҳматуллоҳ, *Усмон* раҳматуллоҳ ва ҳоказо китобат мешуд. Бинобар ин мусалмони ғайри араб раҳматуллоҳ-ро исми хос ҳам донистанаш мумкин буд. Маънои номи Раҳматулло *[Rahmatullā]* «бахшоиши худо» буда, *Раҳмат [Rahmat]* шакли мухтасари он аст. Гуфтан лозим аст, ки *Раҳматулло [Rahmatullā]* аз ибораи арабии Раҳматуллоҳ анҳу «бахшоиши Оллоҳ ба ӯ бошад» ба вуҷуд омадааст. [2, с. 113].

Ҳамин тавр номҳои зиёдеро ҷамъоварӣ намудем.

Антропонимҳои русӣ-интернатсионалӣ

Тасарруфи Осиёи Миёна аз тарафи Русия, барқарор гардидани алоқаҳои гуногуни байнидавлатии онҳо, минбаъд дар Осиёи Миёна зиндагӣ кардани як гурӯҳ коргарон ва хизматчиёни пешқадами рус, пайдо шудани мактабҳои русӣ, майли халқи тоҷик ва интелегесияи он ба омӯхтани маданият ва забони русӣ ва дигар воқеаҳои фараҳбахши прогрессивии нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ боиси ба забони тоҷикӣ роҳ ёфтани бисёр калимаҳои русӣ гардиданд.

Пас аз Инқилоби Октябр ҳаёти нав мафҳумҳои нав оварда, ки он боиси бой гардидани фонд ва таркиби луғавии забони тоҷикӣ гардид. Як қисми зиёди мафҳумҳо ва номҳои муносибатҳои нави ҷамъиятӣ аввалин бор дар забони халқи рус пайдо шуда, ба забонҳои халқҳои дигари иттифоқ, аз ҷумла забони тоҷикӣ, ба воситаи он иқтибос гардиданд. Бинобар он забони русӣ сарчашмаи муҳимтарини инкишофи забони милии тоҷик дониста шудааст. Калимаҳои русию интернатсионалӣ ба забони тоҷикӣ ҳамроҳи ашё ва мафҳумҳои нави иҷтимоию сиёсӣ омадааст ва ҷузъи муҳимми таркиби луғавии забон мебошанд, ҳамчунин ҷузъи муҳимми таркиби луғавии забони адабии ҳозираро ташкил медиҳанд. Табиист, ки осори нависанда аз ин сарчашма шодоб гардидааст.

Дар роман як қатор исмҳои русӣ мавриди корбаст қарор гирифтаанд. Якчанд номҳои русиро дастрас намудем ба монанди: *Каресов [Karesāv], Чариков [ćarikāv], Анненков [Annenkāv], Хазар [Xazar], Закасбий [Zakasbiy]*. Нависанда бо тақозои принсипҳои жанри таърихӣ ва зиёда аз он ошкор сохтани моҳияти характер дар асар шакли талаффузии халқии ҳамондавраи калимаҳои русию интернатсионалиро махсусан дар номи одамон истифода бурдааст, аз қабили Кари Юсуф [Kari Yusuf], Карсев [Karsev), Чоруқов [ćāruqāv], Чариков [ćarikāv].

Исми хоси *Кари Юсуф [Kari Usuf]* аз ҷиҳати сохт ба антропоним ибораҳо дохил мешавад. *Чоруқов* [ćāruqāv] бошад, аз ҷиҳати сохт сохта мебошад. - *ов, ова, ева* инҳо пасвандҳои ҷамъбандии номсоз мебошанд.

Ба ин ҷо аз кадом гӯре як нафар одами губурнатори Туркистон омада будааст, Кари Юсуф ном, -гуфт амир, вай ҳар рӯз Ҷалолиддини тарҷумонро ҷеғ зада аз номи губурнатур дастурҳо медиҳад [11, с. 180]. -*Чорукуф боз навиштааст, ки хӯроку пӯшокашон муқаррар шавад* [11, с. 180].

Ҳоло ин пасвандҳо бо пасвандҳои исмсозӣ тоҷикӣ аз қабили **зода** ва **зод** иваз карда шудаанд. Ҳамин тавр антропонимияи *Анненков ...Хазар (Закасбий). Генерал-летинант Анненков аз Тошкант озими Чорҷӯй шуд* [11, с. 181].

Ҳамин тавр, мо зиёда аз 6-номи русӣ- интернатсионалистиро дарёфт намудем.

Антропонимҳои туркӣ-узбекӣ

Аз рӯйи баромад гурӯҳи дигари антропонимҳои романи «Восеъ»-ро вожаҳои туркӣ-ӯзбекӣ дар бар мегиранд. Чунин гурӯҳи калимаҳо дар забони асар ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Ба андешаи мо сабаби асосии воридшавии калимаҳои туркӣ- ӯзбекӣ ба забони тоҷикӣ ин муносибатҳои ҳамсоягӣ, рафту омад, хешу таборӣ ва аз асрҳои миёна дар

сарзамини Осиёи Миёна мавқеи сукунат ихтиёр намудани мардумони туркзабон мебошад, ки ин бевосита ба ҳаёти иҷтимоиву фарҳангии ҳамсоякишварҳои туркзабони мардуми тоҷик бе таъсир намондааст. Чунин ҳодиса дар масъалаи забон ба антропонимҳо ё номвожаҳо низ бетаъсир намондааст.

Сабаби асосии воридшавии халқиятҳои туркзабонро дар асрҳои миёна ба сарзамини Осиёи Миёна академик Бобоҷон Ғафуров ҳодисаи этникӣ медонад: «Аз асрҳои охирини то мелод ва аз ибтидоӣ асрҳои мелод сар карда, ба Осиёи Миёна дар баробари омадани гурӯҳҳои эронизабон инчунин қабилаҳои ғайриэронизабон, аз ҷумла қабилаҳои туркзабон, низ омадан мегиранд. Алалхусус, фақат дар даврaҳои Хоқони турк ба Осиёи Миёна хеле зиёд қабилаҳои туркзабон омада, маскун гардиданд, аз асрҳои VI-VIII сар карда, туркҳо дар таърихи этникии Осиёи Миёна мақоми муайяне пайдо кардан гирифтанд» [3, с. 124].

Ба андешаи мо ин ҳодиса ба забони тоҷикӣ низ бе таъсир намондааст. Чунки дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ чуноне ки дар боло ишора намудем, вожаҳои туркӣ-муғулӣ ё ӯзбекӣ ба миқдори зарурӣ ба назар мерасанд. Ногуфта намонад, ки сабаби дигари ба забони тоҷикӣ воридшавии калимаҳои туркӣ-ӯзбекӣ муносибати дӯстонаи миллати фарҳангдӯсту фарҳангпарвари тоҷик бо дигар миллатҳо махсусан ҳамсоякишварҳои туркзабон мебошад. Дар натиҷаи муносибатҳои тулонии дар масири таърих он ба номгузорӣ низ таъсири худро гузоштааст. Чунон ки номҳои тоҷикӣ ба забонҳои туркӣ-муғулӣ бетаъсир намонадаанд, раванди ба забони тоҷикӣ гузаштани исмҳои хосӣ ифодагари номи ашхос аз забонҳои туркӣ-ӯзбекӣ ба забони тоҷикӣ идома ёфтааст. Дар ин замина, ҳангоми таҳқиқи номвожаҳои туркӣ-ӯзбекӣ дар романи «Восеъ» маълум гашт, ки антропонимҳои ифодагари номҳои сарлашкарон ва ҷанговарон дар он бештар корбаст шудаанд ва лозим донистем, ки дар бораи вижагиҳои маъноиву луғавии онҳо андешаҳои худро баён намоем ва ногуфта намонад, ки аксари номвожаҳои мазкур аз ҷиҳати сохт мураккаб буда, аз калимаҳои арабӣ, инчунин худи туркӣ ва тоҷикӣ ташкил шудаанд. Аз сабаби он ки мавзуи таҳқиқи мо калимаҳои туркӣ-ӯзбекӣ мебошанд, лозим донистем, ки танҳо онҳоро аз ҷиҳати маъноӣ ва луғавӣ дар такя ба сарчашмаҳои фарҳангиву таърихӣ таҳқиқ намоем. Барои мисол: **Ҳоҷиқул,** аз вартишҳо якта зӯрашро биёр… [11, с. 7] Дар ҷумлаи мазкур **Ҳоҷиқул** чунин хусусиятҳои сохторӣ ва маъноӣ дорад. *Қул* дар Фарҳанги забони тоҷикӣ. **Қӯл.** маркази лашкар, қалби лашкар. Худ дар қӯл истода, се писари дигари худро… дар паси пушти хеш ҷой дод. «Равзат-ус-сафо». *Қул.* Бигӯ! (ишора ба сураи Қуръон, ки «сураи ихлос» ном дорад ва аввалаш бо калимаи «қул» (бигӯ) сар мешавад).. [12, с. 704-708].

Дар ин исми хоси *Ҳоҷиқул [Hājiqul],* бошад, *Қул [Qul]* ба кор рафтааст, ки дар номҳои мураккаби мардона бештар истифода бурда мешаванд. Қул [Qul] аслан калимаи туркӣ ё ӯзбекист, ки ҷараёни ба забони тоҷикӣ дохил шудани унсурҳои забони қавмҳои туркзабон аз даврaҳои қадим оғоз ёфта, бо роҳу омилҳои гуногун дуру дароз давом кардааст. Омили аввали он мураккабии ҷараёни этногенези халқҳои Осиёи Миёна мебошад. Мураккабию печ дар печии ғайримуқаррарии ҷараёни этногенези халқҳои Осиёи Миёна дар ономастикаи таърихии он таҷассум гардидааст. Номҳои хоси тоҷикон аз ҷиҳати сохти луғавӣ, ки дар таркибашон унсурҳои туркӣ-ӯзбекӣ мавҷуданд, ба соф туркӣ-ӯзбекӣ, тоҷикӣ-ӯзбекӣ ва арабӣ-ӯзбекӣ ҷудо шудаанд. Дар бисёр маврид *қул*-ро ҷузъи номсоз низ мегӯянд, ки ин қабил ҷузъҳои номсози туркӣ- ӯзбекӣ хеле зиёданд. Ба монанди -қул (qul), -бой (bōy), -бек (bek), -хон (khōn). Калимаи мураккаби *Ҳоҷиқул* як калимаи содаи *Ҳоҷӣ* ва ҷузъи номсози **қул** сохта шудааст. *Қулро* дар лаҳҷаи маҳаллии Кӯлоб ба маънои «бефаҳм», «нодон», «беақл» низ кор мефармоянд. Калимаи «*Қул»*-ро мо дар китоби «Маънои ҳазору як ном» чунин дарёфтем: «Бисёр номҳое, ки дар байни аҳолии Осиёи Миёна маъмуланд, ба калимаи туркии «қул» «банда» тамом мешаванд. Масалан, номҳои *Муҳаммадқул [Muhammadqul], Набиқул [Nabiqul], Оллоҳқул [Ōllāhqul], Раҳмонқул [Rahmānqul]* маънои «бандаи пайғамбар» ва «бандаи худо»-ро доранд. Тарҷумаи ин гуна номҳо одатан душвор нест. Вале баъзе номҳое, ки бо калимаи қул таркиб ёфтаанд, чандон фаҳмо намебошанд [3, с. 44.].

Остонақул [Ōstānaqul]. Остона дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин шарҳ дода шудааст. *Остона* آستانه 1. баландие дар қисми даромадгоҳи хона, поиндарӣ, даромадгоҳи

хона; чӯби зерини дар ё дарвоза. 2. даргоҳ, боргоҳ. 3. банди об, монеаи ҷараёни об; дар остонаи. а) дар арафаи, дар оғози; б) дар даромадгоҳи ҷое; остонаи касеро бӯсидан таъзим кардан; аз остонаи касе пой кандан, бо касе рафтуои худро бас кардан, қатъи муносибат кардан бо касе; остонаи ҷоеро охурча кардан, ба ҷое бисёр рафтуой кардан; остонаи касе аз тилло шудан, хеле давлатманд шудан [11, с. 38]. Остона маъноюш «зиёрат ё мазорӣ» мешавад. Шакли дигари ин ном Остона мебошад. Инчунин, *Остонақул [Ōstānaqul* дар Маънои ҳазору як ном чунин оварда шудааст. Ин номро одатан ба писаре мегузоранд, ки баъди зиёрати ягон муқаддасот таваллуд шудааст. Дар ӯзбекӣ маъноюш «бандаи мазор» ё «бандаи зиёраткарда» мебошад [2, с. 102].

Назир ба номи ҳокими Шаҳрисабз Остонақул-девонабегӣ ариза нависонда медиҳад [11, с. 89]. Зоҳиран, таҳлили номи Остона ҳеҷ душворӣ надорад. Дар ҳақиқат калимаи тоҷикӣ буда, ба маънои баландмартаба, шахси баландэътибор омадааст*….асли номаш* ***Саидбек*** *Валамӣ аст* [11, с. 64]. *…ниҳоят интихобашон ба номзади* ***Саидқул*** *мингишбоши мулаққаб ба* ***Кесак*** *қарор гирифт* [11. с. 238]. *Оре, бешак ин Сайдалии зувайри аст* [11, с.21].

Калимасозии антропонимҳои мардонаи туркӣ–муғулӣ ба воситаи унсурҳои номсози туркии *бек- [-bek [г], бой- [-bāy], тус [tus], -ҷӯқ]ćuq], -оқ [āq], -гин [gin], -той [tāy], -ҷир [jir], -хон [хān], қул [qul- [-кул [kul]], ҷузъҳои [буқо][buqā], [малик][malik]* сохта мешаванд. Номҳои аслии туркӣ-муғулӣ ва омехта аз рӯйи сохтори калимасозӣ сода, сохта, мураккаб ва ибора антропонимҳо ҷудо мешаванд. *Амирро ман фақат як бор дар Қаршӣ дидам,* ***тӯра.*** [11, с. 127] Ҳамту… куштам,- **Амирқул** Лутфияро номбар кардан намехост, лекин ба куштанаш хӯҷаини худро ваҷҳи дигаре ҳам фикр накарда буд. [11, с. 123], **Абдулаҳадхон-тӯра** аз шароби ноб сархуш дар базмхонаи ӯрда бо ҳамроҳии дастаи созандаву сарояндагон танбӯр навохта, дилхушӣ карда нишаста буд…[11, с. 7], **Тӯра** фармуд, бойро ба базмхона дохил карданд. [11, с. 7], Ба **Яхшибек** амр дод, ки аз мирзои муншӣ ба номи Мирзоакрамбой ярлиғи мирохурӣ нивисонда биёрад ва аз хазинадор ду қабат сарупо гирифта ба бой пӯшонад. [11, с. 193], Он рӯз оқсақоли лақайҳо **Оллоёр** писарашро хатна карда буд, бек ва ҳароҳони вай аз тӯи хатнаи писари оқсақол баргашта, дар таги қалъа саргарми ҳангомае буданд…[11, с. 220], -Ин Восеъ худаш кист, аз куҷо – Остонақул. [11, с. 225],- Бек андак сукут карда, рӯмоли ба миён бастаашро кушода, арақи рӯй ва гарданашро пок кард…[11, с.225], Бояд аз **Туғай** бисёр чизу мол рӯёнда бошад! [11, с.211], Маълум шуд, ки сардори дуздон **Туғай-Йӯлчии** кӯлобӣ ҳар як дастбурди дуздии худро бо Ҳоҷибӯрони ҳоким ба ҳам медидааст. [11, с. 211],

Тӯра [Tura]. Таърихи ин ном ба монанди пайдоиши исми *Хоҷа [Хāja]* аст, басе мураккабу ба андозае мубҳам аст. Дар гузаштаи наздик *«Тӯра» [Tura].* гуфта намояндаи тоифаи бонуфузи бошандагони Осиёи Миёнаро меномиданд. *Тӯраҳо [Turahā]* ба монанди хоҷаҳо урфу одати махсус дошта бо бегонаҳо хешу табор намешуданд. Онҳо худро аз авлоди Муҳаммад- пайғамбар ва ҳазрати Алӣ шумурда, покии наслашонро ҳифз менамуданд. Ҳатто хоҷаҳо ба тӯраҳо баробар шуда наметавонистанд ва як дараҷа пасттар меистоданд. Лақаби тӯра боз аз он ҷиҳат мароқангез аст, ки вай унвони валиаҳди амири Бухоро буд. Аз ин ҷиҳат маънои тӯра «шоҳзода» ҳам мешавад. Пеш аз он, дар асрҳои XV- XVI, тӯра лақаби пешвоёни қабилаҳои муғулнажод, ба монанди манғит будааст. Ҳокими давлати Ҷунғот, ки дар асри XVIII Қазоқистон ва Осиёи Миёнаро ба муддати кӯтоҳ фатҳ карда буд, низ тӯра номида мешудааст. Бинобар ҳамин маънои дигари тӯра- «фармондеҳ, ҳоким» мешавад.

Дар номи *Тӯрақул [Turaqul]* боз маънои дигари калимаи тӯра зоҳир мегардад, ки он «соҳиб, «худованд» аст. Тӯрақул ба маънои «бандаи соҳиб», яъне «бандаи худо» меояд.

Ҳамин тариқ, метавон чунин хулоса намуд, ки дар асари мазкур номвожаҳои туркӣ-ӯзбекӣ ба қадри кофӣ истифода шуда, аз ҷиҳати маъно ва вазифаи семантикӣ ифодагари номи сарлашкарҳо, ҷанговарон, истилоҳоти динӣ буда, ба воситаи формантҳои номсози забони арабӣ, туркӣ-муғулӣ ва форсӣ-тоҷикӣ, русӣ ва яҳудӣ ба вуҷуд омадаанд.

Адабиёт:

1. Абаев, В.И. Из иранской ономастики [Текст] /В кн.: История иранского государства и культуры. К 2500-летию иранского государства. В.И. Абаев. - М.: Наука, 1971. - 350 с.

2. Абаев, В.И. Тюркские элементы в осетинской антропонимии [Текст] /Теория и практика этимологических исследований / В.И.Абаев. - М.: 1985.

3. Абаев, В.И. Из истории слов [Текст]/Жур.: Вопросы языкознания/В.И. Абаев. - М.: АН СССР, 1958, N2. - 160 с.

4. Абдуллоева, С.Ю. Грамматические категории имён существительных в русском и таджикском языках [Текст]/Известия АН Тадж. ССР, серия востоковедение, история, филология/М.Н. Абдуллоева. - Душанбе: 1991, N 1. - С.65-70.

5. Абодуллоева, С.Ю. Ономастика «Фарснаме» Ибна Ал-Балхи: автореф. дис.…канд. филол. наук: 10.02.22 [Текст]/С.Ю. Абодуллоева. - Душанбе, 2009.- 23с.

6. Абодуллоева, С.Ю. Этнонимические названия в «Маснави-йи манави» Джалал ад-Дина Руми [Текст] /С.Ю.Абодуллоева//Вестник ТГУПБП, Серия гуманитарных наук. - Худжанд, - 2016. -№2 (67). - С. 83-91.

7. Авеста. Избранные гимны [Текст]. - Душанбе: Адиб, 1990. - 176 с.

8. Алимӣ, Ҷ. Ономастика (назария ва амалия) [Матн]/ Ҷ. Алимӣ. - Душанбе, 2017. - 450с.

9. Алимӣ, Ҷ. Технологияи ономастика [Матн]/Ҷ. Алимӣ. Душанбе: «Адабиёт», 2017. - 238 с.

10. Алимӣ, Ҷ. Ховалинг чӣ маъно дорад?/Ҷ. Алимӣ//Илм ва ҳаёт. -Душанбе,1992,17.- С.12-13.

11. Улуғзода, С. Восеъ/С. Улуғзода. - Душанбе: «Ирфон», 1979. - 368с.

12. Фарзонаӣ, С. Фарҳанги ном [Матн]/С. Фарзонаӣ.-Душанбе, 2001.

13. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). Дар 2 ҷилд.- Москва: «Советская энциклопедия», 1969.

14. Фарҳанги Рашидӣ» ҳамчун асари лексикографӣ. - Душанбе: Дониш, Душанбе: «Адабиёт», 2017.

15. Фарҳанги Муин . Ҷ.1. - Теҳрон: 2002. - 1472с.

16. Фарҳанги решашинохтии забони форсӣ [Матн]/Муҳаммади Ҳасандӯст. Иборат аз 5 ҷилд. - Теҳрон: Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ, 1393.

17. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд) [Матн]. - Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ. 2010. (нашри дувум). Ҷ.1. - 996 с.; Ҷ.2. - 1095 с.

18. Фасоӣ, М.Р. Фаридун дар «Шоҳнома» [Матн]/М.Р. Фасоӣ - Шераз: «Навид», 1369/1990.

19. Бобомуродов Ш., Мухторов З. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ. Бобомуродов Ш., Мухторов З. Душанбе 2016, 428саҳ.

20. Фасоӣ, М.Р.Фарҳанги номҳои «Шоҳнома»/М.Ф. Фасоӣ. - Теҳрон, 2001.

21. Фрай, Р. Наследие Ирана [перевод с англ.]/Р. Фрай.-М.,1972.- 467с.

22. Хайдари, Ш. Ономастика ираноязычных народов (Библиографический указатель литературы с XVIII в. до 2012 г.) [Текст]/Ш. Хайдари. - Худжанд: Меъроч, 2012. -528 с.

23. Ҳайдарӣ, Ш. Мақолаҳои номшиносӣ [Матн]/ Ш. Ҳайдарӣ. - Перм: Форвард, 2001. - 168 с.

24. Ҳайдаров, Ш. Антропонимияи тоҷикони шимолу ғарби водии Фарғона (дар мисоли ноҳияи Ашт). Рисола барои дарёфти унвони номзади илмҳои филология [Матн]/Ш.Ҳайдаров. - Душанбе: 1991. - 270с.

25. Суперанская, А.В. Имя через века и страны. - М.: "Наука". -1990. - 190с.

АНТРОПОНИМҲОИ АРАБӢ, ТУРКӢ- УЗБЕКӢ ВА РУСӢ ДАР РОМАНИ «ВОСЕЪ»-И СОТИМ УЛУҒЗОДА

Дар мақолаи мазкур оид ба моҳият, мазмун ва ташаккули антропонимҳои арабӣ, туркӣ- узбекӣ ва русӣ дар романи «Восеъ»-и Сотим Улуғзода, ки як бахши илми ономастика ба ҳисоб меравад, сухан ронда шуда, дар бораи ономастика худ ҳамчун як бахши мустақили илми забоншиносӣ мулоҳиза ронда шудааст.

Муаллиф дар мақола таҳлилу баррасии антропонимҳои яҳудии асарро мавриди баррасӣ қарор дода, густариши ин бахши илми ономастикаро аз ибтидои омӯзиш то шароити кунунӣ шарҳ дода, онро дар даврaҳои гуногуни рушди забоншиносӣ қиёс намуда, бобати таърихи тавлид, сохт ва маънои онҳо дар асоси сарчашмаҳои муътамади илмӣ сухан рондааст.

Ба андешаи муаллиф дар асар антропонимҳои яҳудӣ (номҳои одамон) чун дигар онимҳо дар тасвири воқеаҳо ва ҳаводиси он нақши намоён доранд. «Ҳамчунин, маҳз омӯзиши ин қабати антропонимӣ дар ошкор намудани арқоми таърихӣ ва ошкор намудани номвожаҳо кумак расонида, барои рӯйи кор овардани арқоми дурусти ҳаводиси таърихӣ ва дар забони меъёр ворид намудани калимаҳои фаромӯшшудаи китоб (архаизмҳо) нақши асосиро адо намуданд».

Муаллиф зимни таълифи мақола кӯшиш ба харҷ додааст, ки антропонимҳои яҳудии асарро дар асоси сарчашмаҳои бурҳони илмӣ ва луғату қомусҳои муътамад таҳлил ва маънидод намояд. Инчунин, муаллиф ба ҳар қабати таснифнамудааш дар асоси ахбори сарчашмаҳои солим ва арқоми саҳеҳи таърихӣ маълумоти алоҳидаи комил додааст.

Калидвожаҳо: санъати номгузорӣ, таърихи тавлид, таҳлилу баррасӣ, вожа, омӯзиш, тадқиқ, номҳои одамон, маводи антропонимӣ, этимология, яҳудӣ ва ғ.

АРАБСКИЕ, ТУРЕЦКО-УЗБЕКСКИЕ И РУССКИЕ АНТРОПОНИМЫ В РОМАНЕ СОТИМА УЛУГЗОДЫ «ВОСЕ»

В данной статье говорится о сущности, содержании и формировании арабских, турецко-узбекских и русских антропонимов в романе Сотима Улугзоды «Восе», который считается отраслью науки ономастика, а также об ономастике как самостоятельной отрасли науки.

В статье автор рассматривает анализ и обзор еврейских антропонимов произведения, объясняет развитие этого раздела ономастики от начала исследования до современных условий, сравнивает его в разные периоды языкового развития, говорит об истории их создания, структуры и значении основаных на достоверных научных источниках.

По мнению автора, значительную роль в описании событий играют еврейские антропонимы (имена людей), как и другие имена. «Также изучение этого антропонимического пласта способствовало выявлению исторических личностей и существительных, которые сыграли ключевую роль в установлении правильных исторических фигур и внедрении забытых книжных слов (архаизмов) в литературный язык».

В ходе написания статьи автор постарался проанализировать и интерпретировать еврейские антропонимы произведения на основе научных источников и достоверных словарей. Также автор предоставил полную отдельную информацию каждому классифицированному слою на основе информации из достоверных источников и точных исторических цифр.

Ключевые слова: искусство именования, история создания, анализ и обзор, лексика, изучение, исследование, имена людей, антропонимический материал, этимология, еврейский и др.

ARABIC, TURKISH-UZBEK AND RUSSIAN ANTHROPONYMS IN THE NOVEL OF SOTIMA ULUGZODA "VOS"

This article discusses the essence, content and formation of Arabic, Turkish-Uzbek and Russian anthroponyms in the novel of Sotim Ulughzoda "Vose", which is considered a branch of

the science of onomastics, as well as onomastics as an independent branch of science. Linguistics is considered.

In the article, the author considers the analysis and review of Jewish anthroponyms of the work, explains the development of this section of onomastics from the beginning of the study to modern conditions, compares it in different periods of language development, talks about the history of their creation, structure and meaning are based on reliable scientific sources.

According to the author, Jewish anthroponyms (names of people), as well as other names, play a significant role in the description of events and their occurrences. "Also, the study of this anthroponymic layer contributed to the identification of historical figures and nouns, played a key role in establishing the correct historical figures and introducing forgotten book words (archaisms) into the literary language."

In the course of writing the article, the author tried to analyze and interpret the Jewish anthroponyms of the work based on scientific sources and reliable dictionaries. The author also provided complete separate information for each classified layer based on information from reliable sources and accurate historical figures.

Key words: art of naming, history of creation, analysis and review, vocabulary, study, research, names of people, anthroponymic material, etymology, Jewish, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф. Ситораи Абдурасул, муаллими калони кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға:735360, ҶТ, ш. Кӯлоб, кӯчаи. С. Сафаров 16 тел: (+992)918505715

Сведения об авторе. Ситора Абдурасул, старший преподаватель кафедры лингвистики и истории языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, РТ., г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16 телефон: (+992) 918505715

Information about the author. Sitora Abdurasul, senior lecturer of the department of linguistics and history of language, Kulob State University named after Abuabdullohi Rudaki. Address: 735360, RT., Kulob, st. S. Safarova, 16 phone: (+992) 918505715

ТДУ – 80+15 (2 тоҷ)
ТКБ – 83 (2 тоҷ)
К - 19

ВОЖАҲОИ ГӮЙИШИ ҶАНУБӢ ДАР АШЪОРИ ШОИРОНИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ

Шокирҷони К., унвонҷӯ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ яке аз серлаҳҷатарин гӯйишҳо ба шумор рафта, муҳаққиқон онро аз рӯйи вижагиҳои луғавӣ, дастурӣ ва савтӣ ба чор гурӯҳи гӯйишӣ ҷудо кардаанд: гӯйиши раштӣ, кӯлобӣ, роғӣ ва бадахшонӣ. Ин гӯйишҳо дар навбати худ боз ба шоха ё гӯйишҳои хурдтар ҷудо мешаванд. Гуфтан ҷоиз аст, ки гӯйишҳои забони тоҷикӣ аз манбаъҳои муҳимми ташаккул ва рушду нумуи забони адабии тоҷикӣ маҳсуб ёфта, забони адабӣ ҷойҳои холии таркиби луғавии худро дар ҳама давру замон маҳз аз ҳисоби унсурҳои умумишавандаи гӯйишҳои маҳаллӣ такмил медод, ки ин раванди таърихӣ имрӯз ҳам ногузир идома ёфта истодааст. Воқеан, ин як омили бисёр хуби ба меъёрҳои солим табдил ёфтани воҳидҳои гуфторӣ ё лаҳҷавӣ дар забони адабист. Дар ҳақиқат, имкониятҳои захираи луғати гӯйишҳои забони тоҷикӣ, махсусан, гурӯҳи шеваи ҷанубӣ хеле фаровон аст ва гӯйишҳо дар ҳар мавриди мусоид метавонанд вожаҳои софу беолоиши таркиби худро ба ихтиёри забони адабӣ гузоранд. Хусусан, ҳоло ки забони тоҷикӣ дар Тоҷикистон мақоми давлатӣ гирифта, шохаи адабии он ниёз ба меъёрҳои худӣ дорад, тақозо мекунад, ки луғати ҳар як гӯйиши

забони тоҷикӣ, чи бегона ва чи худӣ ба таври алоҳида мавриди омӯзиши амиқ қарор гирад ва ба ин восита калима ва таркибу ибороти волову меъёрзеби онҳо чун ҷойгузини унсурҳои нодаркори вомвожаӣ (иқтибосӣ), воҳидҳои услубан дурушт ва аз нигоҳи бадеӣ пасту хароб ба забони адабӣ бештар ворид карда шаванд. Аз ин рӯ, тасмим гирифтаем, ки вожаҳои гӯйиши ҷанубиро дар ашъори шуарои ҳавзаи Кӯлоб дар доираи ин мақола мавриди баррасӣ қарор бидиҳем.

Мусаллам аст, ки мардуми Хатлонзамин, аз ҷумла ҳавзаи Кӯлоб, абармардони зиёдеро ба арсаи тамаддуни башарӣ додааст, ки бо хираду заковат ва донишу маърифати худ дар пешрафти илму фарҳанги ҷаҳонӣ саҳм гузоштаанд. Мувофиқи маълумоти маъхазу сарчашмаҳои хаттӣ ва маводи бостоншиносӣ мардуми Хатлонзамин дар инкишофи илму фарҳанги на танҳо Осиёи Миёна, балки дар тамаддуни ҷаҳони ислом низ нақши босазо гузоштаанд. Яке аз фарзандони донишманд Абдусалом Деҳотӣ дар мақолааш бо номи «Шоирони кӯҳистон» масъалаи омӯхтани эҷодиёти шоирони кӯҳистони тоҷикро ба миён гузошта, барҳақ зикр намуда буд, ки «Даҳҳо шоирон ва адибони истеъдоднок дар камбағалӣ, хорӣ, дар асорати надимии мирҳои Ҳисор, Кӯлоб, ҳокимони Балҷувон, Дарвоз ва ғайра ҷон додаанд, ё бо гуноҳи саркашӣ кардан аз маҳдудкунии онҳо маҳв ва беному нишон карда шудаанд. Маҳалҳо, таърих ва тазкираҳоро ҷустуҷӯ карда, зинда гардонидани номи шоирони кӯҳистонии тоҷик ва омӯхтани эҷодиёти онҳо яке аз вазифаҳои муҳимми мо, ходимони адабиёти муосири Тоҷикистон мебошад» [4, с. 58]. Бо сабабҳои гуногун қисмати зиёде аз осори шуарои Хатлонзамин нопадид гардида, имрӯз дастраси дӯстдорони каломи бадеъ нагардидааст. Як порча манзумае, ки дар таърихи адабиёти форсу тоҷик чун намунае аз нахустин шеърҳо ба забони форсии дарии тоҷикӣ эътироф гардидааст, ба Хатлон ба ҷасуриву мардонагии сокинони ин маҳал дар мубориза алайҳи истилогарони араб оид буда, дар асари муаррихи машҳури арабизабон Муҳаммад Ҳарири Табарӣ **«Таърих-ар-расул-ва-л-мулук»** сабт гардидааст. Соли 725 волии Хуросон дастнишондаи халифаи араб-Асад ибни Абдуллоҳ ба Хатлон ҳуҷум овард. Ҳокими Хатлон аз хоқони турк Курсуғонун мадад хост. Хатлониён ва туркон қисме аз лашкари Асад ибни Абдуллоҳро нест карда, ӯро ба ақибнишинӣ ба сӯйи Балх маҷбур намуданд. Сокинони шаҳри Балх, ки гувоҳи ҳазимати Асад ибни Абдуллоҳ буданд, дар ҳаққи ӯ суруди тамасхуромезе офаридаанд:

Аз Хуталон омадия,
Ба рӯ табоҳ омадия.
Обор боз омадия,
Хушку низор омадия.

Баъди шикасти давлати Сомониён ва ба сари ҳокимият омадани сулолаҳои туркнажод ҳуҷуми муғулҳо ва ғайра ҳаёти илмӣ, адабӣ ва фарҳангӣ мисли дигар минтақаҳои тоҷикнишин дар Хатлон рӯ ба таназзул ва инқироз овард. Аз ин ҷост, ки дар осори таърихиву сарчашмаҳои адабӣ оид ба намояндагони адабиёти форсу тоҷики асри XIII аз минтақаи Кӯлоб ҳеҷ гуна маълумот сабт нагардидааст. Эҳёи адабии Кӯлоб дар асри XIV бо номи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ донишманд ва адиби мутасаввифи форсу тоҷик вобаста аст. Ин олими бузург муддате сокини Кӯлоб буда, дар атрофи худ донишмандон ва аҳли адабро ҷамъ кард. Яке аз шогирдони маъруфи ӯ Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ мебошад, ки бо Мир Сайид Алӣ робитаи илмию фарҳангӣ доштааст. Шубҳае нест, ки дар маҳфилҳои ӯ низ шоирону адибон ҷамъ наомада бошанд. Ба Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ беш аз 70 асари илмиву ирфонӣ ва адабиро нисбат медиҳанд. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ табъу завқи баланди шоирӣ ҳам доштааст ва андешаҳои фалсафӣ ва пандуахлоқро дар либоси шеър низ ҷилва додааст. Аз ӯ як девон ва маҷмуаи ғазалиёт то замони мо расидааст. Намунае аз каломи манзуми Мир Сайид Алии Ҳамадониро меоварем, ки дар он вожаҳои гӯйишӣ корбурд ёфтааст:

Бар **хон**и мустамандон доғе зи ғам ниҳоданд,
К-аз сӯзи ӯ ду олам дар ҳайрат уфтоданд.
Чун бар дари ҳалолаш олам ҷаве наарзад,
Бар ҳар **гадо**и муфлис ин дар чаро кушоданд?

Аз мисоли боло вожаи **хонро** ба қатори вожаҳои гӯйиш нисбат додан мумкин аст, зеро ин вожа дар фарҳангҳо чунин ташреҳ ёфтааст: «**Х**он 1. асоси замони ҳозира аз хондан. 2. ҷузъи пасини баъзе калимаҳои мураккаб ба маънии хонанда: китобхон, овозхон, сурудхон...; хон I т. 1 خان. таърихӣ лақаби подшоҳон ва сардорони қавм: хони хонон шоҳи шоҳон, шоҳаншоҳ, подшоҳи подшоҳон. 2. ҳиссачаи эҳтиром, ки ба охири номҳои мардона ва занона ҳамроҳ мешавад: Аҳмадхон, Розияхон; хон II. خوان дастархон, суфра, монда». Дар ин мисол ба маънои дастурхон, суфра омадааст ва ин вожа ҳоло дар баъзе гӯйишҳо ба ҳамин маъно меояд. Вожаи дигари гӯйишӣ гадо дар ин мисол омадааст, ки дорои чунин маъниҳост: «гадо//гадойӣ нодорӣ 1. он ки ба сабаби нодорӣ аз дигарон садақа талабида рӯз мегузаронад, соил, дарюзагар; гадои бекасу кӯй садақахӯри танҳову бесарпаноҳ; 2. нодор, бенаво, камбағал; муқобили доро. 3. муҳтоҷ, ҳоҷатманд. 4. бечора, мискин, беқадр: гадо кардан камбағалу эҳтиёҷманд гардонидан касеро. 5. маҷ. дилдода, дилбохта, ошиқ; гадо бор ёфту ҷогаҳ не (ё борҷома наёфт) (зарб.) дар мавриди ҳеҷ омад накардани кори камбағале гуфта мешавад; гадо душмани гадост (зарб.) ҳангоме гуфта мешавад, ки ягон кас муваффақияти ҳамвазн, ҳамкасб ё ҳамкори худро дида наметавонад». [11, с. 292]

Аз асри XVI инҷониб дар тазкираҳо ва сарчашмаҳои таърихӣ оид ба баъзе шоирони Хатлонзамин маълумот дарҷ гардидааст. Масалан, дар тазкираи «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ [асри XVI] аз шоири кӯлобиасл Мавлоно Одил сухан меравад. Муаллиф аз маҳорати шоир сухан ронда, чаҳор мисраи зеринро аз эҷодиёташ овардааст:

Ошиқ шав васли ёри **бигзидаи** хеш,
Аз баҳри қарори дили ғамдидаи хеш.
Хоҳад, ки дарозтар шавад, бардӯзад,
Бар домани шаб сиёҳии дидаи хеш.

Дар ин пораи манзум вожаи **баргузида**н ба маънои интихоб карда омадааст ва шакли **бигзидан** шакли гӯйишӣ аст.

Мувофиқи маълумоти тазкираи номбаршуда дар ин давра дар ҳавзаи Кӯлоб беш аз 40 нафар шоирону адибон ва эҷодиёти онҳо маълум гардидааст. Носеҳ Абдураҳмонхоҷа ибни Мирзоподшоҳи Хатлонӣ яке аз онҳо буда, ки дар охирҳои асри XVIII ва ибтидои асри XIX дар Кӯлоб зиндагӣ кардааст ва пораи манзуми поён аз эҷодиёти ӯст:

Чоруқи кӯҳна буд попӯшам,
Чакмани пора-пора бар дӯшам.
На ба мерос дида моли падар,
На аминам, на марди савдогар…

Дар пораи болои вожаҳои **ҷоруқ** ва **чакман** аз доираи калимаҳои умумихалқӣ баромада танҳо дар гӯйишҳо боқӣ монда аст, ки мувофиқи маълумоти фарҳангҳо чунин аст: «**Чору**қ пойафзоли бепошнаи дастдӯхт аз чарми хоми гов (бештар аз пӯсти каллаи гов), ки бандҳояшро ба соқи по мепечанд» [11, с. 564]. Вожаи **чакма**н ҷомаи рӯйпӯше, ки аз матои пашмин дӯхта мешавад; чакмани босма либоси болоие, ки аз моҳут бофта мешавад; чакмани мовут; чакмани пиёзӣ; чакмани қоқма [11, с. 560].

Шоири дигари ин ҳавза Мирзоҳусайни Кангуртӣ маҳсуб ёфта, ӯ дар охири асри X1X ва ибтидои асри XX зиндагӣ карда, аз худ 254 ғазал, 19 мухаммас, як мусаддаси 28-бандӣ, 4 марсия, 97 рубоӣ, 13 таърихи манзум [бахшида ба сохтмону имороти гуногун, мисли ҳаммом, мадраса, қалъа ва баъзе ҷашнҳои шахсони алоҳида дар Кангурт, Қаротегин, Ҳисор], 9 мактуби мансури ба ашхоси алоҳида ва муҳиббони хеш бахшида, 1 мактуби манзум, манзумаҳои «Василат-ун-наҷот», «Дабистони ибрат», «Таърихи ҷуда», рисолаи таърихии «Мунтахаб-ул-ахбор фи табақот-ус-салотин», маснавии «Комде ва Мадан» мерос мондааст ва ҳамаи ин осор дар як «Куллиёт» гирд оварда шуда, соли 1913 мелодӣ [1331 ҳиҷрӣ] дар шаҳри Тошканд нашр гардидааст, ки бахши назми он 13100 мисраъро фаро мегирад [16, с. 171]. Зимни мутолиаи «Куллиёт» чандин вожаҳои гӯйиширо аз эҷодиёти Мирзоҳусайни Кангуртӣ пайдо кардем ва онҳоро ҳоло чун намуна дар поён меоварем:

Ҳоҷӣ, куҷост ҳамдаме, сарфи суханварӣ кунам,

Ганҷи мақол доштам, **ку**?

Дар «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» ин унсури **ку[1]//къ** ҳиссачаи саволии канӣ буда, дар матн ба ҳамин маъно омадааст.

Чу тори зулфи туам дил зи тоб меларзад
Ба ҳар даме ки занад **торӣ** бар **дутор** ангушт.

Зоҳиран вожаи **дутор** аз маъмултарин вожаҳои забони форсӣ-тоҷикист, аммо аз омӯзиши сарчашмаҳо ба ин натиҷа расидем, ки мутааллиқ ба шеваи хуросонӣ ва ғолибан ба гӯйиши варорӯдии забони форсӣ-тоҷикист. Гунаи гӯйишии он **дитор** [ditar] аст ва, ба андешаи мо, бо калимаи русии **гитара** ба як реша мерасанд, зеро ҳамсадои [сомити] **д[d]**-и форсии бостон дар бархе аз забонҳои ҳиндуаврупоӣ ба овози **г[g]** табдил меёбад [10, с. 7]. Ва ин номи сози машҳури мусиқист, ки дар миёни форсизабонони дунё танҳо дар Тоҷикистон машҳур аст. Қомуснигорон калимаи **дутор**ро шарҳ додаанд. Аз ҷумла, Муҳаммад Подшоҳ [14, с. 194] ва Муҳаммад Ғиёсуддин [5, с. 346] **дутор**ро номи соз, мисли **сетор**, гуфтааст. Дар «Фарҳанги Амид» мехонем: «Дутор... навъи сози симӣ, ки миёни баъзе тавоиф мутадовил аст» [12, с. 512].

Дар «Фарҳанги форсии имрӯз» **дутор** ин гуна тавзеҳ ёфтааст: «Сози зиҳӣ, дорои ду сим, ки бештар дар шимоли ховарии Ирон ва кишварҳои ҳамҷавораш роиҷ аст» [15, с. 563].

Ва ҷойи изҳори таассуф аст, ки дар луғати дуҷилдаи номдори мо – «Фарҳанги забони тоҷикӣ», ки дар тафсири моддаҳои луғавӣ гоҳе ба «Куллиёт»-и Ҳоҷӣ Ҳусайн низ истинод шудааст, вожаи **дутор** ба назар намерасад.

Соҳиби тадбир, соибдовари бо ҳушу **ҳанг**,
Ҳамчу мулки зоҳирӣ амлоки ботинро амин. [17, с. 339]

Вожаи **ҳанг** бо пешванди **бе-** низ, ки бо ин шакл дар луғатномаҳои зикрёфта сабт нашуда, корбурд дорад:

К-аз ин девонаи беҳушу **беҳанг,**
Ба ибрат дигарон гиранд **фарҳанг.** [17, с. 446]

Ҳанг. Бо он маъно, ки дар забони Ҳоҷӣ сабт ёфтааст, дар дигар луғот мушоҳида нагардид. Чунончи, дар «Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома» онро **виқор**, **фаросат**, **фаҳм**, **хирад**; **ғор**, **шикофии кӯҳ** [11, с. 476] маънидод кардаанд. Мураттибони «Фарҳанги форсии имрӯз» **ҳанг**ро «воҳиди низомии бузургтар аз гурдон ва кӯчактар аз тип» -[низомии шомили чанд гурдон] [11, с. 1188] шарҳ додаанд. Дар «Луғати омиёнаи форсии Афғонистон» **ҳанг** овози хар» [12, с. 583] маънӣ шудааст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ва «Фарҳанги бузурги сухан» шарҳи бо ҳам монанд дорад: қудрат, зӯр [11, с. 730].

Таҳиягарони «**Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ»** оид ба унсурҳои луғавии аз давраи гузашта ба лаҳҷаҳо меросмонда овардаанд, ки «Дар байни силсилаи калимаҳои ба ном «классикии лаҳҷаҳо» унсурҳое ҳастанд, ки ба марҳалаҳои гуногуни тараққиёти забони адабии пешина мансубанд. Аз ҷумла, чунин воҳидҳои луғавиеро пайдо кардан мумкин аст, ки чанд муддат дар осори хаттии пешина истифода шуда, баъдтар аз истеъмол баромадаанд ва ё ниҳоят маҳдуд гаштаанд. Баръакс, як миқдор воҳидҳои луғавии дигаре ҳастанд, ки ба давраҳои охирини тараққиёти забони адабии тоинқилобӣ тааллуқ дошта, ҳоло дар луғати шеваи ҷанубӣ боқӣ мондаанд» [10, с. 254]. Муҳаққиқон дар рӯйхати силсилаи калимаҳое, ки «байни шеваи ҷанубӣ ва забони адабии пешина муштарак боқӣ мондаанд» вожаи **ҳанг**ро низ қайд кардаанд. Дар пажуҳиши эшон бо он ки ба тафсири таҳиягарони «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ва «Фарҳанги бузурги сухан» эътимод ҷой дорад, вижагии маъноии калимаи **ҳанг** дар лаҳҷа арзёбӣ шудааст. Чунончи, омада: «... дар бештари лаҳҷаҳои шеваи ҷанубӣ вомехӯрад. Онро бо маънии **қувват**, **иқтидор**, **тавоноӣ** дучор омадем: Акаи муъалим, ҳанг надоръм, агане мехестъм, мерафтъм [Файзобод]» [10, с. 255]. Поёнтар боз мехонем: «...дар лаҳҷаҳои дигар [махсусан кӯлобӣ, қаротегинӣ, вахиёӣ-қаротегинӣ] бо воҳиди луғавии **фара** иваз мешавад, ки он ҳатто дар худи Файзободу Орҷоникидзеобод [ҳоло Ваҳдат. – К. Ш.] ҳам истисно нест. Масалан, чунин ҳолат мушоҳида шуд, ки намояндаи шева ҳам **ҳанг кардъм** [ҳанг надоръм] ва ҳам **фара надоръм** мегӯяд. Ё худ ҳолатҳои аз калимаҳои **ҳанг** ва **фара** ба

воситаи префикси **бе-** баробар сохта шудани сифатҳо [ҳамчун **беҳанг**//**бефара** ба маънии **беқувват**, **заиф**] ба назар мерасад» [10, с. 255].

Илова ба маълумоти дурусти лаҳҷашиносони маъруф бояд ба арз бирасонем, ки дар гӯйиши ҷанубии забони тоҷикӣ калимаи арабии **мадор** чун муродифи **фара** маъмул аст, аммо дар миёни онҳо тобиши маъноӣ вуҷуд дорад. Масалан, **фара** чун сифати фарди хаста аз кор ё аз беморӣ буда бошад, **мадор** танҳо сифати бемор аст, яъне **ҳанг надоръм**, **фара надоръм**, **мадор надоръм**, аммо бо феъли **ҳангъм канд** овардани таркибҳои **фара** ё **мадоръм канд** мутаносиб нест. Ногуфта намонад, ки масдари **ҳанг кандан** ҷуз фаҳмондани вазъи бемор ғояти ҳаяҷонро, ки аз шунидани хабари хуш ё нохуш ба вуҷуд меояд, мефаҳмонад: э, ҳамира барвахта намегӯйӣ, ҳангъм канде... [лаҳҷаи Обигарм, ш. Роғун].

Доғам аз ғам, ки маро бар сари роҳе накушӣ,
Ба гуноҳи назари карда **паноҳӣ** накушӣ.

Вожаи **паноҳ** ба ин сурат аз паҳлавӣ боқӣ монда ва мафҳуми ҳимоят ва ҳифозатро мерасонад ва бо феълҳои **бурдан**, **овардан**, **гирифтан**, **кардан**, **ҷустан, будан** [дар паноҳ будан], **пазируфтан** [дар паноҳ пазируфтан] корбурд дорад. Ду шоҳид:

Чу душман ба девор гирад **паноҳ,**
Зи пайкору кинаш натарсад сипоҳ. [17, с. 2 2]

Мар-ӯро дар **паноҳат** кай пазирӣ,
Дар ин кораш чӣ гуна даст гирӣ? [17, с. 23]

Дар сабки омиёна [форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ] бо таркиби **паноҳ ба Худо** [17] во хоҳем хӯрд. Аммо ин таъбир чун муродифи **Худо ҳофиз** ғолибан дар гӯйиши тоҷикӣ ба кор меравад. Аммо гунаи **паноҳӣ** [дар паҳлавӣ panahih] [17, с. 115] бо **ё**-и нисбат чун муродифи калимаи **пинҳонӣ** дар қисме аз лаҳҷаҳои забони форсӣ-тоҷикӣ боқӣ монда ва он дар «Куллиёт» истифода шудааст.

Чу тори зулфи туам дил зи тоб меларзад,
Ба ҳар даме, ки занад **торӣ** бар **дутор** ангушт. [17, с. 89]

Болотар дар мавриди **дутор** ҳарф задем. Аммо вожаи **тор** дар «Куллиёт» алоҳида номбар нашуда танҳо бо **ё**-нисбат [торӣ] омада, ки исми баёнгари мафҳуми шахс аст. Аслан **тор** унвони асбоби мусиқии мардуми Қофқоз, бахусус аз озариҳост, ки тақрибан баъди солҳои чилуми асри гузашта ба дасти санъаткорони мо расидааст ва имрӯз мавриди истифода қарор дорад.

Ман ҳам ба ғалат меҳр бар абнои замона,
З-ин **рӯтурушон** ҳусни мулоқот куҷо? [17, с. 31].

Рӯтуруш [он] мураккаб аз исму сифат буда, маънои маҷозӣ дорад ва дар тавсифи ашхоси чеҳрагирифта, қаҳролуд ва мутакаббир гуфта мешавад. Дар байни халқ чунин таъбирҳо имрӯз ҳам ҷо дорад: **чӣ рута търъш кадай**? ва ҳоказо.

Хиҷолат нест бар девона **раҳгир**,
Надорад ҳукм бар ӯ банду занҷир. [17, с. 444]

Раҳгир аз масдари **раҳ гирифтан**, ба маънии маҷоз **пеши роҳро гирифтан**, яъне дар баробари ё муқобили касе истоданро ифода мекунад.

Набвад ба суботу ҳаст доим,
Ин зол ба чарх **чаппаронӣ.** [17, с. 331]

Чаппаронӣ аз феъли **чап парронданн** тавассути пасванди **-ӣ** таркиб ёфтааст. Дар забони тоҷикӣ, махсусан дар гӯйиш, бо ҷузъи **чап** воҳидҳои бисёре, ба мисли **чаправ**, **чапгир**, **чапдаст**, **чапдарав**, **чапҳалук**, **чаптоб**[в], **чапдара**, **чапғалат**, **чаппагардон** мавҷуданд, ки аз маводи фарҳангномаҳо берун мондаанд, аммо Ҳоҷӣ Ҳусайн **чаппарони**ро ба маънии киноявӣ [нотарс ба ҳар сӯ тохтутоз кардан ва ғайра] кор фармудааст.

Бесуботӣ ҳама з-ин баҳр талотум дорад,
Бемадорӣ ҳама з-ин чархаи **чапгардонӣ.** [17, с. 329]

Вожаи **чапгардонӣ** ҳам мисли калимаи **чаппаронӣ** ба мафҳуми киноявист. Манзури шоир тасвири кайҳони бенизом аст, ки ба ҷомеа асар бахшида ва оромиву субот ва раҳму

шафқатро аз миён бурда ва омили беадливу бемуҳаббатӣ шудааст. Дар ибораи боло ҷуз вожаи **чапгардон чарха** низ дар ин мавқеъ аз сохтаҳои ӯ ҳисоб меёбад, зеро мақсад аз **чарх** агар **осмон**, **фалак**, **сипеҳр** буда бошад [чархи азрақ, чархи атлас, чархи аъзам, чархи вожгун ва ғайра], **чарха**ро, ки дар асл номи афзори ресандагист, бо ин маонӣ овардааст. **кӯҳнакасал**:

Модар аз рӯзи азал зода туро **кӯҳнакасал**,
Ғайри маъҷуни аҷал нест туро дармоне. [17, с. 328]

Асли маъно равшан аст, аммо ин ҷо ба мафҳуми маҷоз аст, манзур ошиқ ё гирифтори мушкилест, ки илоҷи онро ҷуз Худованд каси дигар намедонад. Дар забони халқ чунин таъбир вуҷуд дорад: **ира касалъш къҳнаҳай**, яъне аз хурдӣ шефтаи пеша ё шуғле аст, мисли шикори кабк, моҳигирӣ ё аспбозӣ.

Хурӯсвор саҳархез бош, то сарутан
Ба тоҷи лаълу қабои **чакан** биёроӣ. [17, с. 239]

Чун субҳ нахустин нафасе то ки кашидем,
Аз ваҳшати айём даридем **чаканро**. [17, с. 33]

Модари айём кард з-атласи шафқат қумот,
Дӯхт бар андоми ту тори мурувват чакан. [17, с. 34]

Дар «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» вожаи **чакан** алоҳида ба эътибор гирифта нашуда, балки дар қолаби мураккаби «**къртачакан**»[«куртаи нақшдор дар гурӯҳи Кӯлоб», «Дар лаҳҷаҳои Қаротегин онро термини иборагии **къртайи гълдӯзӣ** иваз мекунад»] ба ҳисоб омада ва «ҷузъи дуюми он – **чакан** ба ҷумлаи унсурҳои хоси шева» [10, с. 160] мутааллиқ дониста шудааст. Аммо аз забони Ҳоҷӣ Ҳусайн чунин бармеояд, ки **чакан** куртаи махсуси занон набуда, балки дар маҷмуъ навъе аз **курта**, шояд бо **гиребони шерозадошта**, будааст.

Вожаи **тоқи**ро, ки дар сухани Ҳоҷӣ Ҳусайн ба сурати **тоқия** омадааст:

Бинам ҳама қуббаҳои гардун
Чун **тоқияи** ҳубоб бе ту. [17, с. 280]

таҳиягарони «Фарҳанги забони тоҷикӣ» бо ҳамин шакл ба маънои **каллапӯш** чун мақулаи луғавӣ интихоб карда ва байти мазкурро шоҳид овардаанд, аммо поёнтар калимаи **тоқи**ро бидуни мисол оварда ва шарҳи онро ба калимаи тоқия ҳавола кардаанд, ҳол он ки Шамси Табрезӣ вожаи **тоқи**ро дар байте истифода намуда:

Намеоӣ, сар аз **тоқӣ** бурун кун,
Бубин ин гулгулу ғавғои мастон. [11, с. 714]

Муҳаммад Ғиёсуддин **тоқи**ро бо **то**-и манқута ва **итқӣ** ба маънои **кулоҳ** ё навъе аз кулоҳ аз луғоти туркӣ [3, с. 21] гуфтааст. Дар «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» пиромуни анвои тоқӣ сухан дар миён аст [10, с. 157] ва он чун унсури луғавии хоси лаҳҷаи ҷанубии забони тоҷикӣ эътироф шудааст.

Дар асри ХХ низ дар ҳавзаи адабии Кӯлоб як зумра шоирону адибон зиндагӣ ва эҷод кардаанд ва дар охири садаи ХХ шуъбаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар ин ҳавза таъсис ёфт. Дар ин шуъба шоирони мардумӣ ва касбӣ, чун: С.Вализода, Ашӯр Сафар, Ҳақназар Ғоиб ва чанде дигарон эҷод кардаанд.

Тавре гуфтем, Ашӯр Сафар низ яке аз шоирони мардумии ҳавзаи адабии Кӯлоб маҳсуб меёбад. Мақсади таҳқиқ иборат аз баррасию таҳқиқи мавқеи корбурди вожаҳои гӯйишӣ, таркибу ибораҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳои халқӣ дар ашъори Ашӯр Сафар буда, вижагиҳои лексикӣ, морфологӣ ва маъноии онҳоро нишон дода ва бад-ин васила ҳунари эҷодии шоирро дар ин самт ҷилвагар созем. Забони ашъори ӯ забони оммафаҳм буда, вожаҳои гӯйишии иҷтимоӣ дар он фаровон корбаст шудааст, ки чанде аз онҳоро чун намуна меоварам:

Эрка будему дар ин ҷо хорузоре гаштаем,
Он чунон будем, оре, инчунин афтодаем. [16, с. 136].

Вожаи **эрка** хоси забони гуфтугӯйӣ буда, аз ҷиҳати пайдоишаш туркӣ мебошад ва дар лаҳҷаи мардуми Рашт ва шимоли Кӯлоб дар шакли эрка (ерка) дар истеъмол мебошад ва

маънои азиз буданро ифода мекунад [5, 945]. Инчунин дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин шарҳ дода шудааст: нозпарвард [8, с. 670], ки айнан ҳамин маъноро далолат намудааст.

Ҳама ин ҷо бало будаст,
Балои ҷони мо будаст [16, с. 52]

Вожаи **бало**, дар мисраи якуми порчаи мазкур ба маънои доно, тавоно ва дар мисраи дуюм ба маънои дарди сар омадааст. Ин вожа ҳарчанд умумиистеъмолӣ бошад ҳам ба маънии мазкур, ки Ашур Сафар дар ашъораш оварда, хоси забони гуфтугӯӣ будани онро нишон додааст. Аз ҷумла дар гӯйиши мардуми Хатлон зиёд истифода шуданаш ба мушоҳида мерасад. Ин вожаи гӯйиши мансуби забони арабӣ буда, ба маънии бадбахтӣ, фалокат, офат, мусибат ва ба маънии маҷозии ғам, андӯҳ, ранҷ, гирифторӣ, шефтагӣ, ошуфтагӣ ва саргаштагӣ (аз ишқ)-ро ифода менамояд [7, с. 38].

Вожаи **чул** аз нигоҳи мансубияти забонӣ ба забони туркӣ-ӯзбекӣ тааллуқ дошта, маконеро мегӯянд, ки беоб ва нокорам аст. Дар гуфтори мардуми минтақаи Кӯлоб дар шакли ***чулу биёбон*** роиҷ буда, дар порчаи зерин маънои нообод, хароб, вайрону валангорро ифода намудааст [7, с. 853].

Сол аз паси сол рафт бисёр,
Чул аз паси **чул** гашт гулзор. [16, с. 13]

Алав сар дода дӯзах сохтӣ барпо,
Ки гӯӣ он замон дунё, ба охир мерасад ин ҷо. [16, с. 151]

вожаи алав, (алов) муродифи адабиаш оташ буда, хоси забони гӯйишӣ буда, вожаи алав (алов) дар забони гуфтугӯйии умумӣ аз муродифи худ сер- истифодатар аст, аммо дар забони адабӣ истифодаи вожаи оташ бартарӣ дорад. Вожаи алав тобиши зиёди маъноӣ надошта, бештар ба маънои конкретии худ меояд ва бо муродифи худ фарқи зиёди услубӣ ҳам надорад. Калимаи алавкоб, аз ду ҷузъ алов: оташ ва ков: коканда [4, с. 616] таркиб ёфта, ба маънои чӯбе, ки оташро мекобанд; аловковак. Чунончи:

Босмачиеро зане дар Балҷувон,
Бо **алавкобаш** задаст аз пушти сар [4, с. 186]

дар лаҳҷаи мардуми минтақаи Кӯлоб онро аловшур низ мегӯянд. Вожаи пачақ хосси забони халқӣ-гуфтугӯйӣ буда, ба маънои поймолшуда; дар асари поймол, фишор ва бархӯрд шакли худро гум кардани чизе; маҷақ корбаст мегардад [12, с. 339]. Инчунин дар порчаи зерин ба ҳамин маъно корбаст гардидааст. Чунончи:

Дидам, ки мисли табақ,
Чархи мошин шуд **пачақ** [4, с. 86].

Мусаллам аст, Ҳақназар Ғоиб яке аз шоирони бузурги ҳавзаи Кӯлоб маҳсуб меёбад ва ӯ муаллифи чандин номгӯйи маҷмуаи ашъор мебошад, ки дар ин маҷмуаҳо вожаҳои гӯйиширо мавриди корбуд қарор додааст, ки чанд мисол меоварем:

Кашидам чун зи маънияш **қулочак,**
Ба садҳо ғарқгардӣ ҳам намурдам. [19, с. 70]

Дар «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» вожаи гӯйиши қълочак чунин шарҳ ёфтааст: «Қълочак (Даҳ., Зир., Лағ., Мӯм., Хов.); ~ **кашидан** ғаввосӣ кардан, бо иштироки дастон шиноварӣ кардан: тъ қълочак кашида метуни (Хов.) [5, с. 156].

Шафақ чун **саллаи сурхи сари кӯҳ,**
Ба печу тоб чун омад? Хуш омад. [19, с. 71]

Дар «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» вожаи гӯйишии сала чунин шарҳ ёфтааст: «**сала**[1] салла, дастор; ~**йи гарди** (Дб., Вд., Нд, Лан., Тд.) саллаест аз матои нафиси гардӣ; **сала**[2] (Тд., Сам., Ҳак., Хов., Кд., Нр.) гирди ҳар чизе; қасқон; чанбарак; ~**йи говора** қасқони (чанбараки) гаҳвора; ~**йи дег** (Сам., Ток., Хов., Шв.) дегмонак; ~**йи елак//ҳелак** (Кд., Нр., Хов., Сам., Ҳак.) қасқони (чанбараки) элак; ~**й ғелбол** қасқони (чанбараки) ғалбер [5, с. 456].

Шакакбозӣ, ки шуд шуғли ҳаётам,

Ба Шарқи орзуям Ғарб **шаҳ** шуд. [19, с. 92]

Дар гӯйиши ҷанубӣ вожаи гӯйишии чиликдангал// чъликдангал (Вқ., Шк.), чълъкдангал (Қ.) акколбозӣ, чиллакбозӣ мавҷуд аст, ки онро шоир дар шакли шакакбозӣ ифода кардааст. Ин бозии махсуси бачагона аст, ки акколро бо акколдаста зада паронанд [5, с. 687]. Дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" навъе аз бозии кӯдакон, ки бо дастаи чӯбин чиллики чӯбии тақрибан 20-25 сантиметраи аз ду тараф сартезро ба мақсади ҳарчи дуртар фиристодан мезананд ва анвои гуногуни ин бозӣ вуҷуд дорад; чиллакбозӣ, чилликдангал" [6, с. 456].

Эй ки ба раҳи дарки замон пой фусурдӣ,
Гар фаҳм туро ҳаст, ба раҳ **фанд** нахурдӣ. [19, с. 96]

Дар «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» вожаи гӯйиши фанд чунин шарҳ ёфтааст: «**фанд//фан** фанд, фиреб; ~**и бахов** (Дҷ., Кпн.) фанди бахоб, истилоҳи гӯштингирӣ-мавриди нохост ба пушт ғелида ба ақиб ҳаво додани ҳариф; ~**и васар** (Ёз., Лан., Сдт., Дк.) истилоҳи гӯштингирӣ – лаҳзаи рост истода аз болои сар ҳаво додани ҳариф: фанди васар-а и палвон хуб медона (Ёз); ~ **додан** *ниг.* **фанд кардан**: бест, и дев-а йаг фанд бътийъм (Лағ.); ~ **кардан** фанд (фиреб) кардан, ба ғафалат гузоштан... [5, с. 556]

Бишуд моҳи фалак чун **досгола,**
Чу қисмат кардам ӯ худро ҳавола...

Дар «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» вожаи гӯйиши доскола чунин шарҳ ёфтааст: «**Доскалла** (Хов., Ҳак.) доскола; токбур: доскала кати баройи кърмък барг мезани (Ҳак.) [5, с. 56].

Фалак дар ханда буд он шоми зебо,
Аз ин **досу** аз он рӯйи чу лола. [19, с. 97]

Дар «Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ» вожаи гӯйиши дос ҳамчун вожаи ифодакунандаи олоти меҳнат шарҳ дода шудааст [5, с. 57].

Дар ин мисолҳо вожаҳои *қулоҷак, салла, фанд, доскола ва дос* ба сифати вожаҳои гӯйишӣ истифода гардида, барои ифодаи ҳолатҳои гуногун онҳоро шоир мавриди корбурд қарор додааст.

Ҳамин тариқ, дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ гӯйишҳои зиёди маҳаллӣ мавҷуд буда, воҳидҳои луғавии ин гӯйишро шуарои ҳавзаи Кӯлоб аз рӯйи зарурат ва барои инъикоси баъзеи воқеаҳои таърихӣ, ашёи рӯзгор, расму оин ва фарҳанги қадимаи ин ҳавза мавриди корбурд қарор дода, муҳтавои ашъори хешро ҷаззоб гардондаанд. Дар ҳақиқат, имкониятҳои захираи луғати вожаҳои гӯйишии ифодакунандаи мафҳумҳои гуногун дар ашъори шоирони ҳавзаи Кӯлоб аз ҷиҳати теъдод беш нестанд ва аксари он вожаҳои гӯйишӣ бештарин таърихи қадима дошта, дар гуфтори мардум доираи корбурди васеъро дороянд ва онҳоро метавон ба радаи вожаҳои худӣ дохил кард.

Адабиёт:

1. Анварӣ С. Ҷойгоҳи сухан дар фарохнои андешаи шоир // Садои Шарқ. – Душанбе, 2007, №4. – 118 с.
2. Грамматикаи забони адабии тоҷик. Ҷ.1. – Душанбе: Дониш, 1985. – 345 с.
3. Ғиёс-ул-луғот. Таълифоти Муҳаммад Ғиёсуддин. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров. – Душанбе: Адиб, 1987. – Ҷ.1. – 398 с.
4. Деҳотӣ А. Шоирони кӯҳистон // Осори мунтахаб //А.Деҳотӣ. – Душанбе, 2014. – С.56-60.
5. Маҳмудов М., Ҷӯраев Ғ., Бердиев Б., Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ / М. Маҳмудов ва диг. – Душанбе: Пайванд, 2014. - 942 с.
6. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). Дар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошимов, Н. А. Маъсумӣ. – Москва: СЭ, 1969. – Ҷ.1. – 951 с.
7. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). Дар зери таҳрири М.Ш.Шукуров, В.А.Капранов, Р.Ҳошимов, Н.А.Маъсумӣ.–Москва: Советская энциклопедия, 1969. - Ҷ.2. - 947 с.

8. Хоркашев С. Ташаккули таркиби луғавӣ ва калимасозӣ./ С.Хоркашев.- Душанбе, 2014.- 106 с.

9. Ҷалилова, А. Н. Вожаҳои халқӣ–гуфтугӯӣ дар ашъори Ашӯр Сафар / А. Н. Ҷалилова//Ахбори Академияи илмҳои ҶТ. – Душанбе, 2015, №1 [237]. – С. 78-82.

10. Ҷӯраев Ғ. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. / Ғ.Ҷӯраев.– Душанбе, Дониш, 1980. – 420 с.

11. Шафиев, Ф. Ашӯр Сафар ва муҳити адабии Кӯлоб / Ф. Шафиев. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. – 162 с.

12) فرهنگ عمید تالیف حسن عمید –تهران 1342-1144 صفحه

13) فرهنگ بزرگ سخن تالیف دکتر حسن انوری-تهران سخن1381 -جلد3-2611ص

14) فرهنگ آنندراج تالیف محمد پادشاه"شاد"- بهار 1336- جلد 3-2549ص

15) فرهنگ زبان فارسی تالیف دکتر مهشید مشیری ویرایش دوم- تهران 1371- 1190ص

2. Манобеъ:

16. Сафаров, А. Девон (мунтахаби ашъор) / А. Сафаров. – Душанбе: Адиб, 2018. – 968 с.

17. Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ. Асарҳои мунтахаб. Ба чоп тайёркунанда Саид- умар Султон. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962. – 348 с.

18. Вализода С. Қуллиёт // С. Вализода. – Душанбе: Маориф, 1967. – 436 с.

19. Ҳақназар Ғоиб. Дар таҷалии офтоби аллома Иқбол // Ғ. Ҳақназар. – Душанбе, 2018. – 320 с.

Ихтисораҳо:

ФГЗТ – Фарҳанги гӯйиши забони тоҷикӣ	Хум. - Хумдон
Ан.- Анҷироб	Шв.- Шашволон
Вқ.- вахиёӣ-қаротегинӣ	Нр.- Наврӯҳо
Дб.-Данғараи боло	Кд.- Кӯлдара
Дҷ.-Даштиҷум	Ош.- Оби Ширин
Ёз.- Ёзганд	Мс.- Марғзори Сир
Лан.- Лангар	Мум.- Муминобод
Қӯш.- Қушағба	Пор.- Порвор
Каҳ.- Каҳдара	Ск.- Саракенҷа
Лш.- Лангари Шоҳ	Хов.- Ховалинг
Пп.- Поҷеи Поён	Ток.- Токак
Ққ.- Қулқулӣ	Ҳак.- Ҳакимӣ
	Шб.- Шаҳри Барбар

ВОЖАҲОИ ГӮЙИШИ ҶАНУБӢ ДАР АШЪОРИ ШОИРОНИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ

Дар мақолаи мазкур корбурди вожаҳои гӯйиши ҷанубӣ дар ашъори шуарои ҳавзаи Кӯлоб мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтааст, ки муаллиф дар асоси маводи фаровон доираи истифодаи вожаҳои гӯйиши ҷанубиро дар ашъори шоирони ҳавзаи Кӯлоб аз асрҳои миёна то замони муосир марҳила ба марҳила оварда, ҷиҳатҳои ҷолиби онҳоро зикр менамояд, маъниҳои луғавияшонро дар асоси шарҳи фарҳангҳои тафсирӣ маънидод мекунад, ки хеле ҷолиб аст. Бояд гуфт, ки вожаҳои гӯйишӣ [калимаҳои шевагӣ ё диалектизмҳо] баръакси вожаҳои омиёна аз минтақа, ноҳия ва маҳалҳои муайян ворид шудаанд. Вожаҳои гӯйишӣ дар ашъори шоирони ҳавзаи Кӯлоб миқдоран беш набошанд ҳам, миқдори муайяни онҳо истифода гардида, ҷанбаҳои адабиву бадеии ашъори шоирони ин ҳавзаро боло бурда, халқияти онҳоро пурафзун кардаанд. Вожаҳои гӯйишӣ дар эҷодиёти шоирони ҳавзаи Кӯлоб ҷойгоҳи муайянро касб карда, муқаррар кардани хелҳои онҳо, мавриди корбурди онҳо дар услуби бадеӣ, зуҳури маъниҳои нав ва тобишҳои маъноию услубӣ дар онҳо вобаста ба сабки нигорандагии ин шоирони хушзавқи ҳавза ба мутахассисони услубшинос дар оянда кумак хоҳанд кард.

Калидвожаҳо: вожа, гӯйиш, шева, лаҳҷа, забон, ҳавза, минтақа, гурӯҳи гӯйиш, адиб, шоир, Кӯлоб, шуаро, асрҳои миёна, осор, мазмун, эҷод, услуб, завқ, истифода, сарвати забон ва ғ.

ЮЖНОДИАЛЕКТНЫЕ СЛОВА В СТИХАХ ПОЭТОВ КУЛЯБСКОГО РЕГИОНА

В статье рассматривается и анализируется использование южных диалектных слов в стихах поэтов Кулябского региона. Автор на основе обширного материала представляет сферу использования южнодиалектных слов в поэзии поэтов Кулябского региона от средневековья до наших дней, выделяет их интересные аспекты, а также интерпретирует их лексические значения на основе обзора интерпретативных культур, что весьма интересно. Следует отметить, что разговорные слова [сленговые слова или диалектизмы], в отличие от общеупотребительных слов, заимствованы из конкретных регионов, районов и местностей. Хотя разговорные слова в стихах поэтов Кулябского региона немногочисленны, определенное их количество используется, что повышает литературно-художественные аспекты стихов поэтов этого региона и обогащает их фольклор. Разговорные слова заняли определенное место в творчестве поэтов Кулябского региона, и определение их типов, использования в художественном стиле, появления в них новых значений, семантических и стилистических оттенков в зависимости от стиля выражения этих поэтов-стилистов региона поможет специалистам по стилю в будущем.

Ключевые слова: лексика, речь, стиль, диалект, язык, область, регион, речевая группа, писатель, поэт, Куляб, лозунг, средние века, произведения, содержание, создание, стиль, вкус, использование, богатство языка и т. д.

SOUTHERN DIALECT WORDS IN THE POEMS OF POETS OF THE KULOB REGION

The article examines and analyzes the use of southern dialect words in the poems of poets of the Kulob region. The author, based on extensive material, presents the scope of the use of southern dialect words in the poetry of poets of the Kulob region from the Middle Ages to the present day, highlights their interesting aspects, and interprets their lexical meanings based on a review of interpretative cultures, which is very interesting. It should be noted that colloquial words [slang words or dialectisms], unlike commonly used words, are borrowed from specific regions, districts and localities. Although colloquial words in the poems of poets of the Kulob region are few, a certain number of them are used, which enhances the literary and artistic aspects of the poems of poets of this region and enriches their folklore. Colloquial words have taken a certain place in the works of poets of the Kulob region, and the definition of their types, use in artistic style, the emergence of new meanings, semantic and stylistic shades in them depending on the style of expression of these poets-stylists of the region will help style specialists in the future.

Key words: vocabulary, speech, style, dialect, language, region, area, speech group, writer, poet, Kulob, slogan, Middle Ages, works, content, creation, style, taste, use, richness of language, etc.

Маълумот дар бораи муаллиф: Шокирҷони Карим унвонҷӯйи кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: ҶТ. 735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16. Тел.: (+992) 988 70 00 03

Сведения об авторе: Шокирджон Карим соискатель кафедры лингвистики и истории языка Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: РТ. 735360, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. Тел.: (+992) 988 70 00 03

Information about the author: Shokirjon Karim, applicant, department of linguistics and history of language, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: RT, 735360, Kulob, S. Safarov Street 16. Tel.: (+992) 988 70 00 03

УДК:81:397 (075.8)
Б-43

ПЕРЕВОДИМОСТЬ И НЕПЕРЕВОДИМОСТЬ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПЕРЕВОДОВЕДЕНИЯ

Буранова З.А., ассистент
Таджикский национальный университет

Перевод - это далеко не просто замена слов одного языка на другие, а сложный и многогранный процесс, включающий передачу смыслов, культурных особенностей, контекста и эмоциональной окраски оригинала. Однако на практике в переводе часто возникают проблемы, связанные с понятием переводимости и непереводимости. Эти вопросы давно обсуждаются в переводоведении и касаются не только лексических и грамматических особенностей, но и культурных, психологических и социальных факторов. В своем исследовании «Теория перевода (лингвистические аспекты)» В.Н. Комиссаров утверждает: «Переводимость и непереводимость связаны с различиями в языковых системах и культурах, что требует от переводчика не только знания языков, но и глубокого понимания культурных контекстов» [10, с. 56-60].

Перевод- это процесс, направленный на передачу смысла с одного языка на другой, однако он сопровождается множеством трудностей.Одной из центральных задач переводоведения является анализ проблем переводимости и непереводимости, которые касаются не только лексики, но и культурных, социальных и контекстуальных особенностей языков. Эти проблемы делают перевод сложным, но невероятно важным процессом.

Переводимость: **поиск эквивалентов**

Переводимость связана с возможностью найти в языке перевода эквиваленты для слов, выражений или конструкций оригинального языка. Хотя многие слова имеют очевидные аналоги, сложные культурные или контекстуальные элементы часто требуют адаптации.

К примеру, слово «стол» на русском языке легко переводится как “table” на английский, однако идиомы, такие как «вот где собака зарыта», требуют интерпретации. Таким образом, переводимость требует гибкости, чтобы сохранить содержание и дух оригинала.

1. Переводимость: теоретические аспекты.

Переводимость обозначает возможность адекватно передать содержание исходного текста на другом языке. В традиционном переводоведении обсуждается поиск эквивалентов между языковыми структурами. Однако переводимость в реальной практике часто сталкивается с трудностями, которые зависят от контекста и особенностей каждого конкретного текста. Русские ученые-лингвисты Патолятова Е.В. и Петровская Н.В. об этом говорят так: «Проблемы переводимости в связи с разноструктурностью языков, отсутствием полных межъязыковых синонимов и различиями эмоционально-стилистического плана преодолеваются на уровне текста» [12, с. 94-98]. Лексическая переводимость. Одним из ярких примеров переводимости является лексический уровень. Например, слово «computer» в английском языке легко переводится как «компьютер» в русском - это идеальный эквивалент. Но бывают ситуации, когда слова на разных языках не имеют точных аналогов. Например, английское «gref» может включать в себя более широкий спектр эмоций, чем русский аналог «горе» и зачастую потребует дополнительных уточнений, таких как «печаль» или «страдание». Иосиф Бродский, русский поэт, переводчик утверждал: «Каждый переводчик должен быть художником, потому что в его руках находится не просто текст, а многообразие смысла» [5, с. 150].

Синтаксическая переводимость

«Перевод - это искусство адаптации текста к новой культурной и языковой среде, а не просто механическая передача слов» - В. Шкловский, русский литературовед и теоретик литературы [19, с. 123].

Сложности могут возникнуть на уровне синтаксиса, когда структура предложения в одном языке отличается от структуры другого. Например, в русском языке часто встречаются длинные и многосложные предложения с вставными конструкциями, в то время как английский язык склонен к более широким и ясным конструкциям. Например, русская фраза «Несмотря на все трудности, он, как истинный лидер, смог найти решение проблемы» будет переведена на английский язык как «Despite all difficulties, as a thue leader, he found the solution». В английской версии сложно передать те же эмоции и элементы, которые исходное предложение содержит в более развернутой форме.

2. Непереводимость: проблемы и вызовы

Непереводимость связана с отсутствием возможности точного переноса значений и концептов с одного языка на другой. Эта проблема особенно актуальна для культурных элементов, идиом и специфических терминов, не имеющих прямого аналога в целевом языке. В своей работе «Теория перевода и переводческая практика», И.Ю. Рецкер утверждает: «Переводчик должен учитывать не только лексические соответствия, но и культуру оригинала» [13, с. 112-115].

Непереводимость: языковые и культурные барьеры

Непереводимость возникает, когда в языке перевода отсутствуют прямые аналоги. Это может быть связано с уникальными понятиями, характерными для определенной культуры, историей или менталитетом. Например, японское слово wabi-sabi описывает философию принятия несовершенства и мимолетности, но не имеет точного эквивалента в других языках. Перевод таких терминов часто сводится к пояснению или перифразированию.

Причины непереводимости

1. **Культурные различия:** Понятия, специфичные для одной культуры, могут не существовать в другой.

2. **Лингвистические особенности:** Грамматические конструкции или особенности слова могут быть уникальными для языка.

3. **Идиомы и фразеологизмы:** Идиоматические выражения, привязанные к контексту культуры, почти всегда теряют свою значимость при прямом переводе.

Способы преодоления непереводимости

1. **Пояснительный перевод:**

Разъяснение термина, как это делают с японским wabi-sabi.

2. **Заимствование:**

Перенос слова из языка оригинала в целевой язык (например, «борщ»).

3. **Адаптация:** Замена понятия на аналогичное,понятное носителям языка перевода.

Работа переводчика -это искусство и наука, требующая баланса между сохранением оригинального смысла и адаптацией текста для аудитории. Проблемы переводимости и непереводимости являются неотъемлемой частью этого процесса, подчеркивая важность культурного понимания и языковой изобретательности.

Только через сочетание точности и креативности перевод может служить мостом между культурами.

Культурная непереводимость. Одним из наиболее сложных случаев является культурная непереводимость, когда термины и концепты, присущие одной культуре, не имеют аналогов в другой. Например, термин «psyche» в греческой философии трудно перевести в другие языки без утраты глубины философского значения. В русском языке можно использовать такие термины, как «душа» или «психика», но они не могут в полной мере передать ту уникальную культурно - философскую нагрузку, которую несет оригинал. «Переводчик, как поэт не должен бояться отходить от буквального смысла, чтобы передать

дух текста», говорил Владимир Набоков, русский и американский писатель, переводчик [11, с. 45-46].

Идиомы и фразеологизмы

Трудности также возникают при переводе идиом, которые не имеют аналогов в целевых языках. Лариса Воронкова, российский переводчик и литературовед в своей книге «Язык и культура в переводе» пишет: «Переводить идиомы - это как решать ребус. Они требуют особого подхода и порой целых объяснений, чтобы раскрыть скрытый смысл» [6, с. 78]. Продолжая мысль Воронковой, приведем пример, английское выражение «to kick the bucket» в дословном переводе будет «пнуть ведро», но на самом деле оно означает «умереть». Переводчик сталкивается с задачей подобрать соответствующий фразеологизм, который передает тот же смысл в языке перевода, например, в русском языке это будет «отдать концы».

Семантическая непереводимость – возникает, когда в языке перевода отсутствует точное соответствие для того или иного понятия. Например, японское слово «tsundoku», которое обозначает привычку накапливать книги, не читая их, в русском языке не имеет аналогичного термина. В таких случаях переводчик вынужден использовать описание, чтобы донести смысл.

Непереводимость стиля. Невозможность передать стиль также является одной из форм непереводимости. Это часто происходит в поэзии и литературных произведениях, где используется игра слов, рифмы и аллитерации. «Переводить поэзию - это создавать новое произведение, которое не является копией, но должно быть равноценным по значению и чувству»- Б. Гребенщиков, русский поэт и переводчик [9, с. 143]. Примером может быть то, что оригинальный стих может быть переведен в произвольной форме, теряя оригинальный, музыкальный и эстетический эффект.

3. Стратегии преодоления проблем переводимости и непереводимости.

Существуют различные методы и подходы, которые переводчики используют для решения этих проблем, чтобы максимально точно передать смысл и стиль оригинала. Прямой перевод заключается в том, что слова и фразы исходного языка имеют точный эквивалент в целевом языке. Это идеальный вариант перевода, возможный, когда языковые системы схожи и не существует значительных, культурных различий. О возможностях перевода российский писатель и переводчик А. Бенашвили говорит так: «Прямой перевод возможен только тогда, когда между культурами существует взаимопонимание» [4, с. 68].

Парафраз. «Перевод - это не просто механическое воспроизведение текста, это творческий процесс, где точность уступает место художественной целесообразности» [18, с. 110]. Если прямой перевод невозможен, переводчик может прибегнуть к парафразам, развернутым объяснениям, которые помогают передать смысл фразы, хотя и теряется точная лексическая форма. Например, японское слово «Wabi-sabi», которое относится к философской концепции красоты несовершенства, можно перевести как «эстетика несовершенства», что помогает читателю понять общий смысл.

Адаптация предполагает замену элементов исходного текста такими, которые будут понятны читателю целевого языка. Например, в переводах западных текстов, где упоминаются праздники типа Thanksgiving, их часто адаптируют, заменяют на аналогичные российские праздники, такие как Новый год. «Переводчик должен быть культурным посредником, который создает мосты между мирами».

Калькирование - это способ перевода, при котором используется заимствованное слово с частичной адаптацией. Например, английское слово «skyscraper» переводится как «небоскреб», что является калькой. Вот как об этом говорит В. Гете, немецкий писатель и переводчик: «Калькирование- это попытка не потерять суть, заимствовав форму» [8, с. 205].

Транскрипция. Если нет подходящего аналога в целевом языке, можно использовать транскрипцию - передачу звуковых форм слов с сохранением оригинальной формы. Это чаще всего применяется для имен собственных или уникальных терминов,

которые невозможно перевести. «Перевод - это искусство сохранить дух оригинала, не поддаваясь на соблазн буквального воспроизведения».

Возвращаясь к вопросам переводимости и непереводимости в переводоведении мы понимаем, что данная тема является одной из наиболее обсуждаемых и сложных. Многие ученые, лингвисты и переводчики посвятили свои работы этой проблеме, анализируя как различные языковые и культурные контексты влияют на возможность точной передачи смысла с одного языка на другой. Для более глубокого понимания этих проблем полезно рассмотреть теории, открытия и высказывания выдающихся ученых и переводчиков, которые значительно повлияли на развитие этой области.

1. Е.В. Торнтон - «Непереводимость как культурная особенность». Евгений Торнтон в своей книге «Теория перевода» утверждает, что при переводе текста нельзя просто заменить слова, с одного языка на другие, не потеряв культурной ценности. Он подчеркивает, что переводчики сталкиваются с уникальной задачей, поскольку «каждый текст в процессе перевода неизбежно теряет часть своей специфической культурной идентичности». Торнтон выделяет, что переводчик должен учитывать, что определенные элементы текста могут быть непереводимыми из-за различий в культурных и языковых контекстах [14, с. 135].

2. А.В. Федоров - Перевод как сложный многогранный процесс. Александр Федоров в своей работе «Основы теории перевода» рассматривает перевод как систему взаимосвязанных процессов, в которой каждая деталь играет важную роль. Он отмечает, что перевод не ограничивается простым перенесением слов из одного языка в другой, а включает в себя и культурные различия. Федоров говорит: «Перевод - это многослойная конструкция, где каждый элемент текста поддается трансформации в зависимости от контекста» [16, с. 102-104] и таким образом, переводчик должен учитывать как лексические, так и культурные особенности целевого языка.

3. Л.С. Бархударов, говорит о переводе как о форме межкультурной коммуникации. Л.С. Бархударов, один из основателей отечественной теории переводоведения, в своей книге «язык и перевод» утверждает, что перевод - это не просто замена слов, а сложный акт межкультурной коммуникации. Он подчеркивает, что «переводчик должен быть посредником между культурами, ведь каждый язык несет в себе уникальные особенности, которые не всегда можно перенести в другой контекст. Бархударов Л.С. утверждает: «Культурные различия между странами создают непереводимость ряда фраз и выражений», что требует особого подхода к переводу [3, с. 42-45].

4. Ю.Д. Апресян - лексическая непереводимость. Юрий Апресян в своей работе «Семантика и перевод» утверждает, что лексическая непереводимость возникает, когда одно слово в языке не имеет точного аналога в другом языке. Он говорит, что «Слова представляют собой уникальные комбинации понятий и ассоциаций, которые трудно передать на другом языке, не потеряв часть их смысла». Примером лексической непереводимости могут быть такие слова как русское «субботник» или английское «awkward», которые не имеют аналогов в других языках [1, с. 99-101]. Вопросы переводимости и непереводимости занимают центральное место в переводоведении, особенно в связи с передачей культурно специфических элементов между языками.

От решения данной проблемы не остались в стороне и таджикские исследователи, уделяющие внимание проблемам безэквивалентной лексики и методам ее передачи в переводе. Для анализа работ таджикских ученых-лингвистов и переводчиков, касающихся проблем переводимости и непереводимости, можно выделить несколько ключевых подходов, которые они применяют для преодоления трудностей, возникающих при переводе. На основе исследований таких ученых - исследователей, как Турсунов Ф.М., Юнусова Л., Шарифов Ш., и других специалистов можно выделить несколько важных аспектов, которые они рассматривают в контексте переводной практики.

Пример анализа работ таджикских ученых. Для изучения исследования работ таджикских ученых в этой области, приведем примеры анализа переводов безэквивалентной лексики

Изучение безэквивалентной лексики

Выдающийся таджикский ученый Турсунов Ф.М. внёс значительный вклад в исследование вопросов переводимости и непереводимости, особенно в контексте безэквивалентной лексики. Для детального изучения его трудов поведем небольшой анализ его исследований.

Турсунов Ф.М. в своей работе «Сопоставительное исследование безэквивалентной лексики в лингвокультурном и переводческом аспектах» анализирует феномен эквивалентности и безэквивалентности, акцентируя внимание на значимости системного подхода к переводу таких единиц. Он описывает лексические особенности, требующие тщательной интерпретации и корректного применения при переводе. Исследуя проблему он говорит так : «Проблема безэквивалентной лексики является одной из наиболее сложных в теории и практике перевода, особенно при передаче культурно специфических элементов» [РТСУ].

Реалии и их передача в переводе

Турсунов Ф.М. выделяет реалии как особый тип безэквивалентной лексики, представляющий трудности при переводе. Он предлагает решения для передачи подобных элементов на примерах англоязычных и таджикских текстов, уделяя внимание сохранению культурного контекста. «Анализ показывает, что для передачи безэквивалентной лексики необходимо использовать комплексный подход, включающий транслитерацию, описательный перевод и комментарии»- утверждает Турсунов Ф.М. Далее Турсунов так, проводит свое исследование:

1.Переводимость и безэквивалентная лексика

Основные подходы: Он выделяет безэквивалентную лексику как центральный объект исследования, рассматривая её в двух аспектах:

- **Культурно-специфическая лексика-** слова и выражения, которые отражают уникальные элементы культуры.
- ***Языковые лакуны-** отсутствие аналогичных единиц в языке перевода.

Примеры:

*Таджикское слово («Навруз», праздник весны): Турсунов анализирует различные подходы к его передаче. Он считает,что транслитерация с пояснением (Nowruz – Persian New Year) наиболее точна. Это сохраняет национальный колорит и позволяет иностранной аудитории понять значение.

*Английское слово “pub”: Для перевода на таджикский язык автор предлагает описательный подход- «традиционный английский бар», так как концепция баров отсутствует в таджикской культуре.

2. Реалии в художественных текстах

Проблематика:

Реалии представляют собой особую категорию безэквивалентной лексики, которая несет культурно-специфическую информацию. Турсунов отмечает,что неправильный перевод реалий может привести к утрате оригинального смысла.

Пример из анализа художественных текстов

В таджикской литературе термин «сурфа» (традиционный стол или скатерть для еды) часто используется для обозначения определенного уклада жизни. Перевод на английский- dining mat или traditional dining cloth- сохраняет лишь часть значения, поэтому рекомендуется добавление пояснений: “sufra, a traditional setting for meals in Tajik culture.”

Грамматические аспекты

Проблема переводимости касается не только лексики, но и грамматических структур. Турсунов подробно рассматривает перевод английских грамматических единиц, отсутствующих в таджикском языке, подчеркивая важность точной передачи их значения.

Пословицы и поговорки

Таджикские ученые исследуют эквивалентность и отсутсвие эквивалентов у пословиц и поговорок. Анализируются ситуации, когда эквиваленты отсутствуют, а перевод требует адаптации или поиска аналогичных выражений. В своей статье «О факторах процесса заимствования и перевода пословиц (на примере персидско-таджикского, арабского, русского и узбекского языков)» Турсунов, говорит так: «Перевод пословиц требует особого внимания к культурным и языковым особенностям, чтобы сохранить их смысл и выразительность» [17, с.45-52]. Также, он утверждает: «Заимствование пословиц из одного языка в другой сопровождается адаптацией к фонетическим и грамматическим нормам языка-приемника.» [Вестник] Он так, квалифицирует эквивалентности:

1. **Полные эквиваленты –** пословицы имеют аналог в языке перевода

*****Таджикская: «Сабр меваи ширин дорад»= Английская:" Patience bears sweat fruit."

2. Частичные эквиваленты – смысл сохраняется, но форма изменяется.

*****Таджикская: «Чи кофтӣ, ҳамон меёбӣ» (буквально: «Что ищешь, то и найдешь»)= Английская: "You get what you search for."

3. Отсутствие эквивалента – перевод требует адаптации.

*****Таджикская: «Ба хирс асал бад аст, аммо асалро мехӯрад» (буквально: «Медведю мед вреден,но он его ест») адаптируется как "The bear knows honey is harmful, yet it eats it."

4. Грамматические аспекты непереводимости

Проблема грамматических лакун:

Турсунов выделяет случаи, когда грамматические конструкции одного языка не имеют прямых эквивалентов в другом.

Английский пример: I have been working. В таджикском языке такая конструкция отсутствует. Перевод осуществляется через прошедшее время и дополнительные пояснения: «Ман кор мекардам» (Я работал). Это упрощает грамматику,но может теряться значение длительности. Для точного перевода сложных грамматических структур Турсунов предлагает использовать описательный перевод или добавление комментариев.

5. Практические рекомендации для переводчиков

Общие стратегии:

1. **Транслитерация –** используется для передачи уникальных
2. имен, терминов, и понятий.

Пример: Nowruz, Chakan (национальная одежда), Sabsi (национальное блюдо)

3. **Описательный перевод –** для понятий, не имеющих прямого эквивалента.

Пример: «Аския» (традиционная таджикская словесная игра) переводится как "Askia – a tralitional Tajik wordplay game."

4. **Сноски и примечания –**

Особенно для исторических, культурных и этнических терминов.

В переводе произведений таджикских писателей на английский, Турсунов анализирует подходы к переводу национальных символов:

- «Чакан» (традиционная одежда) переводится с пояснением, как "Chakan", a traditional embroidered garment worn during celebrations." В итоге, Турсунов Ф.М. делает следующие выводы:

1. Переводимость зависит от культурной близости языков и уровня владения контекстом.

2. Успешный перевод требует комплексного подхода: транслитерация, адаптация и использование пояснений.

3. Культурно-специфические элементы переводятся наиболее эффективно при сохранении их уникальности через комментарии и объяснения.

Культурные различия

Работы таджикских авторов подчеркивают роль культурного фактора в переводе. Они предлагают подходы, помогающие преодолеть культурные барьеры, которые могут затруднять передачу содержания.

1. Юнусова Л. в своем исследовании «Теория и практика перевода» обращает внимание на основные сложности, возникающие в переводе, связанные с лексической и культурной непереводимостью. Она отмечает, что проблемы непереводимости часто возникают, когда слова и выражения одного языка не имеют прямых аналогов в другом, что связано с уникальностью контекста. Например, она приводит пример перевода таджикских пословиц, в которых заключены образы, связанные с природой и традициями, которые трудно передать в другом языке. Одним из таких примеров является выражение «зебогии хати давлат» («красота власти»), которое имеет особый смысл в таджикском контексте и сложно перевести на другие языки без потери значения [20].

2. Шарифов Ш, известный таджикский переводчик и теоретик перевода, в статье «Проблемы перевода таджикской прозы» акцентирует внимание на трудностях перевода эмоциональной насыщенности и национального колорита в таджикской прозе. Он приводит примеры из произведений классиков таджикской литературы, таких как Саид Нури и Алишер Навои, где передача культурных и языковых особенностей является сложной. Например, в переводе стихотворений Навои, сложность заключается в передаче специфических метафор и обращений, которые имеют особое значение для таджикской аудитории и могут быть трудны для понимания в другом культурном контексте. Шарифов Ш. утверждает: «В таких случаях переводчик должен не просто передавать слова, а адаптировать текст, чтобы сохранить атмосферу оригинала» [17].

3. В своей работе «Перевод художественной литературы: Проблемы переводимости» таджикский лингвист и переводчик Ашуров О. исследует трудности перевода таджикской художественной литературы на русский язык, особенно при передаче эмоционально окрашенных фраз и диалектизмов. Ашуров приводит примеры из произведений С.А. Айни, где сложно сохранить смысл в процессе перевода из-за уникальных лексических единиц таджикского языка. Например, слово «рушан» («ясный», «светлый») в контексте таджикской литературы несет глубокий символизм, который трудно передать при дословном переводе на русский. Ашуров О. предлагает подход, при котором: «Переводчик использует культурную адаптацию, чтобы сохранить эмоциональную насыщенность и уникальность оригинала» [2].

Работы таджикских ученых показывают, что проблемы переводимости и непереводимости тесно связаны с культурными особенностями. Переводчики сталкиваются с трудностями при передаче культурных и эмоциональных аспектов произведений, которые имеют глубокие корни в традиции и истории Таджикистана. Таджикские лексические единицы, фразеологизмы и пословицы часто не имеют точных аналогов в других языках, что делает перевод сложным. Примером таких трудностей является перевод таджикских метафор и эпитетов, насыщенных культурными символами. Выражение «санги дусти» («камень дружбы») в таджикской культуре имеет глубокий символический смысл, который не всегда можно точно передать в другом языке. В таких случаях переводчик вынужден искать эквиваленты, которые могут передать не только буквальный смысл, но и культурную атмосферу оригинала. Можно сказать, что анализ работ таджикских ученых, таких как Юнусова Л, Шарифов Ш. и Ашуров О. подчеркивает, что для успешного решения проблем переводимости и непереводимости необходим комплексный подход, включающий культурную адаптацию и креативный подход. Перевод, особенно в контексте таджикской литературы требует от переводчика не только знания языка, но и глубокого понимания культурных особенностей, что делает процесс перевода более гибким и многозначным.

На основе анализа художественных текстов таджикские ученые предлагают практические рекомендации для переводчиков. Эти советы направлены на достижение адекватности перевода и сохранение культурной идентичности исходного текста.

Таким образом, таджикские исследователи вносят в решение проблем переводимости, разрабатывая теоретические основы и предлагая практические стратегии для передачи безэквивалентной лексики и культурно значимых элементов между языками.

Делая выводы, можно сказать, что проблема переводимости и непереводимости представляют собой одну из важнейших и многогранных тем в теории перевода. Вопросы перевода охватывают языковые, культурные и контекстуальные различия, которые усложняют задачу переводчиков и требуют особого внимания. В частности, В. фон Гумбольт, утверждает: «Всякий перевод представляется мне, безусловно, попыткой разрешить невыполнимую задачу» [7, с. 75-80]. На основе анализа трудов известных ученых и специалистов, можно выделить несколько ключевых моментов:

1. Перевод - это сложный и многогранный процесс, который не ограничивается простой заменой слов, он включает в себя множество факторов, таких как контекст, культура, функциональные и стилистические особенности текста. Это подтверждают работы таких ученых как Л. Бархударов, А. Федоров, которые подчеркивают, что важна не только лексика, но и восприятие текста в его общей смысловой структуре.

2. Непереводимость является естественным аспектом перевода, возникающим из-за различий в языках и культурах. Некоторые слова и фразы в одном языке не имеют прямого аналога в другом, что делает их трудными для перевода. Например, английское слово «cozy» не имеет точного соответствия в русском, что заставляет переводчика искать более подходящие варианты. Такие мысли выражены в трудах Ю. Апресяна и Д. Стейна, которые отмечают, что лексическая непереводимость- частое явление.

3. Перевод требует творческого подхода и интерпретации, особенно в области художественного перевода. Есть утверждение, что для качественного перевода недостаточно лишь передать буквальный смысл текста, важно сохранить его эмоциональную насыщенность и эстетические качества. Это означает, что переводчик должен применять креативность, чтобы максимально приблизить перевод к оригиналу.

4. Перевод всегда носит интерпретационный характер, как отмечает Поль Рикер. Это означает, что переводчик не просто переносит информацию с одного языка на другой, но и интерпретирует текст, основываясь на собственном восприятии. Таким образом, каждый перевод является уникальной версией исходного текста, отражающий личную интерпретацию переводчика.

5. Культурные различия играют решающую роль в переводе. Проблемы непереводимости часто возникают из-за различий в культурных традициях и восприятии мира. Это подчеркивает Е. Торнтон, который указывает, что переводчик должен учитывать не только язык, но и культурные контексты, в которых функционирует текст.

6. Универсального подхода к решению проблем непереводимости не существует. Разные типы текстов требуют разных методов перевода. Например, технические тексты можно переводить более буквально, в то время как в художественном переводе важна гибкость и способность передать не только смысл, но и эмоциональную атмосферу, которая может быть утеряна при дословном переводе. Перевод - это одновременно искусство и наука. В решении проблем переводимости и непереводимости можно подчеркнуть, что переводчик должен быть не только профессионалом в области языка, но и культурным посредником, способным передать не только языковую информацию, но и культурные особенности. Это требует от него глубоких знаний и высокого уровня компетенции в обеих областях. В итоге можно сказать, что вопросы переводимости и непереводимости продолжают оставаться актуальными и важными в теории перевода. Они требуют от переводчика умения работать не только с языковыми, но и с культурными различиями. Непереводимость не следует воспринимать как препятствие, а принять как вызов, который стимулирует поиск новых решений для передачи смысла и атмосферы текста.

Литература:

1. Апресян, Ю.Д. Семантика и перевод / Ю.Д. Апресян. - Москва: Наука, 1980. - С.99-101.

2. Ашуров, О. Перевод художественной / О.Ашуров. - Душанбе: Академия наук Республики Таджикистан, 2017.

3. Бархударов, Л.С. Язык и перевод / Л.С. Бархударов. - Москва: Наука, 1975. - С.42-45.
4. Бенашвили, А.В. Комментарий к роману И.С. Тургенева “Дворянское ...С. Дворянское гнездо / А.В. Бенашвили. - М.: Наука, 2005. - С.68.
5. Бродский, И. Поэтика Иосифа Бродского: разнообразие методологий / И.Бродский. - М: «АСТ», 2003. - С.150.
6. Воронкова, Л. Язык и культура в переводе / Л.Воронкова. – М., 1992. - С.78.
7. В. Фон Гумбольдт. Работа «О различии строения человеческих языков и его влиянии на развитие человечества» / Гумбольдт, В. Фон. - М.: Прогресс, 1985. - С.75-80. Доступ: cuberleeninka. ru.
8. Гете, В. Поэзия и правда: из моей жизни / В.Гете. – М.: Прогресс, 1969. - С.205.
9. Гребенщиков, Б.Б. Библиографическое описание / Б.Б. Гребенщиков. - Москва: АНТАО, ЛЕАН, 2001. - С.143.
10. Комиссаров, В.Н. Теория перевода (лингвистические аспекты) / В.Н. Комиссаров. – М., 1990. - С.56-60. Доступ: tiu-tdu.uz
11. Набоков, В.В. Собрание сочинений. Т. 1-4 / В.В. Набоков. - М., 1990. – С.45-46.
12. Патолятова, Е.В. Статья: Переводимость и непереводимость как языковой феномен / Е.В. Патолятова, Н.В. Петровская. – М., 2019. - С.94-98. Доступ: rep.by (Лексическая переводимость).
13. Рецкер, И.Ю. Теория перевода и переводческая практика / И.Ю. Рецкер. – 1974. – С.112-115. Доступ: elib. Bsu.dy
14. Торнтон, Е.В. Теория перевода / Е.В. Торнтон. - М: Академия, 2000. – С.135.
15. Турсунов, Ф.М. // Вестник Таджикского государственного педагогического университета. – Душанбе: Издательство ТГПУ им. С.Айни, 2023. - С.45-52 Доступ: Ссылка на статью.
16. Федоров, А.В. Основы теории перевода / А.В. Федоров. – 1998. - стр102-104
17. Шарифов, Ш. Проблемы перевода таджикской прозы / Ш. Шарифов. - Душанбе: Илм, 2013.
18. Шишкин, М. Роман всегда умнее автора / М.Шишкин. – М.: Время, 2007. – С.110.
19. Шкловский, В.М. Повести о прозе. Размышления и разборы. Том 2 / В.М. Шкловский. - М.: Художественная литература, 1966. - 463 с.
20. Юнусова, Л. Теория и практика перевода / Л. Юнусова. - Душанбе: Шарқи озод, 2015.

ПЕРЕВОДИМОСТЬ И НЕПЕРЕВОДИМОСТЬ: ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПЕРЕВОДОВЕДЕНИЯ

В данной статье рассматриваются сложности переводимости и непереводимости в теории перевода, связанные с языковыми и культурными различиями. Особое внимание уделяется тому, как некоторые слова и выражения в одном языке не имеют точных аналогов в другом, что делает их трудными для передачи. Осуществляется анализ работ таких ученых, как Л. Бархударов, А. Федоров, Ю. Апресян, Турсунов Ф.М., Юнусова Л, Шарифов Ш, которые исследуют перевод не только как процесс замены слов, но и как акт культурной интерпретации. Также подчеркивается, что перевод- это творческий процесс, требующий от переводчика умения передавать не только смысл, но и эмоциональную и культурную составляющую оригинала. Проблемы непереводимости рассматриваются как стимул для поиска решений и адаптации текста, а не как непреодолимая преграда. В заключении подчеркивается, что успешный перевод зависит не только от знания языка, но и от глубокого понимания культурных контекстов, в которых этот язык используется. Проблема переводимости и непереводимости остается ключевой темой в переводоведении, подчеркивая сложности и нюансы передачи смысла между языками. В работе анализируются основные аспекты переводимости, такие как нахождение эквивалентов в языке перевода и

текстовая адаптация, а также изучаются причины и формы непереводимости, вызванные языковыми и культурными различиями. Особое внимание уделяется методам преодоления барьеров непереводимости, включая использование пояснительного перевода, адаптации и заимствования. В статье делается акцент на том, что качественный перевод требует не только владение языком, но и глубокого понимания культурных особенностей, что делает его незаменимым инструментом межкультурного взаимодействия.

Ключевые слова: Переводимость, непереводимость, переводоведение, эквиваленты, культура, лингвистика, барьеры, адаптация, заимствование, пояснительный перевод, межкультурная коммуникация, смысл, языковые различия, идиомы, контекст.

ТАРҶУМАНОПАЗИРӢ ВА ҒАЙРИТАРҶУМАНОПАЗИРӢ: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛИИ ТАРҶУМАШИНОСӢ

Дар мақолаи мазкур мушкилоти тарҷуманопазирӣ ва ғайритарҷуманопазирӣ дар назарияи тарҷума, ки бо тафовутҳои забонӣ ва фарҳангӣ алоқаманданд, муҳокама мешавад. Диққати вижа ба он дода шудааст, ки баъзе калимаву изҳорот дар як забон аналогҳои дақиқ дар забони дигар надоранд, ки ин онҳоро барои интиқол душвор мекунад. Таҳлили корҳои олимон, чун Л. Бархударов, А. Федоров, Ю. Апресян, Турсунов Ф.М, Юнусова Л., Шарифов Ш., ки тарҷумаро на фақат раванди иваз кардани калимот, балки амалияи таъвили фарҳангӣ мехонанд, анҷом дода мешаванд. Ҳамчунин, таъкид мешавад, ки тарҷума як раванди эҷодӣ аст, ки аз тарҷумон маҳорати ироаи на фақат маънӣ, балки унсурҳои эҳсосӣ ва фарҳангии аслро талаб мекунад. Масъалаҳои ғайритарҷуманопазирӣ ҳамчун ангезае барои ҷустуҷӯйи ҳалҳо ва мутобиқ кардани матн, на ҳамчун монеаи ногузир, баррасӣ мешаванд. Дар хулоса таъкид мешавад, ки тарҷумаи муваффақ на фақат аз дониши забон, балки аз фаҳмиши амиқи контекстҳои фарҳангӣ, ки ин забон дар онҳо истифода мешавад, вобаста аст. Мушкилоти тарҷумашавандагӣ ва тарҷуманашавандагӣ мавзуи асосии таҳқиқот дар тарҷумашиносӣ боқӣ мемонад, ки душвориҳо ва нозукиҳои интиқоли маъноро байни забонҳо таъкид мекунад. Дар мақола ҷанбаҳои асосии тарҷумашавандагӣ, аз ҷумла пайдо кардани эквивалентҳо дар забони ҳадаф ва мутобиқ кардани матн таҳлил карда мешаванд. Ҳамчунин, сабабҳо ва шаклҳои тарҷуманашавандагӣ, ки бо фарқиятҳои фарҳангӣ ва забонӣ вобастаанд, мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Ба усулҳои бартараф кардани монеаҳои тарҷуманашавандагӣ, аз қабили тарҷумаи фаҳмондашаванда, иқтибос аҳаммияти махсус дода мешавад. Дар мақола таъкид мегардад, ки тарҷумаи босифат на танҳо донистани забон, балки фаҳмиши амиқи хусусиятҳои фарҳангиро талаб мекунад, ки онро воситаи бебаҳои муошират байнифарҳангӣ мегардонад.

Калидвожаҳо: тарҷумашавандагӣ, тарҷуманашавандагӣ, тарҷумашиносӣ, эквивалентҳо, фарҳанг, забоншиносӣ, монеаҳо, мутобиқсозӣ, иқтибос, тарҷумаи фаҳмондашаванда, муошират байнифарҳангӣ, маъно, фарқияти забонӣ, идиомаҳо, матнӣ**.**

TRANSLATABILITY AND UNTRANSLATABILITY: THEORETICAL AND PRACTICAL ASPECTS OF TRANSLATION STUDIES

The paper discusses the challenges of translatability and untranslatability in translation theory, related to linguistic and cultural differences. Special attention is given to how certain words and expressions in one language have no exact equivalents in another, making them difficult to convey. The works of scholars such as L. Barhudarov, A. Fedorov, and Y. Apresyan, F.M. Tursunov, L. Yunusova, Sh. Sharifov, are analyzed, as they explore translation not only as a process of word substitution but also as an act of cultural interpretation. It is also emphasized that translation is a creative process that requires the translator to convey not only the meaning but also the emotional and cultural aspects of the original. The issues of untranslatability are viewed as a stimulus for finding solutions and adapting the text, rather than as an insurmountable barrier. In conclusion, it is emphasized that successful translation depends not only on language proficiency but also on a deep understanding of the cultural contexts in which the language is used. The issue of translatability and untranslatability remains a key topic of research in translation studies,

highlighting the challenges and nuances of conveying meaning between languages. The article analyzes the main aspects of translatability, including finding equivalents in the target language and adapting the text. It also examines the causes and forms of untranslatability, which are associated with cultural and linguistic differences. Special attention is given to overcoming untranslatability barriers, such as explanatory translation, adaptation, and borrowing. The article emphasizes that high-quality translation requires not only language proficiency but also a deep understanding of cultural nuances, making it an indispensable tool for intercultural communication.

Keywords: Translatability, untranslatability, translation studies, equivalents, culture, linguistics, barriers, adaptation, borrowing, explanatory translation, intercultural communication, meaning, linguistic differences, idioms, context.

Сведения об авторе: Буранова Зулфия Абдулхакимовна – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры общего языкознания и сравнительной типологии. Адрес: Республика Таджикистан,734025, город Душанбе, проспект Рудаки 17, Телефон: +992 907 18 54 41. **E-mail:** buranova.z82@mail.ru

Маълумот дар бораи муаллиф: Буранова Зулфия Абдулҳакимовна – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавӣ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудаки 17. Телефон: +992 907 18 54 41. **E-mail:** buranova.z82@mail.ru

Information about the author: Buranova Zulfiya Abdulkhakimovna **–** Tajik National University assistant of the department of general linguistics and comparative typology. Address: Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17 Phone: +992 907 18 54 41. **E-mail:** buranova.z82@mail.ru

ТДУ: 81’22.003
ТКБ: 83.4 З.
Г-62

РӮЗГОРУ ОСОРИ ХАЙРАНДЕШ

Гиёева Т.И., докторанти PhD
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Шоир Хайрандешро дар тамоми ҷумҳурӣ ва берун аз он, чи хурду чи бузург ҳамагон мешиносанд.

Ин шоири ширинкалом дар тули умри начандон дарози худ ва фаъолияти шоириаш тавонистааст, ки бо шеърҳои мавзуну мардумиаш ба дили ҳазорҳо ҳаводорони шеъру шоирӣ роҳ ёбад. Шеърҳои Хайрандеш зиннатдиҳандаи чорабиниҳои сатҳи баланди давлатӣ ва тӯйю хурсандиҳои мардум мебошанд. Хайрандеш тавассути сухани афсунаш на танҳо дар дохили ҷумҳурӣ, балки берун аз он шуҳратёр гардидааст.

Хайрандеш – Қурбонов Хайриддин Шарифович 4 апрели соли 1961 дар деҳаи Чагами Болои ноҳияи Шуробод (айни замон, ноҳияи ба номи Шамсиддин Шоҳин) дар оилаи омӯзгор ба дунё омадааст.

Мактаби миёнаро то синфи нуҳум дар зодгоҳаш хонда, як соли охир дар мактаби миёнаи рақами 30-и ноҳияи Коммунистӣ (ҳоло Бохтар) таҳсил намуда, онро соли 1977 хатм кардааст. Баъди хатми мактаби миёна як сол роҳбари маҳфили хониши адабии Хонаи пионерони шаҳри Қурғонтеппа шуда, кор кард.

Соли 1978 ба факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 1983 хатм карда, то соли 1993 дар мактаби рақами 40-и ноҳияи Кӯлоб омӯзгори фанҳои забон ва адабиёти тоҷик буд. Баъдан, то соли 1999 нозири калони Маркази иттилоотии раёсати гумруки вилояти Хатлон шуда кор кардааст.

Солҳои 2001-2006 котиби масъули шуъбаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар вилояти Хатлон буд. Ҳамзамон, аз соли 1997 то соли 2006 вазифаи директории Гимназияи

ибтидоии «Хайрандеш»-ро бар уҳда дошт, ки худи шоир муассиси ин гимназия маҳсуб меёфт.

Аз 1-уми июли соли 2006 то 31-уми майи соли 2007 вазифаи муовини сармуҳаррири нашрияи «Иқтисод ва ҳаёт»-ро ба уҳда дошт.

Аз 10 июни соли 2007 то 2 феврали соли 2009 ба ҳайси роҳбари маҳфили «Оламафрӯз»-и Маркази ҷумҳуриявии корҳои тарбиявии беруназмактабии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекард.

Як муддат (аз 05.02.2009 то 02.11.2009) дар Донишгоҳи иқтисодии Тоҷикистон ҳамчун мушовири кафедраи забонҳо адои вазифа кардааст.

Аз 3 ноябри соли 2009 то 16.04.2011 Китобдори дараҷаи аввали КМШ ба номи Абулқосим Лоҳутӣ шуда кор кардааст.

27.04.2011 то 12.03.2012 сармуҳаррири нашрияи «Шарқи озод», аз 02.04.2012 то 01.08.2012 сармутахассиси шуъбаи «Таҳрир ва интишорот»-и Китобхонаи миллии Тоҷикистон, аз 24.02.2014 то 01.06.2016 сармутахассиси шуъбаи тарғиб ва баргузории чорабиниҳои фарҳангии Китобхонаи миллии Тоҷикистон, аз 01.06.2016 то 24.01.2023 сармутахассиси шуъбаи маркетинг ва менеҷменти Китобхонаи миллии Тоҷикистон, аз 24.01.2023 то ин ҷониб ба ҳайси сармутахассиси Маркази таҳсилот ва инноватсияҳои китобдорӣ фаъолият карда истодааст.

Зиёда аз ин, Хайрандеш дар вазифаҳои гуногун – мисли котиби масъули шуъбаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар вилояти Хатлон аз 15.12.2001 то 29.06.2006, муҳаррири моҳномаи адабии «Гулбарг»-и вилояти Хатлон аз 23.01.003 то 01.06.2006, сармуҳаррири нашрияи «Пайрав» (Нашрияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кӯдакон ва наврасон) аз 15.08.2012 то 07.02.2014 кор кардааст.

Инчунин, шоир Хайрандеш дар корҳои ҷамъиятии зиёде фаъолият намудааст, ки онҳоро ба тариқи зайл муаррифӣ кардан мумкин аст:

05.09.1981 то имрӯз – роҳбари маҳфили «Хайрандеш» (дар шаҳрҳои Кӯлоб, Бохтар ва Душанбе);

04.06.2002 то 01.06.2006 узви Шурои бадеии театри мусиқӣ-мазҳакавии шаҳри Қурғонтеппа;

05.06.2007 то 05.09.2007 роҳбари маҳфили «Маркази тоҷикшиносӣ»-и китобхонаи ҷумҳуриявии ба номи Абулқосим Фирдавсӣ, ҳамчун таъсисдиҳандаи асосии ин марказ ва сармуҳаррири нашрияи «Хирад»;

28.08.2012 то ин ҷониб роҳбари маҳфили «Равшандилон»-и Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва аз 06.09.2012 то имрӯз роҳбари маҳфили «Ҳамешабаҳор»-и Китобхонаи миллии Тоҷикистон.

Ҳамаи заҳмату ранҷҳои кашидаи шоир бе натиҷа намондааст. Ҳукумати ҷумҳурӣ шоир Хайрандешро барои заҳматҳои чандинсолааш қадрдонӣ намуда, чунин унвону ҷоизаҳоро ба адиб муносиб донистааст: Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барандаи Ҷоизаи адабии ба номи Мирзо Турсунзода.

Узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон – аз соли 1997. Оиладор, соҳиби се фарзанд: ду духтару як писар ва ду набераи дӯстрӯяк мебошад.

Хайрандеш аз зумраи шоирони соҳибистеъдодест, ки солҳои 80 ва 90-уми асри XX аз доираи адабии Кӯлоб, ки дар он як зумра шоирони соҳибзавқ, аз қабили Мусо Ғуломӣ, Сомеи Одиназода, Мирзолатиф Раҳимзода, Иброҳим Ҷалилзода, Ашӯр Сафар, Саидҷон Ҳакимзода, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ҳақназар Ғоиб, Муҳаммад Ғоиб, Искандари Хатлонӣ ва дигарон бо ашъори худ дар байни ҳаводорони шеъри ноб маълуму машҳур буданд, ниҳоли шеъри Хайрандеш аз ҳамин чашма ғизои маънавӣ гирифта, бо ашъори зебову пургуҳараш дар як муддати кӯтоҳ дар қатори дигар шоирон шуҳрати хосса пайдо намуд.

Ҳаминро бояд зикр кард, ки дар он солҳо Кӯлоб маркази илмиву фарҳангии ноҳияҳои гирду атрофаш – Шурообод (ҳозира Шамсиддин Шоҳин), Ховалинг, Муъминобод, Восеъ, Данғара, Ҳамадонӣ, Темурмалик, Фархор ба ҳисоб мерафт.

Хайрандеш ҳангоми дар мактаби миёна хонданаш аз табиати зебову дилкаш, чашмаҳои софу беғубор ва кӯҳҳои сарбафалаккашидаи зодгоҳаш – ноҳияи Шурообод (ҳозира Шамсиддин Шоҳин) илҳом гирифта, ба шеъру шоирӣ рӯ оварда буд ва ин ойинро ба ҳангоми донишҷӯӣ идома дода, завқи баланди шеърдонӣ ва шеъргӯӣ ӯро то ба имрӯз чун пойдевори сутуни шеър нигоҳ медорад.

Ба эҷоди шеър рӯ овардани Хайрандеш аз рӯи ҳавою ҳавас набуда, балки бо тақозои истеъдод ва хоҳиши ба мардум гуфтани сухани худ воқеъ шудааст. Ҳамин завқи шеърдонии ӯ буд, ки ҳанӯз дар курси сеюми овони донишҷӯ буданаш соли 1981 аввалин бор маҳфиле бо номи «Дили Кӯлоб» дар шаҳри Душанбе дар хонае, ки иҷора менишаст, таъсис дод.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ба эҷодиёти Хайрандеш сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон, доктор Алиасғари Шеърдуст 13 сол пеш дар шаби эҷодии ин шоири ширинкалом баҳои муносиб дода буд: «Он чи ба забони мардум ҷорӣ мешавад, он чи дар дили мардум менишинад, он чи ки кӯчаку бузург онро такрор мекунанд, - он шеъртар аст, нобтар аст ва дар зеҳну замири мардум пояндатар аст. Шеъри оқои Хайрандеш аз ин идда сурудаҳост, ки дар забони мардум ҷорӣ мешавад, ҳам забони ҳоли мардум аст, ҳам ҳофизон ва чангу чағона мехонанд, ҳам нависандагон дар навиштаҳояшон аз он мисол меоваранд ва ин шеър шеъри мондагор аст» [1, с. 3].

Беҳуда шоир ва нависанда – Саид Раҳмон аз қуллаи садаи бист ва ҳазорсолаи дувум чунин садо накарда буд:

Садсола гузашту асри нав дар пеш аст,
Сардафтари шеъри сабз Хайрандеш аст.

[3, с. 2]

Хайрандеш дар давоми фаъолияти эҷодиаш як қатор маҷмуаҳои ашъор ва Куллиёти ашъорашро ба табъ расонида, дастраси дӯстдорони аҳли адаб гардонидааст. Аз қабили «Зиёратнома» (1993), «Сад қатра ашк» (1994), «Замзама» (1996), «Хайробод» (2004), «Тоҷикнома» (2006), «Чархофалак» (китобҳои 1,2,3,4, солҳои 2006-2007), «Ғазалпайванд» (китобҳои 1,2, соли 2007), «Куллиёт» (ҷилди 1, 2010), «Ҳамешабаҳор» (ҷилдҳои 1,2, солҳои 2020-2021) ва зиёда аз 100 мақолаи публитсистӣ дорад.

Аслан, қариб ҳамаи шоирон ошиқанд, ошиқи зиндагӣ, ошиқи сарсабзиҳои диёр, ошиқи модар, ошиқи ёру бародар, ошиқи дилбарони хубрӯ, ишқу муҳаббат ба Холиқи якто ва ғайра.

Дар «Куллиёт»-и Шоир бахше зери унвони «Хайри Худо бигӯ», гирд оварда шудааст, ки 22 шеърро фаро мегирад. Дар ин қисмати «Куллиёт»-аш шоир бо Худояш муноҷот мекунад, ба ӯ ҳамд мефиристад. Ҳамчун як мавҷуди заифи олам аз ӯ ёрӣ металабад, аз даргоҳи он Зоти пок барои худаш луқмаи ҳалол мехоҳад:

Эй Худои мутаъол, эй Холиқи Парвардигор,
Ломакону безавол, эй Холиқи Парвардигор.
Ҷон ба ту дорад ниёзу сар ба ту орад намоз,
Дил ба ту доим кашол, эй Холиқи Парвардигор.
Бахш Хайрандешро, ин шоири дилрешро
Луқмаи поку ҳалол, эй Холиқи Парвардигор.

[3, с. 14]

Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ҳамаи адибон кӯшиш менамуданд, ки бо сеҳри қалам мардумро ба сулҳу салоҳ даъват намоянд. Дар ин маворид устод Хайрандеш боз бо Худояш рӯ меорад ва аз ӯ талаб менамояд, ки Тоҷикистонро мисоли биҳишт гардонад ва кинаву кудратро аз дили мардум дур созад:

Эй Худои меҳрубон, хурсанд кун ҷони маро,
Як биҳишти нозанин кун Тоҷикистони маро.
Кинаву кудрат бубар аз Тоҷикистону марез,
Обрӯи номусулмону мусулмони маро.
Яксухан гардону якдил, якмақому якмаром,
Ғарму Хатлону Зарафшону Бадахшони маро.

[3, с. 127]

Ашъори Хайрандеш мавзуъҳои мухталифро фарогир буда, хеле самимӣ ва бо истифода аз эҷодиёти шифоҳии халқ ба дили маврдум наздик суруда шудаанд. Шоир пайваста тараннумгари ваҳдату ягонагӣ, ватандӯстию ҳувияти миллӣ, хештаншиносию худогоҳӣ ва вассофи ватани азизаш – Тоҷикистони биҳиштосост:

Ту, Тоҷикистон, меҳанам,
Ту, Тоҷикистон, махзанам,
Ту, Тоҷикистон, меҳварам,
Ту, Тоҷикистон, ҷавҳарам,
Ту, Тоҷикистон, зиннатам,
Ту, Тоҷикистон, ҷаннатам,
Ту, Тоҷикистон, дилбарӣ,
Ту, Тоҷикистон, дигарӣ.

[3, с. 127]

Хулоса, зимни омӯзиш ва таҳлили зиндагинома ва осори шоир мо ба натиҷаҳои зерин расидем:

- Хайрандеш шоири мардумӣ ва дӯстдоштании аҳли эҷод аст;
- ҳамчун муассиси маҳфилҳои адабӣ дар ҷумҳурӣ мислашро пайдо кардан муҳол аст;
- ӯ ҳанӯз аз айёми донишҷӯияш маҳфили шеъру шоириро созмон дод, ки минбаъд он ба маҳфили касбии эҷодии шеъру шоирӣ – «Маҳфили Хайрандеш» дар сар то сари Тоҷикистон машҳур гардид;
- Хайрандеш шоирест, ки аз ганҷинаҳои забони модарӣ, аз лаҳҷаҳои мардумӣ истифода бурда, шеърашро зиннат додааст;
- шеърҳои Хайрандеш бисёр самимӣ буда, саршори ишқу муҳаббатанд;
- ашъори Хайрандеш дар маъракаву чорабиниҳои сатҳи гуногун садо медиҳанд;
- дар ҳамсоякишварҳои мо – Ӯзбекистон, Афғонистон, Эрон ва дигар маҳалҳои сукунати тоҷикон, умуман, дар сартосари ҷаҳон шеъри Хайрандеш танинандоз аст ва мардуми тоҷик аз чунин фарзонафарзандҳояш ифтихор мекунад;

Зиёда аз чил сол аст, ки маҳфилҳои гуногуни адабиро роҳбарӣ менамояду шогирдони зиёдеро дар ин ҷода ба камол расонидааст ва аз касе чизе талаб надорад.

Дар ҳар гӯшаву канори даҳр, ки набошем, бояд қаҳрамонҳои худ, аҳли фарҳангу адаби худро шиносем, аз ганҷинаи сухани эшон бохабар бошем, то ин ки миллати соҳибтамаддуну соҳибфарҳанг будани худро бори дигар собит намоем.

Чи тавре, ки аз шеърҳои шоир бармеояд, Хайрандеш на танҳо як шоири мардумӣ ва дӯстдоштанист, балки шоирест, ки бо зӯри қалам ва инсонпарвариаш дар дилу дидаи ҳам мардуми оддӣ ва ҳам аҳли эҷоду ҳунар ҷо гирифтааст. Ӯ як шоири хушзавқ, ҳунарманд ва хушқалам аст, ки то имрӯз миқдори абёти ӯро наметавон баршумурд, чунки шаб то рӯз ва рӯз то бегоҳ эҷод мекунад шеърҳои марғубу хонданӣ.

Адабиёт:

1. Абдураҳимов А. Маҳфилафрӯз. Дар пешгуфтори Куллиёти шоир Хайрандеш. Куллиёти Хайрандеш. – Душанбе: Адиб, с. 7 – 12.
2. Алиасғари Шеърдӯст. Шоири гаронқадр ва тавоно, оқои Хайрандеш. Дар пешгуфтори Куллиёти шоир Хайрандеш. Куллиёти Хайрандеш. – с. 3.
3. Саид Раҳмон. Рӯзномаи «Миллат» №4, с. 2010
4. Хайрандеш. Куллиёт (шеърҳо). – Душанбе: «Адиб», 2010.
5. Суҳбат бо шоир Хайрандеш дар таърихи 26.10.2024.

РӮЗГОРУ ОСОРИ ХАЙРАНДЕШ

Мақолаи фавқуззикр ба рӯзгору осори яке аз шоирони хушзавқи адабиёти замони Истиқлол – Хайрандеш бахшида шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки оид ба рӯзгори адиб маълумоти муфассале пешниҳоди хонанда намояд, ки ин тасмими муаллиф дар мақолаи мазкур аллакай ҳалли худро ёфтааст.

Зикр кардан ба маврид аст, ки мақола фарогири зиндагиномаи шоир Хайрандеш – аз замони валодат то имрӯз ва он вазоифе, ки дар тӯли умраш бар дӯши шоир ҳамчун як фарди масъулиятшинос вогузор карданд, ба хубию осонӣ аз иҷрои ҳар як вазифа баромадааст, мебошад.

Ҳангоми мутолиаи мақола пай мебарӣ, ки Хайрандеш ҳеҷ гоҳ бе кору бе вазифа набудааст, бо ин ҳама серкорӣ шоир эҷод кардааст, шеърҳои хонданибобу пурмазмун.

Инчунин, дар ҷодаи шеъру шоирӣ шоир Хайрандеш шогирдони зиёдеро тарбия намудааст, ки имрӯз дар сафи шоирони пешқадами замон онҳоро дидан мумкин аст.

Калидвожаҳо: Хайрандеш, шоир, шеъру шоирӣ, адиб, маҷмуаи ашъор, куллиёт, ашъори ватандӯстона, маҳфилҳои адабӣ, ватан, Тоҷикистон.

ЖИЗНЬ И ТВОРЧЕСТВО ХАЙРАНДЕША

Вышеупомянутая статья посвящена жизни и творчеству одного из самых выдающихся поэтов литературы периода Независимости - Хайрандеша. Автор попытался предоставить читателю подробную информацию о жизни писателя, о чем он уже говорил в данной статье.

Стоит отметить, что в статье освещается биография поэта Хайрандеша - со времени его рождения до наших дней, а также задачи, которые ставились перед поэтом на протяжении всей его жизни, и как ответственная личность он легко и успешно выполнял каждую задачу.

Читая статью, мы заметим, что Хайрандеш никогда не оставался без работы но несмотря на всю свою занятость, он создавал стихи, которые легко читаются и имеют глубокий смысл.

Кроме того, на путь поэзии и поэтики поэт Хайрандеш воспитал множество учеников, которых сегодня можно увидеть среди ведущих поэтов сегодняшнего времени.

Ключевые слова: Хайрандеш, поэт, поэзия и лирика, писатель, сборник стихов, сборник, патриотические стихи, литературные круги, родина, Таджикистан.

LIFE AND WORKS OF KHAIRANDESH

The above article is dedicated to the life and work of one of the most outstanding poets of the Independence period literature - Khairandesh. The author has tried to provide the reader with detailed information about the life of the writer, which he has already mentioned in this article.

It is worth noting that the article covers the biography of poet Khairandesh - from the time of his governorship to the present day, as well as the tasks that were set before the poet throughout his life, and as a responsible person, he easily and successfully completed each task.

Reading the article, we will notice that Khairandesh was never without work and responsibilities, and despite all his busyness, he created poems that are easy to read and have a deep meaning.

In addition, on the path of poetry and poetics, poet Khairandesh trained many students who can be seen today among the leading poets of that time.

Key words: Khairandesh, poet, poetry and lyrics, writer, collection of poems, collection, patriotic poems, literary circles, homeland, Tajikistan.

Маълумот дар бораи муаллиф: Гиёева Тахмина Иброҳимовна - докторанти PhD-и факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров – 16. Тел.: 918670850

Сведения об авторе: Гиёева Тахмина Ибрагимовна – докторант PhD факультета таджикской филологии и журналистики Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С. Сафарова - 16. Тел.: 918670850.

Information about the author: Giyoeva Takhmina Ibragimovna – PhD candidate at the Faculty of Tajik Philology and Journalism of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, S. Safarova street - 16. Tel.: 918670850.

ТДУ: 809.155.0

СЕРМАЪНОИИ ВОЖАҲО ДАР ОСОРИ УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Насруллоев М.Н.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Таҳқиқоти луғавӣ аз рӯйи вазифаҳои услубӣ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои маъноию услубии луғати эҷодиёти адиб муайян гардад. Дар таҳқиқи завқи бадеӣ, маҳорат ва забону услуби нависанда ҷиҳати маъноии калима нақши ҳалкунанда дорад. Яке аз масъалаҳои семантикии вожагон ин падидаи сермаъноист.

Равшан аст, ки инкишофи маъно сабаби сермаъношавии калимаҳо мегардад. Сермаъноӣ дар забонҳои қадима ва ғанӣ, мисли забони тоҷикӣ, хосияти барҷастаи забонӣ мебошад ва бештар хоси калимаҳои мустақилмаъност. Калима бо тамоми маъно ва тобишҳои маъноияш дар матни асари бадеӣ ба вуҷуд меояд. Аз рӯйи мушоҳидаҳои мо дар забоншиносии тоҷик сермаъноии луғавӣ нисбат ба дигар масъалаҳои забонӣ бештар мавриди баҳс қарор гирифтааст. Сермаъноиро дар забоншиносӣ бо истилоҳи полисемия (юн. poly sema – ишора, маъно) ном мебаранд. Истилоҳи сермаъноиро муҳаққиқони эронӣ «чандмаъноӣ» мегӯянд. Тавре ки Саид Муҳаммади Ростгӯ гуфтааст: «Чандмаъноӣ ҳамон гуна, ки аз номаш пайдост, яъне сухане, ки ба шевае аз ҳолу ҳавое пардохта шуда бошад, ки пазирои ду ё чанд маънӣ намояд» [8, с. 263].

Дар забоншиносии муосири тоҷик шуруъ аз А. Муминов инҷониб ба таҳқиқу пажуҳиши сермаъноӣ ва таҳқиқи он дар осори бадеӣ аз тарафи бисёр муҳаққиқон ба назар мерасад. А. Муминов сермаъноии вожаҳои тоҷикиро таҳқиқ намуда, чунин навиштааст: «Дар таркиби луғавии забони ҳозираи тоҷик давраҳои асосии таърихи халки тоҷик инъикос ёфтааст. Дар он гуногунии ҳаёт, маданият, иқтисодиёт ва сиёсати халқи тоҷик аз ҷиҳати таърихии худ мунъакис гардидааст» [7, с. 3].

Низоми маъноии вожаҳои сермаъно бо роҳҳо ва усулҳои ба худ хос муайян карда мешавад. Муҳаққиқон роҳҳои пайдо шудани маъноҳоро дар ин падидаи забонӣ чунин зикр кардаанд: а) усули маҷозӣ, ки он се хел мешавад (ташбеҳ (метафора), истиора (метонимия) ва маҷози мурсал (синекдоха)); б) инкишофи тадриҷии маъно; в) таҷзияи ВФ [ниг.: 3; 6; 9...].

Аз рӯйи мушоҳидаҳои мо бештари муҳаққиқоне, ки доир ба забони асари бадеӣ рисолаи илмӣ навиштаанд, бар ин назаранд, ки яке аз муҳимтарин восита дар ифодаи вожаҳои сермаъно дар асоси маҷоз ба вуҷуд меоянд [ниг.: 6; 9].

Истеъмоли вожаҳои сермаъно дар осори Убайди Зоконӣ яке аз хусусиятҳои асосии забони осори ӯст. Ӯ ин хусусияти забонамонро хеле хуб медонад ва ҳангоми офаридани осори худ маъноҳои калимаҳоро зиёд ба кор медарорад. Аз ин рӯ, омӯзиш ва баррасии вожаҳои сермаъно дар осори Убайди Зоконӣ аҳаммияти бузурги илмию амалӣ дорад. Мо дар ин мақола саҳми Убайди Зокониро дар корбурди вожаҳои сермаъно мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Вожаи **худо** дар осори адиб яке аз вожагоне ба шумор меравад, ки серистеъмол, сермаъно ва дар сохтани калимаҳои мураккабу ибораорӣ хеле фаъол мебошад:

а) халқкунанда, Холиқ, Аллоҳ:

*Диле, к-ӯ аз **Худо** шарме надорад,*
Зи рӯйи халқ озарме надорад [с. 282].
***Худо** аз лутфи маҳзаш офаридаст,*
Ба ном Эзид, зиҳӣ лутфи худоӣ! [с. 284].

б) соҳиб – **деҳхудо** – соҳиби деҳа, посбони деҳа, деҳдор, кадевар; **боғхудо** – соҳиби боғ; **хонахудо** – соҳиби хона, кадхудо:

*Ҳол он ки ман пеш **деҳхудою боғхудою хонахудо** будам. Наввоби ту деҳу боғу хона аз ман ба зулм бистаданд, **худо** монд* [с. 455].

Вожаи **кадхудо** ба маънии хонадор, соҳибхона:

*Дарвеше ба дари деҳе расид. Ҷамъе **кадхудоёнро** дид он ҷо нишаста* [с. 490].

в) савганд:

***Ба Худо**, он шаробест, ки як шишаи он ба сад динор меарзад* [с. 473].

г) эй Худо (нидо):

***Худоё**, як бор, ки ба хонаи ту омадам, фармудӣ, ки дасторам бирабуданд. Агар як бори дигар маро ин ҷо бибинӣ, бифармой, то дандонҳоям бишкананд* [с. 451].

***Худойгоно**, ман банда нестам з-он қавм,*
Ки хидмати ту кунанд аз барои мансабу мол [с. 186].

Дар осори классикон вожаи **худоро** ҳамчун нидо ба маънои «аз баҳри Худо» ба кор меравад:

Мусалмонон, маломат кам кунедам,
***Худоро**, чорае ҳамдам кунедам* [с. 308].

Вожаи **Худо** 52 маротиба дар ҳикоёти рисолаи «Дилкушо» ба назар расид.

Ҳамин тавр, ба қавли Ҳ. Талбакова «Ҳар як калимае, ки ба маънои кӯчида истеъмол меёбад, дар матн ифодаи хосро мефаҳмонад, он ифода дар назари хонанда аз як ҷиҳат, ба маънои муайян далолат кунад, аз ҷиҳати дигар, қувваи ҷозибаи ифодаро зиёд намуда, ба ҳамин нақши услубии худро нишон медиҳад» [12, с. 69].

Вожаи **кор** ҳам дар осори адиб сермаъно ва пурҷилост. Дар ФЗТ-1 [с. 561-562] шаш маънои вожаи мазкур бо маъноҳои маҷозӣ оварда шудааст. Бояд тазаккур дод, ки танҳо дар як ҳикояи рисолаи «Дилкушо» се маънои вожаи **кор** ба назар расид: *Масъуди раммол дар роҳ ба Маҷдуддини Ҳумоюншоҳ расид. (Ҳумоюншоҳ) пурсид, ки: Чӣ **корӣ**? Гуфт: – Чизе **намекорам**, ки ба **кор** ояд. Гуфт: – Падарат низ чунин буд. Ҳаргиз чизе накишт, ки ба **кор** ояд* [с. 442].

Аз мисоли овардашуда бармеояд, ки вожаи **кор** чунин маъноҳоро: а) **чӣ корӣ?** ба маъноӣ «чӣ кор карда истодаӣ, ба кадом машғул ҳастӣ?»; б) **кор** – асоси замони ҳозираи коридан, коштан; в) **ба кор ояд** – даркор будан, лозим шудан, ифода намудааст.

Адиб вожаи **«кор»**-ро ба маънои ҳамбистар шудан низ кор фармудааст: «*Гуфт: «хомӯш шав, арна модаратро ба **кор гирам**!»* [с. 410].

*Модарам аврате мискин буд. Ҳаргиз аз хона берун нарафтӣ. Аммо падарам дар боғчаҳои бузургон **кор кардӣ** ва обкашӣ доштӣ* [с. 438]. Дар мисоли овардашуда «кор кардӣ» **ба амале машғул будан**ро ифода кардааст.

*Гуфт: «Ман марде хатибам, маро бо мусалмонӣ **чӣ кор**?!»* [с. 461]. Дар ин ҷо ба маънои иртибот ё **иртибот надоштан** кор фармуда шудааст.

Таснифоти маъноӣ хусусан дар таҳқиқи забони асари бадеӣ муҳим аст. Нависандагон, ки устоди сухан мебошанд, имкониятҳои истеъмоли воҳидҳои луғавиро ҳарҷониба ба кор мебаранд.

Дар маҷмуъ, Убайди Зоконӣ дар назм бо вуҷуди маҳдудияти вазну қофия нигоҳ накарда, вожаҳои сермаъноро моҳирона истифода мекунад. Ба маънои аслӣ (маъмул)-и вожаҳо такя намуда, паҳлуҳои нав ба нави маънии онҳоро мекушояд.

Вожаи **май** дар осори манзуми классикон ҳамчун вожаи калидӣ фаровон ва сермаъно ба чашм мерасад. Шуруъ аз устод Рӯдакӣ вожаи май ба маънои аслӣ – «майи табиӣ ва воситаи хушгузаронӣ» [4, с. 13] истифода кардааст. Бо истифода аз вожаи мазкур дар

асрҳои минбаъда мазмунҳои тасаввуфӣ ба назм бештар дохил шуданд. Ба ин восита истилоҳҳои **соқӣ, май, майкада, мутриб** маънии маҷозӣ гирифта, воситаи ба ваҳдат расиданро ифода мекардагӣ шуданд... Омезиши майи моддӣ бо тасаввуфӣ ба он оварда, ки дар асрҳои баъд фарқ кардани яке аз он маъниҳо душвор гардид [ниг.: 4, с. 16].

Адабиётшинос Ш. Исрофилниё дар китоби «Фарҳанги таҳлилии алфози хароботии ашъори Хоҷа Ҳофиз» [5, с. 13] дар ташреҳи вожаи **май** 33 маъноро нишон додааст.

Корбасти вожаи мазкур дар осори Убайди Зоконӣ ба чунин маъниҳо мушоҳида мешавад:

а) ба маънои аслӣ, яъне шароб:

*Убайдвор бизан панҷ коса **май**, к-он **май***
Зи пеши дил ғами панҷоҳсола бардорад [с. 260].

Дар ашъори Убайди Зоконӣ вожаи **май** бештар сифатҳои гуногунро бо худ гирифта, барои равшан сохтани маъно хидмат кардааст. Ибораҳои *майи гулранг, майи гулгун, майи ноб, майи муғона, майи хушгувор*... маънои шароби сурхро доранд.

*Дар баҳои **майи гулгун** агарат зар набувад,*
Хирқаи мо ба гарав кун, биситон ҷоме чанд! [с. 256].

б) хумор:

*Аз **майи меҳри** ту то маст шудам ҳамчу Убайд,*
Нест дигар ҳаваси соғару паймона маро [с. 251].

в) роҳи раҳоӣ, василаи раҳоӣ:

*Моро зи нанги ҳастӣ ҷуз **май** намераҳонад,*
Сӯфӣ, мабош мункир, к-аз бод нест бода [с. 243].

Майи муғона «шаробе, ки зардуштиён ба амал меоварданд» [5, с. 166].

*Доно зи **майи муғона** менагрезад*
В-аз чангу дафу чағона менагрезад [с. 275].

Вожаи мазкур дар калимасозӣ низ фаъол ба назар расид. Вожаҳои мазкур ба исмҳои шахс ва макон далолат мекунанд: *майхона, майпараст, майкада, майфурӯш (он), майхора ...*

Вуҷуҳи қарзи маям ҳаст, лек метарсам,
*Ки **майфурӯшам** ном аз қабола бардорад* [с. 260].
*Суҳбати **майхорагон** аз хотири мо маҳв кард*
Он кудуратҳо, ки аз зуҳди риёӣ ёфтем [с. 266].

Бояд гуфт, ки вожаи **май** дар осори адибони классики тоҷику форс, аз ҷумла Убайди Зоконӣ маъноҳои зиёд дорад. Дар сохтани калимаву ибораороӣ фаъол мебошад. Шоистаи таъкид аст, ки аз рӯйи маводи осори як адиб ҳамаи паҳлуҳои маъноҳои як вожаи сермаъноро дарёфт карда, хулосаи ниҳоӣ баровардан чандон саҳеҳ нест.

Вожаи дигар, ки дар таркиби луғати осори Убайди Зоконӣ ба чанд маъно омадааст, ин вожаи **дӯст** мебошад. Вожаи мазкур дар осори адиб чунин маъноҳоро ифода намудааст: ба маънои аслии *ҳамнишину ҳамроз, рафиқи шафиқ, меҳрубон*:

*Абдулҳайи Заррод ранҷур буд. **Дӯсте** ба аёдати ӯ рафт* [с.453].

Вожаи **дӯст** дар шакли ҷамъ омада, ҳамчун мухотаб корбаст шудааст:

Ин гуна, ки ин шамъ равон месӯзад,
*Гӯйӣ зи фироқи **дӯстон** месӯзад* [с. 277].

Вожаи **дӯст** ба маънои маъшуқи азалӣ ишора ба Ҳақ таолост. Маънои мазкур аз тобиши маънои ирфонӣ мушоҳида мегардад. «Дӯст»-и зерин хеле азиз ғамхор, меҳрубону бахшанда мебошад:

В-арам зи пеш биронад ба ҷавр, ҳукм ӯрост,
*Писанди **дӯст** бувад, ҳар чӣ **Дӯст** фармояд* [с.256].

Феъли таркибии номии «дӯст доштан» ба маънии нағз дидан, муҳаббат бастан, хайрхоҳона ба касе назар карданро ифода мекунад:

*Шайтонро пурсиданд, ки: «Кадом тоифаро **дӯст медорӣ**?»* [с.480].

Дар мисоли зерин феъли **дӯст доштан** адиб ба тариқи киноя ба зане, ки танҳо як шавҳар дорад, ишора мекунад:

*Ал-покдоман – зане, ки як **дӯст** беш надорад* [III, с. 324].

Вожаҳои сермаъно дар забони тоҷикӣ хеле зиёданд. Онҳо дар осори Убайди Зоконӣ низ мавқеи махсусро ишғол мекунанд. Баъзеи онҳо дар дохили ҳамон як ҳиссаи нутқ мондан мегиранд, аммо баъзеашон вобаста ба маъно ва хусусияти дастуриашон ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ дохил мешаванд.

Вазифаҳои услубии сифатҳои сермаъно дар осори мансури адиб равшантар намоён мегардад. Дар зер як миқдор вожаҳои сифатиро манзур менамоем, ки дар осори адиб хусусияти сермаъноӣ касб кардаанд.

Вожаи **сахт** баъзан маънои маҷозӣ гирифта, дар ҷумла сифат шуда омадааст. Он дар осори Убайди Зоконӣ ба чунин маъноҳо мавриди корбурд қарор гирифтааст: а) мушкил, душвор:

Бо Убайд ар нарм мегардад дилат,
*Корҳои **сахт**аш осон мешавад* [с. 233].

б) ба маънои хеле, беандоза:

*Тарсои дигар бар ӯ расид, гуфт: мусалмонон **сахт** кам буданд, ту низ мусалмон шудӣ* [с. 448].

в) бисёр:

*Шахсе ба мазоре расид, гӯре **сахт дароз** дид* [с. 431].

г) маҷозан ба маънои сангдил, бераҳму золим:

*... ва агар ҳариф **сахт** шавад, савганди сеталоқ бихӯред, ки савганд дар қимор шаръӣ набошад* [с. 383].

Вожаи **маст** дар осори Убайди Зоконӣ бо якчанд тобиши маъноӣ ифода ёфтааст: а) шахси сархуш, аз ақл бегона, беҳуш:

*Асасон шаб ба қазвине **маст** расиданд* [с. 452].

Дар ҳикоёти форсии рисолаи «Дилкушо» вожаи **маст** 23 маротиба ба назар расид, ки танҳо ба маънои шахси сархуш, аз ақл бегона, беҳуш истифода гардидааст.

б) волаву шайдо:

*Зи дасти ин дили девона **мастам**,*
Даруни сина душман мепарастам [с. 283].

в) пурхумор, зебо; наргиси маст чашми зебо:

Мекунад силсилаи зулфи ту девона маро,
*Мекашад **наргиси масти** ту ба майхона маро* [с. 251].

г) ошиқӣ, девонагӣ:

*Шӯридагию **мастӣ** фахри Убайд бошад,*
Нодон бувад касе, к-ӯ з-ин фахр ор дорад [с.260].

Забоншинос М.Саломиён аз таҳқиқи вижагиҳои сермаъноии вожаҳо дар забони ғазал ба хулосае омадааст, ки кӯчидани маънои вожаҳо, таносуби маъноии онҳо ва хусусияти маҷозӣ касб кардани калимаҳо боиси он мегардад, ки онҳо то андозае ба худ маънои фразеологӣ касб намоянд.

Дар забони осори манзум баъзе вожаҳо тобиши сермаъноӣ пайдо мекунанд, ки онҳо дар нутқи шифоҳӣ ҳамон маъноро ифода наменамоянд, балки «дар забони назм сермаъношавии калимаҳо хусусияти зебоишинохтӣ касб менамояд» [11, с. 68].

Вожаи **гарм** дар осори Убайди Зоконӣ ба чунин маъноҳо мавриди корбурд қарор гирифтааст: а) ба маънои аслии пурҳарорат, гармидиҳанда, муқобили сард:

Дар тобаву саҳну косаву кӯзаи мо,
*На чарбу на ширину на **гарм** асту на сард* [с. 277].

*Араберо гуфтанд: «Шӯрбои **гарм**ро чӣ номанд»? Гуфт: «Каллаҷӯш»* [с. 418].

б) ба маънои маҷозии тундхӯ, ғазабнок, оташинмизоҷ:

*Мавлоно Рукниддин гуфт: эй ёрон, банда марде бошад **гарм**. Талхак гуфт: ҳарду муқаддима мамнуъ аст, чизе бошӣ сард* [с. 466-467].

в) ба маънои миҷози гарм (истилоҳи тиббӣ):

*Гуфт: «**Гармову сафро** бар мизоҷам муставлӣ шудааст»* [с. 485].

г) ВФ «дили касеро гарм кардан» ба маънии ба худ моил намудан:

*Бар-ин оташ **дили ӯ гарм мекард**,*
Дамаш медоду оҳан нарм мекард [с. 295].

Профессор Ҳ. Маҷидов қайд мекунад, ки «маънои ҷудогонаи калимаи сермаъно ҳам бо усули маҷоз, ҳам бо роҳи инкишофи тадриҷӣ ва ҳам ба тариқи таҳзияи маъноҳои ВФ ба вуҷуд меоянд» [6, с. 57].

Феълҳо бо хусусиятҳои сермаъноии худ дар забон мавқеи калон доранд. Равшан аст, ки аз маънои феъл дар бораи чизе ё воқеае ҳам маълумот мегирем ва ҳам аз он муносибати мусбат, манфӣ ё муътадил доштани муаллифро мефаҳмем.

Дар забоншиносии тоҷик доир ба низоми маъноии феъл (дар асоси осори Абдураҳмони Ҷомӣ) забоншинос Ж. Гулназарзода таҳқиқоти қобили таҳсин анҷом додааст. Мавсуф як фасли алоҳидаи диссертатсияи худро бевосита ба ҳамин самт бахшидааст. Ба андешаи ӯ: «Агар калима сермаъно бошад, як лексема метавонад чанд семемаро ба худ муттаҳид созад, яъне чанд семема мутеи як лексема мебошанд» [1, с. 221].

Корбурди чандмаъноии феъл дар осори классикон, аз ҷумла Убайди Зоконӣ фаровон ба назар мерасад. Феълҳои *рондан, мондан, хондан, сохтан, задан, расидан, гирифтан, шудан* нисбат ба дигар феълҳо дар осори адиб бештар сермаъноиро касб кардаанд:

Вожаи «**рондан**» дар осори адиб ба маъноҳои *раво донистан, равондан, ба роҳ андохтан, бадарға кардан, нутқ кардан* ба назар расид:

*Шаҳриёро, он ки бар ман ситам **ронд**, аз ман кӯтоҳтар аст* [409].

*Гуфт: «маро ки чизе надиҳӣ, чаро ба дашном **ронӣ**?»* [с. 418].

*Гар хонданат мурод ва гар **рондан** орзуст,*
Он кун, ки ройи туст, маро ихтиёр нест [с. 248].

Бояд тазаккур дод, ки баъзе аз маъноҳои вожаҳои сермаъно дар забони адабии муосир мавриди истифода қарор намегиранд.

Феъли **хондан** сермаъност. Профессор М.Н. Қосимова [ниг.: 2, с. 341] шаш маънои феъли **хондан**ро дар осори устод Рӯдакӣ муайян кардааст. Феъли мазкур дар осори Убайди Зоконӣ низ ба шаш маъно ифода ёфтааст, аммо на ба ҳамаи он маъноҳо, ки устод Рӯдакӣ дар осораш овардааст. Аз қабили:

1. **хондан** ба маънои қироат кардан, тиловат кардан дар осори адиб бештар мушоҳида гардид:

*Зарур буд сураи Ёсин **мехондӣ** ва бад-он моли худро аз дастбурд масун медоштӣ* [с.428].

Феъли фармоиши **хон** дар шакли бархон (таъкид) ба маънои хонда баромадан, аз сар то охир хонда баромаданро ифода мекунад:

*Мутриб, ғазали Убайд **бархон**,*
Дил бурда зи дасти тезҳушон [с. 269].

2. ном бурдан, гуфтан:

*Гуфтанд: «чун сард шавад, онро чӣ **хонанд**?» Гуфт: «мо амонаш надиҳем, ки сард шавад»* [с. 418].

3. зикр кардан:

Дасту рӯро бишусту масҳ кашид,
*Вирд **мехонд** ҳамчу муллоно* [с. 360].

4. даъват кардан:

*Марде дар хум нигарист ва сурати хеш дар он бидид. Модарро **бихонду** гуфт* [с. 415].

*Маро ба маҷлиси воиз **махону** панд мадеҳ,*
Фиреби ман ба фусуну фасона натвон кард! [с. 244].

5. омӯхтан, таҳсили илм кардан, аз бар кардан, фаро гирифтан:

*Наҳвие дар киштӣ буд. Маллоҳро гуфт: «Ту илми наҳв **хондаӣ**?»* [с.482].

6. ба ҷо овардан:

*... вале намозро нишаста **хонад** ва маро ба таҷвид дашном диҳад* [с. 419].

Феъли **сохтан** дар ФФМ ба нуҳ маъно [ФФМ, 1381, с. 617], дар ФЗТ-2 бошад, ҳафт маънои феъли мазкур ташреҳ гардидааст [13-2, с.262-263]. Ин феъл дар осори адиб ба маъноҳои *омода намудан, таҳия намудан, андармон будан, дуруст кардан, дӯхтан* ба назар расид:

Агар ду танга доштаме, ба бодинҷон додаме ва бӯронӣ ***сохтаме****, то аз пушки шутур набоистаме* ***сохт*** [с.430].

Аз баҳри ӯ ҷомаҳои сафед ***бисохт*** *ва косаи нил ба ходим дод* [с.459].

Ғулом шод шуд. Бирёне ***сохт*** *ва пеши ӯ овард. Хоҷа бихӯрд ва гӯшт ба ғулом супурд* [с. 334].

Гуфт: «ман ***сер месозам****, пас маро дӯст хоҳӣ дошт ё на?»* [с. 477].

Дар осори Убайди Зоконӣ феъли **гирифтан** маъноҳои зеринро ифода мекунад: а) қабул кардан:

Шахсе хона ба кироя ***гирифта*** *буд* [с. 472].

б) интихоб, пеша кардан:

Гар васли ту дасти мани шайдо ***гирад***
В-ин дарду фироқ роҳи саҳро ***гирад*** [с. 280].

в) боло бардоштан:

Мушаконро ***гирифту*** *зад ба замин,*
Ки шудандӣ ба хок яксоно [с. 363].

г) маҷозан зан кардан, ба издивоҷ даровардан:

Марде зане ***бигирифт****, ба рӯзи панҷум фарзанде бизод* [с. 422].

ғ) тарафдорӣ намудан:

Туркмоне бо яке даъво дошт. Пастуе пургаҷ кард ва порае равған бар сар гузошт ва аз баҳри қозӣ ришват бурд. Қозӣ биситод ва тарафи туркмон ***гирифт*** *ва қазия чунонки хотири ӯ мехост, охир кард ва мактубе мусаҷҷал ба туркмон дод* [с. 462].

д) сухан кардан, гуфтан:

Асасон шаб ба қазвиние маст расиданд. ***Бигирифтанд****, ки: «Бархез, то ба зиндонат барем»* [с.452].

е) маҷозан дастгир, боздошт кардан:

Асасии шаҳреро ба қазвиние доданд. Намози дигар хоҷаеро ***бигирифт****, ки: – Ман асасам, туро ба зиндон бояд бурдан* [с. 465].

ё) рафтан:

Роҳи майхона ***гир****, то шабу рӯз,*
Чун дар исломиён вафое нест [с. 227].

ж) газидан (дандон задан):

Зани туркмоне дар об нишаста буд, харчанг ...ашро ***маҳкам гирифт*** [с. 458].

М. Саломиён ҳангоми баррасии маҷоз ва навъҳои он дар забони шеър чунин натиҷагирӣ менамояд: «дар ташаккулёбии маҷози ақлӣ нақши феъл бештар ба назар мерасад» [10, с. 186]. Дар ин маврид феъл амалеро ифода мекунад, ки ҳақиқӣ набуда, балки маҷозӣ мебошад:

Феъли **шудан** маъноҳои *аз ҳоле ба ҳоле гардидан, азм кардан, рафтан, бехабар мондан, даромехтан, ҳамбистар шудан, якҷо шудан*ро ифода мекунад. Аз ҷумла: *Зане бемор* ***шуд*** [с. 418].

Марде назди фақеҳе ***шуд*** *ва гуфт...* [с. 411].

Мард ба бозор ***шуд*** *ва лавҳу давоте бихарид* [с. 422].

Ҳол он ки ман ***ғофил шудам*** [с. 433].

Падари Ҷуҳо канизаке дошт, гоҳе бо ӯ ***ҷамъ шудӣ*** [с. 481].

Феъли **задан** дар осори Убайди Зоконӣ хеле сермаъност. *Ходими масҷид сагеро дар масҷид печида буду* ***мезад*** [с. 449].

Ин феъл дар мавриди корбурди маъноҳои маҷозӣ ва ВФ низ фаъол мебошад:

а) чизеро ба чизе сахт расондан:

Гурба инро шуниду дам назадӣ,
Чангу дандон ***задӣ*** *ба суҳоно* [с. 360].

б) гап задан:

Гурба инро шуниду дам ***назадӣ,***
Чангу дандон задӣ ба суҳоно [с. 360].

в) дод задан, фарёд кардан, нидо кардан:

Бад-ӯ расиду ***бонг зад*** [с. 479].

г) дуздидан:

Чун ба бозор даромад, зараш ***бизаданд*** *ва чун бозмегашт, ҳамон мардаш баробар омад ва пурсидаш* [с. 410].

ғ) ВФ-и «лоф задан» ба маънии гапи беҳуда гуфтан:

Ҳар кӣ з-он бода ҷуръае бичашид,
Лофи *мастии ҷовидона* ***занад*** [с. 225].

д) доштан:

Розӣ чун даст дар ҳалқаи Каъба ***зад****, гуфт* [с. 440].

е) ВФ «даст задан» ба маънои доштан:

Бод маро мерабуд, ***даст*** *дар бунаи пиёз* ***мезадам****, аз замин бармеомад* [с. 456].

ё) кӯфтан, кӯбидан:

Ҷуҳо биёмад, даст ба дар ***зад*** [с. 442].

ж) навохтан:

Бо ҳарифе се-чор к-аз мастӣ,
Ин кунад рақсу он ***чағона занад*** [с. 226].

з) ВФ «пушти по задан» аз баҳри чизе баромадан:

Хуррам он орифон, ки дунёро
Пушти пое заданд *мардона* [с. 226].

и) ВФ «оташи ғам шуъли задан» ба маънои ба хурӯш омадан:

Он ҷо, ки ***оташи ғами*** *дилдор* ***шуъла зад,***
Ҷон барфишон ба завқ, ки ҷойи сипанд нест [с. 230].

й) чаппаю роста шудан:

Чанд бор бигӯям, ки ***муаллақ задан*** *биёмӯз* [с. 444].

Феъли **мондан** дар осори Убайди Зоконӣ маъноҳои зеринро ифода мекунад:

1. боқӣ мондан, асар мондан.

Гуфт: «Чанд рӯз ***мондааст****?»* [с.451].

2. феъли **монад//монанд** ба маънои монанд будан, шабеҳ будан, монистан:

«Вой бар ман агар фарзандам ба ту ***монад****». Музаббид гуфт: «Вой бар ту! Агар ба ман* ***намонад****»* [с. 412].

3. манзил гузидан:

... ва агар бознагардаму муҳовири хонаи Каъба ***монам****,* ... [с. 409].

4. ВФ дар тааҷҷуб:

Ҳамчун Убайд волаву ***ҳайрон бимондаем****,*
Дар сирри корхонаи Яздон намерасем [с. 248].

Бояд тазаккур дод, ки феъли **мондан** ба маънои «гузоштан» дар осори Убайди Зоконӣ ба назар намерасад. Ба ҷойи он феъли «ниҳодан» маъмул аст.

Ҳамин тавр, дар осори адиб масъалаҳои офаридани вожагони сермаъно равшан намоён мегардад, зеро: «омӯзиши сермаъноӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ аҳаммияти бузурги назариявӣ ва амалӣ дорад» [7, с. 6].

Аз таҳлилу баррасиҳо бармеояд, ки ҳодисаи сермаъноӣ дар осори Убайди Зоконӣ вижагиҳои худро дорад. Ифодаи мухталифи ҳамон як калима, ки бо ҳам алоқамандӣ доранд, мундариҷаи маъноии он калимаро дар меҳвари ҳамнишинӣ вобаста ба матн ташкил медиҳанд. Дар ин замина гунаҳои луғавӣ-маъноӣ (лексема, семема) падид меоянд.

Ҳодисаи сермаъноӣ равишу усули хоси худро дорад, ки дар росто маҷоз ва навъҳои он мавқеи муҳим доранд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар осори Убайди Зоконӣ маҷози монандӣ (метафора) ва таҷзияи ВФ бештар корбаст гардидаанд.

Ин вожаҳо дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ омада, ба ифода ҷилои нави маъно мебахшанд.

Ҳамин тавр, вожагони сермаънои осори Убайди Зокониро чунин тасвир кардан мумкин аст: калима ва ибораҳое, ки маънои маҷозии онҳо маъмул аст: *маст, сахт, ёр,* ва калимаю ибораҳое, ки маънои махсуси киноявӣ доранд: *гарм, худо, дӯст.*

Онҳо дар баёни маъноҳо, ҷилои каломи шоирона, лутфи сухан аҳаммияти калон доранд ва дар осори Убайди Зоконӣ вазифаҳои муҳимми маъноиву услубиро адо кардаанд.

Бояд қайд кард, ки як гурӯҳи зиёди вожаҳои сермаъно дар осори Убайди Зоконӣ бо узввожаҳо (соматизмҳо) ва корбурди онҳо дар таркиби воҳидҳои фарзеологӣ, зарбулмасалу мақол фаъол мебошанд, ки тащқиқоти алоҳидаро тақозо доранд.

Адабиёт:

1. Гулназарзода, Ж. Низоми маъноии феъл дар забони адабии тоҷикӣ (бар мабнои осори Абдураҳмони Ҷомӣ) [Матн] /Ж. Гулназарзода. - Душанбе: Абдураҳмон-Р, 2022. - 332с.
2. Қосимова, М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик [Матн] /М.Н.Қосимова.–Душанбе, 2003. – 490 с.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1 [Матн]. –Душанбе: Маориф, 1982. – 462 с.
4. Зеҳнӣ, Ф. Жанри соқинома дар адабиёти форсу тоҷики асрҳои XII-XIV [Матн]/ Ф. Зеҳнӣ. – Душанбе: Дониш, 1991. – 108 с.
5. Исрофилниё, Ш. Фарҳанги таҳлилии алфози хароботии ашъори Хоҷа Ҳофиз [Матн]/ Ш.Исрофилниё. – Душанбе: Адиб, 2003. –180 с.
6. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ [Матн] / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе: Деваштич, 2007. -244 с.
7. Муминов А. Полисемия в таджикском языке [Текст]. Автореф. диссер. /А. Муминов. – Душанбе, 1972. – 17 с.
8. Ростгӯ, С. Ҳунари суханороӣ [Матн]/ Сайид Муҳаммади Ростгӯ. –Теҳрон: Самт, 1382. – 350 с.
9. Саломов, М. Ифодаҳои маҷозӣ дар шеъри Ҳофиз [Матн]/ М. Саломов. – Душанбе, 2001. –С. 108.
10. Саломов М. Вижагиҳои савтӣ, маъноӣ ва маҷозию фразеологии забони шеъри тоҷикӣ.–Душанбе: Пойтахт, 2017.- 266 с.
11. Саломов М. Вижагиҳои сермаъноии баъзе калимаҳо дар забони ғазал/ М.Саломов// Забон рукни тоат (Маҷаллаи илмӣ), №11.– Душанбе, 2018. – С.68-74.
12. Талбакова, Ҳ. Хусусиятҳои лексикӣ ва фразеологии “Маъвои дил”-и Раҳим Ҷалил. –Душанбе, 2023.-180 с.
13. Фарҳанги забони тоҷикӣ [Матн] Ҷ.1-2. - М.:СЭ. 1969.
14. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ [Матн] Ҷ.1-2.-Душанбе, 2008.
15. Фарҳанги форсии Муин (якҷилдӣ) [Матн]. Бар асоси “Фарҳанги форсӣ” и шашҷилдии Муҳаммад Муин. Таълифи Муҳаммад Муин. Теҳрон: Муин, 1381. – 1222 с.

СЕРМАЪНОИИ ВОЖАҲО ДАР ОСОРИ УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Омӯзиши низоми забонии асарҳои бадеӣ бояд бо назардошти ҳатмии ҷараёни инкишофи дохилии ҳодисаҳои забонӣ ва таҳлили равандҳои фаъол ва ғайрифаъоли забонӣ ҳамроҳ карда шавад. Дар ин равандҳои забоншиносӣ бисёр тобишҳои нави маънои калима ба вуҷуд меоянд.

Убайди Зоконӣ дар осори хеш вожаҳои сермаъноро дар мавриди зарурӣ ва мавқеаш дар асоси муносибати он бо мафҳуми ифодакардааш истифода намуда, бо он маъно ё маъноҳои дигараш машҳур гардонидааст.

Вожаҳои сермаъно дар осори Убайди Зоконӣ фаровон истифода шуда, ҳар як калима маъноҳои гуногунро ифода менамояд. Нависанда ҳангоми тасвири воқеаҳои гуногун, тасвири хислату симоҳои қаҳрамони асар аз маъноҳои гуногуни як вожа истифода бурда, дар баъзан мавриd бо як вожаи дар таркибҳо омада маъноҳои зиёдеро ифода кардааст.

Дар натиҷаи таҳзияи маъноии вожаҳо муайян гашт, ки дар осори Убайди Зоконӣ дурахшу ҷилои маъноҳои исму сифат ва феълҳо бештар сермаъно гаштаанд.

Калидвожаҳо: Убайди Зоконӣ, забон, услуб, сермаъноӣ, забони асари бадеӣ, вожа, исм, сифат, феъл.

МНОГОЗНАЧНОСТЬ (ПОЛИСЕМИЯ) СЛОВ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ УБАЙДА ЗОКОНИ

Исследование системы языка художественных произведений должно сопровождаться обязательным учётом внутренней динамики языковых явлений, анализом активных и пассивных языковых процессов. В ходе этих языковых процессов появляется множество новых оттенков значений слов.

В своих произведениях Убайди Зокони использовал слова (многозначные), осмысленные с точки зрения необходимости и положения, исходя из их связи с выражаемой им концепцией, и прославил его тем значением или другими значениями.

В произведениях Убайди Зокони широко используются значимые слова, и каждое слово выражает разные значения. Писатель использовал в разные значения одного и того же слова при описании различных событий, характеров и персонажем, и в некоторых случаях выразил одним словом множество значений.

В результате семантического анализа слов выявлено, что в произведениях Убайда Зокони больше всего полисемизирован яркость семантики имени существительного, прилагательного и глаголов.

Ключевые слова: Убайди Зокони, язык, стиль, полисемия, язык художественного произведения, слова, существительное, прилагательное, глагол.

POLYSEMY IN THE WORKS OF UBAYD ZOKONI

The study of the language system of works of art must be accompanied by mandatory consideration of the internal dynamics of linguistic phenomena, analysis of active and passive linguistic processes. During these linguistic processes, many new shades of meaning of words appear.

Ubayd Zokoni polysemous used words that were understood in terms of necessity and position, based on their connection with the concept he expressed, in his works, and he glorified it with this meaning or the other meanings.

Ubayd Zokoni's works make extensive use of polysemous words, and each word expresses different meanings. The writer used different meanings of the same word when describing various events, describing the characters and characters of the work, and in some cases, he expressed many meanings with one word in his works.

As a result of the semantic analysis of words, it was revealed that in the works of Ubayd Zokoni the brightness of the semantics of nouns, adjectives and verbs is most polysemized.

Key words: Ubayd Zokoni, language, style, polysemy, language of fiction, noun, adjective, verb.

Маълумот дар бораи муаллиф: Насруллоев Муҳаммад Нуриллоевич, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, докторант. Суроға: 734019. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к.Муҳаммадиев, 17/6. E-mail: nasrullohzoda@gmail.com. Телефон: (+992) 93-405-52-55.

Сведения об авторе: Насруллоев Мухаммад Нуриллоевич, Таджикский международный университет иностранных языков имени Сотима Улугзаде, докторант.

Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева, 17/6. E-mail: nasrullohzoda@gmail.com. Телефон: (+992) 93-405-52-55.

Information about the author: Nasrulloev Muhammad Nurilloevich, Tajik International University of Foreign languages named after Sotim Ulughzoda, candidate of Philology, doctoral student. Address: 17/6 Muhammadiev str., Dushanbe, Republic of Tajikistan, 734019. E-mail: nasrullohzoda@gmail.com. Phone number: (+992)93-405-52-55.

ТДУ 436442

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚОТИ ЭТНОЛИНГВИСТӢ ДАР ЗАБОНШИНОСИИ МУОСИР

Нуракова Н.Ч., Мирзоева Б.С.
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Дар Амрико муҳаққиқ мардумшинос Франс Боас ва забоншиносу мардумшиноси маъруф Эдуард Сепир аз нахустинҳо шуда, барои таҳқиқи забонҳои бехатту алифбо ва фарҳангу анъанаҳои ҳиндуҳои Амрикои Шимолӣ, ки сокинони бумии Амрико маҳсуб меёбанд, таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудаанд. Баъд аз он ки масъалаҳои ба ҳам пайвасти забоншиносӣ ва этнология – омӯзиши забонҳои азбайнрафтаи қавмҳои ҳиндуҳои амрикоӣ тавассути фарҳанги боқимондаи онҳо мавриди таҳқиқот қарор гирифтанд, ин боиси ба вуҷуд омадани самти алоҳидаи забоншиносӣ – этнолингвистика гардид. Бояд қайд кард, ки дар забоншиносии амрикоӣ этнолингвистика зери истилоҳоти «антропологияи фарҳангӣ» шинохта мешавад. Таҳқиқоти бунёдии ин муҳаққиқон пойдевори мустаҳкамеро ба омӯзиши этнолингвистика гузоштанд [2, с. 44]. Э. Сепир ақида дошт, ки «нутқ – ин мероси таърихи ҷомеа, воситаи истифодабарии мунтазам ва дурударози иҷтимоӣ мебошад. Нутқ, чун дигар паҳлуҳои фаъолияти эҷодӣ гуногунҷанба буда, ҳанӯз ба қадри кофӣ таҳқиқ нашудааст, вале ба ҳар ҳол на дар пояи пасттар нисбат ба дин, боварӣ, расму анъана ва санъати мардуми гуногунқавм қарор дорад» [7, с. 77].

Назариёти Ф. Боас ва Э. Сепирро дар зарфи ду даҳсолаи баъд ҳамватани эшон Б. Уорф (1897-1941) тақвият мебахшад. Мавсуф қайд менамояд, ки забон, анъана, расму оин, эътиқод ва санъат барои таҳқиқоти этнолингвистӣ дар ду ҳолат – аз нигоҳи диахронӣ ва ҳам синхронӣ зимни аз нав барқарор сохтани иртиботи қадимаи забон ва халқ ва забону анъанаҳои мардумӣ нақши бориз дорад [6].

Боас Ф., табиати забон ва ҳолату падидаҳои фарҳангиро эътироф мекард. Аммо бар он ақида буд, ки падидаҳои фарҳангӣ метавонанд ба такмил ва тағйир дучор шаванд ва ин боиси мураккабшавии омӯзишу таҳқиқи онҳо мегардад. Аз ин рӯ, танҳо тарзу усулҳои забоншиносӣ метавонанд аз нуқтаи назари омӯзиши таърихи ҳолатҳои забонӣ дар илми этнология низ истифода шаванд.

Дурнамои равишҳои этнолингвистӣ, ки дар асарҳои Ф. Боас дарҷ гардида буданд, баъдан дар асарҳои шогирди ӯ Сепир ҷойгоҳи худро ёфтанд. Сепир ба таҳқиқи пайвастагии забону фарҳанг машғул шуда, мавқеи гуногуни онҳоро дар муносибат ба якдигар ошкор намуд. Мавсуф дар асари бунёдии худ бо номи «Забон» фарқи забон аз фарҳангро шарҳ дода, фарҳангро ҳамчун таҷрибаи зиндагӣ ва боварию эътиқод, ки бо инсон мерос мондааст, маънидод мекунад. Барои муҳаққиқи мазкур фарҳанг чизест, ки ҷомеа бо он амал мекунад ва дар бораи он фикр мекунад. Забон бошад маҳорати тафаккур, яъне манбаи маълумоте барои чӣ тавр андеша кардани ҷомеа мебошад [7, с. 67]. Аммо баътар Эдуард Сепир афкори худро нисбат ба забон ва фарҳанг тағйир медиҳад. Ӯ дар ҷойи аввал мафҳуми рамзгароӣ (символизм – ин равия дар санъат ва адабиёти Аврупо аз солҳои 70-уми асри Х1Х то даҳсолаи аввали асри ХХ идома меёбад) – ро мегузорад. Ақидаҳои ҳамин давраи ҳаёти худро Сепир дар як фишурдаи илмие бо номи «Мақоми забоншиносӣ ҳамчун илм» инъикос намуда, онро ҳамчун дастури воқеияти иҷтимоӣ доир ба забон маҳсуб медонад. Э. Сепир таъкид

мекунад, ки «забон аҳаммияти бештарро ба ҳайси роҳнамои аввал дар таҳқиқоти илмии фарҳанг касб мекунад. Ба андешаи дигар, низоми қолабҳои фарҳангии тамаддунҳо тавасути забоне, ки ифодакунадаи ин ё он тамаддун мебошад, ба тартиб дароварда мешаванд. Бисёр соддалавҳона мешавад, агар мо баъзе меъёрҳои асосии фарҳангро танҳо дар асоси назорат бе нишондоди рамзгузории забонӣ дарк намоем, дар ҳоле ки он метавонад ин меъёрҳоро барои ҷомеа аҳаммиятнок ва фаҳмо намояд… Одамон на танҳо дар олами моддӣ зиндагӣ доранд ва ҳамзамон, на танҳо дар олами иҷтимоӣ, ончунон ки чунин андеша кардан қабул шудааст, балки авҷи аълои онро онҳо таҳти забони мушаххас, ки воситаи муошырати ҳамон ҷомеа шудааст, низ меёбанд… Воқеан «ҷаҳони воқеӣ» на дар асоси «одатҳо»-и забонии ин ё он гурӯҳи этникӣ сохта шудааст. Ду забон ҳеҷ гоҳ ба ҳам то дараҷае монанд нахоҳанд шуд, ки онҳоро воситаи ин ё он воқеияти иҷтимоӣ донист. Ҷаҳонҳое, ки дар он ҷомеаҳои гуногун зиндагӣ доранд, ҷаҳонҳои гуногун мебошанд ва албатта, на ҳамон як ҷаҳони бо руъё ба вуҷуд омада мебошад» [7, с. 87]. Маҳз ҳамин ақидаи Э. Сепирро минбаъд шогирдаш Б. Уорф такмил дода, онро бурҳони қотеъ номид, ки дар забоншиносӣ бо номи «назарияи Сепиро-Уорф ё рамзнигорӣ (релятивизм)-и забонӣ машҳур гардид, ки ҳамзамон бо номи «назарияи нисбият» низ маъруф аст. Нуқоти бисёр муҳиммеро, ки Уорф дар натиҷаи қиёси забонҳои ҳиндуҳои амрикоӣ ва забонҳои аврупоӣ пешниҳод намуд, ин буд, ки ҷаҳонеро, ки инсон дарк мекунад, яъне шинохти ҷаҳон аз ҷониби инсоният пурра тавассути забон муайян мегардад. Ӯ таъкид мекунад, ки падидаҳои физикии шабеҳ имкон медиҳад ҳангоми монанд будан ва ё ҳадди ақал мувофиқат намудани низоми забон тасвири шабеҳи ҷаҳонро офарем. Яъне соҳибони забонҳои сохтори грамматикиашон гуногун ба ҷаҳон назари якхела надорад [8, с. 43].

Муҳаққиқони амрикоӣ – пайравони Боас ва Уорф – Ҳойчер, Клакхон ва дигарон гунаи мукаммали этнолигвистикаро таҳия намуда, моҳияти таҳқиқоти онро шарҳ дода, бар ин ақидаанд, ки аз нуқтаи назари антропологӣ дар дунё чӣ қадар ҷаҳони гуногун мавҷуд бошад, ҳамон қадар забон мавҷуд аст. Ҳамин гуна фикрро Б.Л. Уорф низ баён намуда, бар он ақидааст, ки узви ин ё он ҷомеа на танҳо воқеияти ба таври эҳсосот қабулшударо тавассути забон ва хусусиятҳои ба фарҳанги худ хос, мувофиқан бо намунаҳо, ба рамз медароварад, балки вай танҳо замоне дар ҳолати фаҳмиши воқеият қарор мегирад, агар воқеият ба ӯ воситаи ҳамин рамз дастрас гардад [8, с. 98].

Воқеаи, тибқи маълумоти ЮНЕСКО аз соли 2010 дар ҷаҳон зиёда аз 7000 забон мавҷуд аст, ки аз мавҷудияти зиёда аз 7000 тасвири ҷаҳонӣ ва дарки олами атроф ва шинохти он аз ҷониби соҳибзабонон дарак медиҳанд. Ҳар забонро фарҳангест, ки он танҳо дар ҳамон як забон инъикос меёбад. Забони дигар қудрати инъикосу шарҳи комили онро дошта наметавонад, зеро тибқи ақидаи Ю. Уорф «рамзи» ки забонҳо ҳамеша гуногун аст ва ин гуна забонҳо «модарӣ» танҳо барои як фарҳанг мешаванд.

Директори Генералии ЮНЕСКО Коитиро Матсуур 21.02.2003 дар суханрониаш бахшида ба Рӯзи байналмилали забони модарӣ қайд мекунад: «Чаро ин қадар таваҷҷуҳи хоса ба забони модарӣ дода мешавад? Барои он ки забон инъикоскунандаи нотакрори эҷодӣ инсоният дар тамоми раванди таҳаввулоти ӯ мебошад. Ҳамчун воситаи муошират, дарк ва мулоҳиза забон низ ҳамон чизеро тафсир медиҳад, ки мо ҷаҳонро мебинем. Инчунин, робитаи дирӯз, имрӯз ва фардоро барқарор менамояд… Забонҳои модарӣ барои он беҳамтоянд, ки чӣ нақшеро онҳо дар ҳар шахс аз рӯзи мавлудаш мегузоранду диди махсуси чизҳоро ба ӯ ато мекунанд ва он воқеан ҳеҷ гоҳ нест намешавад, новобаста аз он ки шахс минбаъд бо чанд забон гуфтугӯ мекунад. Омӯзиши забонҳои хориҷӣ як василае барои ворид шудан ва ошноӣ пайдо намудан бо диди ҷаҳони дигар, бо дигар рафтору муносибат мебошад» [4].

Доир ба мавқеъ ва муҳтавои этнолингвистика ҳамчунин метавон афкори худи Э. Сепир ва дигар этнолингвистони баъдина, ки забонро роҳнамое барои воқеияти иҷтимоии инсоният медонистанд, мавриди таҷлил қарор дод. Онҳо забонро як тасвири пурмазмуне маънидод карда, ақида доштанд, ки низоми тасвир, яъне низоми грамматикии забон, тарзу усулҳои дарку фаҳмиши ҷаҳони воқеӣ ва иҷтимоиро чун тафаккури инсон, муайян менамояд.

Тарзу раванди дарки ҷаҳони атроф аз ҷониби соҳибони ин ё он фарҳанг, аз як тараф ва аз тарафи дигар, инъикоси он дар низоми забонии ҳамин соҳибфарҳангон яке аз масъалаҳои муҳимме маҳсуб мешуд, ки муҳаққиқон дар таҳқиқоти худ мувозинати ин ду масъаларо ҷустуҷӯ мекарданд. Масъалаи навбатии таҳқиқот инъикоси усулҳои консептуаликунонии ҷаҳон дар фаъолияти муҳимми фарҳангӣ арзёбӣ мешуд. Натиҷаи ҳарду масъала тафсири хусусиятҳои ба ҳам алоқаманди «тасвири забонӣ»-и ин ё он фарҳангро фарогир мебошад.

Гуногунзабонӣ асоси фаҳмиш ва муҳокимаҳои ҳархела буда, дар навбати худ фарҳанги ғайризабониро бо вуҷуд меоварад. Ибтидои онро гуногунии семантикаи конесптҳои фарҳангии анъанаҳои мухталиф ташкил медиҳанд, ки аз гӯяндагон вобастагии зич дорад.

Мусаллам аст, ки муҳтавои робитаҳои фарҳангиро қолаби нутқ дар бар мегирад, вале тасвири ҷаҳони соҳибони фарҳангҳои мушаххас ба забон алоқамандии бесобиқа дорад. Ин аст, ки А.Л. Крёбер – яке аз шогирдони Ф. Боас, ақида дошт, ки байни забон ва истифодабарандагони фарҳанг муносибати якхела ва аз ҳам вобаста вуҷуд надорад, аммо забон метавонад, барои бо вуҷуд овардани фарҳанг замина ё шароит фароҳам овард [3, с. 65].

Доир ба муносибати забон ва фарҳанг муҳаққиқон Ч.Ф. Вёлгин ва Ҳаррис таҳқиқоти якҷоя буда, ба хулосае меоянд, ки забон ин як ҳисса, қисм ё ҷузъи фарҳанг мебошад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки гуфтор ва рафторро якҷоя бояд таҳқиқ кард ва ҳамин ҳолатро онҳо «вазъи этнолингвистӣ» меноманд [1, с. 98]. Барои муҳаққиқони болозикр таҳлили лингвистии муносибати забону фарҳанг на танҳо ҳамчун як воситае баҳри ба даст даровардани маълумот, балки яке аз сарчашмаҳои илмӣ доир ба забони фарҳанги мазкур мебошад.

Ин ақидаро, агар дар миёни этнолингвистон ва антропологҳои фарҳангии амрикоӣ дида бароем, тарафи муқобили онро мебинем. Онҳо забонро ҳамчун як «барнома»-и мавҷудбуда мепиндоштанд ва аз таҳқиқоти генетикии ташаккули забон даст кашида, таҳқиқи муносибати забону фарҳангро вазифаи мардумшиносон (этнологҳо) меномиданд.

Дар солҳои 60-80-уми асри XX дар илми Амрико ҷараёни наве бо номи антропологияи когнитивӣ арзи ҳастӣ мекунад, ки бунёди онро ақидаҳои У. Гуденаф мустаҳкам менамуд. Ӯ нақши этнолингвистикаро хеле олӣ арзёбӣ менамуд ва ақида дошт, ки беҳтарин роҳи шинохт ва дарки фарҳанг танҳо тавассути забон аст. Ӯ таъкид мекард, ки танҳо тавассути забон мо метавонем дарки консептуалии одамонро пай барем, ки табиати атроф ва ҷомеаро чӣ тавр тасвир мекунанд. У. Гуденаф чунин нуқтаи назарро «рафтори забонӣ» [5, с. 10] меномид.

Забоншиносони қавмӣ ақида доштанд, ки барои амалӣ шудани ин ақидаи У. Гуденаф як навъи шинохтеро бояд ба вуҷуд овард, ки ба воситаи он соҳибони ҳар як фарҳанг дарку фаҳмиши худро доир ба табиат ва ҷомеа роҳандозӣ намоянд. Ба чунин навъи шинохт, пеш аз ҳама метавон истилоҳоти хешутаборӣ, таснифоти номҳои олами табиӣ (аз қабили номҳои олами ҳайвонот, растаниҳо), рангбаёнӣ (тафсири рангҳо) ва ғайраро дохил намуд, зеро инҳо аз ибтидо мавзуи асосии таҳқиқи илмҳои этникӣ буданд. Аз ин рӯ, пешниҳоди У. Гуденаф, Ф. Лонсбери, Фрейк ва дигарон дар ҳамин ришта беҳтарин ва муҳим маҳсуб меёфт. Ақидаи онҳо барои ташаккули минбаъдаи назари шинохтӣ (когнитивӣ) замина гузошт. Хусусан, пешниҳоди онҳо оид ба таҷдиди субъективии фарҳанг, яъне тасвири он тавассути истилоҳот аз назари худи соҳибфарҳангҳо, ошкор намудани моҳияти маъно ва шакли мафҳумии ин ё он фарҳанг асоси этнолингвистика гардид. Падидаҳои туфайлӣ аз воқеият тавассути дарачабандии забонӣ чудо шуда, барои соҳибфарҳангҳо эътирофнашаванда боқӣ мемонанд. Шинохти таркиби фарҳанг, ки он танҳо дар ҳоли таҷдид ошкор мегардад, тавассути забон ва дигар низоми рамзӣ ба даст меояд, вале дар амал ба воситаи саволномаҳо метавон ба он ноил шуд, ки ин як навъи инкишофи мустақими таҳқиқоти этнолингвистика маҳсуб меёбад. Дар доираи ҳамин таҳқиқоти *этнолигвистика* Кеннет Пайк ва Мервин Ҳаррис усулҳои лингвистиро дар омӯзиши антропология барои таҳлили дарҷаҳои ахлоқӣ истифода намуданд. Онҳо тавассути ин навъи таҳлил ихтилофро дар гуфтор, фикрронӣ ва эҳсоси мардум дарёфт намуда, ҳамзамон муайян намуданд, ки одам чӣ тавр олами маънавии худро дарк менамояд

ва чӣ гуна рафтор мекунад [9, с. 8]. Ин ақидаи онҳо аз сӯйи ҷонибдорони «этнографияи ҷадид» мавриди танқиди шадид қарор гирифт. Онҳо пешниҳод мекарданд, ки таҳқиқоти илмии фарҳанг бояд дар доираи тафсири воқеии ҳолати он сурат гирад.

Фаъолияти нутқ, ки он бо номи «этнографияи нутқ – ethnography of speaking» бештар маъмул аст, гунаи амрикоии таҳқиқоти иҷтимоии забон маҳсуб меёбад. Ин навъи таҳқиқот ба Хаймз Д.Х. тааллуқ дошт, ки онро ҳамчун «низоми ахлоқи фарҳангӣ» маънидод мекард. Барои Д.Х. Хаймз фаъолияти нутқ як шакли рафтори инсон дар дохили фарҳанг мебошад. Аз ин рӯ, ӯ таҳқиқоти фаъолияти нутқро дар доираи ҷамъиятҳои забонии муқарраршуда, ки забонҳо ва шеваҳои гуногунро дар ҳамоҳангӣ бо шаклҳои ғайризабонии коммуникативӣ истифода мебаранд ва ба меъёрҳои муайяни забонӣ тобеъ мебошанд, вазифаи асосии худ медонист [10].

Ҳамин тариқ, дар солҳои 90-уми асри XX дар забоншиносии Амрико ба таҳқиқоти этнолингвистӣ таваҷҷуҳ хеле кам мегардад ва этнолингвистика ҳатто ба фанҳои алоҳида тақсим мешавад.

Адабиёт:

1. Ареальные исследования в языкознании и этнографии. Язык и этнос/ Ответ. Ред. Толстой Н.И. – Л., 1983. – 250 с.
2. Герд, А.С. Введение в этнолингвистику/ А.С. Герд – СПб, 2005. – 457 с.
3. Крёбер, Ф. Л. Избранное: Природа культуры (перевод с английского)./ А.Л. Крёбер. – М., 2004. – 1006 с.
4. Международный день родного языка [манбаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https//www.pnp.ru/social/mezhdunarodnyy-den-rodnogo-vazvka.html (Санаи мурочиат: 23.01.2019)
5. Новое в лингвистике. Вып. 23: Когнитивные аспекты языка. – М., 1988.
6. Писарчик, А.К. О некоторых терминах родства таджиков/ А. К. Писарчик// Труды Академии наук Таджикской СССР, том. XVII, 1953. – Душанбе, 1953. – С. 177-185
7. Сепир, Э. Избранные труды по языкознанию и культурологии (пер. с. англ.)/ Э Сепир. – М.: Изд, группа «Прогресс»: Универс, 1993. – 464 с.
8. Уорф, Б. Отношения норм поведения и мышления к языку/ Б. Уорф// Новое в лингвистике: сб. науч. Ст. (пер. с англ.). – Вып. 1. – М.: Изд-во иностр. лит., 1960. – С. 135 – 168.
9. Headland, T.N., Pike, K.L., Haris, M. Emics and Etics: The insider-outsider Debate. – Texas, 1990. – 226 p.
10. Hymes, D. H. Directions in (Ethno-) linguistic Theory/ D.H. Hymes // Transcultural Studies in Cognition. – Menfscha, 1964.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲҚИҚОТИ ЭТНОЛИНГВИСТӢ ДАР ЗАБОНШИНОСИИ МУОСИР

Мақолаи мазкур инъикоскунандаи таҳқиқи этнолингвистӣ дар забоншиносии муосир мебошад. Омӯзиши забонҳои азбайнрафтаи қавмҳои ҳиндуҳои амрикоӣ тавассути фарҳанги боқимондаи онҳо мавриди таҳқиқот қарор гирифтанд, ин боиси ба вуҷуд омадани самти алоҳидаи забоншиносӣ – этнолингвистӣ гардид. Таҳқиқоти бунёдии муҳаққиқон пойдевори мустаҳкамеро ба омӯзиши этнолингвистика гузоштааст.

Доир ба мавқеъ ва муҳтавои этнолингвистика ҳамчунин метавон қайд кард, ки забоншиносон забонро роҳнамое барои воқеияти иҷтимоии инсоният медонистанд. Онҳо забонро як тасвири пурмазмуне маънидод карда, ақида доштанд, ки низоми тасвир, яъне низоми грамматикии забон, тарзу усулҳои дарку фаҳмиши ҷаҳони воқеӣ ва иҷтимоиро, чун тафаккури инсон, муайян менамояд.

Калидвожаҳо: забоншиносӣ, этнолингвистӣ, воқеият, маънидод, забон, грамматика, ҷанба, омӯзиш, таҳлили, тафаккур, таҳқиқ.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ЭТНОЛИНГВИСТИЧЕСКИХ ИССЛЕДОВАНИЙ В СОВРЕМЕННОЙ ЛИНГВИСТИКЕ

В статье отражены этнолингвистические исследования в современной лингвистике. Изучение вымерших языков индейских племён Америки через их сохранившуюся культуру привело к возникновению отдельного направления языкознания — этнолингвистики. Фундаментальные исследования ученых заложили прочную основу для изучения этнолингвистики.

Относительно положения и содержания этнолингвистики можно также отметить, что лингвисты считали язык проводником социальной реальности человечества. Они определяли язык как осмысленное представление и считали, что система представления, то есть грамматическая система языка, определяет способы и средства восприятия и понимания реального и социального мира, а также человеческого мышления.

Ключевые слова: лингвистика, этнолингвистика, реальность, значение, язык, грамматика, аспект, изучение, анализ, мышление, исследование.

THEORETICAL FOUNDATIONS OF ETHNOLINGUISTIC RESEARCH IN MODERN LINGUISTICS

The article reflects ethnolinguistic research in modern linguistics. The study of extinct languages of American Indian tribes through their surviving culture led to the emergence of a separate direction in linguistics - ethnolinguistics. Fundamental research by scientists laid a solid foundation for the study of ethnolinguistics.

Regarding the position and content of ethnolinguistics, it can also be noted that linguists considered language to be a conductor of human social reality. They defined language as a meaningful representation and believed that the representation system, that is, the grammatical system of language, determines the ways and means of perceiving and understanding the real and social world, as well as human thinking.

Key words: linguistics, ethnolinguistics, reality, meaning, language, grammar, aspect, study, analysis, thinking, research.

Маълумот дар бораи муаллифон: Нуракова Наргис Чоршанбиевна – муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. **E-mail: bogigul43@gmail.com** Тел.: +992111550571

Мирзоева Боғигул Сатторовна – муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. **E-mail: bogigul43@gmail.com** Тел.: +992904113091

Сведения об авторах: Нуракова Наргис Чоршанбиевна — старший преподаватель кафедры иностранных языков Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Электронная почта: bogigul43@gmail.com Телефон: +992111550571

Мирзоева Богигул Сатторовна – старший преподаватель кафедры иностранных языков Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана. Электронная почта: bogigul43@gmail.com Телефон: +992904113091

Information about the authors: Nurakova Nargis Chorshanbievna - Senior Lecturer of the Department of Foreign Languages of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. E-mail: bogigul43@gmail.com Phone: +992111550571

Mirzoeva Bogigul Sattorovna - Senior Lecturer of the Department of Foreign Languages of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. E-mail: bogigul43@gmail.com Phone: +992904113091

ТДУ: 81.20.002

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР АШЪОРИ АШӮР САФАР

Шомудинова Ф.О., унвонҷӯ
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Дар адабиёти бадеӣ тамоми воҳидҳои умумихалқӣ, хосса воҳидҳои фразеологӣ, ба ҳам омада, захираи луғавии забонро мукаммал ва ғанӣ месозанд. Ба андешаи олими рус В.В. Виноградов, «Адабиёти бадеӣ лабораторияи эҷодиест, ки дар он роҳҳо ва воситаҳои нави истифодаи шоиронаи забони халқ кушода мешаванд. Дар баробари ҳамин забони адабиёти бадеӣ дар роҳи дороиафзоӣ, пешрафт ва тараққиёти забони адабӣ таъсир мерасонад» [2, с. 3].

Фразеология ё маҷмуи ифодаҳои таркибии рехта, дар ҳақиқат, сарватҳои рангину бебаҳои забонро ташкил дода, хосияту назокатҳои бепоёни онро дар худ таҷассум кардаанд. Он натиҷаи ҷустуҷӯҳои пай дар пайи эҷодкоронаи халқ буда, савту оҳангҳои нозуки мусиқии олами ботинии вайро нигаҳ медорад. Дар воҳидҳои фразеологӣ ба тариқи бевосита ва ё бавосита махсусиятҳои дарки олам, ақида ва ҷаҳонбинии даврaҳои мухталифи зиндагӣ ва таърихи халқ инъикос шудаанд. Ҳар як таркиб, ибора ё ҷумлаи рехта дар шакли ниҳоят мухтасар на танҳо унсурҳои тафаккур ва шуури инсонро, балки таҷрибаи бисёрсолаи зиндагӣ, руҳияи миллӣ, урфу одат, мизоҷ ва ҷанбаҳои дигари фарҳанги мардумиро низ маҳфуз медорад. Бесабаб нест, ки офарандагони каломи бадеъ – шоиру нависандагони хушсалиқа, дар тасвири образҳои бадеӣ, лавҳаҳои мухталифи ҳаётӣ, ҳодисаҳои воқеӣ аз ин захираи нодири забон ба таври васеъ истифода мебаранд.

Гузаштагони бомаърифати мо ҳанӯз дар замонҳои хеле қадим аз захираи фразеологии забон бохабар буданд, воҳидҳои онро аз калимаҳо ба таври равшан ҷудо мекарданд ва дар рисолаҳои илмии худ намунаҳои онҳоро оварда маънидод менамуданд. Баъдан ин воҳидҳоро дар фарҳангу луғатҳо бо тартиби муайяне ҷой медоданд. Бо вуҷуди ин омӯзиши системаноку ба маънои пурраи имрӯзааш илмии он вуҷуд надошт. Умуман, таҳқиқоти ҷиддии масъалаҳои фразеология дар забонҳои мухталифи ҷаҳон, хосса дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ибтидои асри XX рост меояд. Ин аст, ки то миёнаҳои асри гузашта мавзуи баҳс, доираи мафҳумҳо ва категорияҳои ин воҳидҳои басо муҳимми забон чандон аниқ набуданд.

Роҷеъ ба ин бахши забоншиносӣ, яъне воҳидҳои фразеологӣ, ҳам забоншиносони ватанӣ ва ҳам бурунмарзӣ, дар мисоли В.В. Виноградов, Ҳ. Маҷидов, Т. Мақсудов, Б. Камолиддинов, М. Саломиён, М. Мирзоева, С, Ҷӯраева, А. Дӯстзода ва дигарон таҳқиқоти алоҳидаи илмӣ анҷом додаанд.

Воҳидҳои фразеологӣ таркибҳои рехтаву устуворе мебошанд, ки бо яклухтии сохторию маъноии худ аз дигар воҳидҳои забон фарқ мекунанд. Рехтаву устувории сохтори таркибии воҳидҳои фразеологӣ, ки барои ифодаи маънои муассир омада, муодил ба як калима аст, пеш аз ҳама, дар натиҷаи роҳ ёфтани маҷоз ба ин сохтор сурат мегирад. Яъне маҳз маҷоз аст, ки таркиби воҳиди фразеологиро ҷудонопазир ва маънои онро таъсирбахш мегардонад. Ифодаи маҷоз дар воҳидҳои луғавии фарогири забони шеър низ хеле ҷолиб ба назар мерасад. Ба андешаи М. Саломиён: «Маҷоз аз рӯйи ифода ва хусусиятҳое, ки дорад, меҳвари асосии забони шеър маҳсуб мешавад, зеро маҳз тавассути он вожаҳо тобишҳои маъноии нав мегиранд. Маҷоз ба шоир шароит фароҳам меорад, ки тавассути он сухани худро бо вожаҳои муассир иброз намуда, забони шеъри худро ҷолибтар гардонад. Маҳз маҷоз бо ифодаи худ яке аз унсурҳои муҳимми забони шеър ба шумор рафта, муайянкунандаи ҳунари суханофаринии аҳли эҷод маҳсуб мешавад.

Ҳамин тариқ, маҷоз дар баробари ифодаи муассир дар бунёди ду мафҳуми муҳимми лингвистӣ – ифодаҳои маҷозӣ ва воҳидҳои фразеологӣ, ки дар осори бадеӣ, махсусан забони шеър мавқеи муҳим доранд, нақши боризе мегузорад.

Бояд қайд кард, ки ифодаҳои маҷозӣ дар тамоми сатҳҳои забон ба назар расида, адибон дар офаридани осори хеш дар лаҳзаҳои мувофиқ ва зарурӣ аз онҳо фаровон истифода мебаранд.

Агар мо ба раванди таърихии инкишофи забони башарият бо дидаи таҳқиқ назар кунем, дармеёбем, ки барои ифодаи номи ҳамагуна ашёву зуҳурот калимаҳои мавҷудаи забон камӣ мекунад. Ба таъбири дигар, ҳамагуна ашё, зуҳурот ё мафҳуме, ки дар ин ё он забон ба вуҷуд меояд, бо калимаи алоҳидае номгузорӣ намегардад. Соҳибони забон барои он ки ба онҳо ном гузоранд, пеш ҳама, ба захираҳои луғавии забони худ такя карда, ашёву мафҳумҳоро ном мегузоранд ва барои он ки забон ба мушкилии иқтисодӣ рӯ ба рӯ нагардад, як калимаро барои ифодаи чанд ашё ва ё зуҳуроту мафҳум корбаст менамоянд. (ниг. ба 10*)*

Яке аз ҳамин адибони боистеъдод, ки аз ин воҳидҳои забон хеле ҳунармандона истифода намуда, бо ин ҳунари нигорандагияш дар байни мардум маҳбубияти хосса касб кардааст, шоири шинохтаи тоҷик Ашӯр Сафар мебошад.

Дар ин хусус адиб Абдулҳай Қаландар чунин қайд намудааст: «Ашъори шоир (Ашӯр Сафар – Ш.Ф.) аз ибораю таъбирҳои халқӣ саршор буда, ифодагари андеша, орзую омол, тамкин ва бурду бохти халқи азизаш мебошад» [3, с. 6].

Ба андешаи муҳаққиқон, инсоният дар баробари бузургтарин кашфиёт дар тули таърих ба ҷанбаи зебоишиносию зебоишинохтии забони хеш низ таваҷҷуҳи хосае зоҳир карда, барои худро аз ҷаҳолат раҳонидан тавассути забон талошҳои зиёде кардааст, ки ин анъана то имрӯз идома дорад.

Шояд бунёди воҳидҳои фразеологӣ низ дар забон маҳз барои таъмини ҷанбаи эстетикию муассирии он фароҳам омада бошад, зеро ин сатҳи забон бо вижагиҳои семантикию сохтории худ ҳам дар нутқ ва ҳам дар забон мавқеи хосае дорад. [11, с. 32]

Дар шеъри зерини Ашӯр Сафар, ки «Фасли дилрабо» унвон дорад, шоир баҳори хуҷастапайро моҳиронаю шоирона васф намуда, ифодаҳои маҷозии **чеҳраи зарди табиат, кӯҳсори сарсафедро** дар якҷоягӣ бо санъати ташбеҳи равшану пӯшида **оби нуқратоб, тугмаҳои чун садаф, зулфи навниҳолон** (шохаҳои дарахт), **сабза аз шабнам ба гӯшаш гӯшвор андохта** омадаанд, ки ба равонию дилчаспии шеър ҳусни дигар зам кардаанд:

Ин чӣ фасли дилрабо, ки ранги олам шуд дигар,
Чеҳраи зарди табиат сабзу хуррам шуд, нигар.
Кӯҳсори сарсафед аз нав ҷавон гардидааст,
Доманаш аз хирмани гул бӯстон гардидааст.
Барфҳо аз қуллаҳо гардида **оби нуқратоб**,
Рӯ ба сӯи даштҳо бошанд **рақсон бо шитоб**.
Навниҳолон зулфи худ ҳар сӯ парешон кардаанд,
Тукмаҳои чун садаф андар гиребон кардаанд.
Сабза аз шабнам ба гӯшаш гӯшвор андохта,
Лола ҳусни тозае бар марғзор андохта [11, с. 8].

Аз муҳтавои шеър бармеояд, ки шоир дар ин шеъри худ фасли баҳори хуҷастапайро моҳиронаю шоирона васфу ситоиш намудааст.

Ифодаҳои маҷозӣ баръакси воҳидҳои фразеологӣ, ки дар забони мардум доираи истеъмоли бештар доранд, камтар истифода мешаванд. Ин навъи ифодаҳо бо вуҷуди умумият доштанашон бо воҳидҳои фразеологӣ бештар дар забони осори бадеӣ, махсусан забони шеър корбаст мешаванд.

Ашӯр Сафар дар баробари ифодаҳои маҷозӣ ба истифодаи воҳидҳои фразеологӣ низ таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, бо ин роҳ бо забони мардум ошноӣ доштани худро собит намудааст. Дар байти зер воҳиди фразеологии *дил бурдан*ро чунин корбаст намудааст:

Ба ман ҳарфе нагуфту рафт, лекин
Диламро бурду фикрамро дигар кард [11, с. 8].

Воҳиди фразеологии мазкур дар «Фарҳанги ибораҳои рехта» чунин шарҳу тавзеҳ ёфтааст: «Дил бурдан - дӯст доштан, ошиқ шудан, дил додан, ҳасад бурдан, ақлу ҳуши

касеро бурдан, касеро аз ақл бегона кардан, касеро мафтуни худ гардондан, шефта сохтан, дили касеро бурдан, шефта кардан, мафтун сохтан, ошиқ гардонидан [9, с. 364].

Ё ин ки шоир ибораи **«дил бурдан, дил бохтан»**-ро дар шеъри зерини худ бамаврид истифода намудааст:

Ба ман ҳарфе нагуфту рафт, лекин
Диламро бурду фикрамро дигар кард [3, с. 9].

Бояд зикр кард, ки ифодаи маҷозии «**диламро бурд»** ҳамчун ибораи фразеологӣ аз исму феъл сохта шуда, таркиби он аз чунин ҷузъҳо иборат аст: **дил**-исм, **ам**-бандакҷонишини шахси якуми шумораи танҳо, ро-пасоянд, бурд-феъл ки, ба маънои дил бохтан, дили касеро бетоқат кардан, дили касеро бурдан, дил бастан аст, ки дар шеъри мазкур истифода шудааст [ФИР. Қ. 2, с. 363].

Ҳамчунин, ҳамин ибора дар байти зерини шоир дар шакли **дил бохтан** чунин омадааст:

Ба ҳар як сатри пурмаъною возеҳ
Дили худ бохта, пайванд гардид [11, с. 22].

Шоир ибораи фразеологии «**шоири дилхун»**-ро дар байти зерин бамаврид истифода намудааст:

Нишаста шоири то рӯз **дилхун,**
Бигуфт андар ҷавоби байти мавзун [11, с. 23].

Ибораи фразеологии ***каси дилхун*** ба маънои маҷозӣ омада, ҷузъҳои он бо ёрии **дил** ва **хун** бо ҳам алоқаманд шудаанд. Маънои он дар азоб будан, азият кашидан, аз чизе хафа будан аст [9, с. 409].

Дар байти зерин низ шоир воҳидҳои фразеологии **ҷигар хун кардан, ҷигархун шудан**ро истифода намудааст:

Агарчи шод ҳастам бо ту доим,
Бароят ҳай **ҷигар хун** мекунам ман [11, с. 4].

«**Ҷигархун шудан**» киноя аз азобу уқубати сахт кашидан, хуни ҷигар хӯрдан, хеле азоб кашида, хеле ранҷ бурда, хуни ҷигар шудан, хеле азоб кашидан, хеле машаққат дидан аст (Фарҳанги ибораҳои рехта. Қисми 2, саҳ. 256).

Дар шеъри зерин низ ифодаҳои маҷозии **забона задани нори дил** чунин истифода шудааст:

Агарчи **нори дил мезад забона,**
Аз он равшан шаби ялдо намешуд [11, с. 24].

Дар мисраи якуми шеър ибораи **«нори дил»** ба маънои маҷозӣ омада, оташи дил ва таркиби «мезад забона» ба маънои шуълавар шудан, ба ҷӯшу хурӯш омаданро ифода мекунад. Дар *«Фарҳанги ибораҳои рехта»* ***«мезад забона» «забона задан»*** *маънидод шудааст [9, с. 456].*

Ба ёди дилбари ноошное
Саҳар берун шудам, дидам табиат,
Бувад бас пурсафою дилрабое,
Ки бар тан кардааст аз барф хилъат [11, с. 24].

Дар байти зерини шеъри шоир аз таркибҳои маҷозии **«раҳ ёфтан ба фарқи қуллаҳо», «синаи ағбаро рахна кардан»** истифода кардааст:

Ёфтам раҳ то ба фарқи қуллаҳо,
Роҳ карда синаи сад ағбаро [11, с. 31].

Дар мисоли фавқ ҳарчанд воҳидҳои фразеологӣ истифода шуда бошанд ҳам, онҳо дар якҷоягӣ бо санъати муболиға омадаанд.

Ҳамин аст, ки яке аз вижагиҳои ҳам сабкию ҳам услубии ашъори Ашӯр Сафар ин аст, ки дар шеъри ӯ дар баробари дигар ороятҳои забонӣ, саноеи адабӣ низ басе зиёд истифода шудаанд.

Масалан, дар шеъри зерини шоир:

Вале сӯи ту, садбарги баҳорӣ
Чу ояд бо тапидан, беқарорӣ,
Чу барги бед меларзад зи тарсе,
Ки ногаҳ ноумедаш мегузорӣ [11, с. 27].

Дар шеъри мазкур ифодаи маҷозии «**чу барги бед ларзидан», яъне** тарсу ҳароси зиёдро фаҳмонда [8, с.123], ҳамин таркиб чун ташбеҳи равшан низ дар шеър истифода шудааст.

Яке аз ифодаҳои маҷозии серистеъмоли халқии **«дилтангӣ, дилтанг шудан»** дар миёни мардум серистеъмол буда, дар осори адибон барои боз ҳам равону дилчасп гардидани онҳо истифода шудаанд.

Шоир Ашӯр Сафар дар шеъри худ аз таъбири «**дил танг шудан**» бамаврид истифода намуда, он то як андоза ба равонию дилчаспии шеър таъсир гузоштааст:

Ҷуз ҳавои шеър дар қалбам дигар оҳанг нест,
Чун ҳавои шеър дорам, ҳеҷ гаҳ **дил танг** нест [11, с. 37].

Шоир дар шеъри «Даргоҳи мурод» аз таркибҳои маҷозии **«бори кӯҳ бар сар омадан»** ва **«боли орзу»**, ки яке мушкилии бешумори зиндагӣ бар душ афтодан ва дигаре орзуманду ҳавасманд будани касеро ба чизе ифода мекунад [8, с .128-130], бамаврид истифода кардааст:

Гирд мегардам миёни мавҷу гирдоби хаёл,
Бори кӯҳ аз фикр ояд бар сарам.
Лаҳзае танҳо шавам ман, лаҳзае осудаҳол,
Гар ба боли орзуҳо мепарам [11, с. 66].

Аз таҳқиқи воҳидҳои фразеологии ашъори Ашӯр Сафар бармеояд, ки дар ашъори шоир воҳидҳои фразеологӣ хеле бамавқеъ, ҷолиб, нишонрас истифода шудаанд ва аз ҳамин сабаб барои дилчасп ва диққатҷалбкунанда гардидани ашъори шоир замина гузоштаанд.

Ҳамин тариқ, аз ин гуна мисолу ороятҳои забонӣ ва услубиёти хосаи нигорандагии шеъри Ашӯр Сафар бармеояд, ки сар то по осори ӯро панду андарз, мақолу зарбулмасал ва таъбирҳои халқӣ фаро гирифта, барои равону дилошуб ва хонданбоб гардидани шеъри шоир саҳми муҳим гузоштаанд.

Адабиёт:

1. Ашӯр, С. Девон / С. Ашер. –Душанбе: Адиб, 2018. – 968 саҳ.
2. Виноградов, В.В. Проблемы исторического взаимодействия литературного языка и художественной литературы / В.В. Виноградов // Вопросы языкознания. – Москва, 1955. - №4. - С. 31.
3. Қаландаров, А. Суханваре буд ботамкин, бо лутфу шеъри намакин / А. Қаландаров // Анвори дониш. – 02.03. 2009, №3-4 (134). – С. 6.
4. Мақсудов, Т. Лексика ва фразеологияи шеваҳои тоҷикони Исфара / Т. Мақсудов. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 160 с.
5. Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони адабии тоҷик/Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 101 с.
6. Маҷидов, Ҳ. Фасоҳати сухан ва интихоби маънои дақиқ / Ҳ. Маҷидов // Сеҳри сухани форсии тоҷикӣ. –Душанбе, 2014.– 352 с.
7. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ.–І. Луғатнома/Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 2007. – 242 с.
8. Саломиён, М (Саломов М.). Вижагиҳои забонии ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV (Таҳлили сохтори фонетикӣ, семантикӣ ва фразеологию луғавӣ) Диссертатсия. -2018. с.
9. Саломиён М., (Саломов М.). Воҳидҳои фразеологии шоирона дар осори шоирони ғазалсарои асрҳои XII-XIV / М. Саломов // Паёми ДМТ. – Душанбе: Сино, 2014. – С. 3-8.

10. Саломиён М., (Саломов М.). Вижагиҳои воҳидҳои фразеологии шоирона/Масъалаҳои мубрами забони адабии тоҷик. Маҷмуаи мақолаҳо (бахшида ба 80-солагии профессор Ҳомид Маҷидов). –Душанбе, 2017

11. Саидов, Р. Воҳидҳои фразеологӣ дар назми халқӣ. - Х. II. / Р. Саидов.– Душанбе, 1991. –145 с.

12. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехта (фарҳанги фразеологӣ). – Иборат аз ду ҷилд. –Душанбе, 1963. – 952 с.; 1964. – 802 с.

13. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. - Х. I. / М. Фозилов. – Душанбе, 1964. – 802 с.

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР АШЪОРИ АШӮР САФАР

Ашӯр Сафар яке аз намояндагони барҷастаи доираи адабии Хатлонзамин ба шумор рафта, дар давоми фаъолияти бисёрсолаи эҷодии худ як зумра асарҳои мондагоре ба ёдгор гузоштааст. Яке аз вижагиҳои назарраси ашъори шоири мазкур истифодаи зиёди таркибу ибораҳо ва ифодаҳои мардумӣ дар онҳо мебошад. Дар ин мақола баъзе вижагиҳои забонӣ ва услубии ашъори Ашӯр Сафар, хосса мавқеи корбурди воҳидҳои фразеологӣ дар шеъри шоир, мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.

Муҳаққиқ дар рафти пажуҳиш мисолҳои зиёдеро доир ба ифодаҳои маҷозӣ аз ашъори шоир гирдоварӣ намуда, дар ҷойҳои мувофиқ онҳоро истифода кардааст ва аз ҷиҳати забонӣ онҳоро то қадри имкон шарҳу тавзеҳ додааст. Яъне, аз мисолҳои овардаи унвончӯ, таҳлилҳои мушаххаси илмии ӯ маълум мегардад, ки дар шеъри Ашӯр Сафар мақолу зарбулмасалҳои халқӣ, таъбиру ибораҳои фразеологӣ мақоми хосса доранд. Шоир барои обуранги бадеӣ гирифтани шеъраш аз онҳо ба таври васеъ истифода намудааст.

Дар маҷмуъ, мавзуи таҳқиқ ва муҳтавои он дар забоншиносии имрӯзаи тоҷик наву тоза буда, дилхоҳ муҳаққиқ дар оянда низ метавонад дар ин ҷода қадамҳои устувор гузошта, ҳамин гуна масъалаҳои мубрамро дар риштаи забоншиносӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор диҳад.

Калидвожаҳо: Ашер Сафар, ашъор, забон, услуби нигориш, воҳидҳои фразеологӣ, ифодаҳои маҷозӣ, санъатҳои бадеӣ, ташбеҳ, муболиға, таркибҳо.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В ПОЭЗИИ АШУРА САФАРА

Ашур Сафар является одним из ярких представителей хатлонской литературы и за свою многолетнюю творческую деятельность оставил ряд впечатляющих произведений. Одной из существенных особенностей стихов этого поэта является использование в них народных фраз и выражений. В данной статье исследованы и обсуждены некоторые лингвистические и стилистические особенности поэзии Ашура Сафара, особенно использование фразеологизмов в поэзии поэта.

В ходе исследования исследователь собрал множество примеров образных выражений из стихотворений поэта, использовал их в соответствующих местах и максимально подробно объяснил лингвистически. То есть из примеров, приведенных соискателем, его конкретные научные анализы показывают, что в поэзии Ашура Сафара особый статус имеют народные пословицы, толкования и фразеологические выражения. Поэт широко использовал их для придания своему стихотворению художественной окраски.

В целом, тема исследования и ее содержание являются новыми и свежими в сегодняшнем таджикском языкознании, и любой исследователь в будущем может сделать уверенные шаги в этом направлении и исследовать и обсуждать столь актуальные проблемы языкознания.

Ключевые слова: Ашур Сафар, поэзия, язык, стиль зрения, фразеологизмы, образные выражения, художественное искусство, сравнение, преувеличение, композиции.

SOME FEATURES OF PHRASEOLOGICAL UNITS IN THE POETRY OF ASHUR SAFAR

Ashur Safar is one of the brightest representatives of Khatlon's literature and has left a number of impressive works in his long career. One of the essential features of this poet's poems is the use of folk phrases and expressions in them. This article investigates and discusses some linguistic and stylistic features of Ashur Safar's poetry, especially the use of phraseology in the poet's poetry.

During the study, the researcher collected many examples of figurative expressions from the poet's poems, used them at appropriate places and explained them linguistically as much as possible. That is, from the examples given by the co-researcher, his specific scientific analyses show that folk proverbs, interpretations and phraseological expressions have a special status in Ashur Safar's poetry. The poet used them extensively to give his poem an artistic coloring.

In general, the research topic and its contents are new and fresh in today's Tajik linguistics, and any researcher in the future can make confident steps in this direction and research and discuss such relevant problems of linguistics.

Keywords: Ashur Safar, poetry, language, visual style, phraseology, figurative expressions, artistic art, comparison, exaggeration, compositions.

Маълумот дар бораи муаллиф: Шомудинова Фирӯза Олимовна, унвонҷӯи кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълими «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав». **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,735140, ш. Бохтар, тел. 900303118.

Сведения об авторе: Шомудинова Фируза Олимовна, соискатель кафедры таджикского языка Государственного образовательного учреждения «Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава». Адрес: Республика Таджикистан, 735140, г. Бохтар, тел. 900303118.

Information about the author: Shomudinova Firuza Olimovna, applicant of the Tajik language department of the State Educational Institution “Bokhtar State University named after Nosir Khusrav”. Address: Republic of Tajikistan, 735140, Bokhtar, tel. 900303118.

МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

ТАЪРИХ ВА БОСТОНШИНОСӢ

1. **Абдуллоев М.Х.** Аз таърихи муттаҳидшавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ ва Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ (с. 1960-1962).....5

2. **Абдубасиров А.А..** Вклад академика Бободжана Гафурова в развитие искусство Советского Таджикистана.....10

3. **Комилзода Н.И.** Ташаккули дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷониба дар шароити тағйирёбии муносибатҳои муосири байналмилхалқии минтақа ва ҷаҳон.....18

4. **Шамсияи Т.** Таҳқиқоти таърихӣ – этнографии Тоҷикистони Ҷанубӣ дар осори илмии Б.Х. Қармишева.....25

5. **Каримзода И.С.** Сохтмон ва навсозии роҳҳои нақлиётии вилояти Хатлон дар даҳсолаи аввали истиқлоли Тоҷикистон.....29

ПЕДАГОГИКА

1. **Назаров А.П.** Асосҳои методии таълими ҳалли тақрибии муодилаҳои алгебравӣ ва трансендентӣ дар курси методҳои ададӣ.....37

2. **Сафарзода М.В.** Амсилаи ташкилӣ - фаъолияти раванди таълими калонсолон.....42

3. **Сафарзода Д.Ҷ.** Татбиқи ҳукумати электронӣ ва тақвияти малакаҳои инноватсионию рақамии хизматчиёни давлатӣ.....52

4. **Қурбонов Т.З.** Ҳавасмандгардонии фаъолияти хонандагон дар дарси забони хориҷӣ ва фароҳам овардани шароит барои амалӣ гардидани он.....59

5. **Ҳасанов Ф.З.** Вижагиҳои истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ.....65

6. **Давлатмуродзода М.Д., Бобозода Б.Ҷ., Холназаров С.** Саҳми мутафаккирони форсу тоҷик дар рушди илми химия.....70

7. **Шарипов Б.Ф.** Хусусиятҳои рушди кӯдакони имконияташон маҳдуд.....77

8. **Қурбонов Т.З.** Ташкили омӯзиш дар ташаккули малакаҳои луғавӣ дар дарсҳои забони форонсавӣ.....84

9. **Орифзода О.О.** Таҳияи кейсҳо (бастаҳо)-и лингвистӣ барои ташаккули салоҳиятмандии нутқии донишҷӯён.....91

10. **Ансори М.К., Худойназаров М., Кашкинбаев Н.К., Умаров А.А., Ансори П.** Внеучебная деятельность и ее возможности в развитии коммуникативной компетентности.....96

11. **Сафарова С.С., Назаров Т.Х.** Корҳои селексионии ҷуворимакка (хӯроки чорво) оид ба гирифтани маводи сабз дар шароити ҷанубии Тоҷикистон дар солҳои 2023-2024.....102

12. **Шоҳсанами Р., Сафарзода М.В.** Бозиҳои математикӣ – яке аз методҳои таълим ва тарбияи ақлонии хонандагон.....107

13. **Зайдулоев С.С., Сафарзода М.В.** Хусусиятҳои муҳити рақамии таҳсилот дар ташаккули сифатҳои муҳимми касбии омӯзгори оянда.....113

14. **Холиқов А.Ю.** Формирование профессиональной компетентности будущих учителей информатики в образовательном процессе.....120

15. **Ёрматзода А.Ҷ.** Масъалаи худшиносии миллӣ аз нигоҳи мутафаккирону олимони шинохтаи тоҷик.....127

16. **Ғафоров З.Б.** Усулҳои омӯзиши мушкилгаро-инкишофӣ ҳамчун заминаи асосии эҷоди ҳавасмандӣ ба омӯзиши барномасозӣ.....133

17. **Назарзода А.Ҷ.** Истифодаи дурусти маводи дидактикӣ – асоси болоравии дониш.....139

18. **Одинаева Ш.А.** Назарияҳои психологӣ-педагогии муқаррароти ташаккулёбии ҷаҳонбинии донишҷӯён.....145

19. **Сайдалиева С.А.** Таснифоти рушди муошират байниҳамии кӯдакони имконияташон маҳдуд дар синф ва чорабиниҳои берунасинфӣ.....151
20. **Саидов П.А.** Самаранокии технологияи омодасозии касбии донишҷӯёни тахассуси тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ.....156
21. **Талбакова Н.Қ.** Такмили тарбияи ахлоқии донишҷӯён дар дарсҳои забони англисӣ ва омода намудани онҳо ба касби оянда.....163
22. **Ҳақназарзода Н.** Таҷҳизоти ёрирасон барои кӯдакони имконияташон маҳдуд ва тарзи истифода бурдан аз он.....168

ФИЛОЛОГИЯ

1. **Абдусамадзода Э.А.** Таҳлили лингвистии макротопонимияи Моваро-ун-наҳр.....176
2. **Каримзода Ш.Б., Усмонов М.М.** Сарчашмаҳои ташаккулёбии истилоҳоти чорводорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.....181
3. **Сафарзода Э.А.** Баррасии масъалаҳои сиёсии замон дар осори адибону публитсистон.....189
4. **Саидзода М.Б.** Антропонимҳои арабии «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён»-и Эмомалӣ Раҳмон.....198
5. **Саидзода О.С.** Аз таърихи нақди адабии араб.....208
6. **Зикиряева М.** Таблиғи дӯстиву равобити фарҳангии Тоҷикистон дар сафарномаҳои давраи истиқлолият.....218
7. **Олимиён С.Ш., Неъматов М.З.** Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ – симои барҷастаи тамаддуни ҷаҳонӣ.....222
8. **Холиқова З.К.** Мавзуи ватандӯстӣ ва зебоиҳои табиат дар ашъори Сомеи Одиназода.....226
9. **Саттарова З.А.** Махсусиятҳои фаъолияти нашрияҳои иттилоотӣ дар фазои иттилоотии Тоҷикистон.....230
10. **Мирзоева М.М.** Ғоиб Сафарзода аз нигоҳи Соҳиб Табаров.....235
11. **Давлатзода Ф.Дж., Гуламадшоев Ш.Ш.** Принципы и методы семантического анализа глаголов мышления в таджикском и английском языка.....240
12. **Одинаева Г.М.** Истифодаи санъатҳои бадеӣ дар эҷодиёти Ҳ.Ғоиб.....247
13. **Назаров М.** Амир Хусрави Деҳлавӣ ва вазъи сиёсию иҷтимоӣ замон ва забони адабии тоҷикии асрҳои XIII-XIV-и Ҳинд. 252
14. **Ҳакимов С.Т.** Хусусияти қитъаҳои Имомии Ҳиравӣ..... 258
15. **Тоиров Ш.** Вижагиҳои сохторӣ-маъноии лексикаи кишоварзӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ФЗТ ҷ.1-ҷ.2.).....264
16. **Ситораи А.** Антропонимҳои арабӣ, туркӣ- узбекӣ ва русӣ дар романи «Восеъ»-и Сотим Улуғзода.....269
17. **Шокирҷони К.** Вожаҳои гӯйиши ҷанубӣ дар ашъори шоирони минтақаи Кӯлоб.....277
18. **Буранова З.А.** Переводимость и непереводимость: теоретические и практические аспекты переводоведения.....287
19. **Гиёева Т.И.** Рӯзгору осори Хайрандеш.. 297
20. **Насруллоев М.Н.** Сермаъноии вожаҳо дар осори Убайди Зоконӣ.....302
21. **Нуракова Н.Ч., Мирзоева Б.С.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти этнолингвистӣ дар забоншиносии муосир..... 311
22. **Шомудинова Ф.О.** Баъзе вижагиҳои воҳидҳои фразеологӣ дар ашъори Ашур Сафар.....316

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

Дар маҷаллаи илмии «**Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ»** мақолаҳои илмие, ки натиҷаи таҳқиқоти соҳаи **илмҳои таъриху бостоншиносӣ, педагогӣ ва филологиро** фаро мегиранд, нашр карда мешаванд.

Талабот нисбат ба мақолаҳои илмӣ:

1. Таҳияи мақола бо ҳуруфи Times New Roman барои ҳамаи забонҳо (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), ҳаҷми ҳарфҳо 12, ҳошияҳо 2 см, фосилаи байни сатрҳо 1,0 см ва формати А4, бо рӯйхати адабиёту аннотатсияҳо на камтар аз 5 саҳифа ва на беш аз 14 саҳифа;
2. Индекси ТДУ (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
3. Номи мақола бо ҳарфҳои калон;
4. Насаб, дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Сатторзода М.Ш.);
5. Номи муассисае, ки дар он муаллиф (он)-и мақола кору фаъолият менамоя (н) д;
6. Матни асосии мақола на камтар аз 5 саҳифа (схема, расм ва ҷадвал дар матни асосии мақола ворид намешавад);
7. Рақамгузории нақша, схема ва диаграммаву расмҳо ва тарҷумаи номи шарҳдиҳандаи онҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ;
8. Рӯйхати адабиёти истифодашуда на камтар аз 10 номгӯи адабиёти илмӣ. Адабиёт ба тартиби алифбоӣ оварда мешавад. Ба нашри мақолаҳое бартарӣ дода мешавад, ки ба сарчашмаҳои нашршудаи илмии солҳои охир ва манбаъҳои муътамад бештар такя кардаанд. Номгӯи адабиёти ба муаллиф тааллуқдошта набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиёти мақоларо ташкил диҳад.
9. Намунаи таҳияи адабиёт: нишон додани манбаи иқтибос дар матн ба таври зер: [3, с. 24], [3, с. 24; 7, с. 53], ки ин ҷо рақами аввал манбаи истифодашуда ва рақами дувум саҳифаро нишон медиҳад;
10. Рӯйхати адабиёти истифодашуда ба забони аслии китобӣ;
11. Тарҷумаи номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 10 ва на бештар аз 20 сатр, калидвожаҳо аз 10 то 15 номгӯй;
12. Маълумот дар бораи муаллиф (он) бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). Маълумот дар барои муаллиф ба тартиби зайл оварда мешавад: насаб, ном, номи падар, дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошад), вазифа ва ҷои кор, телефон ва почтаи элекронӣ;
13. Дар баробари пешниҳоди шакли электронии мақола пешниҳоди шакли чопии он дар як нусха ҳатмӣ мебошад;
14. Мақолаи аспирант, докторанти PhD, унвонҷӯ танҳо бо тавсияи роҳбари илмӣ мушовири илмӣ ва ё мудири кафедра қабул карда мешавад;
15. Мақолаи магистрант танҳо бо ҳаммуаллифӣ бо номзад ва доктори илм қабул карда мешавад;
16. Мақолаи ба маҷалла воридшуда аз ҷониби ҳайати таҳририя дар муддати 10 рӯз баррасӣ мегардад.

Мақолаҳои илмие, ки барои нашр ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд тақризи мусбии мутахассиси соҳаи дахлдорро дошта бошанд.

Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки матни мақоларо таҳрир ва кӯтоҳ намояд.

Мақолаҳое, ки ба талаботи мазкур ҷавобгӯ нестанд, аз ҷониби ҳайати таҳририя барои нашр тавсия намегарданд.

Нишонӣ барои дастрасии маълумоти иловагӣ:

Маълумоти иловагӣ: www.vestnik.kgu.tj, **тел**: 918-48-44-05.

ВЕСТНИК
КУЛЯБСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА
ИМЕНИ АБУАБДУЛЛОХ РУДАКИ

Серия исторические и археологические, педагогические и филологические науки

Научный журнал «Вестник Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки» основан в 2009 г. Выходит 4 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан 5.05.2025 г., №412/МҶ-97. Журнал принимает научные статьи по трем направлениям: исторические и археологические, педагогические и филологические науки

Журнал включен в Реестр рецензируемых научных изданий Высшей аттестационной комиссии при Президенте Республики Таджикистан с 1.06.2022, №174/м.
(перерегистрирован от 6.09.2024 № 299/м)

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде методанных.
Полная текстовая версия журнала доступна на сайте издания (vestnik.kgu.tj).

ВЕСТНИК
Кулябского государственного университета имени
Абуабдуллох Рудаки
Серия исторические и археологические, педагогические и филологические науки
2 (39) 2025

Над номером работали:
Главный редактор: Сафарзода М.В.
Заместитель главного редактора: Рафиев С.А.
Ответственный секретарь: Сафарзода М.Н.

735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С.Сафарова, 16
Сайт журнала: vestnik.kgu.tj
E-mail: payom@kgu.tj
Тел.: 8(3322) 2-41-06

Ба матбаа 3.06.2025 супорида шуд.
Ба чопаш 11.6.2025 имзо шуд. Қоғази офсет.
Андозаи 60х84 1/16. Ҷузъи чопи 20, 31. 325 саҳифа
Супориши №98. Адади нашр 100 нусха.
Матбааи ҶДММ «Моҳи Мунир»